ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ

# ТОҶИКИСТОН: ДАҲ СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ, ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА БУНЁДКОРӢ

## ҶИЛДИ 1



ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ

# ТОҶИКИСТОН: ДАҲ СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ, ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА БУНЁДКОРӢ

ҷилди 1

ДУШАНБЕ
ИРФОН
2001

ББК 4-8
Р–75

Мураттиб С. Фаттоев

9855 ХР

**Раҳмонов Эмомалӣ**
Р–75 Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва бунёдкорӣ. Иборат аз се ҷилд. Ҷилди аввал. — Душанбе: Ирфон, 2001. — 512 с.

**Рахмонов Эмомали**
Таджикистан: десять лет независимости, национального единства и созидания

Р $\frac{1203002010-01}{М501(12)\ 2001}$ – 2001

ББК 4-8 (6-3)

ISBN 5-667-01062-X

© Раҳмонов Э.Ш. 2001.

# ҚАРОРИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ИНТИХОБИ РАИСИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Мувофиқи моддаи 109 Конститутсияи (Қонуни Асосии) Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қ а р о р  м е к у н а д:

Раҳмонов Эмомалӣ Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

Раиси маҷлиси сессияи XVI Шӯрои Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
*Ҳ. ТАБАРОВ.*

шаҳри Хуҷанд, 19 ноябри соли 1992
(“Садои мардум”, 24 ноябри соли 1992, № 215 (465)

## МУРОҶИАТНОМА
## БА ХАЛҚИ ШАРИФИ ТОҶИКИСТОН

12 декабри соли 1992

**Ҳамватанони азиз!**

**Падару модарони меҳрубон ва хоҳарону бародарони гиромӣ!**

Халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷианоктарин давраҳои таърихи хешро аз сар мегузаронад. Ҳақиқат талх аст, вале мо бояд иқрор шавем, ки қувваҳои муайян сабабгори фоҷиаи миллат гардиданд. Дар натиҷа будан ва ё набудани ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо зери хатар монд. Ранҷбарону деҳқонон ва равшанфикрони миллат, ки дар фазои дӯстиву рафоқат бо ҳам мезистанд, гирифтори фишору таъқиб шуда, ниҳоят иҷборан ба даст ярок гирифтанд. Натиҷаи ҷанги бародаркушӣ ба ҳама маълум аст. Даҳҳо ҳазор одами бегуноҳ шаҳиду маҷрӯҳ шуд. Имрӯз халқи тоҷик дар Ватани худ номи гурезаро касб карда, садҳо ҳазор одам бехонаву дар ва сарсону саргардон шудааст. Таърих ёд надорад, ки халқи тоҷик хонаашро бо дасти худ оташ зада, деҳу деҳкада ва шаҳристонҳоро ба харобазор табдил дода бошад. Фоҷиаи падарон, модарон ва хоҳарону бародарони мо фоҷиаи миллат аст. Ҳамон миллате, ки ҳазорсолаҳо инҷониб бо тамаддуни оламшумул ва фарзандони нобиғаи худ машҳури ҷаҳон гардида буд. Имрӯз ҳар яки мо ба худ савол медиҳем: Чаро ва аз баҳри чӣ ин фоҷиа ба сари халқ омад? Ҷавоби савол ба ҳама маълум аст. Мубориза баҳри мансабу ҳокимият. Ин мубориза бо кадом роҳ пеш бурда шуд, ба халқ маълум аст.

Сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор кард, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро дифоъ мекунад, бо роҳи қонунӣ Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардида, Ҳукумати Тоҷикистон таъсис ёфт, ки имрӯз ба иҷрои вазифа шурӯъ кардаанд.

Ман ҳамчун Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон хуб мефаҳмам, ки дар ин давраи барои Ватан ва халқи ҷумҳурӣ хеле душвор кадом масъулиятро ба зимма дорам.

Вазъияти шадиди ҷамъиятию сиёсӣ талаб мекунад, ки чораҳои таъхирнопазир ва ҳалкунанда андешем. Тавре ки маълум аст, Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонун ба шахсоне, ки аз давраи 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят содир карданд, авфи умум эълон кард. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи гурезаҳо ба амал татбиқ мешавад. Ҳоло масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо маводи хӯрока ва доруворӣ, инчунин бо сӯзишворӣ таъмин кардани хоҷагии халқ ҳаллу фасл мешаванд. Дар ин роҳ ба мо ҷумҳуриҳои бародар, давлатҳои муштаракулманофеъ ва мамлакатҳои дигар дасти ёрӣ дароз мекунанд.

Ман шахсан барои ба ҷумҳурӣ ёрӣ расондан ба Созмони Милали Муттаҳид ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мурочиат мекунам.

Тавре ки маълум аст, Парлумони ҷумҳурӣ ба Шӯрои Олии Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон мурочиат карда, хоҳиш намуд, ки ба Тоҷикистон қувваҳои сулҳҷӯйро фиристода, барои ба эътидол овардани вазъият ва пойдории сулҳ дар кишвари мо мадад кунанд.

Дар баробари ин ба мо лозим аст, ки як қатор вазифаҳоеро, ки ба амнияти мардум ва ба ҳаёти осоиштаи одамон сахт вобаста аст, иҷро кунем. Ба назари ман, вобаста ба вазъияти имрӯза мо бояд иҷрои вазифаҳои зеринро дар мадди аввал гузорем:

— ҳарчи зудтар дар тамоми гӯшаву канори Тоҷикистон ҳокимият ва мақомоти идоракуниро барқарор карда, кори пурмасъулияти онҳоро таъмин кунем;

— дар маҳалҳо сохтори мақомоти амалкунандаи муҳофизати ҳуқуқро барқарор карда, ба онҳо барои иҷрои вазифаҳои муқаддаси худ шароит фароҳам оварем, то ки онҳо ҳаёти халқ ва амнияти шаҳрвандони ҷумҳуриро

мутобиқи принсипҳои умумибашарӣ, ки дар Ҳуҷҷати хотимавии Маҷлиси амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Баёнияи Париж ва дар дигар шартномаҳои байналхалқӣ сабт шудаанд, таъмин намоянд;

— гурезаҳоро ба шаҳру деҳот ва манзили худ баргардонда, онҳоро бо сарулибос, хӯрокворӣ таъмин намуда, барои кори бонизом дар роҳи барқарор кардани харобазорҳо шароит фароҳам оварем;

— ҳарчи зудтар кори корхонаҳо, муассисаҳо, хоҷагиҳоро барқарор карда, одамонро ба кори фоидабахши ҷамъиятӣ ҷалб кардан зарур аст. Дар як вақт фаъолияти корхонаҳои хурд ва муносибати бозаргониро инкишоф бояд дод.

Барои иқтисодиёти ҷумҳуриро зина ба зина ба муносибатҳои бозаргонӣ гузаронидан мунтазам фаъолият карда, дар бораи ислоҳоти хоҷагии қишлоқ, молия, системаи бонкӣ, истифодаи боигариҳои зеризаминӣ, таълими кадрҳои баландихтисос, ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ, бахусус одамони камбизоат, барномаи махсус қабул кардан зарур аст.

Барои ҳар як давлати соҳибистиқлол масъалаҳои зеринро ҳаётан муҳим мешуморам:

— аз ҷумла, асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо дарназардошти нормаҳои ҳуқуқи байналмилалӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав — давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан лозим аст;

— таъсис додани Артиши миллӣ, пурзӯр кардани дифои сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид шудани ҷумҳурӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд;

— аъзо шудан ба ҷамъиятҳои байналмилалӣ;

— мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо давлатҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон.

Давлати мустақил ва соҳибистиқлоли мо дар роҳи истиқлолият қадамҳои аввалин мегузорад.

Дар асоси принсипҳои баробарҳуқуқӣ, ҳамкории тарафайни фоидабахш ба ҷо овардани эҳтироми ҳар халқ

новобаста аз роҳи интихобкардаи тараққиёташ, инчунин ба кори дохилии ҳамдигар дахолат накарда мо муносибати худро бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо мамлакатҳои ҳамсоя — Афғонистон, Покистон, Хитой, Эрон ва дигар давлатҳои Осиёву Африқо ва Аврупою Америко барқарор мекунем.

Дар ниҳояти кор кӯҳандиёри мо, Тоҷикистони азиз, бояд дар ҷомеаи ҷаҳон ҷойи худро ёбад. Барои ин пеш аз ҳама ба мо сулҳ ва осоиш зарур аст.

**Бародарон ва хоҳарони азиз! Ҳамватанони мӯҳтарам!**

Ман ба ҳар яки шумо дар давраи барои Ватан хеле душвор муроҷиат карда, ба ақлу заковати шумо, ки ворисони фарзандони барӯманди тоҷик ҳастед, бовар мекунам. Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман ба ояндаи неки Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам.

**Мусоҳибаи муҳим**

## ДАВЛАТ АЗ ИТТИФОҚ ХЕЗАД

19 декабри соли 1992

**“Танҳо ваҳдату муттаҳидӣ ҷумҳурии моро аз бӯҳрони амиқи сиёсию иқтисодӣ бароварда метавонад” — мегӯяд Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов**

**— Эмомалӣ Шарифович! Нахуст Шуморо бо интихоб шуданатон ба мансаби олӣ — Раиси Шӯрои Олӣ табрик гуфта, бароятон дар ин ҷодаи душвору сермасъулият комёбию бурдбориҳо таманно дорем.**

Ташаккур!

— Мардуми Тоҷикистон иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии ҷумҳуриро бесаброна, вале бо нигароние интизорӣ мекашиданд. Изтироб аз он доштанд, ки мабодо депутатҳо бо ҳам забон ёфта натавонанду низое миёни онҳо хезад ва ин ба боз аланга гирифтани оташи ҷанги бародаркушӣ боис бишавад. Хушбахтона, дар ҳалли масоили доғи ҷумҳурӣ вакилони мардум ҳамдилию якдигарфаҳмӣ зоҳир намуда, ба сулҳу оштӣ замина гузоштанд.

**— Бигӯед, ки иҷлосия чӣ гуна ба ваҳдату якдилии депутатҳои гуногунақида ноил шуд?**

— Ба ақидаи ман, депутатҳоро хатари ҷиддӣ — дар вартаи бало қарор доштани миллати тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон муттаҳид сохт. Онҳо баҳри аз вартаи нобудӣ раҳо сохтани миллату ҷумҳурӣ зери як парчам гирд омаданд.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, бешак, иҷлосияи таърихӣ буд. Дар он қисмати миллати тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳал мешуд. Аксарияти кулли депутатҳо ин нуктаро хуб дарк намуда, баҳри ба эътидол

овардани вазъи ҷумҳурӣ ва пеши роҳи хунрезиро гирифтан кӯшиши зиёд ба харҷ доданд. Иҷлосия дар фазои якдилию ҳамдигарфаҳмӣ гузашт. Депутатҳо якдилона Раёсати Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистонро интихоб намуданд.

Дар иҷлосия қонунҳо дар бораи авфи умумӣ, гурезагон, имтиёзҳо барои маъюбони ҷанги бародаркушӣ ва оилаҳое, ки саробони хешро аз даст додаанд, қабул гардид. Гуворотарин лаҳазот қабули Парчаму Нишони Тоҷикистон буд. Ин лаҳзаҳои таърихӣ ҳеҷ гоҳ аз хотири иштирокдорони иҷлосия фаромӯш нахоҳад шуд. Умуман, ин иҷлосия қадами нахустин баҳри сулҳу осоиш дар ҷумҳурӣ гардид.

Итминони комил дорам, ки ҳайати нави Раёсати Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон баҳри ба эътидол овардани вазъи сиёсию иқтисодии ҷумҳурӣ, хомӯш шудани оташи ҷанги бародаркушӣ ва барқарории сулҳу осоиштагӣ қувваю ғайрати худро дареғ намедоранд.

**— Ба ақидаи Шумо роҳҳои асосии ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ кадомҳоянд?**

— Ба назари ман, дар қадами аввал бояд гурӯҳҳои силоҳбадаст бо ҳам гуфтушунид кунанд ва ба мувофиқа бирасанд. Вақте ки миёни онҳо ҳамдигарфаҳмӣ ба вуҷуд ояду дастаҳои мухолиф ба якдигар бовар кунанд, ин иқдом баҳри беҳдошти вазъ заминаи хубе хоҳад шуд.

Дигар Ҳукумат бояд амнияти шаҳрвандонро таъмин карда тавонад. Вай кафолат бидиҳад, ки гурӯҳҳои силоҳбадастро халъи силоҳ менамояд ва касе зиндагии осудаҳолонаи мардумро халалдор намекунад.

Роҳи сеюм, вуруди нерӯҳои сулҳхоҳи давлатҳои узви ИДМ ба Тоҷикистон мебошад.

**— Бигӯед, ки нерӯҳои сулҳхоҳи кишварҳои узви ИДМ кай ба Тоҷикистон ворид мегарданд ва вазоифи онҳо дар шароити феълӣ чӣ гуна хоҳад шуд?**

— Вазифаҳои асосии онҳо муҳофизати иншоотҳои муҳим, посбонии шоҳроҳҳо, мустаҳкам намудани сарҳад мебошад. Ин нерӯҳо дар халъи силоҳи дастаҳои мухолиф ширкат наметарзанд. Ба ин кор кумиҷроияҳои шаҳру ноҳияҳо машғул хоҳанд шуд.

Тавре иттилоъ доред, иҷлосияи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба вуруди нерӯҳои сулҳхоҳи он кишвар ба Тоҷикистон розигӣ дод. Ман бо раисони ҷумҳуриҳои Қирғизистон Аскар Акаев ва Қазоқистон Нурсултон

Назарбоев тавассути телефон сӯҳбат намудам. Эшон иброз доштанд, ки ин масъала дар иҷлосияҳои Шӯроҳои Олии Қирғизистону Қазоқистон дар рӯзҳои наздик баррасӣ мешавад. А. Акаев ва Н. Назарбоев изҳори умедворӣ намуданд, ки депутатҳо ба вуруди нерӯҳои сулҳхоҳи ин кишварҳо ба Тоҷикистон мамониат нахоҳанд кард. Хуб мешуд, ки то вуруди нерӯҳои сулҳхоҳи кишварҳои узви ИДМ гурӯҳҳои мухолиф бо ҳам сулҳу оштӣ бикунанду силоҳҳои худро супоранд ва бо ин иқдоми неки худ ба ҷанги нанговари бародаркушӣ хотима гузоранд.

Имрӯзҳо сарварони дастаҳои худмуҳофизи шаҳрҳои Душанбею Кофарниҳон ва навоҳии Ҳисор, Шаҳринаву Турсунзода роҷеъ ба оташбас ва халъи силоҳ бо ҳам гуфтушунид мекунанд. Алҳол дар шаҳри Душанбе чор зиреҳпӯш ва ба миқдори зиёд тиру лавозимоти ҳарбӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супорида шудааст. Тамоми чораҳоро андешида истодаем, ки дар пойтахти ҷумҳурӣ бидуни нерӯҳои мусаллаҳи ВУД ва КАМ дигар дастаҳои силоҳдор набошанд.

**— Усули халъи силоҳ чӣ гуна хоҳад шуд? Оё Ҳукумат барои таъмини амнияти шаҳрвандони силоҳсупурда нерӯи кофӣ дорад?**

— Масъалаи коркарди механизми халъи силоҳ дар ҷаласаи Раёсати Шӯрои Олӣ баррасӣ мешавад. Мо тасмим гирифтем, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ комиссияи халъи силоҳ созмон бидиҳем. Чунин комиссияҳоро кумиҷроияҳои шаҳру навоҳӣ дар қаламрави хеш таъсис менамоянд. Ба ҳайати онҳо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кумитаи амнияти миллӣ, кормандони масъули кумиҷроияҳо дохил мешаванд. Мӯҳлати супоридани силоҳро низ муайян мекунем. Ашхосе, ки дар мӯҳлати муқарраршуда силоҳи хешро намесупоранд, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида хоҳанд шуд. Ба ҷавонмардоне, ки ихтиёрӣ силоҳи худро месупоранд, аз ҷониби Ҳукумат ё гурӯҳҳои дигар таъқиботе сурат намегирад ва амнияти онҳо таъмин карда мешавад.

Шаҳри Душанбе ҳоло аз ҷониби нерӯҳои ҳукуматӣ ҳифз мегардад. Касе ба шаҳрвандон таҳдид намекунад. Пас чаро силоҳбадастони шаҳр силоҳи хешро намесупоранд? Охир, ҳангоми мулоқотҳо борҳо иброз доштем, ки Ҳукумат амнияти онҳоро таъмин менамояд. Мо ба гузашта салавот гуфтем, гуноҳи ҳамдигарро бахшидем. Ба замми ин Қонун дар бораи авфи умумӣ қабул шудааст.

**— Дар воқеъ, дар мавриди татбиқи қонуни мазкур суоле пеш меояд. Тибқи Қонун дар бораи авфи умумӣ ашхосе, ки дар тӯли аз 27 март то 25 ноябри соли равон ҷиноят содир кардаанд, аз ҷавобгарӣ озоданд. Вале аз 25 ноябр то ба имрӯз дар ҷумҳурӣ хунрезӣ идома дорад. Ашхосе, ки дар ин муддат ҷиноят содир кардаанд, ба ҷазо кашида мешаванд?**

— Дар як қатор шаҳру навоҳӣ ҳукумати маҳаллӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вуҷуд надоранд. Бинобар ин гунаҳкорони хунрезиҳои кунуниро ёфтан ва онҳоро ба ҷазо кашидан хеле мушкил аст. Мо нисбати ғоратгарон, ҳаннотон ва ашхосе, ки ба номӯси занону духтарон дасти таҷовуз дароз мекунанд, чораҳои қатъӣ меандешем. Рӯзҳои наздик оид ба ин масъала қарорҳои дахлдор қабул хоҳанд шуд.

Мо ният дорем сафҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқро аз ҳисоби кадрҳои кордону соҳибтаҷриба пурра намоем, баҳри таъминоти моддии онҳо маблағҳои зарурӣ ҷудо мекунем. Умуман, тамоми чораҳоро меандешем, то ки тартиботу қонуният пурра барқарор бишавад.

**— Вазъи гурезағон имрӯз касеро бетараф гузошта наметавонад. Махсусан, шароити зисти ҳазорҳо нафар фирориёни навоҳии Шаҳритусу Қубодиён, ки дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон қарор доранд, тоқатфарсо аст. Бигӯед, ки масъалаи гурезаҳо чӣ гуна ҳаллу фасл хоҳад шуд? Шаҳрвандони Тоҷикистон, ки ба марзи Афғонистон гузаштаанд, ба ҷумҳурӣ бозпас оварда мешаванд?**

— Воқеан, масъалаи гурезаҳо аз мушкилтарин масоили рӯз аст. Ҳазорҳо нафар шаҳрвандони Тоҷикистон дар Ватани худ гуреза шуданд. Шароити зисти аксарияти онҳо вазнин аст. Маводи озуқа, сарулибос ва манзил намерасад. Аз ҳама бештар вазъи гурезаҳои навоҳии Шаҳритусу Қубодиён, ки дар паси симхорҳои сарҳад ҷой гирифтаанд, душвор аст. Гурезаҳо сахт гуруснагӣ мекашанд. Аз таъсири сармою бемориҳо атфолу кӯҳансолон мефавтанд. Бештар аз 30 ҳазор нафар фирориён сарҳадро убур карда, ба қаламрави Давлати Исломии Афғонистон гузаштаанд. Тибқи маълумоти расида силоҳбадастон фарзандони гурезаҳоро бо яроқу аслиҳа иваз мекунанд, занону духтаронро дастаҳои мусаллаҳи афғонҳо зӯран мебаранд. Ҳукумати Тоҷикистон баҳри ба Ватан бозпас овардани гурезаҳо тамоми чораҳоро меандешад. Мо ба унвони роҳбарони Давлати Исломии Афғонистон номаи эътирозӣ фиристода талаб намудем, ки

аз мудохила ба корҳои дохилии Тоҷикистон худдорӣ бикунанд.

Дар қисмати тоҷикистонии сарҳад, дар соҳили дарёи Панҷ алҳол беш аз 20 ҳазор нафар гурезагон мавҷуданд. Имрӯзҳо баҳри ба манзилҳои хеш баргардондани онҳо гуфтушунид идома дорад. Яке аз муовинони Раиси Шӯрои Вазирон бевосита ба масъалаи гурезагон машғул мебошад. Умед аст, ки рӯзҳои наздик ин масъала ҳалли худро меёбад.

Дар навбати аввал бояд роҳҳо пурра кушода шаванд, то ки гурезаҳоро бе мамоният ба манзилҳояшон бирасонем. Аз рӯйи маълумот дар тӯли чанд рӯзи наздик садду монеаҳо аз роҳҳои мошингарди навоҳии Ҳисор, Шаҳринав, Турсунзода, Кофарниҳон ва шоҳроҳи Душанбе — Қӯрғонтеппа бардошта мешаванд ва дар ин самтҳо нақлиёт мунтазам ба ҳаракат медарояд.

Дигар, бояд гурезаҳо силоҳҳои худро ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ супоранд. Бехатарии онҳоро мақомоти ВУД ва КАМ таъмин менамоянд. Роҳҳо, ки кушода гарданд, гурезаҳо ба манзилҳояшон бозпас бурда мешаванд.

Мо бояд сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро мустаҳкам намоем. Дар акси ҳол аз он самт ҳамеша ба осоиштагии мардуми кишварамон хатари ҷиддӣ таҳдид хоҳад кард.

**— Имрӯз вазъи таъминоти мардум бо маводи озуқа ба мушкилоти сахт мувоҷеҳ гаштааст. Шаҳрвандон баҳри дарёфти нон соатҳои тӯлонӣ дар навбат меистанд. Ҳукумати ҷумҳурӣ баҳри беҳдошти вазъи кунунӣ чӣ чораҳо меандешад? Хавфи гуруснагӣ ба мардуми мо таҳдид намекунад?**

— На. Мардуми Тоҷикистон гурусна нахоҳад монд. То 25 декабр ба ҷумҳурӣ 140 ҳазор тонна ғалла мерасад. Роҳбарияти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ваъда намуд, ки дар таъмини аҳолии ҷумҳурӣ бо маводи озуқа ҳамаҷониба кӯмак мекунад. Раиси ҷумҳури Қиргизистон Аскар Акаев дар сӯҳбати телефонӣ иброз дошт, ки ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба микдори зарурӣ ғалла, сӯзишворӣ ва доруворӣ мефиристад. Қазоқистон ба мо дар таъмини ғаллаю сӯзишворӣ мадад мерасонад. Умуман, давлатҳои ҳамсоя ҳозиранд дар бартараф сохтани оқибатҳои даҳшатбори ҷанги бародаркушӣ ва рафъи бӯҳрони амиқи иқтисодӣ саҳми фаъол бигиранд.

Вале як нуктаро бояд тазаккур намоям: то он даме ки мо дар хонаи худ сулҳу амниятро барқарор насозем, силоҳ ба замин нагузорем, ба ҷойи ярок олоти меҳнат ба даст нагирем ва аз тахрибкорӣ ба бунёдкорӣ нагузарем ҳеҷ гуна кӯмаки ҳамсоягон вазъи моро беҳ сохта наметавонад.

Бинобар ин аз фурсати мусоид истифода карда ба мардуми Тоҷикистон, алалхусус, ба гурӯҳҳои силоҳбадаст муроҷиат мекунам: биёед, кинаю адоватро як сӯ гузорем, ба гузашта салавот гуфта ҳамдигарро бародарвор ба оғӯш бикашем ва силоҳ ба замин гузошта ба меҳнати бунёдкорона машғул бишавем. Танҳо дар якҷояғию муттаҳидӣ метавонем Тоҷикистони азизи худро аз вартаи нобудӣ раҳо намуда, ба давлати соҳибистиқлоли ғанию мутараққӣ табдил бидиҳем.

## ИЗҲОРОТ

31 декабри соли 1992

Соли 1992 дар сарнавишти халқи тоҷик чун замони пурфоҷиа ёд мешавад. Зеро дар он даврае, ки ҳамсояҳои дар гузашта ҳамтақдири мо дар роҳи рушди мустақили сиёсиву иқтисодӣ саъй доштанд, мо бо гуноҳи баъзе ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсиву иҷтимоӣ ба чанголи ҷанг гирифтор шудем. Онҳое, ки мехостанд бо роҳи ғайридемократӣ, бо зӯрӣ соҳиби ҳукумат шаванд, бо амали ноҷавонмардонаи худ гунаҳкори кушторҳои ваҳшиёнаи халқи худ — падару модар, хоҳару бародар ва фарзандонамон гардиданд. Ватани азизамон ба майдони куштор, хонаи ободамон ба вайрона, тӯйхонаамон ба мотамсаро табдил ёфт. Тоҷик дар мулки худ гуреза шуд, тоҷик аз тоҷик тарс пайдо кард.

Зеро дар Тоҷикистон ҳуқуқпоймолкунии беҳаду ҳудуд ба амал омад, оддитарин ҳуқуқи инсонӣ — ҳуқуқи зиндагӣ поймол гардид. Дар ҷамъияти мо, бахусус дар пойтахтамон шаҳри Душанбе муҳити фиребу дурӯг ва тӯҳмату иғво ҳукмрон гардид. Мардум дар ҳолати тарс барои ҳаёти худ, фарзандони худ, хонадони худ,ояндаи хеш рӯз мегузарониданд. Ин аслан зиндагонӣ набуд. Аммо ҳеҷ кас, аз ҷумла онҳое, ки имрӯз дар хусуси поймол шудани ҳуқуқи шахс дар Тоҷикистон доду фарёд доранд, натавонистанд дар он вақт ба ҳимояи аҳолии Тоҷикистон овоз бароранд. Таъқиби одамон аз нигоҳи милливу динӣ ва маҳаллӣ авҷ

гирифт. Даъвати худхоҳонаи баъзе аз роҳбарони аҳзоби сиёсӣ дар масъалаи гаравгонгирии аҳли русзабон фирори оммавии онҳоро ба амал овард. Худи мардуми тоҷик бошад, хонаи солҳо ободкардаашро партофта, аз ватани бобоӣ гурехт, тақсимшавии халқи тоҷик аз нигоҳи маҳал гӯё ногузир шуд. Ҳар фарди ҳаштуми Тоҷикистон номи гурезаро гирифт.

Иллати ин бадбахтӣ он буд, ки кашокашиҳои вазифахоҳӣ, талабҳои ғайриконститутсионӣ ҳамаи дастгоҳҳои идоракунии давлатӣ, хусусан дастгоҳҳои ҳифзи ҳуқуқро фалаҷ карданд. Қонуншиканӣ меъёри зиндагии баъзе одамони соҳибвазифа гардид. Дар авҷи чунин вазъият бо роҳи зӯроварӣ ҳукумати ба ном мусолиҳаи миллӣ таъсис дода шуд. Азбаски онро аксари ноҳияҳо ва вилоятҳои ҷумҳурӣ ва беш аз 80 фоизи мардуми Тоҷикистон эътироф накарданд, вазъи сиёсии кишвар ба эътидол наомад.

Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ истеъфои худро пешниҳод кард. Ниҳоят, моҳи ноябри соли ҷорӣ иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон баргузор гардид ва дар қатори дигар масъалаҳо масъалаи истеъфои ҳукуматро низ баррасӣ кард ва Ҳукумати нави ҷумҳуриро интихоб намуд, ки вай ҳоло кӯшишҳои зиёде ба харҷ медиҳад, то ҳарчи зудтар вазъи ноороми ҷумҳуриро ба эътидол оварад.

Дар роҳи татбиқ намудани ин кори басо душвор ва печида роҳбарияти ҷумҳурӣ ҳама гуна имкониятҳо ва иқдомҳоро истифода менамояд. Чунончи, қарори авфи умумӣ қабул гардид, ки тибқи он ҳамаи онҳое, ки аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғариқонунӣ содир карданд, аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод карда мешаванд. Қонун дар бораи гурезагонро қабул кард, ки тибқи он ба ҳамаи гурезагон имтиёзҳои имконпазир дода мешаванд. Ҳамчунин Раёсати Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ дар масъалаҳои яроқсупории гурӯҳҳои мусаллаҳ, беҳтар кардани авзои иқтисодӣ як силсила қарорҳо қабул карданд ва мо нияти қатъӣ дорем, иҷрои бечунучарои иқдомоти хешро таъмин намоем.

Аммо тавре халқи азиз эҳсос мекунад, гурӯҳҳое аз ашхоси ғайриқонунӣ мусаллаҳшуда, иддае аз пешниҳодҳои роҳбарияти ҷумҳуриро роҷеъ ба ҳалли мусолиматомез рад намуда, ҷанги бародаркуширо дар баъзе минтақаҳои

ҷумҳурӣ идома медиҳанд. Қувваҳои зиёди Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи амнияти миллӣ барои хотима додан ба ин ҷанги хонумонсӯз сафарбар карда шудаанд ва ин имконияти Ҳукуматро дар танзими вазъи ҳуқуқии саросари ҷумҳурӣ ва бахусус шаҳри Душанбе маҳдуд месозад. Аз ин фурсат гурӯҳҳои хунхор истифода карда, ба корҳои ҷиноӣ даст мезананд, одамони бегуноҳро қатл мекунанд, молу мулки мардумро ғорат менамоянд. Ман қатъиян изҳор менамоям, ки чунин гурӯҳҳои авбошон душманони мардум ва Ҳукумати қонунии Тоҷикистон мебошанд, Ҳукумати ҷумҳурӣ ва дастгоҳҳои босалоҳияти он барои гирифтани пеши роҳи онҳо қатъан мубориза бурда истодаанд ва хоҳанд бурд. Ҳар он кас, ки ҷиноят содир карда бошад, ҷазои онро маҳкама муайян менамояд ва ҳеҷ кас ё гурӯҳ ҳуқуқ надорад, ки ба касе ҳукм барорад. Зеро қасос қасосро ба вуҷуд меорад. Аз ин рӯ, ба Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи амнияти миллӣ ва дастгоҳҳои дигари босалоҳияти ҷумҳурӣ супориши қатъӣ дода шудааст, ки пеши роҳи ҷинояткоронро бигиранд ва ҳар як ҳодиса ҳаматарафа таҳқиқ карда шуда, дар асоси қонун арзёбӣ гардад. Маҳкамаҳо ва додситониҳо, ки аз байн рафта буданд, аз нав таъсис ёфта истодаанд ва умед аст, ки онҳо пояҳои ҳифзи ҳуқуқиро мустаҳкам мекунанд.

Гурӯҳҳои ҷинояткор, ки ба қатли одамон аз рӯйи мансубият ба маҳал, миллат ва ё эътиқод даст мезананд ва худро қувваҳои ҳукуматӣ муаррифӣ менамоянд, мақсади халалдор кардани обрӯ ва эътибори Ҳукумати қонуниро доранд.

Бояд таъкид намоям, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон Оиномаи Созмони Милали Муттаҳид, Ҳуҷҷати хотимавии Хелсинкӣ, Баёнияи Париж ва ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқи байналмилалиро эътироф намуда, дар асоси онҳо сиёсати дохиливу хориҷии худро ташкил медиҳад ва намегузорад, ки ҳуқуқи инсон, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, маҳаллӣ, нажодӣ ва эътиқоди сиёсӣ поймол карда шавад.

Дарҳои Тоҷикистон барои ҳамаи кишварҳо, созмонҳои байналмилалӣ боз аст! Чунончи, муддати мадид аст, ки дар ҷумҳурӣ намояндагони созмони байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, ассосиатсияи “Табибон марз надоранд” фаъолият мекунанд. Бар замми ин ман ба дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Б. Ғолӣ нома фиристода, хоҳиш кардам, ки як ҳайати доимии босалоҳияти

мурокибонро ба Тоҷикистон равон намоянд, то вазъияти моро бо чашми дили худ бубинанд ва бо амри виҷдон қазоват кунанд. Мо чандин маротиба гуфтаем ва боз такроран мегӯем, ки тарафдори сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошем ва ин усули пешакардаи мо мутобиқ ба арзишҳои умумибашарӣ мебошад. Ҳукумат ба рушду такомул ва густариши арзишҳои демократӣ дар ҳаёти сиёсии ҷомеа кӯмаки худро дареғ намедорад. Вале Ҳукумат намегузорад, ки касе ва ё гурӯҳе дар зери парчами демократия табар ба решаи арзишҳои умумиинсонӣ занад, Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи ҷумҳуриро вайрон кунад, байни мардум тафриқа андозад ва мардумро ба ҷанги бародаркушӣ даъвату ҳидоят намояд.

Аксари мардуми Тоҷикистон мусалмон аст. Дар ҷумҳурӣ намояндагони дину мазҳабҳои дигар низ кам нестанд. Ҳукумат на танҳо дини мубини исломро эҳтиром мекунад, балки ҳамчунин барои ба ҷо овардани эътиқоди динии халқҳои дигар низ дахолат намекунад. Вале ин маънии онро надорад, ки пешвоёни дин ба корҳои давлатӣ дахолат кунанд, мардумро ба мусалмонону кофирон тақсим намоянд ва байни мардум низоъ ангезанд. Эътиқод кори шахсии ҳар як инсон аст ва мо тамоми рӯҳониёни ҷумҳуриро даъват мекунем, ки умури диниро дар партави қонун танзим, дар рушду камоли маънавии мардум ва ба ин васила ба оромии ҷомеа ва рушди он хидмат намоянд.

Бовар дорам, ки сокинони Тоҷикистон ақлу хирадро пеша мекунанд, ба ҷанги бародаркушӣ хотима мебахшанд, аз як гиребон сар мебароранд ва Ватани маҳбубамонро дар наздиктарин муддат аз бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ мебароранд, оромиву шукуфоии онро таъмин менамоянд. Орзуву умеди тамоми мардумони Тоҷикистон ҳамин аст ва Ҳукумат ҳама тадбирҳоро меандешад, то ин орзуву умед ҷомаи амал пӯшад.

ДБЧ ба номи
М. МИРШ...

## ТАБРИКИ СОЛИНАВӢ

31 декабри соли 1992

Ассалому алайкум падару модарони меҳрубон, хоҳарону бародарони арҷманд, фарзандони азиз!

Дар ин шаби Соли нав, дар ин шабе, ки ман бояд ҳамаатонро бо ид табрик гӯям, аввалан ба ҳамаи онҳое, ки имшаб дар паҳлӯяшон падарону модаронашон, бародарону хоҳаронашон, фарзандонашон нестанд ва бехонумон шудаанд, тасаллият гуфта ҳамдардии хешро баён менамоям.

Мо бо умед ба соли 1992 қадам гузошта хушӣ мекардем, ки Ҳукумати қонунӣ дорем, имкони роҳи инкишофи мустақилонаро пайдо кардаем, зиёда аз сад мамлакати дунё моро расман шинохтааст ва ба аксарияти созмонҳои байналхалқӣ аъзо шудаем, ки Созмони Милали Муттаҳид аз ҷумлаи онҳост.

Аммо ғунчаи орзуи мо ношукуфта монд. Митинге, ки баҳорон шурӯъ шуд, ба ҷанги бародаркушию хонасӯзӣ табдил ёфт, нагузошт, ки давлати нави тоҷиконро бунёд кунем.

Соле, ки сипарӣ гашта истодааст, соли оддӣ набуд. Соле буд, ки барои халқи мо имтиҳони ҷиддӣ гардид. Нерӯҳои иғвогар зери шиорҳои зоҳиран демократӣ, вале амалан маҷароҷӯёна коре карданд, ки Ватани хурдакаки моро ба вартаи нобудӣ расонданд. Хавфи пора-пора шудан, решакан гардондани халқи мо аз имкон берун набуд. На танҳо

вилоятҳои том, балки ноҳияҳову қишлоқҳо ҳам аз якдигар роҳи ҷудоиро меҷустанд. Созмонҳои гуногуни маҳаллӣ бо номи "Лаъли Бадахшон", "Ҳамдилон", "Меҳри Хатлон", "Ҳисори Шодмон", "Истаравшан", "Зарафшон" ва ғайра арзи вуҷуд карданд, ки сарфи назар аз ниятҳои неки худ ба якпорчагии Ватани азизамон мусоидат намекарданд.

Ниҳоят, нерӯи аз ҳама пурқувват — рӯҳониёни бунёдгарое, ки пештар ошкоро амал карда наметавонистанд, якбора сар бардоштанд ва даст ба фаъолиятҳои ғайриқонунӣ заданд. Баъди ҷунбиши мардумии "Растохез", ки асосан аз равшанфикрони ҷумҳурӣ иборат буд ва мақсадҳои гӯё нек дошт, Ҳизби демократи Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуда, дар баробари дигар корҳои ношоистаи худ аз Тоҷикистон рондани русзабонҳоро рӯйирост талқин кард ва миёни тоҷику ӯзбекҳо тухми низоъ кошт.

Ба маҳфилҳои демократҳо оҳиста-оҳиста рӯҳониён ворид гардиданд ва ниҳоят бо зорию зӯрӣ муваффақ шуданд, ки Ҳизби наҳзати исломӣ ба таври мустақил ба вуҷуд биояд. Ҳизби наҳзати исломӣ, ки лонаи боэътимоди он қозиёти ҷумҳурӣ гардид, бо мадади долларҳои хориҷӣ ва хайрияҳои беохири масҷидҳову рӯҳониёни иртиҷоӣ тавонист, ки дар як муддати кӯтоҳ ташкилоти пурқуввати моҷароҷӯёнаеро созмон дода, соҳиби аслиҳа ва муҳимоти ҳарбӣ гардад.

Кор ба дараҷае расид, ки масҷидҳо ва хусусан идораи қозиёт ба ҷойи тоату ибодат ба маркази асосии таблиғоти зиддиҳукуматӣ мубаддал гардиданд. Ҳамаи ин боиси он гардид, ки дар мамлакат як ҷанги беаклонаи бародаркушӣ оғоз ёфт ва мо ҳазорҳо одамонро аз даст додем. Миқдори зиёди ҳамватанони бечораи мо гуреза шуданд, молу мулки онҳо талаю тороҷ гардид, хонаҳо сӯхтанд, зану фарзандон сарсону саргардон дар шаҳру ноҳияҳои ғайр сарпаноҳ ҷустанд.

Ба иқтисодиёти мо зараре расид, ки барои барқарор кардани он даҳсолаҳо лозим аст. Бисёр техникаю технология нобуд шуд ё ба ғорат рафт, роҳҳоро хароб ва кӯпрукҳоро тарконданд. Биноҳои олиҷаноб, ки барои бунёди онҳо меҳнати зиёде кардаанд, дар як лаҳза ба хок яксон гардиданд. Дар кишоварзӣ мо ҳатто ними ҳосилро ғундошта натавонистем. Дар чунин вазъияти душвор ниҳоят иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ барпо шуда, бо иштироки фаъолонаи ҳамаи депутатҳо мақомоти олии ҳокимият интихоб гардид, ҳама

розӣ шуданд, ки ҷомеаи мо ба идоракунии президентӣ тайёр нест ва аз институти президентӣ даст кашида шуд. Акнун мақомоти олии ҳокимияти халқӣ дар байни сессияҳои Шӯрои Олӣ ҳайати Раёсати Шӯрои Олӣ аст, ки он давлатро бо роҳи коллективӣ идора мекунад ва иҷрои қарорҳои иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олиро аз Ҳукумат қотеона талаб менамояд.

Имрӯз дилпурона изҳор менамоям, ки Ҳукумати нав аллакай корҳои муҳими аввалиндараҷаро ба сомон расонида истодааст ва ҳамаи чораҳоро мебинад, ки бо тезӣ дар мамлакатамон сулҳу салоҳ, якдигарфаҳмӣ, ватандӯстӣ, меҳнати пурсамар ва дӯстии тамоми халқҳо амалӣ гарданд.

Аллакай, ҳазорҳо гурезагон аз вилоятҳои Ленинободу ноҳияҳои вилояти Хатлон, инчунин аз Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо ба ҷойи зисти доимии худ баргаштанд. Гурезаҳои муқими шаҳри Душанбе ҳам ба водии Вахш бармегарданд.

Нерӯҳои ҳукуматӣ ҳоло амалан сар то сари Тоҷикистонро таҳти назорат гирифтанд. Дар Ғарм, Дарвоз ва Бадахшон низ ҳазорҳо ҳамватанони мо тадбирҳои Ҳукумати марказиро дастгирӣ карда, барои ғундоштани аслиҳа ёрӣ мерасонанд.

Ба ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Хатлону водии Қаротегин ёрии моддию маънавӣ расонда шуда истодааст. Мо аз Россия, Ӯзбекистон ва Қазоқистон ба миқдори зиёд ғалла, сӯзишворӣ ва дорувор мегирем. Аз Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Туркия, Эрон, Олмон, Швейтсария ва дигар кишварҳо ёрии башардӯстона ворид мешавад. Тоҷикистон дубора дар арсаи байналхалқӣ ҳамчун кишваре, ки нияти бунёди ҷомеаи башардӯстонаи демократӣ ва дунявӣ дорад, маълум шуд. Сиёсати моро аксар кишварҳои ҷаҳон дастгирӣ мекунанд.

**Ҳамватанони азиз! Хоҳарону бародарон!**

Яке аз сабабҳои бесарусомониҳои ҷомеаи мо аз он иборат буд, ки Ҳокимияти қонунӣ барои муҳофизати худ нерӯи боэътимод ва вафодор надошт.

Роҳбарияти ҳозираи ҷумҳурӣ барои таҳкими ташкилотҳои ҳозираи ҷумҳурӣ, созмонҳои ҳаётан муҳим ҷидду ҷаҳди зиёд карда истодааст. Ҳоло дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо коркунони Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва милиса аз нав созмон меёбанд ва онҳо бо аслиҳа ва муҳимоти

ҳарбӣ таъмин мегарданд. Садҳо ҷавонони ватандӯст ба кори ин мақомот сафарбар шуданд.

Ба касодии иқтисодӣ ниғоҳ накарда, мо ба таъсиси Артиши миллӣ шурӯъ намудем ва барои мустаҳкам намудани сарҳадҳои ҷанубии худ чораҳои мушаххас андешидем. Мувофиқи қарори Раёсати Шӯрои Олӣ барои муҳофизати сарҳад ҷавонони далер сафарбар шудаанд, ки ҳамроҳи сарҳадбонони Россия марзҳои моро муҳофизат намуда, барои ба Ватан баргардонидани гурезаҳо чораҳои амалӣ мебинанд.

Дар арафаи Соли нав аз номи тамоми халқи ҷумҳурӣ ба кишварҳои бародари Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қиргизистон, Белорус, Туркманистон, ки ба мардуми мо ёрии ҳаматарафаи беғаразона расонида истодаанд, изҳори миннатдорӣ менамоям.

Ҳамсояҳои девордармиёни мо — Чин, Ҳиндустон, Покистон, Эрон, Афғонистон ва давлатҳои ба мо дӯст — Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Туркия, Канада, Олмон, Фаронса, Миср, Исроил, Британияи Кабир — ҳама хоҳони пешрафти ҷумҳурии мо ва зудтар раҳо ёфтани давлатамон аз бӯҳрони азими сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошанд. Мо дар ин шаби Соли нав ба халқҳои ҳамаи ин мамлакатҳои дӯст ва кишварҳои дигар, ки ба мо алоқаи хуб барқарор кардаанд, саломи эҳтироми самимӣ мефиристем.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Бояд гӯям, ки таърих гуноҳи касеро набахшидааст ва онҳое, ки назди он айбе доранд, бояд ба сазояшон бирасанд. Ман умедворам, ки воқеаҳои хунини соли гузаштаро муаррихон ва ҷамъиятшиносони мо дуруст арзёбӣ хоҳанд кард. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки халқи азизи мо худ дар мисоли зиндагӣ дарк намуд, ки сабабгори вайрониву харобиҳо кист.

Имрӯз як чизро хотирнишон карданиям. Мо, Ҳукумати ҳозира, тарафдори гуногунандешӣ, мубоҳисаҳои корӣ дар роҳи муайян намудани сиёсати иқтисодӣ ҳастем, на хоҳони ҷанг. Мақсад дорем, ба ҳамаи онҳое, ки дар сиёсат костагӣ мебинанд, рӯ ба рӯ баҳс кунем ва тамоми танқиди дурустро қабул намоем.

Аммо ҳайронам, онҳое, ки даъвои ҳимояи манфиати миллиро доштанд, халқу Ватанро ба ин ҳол расонида,

акнун ба қувваи берунихо такя карда, осоиши халқи худро таъмин кардан мехоҳанд?! Халқ кӣ будани ин "арбобони миллатро" ба хубӣ фаҳмидааст.

**Ҳамватанони азиз!**

Ба соли 1993 қадам гузошта, орзу мекунам, ки ғаму андӯҳ, куштору вайроние, ки имсол буд, дар ҳамин сол монад, гарди он, зарраи он ба соли нав нагузарад. Орзу дорам, ки ин сол, соли сулҳу салоҳ дар сарзамини мо, оромӣ ва бахт дар хонадонамон шавад. Дар оғози Соли нав ҳамаи мо бояд ба меҳнати пурсамар шурӯъ намуда, иқтисодиёти дар натиҷаи ҷанги бародаркушӣ харобшударо дубора эҳё намоем, даст ба дасти якдигар дода, фидокорона фаъолият намоем, то Ватани мо зудтар аз балоҳои ба сараш омада раҳо ёбад!

Иҷозат диҳед як бори дигар Соли нави 1993-ро барои ҳамаи шумо, ҳамватанони азиз, аз сидқи дил табрик гӯям, ба шумо рӯзи хуш, дастархони обод, тансиҳатию иқболи баланд орзу намоям!

**Саломат бошед, Соли наватон муборак бошад!**

# РОҲИ РАҲОӢ
# АЗ БӮҲРОНИ АЗИМИ ҲАМАГОНӢ

19 марти соли 1993

Воқеаҳое, ки порсол дар ҷумҳурии мо сар заданд, ҳанӯз ҳам дар сар то сари олам вирди забони маҳофили иҷтимоист. Ин воқеаҳо мисли фоҷиаҳои фалокатбори Югославия, Кӯҳистони Қарабоғ, Сомалӣ ва дигар "нукоти доғ"-и ҷаҳон, ки авҷи аълои онҳо аз байн рафтани яке аз давлатҳои муқтадиртарини дунёи муосир — ИҶШС мебошад, сиёсатмадорону дипломатҳоро ба таҳлилу баррасии амиқи ин воқеаҳои талхи охири садаи XX водор намуданд.

Падидаи аз ҳама гамангез он аст, ки дар натиҷаи аз эътидол афтодани мувозинат дар фазои сиёсии қаламравҳои тобеъ ба сиёсатҳо Иттиҳоди Шӯравӣ ва Иттиҳоди кишварҳои бародари сусиолистӣ аз ҳам пош хӯрда, боиси фоҷиаи даҳҳо миллион сокинони ин ӯрдугоҳи бародарӣ гардид.

Бисёр сиёсатмадорони муосир, ки дар бораи "ба ҷаҳони мусаффои тамаддун баргардондани" аҳолии шашяки рӯйи замин бо шӯру ҳаяҷон ҳарф мезаданд, имрӯз ҳамаи ин шикастурехтро таҳаммул карда наметавонанд. Андешаҳои сиёҳу сафед, хайру шар, некиву бадӣ, ки дар ҷараёни муборизаи беамон бар зидди коммунизм арзи ҳастӣ намуда буданд, ҳанӯз ҳам ин сиёсатмадоронро ба тангкӯчаҳои беохир кашида, моҳияти низоъҳо ва бархӯрдҳоро бештар пардапӯш месозанд.

Тоҷикистони моро чанд сол пеш дар ҷаҳони бузург қариб намешинохтанд, дар бораи он ҳарф ҳам намезаданд ва агар гоҳ-гоҳ аз он ёд мешуд, мисли дигар ҷумҳуриҳои ҳампояи Иттиҳоди Шӯравии собиқ, сухан аз гӯшаю канори аз сиёсат дур афтода мерафт. Имрӯз кишвари азёдрафтаву дар гӯшаи хотири касе набудаи мо дар матбуот ва дигар воситаҳои ахбори ҷаҳон якуякбора ба сафи аввал баромада, воқеаҳои пурфоҷиаи он мавзӯи таҳқиқу баррасии сиёсатшиносону маҳфили иҷтимоии бузургтарин давлатҳои ҷаҳон воқеъ гардидааст.

Ҷойи таассуф аст, ки ба ҳодисаҳои фалокатбори ҷанги бародаркушӣ дар кишвари мо на дар ҳамаи мамлакатҳо баҳои воқеӣ дода мешавад. Сабабаш он аст, ки кӯшиши ба давлатҳои демократӣ ва ғайридемократӣ ҷудо кардани ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқ ба сифати қолаби хеле устувор ҳанӯз ҳам майнаи бисёр ташвиқгаронро гиҷ мекунад. Кишварҳои ғайридемократӣ гуфта маъмулан давлатҳои дорои тартиботи коммунистиро ном мебаранд. Чунин табақабандӣ аз куҷо бармеояд? Ба ин савол аз ҳеҷ ҷо ҷавоб ёфтан имкон надорад, зеро муаллифони назариёт ҳам ба ёфтани ҷавоб эҳтиёҷ надоранд. Мураккабии масъала ва ҳамзамон роҳи осони раҳоӣ аз он дар манфиатҷӯйии нерӯҳои муайяни дохилию хориҷӣ ниҳон аст, ки мехоҳанд ин ё он кишварро ба сафи давлатҳои дорои тартиботи демократӣ ё зиддидемократӣ дохил намоянд. Ин табақабандӣ барои мубориза бурдану сарнагун сохтани тартиботи номақбул зарур аст.

Аммо ба масъала амиқтар ворид шуда, дармеёбем, ки ҳаракатҳои ҷамъиятию сиёсии кишварҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқро ба кӯшишҳои соддалавҳонаи муборизаи демократияи ҷавон бо амалдорони пешини ҳизби ҳукмрон ё амалдорони собиқи ҳизбу давлат вобаста кардан авомфиребие беш нест. Ва маълум мешавад, ки ҳамаи ин аз нофаҳмӣ ё бо роҳи ғалат рафтани шахсиятҳои алоҳида набуда, таҷовузи мақсадноки идеологист. Ҷанобони мутамаддин мақсадҳои воқеӣ ва сиёсатҳои роҳбарони ин давлатҳоро барои он дидаю дониста бардурӯғ маънидод мекунанд, ки ин сиёсатҳо бо моҳияти режимҳои дурӯғини демократии онҳо созгор намеафтад.

Инашро, албатта, ба виҷдони онҳо ҳавола мекунем. Аммо воқеаҳои Тоҷикистон касро водор месозанд, ки ба

равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ аз мавқеъҳои дигар назар афканем, зеро дар кишвари мо на фақат одобу ахлоқи ҳамида ва арзишҳои инсонӣ шармосо коҳиш ёфт, балки даҳҳо ҳазор одамон бегуноҳ қурбон гардиданд.

Аз он рӯзе, ки иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ роҳбарияти нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро интихоб намуд, бисёр вақт нагузаштааст. Аммо моҳҳое ки сипарӣ гардиданд, аз ҷиҳати мураккабии воқеаҳо ва шиддати сахти дохилии ҷомеа дар худ мазмуни даҳсолаҳоро гунҷоиш медиҳанд.

Аввалин коре, ки роҳбарияти нав ба он даст зад ва ҳанӯз ҳам ба он машғулем, эҳёи мақомоти қонунии ҳокимият, риоя ва назму низоми қонун, амнияти шаҳрвандон, фароҳам овардани шароити мусоиди зисту зиндагӣ ва кори пурсамари онҳо мебошад. Иҷрои ҳамаи ин корҳои рӯзмарраро фикр карда, ҳаҷму миқёси хонахаробиҳоеро, ки ҷанги бародаркушӣ ба сари халқи мо овардааст, ба худ беҳтар тасаввур намоед.

Аммо имрӯз, ба фикри мо, ҳарчи ҳам бошад бояд ба ҳамаи он ҳодисаҳое, ки халқи мо аз сар гузаронид ва қувваҳои сиёсие, ки вазъияти ҷамъиятию сиёсиро ба сӯйи фоҷиаҳои ниҳоӣ такон медоданд, ба моҳияти воқеаҳои соли гузашта лоақал ба таври мухтасар баҳо дода, сари он биандешем, ки фардо пешорӯйи мо чӣ хоҳад буд, мо ба куҷо равонем ва барои расидан ба ин мақсадҳо чӣ корҳои миқёсан азимро анҷом додан мумкин аст?

Ба ақидаи ман, ба авзои ҷамъиятию сиёсӣ ва иқтисодии кишвари мо ду омили ҷиддӣ таъсир мерасонад. Омили аввал оқибатҳои ҳамон ваҳшонияти сиёсӣ ва қатлу куштор аст, ки дар ин се соли охир ҷамъияти моро ба ҳоли табоҳ оварда, пояҳои суннатии моро хароб сохта, бо худ бадбахтиҳои бешумор ва дарду аламу ашку ҳасрати одамонро ба бор оварда, боиси талафоти азими маънавию иқтисодӣ гардиданд.

Омили дуввум сифатҳои комилан нав гирифтани авзои сиёсии мамлакат аст. Аз нимаи дуввуми соли 1992 ба ин тараф, омилҳои муваққатии хориҷӣ, ки ба таври сунъӣ ба гардани халқи мо бор гардида буданд, тадриҷан заиф шуда, ҷойи онҳоро арзишҳои воқеии маънавиёти халқи тоҷик ва дигар халқҳои сокини Тоҷикистон мегиранд.

Ба тахмини мо раванди воқеаҳо дар Тоҷикистон мисли пештара тавре хоҳад буд, ки омилҳои зиёди ба ҳам мухолиф

якдигарро тадриҷан заиф гардонда, дар дурнамои пешрафти ҷумҳурӣ қадамҳои қатъии роҳбарияти ҷумҳурӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, сиёсатмадорӣ ва назму низоми қонун, аз ҳама мавқеи устувортар хоҳад дошт, ба шарте ки ин сиёсатро тамоми халқ қатъиян дастгирӣ намояд.

Имрӯз чизи аз ҳама муҳим, ҳарчанд ин фикр ғайримунтазира ва шояд беҷо садо диҳад, пайдо кардани роҳи рост ва мушаххаси раҳоӣ аз бӯҳрони азим ва суботкоронаву богайратона ин роҳро тай кардан аст. Дар акси ҳол агар фориғболию камҳаракатӣ давом кунад, **давраи гузариши имрӯза** кашол ёфта, таъсироти харобиовари худро боз муддатҳои тӯлонӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт нигоҳ хоҳад дошт. Барои он ки қадаммониамон ба сӯйи фардо аз рӯйи ақлу фаросат бошад, мо бояд саҳву хатоҳоеро, ки боиси шиддат гирифтани вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ гардида буданд, оқилона ва ҳамаҷониба таҳлил намоем, аз гузаштаи начандон дури худ, талх ҳам бошад, ягон сабақ гирем.

## САРЧАШМАҲОИ БӮҲРОНИ СИЁСӢ

Солҳои 1990-1992 барои Тоҷикистон мисли ҳамаи ҷумҳуриҳои дигари Иттиҳоди Шӯравии собиқ марҳалаи хеле паст рафтани сатҳи зиндагии мардум гардид. Маҳз ҳамин чиз боиси шиддат ёфтани авзои иҷтимоӣ шуда, сабабгори фалаҷ гардидани сохтори сиёсии ҳокимият ва ниҳоят сар задани муқобилияти ошкоро ба Ҳукумат ва сипас сабаби ваҳшонияти беназири сиёсӣ гардид, ки оқибатҳои онро халқи мо имрӯз ҳам мушоҳида мекунад. Бале, ин воқеият аст. Аммо маъмулан ҳар падидаи мушаххас аз қонуниятҳои раванди воқеаҳо пеш мегузарад. Пӯшида нест, ки ба аҳволи ногувори иқтисодӣ гирифтор шудани мо ҳаёҳуйи сиёсии бозсозӣ сабаб шуд, ки дар натиҷаи он робитаҳои анъанавии иқтисодӣ аз ҳам фурӯ рехтанд. Майлҳои харобиовар ақли солимро хира сохтанд. Ва ҳамзамон бо ҳамаи ин ба ҷойи навсозию дигаргунсозӣ тамоми сохтори мавҷудаи сиёсию давлатӣ гирифтори шикасту нокомӣ шуд.

Фазои холии идеологӣ ва сиёсатҳои бепояи нобаҳангом имкон доданд, ки қувваҳои мухолифи сиёсии ҷомеа арзи ҳастӣ карда, ошкоро барои забти ҳокимият ба мубориза бархезанд.

Маънои асосии ҳаракатҳои нави ҷамъиятию сиёсӣ зоҳиран гӯё шикаст додани амалдорони номенклатураи коммунистӣ буд, вале дар амал на ба муқобили идеологияи коммунистӣ, балки бар зидди амалдорони мушаххас муборизаи беамон сар шуд, ки он аз оғозаш моҳияти маҳалгароӣ дошт.

Демократҳои исломӣ дар бораи тараққиёти номутаносиби маҳалҳои гуногуни ҷумҳурӣ бисёр ҳарф мезаданд. Албатта, ба касе пинҳон нест, ки системаи мавҷуда ва сохторҳои ҳокимият дар он солҳо тавре буданд, ки бисёр роҳбарон барои пеши роҳбари дараҷаи аввал ширин шудан, ҳангоми тақсим кардани фондҳо ба ноҳияҳои шимолии ҷумҳурӣ бештар эътибор медоданд ва исбот ҳам мекарданд, ки дар шимол имконият бештар аст, роҳи оҳан дорад, аз коргарони боихтисос таъмин аст ва ғайра. Албатта, ҳамаи ин даъвоҳо дурустанд. Вале мутахассисро дар ҷануб ҳам ба воя расондан мумкин буд. Албатта, ман гуфтанӣ нестам, ки дар ҷануб ягон кор накарданд. Дар ноҳияҳои ҷануб ҳам корҳои зиёде анҷом дода шуд. Бигирем водии зарнисори Вахшро, ки дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ бунёд гардид. Вале ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, мо бояд хатоҳои пештараро ислоҳ намоем. Дар ҷануби мамлакат ҳам кадрҳои ҳозиразамони баландихтисоси коргариро ба воя расонем. Охир ин на танҳо эҳтиёҷоти иқтисодӣ, балки як ниёзмандии маънавию сиёсӣ ҳам ҳаст, ки барои дигар кардани тафаккури патриархалии онҳое, ки кӯркӯрона аз ақиби рӯҳониён мерафтанд, имкон медиҳад.

Моҳияти асосии фаъолияти ҳизбу ҷунбишҳои наврӯро, ки ҳавобаландона худро нерӯҳои демократӣ меномиданд, радикализми сиёси, ё бо ибораи дигар, кӯшиши аз беху бун шикаста партофтани сохтори пешин ташкил медод. Кӣ метавонад ҳамаи инро бетаҷрибагӣ дар интихоби шаклҳои муборизаи сиёсӣ барои дар доираи Қонуни Асосӣ ва қонунҳои дигар ба даст овардани ҳокимият биномад?

Оқибати ҳамаи ин ҷаҳду талошҳо хеле ҷиддитар ва амиқтар аз он буд, ки тасаввур мешуд.

Ҳар гоҳ дар бораи фоҷиаи ҷомеаи мо амиқтар фикр мекунем, пеши назарамон сиёсатҷаллобии он пешвоёни ҳизбу созмонҳое ҷилвагар мешавад, ки вобаста ба шароити забт кардани ҳокимият ниқоби идеологии худро ҳар замон дигар мекарданд. Дар он марҳалаи пурфоҷиа шахсиятҳое

рӯйи кор омаданд, ки дар як-ду сол аз мартабаи узви КМ ҲКИШ ё КМ ҲК Тоҷикистон то номзадҳои асосии Ҳизби наҳзати исломӣ ё иттифоқчиёни асосии он роҳҳои касногузаро тай намуданд. Ин кӯшишҳо беҳуда набуданд. Ҳама медонанд, ки нерӯи ниҳонӣ ва ҳаракатдиҳандаи ҳамаи ҳизбу ҷунбишҳои навбаромад Ҳизби наҳзати исломӣ буд, ки чандин сол пештар дар қаламрави Тоҷикистон пинҳонӣ амал мекард. Дар аввал ин ҳизб худро аз назарҳо дур гирифта, шӯъбаҳои дунявии хеш — Ҳизби демократ ва ҳаракати мардумии "Растохезро" дар пешнамоз қарор медод. Аммо муддате нагузашта худаш якбора сар бардошта Ҳукуматро маҷбур сохт, ки онро ошкоро ба қайд бигиранд.

Ба майдони сиёсӣ баромадани ин қувваҳоро мардум дар марҳалаи аввали авҷи ошкорогӯийию демократиясозӣ ҳамчун раванди беозори гуногунфикрии сиёсӣ қабул намуданд. Ин раванди сиёсӣ аз оғозаш бо гирдиҳамойиҳою зӯровариҳо сар шуда, сипас тамоми усулу равишҳои хоси бунёдгароии исломии ҷаҳони муосирро ба кор бурд.

Дар мавриде, ки мақомоти ҳифозати ҳуқуқ дар ҷумҳурӣ хеле заиф буданд, ин бесарусомониҳо боиси нобоварии ҷиддӣ ба қонуну қонуният гардида, сабабгори бӯҳрони аз ҳама хатарноктарин — **бӯҳрони ҳокимият** гардиданд. Вазъият боз барои он ҳам душвор шуд, ки баъди тазоҳуроти аввалини қувваҳои исломигаро дар баҳманмоҳи соли 1990 ҳукуматдорони вақт роҳи созиш бо қозиётро пеш гирифта, барои аз ҷиҳати маънавӣ таҳқир шудани ходимони софдили милиса ва амнияти давлат, ки ба адои вазифаи худ содиқ буданд, имконият фароҳам оварданд. Дар айни замон созмондиҳандагони бетартибиҳои оммавиро ҳамчун қаҳрамонони миллӣ болобардор мекарданд.

Фоҷиаи баҳманмоҳро ҳамчун эътирози оммаи мардум таҳти сарварии нерӯҳои демократӣ қаламдод намуданд. Чунончи, мушоҳида намудем, манзараи идеологии ин фоҷиаро бунёдгароёни исломӣ ороста буданд ва фақат гоҳ-гоҳе аз он садоҳои хираи демократӣ ба гӯш мерасид.

Имрӯз мақсадҳои асосии он балвоҳо ошкор шудаанд. Бунёдгароёни исломии дунёи муосир мавқеи бисёр ҳассоси сиёсии Тоҷикистонро ба назар гирифта, ҷумҳурии моро ба ҳайси размгоҳи интишори он дар кишварҳои Осиёи Марказӣ интихоб кардаанд.

рӯйи кор омаданд, ки дар як-ду сол аз мартабаи узви КМ ҲКИШ ё КМ ҲК Тоҷикистон то номзадҳои асосии Ҳизби наҳзати исломӣ ё иттифоқчиёни асосии он роҳҳои касногузаро тай намуданд. Ин кӯшишҳо беҳуда набуданд. Ҳама медонанд, ки нерӯи ниҳонӣ ва ҳаракатдиҳандаи ҳамаи ҳизбу ҷунбишҳои навбаромад Ҳизби наҳзати исломӣ буд, ки чандин сол пештар дар қаламрави Тоҷикистон пинҳонӣ амал мекард. Дар аввал ин ҳизб худро аз назарҳо дур гирифта, шӯъбаҳои дунявии хеш — Ҳизби демократ ва ҳаракати мардумии "Растохезро" дар пешнамоз қарор медод. Аммо муддате нагузашта худаш якбора сар бардошта Ҳукуматро маҷбур сохт, ки онро ошкоро ба қайд бигиранд.

Ба майдони сиёсӣ баромадани ин қувваҳоро мардум дар марҳалаи аввали авҷи ошкорогӯйию демократиясозӣ ҳамчун раванди беозори гуногунфикрии сиёсӣ қабул намуданд. Ин раванди сиёсӣ аз оғозаш бо гирдиҳамойиҳою зӯровариҳо сар шуда, сипас тамоми усулу равишҳои хоси бунёдгароии исломии ҷаҳони муосирро ба кор бурд.

Дар мавриде, ки мақомоти ҳифозати ҳуқуқ дар ҷумҳурӣ хеле заиф буданд, ин бесарусомониҳо боиси нобоварии ҷиддӣ ба қонуну қонуният гардида, сабабгори бӯҳрони аз ҳама хатарноктарин — **бӯҳрони ҳокимият** гардиданд. Вазъият боз барои он ҳам душвор шуд, ки баъди тазоҳуроти аввалини қувваҳои исломигаро дар баҳманмоҳи соли 1990 ҳукуматдорони вақт роҳи созиш бо қозиётро пеш гирифта, барои аз ҷиҳати маънавӣ таҳқир шудани ходимони софдили милиса ва амнияти давлат, ки ба адои вазифаи худ содиқ буданд, имконият фароҳам оварданд. Дар айни замон созмондиҳандагони бетартибиҳои оммавиро ҳамчун қаҳрамонони миллӣ болобардор мекарданд.

Фоҷиаи баҳманмоҳро ҳамчун эътирози оммаи мардум таҳти сарварии нерӯҳои демократӣ қаламдод намуданд. Чунончи, мушоҳида намудем, манзараи идеологии ин фоҷиаро бунёдгароёни исломӣ ороста буданд ва фақат гоҳ-гоҳе аз он садоҳои хираи демократӣ ба гӯш мерасид.

Имрӯз мақсадҳои асосии он балвоҳо ошкор шудаанд. Бунёдгароёни исломии дунёи муосир мавқеи бисёр ҳассоси сиёсии Тоҷикистонро ба назар гирифта, ҷумҳурии моро ба ҳайси размгоҳи интишори он дар кишварҳои Осиёи Марказӣ интихоб кардаанд.

Саргарангиҳои мастона аз муваффақияту комёбиҳои давраи аввал аз он сабаб рух дод, ки вақту соати тазоҳурот бисёр мусоид буд: ҳизби ҳукмрони давлат шикаст хӯрда аз майдон баромад ва ба ҷиҳати мавҷуд набудани ҷабҳаи ҳақиқии демократӣ **фазои холии идеологӣ** ба амал омад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, номзадҳои иттиҳоди якҷояи нерӯҳои ба ном демократии исломӣ, ки сахт гирифтори маҳалгароиву авлодгароиҳо буданд, ҳам дар интихоботи Порлумон ва ҳам Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон шикаст хӯрданд. Дар чунин шароит Ҳизби наҳзати исломӣ ва қозиёт роҳи дигарро пеш гирифтанд. Онҳо дарёфтанд, ки бо роҳи фишору зӯроварӣ ва мусаллаҳона ҳокимиятро ғасб кардан имкон дорад. Дар натиҷаи ин кӯшишҳо тавонистанд тамоми сохтору механизми ҳокимиятро фалаҷ намоянд. Моҳи майи соли 1992 онҳо дар ҳайати Ҳукумат мавқеъҳои ҳалкунандаро ба даст оварданд ва моҳи сентябр бо роҳи ғасби мусаллаҳона Раиси Ҷумҳурро, ки тамоми аҳолии ҷумҳурӣ интихоб карда буд, маҷбур намуданд ба истеъфо равад.

Тамоми ҳокимият амалан ба дасти исломгароён гузашт. Дар ҷомеаи мо, махсусан дар пойтахтамон як фазои печида ва ҳолати мавҳуму бехудӣ ба амал омада, боиси нигаронии одамон гардид. Аммо на дар ҳама ҷо чунин буд. Аз ҳамон моҳи майи соли 1992 сар карда мухолифати номуташаккилонаи умумихалқӣ бар зидди исломгароён қувват мегирифт. Шӯриши умумихалқие, ки дар вилояти Кӯлоб сар зад, як муддати кӯтоҳ бисёр ноҳияҳои дигари ҷумҳуриро фаро гирифт. Ҳамаи кӯшишҳои исломгароён, ки мехостанд бо роҳи қатлу куштор муқобиллияти халқро дарҳам шикананд, оқибат надошт ва дар ниҳояти кор роҳбарияти исломигаро аз байн рафта, Раёсати қонунан интихобшудаи Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳокимиятро ба даст гирифтанд.

Роҳбарияти нав ба иродаи халқи худ такя карда барои ба эътидол овардани вазъият ва пешгирии фалокати ҳамагонии миллӣ чораҳои ҷасурона мебинад. Натиҷаи тамоми ин ҷидду ҷаҳдро ҳамаи мо бо чашми худ дида истодаем: аҳолии ҷумҳурӣ ба Ҳукумат бовар карданд, бо роҳбарони давлатҳои муштаракулманофеъ робитаҳои мустаҳками ҳамкорӣ барқарор шудааст, маҳофили иҷтимоии ҷаҳон мушкилоти моро торафт беҳтар дарк карда истодааст. Минбаъд ҳама чиз ба муттаҳидӣ ва якдилии халқи мо вобаста аст.

## САРЧАШМАҲОИ БӮҲРОНИ ИҚТИСОДӢ

Вазъияти имрӯзаи иқтисодиёти ҷумҳуриро бешубҳа пурфоҷиаву фалокатбор номидан мумкин аст. Аз ҷанги ҳамватанӣ ба мо садҳо миллиард сӯмина зарар расид. Аммо зарари бебадал ҷони ҷавони даҳҳо ҳазор ҳамдиёрони мост, ки онро намешавад бо миллиардҳо баҳо дод.

Фикр мекунам, ба хотири ояндаи Ватанамон мо набояд аз ин даҳшатҳо даступо гум карда, дучори валвалаю саргаштагӣ бошем. Аз чунин рафтор аҳволи мо боз ҳам бадтар хоҳад шуд. Ҷойи масаррат ва хушнудист, ки аксар роҳбарони кишварҳои муштаракулманофеъ мушкилоти иқтисодии моро бо дилсӯзӣ таҳаммул мекунанд ва ба мо ҳарҷониба ёрӣ мерасонанд ё ҳозиранд кӯмак бикунанд. Аммо наҷоти мо дар дасти худи мост. Аз ин рӯ, мо бояд дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ кори пурмаҳсули муттафиқонаро ташкил намоем.

Бӯҳрони иқтисодӣ ҳам мисли бӯҳрони сиёсӣ решаҳои амиқ дорад. Дар нимаи дуввуми солҳои 80-ум бо роҳи ислоҳоти иқтисодӣ ва даст кашидан аз системаи умраш баохиррасидаи фармонфармоию маъмурӣ кӯшиши бартараф намудани бӯҳрони азими технологӣ дар иқтисодиёти ИҶШС ва гузаштан ба иқтисодиёти бозаргонӣ шурӯъ шуд.

Дар раванди ин ислоҳот сиёсати давлатии нархҳо, системаи супоришҳои давлатӣ, ба роҳи тиҷорат гузаштани корхонаҳои давлатӣ, даст кашидан аз монополизм, тараққӣ додани моликияти коллективӣ ва хусусӣ, авҷ додани рақобат, озод кардани нархҳо ва ба ҳамин монанд механизмҳои бозаргонӣ бояд маҳаки асосии ба танзимоварандаи иқтисодиёт мешуданд. Ҳамаи ин омилҳо бо якдигар сахт пайванд буда, бояд тадриҷан ва пайи ҳам ҷорӣ мешуданд. Дар ин кор мисли гашти донаҳои шоҳмот агар навбати гашти яке нодуруст сурат бигирад, бозингар бой хоҳад дод.

Мутаассифона, радикализми иқтисодӣ дар ҳамин ҷо ҳам кори худашро кард. Пеш аз он ки иқтисод аз инҳисори давлат баромада, сохтори нав ва моликияти хусусӣ ба вуҷуд омада, дар байни моликон ба хотири тараққиёти истеҳсолот рақобат сурат бигирад, саросемавор нархҳоро озод карда, супоришҳои давлатиро бекор намуданд. Ҳамаи ин боиси авҷ

гирифтани камарзишии пул ва ниҳоят комилан беқурб шудани он гардид. Акнун худатон қазоват бикунед, ки дар ин амал чӣ бештар буд — сиёсатбозӣ ё гамхорӣ дар бораи иқтисодиёт?

"Озоди"-и корчаллонӣ, ки аз боло ҳадя шуда буд, боиси он гардид, ки корхонаҳои истеҳсолкунандаи ашёи хом ин маҳсулотро ба воситаи тоҷирон бо нархҳои фоидаовар ба хориҷи кишвар бароварда, истеҳсолоти ватаниро бе ашёи хом мононданд. Аз ҳам гуссастани ҳалқаи технологӣ боиси фалаҷ гаштани иқтисодиёти ягонаи мамлакат ва ба кунҷу гӯшаҳои миллӣ пош хӯрдани он шуда, барои авҷ гирифтани ҷудоихоҳию сепаратизм такони сахттар дод.

Дар натиҷа бӯҳрони технологӣ бо бӯҳрони робитаҳои байнихоҷагӣ ва байни ҷумҳуриҳо якҷоя ба комилан фалаҷ шудани ин робитаҳо оварда расонд. Ҳамаи ин ногузир барои паст шудани истеҳсолот, боло рафтани нархҳо, бӯҳрони пулию молиявӣ ва комилан беқурб шудани рубл, шиддати авзои сиёсӣ ва авҷ гирифтани нобасомониҳои иҷтимоӣ боис шуд.

Кӯшишҳои ба сари худ танҳо ба танҳо ворид шудани ҷумҳуриҳо ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ ҳам мисли пештар боз ҳамон чанбаи зишту фосиди фурӯхтани ашёи хомро дорад.

Ҳоло иқтисодиёти тақрибан ҳамаи ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқ боз ба манбаи ашёи хоми саноатии кишварҳои мутараққии Ғарб мубаддал шуда истодааст. Аз эҳтимол дур нест, ки зиддиятҳои экологии тамаддуни ҳозиразамон боз ба он бурда мерасонанд, ки мамлакатҳои тараққикардаи Аврупо бо роҳи дар кишварҳои Осиёву Аврупо сохтани истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ зараровар иқдом хоҳанд кард.

## САРЧАШМАҲОИ БӮҲРОНИ МАЪНАВӢ

Дигар шудани моҳияти арзишҳои ҷомеа бояд ногузир ба дарки мақсаду роҳҳои тараққиёти ояндаи ҷамъият оварда расонад. Фазои холии идеологӣ, ки баъди суқути таълимоти зоҳиран пойдору решадор, вале амалан шахшудамондаи коммунистӣ ба вуҷуд омад, пеш аз ҳама боиси тазалзул дар эътиқоди равшанфикрон гардид.

Ҷомеа ошкоро ба гурӯҳҳо тақсим шуд, ки се қисмати он ба таври возеҳ ба чашм мерасад. Ба **гурӯҳи аввал** ҷонибдорони идеологияи коммунистӣ дохил мешаванд, ки таълимоти худро бо ба назар гирифтани таҷрибаи тараққиёти ҷамъият таҷдиди назар намудаанд. **Гурӯҳи дуввум** аз мухолифони коммунистон иборат аст, ки худро ҷонибдори арзишҳои умумибашарӣ ё демократӣ меноманд. Аз ҳама тааҷҷубовараш он аст, ки исломигароён ва ходимони дигаре, ки нияту рафтори онҳо аз демократия фарсахҳо дур аст, худро ба ин гурӯҳ ворид сохтанд. Ва ниҳоят, **гурӯҳи сеюм**, гурӯҳи аз ҳама сернуфузтарини ҷомеа онҳое ҳастанд, ки ҳанӯз мавқеъҳои идеологии худро муайян накардаанд. Чунин табақабандӣ ҳам бесабаб нест. Охир дар ягон мамлакати ҷаҳон аҳолӣ аз тарафи расонаҳои хабарӣ ба ин андоза таҳти таъсир қарор дода нашудааст. Ва ин таъсиррасонию омодасозӣ пеш аз ҳама ба хотири дарҳам шикастану аз байн бурдани арзишҳои маънавии пештара анҷом дода мешуд. Ҷавонон аз ҳама аъзоёни дигари ҷомеа бештар таҳти таъсири таассуб қарор дода шуда буданд.

Дар бораи бӯҳрони маънавӣ андеша ронда боз ба як ҷиҳати дигари он диққат додан мехоҳам. Дар натиҷаи муборизаҳои беамон бар зидди ҳама гуна эътиқодоти мазҳабӣ, ки аз сиёсатҳои мулҳидонаи давлатӣ бармеомад, одамон дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ аз маънавиёти ирфонӣ амалан дур нигоҳ дошта мешуданд. Баъд аз он ки марҳалаи бозсозӣ ҷомеаро аз махфӣ доштани эътиқодоти динӣ раҳо сохт, воситаҳои ахбори оммавӣ, нашриётҳо, кино ва радиову телевизион ба хотири бештар пайдо кардани хонанда, шунаванда ва тамошобин бо якдигар мусобиқакунон аз осорхонаи қадимаи динӣ он қадар адабиёти диниро ба чоп расонданд, ки ин ҳаҷмро ҳатто мамлакатҳои соф исломӣ ҳам хоб дида наметавонанд. Мардум бо ташнагии бесобиқа ҳамаи ин асарҳоро мутолаа мекарданд. Дар мамлакат даҳҳо ва садҳо масҷид сохта шуданд, аммо ҷойи таассуф аст, ки масҷидҳо ҳам аз рӯйи мансубиятҳои маҳаллию миллӣ одамонро аз ҳам ҷудо мекарданд.

Дар марҳалаи аввал ҳама мегуфтанд, ки чоп шудани адабиёти динӣ ягон бадӣ надорад. Ман ҳам ба ин фикр розиам, аммо он чизро ҳам бояд зикр кард, ки адабиёти динӣ китобҳои дунявиро тамоман танг карда баровард. Мо

пешрафти илму техникаро амалан фаромӯш кардем, ба хотир наовардем, ки дар кадом аср зиндагӣ мекунем ва ба чӣ эҳтиёҷи бештаре дорем. Рӯҳониёни мутаассиб андешаи мардумро ба куллӣ хира сохтанд ва аз ин рӯ, бисёр одамон барои аз қатор намондан кӯркӯрона ба ҳаракатҳои муллоҳои мутаассиб тақлид мекарданд.

Пӯшида нест, ки бӯҳрони маънавӣ аз бӯҳронҳои сиёсию иқтисодӣ сарчашма гирифта, боиси фанои давлати ягона ва ҷудоиандозиҳо дар дохили давлатҳои нави соҳибистиқлол шуд. Ҳодисаҳои ҷумҳурии худамон ин фикрро тасдиқ карда метавонанд.

Аз бунбасти маънавию идеологӣ раҳо ёфтан масъалаи мушкилтарини замони мост. Фикр мекунам, ки арзишҳои азалӣ, одату суннатҳои комилан халқии мо метавонанд такягоҳи боэътимоди мо бошанд. Эҳтимол он чиз муҳим нест, ки мо чи гуна давлат месозем, муҳимаш сохтани давлатест, ки дар он одамон нафаси озод кашида тавонанд.

Як андоза парешонҳолӣ, дилсардӣ ва бадбиние, ки доираи муайяни равшанфикрони кишвари моро фаро гирифтааст, барои он зуҳур мекунад, ки ин рафиқон мехоҳанд Ватани худро ҳарчи зудтар шукуфон ва халқи онро озоду ободу хушбахт бубинанд. Ба ин, албатта, касе муқобил буда наметавонад, чунин нияту андешаи неки мутафаккирон, шоирон ва рассомони покдилу ватандӯстро халқ ҳамеша қадр мекард. Аммо биёед, саросема нашавем ва ба пойдевори кохи зебои фардои кишварамон бо таҳаммул хиште ба рӯйи хишти дигар чида, ҳамакаса ҷомеаи худро бино созем. Биёед, дар навбати аввал коре кунем, ки ашкҳои шашқатори бевазанҳо, ятимону модарон хушк шавад, дар харобазори ҳанӯз ҳам сӯзони ҷанги бародаркушӣ аввал боғе сабзонем, манзиле пӯшонему баъд домани орзуҳои ширинро бигирем.

Гумон мекунам, ки аҳамияти фаъолияти равшанфикрони мо нисбат ба се ё панҷ соли пеш даҳҳо ва садҳо маротиба меафзояд. Мо ба илму маорифу фарҳанги ҳозиразамон, ки мояи ифтихори халқ бошаду мардум аз самараҳои онҳо бархурдор буда тавонад, сахт эҳтиёҷ дорем. Ба мо муҳандисону бинокорон, пилотҳою коргарон, муаллимону пахтакорон чун обу ҳаво заруранд.

Майдони фаъолият ба ҳамаи онҳо мерасад. Барои ҳамин ҳам нашояд, ки кори имрӯзаро ба фардо вогузорем, мабодо дер намонем, бебозгашт аз қатор наафтем.

## БАЪЗЕ НАТИҶАГИРӢ ВА ХУЛОСАҲО

Марҳалаи нави таърихи муосири кишварамон пеши чашми мо ва бо иштироки ҳамаи мо эҷод мегардад.

Нимаи дуввуми солҳои ҳаштодум: ҳаёҳуйи шиорҳои демократӣ, гирдиҳамойиҳои бисёрҳазора, нияту орзуҳои ширини ба зудӣ ноил гардидан ба зиндагии беҳтарин. Ва боз пеши чашми ҳамаи мо пушаймонӣ ва хашму ғазаб, муқобилият ва куштори ваҳшиёнаи ҳазорҳо инсонҳо намудор мешавад.

Асири шаклҳои мухталифи бунёдгароии сиёсӣ шудани ҳаракати навпайдои демократӣ ба он оварда расонд, ки ба ҷойи худшиносии миллӣ —соҳибихтиёрии миллӣ сар боло кард ва баъд ҷойи онро ҷудоиталабии миллӣ гирифта, оқибат ба ҷудоиандозии миллӣ расида, дар заминаи як давлати азим давлатҳои миллӣ арзи ҳастӣ намуданд.

Оқибатҳои сиёсатҷаллобӣ моҳияти дигаргунсозиҳои ҳақиқии демократиро ба гӯшаи фаромӯшӣ кашиданд. Ин дигаргунсозиҳо мебоист сатҳи озодиҳои инсон ва коллективҳои заҳматкашонро дар давлати ҳуқуқбунёди дорои муносибатҳои пешрафтаи бозаргонӣ хеле боло мебардоштанд. Вале каҷравиҳои раванди демократӣ ҷойи ваъдаҳои аввалаи демократикониро гирифтанд.

Набояд фаромӯш кард, ки **озодии инсон** нахустзаминаи ҷомеаи ҳуқуқбунёд аст. Маҳз озодии инсон шаклу мазмуни соҳибихтиёрии миллӣ ва давлатиро муайян мекунад ва давлатҳо фақат ҳамон вақт пешқадам қаламдод мешаванд, ки ба озодиҳои инсон мадад расонанд. Дар акси ҳол, чунон ки таҷрибаи солҳои охир собит намуд, инсон ба як ғулому бандаи сохти нави тоталитаризми миллӣ мубаддал мегардад.

Ҷиҳати нахустин ва муҳимтарини озодии инсон **сатҳи некӯаҳволии ӯ**, имконияти боло бурдани маънавиёт дар ҳимояи қонун ва бехатарии ӯст. Оё давлатҳои нави соҳибистиқлол ҳамаи ин неъматҳоро ба халқи худ фароҳам оварданд? Ҳаргиз не. Баръакс, мардум беш аз пеш гаравгони ваҳшонияти сиёсӣ, авҷ гирифтани ҷинояткорӣ, зӯроварӣ ва қонуншиканиҳои номаҳдуд шуданд. Воқеият ҳамин аст.

Оё ранҷу азоберо, ки ба сари мардум афтодааст, бо баҳонаи раванди тӯлонии истиқрори соҳибихтиёрии давлат "рӯпӯш" кардан мумкин аст? Яъне оё воситаҳо аз мақсад бармеоянд? Ҷавоби ин савол яксон буда наметавонад. Ҳама

тараф қурбон созанд. Онҳо заминаҳои объективии мавҷудияти сохтори ҷамъиятии ҷумҳурӣ ва ҳамаи он дигаргуниҳои куллиро, ки дар тафаккури ҷамъият ва ҷаҳонбинии одамон дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ ба амал омада буданд, заррае ҳам ба эътибор гирифтан намехостанд.

Ғайр аз ин, ба ақидаи ман, онҳо боз як чизи дигари бисёр муҳим—фарқи суннатҳои динӣ ва мафкуравии Эрону Афғонистон ва мардумони Осиёи Миёна ва тафовутҳои муносибати дастгоҳҳои динию давлатии ин кишварҳоро ба куллӣ сарфи назар карда буданд.

Халқҳои Осиёи Миёна, бахусус тоҷикҳо ҳаргиз розӣ намешаванд ва роҳ ҳам намедиҳанд, ки арбобони дин ба корҳои давлат мудохала намоянд. Оё идеологҳо ва амалдорони ислом ва дастёрони дирӯзаи онҳо — демократҳо лоақал боре ҳам аз худ пурсидаанд, ки чаро эҷодиёти халқҳои Осиёи Миёна, ки дар латифаҳои Хоҷа Насриддин гирд омадааст, саропо аз мазаммати муллоҳо иборат мебошад? Чаро донишмандони шарофатманди мо, махсусан Умари Хайём тақрибан дар ҳар сатри дуввуми рубоиёти худ озодии инсонро дар муқобили таассубу ҷаҳолати динӣ қарор медиҳад?

Эҷодиёти ҳаким Носири Хусрав ё ҳазрати Ҳофизи Шерозӣ, ки бунёдгароёни исломӣ эҷодиёти онҳоро фақат ба нафъи худашон шарҳ медиҳанд, чӣ?

Аз классикҳои адабиётамон сухан гуфтему Фирдавсии бузург ба хотирам омад. Ҳамаи мо шоҳиди ваҳшиёна сарнагун сохтани муҷассамаи Ленин дар Майдони Озодии Душанбе будем. Бунёдгароёни исломӣ ва демократҳои беназокати мо то метавонистанд ин муҷассамаи ҷошупошхӯрдаро таҳқир мекарданд. Баъди шикаста сарнагун кардани ҳайкал баҳсу талош дар бораи он ки ба ҷойи Ленин муҷассамаи киро бояд дар ҷойи ӯ гузоранд, ба авҷи аъло расид. Доҳиёни бунёдгаро ба гузоштани муҷассамаи Фирдавсӣ муқобил буданд. Онҳо ҳатто дар маросими поягузории ин муҷассама иштирок надоштанд ва

ин бесабаб нест. Достонҳои зебои “Шоҳнома” бо идеологияи бегона, ки зӯран ба гардани халқи мо бор карда шуда буд, созгор намеафтод. Дар ин асари мукаммалу ҷовидонӣ таърихи чандинҳазорсолаи халқҳои эрониасл, ки аз замонҳои қадим бар зидди торикию ҷаҳолат, ҷангҳои хонумонсӯз мубориза мебурданд, бо каломи зебои шеър тасвир шудааст. Фирдавсӣ хислатҳои ҳамидаи некиву накӯкорӣ, ақлу фаросатро ба дараҷаи олӣ бардошта, дӯстии халқҳороараннум мекард. Дар радифи қаҳрамонони асосии ин асари ҷовидонӣ мо бо номҳое вомехӯрем, ки аслу насабашон аз Осиёи Марказӣ, Чин, Ҳиндустон, Арманистон, Юнон, Миср, халқҳои славянӣ будааст.

Оё демократҳои исломигаро ин хислатҳои ҳамидаи тарзи тафаккури халқи тоҷикро зери по гузоштанӣ набуданд?

Мо сахт хато мекунем, агар биандешем, ки реша давондани ҷараёни бунёдгароии исломиро пешгирӣ карда, ба ташаккули давлати демократии дунявӣ роҳи фарохро боз мекунем. Дар сари роҳи мо боз бисёр мушкилоти дигар вуҷуд дорад. Дар ин маврид ҳамаи мо бояд софдилона иқрор намоем, ки бисёр мушкилот аз ганҷинаи идеологии пештараи мо сарчашма мегиранд ва аз онҳо халос хӯрдан басо душвор ва ҳатто фоҷиабор аст.

Гап дар сари он аст, ки тамоми сохтори идора кардани ҷомеаи мо амалан ба фаҳмишҳои идеологии кӯҳна такя мекунанд. Ин фаҳмишҳо тавре сурат мегиранд, ки бе таҳлилу танқиду дарк кардани нокомиҳо моро ба роҳҳои тайкардаамон кашида метавонанд. Равшантар бигӯем, дар гузашта бо идеяву ваъдаҳои бисёр зебои хаёлӣ халқро идора кардан мехостанд. Сиёсатҳои мушаххаси иҷтимоию иқтисодӣ ва дигар сиёсатҳо маҳз аз ҳамин сарчашма мегирифт.

Имрӯз бояд ошкоро бигӯем, ки вақти кӯркӯрона тақлид кардан ба намунаҳои сохторҳои ҷамъиятӣ гузаштааст. Ҳеҷ чиз мисли идеяҳои шахшудамонда пешрафти ҷамъиятро боздошта наметавонад. Мо аз таҷрибаи худамон хуб медонем, ки пешрафти ҷомеаро бо ин ё он сохтори идеологӣ пойбанд кардан, гайр аз бунёдгароии сиёсӣ чизи дигаре ба бор намеоварад. Ин бунёдгароӣ хоҳ коммунистӣ бошаду хоҳ исломӣ фарқ надорад.

Аммо ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки давлат, ё ҷомеа метавонанд бе ягон идеология вуҷуд дошта бошанд.

Ин ақида ҳам хатои маҳз аст, ки бино бар талаботи воқеии тараққиёти ҳозиразамони ҳаёти ҷомеа аз идеологияи пештара ба таври автоматӣ халос хӯрдан мумкин бошад. Як мулоҳиза кунед, оё арзишҳои идеологӣ коғазҳои қимматнок ё аксияҳое ҳастанд, ки дар дасти як идда одамони тавоно гирд омада бошанд? Идеяи сотсиалистӣ ва арзишҳои амалии он дар тӯли даҳсолаҳо бо ин ё он роҳ тафаккури бисёр одамонро тасхир кардааст. Ва оё касе метавонад ин андешаҳоро манъ кунад ва ақрабаки соати таърихро ба нафъи воқеияти зарурӣ ба тарафи дигар гардонад.

Ба андешаи ман, муҳимтарин вазифаи сиёсатмадорон дар **марҳалаи гузариш** эҳтимол иборат аз он бошад, ки миёни зарурати дигаргуниҳои воқеӣ ва муносибати эҳтиёткорона ба ҳиссиёту имону эътиқоди одамон, ки тамоми сарватҳои мо маҳсули меҳнати онҳост, роҳи мусолиҳа ва якдигарфаҳмиро дарёбанд.

Оё мо ҳақ дорем, аз ҳама чизҳое, ки гузаштагони мо, падару бобоёни мо, насли кӯҳансол андӯхтаанд, якбора ва бидуни таҳаммул даст бикашем? Агар амиқтар зеҳн андозем, дар ин масъала ҳам ҳамон инкоркуниҳое ба чашм мерасад, ки дар тафаккури мардум ҷо гирифтааст. Мо аз зарурати дигаргунсозиҳо сухан мегӯем ва ман бовар надорам, ки касе пайдо шаваду ин дигаргуниҳоро нахоҳад. Аммо ислоҳ кардани тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ фақат аз хоҳиш иборат нест.

Мо бояд эътироф бикунем, ки раванди инкишофи ҷомеа аз тамоми системаҳои идеологӣ ва сохторҳое, ки фарқ надорад, аз тарафи кӣ таҳмил шудаанд, ғанитар мебошад. Агар ошкортар фикрро баён бикунем, ба системаҳо имон овардан ин худ **хурофоту мавҳумпарастист**. Система одатан ҳамон робитаҳои тараққиёти ҷомеаро ифода мекунад, ки аллакай воқеъ шудааст, яъне вазъияти пешинаи онро нишон медиҳад. Ва агар мо бо андешаи кӯҳна, ба қолиби мавҷуда, нуқтаи назарҳои шахшуда тақлид намоем, он гоҳ ҷамъият ҳамеша гирифтори вазъияти карахтию рукуду бозмондагӣ хоҳад шуд. Барои ҳамин ҳам дар марҳалаи ҳозира барои мо муҳимтар аз ҳама аз нигоҳи танқидӣ таҳаммул намудани имкониятҳои воқеии системаи кӯҳна мебошад. Яъне мо бояд аз ҳама чизҳои фарсудаю зарарнок даст кашида, вале аз тамоми чизҳои дигари ҳаётӣ, ки халқ қабул карда

писандидааст ва дар пешрафти мо ба сатҳи сифатан нави ҷомеа боз солиёни дароз кӯмак расонда метавонанд, худро дур нагирем.

**Хурофоти ҷамъиятӣ** — хоҳ хурофоти коммунистӣ бошаду хоҳ исломӣ ва хоҳ буржуазӣ бошаду хоҳ дигар дастурҳо бисёр сахтҷонанд, — аз ин хотир фақат озодии инсон метавонад маҳаку меъёри пешрафти ҷомеаро таъин бикунад.

Дар ибтидои асри XX озодӣ бештар ба маънои баробарӣ ба кор бурда мешуд ва ҳарчанд ин ақида барои пешрафти ҷомеа таконе дода бошад ҳам, дар ниҳояти кор сабабгори рукуду бозмондагӣ шуд.

Кӯшишҳои фароҳам овардани баробарии одамон, ки озодии шахсиятро пайваста маҳдуд менамуд, яке аз зиддиятҳои куллии тафаккури аз ҳад хурофотии сиёсатмадорони он вақтҳо буд.

Албатта, фаҳмиши диалектикии категорияҳои озодӣ ва баробарӣ басо боназокат аст. Онро ҳар кас ба дараҷаи фаҳмиши худ маънидод мекунад. Баробарие, ки озодии шахсиятро фароҳам намеоварад, тарафи дигари нобаробарию беҳуқуқист ва ҳамчунине, ки шароитҳои якхелаи озодии шахсиятро таъмин намекунад, роҳест ба сӯйи ҷудоиандозӣ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ ба табақаҳо тақсим кардани одамон, ба ибораи дигар роҳест ба сӯйи нобаробарӣ.

Аммо тамоми мушкилоти таъмини озодии шахсият имрӯз ба иродаи сиёсии роҳбарияти ҷумҳурӣ вобаста набуда, ба ноомодагии шароитҳои сиёсию иқтисодии ҷамъият барои давраи сифатан нави он вобаста аст.

Шароити мусоиди сиёсию иқтисодиро ба кадом роҳ фароҳам овардан мумкин аст. Пеш аз ҳама бо роҳи ислоҳоти пай дар ҳами иқтисодӣ, ки муносибатҳои оқилонаи бозаргониро таъмин карда метавонад. Гузаштан ба муносибатҳои бозаргониро мо мақсади холиси ислоҳот маънидод намекунем. Бозор ба сари худаш танҳо василa ва механизми амали мураттаби иқтисодиёт буда метавонад. Шарти асосӣ ба манфиатҳои харидорон тобеъ кардани истеҳсолот, таъмини мубодилаи озоду баробарбаҳои мол дар сурати мавҷуд будани шаклҳои гуногуни моликият мебошад.

Ба ин муносибат мехоҳам тазаккур диҳам, ки дар давлати мо, ба фикри ман, ягон шакли моликият набояд

афзалият дошта бошад. Ба фикри мо, барои фавран ва саросар хусусӣ гардонидани моликияти давлатӣ ҳам ягон зарурат нест. Имкон дорад, ки аксарияти моликияти давлатиро дар марҳалаи ҳозира барои истифодабарӣ ба ихтиёри коллективҳои меҳнаткашон иҷора диҳем, ба шарте ки онҳо ҳаққи фурӯхтани ин моликиятро надошта бошанд.

Мо бояд таҷрибаи талхи саросар хусусигардонии моликияти давлатиро дар дигар мамлакатҳои давлатҳои муштаракулманофеъ аз хотир набарорем. Яке аз чунин ҳодисаҳои номатлуб — мустаҳкам шудани мавқеъҳои сохторҳои фосиди ришвахӯрӣ мебошад. Пӯшида нест, ки дар вазъияти ҳозираи ҳуқуқӣ ва қашшоқии саросарии табақаҳои заҳматкаши Ҷумҳурӣ хусусигардонии ҳамагонӣ боиси аз даст додани мавқеъҳои асосии давлат дар иқтисодиёт ва дигар оқибатҳои ҳузнангез мегардад. Аз ин раванд танҳо корчаллонҳои ҳанноту ришвахӯр бурд карда метавонанд. Барои он ки роҳҳои аз хазинаи давлат ба сохтори тиҷоратӣ кӯчидани воситаҳоро бубандем, мо бояд пеш аз ҳама дар соҳаи қонунгузорӣ тайёрии пешакӣ бубинем.

Дар шароите, ки мо дорем, бе танзими сахти ин раванди бисёр дардовар аз тарафи давлат гузаштан ба иқтисодиёти бозоргонӣ ғайри имкон аст. Дар ин ҷо ягон шакку шубҳа нест. Баъд аз мӯътадил гардидани вазъияти иқтисодӣ мо бояд бо тадриҷан ба усули тиҷоратӣ гузаштани корхонаҳои давлатӣ шурӯъ намуда, ҳамзамон ба тараққии бахши пурқуввати моликияти хусусӣ, ба вижа дар соҳаи истеъмолот машғул шавем. Баробари ба вуҷуд омадану ҷорӣ гаштани фазои ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти корчаллонӣ бояд тадриҷан омилҳои маъмурии идоракунӣ суст шуда, ҷойи онҳоро омилҳои молиявию вомдиҳӣ бигиранд.

Дар марҳалаи ҳозира давлат истеҳсолотро бояд бо ин мақсадҳо танзим намояд:

— ҷорӣ кардани сиёсати фаъолонаи вомдиҳӣ ва дастгирӣ намудани бозсозии сохтори иқтисодиёт, зиёд кардани содироти маҳсулоти тайёр;

— аз ҷиҳати молиявӣ мадад расондан ба пешрафти илму техника;

— мубориза беамон бо ришвахӯрӣ;

— дастгирӣ намудани корчаллонии хусусӣ ва рақобати озоди бозоргонӣ;

— дастгирии иҷтимоии доираҳои камбизоати аҳолӣ ва фароҳам овардани шароити якхела барои ошкор сохтани қобилияти одамон ба кор.

Пурзӯр намудани таъсири танзимкунандаи давлат шарти зарурӣ, вале нокифояи бомуваффақият ҷорӣ кардани ислоҳоти дарпешистодаи иқтисодӣ мебошад. Дар ҳаёт ҳама чиз бо якдигар пайванду вобастагӣ дорад. Таҷрибаи солҳои охир нишон дод, ки ягон барномаи оличанобии иқтисодӣ, ки аз тарафи аксарияти аҳолӣ маъқул дониста шудааст, агар бо тамоми нерӯ аз тарафи давлат дастгирӣ набинад, ягон фоида оварда наметавонад. Мо дар гузаштаи наchandон дур барномаҳои хуби иқтисодӣ тартиб дода будем, вале авзои сиёсӣ ҳамаи онҳоро ба боди фано бурд.

Имрӯз пеш аз он ки масъалаҳои кулли иқтисодиро ҳал бикунем, вазифадорем, ки аввал амнияти давлатамонро таъмин намоем —артишро созмон дода, милиса, КАМ, дигар сохтори ҳифозати ҳуқуқро мустаҳкам намоем, зеро давлате, ки худашро муҳофизат карда наметавонад, ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонашро таъмин карда наметавонад, аслан ягон арзише надорад.

Мустаҳкам гардидани сохтори давлати мо бояд ҳамзамон ва тавъам бо сиёсати хориҷӣ, такмил додани муносибатҳои байнидавлатӣ бо кишварҳои муштаракулманофеъ ва дигар давлатҳои дунё сурат бигирад.

Дар ин ҷо боз як чизи дагарро бояд алоҳида таъкид кунам: ба зарари сиёсие, ки демократҳои исломӣ бо амалиёти хунини худ ба обрӯйи ҷумҳурии мо расонданд, нигоҳ накарда, ҳамон тавре ки ҳавосанҷи муносибатҳои байналхалқӣ нишон медиҳад, мардуми Тоҷикистон бо мубориэаи қаҳрамононаи худ бар зидди ин ғосибон на танҳо мавриди дилсӯзию ҳамдардии мардумони саросари дунё қарор гирифт, балки ёриҳои қобили мулоҳизаи маънавию сиёсӣ ва моддӣ ҳам мегирад.

Тоҷикистон дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва дигар масъалаҳо мавқеъҳои мустаҳками баробарҳуқуқ дорад. Ба туфайли кӯшиши нерӯҳои солимфикри ҷумҳурӣ ҳатто дар давраи ҳукмронии демократҳои исломигаро ҳам онҳо натавонистанд муносибатҳои моро бо кишварҳои бародар халалдор созанд.

Ҳайати вакилони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷамъомадҳои Сарони давлатҳо ва Шӯрои роҳбарони ҳукуматҳои кишварҳои муштаракулманофеъ ба таври

ҳамешагӣ фаъолона иштирок меварзад. Мо ба хотири зарурати самараноктар шудани ҳамкории иқтисодӣ бо кишварҳои муштаракулманофеъ дар ҳалли масъалаҳо мавқеъҳои устувори усулӣ дорем. Дар вохӯрии шаҳри Минск моҳи январи соли 1993 пешниҳоди ман дар бораи такмил додани сохтори мақомоти танзимкунандаи кишварҳои муштаракулманофеъ ва ба сатҳи баландтар бардоштани мақоми намояндагони доимии давлатҳо, ки бо ҳуқуқҳои баробар кор мекунанд, аз тарафи аксарияти роҳбарони давлатҳо бо хушнудӣ пазируфта шуд.

Мо дар гуфтушунидҳо мавқеъҳоеро дастгирӣ мекунем, ки муносибатҳои бисёртарафа ё дутарафаи кишварҳои муштаракулманофеъро устувор гардонда, фазои ягонаи иқтисодӣ, ахборотӣ ва ҳуқуқиро нигоҳ медоранд. Зиёда аз ин, мо тарафдори масоҳатҳои ягонаи миллӣ, ё агар боз ҳам равшантар бигӯем, тарафдори **фазои ягонаи инсонӣ** ҳастем.

Мустаҳкам намудани муносибатҳои хоҷагӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар муносибатҳо бо кишварҳои муштаракулманофеъ қувваю имконияти аз ҳама пурзӯртарини инкишофи ҷумҳурии мо маҳсуб мешавад.

Тоҷикистон бо тамоми қувва ҷидду ҷаҳд менамояд, ки ҳамчун давлати соҳибихтиёр баробари андӯхтани имконияти иқтисодию сиёсии худ дар муносибатҳояш бо ҷомеаи байналмилалӣ мақоми шоиста дошта бошад.

Чанде пеш ҳайатҳои вакилони давлатию ҳукуматии мо аз ду кишвари бузурги ҳамсоя Чин ва Ҳиндустон дидан карданд.

Фаъолияти сиёсӣ ва иқтисодии мо бо хориҷа дар соҳаҳои дигар низ бояд минбаъд боз ҳам тавсиа биёбад.

Дар айни замон, ба фикри ман, мо бояд аз хатари танҳо ба хотири манфиатҳои зоҳирӣ саргарми сафарҳои хориҷӣ шудан эҳтиёт бошем. Таҷрибаи як қатор кишварҳои муштаракулманофеъ нишон медиҳад: дипломатияи ҷавони ин кишварҳо бисёр вақтҳо он чизро сарфи назар мекунад, ки мақсад аз барқарор кардани робитаҳои хориҷӣ пеш аз ҳама ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ аст.

Мо бояд тиҷорати бароямон манфиатбахшро ёд бигирем, кредитҳои судбахши хориҷиро дарёфт намоем, корхонаҳои муштарак бисозем, ба ибораи дигар, аз имкониятҳои хуби тамаддуни башарӣ бархурдор бошем.

Мо имрӯз мураккабӣ ва мушкилии ҳамаи он масъалаҳоеро, ки пешорӯйи давлати ҷавону соҳибистиқлоли мо қарор гирифтаанд, ба куллӣ дарк мекунем ва ба иродаву дастгирии халқ такя намуда, бо роҳи пешгирифтаи халқ — бунёди давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд ба таври қатъӣ ва устуворона пеш меравем.

## МУРОҶИАТ
## БА МУНОСИБАТИ СОЛГАРДИ БА УЗВИЯТИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ҚАБУЛ ШУДАНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Марти соли 1993

**Ҳамдиёрони азиз!**

Як сол қабл — 2 марти соли 1992 Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид қабул гардида буд, ки он қуллаи раванди босуръати эътирофи сиёсии давлати навзабунёди мо аз тарафи ҷомеаи байналхалқӣ ба шумор меравад.

Ба узвият қабул шудани миллати мо ба ин созмони барӯманд, ки баҳри таъмини баробарҳуқуқӣ, сулҳ ва амнияти мардумони олам пайваста мубориза мекунад, дар таърихи сиёсии ҷумҳуриамон муваффақияти навбатӣ гардид.

Ин амр барои фаъолияти бехатару самараноктари байналхалқии ҷумҳурӣ барои иштироки бевоситаи он дар ҳалли масъалаҳои умдатарини дар назди инсоният истода имкониятҳои хуб фароҳам овард. Вале, чунон ки маълум аст, пас аз сипарӣ шудани муддати начандон тӯлонӣ раванди инкишофи кишвари мо бо сар задани фоҷиаи миллӣ, — ҷанги бародаркуш тира гардид.

Имрӯз, ба туфайли тадбирҳои фаъолонае, ки идораҳои Ҳукумати конститутсионӣ андешида истодаанд, раванди тадриҷан ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ ҷараён дорад.

Мо ҷонибдории афзудаистодаи на танҳо мардумони Тоҷикистон, балки ҷонибдории ҷомеаи ҷаҳонро нисбат ба

барқарор кардани сохтори идораҳои маҳаллӣ, низоми қонунӣ ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандии одамон ҳис карда истодаем, ки ин ба дурустии фаъолияти мо далолат мекунад.

Моро лозим меояд, ки саъю кӯшиши худро баҳри пурра ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ, барқарор кардани иқтисодиёти харобгашта, таъмин намудани ҳаёти осоиштаи иҷтимоиву фарҳангӣ фаъолонатар гардонем. Дар муваффақ шудан ба ин ниятҳои нек, мо пеш аз ҳама ба халқи меҳнаткашу эҷодкори кишварамон, ба тамоми мардумони кишварҳои ба мо дӯст, ки дар ин марҳилаи фоҷианок ба мо кӯмаки беғаразона карданианд, такя менамоем.

Ҳоло барои мо лозим аст, ки фаъолонатар ва собитқадамонатар ба пеш ҳаракат намоем ва дар назар дошта бошем, ки ҳама гуна ҳаракат ва таваҷҷӯҳот бояд пешакӣ ва дуруст арзёбӣ шуда бошанд. Ман ба маротиб изҳор карда будам ва бори дигар изҳор менамоям, ки роҳбарияти кишвар роҳи бунёд кардани давлати ҳуқуқиву демократӣ ва дунявиро пеш гирифтааст. Мо дар фаъолияти худ фирефтаи усули радикализм нашудаем ва амали ягон ҳизби сиёсиро манъ накардаем, гарчанд баъзе ҳизбҳои сиёсӣ дар кори ба вуқӯъ пайвастаи ҷанги гражданӣ осори муайяне гузоштанд.

Мо омода ҳастем бо ҳамаи тарафҳое, ки хоҳиши ҷумҳуриро зудтар аз бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ баровардан доранд, мусоҳиба кунем. Мусоҳиба баҳри эҷод, на баҳри харобиоварӣ.

Дар ҷашни солгарди муборак, мехостам аз номи роҳбарият ва мардуми кишварамон Созмони Милали Муттаҳид, тамоми ҷомеаи ҷаҳониро бовар кунонам, ки Ҳукумати конститутсионии Тоҷикистон ба пояи бечунучаро риоя кардани аҳкоми Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Ҳуҷҷати хотимавии Хелсинкӣ, Баёнияи Париж, Эъломияи ҳуқуқи башар ва ҳуҷҷатҳои дигари байналхалқӣ меистад ва хоҳад истод. Ҳукумат пайваста саъю кӯшиш мекунад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои тамоми шаҳрвандон сарфи назар аз мансубияти миллӣ, динӣ, эътиқоди сиёсӣ ва маҳали зист таъмин карда шаванд.

Ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид, Тоҷикистон дарҳои худро барои ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои байналхалқӣ кушодааст. Бо хоҳиши мо ба ҷумҳурӣ ҳайати намояндагии Созмони Милали Муттаҳид

бо сарпарастии ҷаноби Ливу Бота омад. Мо саҳми Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Бутрос Ғолиро дар кори ҷалб кардани таваҷҷӯҳи ҷомеаи байналхалқӣ ба зарурати ҳарчи зудтар бартараф кардани буҳрон дар Тоҷикистон, расонидани кӯмаки моддӣ ба мардуми ҷумҳурӣ медонем ва тақдир мекунем.

Бояд тазаккур кард, ки мо ҷонибдори тақвият додани роли Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои марбути ба вуқӯъ омадани ҷангҳо ва ихтилофот, тазодҳои милливу этникӣ, иҷрои бечунучарои қарорҳои он ва мусоидати ҳаматарафа баҳри татбиқи ҳадафҳои накӯкоронаи ин созмони барӯманди байналхалқӣ мебошем.

Ҷомеаи ҷаҳонӣ ба марҳилаи нав дохил шуда истодааст. Халқи тоҷик якҷоя бо халқҳои дигар ба раванди дастҷамъона эҷод кардан дохил гардидааст ва ман итминон дорам, ҳамдиёрони азиз, ки бо кӯмаки шумо ва ёрии холисонаи дӯстон Тоҷикистон дар байни кишварҳое, ки саъй доранд сайёраамонро ба олами беҷангу ҷабр ва ба олами меҳнату эҷод табдил диҳанд, мақоми муносибро ишғол хоҳад кард.

# НАВРӮЗАТОН ПИРӮЗ БОД!

## ТАБРИКНОМА БА МУНОСИБАТИ ИДИ НАВРӮЗ

Марти соли 1993

Имрӯз ба сарзамини мо қадами зиндагисози баҳори нозанин! —Наврӯзи дилнишин фаро расидааст. Ин рӯзи саид ба ҳамаи мову шумо муборак бошад. Ба диёри кӯҳансоли мо, ба кӯҳу водиҳои мо нафаси тозае омадааст, Худо кунад, ки ин нафаси ободӣ, озодӣ, сулҳу салоҳ ва бахту саодати мулкамон бошад.

**Падарону модарони азиз, бародарону хоҳарони меҳрубон, фарзандони гиромӣ!**

Мо дар остонаи Наврӯзи оламафрӯзи имсола истода, ба роҳи гузаштаамон назар мекунему хун мегирйем. Зеро дар як соли охир ин қадар тоҷику тоҷикистонӣ хонабардӯшу гуреза шуд, ин қадар хонаву дар сӯхта, боғу полез, шаҳру деҳа вайрону валангор гардид, ки амсолашро таърихи халқу Ватанамон ёд надорад. Дар ин як соли охир бечорагии миллату кишварамон ба ҳоле расид, ки онро метавонем вартаи ҳалокат гӯем.

Шумо ба хотир доред, ки як сол пеш — дар ҳамин рӯзҳои баҳорӣ иддае аз одамони қонуннописанди вазифахоҳ худро ҳомии мардуми кишвар, Ҳукумати қонуниро бошад, бадхоҳи сарзамин эълон намуда, митинге оғоз карданд, ки 48 рӯз давом кард. Қариб 50 рӯз ҳазорҳо одамон, ки

аксарияти онҳо бо чормагзи пуч фиреб дода, ё бо фишору таҳдид маҷбур карда шуда буданд, хонаи худро, ҷойи кори худро тарк карда, омада дар майдони "Шаҳидон" нишастанду аввал бо шиор, сипас бо зӯри дасту бозу ва охирон бо силоҳ ба муқобили Ҳукумати қонунӣ мубориза сар карданд. Онҳо баҳори мулкро ба мавсими хазонрез, кишвари ободро ба сарзамини пурхуну вайрона мубаддал сохтанд.

Ин сухан муболиға нест. Водии зархези Вахш, ки онро ду насли падарону бобоёни мо дар тӯли 60 соли охир обод карда буданд, имрӯз ба ҳолате расидааст, ки аз нав бунёд кардан лозим меояд. Даҳҳо заводу фабрика, кӯпруку роҳе, ки халқи мо бо хуни ҷигар сохта буд, ба ҳолате расидааст, ки аз нав сохтан осонтар аст. Ҳазорҳо мошину техникаи хоҷагии халқ вайрону корношоям ва ғорат шудааст. Ҳазорҳо сар чорвои ҷамъиятиву шахсӣ нобуд гардидааст.

Ҳамаи ин барои он рӯй дод, ки чанд кас бо роҳи қонунӣ вазифа гирифта натавонисту баъд ба рӯй ниқоб кашид. Ниқоби демократия, озодии миллат, бахту саодати халқ, тақвияти ислом.

Халқ, аксарияти кулли мардуми Тоҷикистон, дер бошад ҳам, нимкосаи таги косаи мардумфиребонро пай бурда, қиём кард. Аз саросари ҷумҳурӣ аввал садои эътироз шунида шуд, сипас ҳаракати муқовимат ба миён омад. Бо тавтиаю валвалаи онҳое, ки обро лой карда, моҳӣ доштанӣ буданд, Тоҷикистон ба гирдоби бало гирифтор шуд ва дар натиҷаи ҷангу офат хонае, хонадоне, оилае намонд, ки боди сарди марг ба он нарасида бошад.

Дар байни ҳазорҳо қурбониёни ин ҷанг мисли Прокурори генералӣ Нурулло Ҳувайдуллоев, депутатҳои халқ Муродулло Шералиев, Мавлон Олимов, муовини раиси кумиҷроияи вилояти Кӯлоб Сайфиддин Сангов, раиси кумиҷроияи шаҳри Рогун Ҳафизов одамоне буданд, ки ба қасди ҷони касе ба даст яроқ нагирифтаанд, ҳазорҳо нафар пиру наврас ва заноне буданд, ки дар ягон кор шарик набуданд, гуноҳе надоштанд.

Халқи азиз, биёед ба худ фикр кунем: ҳамаи ин кушторҳо, ҳамаи ин сӯхторҳо барои кӣ ва барои чӣ даркор буд? Магар касе ба озодии хонадони мо, виҷдони мо, бехатарии моликияти мо, сарзамини мо таҳдид карда буд? Магар касе моро ба роҳи бад ҳидоят мекард?

Мардуми азиятдидаи Тоҷикистон, биёед аз худ бипурсем: куҷо шуданд онҳое, ки даъвои падару доҳигии миллат мекарданд? Чаро халқи худро ба ин рӯз гирифтор карда, худ фирор карданд?

Ман узр мехоҳам, аз шумо ҳамдиёрони азиз, ки дар арафаи ид ҳам маҷбур шудам, ин чизҳоро ёдоварӣ намоям. Аммо чӣ илоҷ, маҷбурам, зеро зиндагии як соли охири халқи мо ҳамин аст.

**Ҳамдиёрони меҳрубон!**

Агар гӯям, ки зимистони сиёсие, ки аз Наврӯзи соли гузашта дар Тоҷикистони мо оғоз шуда буд, тирамоҳи соли гузашта, аз сессияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ рӯ ба баҳор овард ва имрӯз дар баҳори ҳақиқии зиндагӣ аввалин гулҳои он мешукуфад, ғалат намешавад. Вале мо ҳаргиз набояд хотирҷамъ шавем. Мо ҳанӯз Тоҷикистонро пурра аз он рӯзҳои талх нараҳондаем. Зеро дар тӯли ҳашт моҳи пурмоҷарои соли гузашта чунон харобиҳое ба амал омад, ки дар се чор моҳ ислоҳ кардани он кори номумкин аст. Аммо муҳим он аст, ки мо ислоҳашро шурӯъ намудаем ва инро шумо эҳсос мекунед. Оромии имрӯзаи минтақаҳое, ки то аввалҳои декабр дар он ҷойҳо ҷанг буд, ба тартиб омадани ҷараёни кор дар ҳамаи корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои ҳукумативу ҷамъиятӣ, мактабҳо, силоҳсупорӣ, ба хона бозгаштани гурезаҳо — ҳамаи ин нишонаи авзои нави сиёсии мо мебошад.

Имрӯзҳо гурезагони водии Вахш, ки дар меҳмонхонаву хобгоҳҳои шаҳри Душанбе ба ҳоли зоре зиндагӣ мекарданд, сад-саду ҳазор-ҳазор ба иқоматгоҳи аслии худ бозмегарданд.

Ҳамаи ин ба мо умед мебахшад, бовар дошта бошем, ки ин баҳори нозанин дар роҳи аз қашшоқӣ, бехонумонӣ, дастнигарӣ ва оворагӣ наҷот ёфтани халқи тоҷик қадами муборакe мешавад. Ин роҳи душвор аст, вале мо аз мушкилиҳо ҳарос надорем. Маҳз ҳамин роҳи душвор буд, ки бо шарофати он мо озодию истиқлолиятамонро муҳофизат карда тавонистем. Имондорона мегӯям, ки маҳз ҳамин роҳи душвор моро ҷониби мақсади наҷиб—барпо кардани давлати дунявӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёд мебарад.

Хоҳиши ягонаи ман аз шумо ҳамин аст: барои он ки ҳарчи зудтар мақсади некамон ҳосил шавад, ба ҳар гуна

овозаҳои бардурӯғ бовар накунед ва итминон дошта бошед, ки Ҳукумати имрӯза ба ғайр аз бахту саодати халқи худ, ба ғайр аз ободии диёри худ, ба ҷузъ аз нодорӣ раҳонидани мамлакати худ мақсади муқаддастар надорад.

Иҷрои ин мақсад бошад, ба меҳнату дилгармии шумо — деҳқонону чорводорон, коргарону сохтмончиён, духтурону муаллимон, зиёиён, хулоса тамоми халқи Ватани азизамон вобаста аст ва боварии комил дорам, ки ба зудӣ мо роҳи рости худро меёбем.

**Падарону модарон, хоҳарону бародарон, фарзандони азиз!**

Имсол ҷашни фархундаи наврӯзии мо ба иди муборaки Рамазон ба як вақт мувофиқ омад. Ин ба назари ман як рамзи нек, як фоли дилхушкунанда аст. Ҳарду ин иди муқаддас барои ҳамаи шумо муборак бошад. Илоҳо офтоби сафобахши баҳор хонаи ҳамаатонро мунаввар кунад.

**Наврӯзатон пирӯз бод**

**Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!**

# БАҲРИ ОБОДИИ ВАТАН

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ КОРМАНДОНИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

Марти соли 1993

**Рафиқони азиз!**

**Меҳмонони мӯҳтарам!**

Дар ин рӯзҳои арафаи иди Наврӯз ва иди шарифи Рамазон маҷлиси кормандони комплекси агросаноатӣ ба муайян кардани нақшаю вазифаҳои бартараф намудани оқибатҳои ҷанги бародаркушӣ бахшида мешавад.

Бо дарназардошти он ки баъди воқеаҳои ба шумо маълум бори аввал чунин ҷамъомади умумиҷумҳуриявӣ баргузор мегардад, иҷозат диҳед оид ба вазъи сиёсию ҷамъиятии ин соли сипаришуда мухтасар сухан ронам. Дар ҳолате, ки ҳамсояҳои бо мо як сарнавишти умумидошта ба тараққиёти мустақими сиёсию иқтисодӣ қадам гузоштанд, мо бошем, бо гуноҳи гурӯҳи мансабталабе ба оташи ҷангу низоъ гирифтор шудем. Онҳо зери ниқоби демократия мехостанд зӯран Ҳукуматро ба даст оранд ва барои ноил гаштан ба ин мақсади нопоки худ Тоҷикистонро ба майдони куштор, хонаи ободи моро ба харобазор табдил доданд, тоҷикистониҳо дар хонаи худ гуреза ва бехонумон монданд.

Дар натиҷаи бетарафӣ, аз бисёр ҷиҳат яктарафии бархе аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хусусан Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи амнияти миллӣ таъқиби одамон аз рӯйи миллат ва маҳали зист рӯз ба рӯз суръат мегирифт.

Бештар аз ин, изҳороти бефикронаи баъзе роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ дар бораи гаравгон будани аҳолии русзабон, ба он оварда расонд, ки аз ҷумҳурӣ шумораи зиёди онҳо кӯчида рафтанд. Худи халқи тоҷик ҷойҳои ободу маскани гузаштагони худро тарк гуфта, аз рӯйи маҳалҳо аз ҳам ҷудо гардиданд.

Имрӯз аллакай ба ҳама маълум аст, ки сабаби асосии ин бадбахтӣ даъвои ҳокимият, талаботҳои ғайри-конститутсионии гурӯҳи шахсоне буданд, ки дар охир ба фалаҷшавӣ ва бӯҳрони ҳокимияту ҷанги бародаркушӣ оварда расонд. Қонуншиканӣ барои баъзе шахсоне, ки даъвои ҳокимият мекарданд, як чизи маъмулӣ шуда буд. Онҳо ба таври зӯрӣ "Ҳукумати муросои миллӣ" ташкил карданд, ки ҳукумати лӯхтакмонанди онҳоро хушбахтона зиёда аз 80 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ ҷонибдорӣ накарданд. Ба ин нигоҳ накарда, "ҳукумат" бо қувваҳои мухолифин як шуда, бо дастгирии бевоситаи қозиёт бар зидди халқи худ ҷангро сар карда, аҳолии бештар аз 800 ҳазорнафараи собиқ вилояти Кӯлобро дар муҳосираи иқтисодӣ нигоҳ дошт. Ҳаёти қариб як миллион нафар ба хатари аз байн рафтан гирифтор шуда буд. Чандин моҳҳо меъёри истеъмоли нон барои як нафар аз 35-50 грамм зиёд набуд ва ин мардуми моро ба чӣ оварда расонд, ба ҳамаи шумо маълум аст.

Соли гузашта зиёда аз 8 моҳ дар пойтахти ҷумҳурӣ шаҳри Душанбе, собиқ вилояти Қӯрғонтеппа ва дигар ноҳияҳо силоҳбадастон — бунёдгароёни исломӣ ба куштор даст заданд, ба хонаҳои мардум зада даромада онҳоро ба ҷойҳои номаълум мебурданд, бо азобу шиканҷаҳои ваҳшиёна мекуштанд, ҷасадҳоро месӯзонданд. Танҳо мухолифини "демоисломӣ" тавонист, ки ҳамсояю хешу тобори наздикро ба хуҷандӣ, ғармӣ, ҳисорӣ, бадахшонӣ, кӯлобӣ, ӯзбек ҷудо карда, хонаҳоро сӯзонад. То имрӯз модарон, арӯсони ҷавоне, ки бе шавҳар мондаанд, кӯдакони ятим гирёнанд, дарду андӯҳ ва изтироб бароиояндаи худ дар дили аксари сокинони ҷумҳуриамон то ба ҳол аз байн нарафтааст.

Косаи сабри халқи азияткашида аз террор, ваҳшигарӣ ва ҷиноятҳои мухолифин лабрез гардид, мардум дар атрофи фронти халқӣ таҳти роҳбарии Сангак Сафаров муттаҳид шуда, даъвати сессияи фавқулоддаи Шӯрои Олӣ ва истеъфои "Ҳукумати муросои миллӣ"-ро талаб карданд.

Моҳи ноябри соли 1992 иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барпо гардид ва истеъфои ин ҳукумати сохтаномро қабул карда, Ҳукумати нави конситутсиониро интихоб намуд, ки он чор моҳ боз фаъолият карда истодааст.

Дар зарфи ин муддати кӯтоҳ корҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Аз ҳама муҳим он аст, ки қарорҳои сессия ва фаъолияти сулҳҷӯёнаи роҳбарияти ҷумҳурӣ аз тарафи тамоми халқи ҷумҳурӣ ва берун аз он тарафдорӣ карда мешавад, ки ин барои тадриҷан мӯътадил гардонидани вазъият ба мо рӯҳу қувват мебахшад.

Қонун дар бораи афви умум қабул шуд, ки аз рӯйи он тамоми шахсоне, ки дар давраи аз 27 май то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят содир карда буданд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудаанд. Инчунин қонун дар бораи гурезаҳо қабул гардид, ки мувофиқи он ба тамоми гурезаҳо, то ҳадди имкон кӯмаки зарурӣ расонида мешавад. Имрӯз зиёда аз 400 ҳазор гурезагон ба манзилҳои муқимии худ баргардонида шуданд.

Раёсати Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба супоридани силоҳ аз тарафи гурӯҳҳои силоҳбадаст, мустаҳкам кардани Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи амнияти миллӣ, марзи ҷумҳурӣ, беҳбудии вазъи иқтисодии он ва ғайра як қатор қарорҳо қабул карда, онҳоро ба ҳаёт татбиқ намуда истодаанд.

Мақсади мо бунёди давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд аст. Ин мақсаду мароми аксарияти аҳолии ҷумҳурӣ мебошад. Ин роҳи мост ва мо ҳеҷ вақт аз ин роҳ намегардем.

Аммо, чунонки халқи мо медонад, як гурӯҳ моҷароҷӯён дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ташкил карда, пешниҳодҳои сулҷӯёнаи бисёркаратаи роҳбарияти ҷумҳуриро инкор карданд ва ҷанги бародаркуширо дар баъзе ноҳияҳои кӯҳӣ давом медоданд.

Рафиқон! Бисёрии шумо мурочиатномаи маро ба сокинони ноҳияҳои Ғарм, Комсомолобод, Тоҷикобод, Ҷиргатол шояд хонда ё аз садо ва симои ҷумҳурӣ шунида бошед. Дар ин ноҳияҳо дастаҳои мусаллаҳ амал карда, аз иҷрои фармони Раёсати Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дар бораи супоридани аслиҳа худдорӣ мекарданд. Онҳо умед доштанд, ки ҳокимияти аз дастдодаро дубора ба худ баргардонанд.

Ман ҳамчун роҳбари давлат, масъулияти азимро ба дӯш дошта, ба хоҳишу талаботи чандкаратаи халқ, депутатҳои

тамоми ноҳияҳои номбурда ва намояндагони ин ноҳияҳо, ки дар вазифаҳои роҳбарикунандаи ҷумҳурӣ кор мекунанд, такя карда, бо мақсади ҳарчи зудтар мӯътадил гардонидани авзои ҷамъиятиву сиёсӣ дар мамлакат ва аз байн бурдани дуздиву горатгарӣ барои даровардани қувваҳои мусаллаҳи ҳукуматӣ розигӣ додам.

Боиси хушбахтист, ки дар ин ноҳияҳо низ ҳаёт рӯз аз рӯз ба маҷрои муқаррарии худ даромада истодааст.

Дастаҳои ҷинояткор, ки рӯз то рӯз шумораи онҳо кам шуда истодааст, то ҳол овозаҳои бардурӯгро паҳн мекунанд, ки гӯё роҳбарияти ҷумҳурӣ халқи шарифи тоҷикро аз дин ҷудо мекарда бошад.

Ман боварӣ дорам, ки аксарияти ҳозирон, хусусан кӯҳнасолони ҳаётдида хуб мефаҳманд, ки тоҷикон ҳеҷ вақт зидди ислом набуданд, ҳеҷ як роҳбарият наметавонад исломро аз ҷону дили мо берун кунад. Халқи тоҷик мусулмони асил мебошад, аммо он қатъиян зидди бунёдгароии исломӣ аст. Чунки дар зарфи чанд моҳ ҳар як тоҷик "мева"-и бунёдгароиро чашид. Халқ тамоми ваъдаҳои бардурӯг ва корҳои ҳақиқии бунёдгароёнро, ки ба куштору вайронкориҳо оварда расонд, бо чашми худ дид. Маҳз барои ҳамин халқ якдилона бунёдгароии исломиро инкор кард, на дини исломро.

Бояд гуфт, ки амалиёти онҳо ба халқи тоҷик ва тамоми миллатҳои маскуни ҷумҳурӣ талафоти бебозгашт расонид. Дар ин ҷанг зиёда аз 20 ҳазор нафар кушта, даҳҳо ҳазор нафар беному нишон гум шудаанд, сарнавишти бисёрии онҳо маълум нест.

Ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ низ зарари калони моддӣ расонида шуд. Аз рӯйи ҳисобу китоби пешакӣ зарари умумие, ки ба ҷумҳурӣ расонида шудааст, қариб 300 млрд. сум мебошад. Чунонки ба шумо маълум аст, соли гузашта иқтисод ва идораи хоҷагии халқ фалаҷ гардида буд. Тоҷикистон воқеан аз сарчашмаҳои худ бо маблаг таъмин намешуд ва дар муҳосира қарор дошт, бо ҷаҳони беруна ягон алоқа надошт.

Хусусан иқтисоди вилояти Хатлону водии Ҳисор зарари зиёде дидааст. Шаҳру ноҳияҳо, садҳо қишлоқҳо, корхонаҳои сершумори кишоварзӣ, саноатию нақлиётӣ, объектҳои сохтмонӣ ва хоҷагии об пурра ё қисман аз байн бурда шудаанд, бисёрии беморхонаҳо, кӯдакистонҳо

бераҳмона ғорат гардиданд. Садҳо ҳазор сар чорво дуздида ва кушта шуд, қариб 8 ҳазор техника ва автомашинаҳои колхозу совхозҳоро дуздиданд. Зиёда аз 300 ҳазор тонна пахта дар пахтазорҳо, даҳҳо ҳазор тонна мева, ангур, картошка, сабзавот ночида монд, арзиши хонаҳои сӯхта, кӯпрукҳои таркондашуда, таҷҳизоту дастгоҳ ва техникаи ғоратшударо бо пул чен кардан мумкин ва боварӣ дорам, ки агар аз як гиребон сар бароварда меҳнат кунем, онҳо барқарор мешаванд. Аммо оби чашм, ғами дил, оҳи сарди сағирони бе падар мондаю модарони фарзандгумкардаро бо чӣ чен кунем. Мумкин он ба ном падару модари миллат, ки моро ба ин рӯз оварданд, воҳиди ченаки худро дошта бошанд.

Рафиқон! Вазъияти имрӯзаи Тоҷикистон ба ҳамаи шумо маълум аст. Аз ҷумла барои фаъолияти мунтазами корхонаҳои кишоварзӣ ва агросаноатӣ сӯзишворӣ, дигар захираҳои ашёи хом намерасад. Бояд таъкид кард, ки ин рӯзҳои вазнин барои ҷумҳуриамон пеш аз ҳама дар натиҷаи меҳнати фидокоронаи халқамон ва ёрию мадади башардӯстонаи мамлакатҳои ба мо дӯст паси сар хоҳад шуд ва шуда истодааст.

Имрӯз мову шумо бояд тавре меҳнат кунем, ки фардо бо сари баланд ба чашми фарзандони худ нигоҳ кунем, назди халқи худ ва таърих шарманда нашавем.

Чунон ки ба шумо маълум аст, аввали моҳи январи соли ҷорӣ дар шаҳри Тошканд вохӯрии Сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ барпо гардида буд. Дар вохӯрӣ авзои сиёсию иқтисодӣ дар ин минтақа баррасӣ гардид. Бояд таъкид намуд, ки масъалаи ёрӣ расондан ба мардуми мо, бо мақсади ҳарчи зудтар раҳо ёфтани ҷумҳурӣ аз бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ, ҳеҷ касро бетараф намонд.

Дар рафти вохӯрӣ бо Президенти Ӯзбекистон рафиқ Каримов И.А. аҳдномаи дӯстӣ ва кӯмаки мутақобилаи байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистонро имзо кардем. Мувофиқи ин аҳднома ба ҷумҳурӣ кӯмаки башардӯстона, либос, доруворӣ, хӯрокворӣ, сӯзишворию маводи молиданӣ расида истодааст. Чунин аҳдномаҳо бо Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон низ ба имзо расиданд. Масъалаҳои расонидани ёрии иқтисодӣ ба Тоҷикистон инчунин дар вохӯрии Сарони давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Минск муҳокима шуда буд.

Иҷозат диҳед аз номи тамоми халқи ҷумҳурӣ ва аз номи худам ба тамоми халқҳо ва роҳбарони давлатҳои дунё ва пеш аз ҳама ба раисони Ҷумҳурии Ӯзбекистон мӯҳтарам Каримов Ислом Абдуғаниевич, Федератсияи Россия Елсин Борис Николаевич, Қазоқистон Назарбоев Нурсултон Абишевич, Туркманистон Ниёзов Сапармурод Отаевич ва бисёр дигарон, ки дар рӯзҳои сахттарин ва то ҳол ба мо дасти ёрии беғаразона дароз намудаанд, миннатдории бепоён изҳор карда, аз меҳмононе, ки дар маҷлиси имрӯза иштирок доранд, хоҳиш намоям, ки ташаккури халқи Тоҷикистонро ба сарварон ва мардуми давлатҳои худ расонанд.

Сафарҳои роҳбарони ҷумҳурӣ ба Ҷумҳурии Халқии Чин ва Ҳиндустон гувоҳи онанд, ки аҳли ҷамоатчигии ҷаҳон моро дастгирӣ мекунанд. Дарвозаҳои Тоҷикистон барои тамоми давлатҳо ва ташкилотҳои байналхалқӣ кушода мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо эътироф кардани оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, Санади хотимавии Хелсинкӣ, Баёнияи Париж ва дигар созишномаҳои байналхалқӣ сиёсати дохилӣ ва берунии худро амалӣ сохта, ба поймол шудани ҳуқуқи инсон аз рӯйи миллат, минтақа ва ақидаҳо роҳ намедиҳад.

Рафиқон! Ҳодисаҳои соли гузашта ба соҳаи кишоварзӣ ва хусусан ба соҳаи пахтакорӣ зарари зиёде расонд. Дар таърихи пахтакории Тоҷикистон дар соли гузашта аз ҳама ҳосили ками пахта чида шуд. Аз як гектар 14,3 сентнер ё 13,3 сентнер камтар нисбат ба соли 1991 рост меояд. Дар хоҷагиҳои собиқ вилояти Қӯрғонтеппа аз ҳар як гектар 7,6 сентнер пахта ҷамъоварӣ гардид.

Дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 507 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ шуду халос, ки 100 ҳазор тоннаи он моҳҳои январу феврали соли равон чида шуд, ки ин 36 млрд. сӯмро ташкил медиҳад.

Ин миқдор пахта дар шароити вазнини обу ҳаво, норасоии озуқа, камбудии сӯзишворӣ ва маводи молиданӣ, воситаҳои нақлиёт ба даст оварда шуд.

Иҷозат диҳед, ба ҳамаи онҳое, ки дар ин рӯзҳои вазнин ба мо дасти ёрӣ дароз кардаанд, аз самими қалб ташаккур гӯям.

Рафиқон! Чунон ки аз хулосаҳои пешгӯйӣ бармеояд, пахтакорӣ дар солҳои наздик дар сохтори истеҳсолоти кишоварзии ҷумҳурӣ ҷойи асосиро ишғол хоҳад кард, чунки

маҳз пахта яке аз маҳсулоти асосии содиротшаванда ва манбаи ба даст овардани арз мебошад. Бисёрии воситаҳои истеҳсолот, ки дар соҳаи кишоварзӣ истифода мешавад, дар ҷумҳурӣ истеҳсол намешаванд, мо онҳоро бо арз мехарем ва ба таври бартер, ба ивази пахта ба даст меорем. Пеш аз ҳама бояд тамоми майдонҳои кишти пахтаро то сатҳи солҳои 1988-1990, яъне дар ҳаҷми 280-300 ҳазор гектар ва истеҳсоли пахтаро дар ҳудуди 850-900 ҳазор тонна барқарор кунем. Бояд бо мақсади зиёд кардани ҳосилнокии пахта аз тамоми дастовардҳои илм истифода барем. Афзоиши истеҳсоли пахта дар асоси баландшавии ҳосилнокӣ имконпазир ва зарур мебошад. Барои ин мо тамоми имкониятҳоро дорем — замин, об, меҳнатдӯстӣ ва маҳорати баланди пахтапарварӣ.

Рафиқон! Ба ҳама маълум аст, ки барои мардуми мо ғизои муҳимтарин нон мебошад. Аз ин ҷо саволе бармеояд, ки оё мо метавонем аз ҳисоби гандуми худ халқро бо нон таъмин кунем? Ҷавобаш ҳам оддӣ аст — бале, метавонем, агар аксари майдонро аз пахтакорӣ озод кунему гандум корем. Вале мо наметавонем ин тавр кунем ва ба ин ҳоҷат ҳам нест. Ҳоло вазифа иборат аз он аст, ки мо бояд худро аққалан дар муддати 5-6 моҳ аз нон таъмин намоем.

Барои зиёд намудани истеҳсоли ғалла бояд муносибати хешро ба парвариши он дар заминҳои лалмӣ тағйир диҳем. Мо зиёда аз 60 ҳазор гектар замине дорем, ки онҳо дар доманакӯҳҳо воқеанд, ки истифодаи техника дар чунин заминҳо номумкин аст, вале дар гузашта дар ин минтақаҳо ғалла ва зироатҳои лӯбиёгӣ кишт карда мешуд. Аммо имрӯз онҳо тамоман истифода бурда намешаванд. Ин заминҳоро ба аҳолӣ тақсим кардан мумкин буд ва ҳалли ин масъала каме осонтар мешуд. Дар заминҳои обёришаванда дар як сол ду ҳосил гирифтан мумкин аст ва ин корро мо бояд ҳатман кунем. Дигар илоҷ надорем.

Соли ҷорӣ мо бояд масъалаҳои мушкилтарин — парвариши меваю сабзавотро ҳал намоем. Камчинии доимии картошкаи тухмӣ ва нархи баланди он хоҷагиҳоеро, ки ба истеҳсоли он машғуланд, маҷбур мекунад, ки майдони кишти онро кам кунанд. Ба ҳар ҳол, зарурати ин хӯроквориро барои аҳолӣ ба назар гирифта, ҳатман истеҳсоли онро дар соли 1993 ба миқдори 225 ҳазор тонна ба роҳ мондан лозим меояд. Барои ба даст овардани чунин

ҳаҷми маҳсулот бояд сари вақт картошкаи тухмиро омода созем.

Бо дарназардошти камбудии доимии сӯзишворӣ ва даст кашидани истеъмолкунандагони мамлакатҳои муштаракулманофеъ аз кашондани бор нисбати гаронии нарху наво, хоҷагиҳои боғу сабзавотпарварӣ дар баъзе ноҳияҳо дар соли ҷорӣ истеҳсоли меваю сабзавотро кам карданианд. Албатта, ин ба фоидаи мо нест, аз ин ҷо мо бояд роҳи чунин аъмолро гирем. Баракс, ба ҳар боғдору мевапарвар ва сабзавоткор ёрии зарурию амалӣ расондан лозим аст. Ба онҳо нуриҳои маъданӣ ва гайра қарз бояд дод. Барои ҷамъоварӣ ва ба фурӯш расондани маҳсулоти меваю сабзавот онҳоро ҳаматарафа дастгирӣ бояд кард.

Истеҳсоли сабзавоти бармаҳал яке аз вазифаҳои муҳими тараққиёти ин соҳа мебошад. Барои ҳалли ин масъала гармхонаҳоро барқарор карда, таҷрибаи муассиса ва корхонаҳои саноатии калонро дар сохтмони гармхонаҳо васеъ истифода бурда, хоҷагиҳоро бо плёнкаи полиэтиленӣ таъмин намудан лозим аст.

Барои таҷриба дур рафтан лозим намеояд. Аз хоҷагии сабзавоткории шаҳри Норак ва инчунин деҳқонони водии Вахш, ки дар 0,10 га замини назди ҳавлигиашон сабзавот парвариш карда, назар ба колхозу совхозҳо даҳҳо маротиба зиёдтар даромад мегиранд, ибрат бояд гирифт.

Солҳои охир вазъият дар соҳаи богу токпарварӣ мураккаб шуда истодааст. Ҳосилнокӣ ба тадриҷ поён меравад, ҳаҷми ҳосили меваю ангур паст шуда истодааст. Ин аз он ҷиҳат аст, ки ангурзорҳо гирифтори осеби табиат, яъне сармозанӣ ва борони шадиду жола мегарданд, сабаби дигараш хунукназарӣ ба ин соҳа мебошад. Дар хоҷагиҳо боғу токзорҳо ба ҳоли худ, яъне рӯ ба раҳми Худо мондаанд. Дар ин гуна боғу токзорҳо тадбирҳои агротехникӣ сурат намегиранд.

Ташкилотҳои дахлдори вилоятию ҷумҳурӣ вазифаи худро дар гирифтану фурӯхтани ҳосил аз хоҷагиҳо мебинанд ва ба маҳалҳо ёрие намерасонанд.

Барои мисол дар маркази водии Вахш заминҳои совхози боғу токпарварии “Қӯргонтеппа-и” ноҳияи Бохтар аз сабаби баланд шудани оби зеризаминӣ аз кор баромада истодаанду хонаҳои мардум зери нам мондаанд. Солҳои зиёде вазорати обу ободонӣ, “Главтоҷикводстрой”, кумитаи коркарда-

барории маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ваъда мекунанду аз корашон дараке нест. Чунин заминҳо дар тамоми ноҳияҳои ҷумҳурӣ мавҷуданд, ки аз нодуруст истифодабарии заҳбурҳо ва об аз истифодаи кишоварзӣ баромада истодаанд. Мо бошем дар бораи азхудкунии заминҳои нав гап мезанем.

Бо мақсади рушду тараққиёти минбаъдаи соҳаи боғу токпарварӣ ҳанӯз дар соли 1987 барномаи мақсадноки комплексӣ қабул карда шуда буд, ки ин соҳаро аз ҷиҳати аҳамият баъд аз соҳаи пахтакорӣ дар ҷойи дуюм ҳисоб мекарданд. Мутаассифона, ин барнома ҳам то имрӯз амалӣ нагашт.

Солҳои охир иттиҳодияи ҷумҳуриявии "Тоҷиксадвинсовхозстрой" супоришро дар бобати ободнамудани боғҳои нав, токзорҳо, сохтмон ва ба истифодадиҳии объектҳои коркард, нигаҳдории маҳсулот дар маҳали истеҳсолоти маҳсулоти боғу токпарварӣ, сохтмони таъиноти иҷтимоию маишӣ дар совхозҳои нав иҷро накарда истодааст ва ё бо кадом сабабҳои номаълум аз ӯҳдааш намебарояд. Албатта, бояд қоил шавем, ки ин иттиҳодия дар бобати маблағ ва мавод мушкилот низ дорад.

Ба фикрам, фаъолияти ин иттиҳодияро ҳамаҷониба бояд дастгирӣ кард. Ин корро дар нимроҳа мондан лозим нест. Барномаи боғу токпарварӣ ҳатман бояд амалӣ гардад.

Имрӯз аз ҳама ҷойи нозук ва ҳассос дар рушду тараққиёти истеҳсоли маҳсулоти сабзавот, картошкаю токпарварӣ ташкили ҳосилғундорӣ мебошад.

Дар амал ҳоло ба кори ҷамъоварӣ, расондани маҳсулот ба истеъмолкунандагон кооперативҳо, ширкатҳо, консернҳо, ассотсиатсияҳо ва монанди инҳо машғуланд. Ин савдогарони навбаромад ҳамон лаҳзае ба деҳқонон сару кор доранд, ки барои худашон фоидаро ҳис кунанд. Онҳо барои арзон кардани нарху наво дар бозор кӯшиш намекунанд. Дар натиҷаи фаъолияти ин корчаллонҳо садҳо тонна маҳсулоти дастранҷи деҳқон вайрон шуда пӯсида меравад.

Рафиқон! Ин нотинҷиҳо ба соҳаи чорводорӣ низ зарари калон расонд, ки дар натиҷа фермаҳои чорвопарварии ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Ҷиликӯл, Қумсангир, Колхозобод, Қубодиён, Шаҳритус ва Кофарниҳон зарари калон диданд. Дар маҷмӯъ ба генофонди тамоми намуди ҳайвонот ва паррандае, ки дар ҷумҳурӣ мавҷуд буд, зиёни калон расид, ки барои барқарор намудани он солҳо ва меҳнати пурҷидду

чаҳд лозим меояд. Аз ин рӯ, роҳбарияти ҷумҳурӣ ба хоҷагиҳои чорвопарвар супориш дод, ки минбаъд куштани насли гирифташударо барои пӯст манъ карда, саршумори лозима барқарор карда шавад. Истеҳсоли гӯшт дар як сол 28 фоиз, шир 20 фоиз, тухм 40 фоиз поён фуромад. Маҳсулнокии чорвою парранда хеле паст шуд.

Дар шароити бамиёномада ба мо лозим меояд, ки корҳои барқароркуниро дар соҳаи чорводорӣ аз ҳисоби захираҳои худӣ анҷом диҳем. Аз афташ, дар ин маврид мо бояд барномаи чандинсолаи ҳукуматӣ дошта бошем.

Вазифа аз он иборат мебошад, ки мо дар тӯли 2-3 соли наздик дар бобати истеҳсол ва хариди маҳсулоти чорводорӣ ба сатҳи солҳои 1985-1990 расем.

Рушди минбаъдаи соҳаи чорводорӣ, ҳамчунин бо таҳкими базаи хӯрока ва беҳтар намудани умури зооветеринарӣ алоқаманд мебошад. Бояд таъкид кард, ки сатҳи мавҷудаи истеҳсоли хӯроки чорво хеле паст аст. Он ҳатто эҳтиёҷоти чорводории ҷамъиятиро қонеъ карда наметавонад.

Дар ин сурат мо чӣ тавр метавонем чорвои аҳолиро бо хӯрока таъмин кунем. Кори асосӣ дар бобати мустаҳкам намудани базаи хӯроки чорво аз ҳисоби интенсификатсияи истеҳсоли хӯроки чорво дар як колхозу совхоз ва ноҳияю вилоят анҷом дода шавад.

Сухан пеш аз ҳама дар бораи истифодаи самараноки заминҳои зироатҳои хӯроки чорво, баланд бардоштани ҳосилнокӣ махсусан дар заминҳои обӣ меравад, чунки зиёд кардани майдонҳои кишти зироатҳои хӯрокии чорво дар вақтҳои наздик ба нақша гирифта нашудааст. Лозим аст, ки истифодаи чарогоҳҳои табиӣ ва ҷойҳои алафдарав ба як тартиби муайян оварда шаванд.

Мақомоти ҷумҳур инро ба назорат мегиранд ва ба кори рафиқон дар ин соҳа мо баҳо медиҳем.

Дар соҳаи пиллапарварӣ ҳам вазъият номусоид аст, ки он ҳам асосан ба бад будани базаи хӯрока вобаста мебошад. Дар иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мақоми ин соҳа ба ҳама маълум аст. Ин ба тараққиёти минбаъдаи муносибатҳои бозорӣ ва мақоми маҳсулоти содиротӣ пайдо намудани пиллаи хом вобаста аст. Вазифаи муҳимтарини мақомоти кишоварзӣ, колхозу совхозҳо, коллективҳои иҷоракоре, ки дар соли 1993 ва солҳои оянда ба

пиллапарварӣ машғуланд, зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли пилла, баланд бардоштани сифати он мебошад.

Рафиқон! Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори бо захираҳои моддию техникӣ таъмин намудани комплекси агросаноатӣ доимо таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунад. Вале ин кор дар шароити пурра хароб ғардидани алоқаҳои ташкилию хоҷагии байни минтақаҳо ва ҷорӣ гардидани нархҳои озод дар вазъияти хеле вазнин қарор дорад.

Бо иқтидорҳои заиф муҷаҳҳаз будани соҳаҳои кишоварзӣ ба сатҳи механизатсияи истеҳсолот таъсири манфӣ мерасонад. Бо дарназардошти вазъияти ба миёномада ва дар шароите, ки дар худи ҷумҳурӣ мошину механизмҳои зарурии кишоварзӣ истеҳсол карда намешаванд, ҳал намудани масъалаҳои беҳтар кардани таъминоти моддию техникии деҳот дар солҳои наздик хеле мураккаб хоҳад буд.

Бинобар ин масъалаи бо мошину механизмҳои пурсамари хурдҳаҷм таъмин намудани истеҳсолоти кишоварзӣ ба миён меояд.

Чунки истифодаи мошинҳои пуриқтидори кишоварзӣ, ки мо имрӯз дар ихтиёри худ дорем, дар заминҳои наздикӯҳӣ аз имкон дур аст.

Бояд дар барои расондани кӯмаки мушаххас ба колхозу совхозҳо, хоҷагиҳои деҳқонӣ, коллективҳои иҷоракорон дар бобати гузарондани корҳои кишоварзӣ бо истифодаи олоти кишт-мола, ароба, юғу испор ва ғайра бо қувваи асп чораҳо андешем. Дар назди иморате, ки мо имрӯз маҷлис мегузаронем, намоишгоҳи мошинҳои кишоварзӣ ташкил карда шудааст. Ин мошинҳо ва мошинҳои дигарро дар худи ҷумҳурӣ истеҳсол кардан мумкин аст.

Корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ (на танҳо системаи вазорати саноат), сарфи назар аз тобеияти идоравиашон, бояд истеҳсоли техникаи кишоварзӣ ва қисмҳои эҳтиётии мошинҳои кишоварзиро ба роҳ монанд.

Ҳоло яке аз муҳимтарин масъалаҳо, тавре ки маълум аст, бо сӯзишворию равғанҳои молиданӣ таъмин будани хоҷагиҳо ба ҳисоб меравад. Ин масъала минбаъд ҳам мураккаб хоҳад монд, чунки сӯзишворию равғанҳои молиданӣ пурра берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ ворид карда мешаванд ва нархашон чандон арзон нест.

Ширкати “Нафтрасон” бояд тамоми чораҳоро андешад, то ки соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ дар навбати аввал бо миқдори зарурии сӯзишворию равғанҳои молиданӣ таъмин гардида, корҳои кишоварзӣ сари вақт анҷом дода шаванд, чунки аз натиҷаи истеҳсолоти кишоварзӣ вазъи ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ вобастагии зиёд дорад.

Аз ин рӯ, агар лозим шавад, бар зарари ҳамаи соҳаҳо бошад ҳам, бояд мо кишти зироатҳоро ба субут расонем.

Маълум аст, ки 50-60 фоизи ҳосили зироатҳои кишоварзӣ аз ҳисоби истифодаи меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи нуриҳо ташаккул меёбад. Дар ин кор ҳам имкониятҳои маҳдуд дорем, мисол: агар дар соли 1960 дар як гектар киштзор 78 килограмм нуриҳои маъданӣ истифода шуда бошад, он гоҳ дар солҳои 1970, 1980 ва 1987 мутаносибан — 165, 242 ва 290 килограмм истифода шуда буд. Дар ду соли охир бинобар заиф гардидани робитаҳои иқтисодӣ байни ҷумҳуриҳои иттиҳоди собиқ, инчунин якбора баланд шудани нархҳо 100-200 маротиба ва аз ин ҳам бештар миқдори ба заминҳо андохтани нуриҳо хеле кам шуд. Дар сурати истифодаи ками нуриҳои маъданӣ сатҳи ҳосилнокии заминҳо сол аз сол паст мегардад, ки ин вазъиятро боз ҳам мураккабтар месозад. Ба Вазорати кишоварзӣ ва ислоҳоти замин, иттиҳодияи истеҳсолии “Тоҷикселхозхимия”-и ҷумҳурӣ, кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ зарур аст, ки масъалаи истифодаи нуриҳои маъданӣ ва роҳ надодан ба пастшавии ҳосилнокии заминро бо диққат омӯзанд.

Мақомоти Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об дар бобати дар ҳолати кор нигоҳ доштани шабакаҳои обёрӣ ва коллекторию дренажӣ, иншоотҳои гидротехникӣ, стансияҳои насосӣ, аз худ кардани заминҳои нав ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо бомасъулиятона фаъолият кунанд.

Дар ин давра дар ноҳияҳои Бохтар, Вахш, Қубодиён, Колхозобод, Ленин, Кофарниҳон ва ғайра иншоотҳои гидротехникӣ аз кор бароварда шудаанд. Дар натиҷа кам шудани ҳаҷми корҳо нисбат ба соли 1991 мушоҳида гардид. Супориши азхудкунии заминҳои нав иҷро нашуд, супориши таҷдиди комплекси заминҳои обии шабакаи коллекторию дренажӣ ба қадри кофӣ иҷро нагардид.

Мо тамоми мушкилот ва вазъияти дар системаи мақомати хоҷагии об ба миён омадаро хуб дарк мекунем. Дар натиҷаи ноилоҷ кӯчида рафтани мутахассисон аз минтақаҳои амалиёти ҷангӣ имкониятҳои ташкилотҳои сохтмонӣ якбора паст шуд.

Барои он ки вазифаҳои дар пешистодаро дар бобати ба истифода додани заминҳои нави обӣ, барқарор намудани иншоотҳои харобгаштаи гидротехникӣ, сохтмони объектҳои таъиноти истеҳсолӣ ва иҷтимоию маишӣ, махсусан дар қаламрави вилояти Хатлон бомуваффақият иҷро намоем, саъю кӯшиши зиёд зарур аст.

Рафиқон! Қисми таркибии комплекси агросаноатӣ соҳаи коркард ба ҳисоб меравад, ки дар он ҳамзамон масъалаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли озуқаворӣ ҳал карда мешавад.

Яке аз воҳидҳои асосии ин соҳа консерни "Пахтаи тоҷик" мебошад, ки ба қарибӣ ба Саридораи саноати пахтатозакунии назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуд.

Вазифаи асосии ин муассиса ғун кардани тамоми пахтаи дар дохили ҷумҳурӣ истеҳсолшаванда, таъмин намудани нигоҳдорӣ ва коркарди бе талафи он мебошад. Дар ин соҳа дар бобати таъсиси корхонаҳои хурд оид ба истеҳсоли молҳои талаботи халқ, ташкили ҷойҳои корӣ таҷрибаи муайян ба даст оварда шудааст.

Дар солҳои охир дар соҳаи саноати гӯшту шир вазъияти хеле мураккаб ба миён омадааст. Бо сабаби дар ҷумҳурӣ хеле кам шудани ҳаҷми истеҳсоли гӯшту шир таҳдиди пурра, қисман бекор мондани баъзе сеху корхонаҳо ба миён омад. Ин ҳолат ба кори таъмин намудани аҳолӣ бо намудҳои муҳими маҳсулот таъсири манфӣ расонд. Барои раҳо ёфтан аз ин вазъияти мураккаб ба Ассотсиатсияи "Тоҷикмясомолпром"-и ҷумҳурӣ, Вазорати кишоварзӣ ва ислоҳоти замин, Вазорати савдою захираҳои моддӣ, кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ лозим меояд, ки дар бобати беҳтар намудани кори захиракунии маҳсулоти гӯшту шир дар колхозу совхозҳо, харидории гӯшт ва шири хушк берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ тадбирҳои судманд андешанд. Таъминоти аҳолии шаҳрҳо бо маҳсулоти ширӣ бояд дар маркази диққати вазорату идораҳои номбаршуда ва кумитаҳои иҷроияи ин шаҳрҳо қарор гирад.

Дар ҷумҳурӣ, махсусан дар солҳои охир, масъалаи истифодаи оқилонаи ашёи хоми камёфт — чигити пахта рӯ ба рӯ истодааст. Кам кардани истеҳсоли пахта боиси кам шудани ҳаҷми истеҳсолот дар корхонаҳои равганкашӣ, истеҳсоли собун, маргарин ва маҳсулоти дигар, ки мо аз набудани онҳо танқисӣ мекашем, гардид. Иқтидорҳои мавҷуда, аз сабаби нарасидани чигит 70-80 фоиз истифода бурда мешаванду халос. Ба ин нигоҳ накарда, дар ноҳияҳо коргоҳҳои нави равғанкашӣ сохта истодаанд.

Рафиқон! Дар ҷумҳурӣ барои тезондани протсесси бунёди ҷойҳои нави кор аз ҳисоби сохтмони корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ заминаҳои воқеӣ мавҷуданд.

Ҳоло бисёр хоҷагиҳои ҷумҳурии мо ба бунёди корхонаю заводҳои хурд шурӯъ намуданд. Дар бобати тараққиёти корхонаи хурду миёнаи коркарди маҳсулот ва корхонаҳои дигар барои мо махсусан таҷрибаи Ҷумҳурии Халқии Чин мисол шуда метавонад. Дар ин ҷо ислоҳоти аграрӣ мисли кишвари мо дар шароити маҳдуд будани асосҳои молиявӣ ва моддӣ ба хоҷагиҳои деҳқонон аз ҷониби давлат гузаронда шуда буд. Ба онҳо имконият дода шуд, ки худашон бо роҳи ташкили корхонаҳои хурди саноатӣ, сохтмон ва бунёди коргоҳҳои мухталиф маблағ дарёфт намоянд.

Натиҷаҳои таҷриба чунинанд: қабл аз ҳама маҳсулоти корхонаҳои хурд имконият дод, ки бозори истеъмолӣ бо молҳои талаботи халқ пур гардад ва мушкилоти иҷтимоӣ дар ҷамъият рафъ шавад, сониян, корхонаҳои хурд қисми зиёди қувваҳои қобили меҳнати деҳотро ҷалб намоянд ва ба ҳамин васила сатҳи бекориро кам кунанд.

Ҳамаи ин мушкилот, роҳҳои ҳалли онҳо, ҳамчунин таҷрибаи истифодаи захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои дорои қувваи зиёдатии корӣ барои Тоҷикистон аз аҳамият холӣ нест. Чунин мисолҳои хуб дар ҷумҳурии мо ҳам кам нестанд.

Ҳанӯз то огози ҷанги бародаркушӣ дар собиқ совхоз-техникуми ба номи Куйбишеви ноҳияи Бохтар ҳоло совхози ба номи Файзалӣ Саидов 3 завод — пахтатозакунӣ, хишт ва асфалт фаъолият доштанд. Сохтмони заводи консерва шурӯъ шуда буд. Дар колхози ба номи Ленини ноҳияи Ашт ва совхози "Қубодиён"-и ноҳияи Қубодиён сехи истеҳсоли

пустин ба фаъолият шурӯъ кард. Чунин корхонаҳои саноатӣ бомуваффақият дар ноҳияҳои Шаҳринав, Хуҷанд, Москва, Кофарниҳон фаъолият менамоянд. Сухан танҳо дар хусуси васеъ намудани доираи ин таҷриба ва тезонидани васеъшавии он меравад. Дар кори барқарор намудани иқтисодиёт ва самаранокии сектори аграрии ҷумҳурӣ илм, ки мақоми махсус дорад, бояд тамоми масъулиятро ба дӯши худ гирад. Фикр мекунам, ки талаботи ҳар чи бештар ҷалб намудани иқтидори илм баҳри ҳаллу фасли вазифаҳои мураккаби истеҳсолӣ зарурати ҳаётан муҳим мегардад. Олимони соҳаи кишоварзӣ навъҳои серҳосили пахтаи маҳиннах, зироатҳои галладона, хӯроки чорворо, ки дар колхозу совхозҳои ҷумҳурӣ ва берун аз ҳудуди он васеъ паҳн шудаанд, ихтироъ намуданд.

Бояд қайд кунам, ки кормандони пажӯҳишгоҳҳои соҳаи кишоварзӣ дар назди меҳнаткашони деҳот қарздоранд. Дар ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам навъи серҳосили пахтаи маҳиннах бароварда нашудааст. Дар кори ташкили парвариши тухмиҳои зироатҳои кишоварзӣ, ташкил ва ҷорӣ намудани шаклҳои нави меҳнат ва ғайра масъалаҳои ҳалношуда бисёранд.

Тавре маълум аст, ҷумҳурии мо камзамин буда, дорои қувваи изофагии корӣ мебошад. Бинобар ин истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои замин яке аз омилҳои бунёди шароит барои бо озуқаворӣ таъмин намудани аҳолӣ мебошад.

Мо имрӯз ва дар оянда ба кори роҳбарон ва мутахассисони колхозу совхозҳо дар асоси дараҷаи истифодаи оқилонаи замин баҳо медиҳем. Сухан на танҳо дар бораи заминҳои сектори ҷамъиятӣ, балки заминҳои дар ихтиёри худ доштаи аҳолӣ, заминҳои хоҷагиҳои ёрирасони корхонаҳои саноатӣ ва ғайра меравад.

Масъалаҳои бунёди хоҷагиҳо, ҳамзамон гузаронидани ислоҳоти заминро мо бояд ҳамаҷониба дастгирӣ кунем ва баҳри инкишофи ҳамаҷонибаашон мусоидат намоем. Ба шаҳрвандон додани замин барои ташкил намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ, коллективҳои иҷоракор бояд қабл аз ҳама дар заминҳои барои истифодаи техника нобоб, заминҳои истифоданашуда, бо роҳи ташкил намудани фонди махсуси шӯроҳои маҳаллӣ сурат гирад.

Рафиқон! Тавре ки ба шумо маълум аст, ба наздикӣ бояд иҷлосияи Шӯрои Олии ҷумҳурӣ доир гардад, ки масъалаҳои тараққиёти комплекси агросаноатиро баррасӣ менамояд.

Бо мақсади мӯътадил намудани иқтисодиёт ва пурзӯр кардани дастгирии давлатии молистеҳсолкунандагони деҳот, ҳавасмандгардонии истеҳсолот ва захиракунии маҳсулоти кишоварзӣ гузарондани ислоҳоти аграрӣ дар назар дошта мешавад, ки мақсад аз он мардумро бо хӯрока, саноатро бо ашёи хом таъмин кардан аст.

Масъалаи муҳиме, ки мо бояд ба он диққати махсус зоҳир намоем, ин ташкил додани иқтисодиёти гуногунсоҳа дар бахши кишоварзӣ ва соҳаҳои бо он алоқаманди комплекси агросаноатӣ, муҳайё сохтани шароитҳои баробари ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва пешбурди истеҳсолот барои тамоми шаклҳои моликият ва хоҷагидорӣ: фермерӣ, деҳқонӣ, колхозӣ, совхозӣ ва ғайра мебошад.

Истифодаи тадбирҳои комплексӣ оид ба дастгирии давлатии рӯшди истеҳсолоти кишоварзӣ тавассути сиёсати андоз, кредит ва нарх, таъминоти афзалиятноки сектори аграрӣ бо захираҳои моддию техникӣ ва молиявӣ барои соҳаҳои кишоварзӣ аҳамияти хеле муҳим дорад.

Ҳоло дар комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ муносибатҳои бозорӣ ҷорӣ шуда истодаанд, вале истифодаи онҳо бояд эҳтиёткорона сурат гирад. Хусусан истифодаи нархҳои озод танҳо ба гурӯҳи хеле махдуди маҳсулоти кишоварзӣ — картошка, меваю сабзавот ва ангур барои савдо, тамоку ва қароқул роҳ дода шавад. Ба дигар навъҳои озуқаворӣ бошад гандум, гӯшт, шир, пилла, пахта, пашм, пӯст, меваю сабзавот ва ангур барои коркарди саноатӣ ва ғайра супориши давлатӣ барои таъминот муайян намуда, ба таври мутамарказ нарх муқаррар карда шавад. Ҳамин тариқ, зиёдшавии бемайлони нархҳоро боздоштан имконпазир мегардад.

Дар соли 1993 мутобиқи қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 1993 барои бо пул таъминкунии тадбирҳои аввалиндараҷаи комплекси агросаноатӣ 30 миллиард сӯм кредити имтиёзнок ҷудо карда шудааст.

Маблағҳои мазкурро бояд мувофиқи таъинот истифода намоем, онҳо асосан барои тадбирҳои аввалиндараҷаи барқароркунии корхонаҳои кишоварзӣ, ташкил намудани

кишти баҳорӣ, барқарор кардани соҳаи чорводорӣ ва истеҳсоли маҳсулоти зироаткорӣ ва фермаҳо ҷудо карда шудаанд.

Дар хотима бори дигар таъкид карданиам, ки вазъияти соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ ҳеҷ гоҳ чун имсол мураккаб ва мушкил набуд. Аз он ки чи тавр мо дар соли ҷорӣ ин масъалаҳоро ҳал мекунем, тараққиёти минбаъдаи сектори аграрӣ ва дар маҷмӯъ тақдири ҷумҳурӣ муайян мегардад. Дар соли 1993 қисми зиёди маблағгузории хоҷагии халқи ҷумҳурӣ барои барқарор намудани хоҷагии халқи вилояти Хатлон бояд равона карда шавад. Корҳо аллакай сар шудаанд. Бисёр ноҳияю хоҷагиҳо, корхонаҳои ҷумҳурӣ изҳори хоҳиш намудаанд, ки дар кори барқарор намудани объектҳо ва манзилгоҳи бар асари ҷанг харобгашта кӯмак мекунанд. Ин иқдом боиси таҳсин аст ва ман фикр мекунам, ки миқдори онҳо рӯз аз рӯз меафзояд.

Ҳоло давраи масъулиятноки кишт фаро расидааст. Он аслан шурӯъ шудааст, вале таъкид кардан ҷоиз аст, ки хоҷагиҳое низ ҳастанд, ки ҳанӯз ҳам заминҳояшон шудгор нашудаанд. Шудгори заминҳоро бояд зудтар ба охир расонем, ба кишти зироатҳо сар кунем, ягон гектар заминҳои киштбобро бекор намонем. Барои маъракаи кишту корро муташаккилонатар ва дар мӯҳлатҳои хубтари агротехникӣ гузарондану хубтар истифода намудан ҳар як соати мусоид зарур аст.

Парки тракторӣ ва мошинҳои хоҷагии қишлоқи мавҷуда имконият медиҳанд, ки кишт ва дигар корҳои хоҷагии қишлоқ дар мӯҳлати дилхоҳи агротехникӣ гузаронида шаванд.

Сари вақт гузаронидани кишт ва мӯҳлати барқарор намудани сектори аграрӣ бо риояи интизоми истеҳсолӣ ва меҳнатӣ иртиботи зич дорад. Сари вақт ҳозир нашудан ба кор, коргурезӣ, ба кор дер омадан ва риоя накардани интизоми меҳнат ба соҳа зарару зиёни калоне меоварад. Барои ҳамин ҳам аз аввали кор додани аҳамияти хос ба баланд бардоштани муташаккилӣ, коршиносӣ, мустаҳкам намудани интизоми меҳнат дар тамоми соҳаҳои истеҳсолот зарур ва ҳатмист. Аз коргари оддӣ то вазир бояд интизомро риоя кунанд.

Ба маълумоти шумо расониданиям, ки дар сессияи навбатии Шӯрои Олӣ оид ба интизоми меҳнат дар ҳама соҳа

конуни махсус қабул мекунем, ки мувофиқи он бекорхӯчаҳо, коргурезон ҳатто ба ҷазои ҷиноӣ кашида мешаванд ва боварии комил дорам, ки мардум моро дастгирӣ мекунад. Бас будагист, сабабгори асосии ҷинояткорӣ аз бекорист.

Дар охир ҳаминро гуфтаниам, ки ба халқи меҳнатдӯсти худ такя карда ҳарчи тезтар давлатамонро пеш аз ҳама бо меҳнати ҳалоли хеш аз ин бӯҳрони диданашудаи сиёсию ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ раҳо диҳем.

Имрӯз ин вазифаи аввалиндараҷа ва пуршарафи ҳар яки мост.

Шуморо бо фарорасии иди Наврӯз ва Фитр табрик намуда, бароятон хушиҳои зиндагӣ, тансиҳатӣ, барору комёбиҳо таманно менамоям.

Бигузор Наврӯзи имсола барои шумо огози ободии Ватан, пешрафти рӯзгори халқ ва некрӯзиҳо гардад.

# ҲАДАФИ СИЁСАТИ МО МАНФИАТИ МАРДУМ АСТ

Мақола дар рӯзномаи “Садои мардум”,
1 июни соли 1993

Нишонаҳои мӯътадилгардии вазъи ҷамъиятиву сиёсии Тоҷикистон, ки бар асари ҷанги бародаркушӣ соли гузашта хароб гардида буд, зиндагии мардуми моро торафт дилпурона фаро мегирад. Корҳои барқарорсозии хоҷагии халқи харобгардида ва манзил ба танзим меоянд, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ пойдор мегарданд, фирориён ба манзилҳои хеш бармегарданд, алоқаҳои ҳаматарафаи ҷумҳурӣ бо мамлакатҳои ИДМ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мустаҳкам гардида вусъат меёбад. Ва албатта, муҳимтар аз ҳама, шаҳрвандони мо аз он ҳолати садамот ва карахтӣ, ки қувваҳои ифротгарои демократҳои исломӣ бо амалиёти зиддиконститутсиониашон дучор гардонида буданд, тадриҷан берун меоянд.

Албатта, дар ин роҳ ҳоло ҳамаи тадбирҳо андешида нашудаанд, то ки одамон барои фардои хеш дилпур буда, аз биму тарси таҳдиди наздикони худ пурра раҳида бошанд. Захмҳои вориднамудаи ҷанг бисёр сахтанд, онҳоро танҳо бо даъватҳо, бо созишу оштӣ наметавонанд дармон бахшид. Ин аз сатҳи умумии зиндагии садҳо ҳазор одамон, ки на танҳо барои дарёфти ризқу рӯзӣ кор кардаанд, балки барои аз нав барқароркунии тарзи муқаррарии зиндагонӣ низ маҷбур ҳастанд, вобастагии зиёд дорад. Бояд рӯйрост гуфт, ки нодориву қашшоқӣ аллакай ба остонаи бисёр хонаводаҳо қадам гузоштааст.

Дар ин вазъият чӣ бояд кард, барои на танҳо зинда мондан, балки аз нав барқарор намудани тарзи ҳарчи сазовори зиндагии аксари шаҳрвандонамон чӣ ғуна кӯмак бояд кард? Ман дар бораи вазъияти корҳо дар ҷумҳурӣ мулоҳизаҳоямро тавассути матбуот баён намуда будам. Имрӯз бори дигар бояд такрор намоям, ки вазъро, ба хусус дар иқтисод, чун ним сол пештар, фалокатбор гуфтан мумкин аст, зеро бӯҳрони ин соҳа бо душвориҳои дохилиамон дучанд гардида, ҳамоно боло меравад. Вале ин маънои онро надорад, ки роҳбарият, Ҳукумати ҷумҳурӣ барои таъсир расонидан ба ин равандҳо, фишангҳо ва гузашта аз ин барои раҳоӣ аз ин бӯҳрон, ба кадом дараҷае, ки ин амиқ набошад, барномаи амалӣ надошта бошад. Имрӯзҳо ҳайати бонуфузе чунин корро анҷом дода истодааст ва барномаи фаъолияти иқтисодӣ ба баррасии Шӯрои Олии ҷумҳурӣ пешниҳод мегардад. Ба ин муносибат салоҳ донистам чанд мулоҳизаи ҳусусияти усулӣ доштаро, ки дар варианти охирини ин барнома бояд ба эътибор гирифта шаванд, баён намоям. Вале мо бояд, пеш аз ҳама, сабабҳои асосии бӯҳрони иқтисодиро возеҳ намоем, то ки хусусиятҳо ва мунтазамии амали худро дуруст муайян карда тавонем.

## САБАБҲОИ АМИҚИ БӮҲРОН

Кашмакашиҳои сиёсии солҳои охир, ки афзудани бӯҳрони иқтисодӣ дар тамоми кишварҳои ИДМ ба он вақт рост меояд, инак, ҷойи худро ба таҳлили ҳамаҷонибаи сабабҳои пастравии иқтисод, ки аксарияти аҳолиро ба қашшоқӣ расонд, иваз намуд. Вале сиёсати давлатҳои Иттиҳод маҳз дар ҳамин бобат ба ғояти номутобиқӣ зоҳир гардид. Дар натиҷа кандашавии ногузири алоқаҳои хоҷагӣ ба амал омад, ки ба ақидаи мутахассисон 60 фоизи коҳиши истеҳсолот ба он вобаста аст.

Ҳамин тариқ, мо чунин меҳисобем, ки сабабҳои асосии бӯҳрони иқтисодӣ дар шуури ҷамъиятӣ то ҳол инъикоси якранг наёфтааст. Аз таҷрибаи ислоҳоти бебарор, аллакай имрӯз як қатор хулосаҳои муфид бардоштан мумкин аст. Ба ҳама маълум аст, ки ислоҳот бо муносибати муайян ва санҷидашудаи хусусиятҳои иқтисоди шӯравиро дарбаргирифта оғоз ёфта буд.

Сотсиализми давлатӣ, ки моликияти пурраи давлатӣ ва идораи фармонфармоӣ — тақсимотии иқтисод барояш хос буд, нақши асосии худро дар индустриконии мамлакат ва пойдории он дар давраи муқобилияти шадид бо капитализми давлатӣ-монополистӣ иҷро намуд. Ҳаёт зарурати тағйироти аслӣ, аз ҷумла гузариш ба сохти сотсиализми демократиро боисрор тақозо дошт. Чунин гузаришро худи ҳаёт тайёр намуд, зеро иқтисод бояд рӯ ба инсон мениҳод. Вале системаи мавҷудаи ҷамъиятӣ ин талаботро қонеъ сохта наметавонист. Дар бораи зарари тарзи сотсиалистии иқтисод ва умуман системаи сиёсӣ низ метавон беохир муҳокима ронд, вале набояд фаромӯш кард, ки агар мо таҷрибаи таърихиамонро батамом рад намуда, таърихи навро аз саҳифаи тоза навиштанӣ шавем ҳам, ба фаҳмиши вазифаҳои имрӯзаи давлати худ чизе илова карда наметавонем. Аз гузашта ҳарчӣ зудтар ва бо осонӣ халос шуданӣ бошем ҳам, ҳар чизе, ки буд, бо мо мемонад.

Имрӯз роҳи ҳаракатро ба ҷамъияти оянда муайян намуда, мо вазифадор ҳастем, пеш аз ҳама, сабабҳои ба чунин бӯҳрони амиқ ва ҳамагонӣ гирифтор шудани иқтисодамонро равшан намоем. Ин ба мо барои интихоби принсипҳои тамоман нави инкишоф, ки дар такя ба онҳо вазъияти ҷамъиятро комилан тағйир додан мумкин аст, кӯмак мерасонад.

Ба таърихи умумии начандон дурамон назар мекунем. Дар шароити афзалияти доимӣ доштани саноати вазнин ва пеш аз ҳама, муҷтамаи саноати ҳарбӣ то нимаи дуюми солҳои 70-ум иқтисоди ИҶШС ба шарофати захираҳои бузурги табиӣ ва заҳмати шуҷоатноки мардум бо суръати баланд тараққӣ мекард. Аммо чунин хусусияти тараққиёт зиддиятҳои амиқи иҷтимоиву иқтисодиро дар худ ниҳон дошт, ки аз принсипи бақиявии маблағҷудокунӣ ба соҳаҳои граждании хоҷагии халқ бармеомад. Одамон солҳои сол бо умеди фардои нек камбағалона зиндагӣ мекарданд. Бояд гуфт, ки бо душворӣ бошад ҳам, орзуву умеди онҳо амалӣ мегардид. Дар айни замон тафовути сатҳи зиндагии мардум бо мамолики пешқадам, ки даҳсолаҳои охир гузариш аз капитализми давлатӣ-монополистӣ ба капитализми демократӣ ҷараён дошт, торафт меафзуд.

Тадбирҳои вусъат бахшидани тараққиёти соҳаҳои гражданӣ бо нигоҳдошти хароҷоти зиёд барои мудофиа дар

мамлакат ҳанӯз нимаи дуюми солҳои 50-ум андешида шуда буд. Замина фароҳам буд — нерӯи истеҳсолию техникии мамлакат барои анҷом додани чунин бозсозии структурӣ имкон медод. Вале вазифаи пешгузошта қисман иҷро гардид, зеро яке аз шартҳои асосӣ гузариш ба тараққиёти афзалиятноки интенсивӣ ва шаклҳои сермаҳсули хоҷагидорӣ иҷро нашуда монд.

Зарурати чунин гузариш тамоман равшан буд. Вале ҳеҷ гуна чорабиниҳои қатъитарин ҳам афзоиши экстенсивии нерӯи бузурги истеҳсолиро, ки захираҳои табиӣ ва меҳнатиро торафт бесамар фурӯ мебурд, боздошта натавонист. Чунин вазъият чанд сабаб дошт.

Қабл аз ҳама, ҳарчанд ки дар ИҶШС илми назариявии беҳтарин дар ҷаҳон ва инчунин илми амалии якуминдараҷа дар соҳаи ҳарбӣ ба вуҷуд омада буд, вале он дар соҳаҳои гражданӣ ба дараҷаи зарурӣ тараққӣ наёфт. Гузашта аз ин, охири солҳои 50-ум ба илму маориф ва умуман ба тамоми соҳаҳои меҳнати зеҳнӣ зарбаи сахт зада шуд, ки дар натиҷа онҳо рӯ ба таназзул оварданд. Гап дар сари он меравад, ки системаи музди кор ба заҳмати зеҳнӣ, ки дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ мавқеи нисбатан сазовори онро муайян менамуд, вайрон карда шуд.

Коҳишёбии эътибори маърифат сабаби асосии суст гардидани инкишофи нерӯи илмию таъсири он ба самаранокии истеҳсолот гардид. Сабаби дуюм аз он иборат буд, ки унсурҳои нави муносибатҳои истеҳсолӣ, ки истифодаи комёбиҳои илму техникаро ҳавасманд мекард, бо сустӣ ва нимкора ҷорӣ карда мешуданд. Ҳамин тариқ, аз як тараф, пешниҳоди навовариҳо тамом мешуд, аз тарафи дигар, талабот ба онҳо кам мегардид.

Омили ҷиддие, ки ин зиддиятҳоро тақвият медод, ба назар аҷиб намояд ҳам, ягонагии истеҳсолию технологии иқтисод, мутамарказонӣ ва махсусгардонии баланди соҳаҳои хоҷагии халқ буд. Нерӯи истеҳсолии ИҶШС чун ҷисми ягона, чун системаи ягонаи рагҳои хунгард ташаккул ёфта буд, ки ҳар як корхона ва ё гурӯҳи корхонаҳо нақши муҳим ва гоҳҳо инҳисорӣ мебозид. Дар чунин система зарари як корхона аз даромади корхонаи дигар пӯшонида мешуд. Дар чунин шароит пастшавии талаботу таклифот ба навовариҳои техникӣ бо мутобиқати техникӣ ва технологии умумии корхонаҳо ва пойдории пурраи ҳар кадоми онҳо ба

туфайли воридоти кафолатноки захираҳо ва фурўши маҳсулот пўшонида мешуд. Ҳамин тариқ, ҳатто бартарияти аёни ягонагии иқтисод бо сабаби маҳдудияти он сирф бо робитаҳои дохилии истеҳсолию технологӣ ва робитаҳои сусти иқтисодии хориҷӣ ба камбудиҳои ҷиддии он оварда расонд.

Дар мамлакат кўҳнашавии маънавии нерўи истеҳсолӣ ва пастшавии фалокатбори самаранокии истеҳсолот сурат мегирифт.

Сабаби сеюм бо он алоқаманд буд, ки суръати пасти афзоиши сатҳи зиндагонӣ ва набудани ҳавасмандгардонии таъсирбахш ба меҳнати сермаҳсул ва баландбардории сифати маҳсулот ба пастшавии фаъолияти меҳнатии халқ оварда расонд. Дар баробари ин чунин ҷараёнҳои манфӣ, ба мисли иқтисоди махуф ва ҷиноёти иқтисодӣ, ришваxўрӣ авҷ гирифтанд, ки ба ҳамаи дастгоҳҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ таъсири фасодангез расонд.

Кашолёбии давраи тараққиёти экстенсивӣ махсусан дар хоҷагии халқи ҷумҳурии мо ба таври тезутунд зоҳир гардид. Суръати тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ суст шуд, ки ин пеш аз ҳама бо тамомшавии захираҳои афзоиши экстенсивии кишоварзӣ, бо сохтори инҳисории пахта, инкишофи сусти соҳаҳои хўрокворӣ, бо тараққиёти нокофии соҳаҳои меҳнатталаби саноат дар ҳолати афзоиши баланди аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ ва омилҳои дигар алоқаманд буд.

Агар ба таври умумӣ гўем, сафарбаркунии сусти захираҳо натиҷаи ба таври бояду шояд ба назар нагирифтани имкониятҳои зиёди дохилии ҷумҳурӣ аз ҷониби ҳукуматҳои марказӣ ва маҳаллӣ низ буд, ки дар натиҷаи ин барои инкишофи муназзами бисёр соҳаҳои иловагии меҳнатталаби саноат, соҳаи иҷтимоиву маданӣ, барои истифодаи афзалиятҳои инкишофи бисёрсоҳаи деҳот хеле кам корҳо анҷом ёфтанд. Принсипи боқиявии маблағҷудокунӣ ба тараққӣ додани соҳаи иҷтимоӣ-сохтмонӣ, манзилгоҳ, макотиб, кўдакистонҳо ва бемористонҳо бечунучаро амал мекард.

Чунинанд, агар дар маҷмўъ назар кунем, сабабҳои амиқи бўҳрони кунунии иқтисодӣ, ки дар ҳеҷ кадоме аз мамлакатҳои Иттифоқи собиқ алҳол роҳи раҳоиро наёфтаанд. Ва дар ин маврид ба назари мо дарки он чиз

муҳим аст, ки барои аз вазъияти душвори баамаломада халосӣ ёфтан мо чӣ гуна ислоҳотро бо чӣ гуна пайдарҳамиҳояш бояд пеш бигирем?

## НОБАРОБАРИҲОИ ИСЛОҲОТ ВА Ё ИСЛОҲОТИ НОБАРОР?

Дарки сабабҳои бӯҳрони иқтисодӣ имкон медиҳад, самтҳои ислоҳотро низ дуруст сарфаҳм равем, зеро имрӯз ба ҳар кас маълум гардид, ки бо онҳо ба сатҳи сифатан нави зиндагӣ баромадан номумкин аст.

**Якум** — ислоҳоти қатъии системаи музди корро бояд гузаронд, ки барои баргардонидани обрӯю эътибори меҳнати муаллимон, муҳандисон, конструкторон, олимон ва дигар намояндагони ихтисосҳои эҷодӣ мусоидат намояд.

**Дуюм** — шаклҳои нави худидоракунӣ ва худмаблағгузории звеноҳои истеҳсолӣ ва территориявиро бояд ривоҷ дод. Қадами аввал дар ин самт бояд аз ҷорӣ намудани муносибатҳои хоҷагӣ, иқтисодии байни корхонаҳо ва мақомоти территориявии идора иборат шавад. Дар ин сурат звенои ибтидоии хоҷагии территориявӣ — ноҳияи маъмуриро, аз як тараф, фаъолияти корхонаҳоро, аз тарафи дигар, мушаххас сохтан лозим меояд.

Имкон дошт худтанзимкунии ботадриҷи корхонаҳо ва территорияҳо зери таъсири муҳити шаклгирифтаистодаи ҳуқуқии муносибатҳои бозаргонӣ аз ҳамин тадбирҳо оғоз гардад. Ҳарчанд, ин система ҳанӯз идоракунии пурраи давлатиро амалан нигоҳ медошт, вале ҳамзамон дар он ҷанини солими муносибатҳоиояндаи бозаргонӣ ниҳода мешуд.

Дар инкишофи ислоҳот тадбирҳои зайли пай дар ҳами ҷиддиинҳисорӣ бояд қадами навбатӣ гарданд: барҳам додани сохторҳои ташаккулёфтаи инҳисорӣ; инкишофи соҳибкории хусусӣ қабл аз ҳама дар соҳаи истеҳсолӣ; сипас дар соҳаи хариду фурӯшу миёнаравӣ; афзудани моликияти саҳҳомӣ ва хусусӣ; авҷ гирондани рақобат миёни корхонаҳои шаклҳои моликияташон гуногун ҳамчун омили меҳшавии ҳаҷми истеҳсолот ва тақозои мол.

Ҳамаи ин чораёнҳо таҳти назорати ҷиддии сохторҳои махсуси давлатӣ бо нигоҳдошти супориши давлатӣ ва

нархҳои устувор бояд сурат бигиранд. Зеро ғайриинҳисорӣ гардонидани истеҳсолот ва инкишофи рақобат шартҳои муҳимтаринанд, ки бе онҳо дар бораи озодкунии нархҳо ва барҳам додани супориши давлатӣ ҳоҷати гап ҳам нест. Гуфтан мумкин аст, ки **танҳо баъди суст кардани ҳокимияти иқтисодӣ дар субъектҳои зиёди нави шаклҳои гуногуни моликиятдорӣ, фақат баъди пайдоиши рақобат миёни онҳо ва авҷ гирифтани он нархҳоро озод кардан имкон дорад.**

Гуногуншаклии моликият, рақобат ва озодшавии нархҳо — чунин аст пайдарҳамии қадамҳо сӯйи бозор.

Вале, дар амал радикализми сиёсӣ ва иқтисодӣ, тамоми ҳисобу китобҳои оқилонаро ба назар нагирифта, пайдарҳамии марҳалаҳои ислоҳоти иқтисодиро дағалона вайрон карданд, ки ба фалокати иқтисодӣ ва катаклизми сиёсӣ оварда расонд.

Ба манфиати вазъи сиёсӣ намуди ислоҳоти мунтазами иқтисодӣ бо ислоҳоти қатъӣ пахш карда шуд. Ба ҷойи мунтазам ташаккулёбии табақоти миёнаи иҷтимоӣ, инкишофи гуногунандешии сиёсӣ бо нигоҳдошти ҳизби ҳукмрон, ихтиёран рафтани он аз сохтори давлатӣ, шаклгирии ҳизбҳои нави шакли парлумонӣ, — ба ҷойи ҳамаи ин ҲКИШ аз саҳнаи сиёсати расмӣ бадар рафт, ташкили бесарунӯги ҳизбҳои нав, ки амалан аз табақаҳои иҷтимоии бонуфузе пуштибонӣ надоштанд, шурӯъ шуд, ҳама гуна қолабҳои ҳуқуқии мубориза и сиёсӣ барои ҳокимият хароб гардид. Дар натиҷа пошхӯрии ИҶШС ба амал омад ва ҳуҷуми вусъатнок ба сохти сиёсии пешина ва тамоми дастгоҳҳои болосохти сиёсии ҷомеа, ки онро бо сохте мисли капитализми мутамаддин иваз карданӣ буд, сар шуд.

Дар ин асно шарти асосӣ — **ислоҳоти иқтисодӣ бояд бе ҳеҷ гуна пастшавии сатҳи зиндагонии кулли мутлақи табақоти иҷтимоӣ гузаронида шавад,** — ба ҳукми фаромӯшӣ супорида шуд. Таърихи даҳҳо кишварҳои дунё, ки ислоҳоти куллии иқтисодӣ гузаронидаанд, собит месозанд, ки агар ин шарт иҷро нагардад, ислоҳот ба муқобилияти табиии шадиди он табақаҳои аҳолӣ, ки манфиаташон зарар дидааст, мувоҷеҳ мегардад. Ва ҳеҷ ғуна "ваъдаи фардои нек" ва "биҳишти рӯйи замин" ёрӣ намерасонад. Он гоҳ ду роҳ пеш меояд: ё ислоҳот бекор карда мешавад ва ё давлат усулҳои зӯроварии гузаронидани онро истифода мебарад, ки дар шароити мо тамоман қобили қабул нестанд.

## МО БА ЧӢ ГУНА ИСЛОҲОТ НИЁЗ ДОРЕМ?

Ду—се соли охир мо баислоҳоти иқтисодӣ аслан на танҳо ҷиддӣ муносибат кардан натавонистем, балки баръакс, нерӯи иқтисодии худро ба дараҷае суст намудем, ки имрӯз онро қариб аз нав сохтан лозим меояд. Эҳтиросоти сиёсӣ ҳама ҳисобу китобу нақшаҳои оқилонаро, ки дар вақташ пешниҳод шуда буданд, иваз намуданд.

Хуб, ҳоло аз чӣ бояд шурӯъ намоем, мо ба чӣ гуна ислоҳот ниёз дорем?

Ислоҳоти иқтисодӣ бояд ҳамаҷиҳата омода гардад: захираҳое ташкил карда шаванд, ки онҳо дар соҳаи истеъмолот пастшавии муваққатии ҳаҷми истеҳсолот, баландшавии нарх ва дигар зуҳуроти номатлубро, ки бо азнавсозии структуравӣ ва ғайраи иқтисод алоқаманд аст, ҷуброн карда тавонанд. Ҳамчунин аён аст, ки ислоҳоти иқтисодӣ ба дараҷае қатъӣ буданаш мумкин аст, ки ин шартҳоро ба ҳисоб гирифта тавонад. Эътиқодро бо ҳар гуна "изм"-ҳо ба қадри дилхоҳ метавон тағйир дод, вале дар давраи ислоҳот сатҳи зиндагонии мардумро паст накарда, балки баланд бардоштан аз ҳама муҳимтар аст. Мушкилии асосии ислоҳоти қатъии иқтисодӣ дар ҳамин ифода меёбад, ҳарчанд "шокотерапия", сиёсати якнавохти қатъии ба сохторҳои қувва такядошта ба назари аввал роҳи осон менамояд. Вале ин роҳ бо сабабҳои зикргардида барои мо ғайривоқеист.

Роҳи мушкил, вале дар айни замон воқеӣ ва камазоб — ин мунтазам, ба қадри андӯхтани воситаҳо ташаккул додани сохторҳои мушобеҳи истеҳсоли хусусӣ, ки бо сохторҳои истеҳсоли давлатӣ рақобат карда тавонанд, суст намудани намудҳои ташаккулёфтаи инҳисори моликияти давлатӣ, дар он ҷойҳое, ки "инҳисороти табиӣ" боқӣ мондаанд, танзимгардонии қатъии давлатии истеҳсолот мебошад. Моликияти хусусӣ на аз ҳисоби давлат, балки бештар аз сарчашмаҳои шахсӣ бояд афзояд. Озодшавии нархҳо бояд мунтазам он соҳаҳоро фаро бигирад, ки муҳити ҳуқуқии рақобат ва зиддиинҳисорӣ фароҳам омадааст.

Мунтазам ташаккулдиҳии шаклҳои гуногуни моликият, интиқоли қисми асосии ҳокимияти иқтисодӣ аз давлат ба субъектҳои хоҷагидор, аз ҷумла, ба соҳаи соҳибкории хусусӣ зарур аст. Гуногуншаклии моликият-

дорӣ, тақсимшавии ҳокимияти иқтисодӣ дар байни давлат ва субъектҳои хоҷагидор, сустшавии инҳисори истеҳсолкунандагон ва инкишофи рақобат бо минбаъд озодшавии нархҳо — ин шартҳои ногузиреанд, ки фаъолияти бозаргонии бисёр истеҳсолкунандагони мол ва хизматрасони мустақилона амалкунандаро таъмин месозанд.

Шароитҳои мусоидро бошад барои фаъолияти пурсамари системаи бозаргонӣ давлат таъмин менамояд. Маъмулан вазифаи давлат аз таъминсозии асосҳои ҳуқуқӣ ва муҳити ҷамъиятӣ, ҳифзи рақобат, азнавтақсимкунии фоида ва захираҳо, таъмини суботи иқтисод ва ғайраҳо иборат аст. Мо чунин меҳисобем, ки вазифаи муҳимтарини танзимгарии давлат ҳам дар давраи гузариш ва ҳам дар давраи фаъолияти пурраи бозор таъмин намудани кафолатҳои иҷтимоӣ мебошад. **Коркард ва дар Шурои Олӣ ба тасвиб расонидани самтҳои асосии тараққиёти иҷтимоӣ зарур аст. Риояи кафолатҳои иҷтимоӣ — вазифаи асосии Ҳукумат аст, ки бар дигар вазифаҳои танзимгарӣ ва масъулияти пурраи он дар назди ҷамъият муқаддамӣ дорад.**

Ин пеш аз ҳама ба ҳимояи иҷтимоии қисми камдаромади аҳолӣ (нафақахӯрон, донишҷӯён, оилаҳои серфарзанд) дахл дорад. Яке аз чораҳои муҳим дар ин соҳа зиёд намудани музди кори коргарон ва хизматчиёни муассисаҳои буҷетӣ ва ҳадди ақали музди кор мебошад.

Дараҷаи инкишофи маориф, илм ва фарҳанг шарти ҷудонопазири пешрафти ҳар гуна ҷамъият аст. Ин соҳаҳои фаъолияти инсон ва талаботи ҷамъият ба онҳо бо бозор сахт вобастагӣ надоранд. Агар дар илми бунёдӣ ин алоқа то дараҷае зоҳир гардад, фарҳанг тобеи қонунҳои бозор буда наметавонад, он ба пуштибонии махсуси давлат ниёз дорад. Мо ба фарҳанге ниёз дорем, ки тибқи қонунҳои дохилии худ ривоҷу равнақ ёбад ва ба муносибатҳои ҷамъияти, аз ҷумла ба муносибатҳои бозаргонӣ таъсири хушахлоқиву нексириштӣ расонад.

Афзалиятнокии доимии соҳаи маънавӣ, дастгирии обрӯву эътибори меҳнати пурмашаққати эҷодӣ бояд принсипи муҳим ва доимии инкишофи ҷамъият бошад.

Набояд фаромӯш кард, ки ҳеҷ гуна ислоҳот, ҳатто ислоҳоти аз ҳама воқеӣ ва ба мардум фаҳмо низ, агар пурқувват намудани дастгирии пешрафти илму техника яке

аз фишангҳои асосиаш ба шумор наравад, амалӣ нахоҳад гашт. Ҳамин тарик, нигоҳ доштани афзалияти ҳамешагии маориф, илм ва фарҳанг вазифаи муҳимтарини мо бояд бошад. **Бо ин мақсад зарур аст, ки ба таври қонунӣ дар сатҳи Шурои Олӣ барои аз даромади миллии истифодашаванда ба хазинаи инкишофи илм, маориф ва фарҳанг фоизи доимии ҳисса ҷудо кардан қарор карда шавад.**

Самти дигари муҳимтарини кор — ин муносибат ба моликият дар ҷамъияти мо мебошад. Чунон ки маълум аст, хусусияти ҳокимияти ҳам иқтисодӣ ва ҳам сиёсӣ, яъне тамоми сохти ҷамъиятиро маҳз он муайян менамояд.

Дар ҷое, ки моликияти хусусӣ ҳукмрон аст, бешубҳа, тарзи капиталистии истеҳсолот афзалият дорад.

Дар ҷое, ки моликияти давлатӣ ҳукмрон аст, тарзи истеҳсолоти хоси капитализми давлатӣ ва сотсиализми давлатӣ метавонад амал кунад. Дар ин ҳолат имкон дорад болосохти гуногуни сиёсӣ бошад.

Дар марҳалаи ҳозираи мо танҳо гузариши мунтазам аз инҳисори моликияти давлатӣ ба шаклҳои гуногуни он бо нигоҳдошти афзалияти ҳамон моликияти давлатӣ дар давраи тӯлонӣ, мумкин аст, таъмин гардад.

Чунин гузариши мунтазам бояд дар чанд марҳала сурат бигирад.

**Марҳалаи аввал** — хусусигардонии маҳдуди савдо, хизматрасонии маишӣ ва нақлиёт, қарздиҳии афзалиятнок, ба қадри имкон ривоҷ додани соҳибкории хусусӣ дар соҳаи истеҳсоли бевоситаи мол ва хизматрасонӣ.

Дар айни ҳол ба тарзи қатъӣ маҳдуд намудани фаъолияти сохторҳои хусусии хариду фурӯшу миёнарав, то дараҷаи бастани онҳо дар ҳолати вайрон кардани қонунҳои мавҷуда ва вазоифи ойинномавиашон.

Дар як вақт дар сохтори давлатӣ, махсусан дар он ҷойҳое, ки сохторҳои инҳисорӣ боқӣ мондаанд, ба тарзи фармоишоти давлатӣ ва нархҳои устувор, ки кори даромаднокро таъмин месозанд, бозгаштан зарур аст. Ҳамаи истеҳсолоти зараровар бояд ё аз нав сохта шаванд ва ё барои истеҳсоли маҳсулоти дигари ба рақобат тобовар махсус гардонида шаванд ва ё хусусӣ кунонида ва ё ки баста шаванд.

Дар он қисмати сектори давлатӣ, ки барҳамдиҳии шаклҳои ташаккулёфтаи инҳисорӣ ва ташкили истеҳсолоти

нав, аз ҷумла, аз ҳисоби алоқаҳои иқтисодӣ ва савдои хориҷӣ ба инкишофи рақобат имкон медиҳанд, ба тиҷоратигардонии амиқи онҳо, то дараҷаи ба онҳо вогузории ҳаққи мулкдорӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ, вале бе ҳаққи фурӯхтани он, гузаштан лозим аст.

Марҳалаи аввали ислоҳоти иқтисодӣ шартҳои зайлро бояд фароҳам оварад:

— андӯхтани нерӯи сектори хусусӣ дар соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва хизматрасонӣ, ки то 10-15 фоизи маҳсулоти умумии мамлакатро истеҳсол мекунанд;

— то 20-30 фоизи маҳсулоти умумии мамлакат расонидани саҳми корхонаҳои коллективӣ, саҳҳомӣ ва дигар корхонаҳое, ки муносибатҳои иҷоракориашон инкишоф ёфтаад;

— то 50 фоиз кам кардани саҳми корхонаҳои давлатие, ки "инҳисори табии"-ро соҳибанд;

— ба таври назаррас баланд бардоштани рағбатнокгардонии моддиву маънавии меҳнат дар соҳаҳои маориф, илм ва фарҳанг.

Марҳалаи мазкур ба оғози баландравии бемайлони иҷтимоиёт ва тамаддуни мардум заминаи воқеӣ фароҳам меоварад. Баландравии иҷтимоиёти мардум бо афзоиши теъдоди одамоне, ки моликияти хусусиро идора мекунанд ва ҳам бо тақвиятёбии шаклҳои соҳибӣ ва истифодаи моликияти давлатӣ аз ҷониби коллективҳо вобаста аст. Баландравии тамаддуни мардум ба пурзӯршавии таъсири маориф, илм ва фарҳанг, ба инкишофи маърифати ҷомеа вобаста мегардад.

Ҷузъи муҳими ислоҳот дар марҳалаи аввал ислоҳи қатъии системаи музди кор бояд гардад. Дар айни ҳол сухан дар бораи сектори хусусӣ, ки музди кори худтанзим пурра амал мекунад, намеравад, балки пеш аз ҳама дар мавриди соҳаҳое меравад, ки муносибатҳои бозаргонӣ ҳоло ривоҷ наёфтаанд ва ё вобаста аз махсусиятҳои фаъолияти меҳнатӣ чунин муносибатҳо вақтҳои наздик сурат намегиранд. Сухан дар бораи маориф, илм ва фарҳанг меравад, ки андозаи миёнаи музди кор дар ин соҳаҳо бояд худ ба худ бо музди миёнаи кор дар саноат шохиси қиматӣ (индексатсия) гардида, аз он дар давраи аввал 1,2 баробар ва минбаъд 1,5-2 баробар зиёд шавад.

Ба соҳае, ки бо музди кори қисман танзимшаванда ба дастгирии эътибори меҳнати пурмашаққат ва зеҳнӣ ниёз дорад, ҳамчунин корхонаҳои давлатиро низ бояд шомил кард, ки бо сабаби махсусиятҳои корашон муносибатҳои бозаргонӣ алҳол ба қадри зарурӣ инкишоф наёфтаанд. Ин бахусус ба он корхонаҳое дахл дорад, ки инҳисороти "табии"-и давлатиро нигоҳ доштаанд ва бинобар ин дар ин ҷо рақобат инкишоф наёфтааст.

Марҳалаи аввали ислоҳот давраи тӯлониеро дар бар мегирад. Вобаста аз натиҷаҳои он қадамҳои минбаъдаро дар иқтисод ва соҳаи иҷтимоӣ муайян намудан мумкин аст.

Вале, аллакай, имрӯз ба ҳама бояд равшан бошад, ки агар мо дар давлати худ устувории сиёсиро таъмин карда натавонем, агар мо объектҳои аз ҷанги гражданӣ ва офатҳои табиӣ харобшудаи хоҷагии халқро дар мӯҳлатҳои наздиктарин барқарор насозем, ҳеҷ гуна барномаи оқилона таҳияшуда ва илман асоснок низ наметавонад амалӣ гардад.

Барои таъмин намудани иҷрои ин вазифаҳо моро лозим аст, ки Ҳукумати бахусус бақувват ва дар се соҳа назорати махсуси Шӯрои Олиро дошта бошем.

**Якум**. Бо дарназардошти камбуди хеле зиёди буҷети давлатӣ он харҷи камтаринро муқаррар бояд намуд, ки таъмини сатҳи кунунии кафолати иҷтимоӣ ва ҳамчунин нигаҳдошти маорифи халқ, илм, фарҳанг, тандурустӣ ва ғайраҳоро имкон диҳад.

**Дуюм**. Муайян намудани он харҷи камтарин, ки фаъолияти дастгоҳи давлатиро бо мақсади таъмини идораи инкишофи ҷамъият ва устуворию амнияти он кафолат диҳад.

**Сеюм**. Муайян намудани миқдор ва дарёфтани маблағ барои то сатҳи соли 1991 барқарор намудани хоҷагии халқ.

Ин се самти кор бояд аз мутолиаи ҷиддии барномавӣ гузаранд, таҳти назорати махсус амалӣ гарданд ва аз тамоми сарчашмаҳои имконпазир, аз ҷумла қарз низ бемамоният маблағгузорӣ шаванд. Агар мо иҷрои ин шартҳои асосиро таъмин карда тавонем, он гоҳ гуфта метавонем, ки мо вазъиятро ба даст гирифтаем, идораи инкишофи ҷамъиятиро барқарор намудаем. Ва он гоҳ мо

инкишофи ҷамъиятиро барқарор намудаем. Ва он гоҳ мо амалигардонии ислоҳоти иқтисодиамонро, ки мақсади асосиаш вусъат додани озодиҳои шахсият, фаъолияти меҳнатӣ ва баландбардории некӯаҳволии халқ аст, суръат бахшида метавонем. Мо пеши худ мақсадҳои дигар нагузоштаем, баҳри расидан ба ин мақсади ягона бошад, тамоми чораву тадбирҳоро меандешем.

## МУРОҶИАТ АЗ ТАРИҚИ ТЕЛЕВИЗИОН

1 июни соли 1993

**Ҳамдиёрони азиз!**

Ним сол шуд, ки дар Тоҷикистон Ҳукумати қонунӣ кор мекунад. Дар ин муддат мо Ватани азизамонро аз сарзамини пурмоҷаро ва мунокишаҳои хунин ба кишвари нисбатан ором табдил додем. Нисбатан мегӯям, зеро оромӣ вақте фаро мерасад, ки ҳама аз нав дар ҷойи худ кору зиндагӣ кунем, барои бахти фарзандони худ ҷидду ҷаҳд намоем. Оромӣ вақте фаро мерасад, ки хонаҳои вайроншуда, киштзору боғоти поймолгардида аз нав обод шаванд. Оромӣ вақте мерасад, ки мо, тоҷикон — ҳам онҳое, ки дар хоки Ватан ҳастанд ва ҳам онҳое, ки дар ғарибӣ рӯз мегузаронанд, ба умеди ёрӣ ва хайру эҳсони дигарон нашуда, рӯзгорамонро худамон обод кунем. Охир, кадом сардори оила ба умеди дӯст ё ҳамсоя зиндагӣ мекунад?

Тоҷикони ғарибафтода, ҳамаи ҳамватаноне, ки дар айёми ноосудагии кишвар хоки Тоҷикистонро тарк намудаед, ман ба шумо муроҷиат мекунам.

Магар нолаи чуғзе нашунидед, ки манзилатон ба ёд намеояд?

Ба Ватани худ баргардед. Хонаи шумо танҳо ба шумо насиб мекунад.

Ман намедонам дар ғурбат чӣ шуморо нигоҳ медорад. Шояд бароятон мегӯянд ё касе фаҳмонданӣ мешавад, ки дар Тоҷикистон шуморо ранҷу шиканҷа интизор аст. Агар

ҳамин хел бошад, хоҳиш мекунам, ки ба ин кӯрдилон бовар накунед.

Ҳукумати Тоҷикистон авфи умум эълон намудааст ва гуноҳи онҳоеро, ки зӯран ё нафаҳмида ба ҷанги бародаркушӣ ҷалб шудаанд, бахшидаем, илова бар ин, он ҳазорҳо занону муйсафедон, кӯдакону наврасон, ки тарки Ватан карданд, чӣ гуноҳ доранд? Наход, мо дидаву дониста нагузорем, ки фарзандони мо дар Ватани худ ба воя расанд, модарони мо дар кишвари хеш тифл ба дунё оранд ва ба мӯйсафедони рӯзгордидаи мо хоки Ватани худамон насиб кунад.

Ба Ватан баргардед. То имрӯз 530 ҳазор нафар гурезагон ба ҷойи муқимии худ баргаштанд, аз ҷумла аз Афғонистон 8 ҳазор нафар омаданд.

Ба Ватан баргардед. Аммо мо ба шумо кӯҳи тилло ваъда намекунем. Ҳамин қадар мегӯем, ки як бурида ноне, ки дорем, якҷоя мехӯрем, як қатра обе, ки дорем, якҷоя менӯшем. Паҳлуи ҳамдигар истода, Ватани вайроншудаамонро обод мекунем, иқтисоди харобгаштаамонро барқарор менамоем.

Тоҷикистони мо ҳама чизро ва ҳамаи имкониятро дорад, ки ободу серу пур бошад. Биёед, ҳамаи инро истифода мебарем, то ки ободу озод бошем.

Ватан бе шумо холист, аммо донед, ки шумо ҳам бе Ватан пурра нестед. Сарзамини меҳмоннавози афғон барои шумо нишемангоҳ аст, аммо замини хуни нофрехтаи шумо инҷост. Ёд доред, ки мегӯянд: “хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар”.

Ман ба шумо мурочиат мекунам: халқи азизам, падару модарон, хоҳару бародарон ва фарзандон! Шуморо хонаатон, заминатон, боғатон, мактабатон интизор аст! Шумо тоҷику тоҷикистониед, Тоҷикистон шуморо интизор аст.

# МАҚСАДИ ҲАМААМОН ЯК АСТ — ОРОМӢ ВА ОСОИШИ ТОҶИКИСТОН

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ ФАЪОЛОНИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

13 июни соли 1993

**Дӯстони арҷманд!**
**Рафиқони мӯҳтарам!**

Кайҳо орзу доштам, ки бо мардуми шарифи Кӯҳистони Бадахшон вохӯрда, аз хусуси масъалаҳои муҳими вилоят ва ҷумҳурӣ гуфтугӯ намоям. Ман бисёр хурсандам, ки имрӯз чунин шароит пайдо шуд ва фурсат муяссар гардид, ки мову шумо дар шаҳри зебоманзари Хоруғ мулоқот дорем.

Аз вохӯриҳое, ки ман қабл аз ин маҷлис бо роҳбарони вилоят, намояндагони ташкилоту корхонаҳо, вакилони халқӣ аз ноҳияҳои гуногуни Бадахшон доштам, бовар ҳосил намудам, ки мардуми вилоят, мисли тамоми мардуми ҷумҳурии азиятдидаамон, хоҳони сулҳу оромӣ ва меҳнати пурсамар дар роҳи аз бӯҳрони сиёсӣ баровардани Тоҷикистони азизамон мебошанд.

Аз рӯзе, ки сессияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ Ҳукумати конститутсиониро барқарор намуд, шаш моҳ гузашт. Дар ин муддат барои барқарор кардани қонуният ва мақомоти ҳуқуқии Ҳукумат корҳои зиёде ба анҷом расонида шуд. Ҳоло бисёр минтақаҳои аз ҷанги бемаънӣ ва бародаркушӣ харобгардида оҳиста-оҳиста ба маҷрои мӯътадили худ ворид шуда истодаанд. Корхонаҳои саноатӣ, нақлиёт, сохтмон, алоқа, муассисаҳои тиббӣ ва таълимӣ ба кор шурӯъ намуда, фаъолияти муқаррарии худро ба роҳ мемонанд.

Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки мо имрӯз имконияти бартараф намудани оқибатҳои ин ҷанги даҳшатнокро пайдо карда бошем. Гап танҳо дар хусуси таъмин намудани шароити оромона ва осоишта барои кор меравад.

Вазъияти иқтисодии ҷумҳурӣ бошад ҳанӯз аз беҳбудӣ дур аст. Ҷамъбасти семоҳаи якуми соли ҷорӣ нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти қариб ҳама соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, хоҷагии қишлоқ ҳоло ҳам аз ҳолати пастравӣ ва таназзул берун набаромадааст. Илова бар он обхезиҳои пай дар пай ба ҷумҳурӣ зарари ниҳоят калоне овард. Танҳо аз киштзорҳои пахта 70 ҳазор гектар замин, аз ҷумла 34 ҳазор гетарро дар вилояти Хатлон сел вайрон кард.

Пастравии иқтисодиёт ҳамчунин ба сабабҳои дигар вобаста аст. Агар яке аз сабабҳои он канда шудани алоқаҳои байнихоҷагии ба муҳити собиқ Иттиҳод мувофиқ гардонидашуда бошад, сабаби дигараш оқибати ҷанги гражданӣ мебошад, ки ба бозистодани садҳо корхонаҳо ва хароб гардидани қисме аз онҳо оварда расонид. Чунин вазъият ба хоки ҷумҳуриро тарк гуфтани ҳазорон мутахассисони баландихтисос мусоидат намуд. Танҳо дар давоми солҳои 1991-1992 хоки ҷумҳуриро зиёда аз 103000 нафар тарк намуд, ки 90 фоизи онро аҳолии русзабон ташкил медиҳад.

Боиси хурсандист, ки имрӯз бо мӯътадил гардидани вазъи ҷумҳурӣ қисмате аз онҳо бозгашта дар корхонаҳои пештараи худ меҳнат мекунанд.

Умед аст, карордодҳои чанд рӯз пеш бо Россия имзокардаамон дар қатори дигар масъалаҳо барои ҳалли ин масъала ҳам мусоидат мекунанд. Барқарор гардидани сулҳу оромӣ имконият дод, ки аксарияти гурезаҳои дохили ҷумҳурӣ ба ҷойҳои муқимии зисти худ бозгардонда шаванд. Ин масъала вақтҳои наздик бояд нисбати гурезаҳои дар вилоятбуда низ ҳалли худро ёбад.

Ҳамчунин мо тамоми имкониятҳоро истифода мебарем, ки ҳарчи зудтар масъалаи бозгардонидани гурезаҳои дар марзи Давлати Исломии Афғонистон бударо ҳал намоем. Мувофиқи маълумотҳое, ки мо ҳоло дар даст дорем, ҳамагӣ дар Афғонистон 100 ҳазор гуреза аз Тоҷикистон мавҷуд буданд. То имрӯз қариб 20 ҳазор нафар гурезагон ба Ватан

баргаштанд. Баъди ба кор шурӯъ намудани нуқтаҳои иловагии аз сарҳад гузаштани гурезагон бозгашти онҳо хеле тезонида мешавад.

Мутаассифона, касоне ҳам ёфт мешаванд, ки имрӯзҳо дар атрофи бозгашти гурезаҳо тӯҳмату бӯҳтонҳои зиёде паҳн карда истодаанд. Мо манбаи ин дурӯғу бӯҳтонҳоро хуб медонем. Инҳо ҳамонҳое ҳастанд, ки ба сари ҷумҳурӣ ва миллати тоҷик бадбахтӣ оварданд. Инҳо ҳамонҳое ҳастанд, ки худашон муҳоҷирату гурез-гурези мардумро ташкил намуда буданд. Ва чун диданд, ки тирашон ба ҳадаф нарасид, имрӯз роҳи дигар — роҳи тӯҳмату бӯҳтонро пеш гирифтаанд.

Аслан бигӯем, барои онҳо ин роҳи дигар не, роҳи асосии муборизаашон мебошад. Тӯҳмату дурӯғ, бӯҳтону сиёҳкорӣ — инҳо воситаҳои асосие мебошанд, ки тавассути онҳо қувваҳои зиддиҳукуматӣ мехостанд ба сари қудрат биёянд.

Вале тавре ки мегӯянд: умри дурӯғ кӯтоҳ аст. Онҳое, ки дар назди халқу ҷамъият гуноҳе надоранд, ба ҷойҳои зисти доимии худ бозгашта ҳаёти осуда бурда истодаанд. Ман ҳамчун сардори давлат бо тамоми масъулият ба шумо мегӯям, ки нисбати ҳеҷ як фарде амали ғайриқонунӣ карда намешавад.

Мо, ки имрӯз роҳи барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеш гирифтаем, ба чунин амалҳо роҳ намедиҳем. Вале онҳое, ки дар назди халқ ва ҷамъият гуноҳ доранд ва ҷиноят содир намудаанд ва ин ҷинояти онҳо аз тарафи мақомоти ҳуқуқӣ исбот шудааст, бояд беҷазо намонанд. Гумон мекунам, ки ҳар яки шумо ҳам ҳамин гуна роҳро тавсия ва дастгирӣ мекунед.

Ҳамин гуна фикру ақидаро пири мӯҳтарам ва шахси барои ҳамаи мову шумо мӯътабар Саид Мансури Нодирӣ ҳангоми вохӯриашон бо ман изҳор карда буданд. Ман хабар дорам, ки он кас чунин ақидаашонро ҳангоми зиёрати Балахшон ба мардуми ин ҷо такрор ба такрор гуфта буданд.

Ҳамаи мо нисбат ба имрӯзу фардои сарзаминамон як хел орзую умед дорем. Мақсади асосиамон як аст — мамлакатамонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дохил намудан ва аз арзишҳои умумиинсонӣ баҳравар гардидани халқамон. Албатта, мо хуб медонем, ки ҳар кас роҳҳои ба мақсади ниҳоӣ ноил гардиданро ҳар хел тасаввур мекунад. Чи тавре

ки ба шумо маълум аст, дар ҷумҳуриамон ашхосе буданд, ки мехостанд Тоҷикистон танҳо бо давлатҳои ҳамсоя ва ҳамзабонамон робита дошта бошад.

Баръакси он гурӯҳи дигар ақида дошт, ки Тоҷикистон танҳо бо мамолики Ғарб робита дошта бошад. Ба ақидаи ман, мо набояд, ки ба ягон давлат ва ё минтақаи алоҳидае кӯркӯрона тақлид кунем. Мавқеи таърихӣ, стратегӣ ва геополитикии Тоҷикистон чунин аст, ки мо бояд шароити маҳаллиро пурра ба назар гирифта, аз таҷрибаи тараққиёти чи мамолики Ғарб, чи мамолики Шарқ баҳравар гардида, бо роҳи хоси худ, бо роҳи тоҷиконаи худ пеш равем, то ин ки кишвари азизамонро ба қатори давлатҳои мутараққии ҷаҳон дохил намоем.

Мо роҳи сохтмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеш гирифтаем, ки асоси иқтисодиёташро иқтисодиёти бозаргонии манфиати иҷтимоии инсонро ба эътибор мегирифтагӣ ташкил медиҳад. Дигар ҳеҷ як идеологияро дар сиёсати давлатдорӣ мо намепазирем!

Тоҷикистон бояд узви ҷудонашавандаи ҷомеаи байналмилалӣ ва тамаддуни умумиинсонӣ бошад!

Мо ба ҳеҷ як ҷудоиандозии дохили ҷумҳурӣ роҳ намедиҳем. Намегузорем, ки Тоҷикистони кӯчаки моро боз аз рӯйи нишонаи маҳалгароӣ ё фарқияти дигаре ба ноҳияву вилояти "мустақил" ё ин ки "худмухтор" тақсим намоянд. Он ҷудоиандозҳо, ки ҷумҳуриро ба вартаи ҳалокат наздик оварданду сабабгори хуни ноҳақи ҳазорон нафар хамватанонамон гардиданд, минбаъд бо тамоми қатъият ва масъулият дар назди халқ ва давлат ҷавоб мегӯянд.

Чи тавре ки ба шумо маълум аст, чунин кӯшишҳо дар Бадахшон ҳам ҷой доштанд, вале мардуми сарфарози ин сарзамини кӯҳани тоҷикон чунин кӯшишҳоро рад намуданд. Ин рӯҳияро пазируфта мо метавонем, имрӯз бо тамоми ҷиддият изҳор намоем, ки Бадахшон ва бадахшониён як қисмати ҷудонашавандаи тоҷикон ва Тоҷикистонанд!

Ҳамаи мо — мардуми тамоми шаҳру навоҳӣ ва вилоятҳои Тоҷикистон имрӯз бояд барои як мақсад камари ҳиммат бандем. Барои ҳарчи зудтар дар сарзамини тоҷикон барқарор намудани сулҳи пойдор ва барои аз бӯҳрони амиқи иқтисодӣ баровардани ҷумҳуриамон, барои ҳар як фарди ҷумҳурӣ имрӯз аз ин дида вазифаи муҳимтаре нест.

Бигузор дар Бадахшон ҳеҷ гоҳ садои тире шунида нашавад. Мо аминем, ки чунин вазъиятро шумо дар наздиктарин вақтҳо барқарор мекунед ва Бадахшонро ба яке аз муҳимтарин марказҳои тиҷорат ва саёҳати байналхалқии Тоҷикистон мубаддал мегардонед. Ҳукумати ҷумҳурӣ тайёр аст барои ба ин мақсад ноил гардидан кӯмаки зарурии худро расонад.

Баъди ба кор даромадани корхонаи барқии "Помир-I" ва ба итмом расидани роҳи автомобилгарди Даштиҷум — Қалъаи Хумб мо имконият пайдо мекунем, ки ба сохтмони корхонаи истеҳсоли бор дар Оқ-Архар, истеҳсоли мармар, лаъл ва ҳамчунин обҳои маъданӣ ва бунёди шифохонаҳои дорои дараҷаи байналхалқӣ шурӯъ намоем.

Ба авҷ гирифтани туризм ва тиҷорати байналхалқӣ, махсусан кушода шудани роҳи автомобилгард то роҳи байналхалқии Қароқурум мусоидат карда метавонад. Ин роҳ Тоҷикистонро бевосита бо Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Покистон пайваста, имконият медиҳад, ки ҷумҳурии мо ба бандаргоҳҳои уқёнуси Ҳинд барояд. Аз тарафи дигар, роҳ барои инкишофи робитаҳои тиҷоратӣ ва иқтисодиамон бо Хитой имконияти васеъ медиҳад. Ҳангоми сафари расмии ҳайати вакилони Тоҷикистон ба Хитой, ки чанде пеш баргузор гардида буд, мо бо роҳбарияти Ҷумҳурии Халқии Хитой якчанд созишномаҳоро дар хусуси рӯшду равнақ додани алоқаҳои иқтисодӣ ва фарҳангии дутарафа ба имзо расонидем.

Ин роҳро, ки бешубҳа, роҳи дӯстии халқҳои Хитою Тоҷикистон хоҳад шуд, мо метавонем дар асоси созишномаи дутарафа ба анҷом расонем. Тоҷикистон дар тӯли 700 километр бо Хитой ҳамсарҳад аст ва мо танҳо хоҳони он ҳастем, ки ин сарҳад ҳамеша сарҳади дӯстии бародаронаи халқҳои мо бошад.

Сарҳади ҷанубии мо ҳам бо Афғонистон ҳамеша сарҳади дӯстӣ ба ҳисоб мерафт. Мутаассифона, имрӯзҳо чунин қувваҳое пайдо шудаанд, ки мехоҳанд муносибатҳои дӯстонаи моро халалдор намоянд. Вале ман шуморо бовар мекунонам, ки ин қувваҳои нопок ҳаргиз ба мақсадашон намерасанд ва дӯстию рафоқати халқҳои ҳаммиллату бародари Тоҷикистону Афғонистон абадӣ боқӣ хоҳад монд.

Солиёни дароз мо дар бораи муносибатҳои неки байни ноҳияҳои сарҳади Бадахшон бо сарҳадбонон қиссаҳо

мешунидем. Ин гуна муносибатҳои дӯстонаи сарҳадбонон ва аҳолии муқимӣ аз тарафи воситаҳои ахбор тарғиб мешуд. Умед аст, ки чунин муносибатҳои нек дар оянда ҳам боқӣ хоҳанд монд.

Дар шимол мо бо ҷумҳурии хеле ба мо наздик ва бародар Қирғизистон ҳамсарҳадем. Тақдири таърихии тоҷикон ва қирғизҳо ба ҳам хеле наздикӣ дорад. Ҳамин аст, ки тоҷикон ва қирғизҳо дар маҳалҳои сукунати якҷояшон асосан дузабона буда, то андозае бо ҳам омехта шудаанд, ки ҳеҷ гоҳ якдигарро ба миллат тақсим намекунанд. Намунаи равшани чунин муносибатҳоро мо дар мисоли ноҳияҳои Ҷиргатол, Мургоб ва Исфара мебинем.

Мо бовар дорем, ки ҳеҷ гуна душвориҳои ин давраи пурошӯб дӯстии бародаронаи халқҳои тоҷику қирғизро халалдор карда наметавонад.

Ба наздикӣ, бо супориши ман, барои ҳаллу фасли масъалаҳои мавҷудаи таъминоти Бадахшон, ҷонишини Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон Қозидавлат Қоимдодов ба вилояти Ӯши Ҷумҳурии Қирғизистон сафар карда буд. Ҳангоми сафар Қозидавлат Қоимдодов бо кори корхонаҳои нақлиётӣ ва таъминотии дар марзи Ҷумҳурии Қирғизистон будаи мо шинос шуда, хамчунин бо роҳбарони масъули Қирғизистон вохӯриҳо гузаронид. Коллективҳои меҳнатии ин корхонаҳо тасмим гирифтаанд, ки кори мӯътадили худро ҳарчи зудтар ба роҳ монанд.

Сарзамини тоҷикон ҳамеша макони дӯстию рафоқат ва инсонпарварию покдилӣ буд. Ин хислатҳои волоро тамаддуни бой ва куҳани тоҷикон ба фарзандони миллат бахшидааст. Имрӯз, ки мо баъди ҳазор сол аз сари нав давлатдории худро пайдо кардем, боз садоқати худро ба ин анъанаҳои нек изҳор менамоем.

Ба ёд оред, ки ҳамагӣ чанд сол пеш аз ин чи гуна анъанаҳои хуби дӯстонае байни шаҳру ноҳияҳои мухталифи Тоҷикистон вуҷуд дошт. Ин муносибатҳои неки байниҳамдигарӣ имкон медод, ки ба кӯмаку дастгирии якдигар такя карда аз ҳар як лаҳзаи душвор ба осонӣ бароем.

Як моҳ пеш роҳбарияти вилояти калонтарини мо, Ленинобод, бо кӯмаки моддӣ ба Хоруғ омада буд.

Барои ривоҷу равнақи алоқаҳои иқтисодии Бадахшон бо вилояти Ленинобод тадбирҳои судбахш андешида шудааст. Фикр мекунам, ки чунин робитаҳоро бо водиҳои

Ҳисору Қаротегин ва вилояти Хатлон ба зудӣ ба роҳ мондан лозим аст.

Имрӯз ҷумҳурии мо, ба ақидаи ман, сахтарин давраҳои таърихи худро аз сар гузаронида истодааст. Ва маҳз дар ҳамин давра мо бояд якдилӣ ва ҳамбастагии худро нишон диҳем, чунки бе ёрию дастгирии ҳамдигарӣ ҳеҷ як қисмати Тоҷикистон ба осонӣ аз ин бӯҳрон баромада наметавонад.

Барои муқаррар намудани эҳтиёҷоти вилоят ба ёрии ҷумҳурӣ ва ҳамчунин муайян кардани вазъияти иқтисодӣ ва сиёсӣ дар вилоят танҳо дар давоми моҳҳои охир ба Помир ду маротиба гурӯҳҳои кории Шӯрои Олии ҷумҳурӣ фиристода шуда буданд. Тавсияҳои онҳо аз тарафи Раёсати Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ ба инобат гирифта шудааст. Ҳукумати ҷумҳурӣ тайёр аст, ки худи ҳамин рӯз корвони мошинҳоро бо маводи озуқа ва дигар молҳои ниёзи мардум ба Бадахшон фиристад. Вале гурӯҳҳои мусаллаҳе, ки дар баландкӯҳҳои Қаротегин маскан гирифтаанд, ба расонидани ин молҳо монеъ шуда истодаанд. Ҳамин тавр, расонидани молҳои зарурӣ ба Бадахшон танҳо бо мӯътадил гардидани вазъияти минтақа ва таъмин гардидани бехатарии роҳҳои ин водӣ вобаста ҳасту халос.

Вазъияти воқеиро бошад, шумо хуб медонед. Дар Гавилдара, Сагирдашт, Қалъаи Хумб оромӣ ва бехатарӣ таъмин нест. Силоҳбадастоне, ки хонаю дар ва зану фарзанди худро дар водии Қаротегин партофта, ба баландкӯҳҳо паноҳ бурда буданд, ба кӯмаки сарваронашон умед баста, ҳанӯз силоҳашонро ба замин нагузоштаанд. Оё мо метавонем, роҳро кушода, мардуми бесилоҳ, аз ҷумла шумо, ҳамдиёрони азизро, ба даҳони аждаҳо сар диҳем? Кӣ кафолат дода метавонад, ки фардо мусофирони бадахшониро дар ағбаи Сагирдашт нобуд намекунанд?

Мо, албатта, чораҳо дида истодаем, ки силоҳбадастонро ҳарчи зудтар беяроқ гардонем ва роҳро, ки барои ин гӯшаи Ватанамон аҳамияти ҳаётӣ дорад, боз кунем. Фикр мекунам, ки аҳолии вилоят ҳам метавонад дар ин бобат ба мо ёрӣ расонад. Охир, дар Ишкошим, Шугнон, Рошткалъа, Хоруғ ва қисме аз деҳаҳои Рӯшон мардум тавонист, ки силоҳбадастонро дар ҷояшон шинонанд, чаро ин кор дар Ванҷу Язғуломму Қалъаи Хумб ва Рӯшон суст анҷом дода мешавад. Дар Ванҷу Язғуломму Қалъаи Хумб ва Рӯшон садҳо равшанфикрону пирони кор дорем, ки суханони онҳо ҳамчун

қонун барои дигарон аст. Аз тарафи дигар, ҳар як силоҳбадаст падару модар ё зану фарзанду хешу ақрабо дорад. Наход онҳо як силоҳро аз дасти ӯ гирифта натавонанд? Ба замми ин, депутатҳои шӯроҳои халқии қишлоқӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳурӣ ҳастанд. Барои чӣ онҳо ҳанӯз ҳам худро дар канор гирифта истодаанд? Биёед ҳамроҳ ва ҳарчи зудтар ин масъалаҳоро ҳал кунем. Агар роҳ кушода нашаваду борҳои зарурироро зудтар ба ин вилоят накашонем, вақт мегузарад ва боз зимистон фаро мерасад. Имрӯз ҳама сар то сари ҷаҳони мутамаддин Ҳукумати қонунии маро дастгирӣ мекунад. Ҳамсояҳои мо Хитои бузург, Ҳиндустони азим, Покистони ҳамсоя, Ӯзбекистону Қазоқистону Қирғизистони бародар, Россия ва Америка барин давлатҳои тавонои ҷаҳон, ҳукуматҳои Афгонистону Эрону Арабистони Саудӣ, умуман зиёда аз 100 давлат Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба расмият шинохта, фақат бо мо ҳамкорӣ кардан мехоҳанд. Пас, ҷанобони вазифаталаб ба умеди кӣ бошанд, ки ҳанӯз ҳам дар хаёли ҷанганд.

Боз як бори дигар аҳамияти роҳи автомобилгарди Даштиҷум — Қалъаи Хумбро қайд карданӣ ҳастам. Дар давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ дар сохтмони ин роҳ танҳо 1 фоизи маблағгузориҳои давлатӣ аз худ карда шудаасту халос. Агар кор ҳамин тавр давом кардан гирад, ин роҳи барои ҷумҳурӣ ниҳоят зарур танҳо дар давоми 25 сол сохта хоҳад шуд.

Замоне буд, ки бадахшониҳо дар муддати се моҳ роҳи ҳозиразамони автомобилгарди Душанбе—Хоруғро сохта буданд. Ҳоло бошад мо бо асбобу мошину механизмҳои ҳозиразамон мусаллаҳ буда, сохтмони ин роҳи барои ҷумҳурӣ ниҳоят зарурро чандин сол боз кашол медиҳем. Ҳол он ки сохтмони ин роҳ ва ба кор даровардани корхонаи барқи "Помир-I" ба дигаргуниҳои куллие дар Бадахшон оварда мерасонад.

Ман танҳо як чизро мисол овардан мехостам. Қаламрави Бадахшон аз маъданҳои зеризаминӣ хеле бой аст. Танҳо аз сангҳои қиматбаҳо то имрӯз зиёда аз 1000 манбаъ кашф шудааст. Ва илова бар он, ҳар сол то 10 манбаи нави сангҳои қиматбаҳо кашф мегардад.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ба нақша гирифтааст, ки дар ҳама ноҳияҳои вилоят корхонаҳои коркарди сангҳои қимат-

баҳоро бунёд кунад ва то соли 1998 коркард ва истихроҷи ин гуна маҳсулотро то 10-15 баробар зиёд намояд. Боз корҳои зиёде дар бораи сохтмони корхонаҳои металлҳои ранга ва қиматбаҳо, ашёи хоми кимиёвӣ ва корхонаҳои муштарак дар асоси маблағгузориҳои хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст.

Вале ҳамаи ин корҳоро танҳо ҳамон вақт ба анҷом расонидан мумкин аст, ки воситаҳои ҳозиразамони нақлиётӣ ва энергияи арзони электрикӣ бошад. Аз ин ҳам бештар бояд чи дар вилоят ва чи дар ҷумҳурӣ вазъияти ороми сиёсӣ ва сулҳ ҳукмфармо гардад. Вагарна ҳамаи ин нақшаҳо дар рӯйи ҳамон коғазҳо боз солиёни дароз боқӣ мемонанд.

Бадахшон, дар ҳақиқат, дорои имкониятҳои васеи иқтисодӣ ва илмиву фарҳангӣ мебошад. Дар хусуси Пажӯҳишгоҳи илмию тадқиқотии биологии Помир ва тадқиқотҳои олимони он қариб ҳамаи марказҳои илмии ҷаҳон медонанд ва ба корҳои олимони бадахшонӣ баҳои баланд медиҳанд.

Мардуми шарофатманди Бадахшон на танҳо дар тараққиёти саноату иқтисод, балки дар инкишофи илму фарҳанги ҷумҳурӣ низ ҳиссаи бузурге гузоштанд. Тамоми халқи ҷумҳурӣ бо чунин номҳо, монанди устод Мирсаид Миршакар, Баҳодур Искандаров, Худоёр Юсуфбеков ва Рустамбек Юсуфбеков, Усмон Холдоров, Меҳрубон Назаров ва даҳҳо дигарон бо тамоми самимият фахр мекунанд.

Умед аст, ки дар оянда бо тараққиёти марказҳои илмӣ ва таълимӣ дар Бадахшон ҳиссаи намояндагони вилоят дар рушду инкишофи иқтисодӣ ва илмию фарҳангии Тоҷикистон боз ҳам бештар мегардад.

Дар охир такроран мегӯям, ки ҳамаи орзую умедҳои мо нисбати мӯътадил гардидани вазъият ва обод намудани ҷумҳуриамон, пеш аз ҳама, ба мову шумо вобаста аст. Ба мавқеи мустаҳками мову шумо дар роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ба меҳнати ҳалолу фидокоронаи ҳар яки мо дар роҳи ноил гардидан ба мақсадҳои дар пеш гузоштаамон.

# ИЗҲОРОТ
# ДАР КОНФРОНСИ УМУМИЧАҲОНӢ ОИД БА ҲУҚУҚИ ИНСОН

Вена, июни соли 1993

Ҳуқуқу озодиҳои шахс дастоварди умумии тамаддуни инсонӣ буда, бо таъмини сулҳу амнияти сайёра бевосита алоқамандaнд. Принсипи эҳтирому риояи онҳо торафт бештар омили мўътадил гардондани вазъият мешавад.

Муҳокимаи ҳамаҷонибаю боэътибори масъалаҳои марбути ҳуқуқи инсон дар конфронси умумиҷаҳонии Вена дар ин рўзҳо марҳалаи муттаҳид кардани ҷидду ҷаҳди созмони ҷаҳонӣ дар ин кори наҷиб мегардад.

Аз он вақте, ки Ҳукумати мувофиқи Конститутсия интихобшуда дар Тоҷикистон ба сари қудрат омад, шаш моҳ гузашт. Ҳукумат эълон кард, ки роҳи сохтмони давлати демократии ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеш мегирад. Роҳбарияти нав аз рўзҳои аввал собит кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, муоҳидаҳои байналхалқии ҳуқуқи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, мадании гражданӣ, ҳуҷҷатҳои дигари байналхалқии нормативии ҳифзи ҳуқуқ мўътақид аст.

Ҷанги бародаркуш ба бесомониҳои иқтисодӣ, худсарию қонуншиканӣ ва ҳуқуқшиканӣ оварда расонд. Мо аз рўзҳои аввали фаъолияти худ барои ба эътидол овардани вазъият, барқарор кардани қонуну тартибот, кафолати ҳимояи ҳуқуқи инсон дар мамлакат чораҳои қатъӣ дидем.

Парлумони мамлакат бо мақсади таъмини сулҳ, созгории миллӣ дар бораи аз масъулияти ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки аз 27 май то 25 ноябри соли 1992 кирдорҳои зиддиқонунӣ содир намуданд, қонун қабул кард. Мо эътибори ин қонунро ҳозир ҳам таъкид менамоем. Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз аҳолӣ ва дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ мусодира кардани силоҳ дар ин роҳ иқдоми дигар гардид. Мӯҳлати эътибори ин фармон тамдид шуд. Фармон барои из аҳолӣ ва дастаҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ мусодира кардани теъдоди зиёди силоҳи оташфишон, техника ва муҳимоти низомӣ мусоидат кард. Сарварони Ҷабҳаи мардумии Тоҷикистон ҷиҳати мусоидат ба халъи силоҳ ташаббус нишон дода, ҷабҳаи худро пароканда карданд. Дар бораи гурезаҳо қабул кардани қонун, ки амнияти шахсӣ ва ёрии моддиро ба тамоми одамони аз даҳшати ҷанг гурехта кафолат медод, марҳалаи дигар шуд. Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз масъулияти ҷиноӣ озод кардани шахсоне, ки аз 27 март то 31 декабри соли 1992 ғайриқонунӣ сарҳади давлатии мамлакатро убур кардаанд ва ба Ватан баргаштан мехоҳанд, дар ин роҳ кӯмаки калон расонд.

Самараи ин гуна сиёсат аён аст: эътимоди аҳолӣ ба роҳбарияти мамлакат меафзояд. Вазъияти мамлакат торафт мӯътадил мегардад. Ҳозир мо барои пурра ба эътидол овардани вазъият кӯшиш дорем, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идора, системаи додгоҳ ва мақомоти ҳифзи тартиботу қонунро ҳамаҷониба мустаҳкам намоем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупо талош меварзад, ки принсипу нормаҳои Асноди асосии муоҳидаи Хелсинкӣ, аз ҷумла Баёнияи Парижро барои Аврупои нав бечунучаро риоя кунад. Ҳукумати мамлакат бо СММ, мақомоти Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ҳамаҷониба ҳамкорӣ карда, барои ба талабҳои байналхалқии ҳуқуқу озодиҳои шахс мувофиқ гардондани қонунгузории миллӣ ба кор шурӯъ намуд.

Қабули Конститутсияи нави ҷумҳурӣ ва дар асоси он таъсис додани системаи самарабахши ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ дар ин самт марҳалаи муҳимтарин мегардад.

Ҳозир дар ҷумҳурии мо муқовимати калонмиқёси мусаллаҳона вуҷуд надорад. Вале ин ҳаргиз онро ифода

намекунад, ки худсарӣ, қонуншиканӣ, афзоиши ҷинояткорӣ барин ҳодисаҳои номатлуб аз ҳаёти ҷамъият худ аз худ аз миён мерафта бошанд. Хусусан дар ҷумҳурӣ структураҳои давлатию ҳукуматӣ, системаи адолати судӣ ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ аслан аз нав ташаккул меёбанд.

Бинобар ин, мо ба чунин ақида ризо шуда наметавонем, ки роҳбарияти нави Тоҷикистон гӯиё ба кушокушӣ ва дар ҷумҳурӣ гум шудани одамон шарик бошад. Мисолҳое, ки бо террори сиёсӣ ном террор шарик будани аъзои Ҳукумат ва ходимони давлатиро собит намоянд, вуҷуд надоранд ва дошта ҳам наметавонанд. Мо ҳар гуна усулҳои зиддиқонунӣ, алалхусус, усулҳои бо зӯрӣ яктарафа кардани ҷанҷол, мубориза барои ҳокимиятро ошкоро маҳкум кардем ва маҳкум хоҳем кард.

Мо ҳаминро дар назар дорем, ки эҳтироми қонун, эътирофи волоияти қонун, шаклҳои юридикии робитаҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати зарурии давлати ҳуқуқбунёд аст. Ин гуна муносибат аз бисёр ҷиҳат ба дараҷаи қонундонӣ ва маданияти шаҳрвандон ва шахсони мансабдор вобаста аст.

Дар ҷумҳурӣ дар бахши ҳимояи ҳуқуқ кори бо маърифат гардондани мардум вусъат дода мешавад. Ба қарибӣ дар Душанбе бо иштироки дипломатҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва тартиботи қонунӣ, аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳо, ақаллиятҳои миллӣ ва муассисаҳои динӣ, илмӣ ва расонаҳои иттилооти оммавӣ бахшида ба ин мавзӯъ мизи мудаввар ороста шуд. Мо ният дорем, ки вақтҳои наздик ба СММ муроҷиат карда, хоҳиш намоем, ки барои ба мақомоти давлатӣ ва ба системаи ҳифзи ҳуқуқ доир ба масъалаҳои ҳаёти инсон додани маслиҳату тавсия ба Тоҷикистон коршиносҳоро фиристад. Ба ин муносибат таҷрибаи андӯхтаро доир ба ҳамкории пурсамар бо СММ ва муассисаҳои махсуси он бо қаноатмандӣ хотиррасон кардан мехостам. Ман ба Сармуншии СММ аълоҳазрат ҷаноби Бутрос Ғолӣ ба вакили шахсии ӯ дар Тоҷикистон ҷаноби Исмат Киттонӣ ва ба роҳбари гурӯҳи вакилони СММ дар Тоҷикистон ҷаноби Ливиу Бота барои ёрию мададашон миннатдории самимӣ изҳор карда, таъкид менамоям, ки мо нияти қавӣ дорем минбаъд ҳам ҳамкории ҳамаҷонибаро бо СММ ва ташкилотҳои дигари байналхалқӣ, аз ҷумла, бо ташкилотҳои бахши масъалаҳои ҳуқуқи инсон вусъат диҳем.

Дар ҳақиқат, дар ҷумҳурии мо чун дар тамоми ҷаҳон масъалаи ҳифзи ҳуқуқи инсон ҳанӯз пурра ҳал нагардидааст. Мутаассифона, ҳуқуқи инсон бар асари ҷанги гражданӣ поймол шуд, ҳуқуқ дар рӯзгор ва ҳаёти муқаррарӣ низ поймол мегардад. Ҳукумати мамлакат бар зидди чунин ҳодисаҳо қатъан мубориза мебарад. Вале бо сабабҳои объективӣ таҳти назорат гирифтани ин протсесҳо мураккаб аст.

Ба мақомоти муҳофизи ҳуқуқ амр кардаем, ки дар асnои иҷрои вазифаҳои хизматӣ бояд ҳуқуқи гражданиро ҷиддӣ риоя намоянд. Дар сурати қоидаҳои муқарраршударо вайрон кардани намояндагони мақомоти тартиботу қонун ин ҳолат тафтиш шуда, гунаҳкорон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Аз ҷумла, дар бораи зарурати сари вақт воқиф кардани волидон, адвокатҳо ва додгустарон оиди ҳабс ё озод намудани шаҳрвандон, тафтиши маълумоти расида дар хусуси додани ҷазои ғайриқонунӣ, сарфи назар аз он, ки кадом одам содир кардааст, дастурҳо дода шуданд.

Мо ин гуна чораҳо дида мефаҳмем, ки онҳо тамоми имконияти бахши ҳимояи ҳуқуқи инсонро дар бар намегиранд. Роҳбарияти мамлакат барои таъмини кафолати таъсирбахши шаҳрвандони Тоҷикистон доир ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои онҳо азми қавӣ дорад, ки минбаъд ҳам ғайратмандона ҷидду ҷаҳд намояд, мо бори дигар собит мекунем, ки роҳбарият роҳи барпо намудани давлати демократии ҳуқуқбунёду дунявиро пеш гирифтааст, ки дар он барои ҳаёти шоистаи тамоми аъзои ҷамъият шароит фароҳам оварда мешавад.

# ТОҶИКИСТОН ҚОМАТ РОСТ МЕКУНАД

## СУХАНРОНӢ ДАР СЕССИЯИ XVII ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

26 июни соли 1993

**Мӯҳтарам депутатҳои халқ!**

Аз он рӯзе, ки сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд корашро ба охир расонд, ҳафт моҳ гузашт. Роҳбарияти қонунии ҷумҳурӣ, ки бо азму иродаи сиёсии шумо ташкил ёфта буд, ҳафт моҳ инҷониб кор мекунад. Ва имрӯз вакилони мӯҳтарам ҳақ доранд бипурсанд, ки роҳбарият, мақомоти олии ҷумҳурӣ дар ин муддат чи корҳоро ба ҷо оварданд ва минбаъд чӣ нақшаҳо доранд? Бинобар ин ман ин ҷо аз корҳои асосӣ, аз барору нобарориҳо, аз муваффақияту камбудиҳо ба шумо ба таври мушаххас нақл карданиям. Бовар дорам, ки ин ба манфиати кори ҳамаамон хоҳад буд. Чунон ки мегӯянд: "ҷомаи бомаслиҳат кӯтоҳ намеояд". Мо барои сарзамине ҷома медӯзем, ки номаш Тоҷикистону баданаш бар асари ҷанги ҳамватанӣ хуншор аст. Пас маслиҳату дархостҳои шумо барои мо як навъ марҳамеро мемонад, ки мисли обу ҳаво зарур аст.

Дар ин муддат чӣ корҳоро ба ҷо овардем?

Пеш аз ҳама ба вазъи сиёсии ҷумҳуриамон назар андозем. Ҳазорон шукр, ки ҷанги бародаркушӣ асосан ба охир расид. Шахсан ман инро кори асоситарин ҳисоб мекунам. Дар иҷрои ин кор ҷанговарони Фронти халқӣ, ходимони милиса, Кумитаи амнияти миллӣ ва Артиши

Россия хизматҳои шоён карданд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ вазъият мӯътадил аст. Сокинони Душанбешаҳр баъди дохил шудани Ҳукумати тозабунёд нафаси озод гирифтанд, муҳити зиндагӣ ба маҷрои нав сурат гирифт, оромию осоиштагии пойтахти ҷумҳурӣ ин нишонаи эътимоду боварии куллии мардуми мо ба қарорҳои сессияи XVI Шӯрои Олӣ буд.

Қатъ шудани ҷанги хонумонсӯз натиҷаи ақли солим, орзуи мардуми азияткашидаи мо, амали шумо, намояндагони мардумӣ ва нерӯҳои ватанпарвари кишварамон буд.

Мо бо ҳамроҳии шумо дар назди халқи азизамон бори вазнин ва масъулияти бузургеро ба дӯши худ гирифтем. Дар тӯли ҳафт моҳи сипаришуда муҳимтарин чораҳои андешидаи иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ амалӣ шуда истодаанд. Ҳамаи он масоиле, ки дар ин давра ҳалли худро ёфт ва тадриҷан ба сомон расида истодааст, ба мардум, ба шумо намояндагони халқ, маълум аст.

Таваҷҷӯҳи шуморо ба баъзе аз онҳо ҷалб карданиам. Мо бо вуҷуди душвориҳои иқтисодӣ Артиши миллии худро таъсис додем, мақомоти Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Умури дохила, Додситони ҷумҳурӣ, назорату идораҳои ҷумҳуририро барқарор намудем. Муҳимтарин кори мо боз он буд, ки дар ноҳияҳои бар асари ҷанг тамоман харобу фалаҷшуда, ҳокимияти халқӣ, мақомоти идоракунӣ ва таъминкунандаи ниёзи мардум таъсис ёфт ва фаъолияташро дар шароити нави иқтисодию сиёсӣ огоз намуд. Президиуми Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон як силсила қарору фармонҳое қабул кард, ки асосан ба манфиати халқ равона шуда буд. Авфи умумӣ, халъи силоҳ, мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ, таъмини мардумамон бо маводи хӯрока, пеш аз ҳама орду равган, ду-се маротиба зиёд шудани маош, мустаҳкам шудани муносибатҳои ҷумҳурии мо бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ ва дигар масъалаҳои муҳим ҳаллу фасли худро ёфта истодааст. Бояд бигӯем, ки ҷонишинони Раиси Шӯрои Олӣ, раисони кумитаҳои он тӯли ин ҳафт моҳ ҳамеша байни мардум буданд. Аз Ишкошим то ба Айваҷ, аз Кӯлоб то Хуҷанд, Ҷиргатолу Қӯргонтеппа дарди дили мардумро эҳсос мекарданд.

Агар ба вазъи сиёсии ҷумҳуриамон аз нигоҳи мардуми заҳматкаш, зиёиён, ҷавонон ва дигарон баҳо диҳем, пас

муҳимтаринаш барқароршавии оромию осоиштагӣ дар Ватанамон мебошад. Ва баъдан барқарор кардани хоҷагии халқи аз ҷанги гражданӣ зарардида, баргардонидани гурезаҳои аз Ватан ҷудошуда ва ҳарчи зудтар истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, саноату сохтмонро ба дараҷаи соли 1990 расонидан аст.

Чунон ки мебинед, худи мардум самтҳои асосии фаъолияти давлат ва ҳукуматро муайян намудааст.

Раёсати Шӯрои Олӣ, кумитаҳои он фаъолияти худро барои ҳаллу фасли масъалаҳои имрӯзу фардо равона кард. Вале вазъи сиёсии ҷумҳуриамонро ноороми сарҳад, игвогарии иддае аз он мансабталошону душманони миллат ки илҳомбахшу ташкилотчии ҷанги гражданӣ буданд, тира карданӣ мешаванд.

Онҳо чи аз хориҷи кишвар ва чи дар марзи ҷумҳуриамон ҳар рӯзу ҳафтаҳо овозаҳои иғвоангез, тӯҳмату бӯҳтонбофӣ мекунанд. Иддае аз онҳо боз ҳам бо даъвоҳои маҳалгароӣ як минтақаи ҷумҳуриро ба дигар минтақа муқобил гузоштанӣ, муносибатҳои бародаронаи қавму миллатҳои кишварамонро халалдор карданӣ мешаванд. Ҷанобон "падарони" миллат мардуми бечораи худро партофта, бо сармояю маблаги ғораткардаашон дар кишварҳои хориҷа аз мардуми азияткашидаамон "пуштибонӣ" ва Ҳукумати навини Тоҷикистонро бо ҳамаи гуноҳҳои гӯшношунид айбдор карданӣ мешаванд.

Наход ки ин гуна ашхос ҳоло ҳам аз хуну вайронаҳо сер нашуда, ҳоло ҳам дар обу оташи нав сӯйи мансабу сармоя метохта бошанд?

Ман боварӣ дорам, ки мардуми мо ҳаргиз бори дигар фирефтаи роҳи он "падарони" миллат нахоҳанд шуд.

Ҳаёти осоиштаю умедбахши моро баъзан амали нафратовару ваҳшонияти ашхосе, ки худро мубориза роҳи конститутсионӣ меҳисобанду вале аслан ба ғоратгарию куштор машғуланд, ниҳоят ғамангез мекунад. Маҳз ҳамин хел гурӯҳҳо мутаассифона шабохунзаниҳои роҳзанона, сӯиқасд ба ҷону молу мулк, игвогарию дасисабозиҳоро ҳанӯз ҳам давом медиҳанд. Ҳукумат ба кирдори ин гурӯҳҳои аз хуну хок сернашуда аз паси панҷа нигаристанӣ нест.

Ҳукумати нав тавонист, ки пеши горатгарӣ ва таҳқирҳои рӯйиростро бигирад.

Яке аз масъалаҳои муҳими ҳаётамон ин масъалаи гурезагон аст. Баъди сессияи XVI Шӯрои Олӣ ва қарори

махсуси он баргардонидани гурезаҳо оғоз ёфт. То 20 июн қариб 90 фоизи гурезаҳои дохилӣ ба ҷойҳои худ баргаштанд. Қисми муайяни ба хориҷа рафтаҳо низ омаданд. Имрӯз вазифаи ҳар як роҳбар, ҳар як шахсе, ки худро тоҷикистонӣ меҳисобад, аз он иборат аст, ки барои то нафари охирин баргардонидани ҳамватанонамон ҷидду ҷаҳд намояд. То даме, ки мо халқи ҷафокашу бо ҳукми тақдир парешоншудаамонро аз нав ҷамъ насозем, то даме, ки охирин гарибӣ тоҷикро аз берун наорем, набояд хотирҷамъ шавем.

Дар ин кор ба мо ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ, давлатҳои дӯсту ҳамсоя кӯмак мерасонанд. Мо аз онҳо миннатдорем. Вале мо бояд бо ақлу идроки хеш дарк намоем, ки ин пеш аз ҳама кори худамон аст. Ҳар як ғарибе, ки дар хориҷа мегардаду барои ёфтани қути лоямут гадоӣ мекунад, ин санг ба сари мосту нанг ба номи миллат.

Сарҳад мустаҳкам карда шуд. Бо кӯшиши Артиши миллӣ, милиса ва Кумитаи амнияти миллӣ, дивизияи 201-уму сарҳадбонони Россия, нерӯҳои сулҳпарвари Ӯзбекистону Қазоқистон осоиш ва бехатарии кишварамонро таъмин менамоем. Бигузор ба азму ирода ва қудрати якҷояи мо ягон кас ва ягон гурӯҳ заррае шубҳа накунад.

Албатта, ҷо-ҷо сарҳадшиканӣ ҳанӯз рӯй медиҳад. Гурӯҳҳои начандон калони онҳое, ки ҳанӯз ҳам аз зарбаҳои кувваҳои ҳукуматӣ сабақ нагирифтаанд, гоҳ-гоҳ сарҳадро вайрон карданӣ мешаванд. Вале ҳар дафъа тирашон хок хӯрда, умедашон барбод меравад.

Аз фурсат истифода бурда, ба онҳое, ки илҳомбахшу таъминкунандаи ин дастаҳои ғоратгаронанд, муроҷиат менамоям. Агар шуморо дар бадан заррае хуни инсонӣ ҳаст, агар шумо низ худро тоҷик ҳисобед (воқеан, бадбахтона ҳамин тавр аст), пас як бор биандешед. Бифаҳмед, ки ҳамаи ин ҷонканиҳои шумо беҳуда аст. Ҳамин қадар “фоида” мегиред, ки шумораи мурдаҳои тоҷик меафзояд. Агар худро тоҷик ҳисобед, дар ин бора биандешед. Дар ин хусус ҳам фикр кунед, ки чаро халқ аз шумо рӯ гардонд ва чаро шуморо аз даргоҳаш ронд. Вобаста ба ин бояд низ гӯям, ки мо халқи бегуноҳеро, ки душманон ба одамкушӣ ҷалб карданд ё ҷалб карданӣ шуданд, авф кардем. Аммо саркардагони моҷаро ё ҷаллодони хунхори онҳо дар назди қонун бояд ҷавоб гӯянд.

Ҳоло навбати фаъолияти мақомоти маъмурии ҷумҳурӣ расидааст. Онҳо бояд вазифаи худро ба ҷо оранд. Вақте ки ҷинояткорон сазои худро мегиранд, бегуноҳон аз хатар эмин мемонанд.

Дар давоми ҳафт моҳе, ки гузашт, мо ҳукуматҳои маҳаллиро, ки дар бисёр ноҳияҳо аслан аз байн рафта буданд, барқарор кардем. Ин ҳукуматҳо бояд кор кунанд, нишон диҳанд, ки то чи андоза ба талаби замон мувофиқат карда метавонанд. Агар ҳар як раиси ҷомеа осоишу амнияти қаламрави худро таъмин кунад, он гоҳ ҳамаи мо хоҳем донист, ки Тоҷикистон осуда мешавад. Ин қарзи мо дар назди халқу виҷдон аст. Мехоҳам фаҳмед ва донед, ки ин кори ниҳоят муҳим аст.

Муқоиса кунед, ҳукумати маҳаллии Файзобод дар вақташ устувор истод, ягон қотил дар он ҷо ҷойи истодан наёфт. Чун дар Ғарм калавиш эҳсос намуданд, ҳатто дар он ҷо давлати исломӣ эълон карданд. Чи қадар ҷони ҷавон талаф ёфт, то зиндагии оддӣ дар Ғарм эҳё шавад.

Ҳукумати маҳаллӣ бояд кор кунад. Эътирофи забонии ҳукумат ба касе лозим нест, ин худфиребӣ аст. Худи ҳукумати маҳал агар воқеан тарафдори оромии сарзамин бошад, яроқи мавҷударо ҷамъ мекунад, зеро ин яроқу яроқдор дар навбати аввал душмани аҳолии ҳамон минтақа аст. Сипас роҳбарияти маҳалҳо ва мақомоти муҳофизати ҳуқуқ он ҷинояткоронеро, ки дар он ҷойҳо пинҳон шудаанд, дастгир карда ба ихтиёри мақомоти тафтишотӣ медиҳанд.

Мутаассифона, воқеият чунин аст, ки дар баъзе ноҳияҳо интизор шуда меистанд, ки кай роҳбарияти ҷумҳурӣ омада нафақат силоҳдорон, балки камбудиҳоро ошкор мекунад ва роҳҳои ислоҳи ин корро нишон медиҳад. Ба чунин рӯҳияи туфайлихӯрӣ хотима бояд дод.

Ба як масъалаи дигар низ дахл карданиям. Ин ҳам бошад, ниҳоят суст будани рафти даъват ба сафи армияи миллӣ аст. Ростӣ, баъзан фаҳмида наметавонам. Он ҷавонони ҳузарбе, ки дирӯз аз бедодиҳои сиёҳкорон фиғон мебардоштанд, имрӯз ба ҷойи он ки либоси низомӣ пӯшида, Ватан, падару подар, зану фарзанди худро ҳимоя кунанд, аз даъват саркашӣ менамоянд. Ин ба шаъни шумо намезебад! Ҳукуматҳои маҳаллӣ бояд иҷрои ин кори муҳимро таъмин кунанд.

Ман аз ҳар маҳали Тоҷикистон ифтихор мекунам. Аммо ҷинояткоронро, ки боиси тӯфони марг шудаанд, аз кадом

маҳал, кӣ бошад, ёфтан, ба ҷавобгарӣ кашидан шарти мавҷудияти давлати мост. Ин қасос не, ин сазои амал мешавад.

**Мӯҳтарам депутатҳо!**

Баъд аз сессияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ гуфтан мумкин аст, ки дар сиёсати хориҷии мо марҳалаи нав оғоз ёфт. Ҳоло рафти ташаккули ҷанбаҳову равияҳои асосии он идома дорад.

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар асоси эҳтироми меъёрҳои умумибашарӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ба мадди назар гузоштани манфиатҳои олии Тоҷикистон фаъолият хоҳад кард. Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдор аст, ки сиёсати мувозину прагматиро пеш гирад, ки он бояд аз пайравии якҷониба холӣ бошад. Сиёсати берунии мо инчунин барои тадриҷан бунёд кардани иқтисодиёти миллии ҳозиразамоне мусоидат хоҳад кард, ки ба ҳаёти гуногунпаҳлӯи ҷомеаи байналмилалӣ иртиботи наздик бояд дошта бошад.

Чунин иқдом бо дарназардошти чандин афзалият сурат хоҳад гирифт. Асоситарини онҳо пеш аз ҳама бо роҳҳои сиёсӣ таъмин кардани амнияти Тоҷикистон, фароҳам овардани шароити мусоиди хориҷӣ барои пешравии ислоҳоти демократӣ, истифодаи кӯмакҳои моддию техникӣ барои таҷриҷан ба иқтисоди бозаргонӣ гузаштан, барқарор кардани муносибатҳои нави мутақобилан муфиди Тоҷикистон бо аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар мамлакатҳои хориҷӣ мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти як қатор созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ дохил гардидааст.

Мехостам бо қаноатмандӣ фаъолияти намояндагии Созмони Милали Муттаҳидро, ки чанд моҳ инҷониб дар Душанбе арзи вуҷуд дорад, қайд кунам.

Мадади Созмони Милали Муттаҳид ба Тоҷикистон тавассути ин намояндагӣ дар корҳои расонидани кӯмаки башардӯстона ва аз хоки Афғонистон баргардонидани гурезаҳои мо қобили таҳсин аст. Аз номи мардуми тоҷик барои ин кори хайру наҷиб ба Котиби генералии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Бутрос Ғолӣ, намояндаи махсуси вай ҷаноби Исмати Киттонӣ ва намояндаи ин Созмон дар

Тоҷикистон ҷаноби Ливиу Бота изҳори миннатдорӣ менамоям.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ пайваста идома хоҳад ёфт, зеро ки мо татбиқи оинномаҳои ин созмонҳоро ба ӯҳда гирифтаем.

Дар сиёсати хориҷии ҷумҳуриамон мо ба кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил афзалият додаем ва хоҳем дод. Ин ду сабаби асосӣ дорад. Сабаби якум аз он иборат аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Иттиҳод мебошад. Дуюмаш ҳамин, ки мо бо ҳамаи кишварҳои аъзои Иттиҳод дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсиву фарҳангӣ робитаҳои зич дорем.

Аз ин рӯ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чанде аз кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба монанди Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Белорус ва Туркманистон аҳдномаҳои дӯстиву ҳамкорӣ ба имзо расонид, ки онҳо ба баргузор сохтани робитаҳои гуногунсоҳаи байни кишварҳоямон шароити васеъ фароҳам меоваранд. Сафари расмии ҳайати олирутбаи Тоҷикистон ба Федератсияи Россия исбот намуд, ки пайвандҳои халалнопазири мо бо ин давлати бузург дар шароити имрӯза нерӯи тоза пайдо мекунанд ва рӯ ба пешрафти ҳамаҷонибаи васеъ доранд.

Тоҷикистон манфиатдор аст, ки бо Давлати Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон дар асоси принсипҳои тамомияти арзӣ, эҳтироми мустақилият, баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар робитаҳои хуби ҳамҷаворӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии дутарафаи судманд дошта бошад, дӯстиву ҳамдигарфаҳмиро ривоҷу равнақ диҳад. Дар айни замон мо умедворем, ки кишварҳои ҳамҷавори мо низ дар асоси чунин меъёрҳо бо мо муносибат мекунанд.

Як чизро бояд хотиррасон кард, ки имрӯз ҳар як фарди ҷомеаи моро ба ташвиш меоварад, ин аз ҷониби гурӯҳҳои силоҳбадасти зидди мардуми мо истифода шудани хоки Афғонистон мебошад. Мо ҳаргиз аз Ҳукумати қонунии кишвари ба мо дӯст домангир нестем, чунки душвориҳои дохилии онҳоро хуб дарк мекунем. Бинобар ин мо хоҳони ҳарчи зудтар хотима ёфтани ҷанги бародаркуши хонумонсӯз дар хоки Афғонистон ҳастем, ки он барои ривоҷу инкишофи

ҷаҳон шоистаи таҳсин аст. Бо иҷозаи шумо ман ин қарзи басо фараҳангез ва инсониро ба ҷо меорам, ба ҳамаи мардумон ва ҳукуматҳое, ки дар рӯзҳои сахт ба мо кӯмак расонданд ва дасти мадад дароз карданд, ташаккур изҳор менамоям.

Мо итминон дорем, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати тозаистиқлол ба қатори кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дохил гардида, ҷойи муносиби худро дар он пайдо мекунад ва дар барқарориву устувории сулҳу амнияти байналмилалӣ саҳми арзанда мегузорад.

**Мӯҳтарам депутатҳои халқ!**

Дар соҳаи иқтисод вазифаҳои мо ниҳоят бисёранд. Вазифаи муҳимтарин аз ҳолати харобӣ баровардани ҷумҳурӣ аст. Аслан мо ду соли охир соҳаи кишоварзиро хароб кардем. Ҷумҳурии мо, ки асоси иқтисодаш хоҷагии қишлоқ ва саноати коркарди маҳсулоти он мебошад, аз муташанниҷии вазъият, беҳавсалагии роҳбарон, номуташаккилию бемасъулиятии мутахассисон, ғайриқаноатбахш татбиқ намудани усулҳои замонавию бозаргонӣ ба ин рӯзи сахт расид. Саноат аз бекоргарӣ, набудани ашёи хом қариб аз кор мондааст. Мо дигар ҳақ надорем, ки минбаъд низ бо ин аҳвол муросо кунем. Ин ҷиноят дар назди халқ хоҳад буд ва моро ҳафт пуштамон нахоҳад бахшид.

Дар натиҷаи харобкориҳо дар рафти задухӯрдҳои мусаллаҳона ба иқтисодиёт он қадар зарар расонда шуд, ки ба садҳо миллиард сӯм баробар аст. Истеҳсолот дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ қафо рафт.

Дар натиҷаи муҳосираи дурударози роҳи оҳан ва роҳҳои мошингард, набудани сӯзишворӣ ва захираҳои зарурии моддию техникӣ, инчунин бағоят пурзӯр шудани равандҳои муҳоҷиршавӣ иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳолати фалаҷ гирифтор шуд. Зарари умумии иқтисодӣ аз 376,8 миллиард сӯм гузашт.

300 тонна нахи пахта, қариб 70 тонна ресмони пахтагин, 5,6 миллион сӯмина таҷҳизот, 185 миллион сӯмина трансформатор, двигателҳои электрӣ, воситаҳои нақлиёт аз сӯхтор нобуд гашт. Дар корхонаҳои шаҳри Душанбе қариб як миллиард сӯмина молу ашё дуздида шуд.

Ба хоҷагии нақлиётии ҷумҳурӣ зарари калон расид. Аз ҷумла, дар натиҷаи амалиётҳои ҷангӣ зиёда аз 5 ҳазор мошин

муносибатҳои мо дар ҳамаи соҳаҳо заминаҳои мусоид фароҳам хоҳад овард.

Тоҷикистон бо яке аз кишварҳои бузурги минтақа — Ҷумҳурии Чин ҳамҷаворӣ дорад. Дар як муддати начандон тӯлонӣ баъд аз баргузор сохтани муносибатҳои дипломатӣ бо хоҳишу кӯшишҳои тарафайн ба он муваффақ шудем, ки байни Тоҷикистону Чин заминаи хуби муносибатҳои умедбахш ба вуҷуд оварем.

Дар рафти ташрифи расмии ҳайати давлатии Тоҷикистон дар сатҳи олӣ ба Ҷумҳурии Халқии Чин якчанд ҳуҷҷати расмии муҳим ба имзо расид. Мо ҳамаи тадбирҳоро меандешем, ки муносибатҳои хуби ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии мутақобилан судманди миёни Тоҷикистон ва Чин тавсеа ёбад ва ба манфиатҳои мардумони ҳарду кишвар хидмат кунад.

Муносибатҳои мо бо кишвари ҳамсояи бузурги дигар — Ҷумҳурии Ҳиндустон низ пайваста инкишоф ёфта истодааст. Чунон ки хабар доред, ҳайати расмии Тоҷикистон ба ин кишвар сафар кард.

Дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Туркия заминаҳои аввалини ҳамкориҳои мутақобилан судманд ба вуҷуд оварда шудаанд. Ҳоло мо ҳамаи тадбирҳоро андешида истодаем, то ки дар асоси ин заминаҳо инкишофи минбаъдаи ҳамкориҳоро таъмин намоем.

Мо саъю кӯшиш дорем бо кишварҳои Аврупо робитаҳои хуб дошта бошем, аз таҷрибаи сиёсӣ, рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологияи пешрафтаи онҳо истифода намоем, дар асоси нафъи мутақобил равобити мутараққии иқтисодӣ дошта бошем. Ин нияти нек тадриҷан ҷомаи амал пӯшида истодааст.

Бо кишварҳои минтақаи Амрико низ Тоҷикистон тадриҷан робитаҳои лозима анҷом дода истодааст. Аз ҷумла, Тоҷикистон бо яке аз давлатҳои абарқудрати ҷаҳон — Штатҳои Муттаҳидаи Амрико муносибатҳои хуб ва ҳамкориҳои судманд дорад.

Мо ба муносибатҳои Тоҷикистону Амрико диққати махсус медиҳем ва кӯшиш мекунем, ки аз таҷрибаи бойи давлатдории он самаранок истифода намоем. Боиси хушнудист, ки бо ин кишвар Тоҷикистон дар асоси меъёрҳои аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта робитаҳо дорад. Роҳбарияти ҷумҳурӣ бо Штатҳои Муттаҳидаи Амрико

робитаҳои серсоҳа ва ҳамкориҳои мутақобилан фоиданокро мехоҳад дар оянда боз ҳам вусъат диҳад.

Маълум аст, ки дар минтақаи хориҷии Осиё ва Африко кишварҳое ҳастанд, ки шумораи зиёди онҳо бо мо аз лиҳози фарҳанг, тамаддун, анъанот ва ғайра қаробати назаррас доранд. Мо ҷонибдори бо ин давлатҳо доштани равобити наздик ҳастем. Як гурӯҳи дигари давлатҳое ҳастанд, ки дар пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоии худ ба комёбиҳои чашмрас ноил гаштанд. Ман Ҷамҳурии Корея, Япония ва дигар кишварҳоро дар назар дорам. Бояд иқрор кард, ки ҳоло мо имконияти бо чунин кишварҳо робитаҳои бояду шояд ба вуҷуд оварданро пайдо накардаем.

Азбаски сухан дар бораи робитаҳои байналмилалӣ рафт, бояд махсус таъкид кард, ки мо то ҳол консепсияи муназзами сиёсати хориҷии худро таҳия накардаем. Кайҳо вақти он расидааст, ки бо дарназардошти вазъи доимо тағйирёбандаи байналмилалӣ ва пайваста ба эътидол омадани вазъи дохилии ҷумҳурӣ ҳарчи зудтар раванди омода кардани консепсияи сиёсати берунии давлат тезонида шавад.

Яке аз масъалаҳои душвортарин дар соҳаи татбиқи сиёсати хориҷӣ дар кишварҳои хориҷӣ таъсис намудани намояндагиҳо ва сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамаи шумо хуб медонед, ки мо ҳоло дар ягон кишвари хориҷӣ сафоратхона накушодаем. Дар ин ҷо, аз як ҷониб, камбуди арзи хориҷӣ садди роҳ шуда бошад, аз ҷониби дигар, даргириҳои дохилӣ дар марҳалаи гузашта мамониати аз он камтаре набуданд. Аммо Ҳукумат бояд ҳамаи чораҳоро андешад, ки масъалаҳои марбут ба кушодани намояндагиҳо ба таври мусбӣ ҳал гардад.

Мехостам аз чизи дигаре ёдовар шавам. Пӯшида нест, ки бар асари ҷангҳои дохилӣ ба кишвари мо зарари бузурге ворид шуд, ки таҳаммул кардани он ба ҷумҳурӣ дар танҳоӣ аз имкон берун аст. Бар замми он офатҳои табиӣ имсол ба иқтисоди миллии мо зарбаи зиёдтаре заданд. Дар чунин ҳолат дасти ёрӣ дароз кардани як қатор кишварҳо — Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон, Штатҳои Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Федеративии Германия, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Корея ва як қатор мамлакатҳои дигари

ҷаҳон шоистаи таҳсин аст. Бо иҷозаи шумо ман ин қарзи бисё фараҳангез ва инсониро ба ҷо меорам, ба ҳамаи мардумон ва ҳукуматҳое, ки дар рӯзҳои сахт ба мо кӯмак расонданд ва дасти мадад дароз карданд, ташаккур изҳор менамоям.

Мо итминон дорем, ки Тоҷикистон ҳамчун давлати истиқлол ба қатори кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дохил гардида, ҷойи муносиби худро дар он пайдо мекунад ва дар барқарориву устувории сулҳу амнияти байналмилалӣ саҳми арзанда мегузорад.

**Муҳтарам депутатҳои халқ!**

Дар соҳаи иқтисод вазифаҳои мо ниҳоят бисёранд. Вазифаи муҳимтарин аз ҳолати харобӣ баровардани ҷумҳурӣ аст. Аслан мо ду соли охир соҳаи кишоварзиро хароб кардем. Ҷумҳурии мо, ки асоси иқтисодаш хоҷагии қишлоқ ва саноати коркарди маҳсулоти он мебошад, аз муташанниҷии вазъият, беҳавсалагии роҳбарон, номуташаккилию бемасъулиятии мутахассисон, ғайрисаноатбахш татбиқ намудани усулҳои замонавию бозаргонӣ ба ин рӯзи сахт расид. Саноат аз бекоргарӣ, набудани ашёи хом қариб аз кор мондааст. Мо дигар ҳақ надорем, ки минбаъд низ бо ин аҳвол муросо кунем. Ин ҷиноят дар назди халқ хоҳад буд ва моро ҳафт пуштамон нахоҳад бахшид.

Дар натиҷаи харобкориҳо дар рафти задухӯрдҳои мусаллаҳона ба иқтисодиёт он қадар зарар расонда шуд, ки ба садҳо миллиард сӯм баробар аст. Истеҳсолот дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ қафо рафт.

Дар натиҷаи муҳосираи дурударози роҳи оҳан ва роҳҳои мошингард, набудани сӯзишворӣ ва захираҳои зарурии моддию техникӣ, инчунин бағоят пурзӯр шудани равандҳои муҳоҷиршавӣ иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳолати фалаҷ гирифтор шуд. Зарари умумии иқтисодӣ аз 376,8 миллиард сӯм гузашт.

300 тонна нахи пахта, қариб 70 тонна ресмони пахтагин, 5,6 миллион сӯмина таҷҳизот, 185 миллион сӯмина трансформатор, двигателҳои электрӣ, воситаҳои нақлиёт аз Қӯрғонтеппа нобуд гашт. Дар корхонаҳои шаҳри Душанбе қариб як миллиард сӯмина молу ашё дуздида шуд.

Ба хоҷагии нақлиётии ҷумҳурӣ зарари калон расид. Аз ҷумла, дар натиҷаи амалиётҳои ҷангӣ зиёда аз 5 ҳазор мошин

аз кор бароварда ва ё дуздида, 26 вагони боркашу мусофиркашонӣ, 184 контейнери роҳи оҳан вайрон карда шуд.

Комплекси агросаноатӣ талафоти калон дид. Ҳосили қариб ҳамаи зироат пурра ғундошта нашуд. Масалан, ҳамагӣ 63 фоизи пахта (513 ҳазор тонна) ва 61,2 фоизи галла (276 ҳазор тонна) ҷамъоварӣ гардид. Дар вилояти собиқи Қӯрғонтеппа соҳаи паррандапарварӣ қариб ки пурра нобуд гашт. Дар давраи амалиётҳои ҷангӣ он қадар чорво талаф ёфт, ки барои ба дараҷаи огози соли 1992 баробар кардани он камаш як миллиард сӯм зарур аст.

Комплекси манзил зарари калон дид. Майдони умумии хонаҳои вайроншуда 608,6 ҳазор мураббаъметр аст. Вилояти Қӯргонтеппа — 417 ҳазор мураббаъметр, шаҳри Душанбе — 75 ҳазор, ноҳияи Ленин — 80 ҳазор, ноҳияи Кофарниҳон — 20 ҳазор, ноҳияи Ёвон — 15 ҳазор мураббаъметр.

Зарари соҳаи иҷтимоӣ ниҳоят калон аст. Фақат соҳаи тандурустӣ зиёда аз 2 миллиард сӯм зарар дид. Аз рӯйи ҳисоби пешакӣ барои сохтмон ва барқарор кардани объектҳои системаи маориф бештар аз 5 миллиард сӯм лозим аст.

Маҳсулоти саноат назар ба соли 1991-ум қариб чоряк баробар кам шуд. Мутаассифона, дар соли ҷорӣ низ дар аксар соҳаҳои иқтисодиёт суръати истеҳсолот ҳамоно паст мефарояд. Даромади миллии истеҳсолшудаи семоҳаи аввали соли ҷорӣ нисбат ба ҳамин давраи соли 1992-юм 31,6 фоиз, ҳаҷми истеҳсолоти саноат 32,6 фоиз кам гардид.

Вазъият махсусан дар саноати химия, металлургияи ранга, пахта, матои пахтагин, чарму пойафзол ва саноати хӯрокворӣ ниҳоят ногувор аст. Дар ин соҳаҳо ҳаҷми истеҳсолот аз 34 то 55 фоиз кам шуд.

Сабабҳои пастравии истеҳсолот чун пештара нафиристодани ашё, масолеҳ ва ҳамчунин дар корхонаҳо набудани маблағ мебошад.

Идораи Тоҷиклегпромсирё масъули бо ашёи хом таъмин намудани корхонаҳои саноати сабук аст. Рӯйирост бояд гуфт, ки ин идора вазифаашро бояду шояд иҷро намекунад. Барои ҳамин идораи мазкурро ӯҳдадор кардан лозим меояд, ки масъалаҳои бо ашё таъмин намудани корхонаҳоро ҷиддӣ ҳал намояд.

Сабаби дигари нарасидани ашё набудани назорати истифодаи ашёи маҳаллӣ аст. Аз ҳад зиёд озод будани

соҳибкорон боиси он гардид, ки пўсти чорво ва дигар ашё аз ҷумҳурӣ бароварда шуду саноати худамон бекор монд.

Хушбахтона, дар кори корхонаҳои саноати сабук тамоюлҳои мусбӣ зоҳир мешаванд. Масалан, дар 5 моҳи соли ҷорӣ суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулот зиёда аз 20 фоиз зиёд шуд. Ин нишондиҳанда дар иттиҳодияи истеҳсолии матоъҳои пахтагин 1,6 баробар афзуд. Баробари ин имкониятҳои мавҷудаи зиёд кардани истеҳсоли маҳсулот пурра истифода бурда намешавад.

Зимнан, соли ҷорӣ қариб ҳамаи вазорату идораҳо ба пастшавии ҳаҷми истеҳсолот роҳ доданд. Масалан, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар моҳҳои январ — май дар корхонаҳои Вазорати оид ба корҳои саноат (вазираш Ш.Умаров) 57,8 фоиз, саридораи саноати коркарди пахта (сардораш А.Қаҳҳоров) — 49,4 фоиз, идораи саноати сабук (сардораш Ш.Қаландаров) — 79,4 фоиз, саноати хўрокворӣ (сардораш И.Қурбонов) — 62,2 фоиз, саноати гўшту шир (сардораш Г.Мирзоев) — 37,3 фоиз, ширкати давлатии аксионерии "Умрон" (раисаш К.Назиров) — 26,3 фоиз, Вазорати сохтмон (вазираш О.Оқилов) — 60,8 фоизи дараҷаи ҳамин давраи соли 1992-юмро ташкил дод.

Вазорати нақлиёти автомобилӣ (вазираш Н.Дўстов) ҳаҷми боркашониро ҳамагӣ ба 28,7 фоиз, ширкати ҳавопаймойӣ (сардораш М.Мастонгулов) бошад, фақат ба 28,4 фоизи дараҷаи ҳамин давраи соли гузашта расониду халос.

Ҳаҷми гардиши мол бо нархҳои муқоисашаванда дар Вазорати савдо (вазираш А.Солиев) 49 фоизро ташкил дод.

Имрўз агарчи дар бораи барқароркунии шаҳру ноҳияҳои харобшуда бисёр лоф мезанем, вале ҳаққи гап ҳамин, ки рафти ин кори муҳим ғайриқаноатбахш аст. Ва агар суръати кори истеҳсолоти мо мисли ҳозира монад, бегумон аст, ки мо фардо дар зимистон мардумамонро аз хўроку пўшок таъмин карда тавонем.

Барои ҳамин ҳам ба Ҳукумат лозим меояд, ки ин масъалаҳоро доимӣ ба мадди назар гирад ва камбудию норасоиҳоро ҳарчи зудтар бартараф намояд.

Махсус қайд кардан лозим меояд, ки дар корхонаҳо дуздӣ зиёд шудааст. Аз тарафи гурўҳҳои яроқнок ғорат кардани молу амвол афзудааст. Шаҳрвандон дар вохўриҳо, тавассути мактубҳои худ мепурсанд, талаб мекунанд, ки

чаро Ҳукумат корхонаю манзилҳоро аз дузду ғоратгарон ҳимоя намекунад. Аз ин рӯ, ба Ҳукумат зарур аст, ки барои барқарор кардани тартибот чораҳои қатъӣ бинад.

Коркунони хоҷагии қишлоқ ба мушкилиҳои беандоза рӯ ба рӯ шуданд. Аз сабаби набудани қисмҳои эҳтиётӣ аз 17 то 62 фоизи техникаи хоҷагиҳо бекор мехобад.

Мутаассифона, тамоюли камшавии саршумори чорвою парранда ҳанӯз ҳам давом дорад. Дар моҳҳои январ — майи соли 1993-юм 5,6 ҳазор сар чорвои калон, 60,6 ҳазор сар бузу гӯсфанд нобуд гашт.

Аз ҳад зиёд кам шудани ҳаҷми истеҳсолоти соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ дар камбуди калонтарини буҷети давлат зоҳир гардид. Соли гузашта қисми даромади буҷети давлат ҳамагӣ 73 фоиз иҷро шуд. Хароҷот аз даромад 18,7 миллиард сӯм зиёд гардид, ки барои пӯшонидани он аз бонк қарз гирифта шуд.

Имсол дар лоиҳаи буҷети фавқулодда пешбинӣ гардидааст, ки 84,2 миллиард сӯм даромад гирифта мешавад. Дар айни замон хароҷот 184,6 миллиард сӯмро ташкил медиҳад. Ба ибораи дигар, камбуди буҷет 54,4 фоизро ташкил медиҳад.

Ба фикрам, ин рақамҳо шарҳ талаб намекунанд. Воқеияти сангини мо чунин аст ва мо бояд онро бартараф намоем.

Ба мо зарур меояд, ки ҳолати ҳозираро бодиққат мулоҳиза карда, гурӯҳҳои алоҳидаи омилҳои номатлуб ва он имкониятҳои мусбиро, ки бо кӯмаки онҳо бӯҳронро боздошта метавонем, ҷудо намоем.

Дар айни замон танзими дурусти иқтисодӣ метавонад оғози давраи ҷоннокшавӣ ва болоравии онро тезонад.

Дар ин раванд, чи тавре ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, роҳбарии Ҳукумати қудратманд шарти зарур аст. Қайд кардан кофист, ки ҳам болоравии баъдиҷангии иқтисодиёти Америкаю Япония, ҳам ба воситаи нақшаи Маршалл барқароркунии Европа ва ҳам суръати баланди болоравии иқтисодиёти ИҶШС ба роҳбарии ҳукумати қудратманд зич вобаста буданд.

Дар айни замон ин ҳам аниқ аст, ки роҳи сӯйи пешрафт, баланд бардоштани сатҳи моддию маънавии халқ бо иқтисоди бозаргонӣ ва мақоми ҳавасмандгардонандаю танзимкунандаи давлати ҳуқуқбунёд зич пайванд аст.

Дар ин кор таъмин кардани пешрафти мунтазами технологӣ ва эътирофи арзиши олии илму маориф, маданияту тандурустӣ — хуллас инвеститсия ба инсон чизи асосӣ мебошад.

Имкониятҳои ҳаллу фасли ин вазифаҳои стратегӣ ҳоло ба бисёр ихтилофотҳо рӯ ба рӯ мешавад.

Танҳо ба яке аз чунин ихтилофот, ки ниҳоят масъалаи ҳалталаб шудааст, таваққуф менамоям. Ин ҳам бошад, бӯҳрони пул аст. Ҳозир ин масъала на танҳо ҳал мегардад, балки баръакс, ба воситаи эмиссияи кредитӣ нигоҳ доштани корхонаҳои муфлис бештар вазнин карда мешавад.

Илоҷи аз ин ҳолати хавфнок баромаданро худи таҷриба нишон медиҳад. Ин илоҷ – дар заминаи бо ашёи зарурӣ, сӯзишворӣ ва захираҳои моддӣ худтаъминкунии корхонаҳо васеъ намудани алоқаҳои бевоситаи хоҷагӣ мебошад.

Эмиссияи кредитиро ниҳоят кам кардан лозим аст, то ки пул қурби воқеии харидорӣ пайдо кунад.

Баробари ин, дар навбати аввал, ба бозсозии таркибӣ диққат додан лозим аст. Имрӯз омили ҳалкунандаи тезонидани ин кор ҷалб кардани инвеститсияҳои хориҷӣ, сохтан ва беҳтар намудани заминаи қонунию ҳуқуқӣ барои инвеститсияҳои хориҷӣ мебошад.

Бозсозии таркибӣ бояд ба се давра тақсим гардад — давраи барқароркунии хоҷагиҳои дар ҷанги гражданӣ харобшуда, давраи ба муносибатҳои бозаргонӣ мутобиқшавии хоҷагиҳо ва ниҳоят, давраи азнавсозӣ.

Давраҳои барқароркунӣ ва ба иқтисоди бозаргонӣ мутобиқшавӣ ба давраҳои инкишофи бӯҳрон мувофиқ меоянд. Барои ҳамин ҳам дар ин давраҳо захираҳои дохилӣ ниҳоят кам мешаванд.

Дар ин давра диққати асосӣ ба нигоҳдории истеҳсолоти ҳаётан муҳим, барқарорсозии иқтидору алоқаҳои вайроншуда, ҳарчи пурратар истифодабарии иқтидорҳои мавҷуда ва нерӯи анъанавии содиротӣ — алюмину пахта равон карда шавад.

Давраи азнавсозӣ фақат ҳамон вақт оғоз ёфта метавонад, ки дар иқтисодиёт андӯхт пайдо шавад. Дар айни ҳол хусусигардонии фақат он соҳаҳо ва он объектҳое, ки нигоҳдории моликияти давлатӣ ба инкишофи муносибатҳои бозор халал мерасонад, воситаи муҳимтарини бозсозии

таркибӣ мегардад. Барои ҳамин ҳам бозсозии таркибӣ бояд дар ду самт пеш равад:

**Самти якум**. Дар доираи сектори давлатӣ, ки дар он монополияи давлат нигоҳ дошта мешавад.

**Самти дуюм**. Дар доираи раванди хусусигардонӣ. Дар ин ҳолат хароҷоти бозсозии таркибӣ ба дӯши сектори хусусӣ меафтад.

Бозсозии таркибӣ бояд дар ду сатҳ ба амал бароварда шавад.

Сатҳи авал бо истифодаи нерӯи бойи табиӣ ва меҳнатии ҷумҳурӣ барои ташаккули комплексҳои энергетикию ирригатсионӣ, бофандагӣ, хӯрокворӣ, комплексҳои корҳои кӯҳию металлургӣ ва асбобсозӣ вобаста аст.

Сатҳи дуюм бо корҳои таъмини қобилияти рақобат дар муҳити бозор, бо техникаи навтарин таҷҳизонидани корхонаҳо вобаста мебошад.

Комилан фаҳмост, ки ҳамаи ин вазифаҳоро, пеш аз ҳама, фақат Ҳукумати қудратманд ҳал карда метавонад. Сониян, мо бояд иттиҳоди пурсамари иқтисодии доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин инкишофи алоқаҳои васеи иқтисодиро бо мамлакатҳои хориҷӣ ба назар гирем.

Дар ин корҳо мо ба таъсиси Кумитаи ҳамоҳангсозию машваратии давлатҳои Иттиҳод умеди калон мебандем. Дар ин кумита ҳар як давлат бояд дар шахси ҷонишини сарвари Ҳукумат оид ба корҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил намоянда дошта бошад.

Шӯрои сарварони давлатҳо 14 майи соли 1993 ба ин кумита супориш дод, ки лоиҳаи Шартномаи ташкил кардани Иттиҳоди иқтисодиро омода созад. Ин кумита бояд ҳуҷҷатҳои ҳамаҷонибаи ҳуқуқӣ тайёр кунад: ин ҳуҷҷатҳо барои ҳаракати озоди мол, қувваи корӣ, маблағ мусоидат намуда, сиёсати мувофиқшудаи пулу кредит, таъсиси Бонки байнидавлатӣ, назорати иҷрои ӯҳдадориҳои қабулшуда, таъмини таъсирнокии механизмҳои иқтисодии пешгирии иҷро накардани аҳдномаҳо ва ғайраро ба амал мебароранд.

Вазифаи наздиктарин дар роҳи ҷонибӣ Иттиҳоди иқтисодӣ таъсис додани Иттиҳоди гумрукӣ ва озод шудан аз андози гумрукӣ мебошад.

Ҳукумат бояд барои дар Кумитаи ҳамоҳангсозӣ намояндагӣ кардани манфиатҳои ҷумҳурӣ тайёр бошад.

Зимнан дар бораи робитаҳои берунии иқтисодӣ.

Ба фикрам, ба ҳеҷ кас пинҳон нест, ки мо бояд робитаҳои иқтисодии хориҷиро вусъат диҳем. Сармояи хориҷиро барои барқарорсозии иқтисодамон – ҳам барои барқарорсозии водии Вахш, ҳам барои сохтмону ба кор андохтани муассисаҳои саноатӣ, ҳам барои сохтмони туннели Анзоб, роҳи Бадахшон, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа – Кӯлоб ва бисёр дигар корҳо истифода кунем.

Инро имрӯз ҳама мефаҳманд. Вале, мутаассифона, ин фаҳмиш дар вақти амал кардан дигар мешавад.

Ҳоло тавре шудааст, ки касе хоҳад, бо иқтисоди берунӣ машғул мешавад. Ин аслан бад нест. Ҷиҳати бадаш он аст, ки шартномаҳо таҳлил карда намешаванд ва аз ҳама бадтараш, ягон кас самаранокии амалиёти иқтисоди беруниро муайн намекунад. Дар натиҷа мувозинати содироту воридот нест, даромаду хароҷоти асъор низ мувофиқат намекунад. Аксарияти кулли иштирокчиёни ин кор ба ҳисоби валютии Ҳукумат ҳиссаи ҳудро намегузаронанд. Бисёрии онҳо ба ҷойи он ки истеҳсолотро тараққӣ диҳанду бозорро фаровон гардонанд, ба хариду фурӯш машғул мебошанд. Масалан, соли гузашта ба воситаи идораи гумруки ҷумҳурӣ зиёда аз 28 ҳазор тонна маҳсулоти нафт, 8 ҳазор тонна собун, қариб 400 тонна мис ба хориҷа рафт. Фақат дар семоҳаи чоруми соли гузашта ба Афғонистон зиёда аз 5 ҳазор мукаабметр чӯбу тахта, 22 ҳазор тонна маснуоти оҳан баровარданд. Корхонаҳои муштарак дар иҷрои кор ончунон беустухон шудаанд, ки ба воситаи ҷумҳурӣ ба Италия ва Швейтсария зиёда аз 300 ҳазор тонна нафти хом фиристоданд.

Ҳамаи ин рақамҳо далолат мекунанд: робитаҳои иқтисодии беруна бояд ба низом оварда, системаи ягонаи амалиёти содироту воридот ташкил карда, додани литсензия ва рафти овардану баровардани мол зери назорати сахти давлат гирифта шавад.

Роҳбарияти ҷумҳурӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини худро дар он мебинад, ки ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ аз афзоиши нарх, инфлятсия, бекорӣ ва дигар зуҳуроти номатлуб пурзӯр карда шавад.

Мутаассифона, бисёр сабабҳои бароямон маълум (шумораи зиёди бекорон – 34,8 ҳазор нафар, дар рафти ҷанги гражданӣ хароб шудан ва бекор истодани корхонаҳо,

мавҷудияти шумораи зиёди гурезаҳо) ба паст шудани сатҳи зиндагӣ мусоидат карданд.

Мо барои беҳтар намудани вазъият тамоми тадбирҳоро мебинем. Аз рӯйи маълумоти Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ то 1 июни соли ҷорӣ 586,7 ҳазор гурезаҳо ба Ватан баргаштанд. Аз 60 ҳазор нафаре, ки дар хоки Афғонистон мебошанд, 10 ҳазор нафар ба ҷойҳои худ омаданд.

Рӯз аз рӯз устувор шуда истодани вазъи ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки ҳамаи гурезаҳо ба маҳали истиқоматии худ баргашта, дар кори барқарорсозии иқтисодиёт ҳисса гузоранд.

Ҳукумат бо мақсади ҳимояи иҷтимоии аҳолӣ чунин чораҳоро мебинад:

— ба андозаи афзоиши нарх ҳаҷми нафақа, ёрдампулӣ, стипендия ва маоши коркунони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ зиёд карда мешавад:

— нархи нисбатан арзони нон, шир, дорувор, гармӣ ва баъзе намудҳои хӯрокворӣ ҳоли ҳозир нигоҳ дошта мешавад. Ба ин мақсад дар соли ҷорӣ аз буҷет зиёда аз 120 миллиард сӯм дотатсия дода мешавад;

— нигоҳ доштани имтиёзҳо барои нафақахӯрон, донишҷӯён, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҷанги Афгонистон ва маъюбону оилаҳои аз ҷангҳои дохилӣ бепарастормонда пешбинӣ шудааст;

— саҳмияҳои шаҳрвандон дар бонки амонатӣ ва пули барои вом (заём) дода, вобаста ба инфлятсия аз нав дида мешаванд.

Ғайр аз ин, роҳбарияти ҷумҳурӣ дар рафти татбиқи барномаҳои ислоҳоти иқтисодӣ бо роҳи инкишоф додани соҳибкорӣ, барпо кардани ҷойҳои нави кор, васеъ кардани соҳаи хизматрасонӣ, таъсис додани хазинаҳои гуногуни дастгирии шаҳрвандони камбизоату бекор ҳимояи иҷтимоии аҳолиро таъмин хоҳад кард.

**Мӯҳтарам депутатҳои халқ!**

Маълум аст, ки ҳар давлат идеологияи хоси худро дорад ва мо низ ҳамчунон.

Ҳоло душманон ва бадхоҳони хориҷии мо давлати қонунии тоҷиконро коммунистию консервативӣ гуфта сиёҳ мекунанд. Вале ҳақиқат ин аст, ки давлати мо ба маънии а… дақонмондаи истилоҳ на коммунистию на тоталитарӣ аст

Мо азму ирода дорем, ки давлати ҳуқуқбунёди демократӣ созем. Муҳимтарин ҷиҳати ин вазифа то сатҳи юридикӣ ва маънавии ҳуқуқи байналмилалӣ ва таъбироти универсалии онҳо баланд бардоштани қонунгузории давлатист. Аз ин ҷиҳат мо ба хулоса омадем, ки системаи ҷории қонунҳоямонро ба экспертизаи байналмилалӣ фиристем ва ҳам дар баррасии Қонуни асосиамон аз кӯмаки машваратии ташкилотҳои дахлдори байналхалқӣ истифода барем.

Ин кор аз дигар ҷиҳат ҳам чолиб аст. Ҳоло баъзе муассисаҳои ҳуқуқдони байналмилалӣ моро барои он айбдор карда истодаанд, ки гӯё дар Тоҷикистон дар баъзе мавридҳо ҳуқуқи башар риоя намешавад. Ҳоло он ки дар конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи башар дар Вена баръало ошкор шуд, ки масъалаи таносуби қонунгузории миллӣ ва созишномаҳи байналхалқӣ чандон содда нест, ки гумон мекунанд.

Бояд ёдовар шавем, ки мо имрӯз баъзе шаҳрвандони ҷумҳуриро на барои аъзои ҳизби демократ ё наҳзати исломӣ буданашон, на барои умуман ба фаъолияти ҳизбӣ машғул шуданашон ё изҳори ақидаи шахсиашон, на барои гуноҳи сиёсиашон, балки барои ҷинояти мушаххасашон (таъсис додани ситодҳои ҷангӣ ва ташкил кардани дастаҳои мусаллаҳи террористӣ, инчунин иғвою дасисаҳои ҷиноие, ки боиси ҷанги граждание шуданд) ба суд дода истодаем. Бинобар ин ҳамаи онҳоеро, ки ба ҷиҳати бехабарӣ аз асли ҳол моро ба вайрон намудани ҳуқуқи башар муттаҳам месозанд, даъват мекунем, ки ба Тоҷикистон омада худашон боварӣ ҳосил намоянд, ки айб дар ош аст ё дар мош.

Акнун мафҳумҳои сиёсии худро шарҳ додан мехоҳам. Мо давлати демократии ҳақиқӣ месозем. Демократияи мо бозиҳои сиёсӣ нахоҳад буд, ки ҳомиёни демократияи сохта, демократияи таҳдиду зӯрӣ ба он бозӣ мекарданд. Демократияи мо эҳтироми ҳар фарду тамоми мардум, эҳтироми қонуну қонунгузорӣ, фароҳам овардани заминаи фаъолияти ҳар як шахсро барои ҳаёти ором дар назар дорад.

Мо давлати ҳуқуқбунёд месозем. Яъне ҳама дар назди қонун баробар аст — чи сардори давлат, чи деҳқони оддӣ, чи босавод, чи шахси нохонда, чи мард, чи зан. Мо лофи ҳуқуқро зада, қонунро пушти по намекунем. Ҳама бояд барои гуноҳи худ дар назди қонун ҷавоб диҳад – дар ин ҷой истисно вуҷуд дошта наметавонад. Ҳеҷ чиз барои

давлатдории мо аз эҳтироми қонун баландтар намешавад. Қонунамон бошад, манфиати иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии аксарияти аъзои ҷомеаро бояд ифода намояд.

Сарзамини мо давлатдории дунявиро пеша кардааст. Яъне, мо дини муқаддаси исломро эҳтиром мекунем, иззати ҳар дини дигарро низ ба ҷо меорем. Ба фикрам, дин барои покии ахлоқу имони инсон басо зарур аст. Лекин аҳли дин набояд ба умури давлатӣ дахолат кунанд. Мо ҳама расму русумро эҳтиром ва иҷро мекунем, рӯза медорем, намоз мехонем, агар ин ба ақидаамон, тарзи зиндагиамон мувофиқ бошад, аммо касеро ба зарби чӯб ба биҳишт ҳидоят намекунем.

Бояд як чизро ҳамеша дар хотир дошт, ки мо бе интихоби дурусти кадрҳо ва ҷобаҷогузории онҳо ягон корро хуб иҷро карда наметавонем. Ченаки асосии интихоби кадрҳо барои мо – кордонӣ, қобилияти ташкилотчигӣ ва пухтагии сиёсии онҳост.

Дар иҷрои ин кори муҳим ба мактабу маориф, адабиёт, журналистика, санъат, аҳли илм такя мекунем. Аз ин миён аз нақши хоси мактабу маориф ва воситаҳои ахбори омма чанд сухани гуфтанӣ дорам.

а) Тамоми кори мо,ояндаи мо ба он вобаста аст, ки насли наврасро чигуна ва барои кадом ҷомеа тарбия мекунем.

Мактаб ашхосеро тарбия бояд намояд, ки на танҳо қонунро донад, балки онро риоя ҳам кунад. На танҳо аз неъмати Ватан истифода барад, балки онро ҳифз ва ганитар намояд. Асоси тарбияи мо эҳтироми худ, ҳурмати волидон, миллат ва Ватан аст. Солҳои охир нуфузу эътибори омӯзгор, бахусус муаллими мактаб хеле паст рафт, қадри дониш ҳам кост. Моро лозим аст, ки вазъиятро дар ин соҳаи муҳими кор ҳарчи зудтар ба эътидол оварем. Мақомоти маҳаллӣ бояд ба рушди мактабу маориф ҳамаҷиҳата ёрӣ расонанд.

б) Дар бораи воситаҳои ахбор. Рости гап, душвориҳои иқтисодӣ вазъияти воситаҳои ахбори оммаро ниҳоят бад кард. Ниҳоят боло рафтани нархи қоғаз ва хизмати алоқа боиси қимат, ниҳоят қимат шудани рӯзномаю маҷаллаҳо гардид. Ҳоло мо фикр карда истодаем, ки ба онҳо чи гуна мадад расонем.

Алҳол ягона воситаи бештар дастраси мо телевизион ва радио мебошад. Аз ростӣ дар ин ҳафт моҳ роҳбарияти

нави кумита кори бисёреро анҷом дод. Аммо имрӯз шабакаи бузурги телевизион ба миён омада, дар Тоҷикистони хурд қариб 20 студияи телевизион амал мекунад. Мундариҷаи маводи бисёре аз ин студияҳо хеле паст аст. Гумон мекунам, Шӯрои Олӣ барои танзиму мувофиқати фаъолияти телевизиони маҳаллӣ бояд қонун қабул кунад.

Ман аз онҳое, ки дар соҳаи таблиғот кор мекунанд, хоҳиш менамоям: шумо он суханеро гӯед, ки виҷдонатон мебардорад. Аминам дар ин сурат шумо дурӯғ намегӯед.

Бародарон, вақти он расидааст, ки ба чашми якдигар нигариста, сухан гӯему кор кунем, то Тоҷикистон обод шавад. Биёед аз ҳамин чиз рӯ натобем. Чашми халқ ба мост. Уро ноумед накунем.

Мо як халқу як давлат ҳастем, ки номамон тоҷику Тоҷикистон аст. То ин вақт моро гӯлу гумроҳ намуда, ба ду майдон тақсим карда буданд. Биёед, ҳамакаса коре кунем, ки ҳама дар як майдон ҷамъ оем. Номи ин майдон майдони ваҳдат, майдони меҳнат аст. Мақсади ин майдон эҳёи Тоҷикистон мебошад.

**Ташаккур!**

## МУРОҶИАТНОМА БА ҲАМАИ ТОҶИКИСТОНИЁНЕ, КИ ҚАЛАМРАВИ ҶУМҲУРИРО НОЧОР ТАРК НАМУДААНД

Июли соли 1993

**Ҳамватанони мӯҳтарам!**

Тоҷикистон имрӯзҳо аз санҷиши душвор гузашта, ҷароҳатҳои ҷанги дохилиро шифо бахшида, иқтисоди миллии харобгардида, қонуният, тартибот ва адолати иҷтимоиро барқарор месозад, ки бунёдгароёни исломӣ ба он сӯиқасд намуда буданд. Вазъияти ҷумҳурӣ мӯътадил мегардад ва одамон ба оянда беш аз пеш бовар мекунанд.

Ба ин аз бисёр ҷиҳат шартномаю созишномаҳои байнидавлатӣ ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон эътироф шудани Ҳукумати қонунан интихобшудаи ҷумҳурӣ мусоидат мекунад.

Албатта, барои пурра мӯътадил гардидани зиндагии мардум ҳанӯз корҳои зиёдеро анҷом додан лозим аст. Тамоми ҷидду ҷаҳди мардум ва роҳбарияти ҷумҳурӣ ба ҳамин мақсад равона шудааст. Кӯмаки мамлакатҳои ИДМ, хусусан Россия ва Ӯзбекистон, давлату ташкилотҳои дигари байналхалқӣ, бешубҳа, мушкилоти моро осонтар сохта, имкон медиҳанд, ки масъалаҳои дорои аҳамияти ҳаётӣ бо муваффақият ҳал шаванд.

Аминем, ки ҷумҳуриро аз бӯҳрони амиқи иқтисодию иҷтимоӣ ба туфайли иштироки фаъолона ва истифодаи васеи нерӯи эҷодию зеҳнии шумо дар асоси минбаъд ҳам мустаҳкам шудани дӯстии ҳамаи халқҳои сокини ҷумҳурӣ наҷот додан мумкин аст.

Бо қаноатмандӣ қайд менамоем, ки ҳамватанони мо торафт бештар ба маҳалҳои доимии истиқоматшон бармегарданд. Мо ба хубӣ дарк менамоем, ки сарвати иҷтимоию иқтисодии мамлакатамон бо заҳмати якҷояи тамоми сокинони Тоҷикистон офарида шудааст. Аз ҷумла онҳое, ки дар айни ҳол берун аз қаламрави он сукунат доранд. Бинобар ин умедворем, ки шумо низ нисбати тақдири Ватан ва имрӯзу ояндаи он бепарво буда наметавонед, зеро ояндаи дурахшони халқамонро танҳо бо ҷидду ҷаҳди якҷоя таъмин кардан мумкин аст.

Ман дар чунин лаҳзаҳои мураккаб ба ҳамаи тоҷикистониён—русҳо, ўзбекҳо, белорусҳо, украинҳо, яҳудиён, тоторҳо ва ҳамаи онҳое, ки бар хилофи иродаи худ бар асари воқеаҳои фоҷианок қаламрави ҷумҳуриро тарк намудаанд, муроҷиат карда, даъват менамоям, ки ба Тоҷикистони азиз баргарданд.

Донишу маҳорат, таҷриба ва дилбастагии шумо ба халқи меҳмондӯсту қадрдони тоҷик зарур аст. Шуморо дӯстону ҳамкоронатон интизоранд, шуморо Тоҷикистон интизор аст. Зеро онҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ кардаанд, барои он дӯстони наздиктарин буданд ва хоҳанд буд.

Аксарияти шумо, хусусан онҳое, ки дар сарзамини Тоҷикистон таваллуд шуда, ба камол расидаанд, ба Ватан, ба назди дӯстон ва хешу таборон баргаштан ва қабрҳои гузаштагонатонро зиёрат кардан мехоҳед.

Ҳоло ба ҳамаи мо душвор аст, вале бовар дорем, ки Тоҷикистон сарватҳои бойи табиӣ дорад, халқи он кордӯсту заҳматкаш мебошад ва бо иштироки фаъолонаи шумо нерӯи худро барқарор намуда, ҳамроҳи ҷомеаи ҷаҳон дар сафи мамлакатҳо ва халқҳои муттамаддин мавқеи сазовор ишғол менамояд.

Мо тайёрем ба ҳамаи онҳое, ки бармегарданд ва бо нияти софу виҷдони пок ҳамроҳи мо давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ бунёд менамоянд, дасти дӯстию бародарӣ дароз кунем.

# МУРОЧИАТНОМА
# БА МАРДУМИ ШАРИФИ ВИЛОЯТИ МУХТОРИ КӮҲИСТОНИ БАДАХШОН

Июли соли 1993

**Падарону модарони мӯҳтарам!**
**Бародарону хоҳарони арҷманд!**

Дар ин лаҳзаҳои ҳасос ман ба шумо, ба ақлу хиради шумо муроҷиат менамоям.

Бузургонамон ба мо васият кардаанд ва ман хотиррасон кардани гуфтаҳои онҳоро ҷоиз медонам, ки ҳар кас сарнавишташро худаш месозад. Халқ такдирчунбони худаш мебошад. Ва маҳз ҳамин халқ буд, ки сарнавишташ—роҳи бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявиро қатъӣ муайян намуда, ҳокимияти қонунии ҳозираро ба сари қудрат овард.

Агар ба фаъолияти Ҳукумат бегаразона баҳо диҳем, пас надидан мумкин нест, ки дар муддати кӯтоҳ корҳои бисёре ба анҷом расиданд. Аз ҳама муҳимаш ҷанги бародаркушӣ хотима ёфт. Мардум нафаси сабук кашида, ба меҳнат машғул шуд.

Вале маҳз ҳамин осоиштагӣ, фазои софи кишвар ба табъи "ҳомиён"-и миллат, ки бо кирдори хеш худро беватан гардонидаанд, намефорад.

Рӯйирост гӯем, оромии ҷомеа марги сиёсии онҳоро метезонад. Барои ҳамин ҳам ин "падарон"-и ватанпарвар ҷон коҳонда, ҳам бо зӯрӣ, ҳам бо зорӣ ва ҳам бо макру фиреб дастаҳои нав ба навро мусаллаҳ карда, аз хориҷ ба сарҳад мефиристанд. Магар онҳо намедонанд, ки ин ҷавононро, ки ҳаммиллату ҳамдини худашон мебошанд, ба доми марги

ақин равон мекунанд? Медонанд, вале ба онҳо маҳз ҳамин ҷангу ҷидол, куштору сӯхтор лозим аст. Магар онҳо ғамхори халқ ҳастанд? Ҳаргиз не! Онҳо ба ҷуз душмани қаттоли халқ, ки барои бой шудан ҳатто аз рехтани хуни ҳазорон-ҳазор мардуми бегуноҳ ҳазар намекунанд, каси дигаре нестанд.

Ман бо камоли масъулият изҳор мекунам: халқи Тоҷикистон, давлати Тоҷикистон танҳо нест. Мо ба ягон қувваи хоҳ дохилӣ ва хоҳ хориҷӣ заррае имкон намедиҳем, ки сохти моро халалдор кунад. Зиёда аз ин мо бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шартномаҳо дорем ва онҳо низ моро танҳо намегузоранд.

Бо иғвою дасисаи қотилон чанд рӯз инҷониб вазъияти сарҳад ва баъзе минтақаҳо, аз ҷумла Тавилдара ноором аст. Танҳо барои он ки корвони мошинҳои пурбор ба Бадахшон ворид нашаванд, як гурӯҳи мусаллаҳ ба қувваҳои ҳукуматӣ, ки корвонро посбонӣ мекарданд, ҳуҷум оварданд. Дар натиҷа чандин кас куштаю захмӣ гардиданд. Ман аз марги фоҷиавии ҷавонон сахт андӯҳгин буда, масъулияти ин ҷиноятро пурра ба дӯши қотилон мегузорам.

**Ҳамватанони азиз!**

Ёдовар мешавам, ки ба исрори мақомоти дахлдор нигоҳ накарда, Шӯрои Олӣ ва Ҳукумат қарор қабул карда буданд, ки ба ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қувваҳои мусаллаҳ дароварда намешавад. Аз ҷониби худ ҳукумати вилоят ӯҳдадор шуда буд, ки оромию осоиш ва иҷрои фармони маълуми Раёсати Шӯрои Олиро дар бораи халъи силоҳ таъмин менамояд. Мақомоти вилоят дар ин роҳ қадамҳои устувор мегузоранд. Зимнан, ҷонибдории кулли мардуми Бадахшонро аз Ҳукумати қонунии ҷумҳурӣ ман дар рафти сафари худ ба шаҳри Хоруғ дидам. Вале бо айби як гурӯҳ силоҳбадастон мардуми шарифи Бадахшон ҳамоно осоишро танҳо орзу менамоянд. Роҳи мошингард то ҳанӯз баста аст. Маҳз бо ҳамин сабаб корвони мошинҳои пур аз хӯрокворӣ, доруворӣ ва дигар молҳоиавриди ниёзи мардум ба ҳудуди вилоят омада наметавонанд. Ба ҳама маълум аст, ки роҳи мошингарди Душанбе — Хоруғ як—ду моҳи дигар кор мекунаду баъд таги барф мемонад.

Агар дар ҳамин муддат хӯрокворӣ ва дигар борҳои зарурӣ захира карда нашавад, вазъи халқ дар зимистон ниҳоят бад хоҳад шуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ маҳз ҳамин

ҳолатро ба назар гирифта, дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷаи мӯътадилгардонии вазъияти иқтисодӣ ва ҷамъиятию сиёсии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарор қабул кард. Аммо иҷрои ин қарор низ маҳз бо айби силоҳбадстон ба таъхир меафтад.

Ман борҳо гуфтам ва боз таъкид мекунам: Бадахшон ҷузъи таркибии ҷудоинопазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Ба ҳеҷ кас ҳуқуқ дода нашудааст ва халқ низ ҳеҷ гоҳ чунин ҳуқуқ намедиҳад, ки ба ин диёр касе бо чашми кам нигарад. Мардуми шарифи вилоят дилпур буда метавонанд, ки роҳбарияти ҷумҳурӣ пайваста дар ҷустуҷӯйи беҳтар кардани аҳволи онҳо мебошад.

Мо дар роҳи расидан ба ин мақсад тамоми чораҳоро мебинем. Вале мо як чизро намехоҳем. Ин ҳам бошад, рехтани хуни инсонро.

Ман ҳамчун сарвари давлат шуморо бовар мекунонам, ки мо масъалаҳои ҷойдоштаро, хусусан масъалаи гурезагонро ҳатман ҳал хоҳем кард. Вале суръати ин кор ба худи шумо низ вобастагии зич дорад.

Маҳз барои ҳамин ман ба шумо муроҷиат менамоям: вақти он расидааст, ки дӯстро аз душман фарқ кунем.

Фарзандони худро насиҳат кунед. Ба онҳо фаҳмонед, ки давом додани ҷанг ба тамоми мардум бадбахтиҳои гӯшношунид меорад.

Ба силоҳбадастон муроҷиат менамоям: аз ҷанги бемаънӣ даст кашед, силоҳро партоед.

Марзшиканиҳои беохир, дуздию ғоратгариҳо, мардумозорию одамкушиҳо дигар касеро бетараф мононда наметавонад. Нияти ба муҳосираи сиёсӣ ва иқтисодӣ гирифтор кардани як вилояти калонро ҳеҷ кас намебахшад ва намегузорад, ки ба халқи вилоят гуруснагӣ таҳдид намояд.

**Ҳамватанони азиз!**

Мо мӯътақидем, ки ба зудӣ дар Тоҷикистони воҳиди мо сулҳу осоиш барқарор мешавад. Ин айём бе хунрезии зиёд, бе талафоти ҷонӣ фаро мерасад ё не, ба ҳар қадоми мову шумо вобаста аст. Биёед, ҳар яки мо дар ин хусус биандешему ҳисса гузорем.

# МО ДАВЛАТИ ДЕМОКРАТИЮ ҲУҚУҚБУНЁД МЕСОЗЕМ!

## ПОСУХ БА САВОЛҲОИ САРМУҲАРРИРИ РЕДАКСИЯИ МАРКАЗИ ИТТИЛООТИИ “ХОВАР” ДАР АРАФАИ ҶАШНИ ДУЮМИН СОЛГАРДИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН

Сентябри соли 1993

**— Ба назари Шумо, натиҷаҳои муҳимтарини роҳи тайнамудаи Тоҷикистони мустақил, ки ба бунёди зиндагии шоиста камар бастааст, чӣ гунаанд?**

— Ду сол мӯҳлати он қадар тӯлонӣ нест ва дар назди таърих аз лаҳзае беш намебошад. Вале дар тӯли ҳамин ду сол халқамон он қадар ғаму андӯҳ ва азобу укубатро аз сар гузаронд, ки мамлакатҳои дигар дар давоми садсолаҳо аз сар нагузарондаанд.

Бар асари ҷанги беҳудаи бародаркушӣ, ки сабабгори он гурӯҳи моҷароҷӯён мебошанд, даҳҳо ҳазор одам қурбон шуд. Барқарор кардани талафоти ҷонӣ имконнопазир аст. Тараққиёти ҷумҳурӣ бисёр солҳо ақиб монд. Вале мардум аз воқеаҳои фоҷианок ва сабакҳои талхи таърих хулосаи дуруст бароварда, роҳи эъмори ҷамъияти ҳақиқатан демократию дунявиро қатъан пеш гирифт. Тоҷикистон сиесати сулҳпарваронаи хориҷиро амалӣ месозад ва ҷомеаи ҷаҳон ин икдомоти онро сазовор такдир кард. Қобили тазаккур аст, ки ҷумҳурии мо дар давоми ду соли истиқлолият узви комилҳуқуқи СММ, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони конфронси исломӣ, Хазинаи байналхалқии асъор, Бонки умумиму тараккиёт, ҳамчунин ташкилотҳои дигари байналхалқӣ гардид. Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ

торафт бештар ва фаъолонатар амал мекунад, ки ин ба афзудани эътибори байналхалқии он кӯмак мерасонад.

Таҳкими равобит бо мамлакатҳои ИДМ барои ҷумҳурии мо аҳамияти бағоят калон дорад. Дар ин муддат бо Федератсияи Россия, Ўзбекистон, Белорус созишномаҳои дӯстию ҳамкорӣ ва бо давлатҳои дигари собиқи Шӯравӣ созишномаю қарордодҳои муҳими ҳамкории иқтисодӣ ба имзо расиданд. Мо ба густариши муносибатҳоямон бо давлатҳои минтақаи Осиё, аз ҷумла Афғонистону Эрон, Туркияю Ҳиндустон, Хитой, бо мамлакатҳои дигар аҳамияти аввалиндараҷа медиҳем. Ҳамчунин мо ба беҳбуди муносибатҳоямон бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва мамлакатҳои дигари Аврупою Ғарб умеди калон дорем.

Бояд гуфт, ки дар дохили мамлакат бисёр дигаргуниҳои муҳим рӯй медиҳанд. Муҳимтарини онҳо қатъи ҷанги дохилӣ ва ба маҳали доимии зист баргаштани қисми бештари гурезагон мебошад. Ба мо муяссар шуд, ки дар муддати кӯтоҳ мақомоти маҳаллии ҳокимиятро барқарор намуда, тартиботи қонуниро нисбатан беҳтар ҷорӣ кунем. Ҳоло фаъолияти вазоратҳо, идораю кумитаҳои давлатии ҷумҳурӣ ба низом даромадааст.

Албатта, дар соҳаҳои хоҷагии халқ масъалаҳо зиёданд ва мо имрӯз роҳҳои нисбатан самарабахши тараққиёти иқтисодиро ҷустуҷӯ менамоем. Бо ин мақсад шаклҳои гуногуни моликият, озод кардани нарх давра ба давра ҷорӣ карда, ҳамчунин сифати маҳсулоти корхонаҳоямон беҳтар ва сабқати онҳо бештар гардонда мешавад. Зеро мо бояд маснуоти корхонаҳои худро оянда ба бозори ҷаҳон барорем.

Роҳу усулҳои нави муносибатҳои иқтисодию молиявӣ амалӣ мегарданд. Монеаҳои роҳи гузариш ба муносибати бозаргонӣ торафт қатъитар бартараф мешаванд.

Муносибатҳои хоҷагидорӣ бо ҷумҳуриҳои собиқи Шӯравӣ бо душворӣ бошад ҳам, тадриҷан барқарор мегарданд. Нарасидани сӯзишворӣ ва равғани молиданӣ, душвориҳои тахсисот ва робитаи бонкҳо ба суботи комили иқтисоди мамлакат халал мерасонанд. Қобили қайд аст, ки дар мамлакат вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ торафт қатъитар мӯътадил мегардад. Ин барои пойдор шудани вазъияти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ ва раҳонидани иқтисодиёт аз қайди бӯҳрони шадид хеле муҳим аст.

**— Мамлакатҳои ИДМ дар роҳи таҳкими сарҳад тадбирҳои самарабахш андешанд ҳам, сокинони ҷумҳуриро ҳар як хабари муташанниҷ гардидани вазъияти сарҳад ба ташвишу изтироб меандозад. Масъалаи мазкур олимонро беҳуда мушавваш намесозад. Зеро онҳо медонанд, ки барномаҳои бунёдкоронаи иқтисодиро, ҳарчанд қобили таваҷҷӯҳ бошанд ҳам, бе мӯътадил гардонидани вазъияти ҷамъиятию сиёсӣ дар амал татбиқ намудан амри маҳол аст.**

— Масъалаи вазъияти сарҳад дар маркази диққати роҳбарияти Тоҷикистон қарор дорад. Бояд гуфт, ки аксарияти мамлакатҳои узви ИДМ ба масъалаи таҳкими сарҳади Тоҷикистону Афғонистон диққати махсус медиҳанд, зеро ин сарҳад аз ҷиҳати ҳуқуқӣ марзи хориҷии мамлакатҳои Иттиҳод мебошад.

Дар омади гап гуфтан лозим аст, ки масъалаи сарҳад дар ҷараёни гуфтушунид бо роҳбари Давлати Исломии Афғонистон профессор Бурҳониддини Раббонӣ аз масъалаҳои асосӣ буд. Гап дар сари он аст, ки роҳбари Афғонистон ҳамчун ман ва тамоми аҳолии ҷумҳурӣ аз вазъияти сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ҳақиқатан ҳам ба ташвиш афтодааст. Мо имрӯз ба пешгирии мунокишаҳои мусаллаҳона ва ҳамлаҳои нав ба дидбонгоҳҳои сарҳадамон кафолат дода метавонем. Дар ин масъала 26 майи соли 1993 бо Федератсияи Россия аҳднома ба имзо расид. Аввалан, аҳдномаи мазкур дар масъалаи ҳимояю таҳкими сарҳади ҷануби мамлакатҳои ИДМ, яъне сарҳади Тоҷикистону Афғонистон кӯмаки калон мерасонад. Баъдан, вай ба ташкили Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурии мо мусоидат менамояд.

Мардуми қадрдони мо аз мамлакатҳои бародар — Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон барои кӯмакашон дар ҳалли бисёр масъалаҳо, аз ҷумла масъалаи сарҳад миннатдор аст. Баталёнҳои ин мамлакатҳо якҷоя бо сарҳадбонони Россия марказҳои ҷанубиро посбонӣ мекунанд. Ин кор мувофиқи моддаи 51-уми Ойинномаи СММ ва муоҳидаи Минск аз 22 январи соли 1993 ба ҷо оварда мешавад.

Бо ин мақсад роҳҳои дипломатӣ низ истифода мешаванд. Гуфтушунидҳои мо дар Кобул нишон доданд, ки роҳбарияти Давлати Исломии Афғонистон вобастагии

масъалаҳои эътидоли вазъияти ҷамъиятию сиёсиро дар Афғонистон ва Тоҷикистон ба хубӣ дарк менамоянд. Бурҳониддини Раббонӣ ба он розӣ шуд, ки мо бояд якҷоя дар ҳалли ин масъала кӯшиш кунем. Бояд гуфт, ки ҳамаи мамлакатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ҳам ба ин манфиатдоранд. Аминам, ки мо доман паҳн кардани мунокишаро дар сарҳад пешгирӣ карда метавонем.

Зеро имрӯз ҳеҷ кас ба ин манфиатдор нест.

**— Расонаҳои гурӯҳии мамлакатҳои дуру наздики хориҷӣ хабарҳое чоп мекунанд, ки мувофиқи онҳо гӯё дар Тоҷикистон Ҳукумати коммунистмаоб фармонфармоӣ мекунад. Муносибати шумо бо чунин хабарҳо чӣ гуна аст?**

— Бале, баъзе расонаҳои гурӯҳии мамлакатҳои ИДМ моро ба риоя накардани озодиҳои демократӣ маломат мекунанд.

Вале биёед, эҳсосотро сарфи назар намуда, ба далелҳо рӯ орем. Манъи фаъолияти Ҳизби демократии Тоҷикистон, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, созмони мардумии "Растохез" ва ҷамъияти "Лаъли Бадахшон" дар қаламрави ҷумҳурӣ бар асари амалиёти ҷинояткоронаи онҳо, ки дар натиҷаи тафтишоти мақомоти суд исбот шудааст, ҳаргиз маънои манъ намудани фаъолияти сиёсиро надорад.

Масалан, ҳоло дар ҷумҳурӣ Ҳизби халқии Тоҷикистон ва Ҳизби таҷаддуди иқтисодию сиёсӣ ташкил меёбанд. Моҳи сентябри соли гузашта Ҳизби кори озод ташкил ёфт, ки онро касе манъ накардааст. Ҳамчунин барои манъи фаъолияти Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ягон асос набуд.

Оё дар мамлакатҳои дигари ИДМ, масалан, дар Россия қонун Ҳизби коммунистро манъ кардааст? Ин тавр нест, Ҳизби коммунист дар ин мамлакатҳо вуҷуд дорад ва амал мекунад. Пас барои чӣ матбуоти Маскав танҳо Тоҷикистонро Ҳукумати коммунистмаоб меномад? Ин аз рӯйи адолат нест ва ба ҳақиқат мувофиқат надорад.

Ҳизби коммунисти Тоҷикистон имрӯз дар сари ҳокимият нест. Ҷумҳурии мо мамлакати парлумонист, Ҳизби коммунист ҳоло структураи давлатӣ намебошад. Вай танҳо ба фаъолияти ҷамъиятӣ машғул асту бас.

**— Ба фикри Шумо, Тоҷикистон, масалан, баъди панҷ–даҳ сол чӣ гуна хоҳад шуд? Агар чунин ифода кардан мумкин бошад, лутфан, орзуҳоятонро ба сокинони мамлакат иброз медоштед.**

— Инсон ҳамеша аз оянда умедвор аст. Ман ҳам дар ин бобат истисно нестам. Аминам, ки халқи заҳматкашу шарифи мо душвориҳои муваққатии давраи гузаришро сарбаландона рафъ намуда, Тоҷикистонро ба мамлакати мутараққӣ табдил медиҳад. Ман зикр намудам, ки мо давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявӣ месозем. Тоҷикистон на давлати коммунистӣ ва на давлати исломӣ хоҳад буд. Тоҷикистон, ба ақидаи комили ман, бояд Тоҷикистон бошад, яъне мамлакате бошад, ки таърихи тӯлонии худро дорад.

Душвориҳои зиндагии мо имрӯзҳо бештар гардидаанд. Вале ман бовар дорам, ки давраи нави инкишофи иқтисодиёт ва фарҳанги Тоҷикистон дар пеш аст. Мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ИМА, Россия, Покистон, Эрон ва Чин ба мо қарз медиҳанд, фақат гап дар он аст, ки мо бояд ин қарзҳоро оқилона ва самарабахш истифода барем.

Вале иҷрои ин вазифа дар шароити гузариш аз хоҷагидории планӣ ба муносибатҳои бозаргонӣ душвор мегардад. Ҳоло системаи марказонидаи давлатии таъминоту тақсимот вуҷуд надорад. Дар баробари ин ҳанӯз роҳу воситаҳои иқтисоди бозаргонӣ пурра мавриди истифода қарор нагирифтаанд. Дар иҷлосияи хабдаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади беҳтар кардани вазъият барномаи “Стратегияи дигаргуниҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тартиб дода ва муҳокима шуд. Мо бояд дар муддати кӯтоҳ корхонаю муассисаҳоро ғайридавлатӣ ва хусусӣ гардонда, барои бозсозии куллию самарабахши иқтисодиёт шароити зарурӣ муҳайё сохта, соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ, масалан, комплекси кишоварзию саноатӣ, энергетика, саноати бофандагию истихроҷи маъдан, нақлиёт, сафару сайёҳат ва ғайраро муайян намоем. Дар ноҳияҳои наздисарҳадии ҷумҳурӣ ташкил намудани минтақаҳои озоди тиҷорат ва муҳайё кардани шароити мусоид ба ҷалби сармояи хориҷӣ пешбинӣ мешавад. Хулласи калом, барнома таҳия шудааст ва онро танҳо дар амал татбиқ намудан лозим аст.

Барои ин, тавре ки худи шумо пай мебаред, бояд вазъияти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ комилан мӯътадил гардад. Умедворам, ки моояндаи наздик ба он ноил мегардем, зеро аксарияти мутлақи ҳамватанонамон ба ҳамин ҷидду ҷаҳд менамоянд.

Хирад, меҳнатдӯстӣ ва нерӯи тавонои ақлии бунёдкоронаи халқҳои Тоҷикистон кафолати тараққиёти минбаъдаи мамлакати мост, ки солгарди дуввумини истиқлолияташ таҷлил мешавад.

**— Лутфан дар бораи ҳадафу вазифаҳои Анҷумани дуюми байналмилалии тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ чанд сухан гӯед, ки рӯзҳои таҷлили Ҷашни истиқлоли ҷумҳурӣ баргузор мегардад.**

— Ҷомеаи ҷаҳон ба Тоҷикистон ва воқеаҳои ҳаёти мамлакати мо мароқи калон зоҳир менамояд. Ҳамватанони бурунмарзии мо аз дигаргуниҳои ҳаёти мамлакатамон бодиққат воқиф мешаванд. “Шунидан кай бувад монанди диданд”, – гуфтаанд. Бинобар ин мо бар он манфиатдорем, ки ҳамватанонамон дигаргуниҳои ҷумҳуриро бо чашми худ бубинанд. Кумитаи ташкилии тадорукоти анҷуман барномаи доманадори ба меҳмонон нишон додани дигаргуниҳо ва тағйиротеро тартиб додааст, ки дар манотиқи ҷумҳурӣ ба ҷашм мерасанд. Дар рӯзҳои анҷуман дар Академияи улум, иттиҳодияҳои эҷодӣ вохӯрию мулоқотҳо баргузор мегарданд, кордонону корчаллонон ва тоҷирон бо ҳамдигар робитаҳои ҳамкорӣ муқаррар мекунанд. Онҳо ба хонаҳои хешу таборонашон рафта, меҳмони ҳамаи сокинони мамлакат мегарданд. Бовар дорам, ки иштирокдорони анҷуман ба Ватан бозгашта, дар бораи Тоҷикистон ҳақиқатро баён хоҳанд кард. Ба назари ман, ин дар бораи ҷумҳурии мо маълумоти воқеӣ дода, ба барқарор гардидану густариш ёфтани робитаҳои амалию фарҳангии Тоҷикистон бо тамоми мамлакатҳои ҷаҳон мусоидат менамояд.

# ДИЁРИ БОБАҚОЮ БЕНАЗИРАМ, ТОҶИКИСТОНАМ!

## СУХАНРОНӢ ДАР ИФТИТОҲИ ТАҶЛИЛИ ИСТИҚЛОЛИ ҶУМҲУРӢ ВА АНҶУМАНИ ДУЮМИ УМУМИҶАҲОНИИ ТОҶИКОН

8 сентябри соли 1993

**Ҳамватанони азиз!**
**Падарон ва модарони арҷманд!**
**Хоҳарон ва бародарони мӯҳтарам!**
**Меҳмонони гиромӣ!**

Пагоҳ иди миллии тоҷикон — дуюмин солгарди эълони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дуюмин сол аст, ки ин санаи таърихӣ ҳамчун иди миллӣ дар саросари Ватани маҳбубамон ҷашн гирифта мешавад. Аз рӯзе, ки Фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба таҷлили Рӯзи истиқлолият ва гузаронидани Анҷумани дуюми Умумиҷаҳонии тоҷикон интишор ёфт, тамоми сокинони кишварамон ба тадорукоти ин ҷашни фархунда камар бастанд. Дар ҳама ҷо иқдоми ватандӯстонаи коллективҳои меҳнатии гуногунмиллати ҷумҳурӣ таҳти шиорҳои муттаҳид шудан дар атрофи Ҳукумати қонунӣ ва бо дастовардҳои арзанда истиқбол намудани иди саид ба амал меомад.

Мо аз он сарфарозем, ки дӯстон ва меҳмонони олиқадр, фиристодагони халқҳои бародар ва ҳамватанони бурунмарзии мо дар Рӯзи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамроҳи мо ва дар паҳлуи мо мебошанд.

Ман аз номи Раёсати Шӯрои Олӣ ва Раёсати Шӯрои Вазирон ба халқу давлатҳое, ки намояндагони худро фиристодаанд, аз самими дил изҳори ташаккур мегӯям.

Хуш омадед, меҳмонони гиромӣ! Тоҷикистон бароятон пешкаш!

Боиси хурсандии ҳамаи мо аст, ки намояндагони табақаҳои мухталифи иҷтимоӣ — коргарон, деҳқонон, арбобони илму адаб ва ҳунар, ходимони муассисаҳои омӯзишу парвариш ва афсарону сарбозони далери Ватан дар ин толори босафо ҷамъ омадаанд.

Бароям боиси ифтихор аст, ки дар ин лаҳзаи бошукӯҳ тамоми сокинони ҷумҳуриро бо ин ҷашни фирӯзи Тоҷикистони озоду мустақил аз самими дил муборакбод мекунам.

Хушнудӣ болои хушнудист, ки ҷашни Рӯзи истиқлоли ҷумҳурӣ ин дафъа ҳам бо Анҷумани умумиҷаҳонии тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ дар як вақт баргузор мегардад. Воқеан ҳам созмон ёфтани Анҷумани тоҷикони ҷаҳон бо таъмини истиқлолияти кишвари тоҷикон сахт алоқаманд мебошад. Метавон гуфт, ки таъсиси ин Анҷуман яке аз муҳимтарин самараҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бинобар ин, беҳуда нест, ки он маҳз дар нахустин ҷашни Рӯзи истиқлоли сарзамини бостонии тоҷикон тавлид ёфт.

Анҷумани тоҷикони ҷаҳон ҳамчун созмони байналмилалӣ, ки ҳадафи асосии он барқарор намудани муносибатҳои таърихӣ ва вусъат додани робитаҳои фарҳангии тамоми мардумони тоҷикзабон аст, дар зарфи як соли мавҷудияти худ ба неруи эҳсосшавандаи ҳасти маънавии ҷомеа мубаддал гардид. Агар ҷумҳурии мо дар боби мустаҳкам намудани дӯстиву ҳамкорӣ бо халқҳои бародар, ривоҷ додани алоқаҳои маданӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкили маъракаҳои фарҳангии байналмилалӣ ба муваффақияти назаррас ноил шуда бошад, дар он бештар саҳми Анҷуман мавҷуд аст. Имрӯз, ки ваҳдати мардуми тоҷик ва иттиҳоди тамоми қавму миллатҳои сокини ҷумҳурӣ аҳамияти калон пайдо кардааст ва ҳусни тафоҳуми байни халқҳо чун обу ҳаво зарур аст, нақши Анҷуман боз ҳам равшан хоҳад шуд.

Чунон ки маълум аст, Анҷумани якуми тоҷикони ҷаҳон дар шаҳри Душанбе—пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бисёр шадид, дар шароите, ки дар кишвар ҷанги дохилӣ идома дошт, барпо гардида буд. Имрӯз Ҷашни истиқлоли ҷумҳурӣ ва Анҷумани дуввуми тоҷикони саросари ҷаҳон дар шароити нави таърихӣ — дар шароити хотима ёфтани ҷанг доир мегардад. Чунин шароит дар

натиҷаи амри воқеӣ гардидани қарорҳои иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон ба даст омад.

Бояд иқрор кард, ки агар халқи бузургвори Тоҷикистон хатареро, ки ба сараш омада буд, дарк намекард ва тақдири таърихии худ ва кишварашро ба даст намегирифт ва ба ҷонибдории қувваҳои солимфикр ба по намехест, гумон аст, ки мо ба фурӯ нишондани оташи хонумонсӯз ва фалокатбор ноил мешудем. Бинобар ин мо имрӯз ба заковати мардуми тоҷик, ба хирадмандии халқи Тоҷикистон ҳамду сано ва аҳсан мехонем. Мо таманнои онро дорем, ки вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишварамонро ҳарчи бештар ба эътидол биёварем ва халқи азияткашидаи онро ба саодатмандӣ бирасонем.

Халқи тоҷик номи неки шаҳидони роҳи адолат, онҳоеро, ки ҷон ба гарав монда , озодии мову шуморо таъмин намудаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Хоҳишмандем, хотираи онҳоро бо дақиқаи хомӯшӣ пос дорем...

Тоҷикистон халқу давлатҳо ва созмонҳои байналхалқиро, ки ба мо дасти кӯмак дароз кардаанд, бо миннатдорӣ ёд мекунад.

Ташаккур ба шумо!

Дар зарфи як соле, ки гузашт, Тоҷикистон як фоҷиаи миллиро пушти сар кард. Хотима ёфтани ҷанги ҳамватанӣ имконият фароҳам овард, ки ба бунёдкорӣ ва барқарорсозӣ оғоз кунем. Аз ҷумла, яке аз вазифаҳои муҳим ва таъхирнопазир ин буд, ки дастгоҳи давлатии фалаҷ ва харобшуда аз нав сохта шавад, то ки барои пешрафт ва тараққии ҷомеа шароити мусоиди сиёсӣ ба вуҷуд ояд. Ба ин хотир бо мақсади ба эътидол овардани вазъи сиёсӣ дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ ва сипас ду маротибаи дигар авфи умумӣ эълон кардем ва аз пайи халъи силоҳ шудем. Вале бо вуҷуди он ҳамаи иқдомот ва тадбироте, ки Ҳукумат дар роҳи мӯътадил гардонидани вазъи сиёсии кишварамон меандешад, авзои сиёсӣ дар сарҳадоти Тоҷикистону Давлати Исломии Афғонистон ҳанӯз ҳам комилан ором нест.

Мо кӯшиши зиёд дорем, ки ин амру амали нохуш аз роҳи сиёсӣ пешгирӣ карда шавад. Дар роҳи ба ин мақсад расидан аз ҳамаи тадбиру илоҷ истифода хоҳем кард. Аз ҷумла байни Тоҷикистон ва Афғонистон гуфтушунид ва машваратҳои расмӣ дар сатҳҳои гуногун идома хоҳад ёфт.

Дар зимни сӯҳбате, ки худи ман дар Кобул бо ҷаноби Бурҳониддини Раббонӣ доштам, бароям аён шуд, ки мақомоти олии Давлати Исломии Афғонистон аз ҷониби худ омода аст ва пайваста мекӯшад, ки сарҳадшиканӣ ҳарчи зудтар бас карда шавад.

Масъалаи гурезаҳо низ ба вазъи сиёсии Тоҷикистон беасар нест. Ҳукумат масъалаи ба иқоматгоҳи аслиашон баргаштани гурезаҳои дохили кишварро асосан ҳал кард: то ин дам бештар аз 90 фоизи онҳо ба ҷойи худ баргаштанд. Як қисми онҳое, ки ба хоки Давлати Исломии Афғонистон фирор карда буданд, низ бо кӯшиши мо ва кӯмаки тарафи Афғонистон ба Ватан баргаштанд. Вале ҳоло ҳам дар Афғонистон ва баъзе ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ як идда гурезаҳои тоҷик сарсону саргардонанд. Мо вазифаи муҳими миллӣ ва давлатии худ мешуморем, ки ҳамаи гурезаҳои бегуноҳро ба Ватан баргардонем, амният ва осоиши онҳоро таъмин намоем ва ба ин васила ба муросои миллӣ ва ваҳдати халқи тоҷик ноил гардем. Мо бовар дорем, ки дар вақтҳои наздик ба ин муваффақ мешавем.

Ман аз номи Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон кафолат медиҳам, ки мақомоти ҷумҳурӣ дар ин роҳ ҳама тадбирҳои заруриро хоҳанд андешид. Боварии комил дорам, ки тоҷикони бурунмарзӣ, аз ҷумла онҳое, ки имрӯз меҳмони мо ҳастанд, инчунин кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанги мо, давлатҳои ҳамсоя ва созмонҳои байналмилалӣ дар иҷрои ин кори хайр ва башардӯстона ба мо мадад хоҳанд кард.

**Меҳмонони мӯҳтарам!**
**Ҳозирини арҷманд!**

Мо аминем, ки мӯътадилии вазъи сиёсии ҳар як кишвар бо сиёсати хориҷии он сахт вобаста аст. Бинобар ин мо дар ҷараёни иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон ва баъди он саъй намудем, ки самтҳои асосии сиёсати хориҷии худро ба таври аниқ муайян кунем. Тоҷикистони тозаистиқлол сиёсати хориҷии худро дар асоси эҳтиром ва эътирофи меъёрҳои сиёсати байналхалқӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, дифои манфиатҳои олии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, тамомияти арзӣ, мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар, баробарҳуқуқӣ дар муносибати байни якдигар, ҳамкории барои тарафҳо муфид ва судбахш танзим менамояд. Танҳо ҳамин гуна сиёсати хориҷӣ

метавонад амнияти Тоҷикистонро бо роҳҳои сиёсӣ таъмин созад, барои пешрафти ислоҳоти демократӣ ва равнақу ривоҷи иқтисодиёт, фарҳанг, илму фан ва маорифи он мусоидат кунад, ба ташаккули иқтисоди бозаргонӣ ва барқарор гардидани муносибатҳои нав ва босамари Тоҷикистон бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон мадад расонад.

Мо дар заминаи ҳамин усул ва бо дарназардошти манфиатҳои Тоҷикистон ният дорем бо тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаҳои қавии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ барқарор намоем. Дар ин бобат мо баъзе комёбиҳо дорем. Аз ҷумла, ба мо муяссар шуд, ки бо Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Белорус, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон аҳдномаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ ба имзо бирасонем, ки онҳо барои густариши робитаҳои ҳамаҷонибаи байни кишварҳоямон шароити хуб фароҳам меоранд, риштаҳои кандашударо аз нав пайванд медиҳанд.

Дар рафти сафарҳое, ки сарварони давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Давлати Исломии Афгонистон ба амал овардаид, заминаи муносибатҳои умедбахш ва ҳамкориҳои судманди тарафҳо созмон дода шуд. Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки Тоҷикистон манфиатдор аст, ки бо давлатҳои Исломии Афгонистон, Эрон, Арабистони Саудӣ, Туркия ва Покистон дар асоси усулҳои зикршуда муносибатҳои дӯстонаи ҳамсоягӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии муфид дошта бошад.

Мо бо дигар кишварҳои Осиё, аз қабили Корея ва Япония, ки аз давлатҳои бисёр пешрафтаи ин минтақаанд, низ муносибатҳои неки ҳамкорӣ барқарор карданием.

Тоҷикистони соҳибихтиёр ҷидду ҷаҳд дорад бо кишварҳои Аврупо, Амрико ва Африқо ҳам робитаҳои нек дошта бошад, аз таҷрибаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, технологӣ ва фарҳангии онҳо баҳра бардорад. Мо бахусус мехоҳем ҳамкориҳоямонро бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико беш аз пеш вусъат диҳем ва аз таҷрибаи бойи давлатдории он истифода намоем.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар зарфи ду соли охир бар асари даргириҳои мусаллаҳона, бархурдҳои ҳангоматалабонаи сиёсӣ

ғоратгарӣ, офатҳои табиӣ, инчунин қатъ шудани робитаҳои пешини тиҷоратӣ иқтисоди миллии ҷумҳуриамон ба куллӣ хароб шуд. Зараре, ки дар натиҷаи ҳамаи ин рӯйдодҳо ва ҳодисаҳои ногувор ба иқтисоди ҷумҳурӣ расонида шудааст, бештар аз 500 миллиард сӯмро ташкил медиҳад.

Зиёда аз ин бо сабабҳои зикршуда ҳаҷми маҳсулоти ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот ба ҳисоби миёна 55 фоиз кам шудааст. Ин ҳолат ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ва сатҳи зиндагии мардум таъсири хеле манфӣ расонд. Ба сабаби кам шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва боло рафтани нархҳо сатҳи зиндагии мардум паст шуд.

Ба ҷиҳати пурра ё қисман аз кор мондани корхонаҳо бисёр одамон бекор монданд. Давлат барои ҳифзи иҷтимоии мардум ва инкишофи соҳаҳои тандурустӣ, маданият, илм ва маориф пули кофӣ намеёбад.

Мо, албатта, медонем, ки ҷомеа муддати тӯлонӣ дар чунин вазъияти бӯҳронӣ қарор дошта наметавонад. Ба хотири баромадан аз ин вазъи бухронӣ Шӯрои Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ Барномаи рушди иқтисодии мамлакатро омода карданд.

Дар ин барнома пешбинӣ шудааст, ки дар давраи солҳои 1993-1995 сиёсати нарх, системаи қарзию пулӣ ба амал оварда, хароҷоти буҷети давлатӣ кам карда мешавад. Системаи бонк ва андоз ислоҳ намуда, сиёсати ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликият идома меёбад. Соҳибкорӣ инкишоф дода, инвеститсияҳои хориҷӣ васеъ ҷалб мегардад. Муносибатҳои бозаргонӣ вусъат хоҳанд ёфт. Ҳамаи ин дар ниҳояти кор ба мӯътадил шудани вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард. Дар ин сурат барои Тоҷикистон уфуқҳои тозаи пешрафти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ боз хоҳад шуд. Мо ният дорем, ки бахшҳои давлатӣ ва хусусии иқтисодиётро ташкил кардаю баробарии ҳама шаклҳои моликиятро ба роҳ монда, ба ин васила барои равнақи саноат, кишоварзӣ ва соҳаҳои дигар фазои озод ва мусоидро фароҳам оварем.

**Дӯстони арҷманд!**

Мухолифини сиёсӣ ва ҳаводорони хориҷии онҳо Ҳукумати ҳозираро ба он муттаҳам кардаанд, ки гӯё мо дар Тоҷикистон низоми тоталитарии коммунистиро барқарор мекарда бошем. Ман бояд бо тамоми қатъият

бигӯям, ки ин ба ҷуз дурӯғи маҳз чизи дигаре нест. Мақсади мо бунёд кардани ҷамъияти мутараққӣ аст. Вай аз таҷрибаҳои бойи ба даст овардаи давлатҳои пешрафта баҳра бардошта, ҷавобгӯйи омолу ормонҳои мардум хоҳад буд. Дар ҳақиқат ҷомеае, ки баробарии ҳамаи шаклҳои моликиятро эътироф менамояду баробари бахши давлатии иқтисод ташкили бахши хусусии онро низ вазифаи худ мешуморад, чӣ гуна ҷамъияти тоталитарии коммунистӣ буда метавонад?

Мунаққидони мо дар айни ҳол тӯҳмат мезананд, ки гӯё мо дар Тоҷикистон ҳуқуқи башарро риоя намекунем, дини мубини исломро аз ҷомеа дур мекарда бошему ҳаққу ҳуқуқи диндорони мусулмонро поймол менамудаем.

Дар ҷавоби ин бӯҳтонҳо таъкидан як чиз мегӯям: мо борҳо эълон доштем ва боз эълон мекунем, ки ҳадафи сиёсии мо барпо кардани давлати демократию ҳуқуқбунёду дунявӣ аст. Ормони мо давлатест, ки ҳуқуқи ҳама ашхос, тамоми табақаҳои иҷтимоӣ, қавмҳо ва миллатҳоро ҳифз менамояд, озодӣ ва амнияти онҳоро таъмин месозад, ҳукми қонунро дар ҷомеа қатъан ва пайгирона ҷорӣ мекунад, ба фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардум дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ мусоидат менамояд. Мо дар воқеъ эълом доштем, ки дар ҷомеаи қонунии тоҷикон дин бояд аз давлат ҷудо бошад. Вале ин ҳаргиз маънии онро надорад, ки мо мақоми иҷтимоии дини мубини исломро паст мезада бошем. Ислом ҷузъи муҳим ва ҷудонопазири фарҳанги суннатии мост. Ахлоқи ҷомеаи суннатии мо низ динист, ки ҳеҷ гоҳ наметавон рад кард ё нодида гирифт. Матлаби ҷудо будани дин аз давлат бошад, фақат як чиз аст: дин ба корҳои сиёсии давлат ва давлат ба корҳои мазҳабии дин мудохила накунад.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Ман дар гузориши мухтасар хостам чеҳраи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони имрӯзаро ба шумо шинос намоям. Дар зимн чанд ҳадафро дар назар доштам:

Аввалан, мо ба умеди онем, ки меҳмонҳои хориҷии мо, ки аз ашхоси бонуфузи кишварҳои худашон ҳастанд, Тоҷикистонро хубтар шинохта, барои ба вуҷуд овардани ҳусни таваҷҷӯҳ нисбат ба Тоҷикистон, мардуми он, сиёсати

бигӯям, ки ин ба ҷуз дурӯғи маҳз чизи дигаре нест. Мақсади мо бунёд кардани ҷамъияти мутараққӣ аст. Вай аз таҷрибаҳои бойи ба даст овардаи давлатҳои пешрафта баҳра бардошта, ҷавобгӯйи омолу ормонҳои мардум хоҳад буд. Дар ҳақиқат ҷомеае, ки баробарии ҳамаи шаклҳои моликиятро эътироф менамояду баробари бахши давлатии иқтисод ташкили бахши хусусии онро низ вазифаи худ мешуморад, чӣ гуна ҷамъияти тоталитарии коммунистӣ буда метавонад?

Мунаққидони мо дар айни ҳол тӯҳмат мезананд, ки гӯё мо дар Тоҷикистон ҳуқуқи башарро риоя намекунем, дини мубини исломро аз ҷомеа дур мекарда бошему ҳаққу ҳуқуқи диндорони мусулмонро поймол менамудаем.

Дар ҷавоби ин бӯҳтонҳо таъкидан як чиз мегӯям: мо борҳо эълон доштем ва боз эълон мекунем, ки ҳадафи сиёсии мо барпо кардани давлати демократию ҳуқуқбунёду дунявӣ аст. Ормони мо давлатест, ки ҳуқуқи ҳама ашхос, тамоми табақаҳои иҷтимоӣ, қавмҳо ва миллатҳоро ҳифз менамояд, озодӣ ва амнияти онҳоро таъмин месозад, ҳукми қонунро дар ҷомеа қатъан ва пайгирона ҷорӣ мекунад, ба фаъолияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии мардум дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ мусоидат менамояд. Мо дар воқеъ эълом доштем, ки дар ҷомеаи қонунии тоҷикон дин бояд аз давлат ҷудо бошад. Вале ин ҳаргиз маънии онро надорад, ки мо мақоми иҷтимоии дини мубини исломро паст мезада бошем. Ислом ҷузъи муҳим ва ҷудонопазири фарҳанги суннатии мост. Ахлоқи ҷомеаи суннатии мо низ динист, ки ҳеҷ гоҳ наметавон рад кард ё нодида гирифт. Матлаби ҷудо будани дин аз давлат бошад, фақат як чиз аст: дин ба корҳои сиёсии давлат ва давлат ба корҳои мазҳабии дин мудохила накунад.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Ман дар гузориши мухтасар хостам чеҳраи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистони имрӯзаро ба шумо шинос намоям. Дар зимн чанд ҳадафро дар назар доштам:

Аввалан, мо ба умеди онем, ки меҳмонҳои хориҷии мо, ки аз ашхоси бонуфузи кишварҳои худашон ҳастанд, Тоҷикистонро хубтар шинохта, барои ба вуҷуд овардани ҳусни таваҷҷӯҳ нисбат ба Тоҷикистон, мардуми он, сиёсати

дохилӣ ва хориҷии вай кӯшишҳои самарабахш ба харҷ медиҳанд. Мурод аз ин иқдом ба вуҷуд овардани заминаи мусоиди сиёсию маънавист барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди мо ба кишварҳои ҷаҳон. Агар меҳмонони Анҷумани тоҷикони ҷаҳон ва ҳамватанони бурунмарзии мо дар ин амр саҳм бигиранд, барои Тоҷикистон, ки Ватани ҳамаи мову шумост, хидмати бузурги таърихиеро анҷом хоҳанд дод.

Сонияш, Ҷашни истиқлол ва Анҷумани ҷаҳонии тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзии мо ба эҳсосоту рӯҳияи мардуми азияткашидаи Тоҷикистон ҳам беасар нахоҳанд буд. Маҳз дар рӯзи саид, ҳангоме меҳмонони аз дуру наздик омада моро дилбардорӣ карда, дуои хайр мегӯянд, ҳар як фарди тоҷикистонӣ бояд нек дарк кунад, ки тақдири Ватанаш дар дасти худи ӯст. Ва фақат бар ивази заҳмати ҳалол ва кори пурсамари ӯ Тоҷикистон обод мешаваду ба шукуфоӣ мерасад.

Дар хотимаи сухан бори дигар Ҷашни истиқлоли Тоҷикистонро барои ҳамагон самимона шодбош мегӯям ва ҳамчунин дар кори судбахши Анҷумани дуюми тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзиамон комёбиҳо орзу менамоям.

**Саломат бошед!**

# ДАР ТАЪРИХИ ВАТАНИ МО МАРҲАЛАИ НАВ ШУРӮЪ ШУД, КИ ОН МАРҲАЛАИ РАҲОӢ АЗ БӮҲРОНИ ИҚТИСОДӢ АСТ

## ХИТОБИЯ
## БА МУТАХАССИСОНИ КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ, МАҚОМОТИ РОҲБАРИИ ВАЗОРАТҲО, ИДОРАҲО ВА МУАССИСАҲОИ ҶУМҲУРӢ, ВИЛОЯТҲО, ШАҲРҲО, НОҲИЯҲО, ХОДИМОНИ ИЛМУ ФАРҲАНГ, ИТТИФОҚҲОИ КАСАБА, СОЗМОНИ ҶАВОНОНИ ҶУМҲУРӢ, ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШКАДАҲОИ ОЛӢ ВА МИЁНАИ МАХСУС, МАКТАБИЁН, ХИЗМАТЧИЁНИ ФИДОКОРИ ВАЗОРАТҲОИ МУДОФИА, УМУРИ ДОХИЛА ВА КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ, БА РОҲБАРОНИ МУФТИЁТ ВА ИМОМ-ХАТИБҲОИ МАСҶИДҲОИ ҶОМЕЪ, БА ҲАМАИ СОКИНОНИ ШАҲРУ ДЕҲОТИ ТОҶИКИСТОН

Сентябри соли 1993

**Ҳамватанони азиз!**

Таҷлили шукӯҳманди Ҷашни фархундаи Истиқлоли Ватани маҳбуб ва дуввумин Анҷумани умумиҷаҳонии тоҷикону ҳамватанони бурунмарзии мо як навъ ҷамъбасти он талошу кӯшишҳое буд, ки мақомоти роҳбарии ҷумҳурӣ ба нерӯҳои солимфикр ва ватанпараст такя намуда, дар роҳи ваҳдати миллӣ ва якпорчагии кишвари азизамон анҷом доданд.

Сиёсати ошкорои дохилӣ ва хориҷии кишвари азизи мо бо мақсади ба Ватан баргардонидани гурезагон, ҳаллу фасли мушкилоти гуногуни ба эътидол овардани вазъияти зиндагӣ дар дохили мамлакат, мустаҳкам намудани бехатарии кишвар ва шаҳрвандони он, ҳосил намудани ҳамдигарфаҳмӣ бо кишварҳои ҳамҷавор ва дар навбати аввал бо Давлати Исломии Афғонистон, ки дар он ҷой ҳанӯз ҳазорҳо ҳамдиёрони мо овораанд — ҳамаи ин ҷаҳду талошҳо обрӯйи байналхалқии давлати ҷавони моро дар саросари олам ба маротиб баланд бардошт.

Ҳоло дар сар то сари Тоҷикистони азияткашидаи мо мардум ба кори пурсамари бунёдкорона машғуланд. Нӯҳ моҳи дар сари қудрат будани ҳокимияти қонунӣ моҳҳои ба

эътидол овардани вазъияти сиёсӣ ва якдигарфаҳмӣ буданд. Барои ба эътидол овардани вазъият тадбирҳои зиёдеро дидан лозим омад. Аз деҳаҳои дурафтодатарин сар карда, то марказ структураи бақуввати ҳокимияти халқӣ созмон дода шуд. Барои фаъолияти пурсамараи ҳамаи соҳаҳо бо душворӣ бошад ҳам, шароити осоишта фароҳам омад.

Акнун дар таърихи Ватани мо марҳалаи нав шурӯъ мешавад, ки онро мухтасар марҳалаи ба эътидол овардани вазъияти хоҷагидорӣ ва ҳарчӣ зудтар раҳо ёфтан аз бӯҳрони азими иқтисодӣ номидан мумкин аст. Ин марҳала марҳалаи боз ҳам душвортару меҳнатталаб буда, аз ҳамаи мо сабру таҳаммул ва фидокории ватандӯстонаро талаб мекунад.

Дар ҷумҳурии мо бо сабаби канда шудани робитаи бисёр ҷабҳаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, нарасидани ашёи хому сӯзишворӣ ҳаҷми маҳсулот дар ҳамаи соҳаҳо якбора 55 фоиз кам шуд. Агар маҳсулоти истеҳсолмекардаи мо имрӯз як сӯм қимат дошта бошад, сарфу харҷамон 5 сӯмро ташкил медиҳад. Мамлакат гирифтори қарзҳои зиёдест. Мо фақат ҳамон вақт аз ин душвории фалокатбор раҳо ёфта метавонем, ки ҳар як сокини ҷумҳурӣ вазъиятро ба худ дуруст тасаввур карда, миёнро маҳкам мебандаду бо меҳнати фидокорона ба даромади ночизи худ даромади нав зам карда, батадриҷ қомат рост намояд.

Имсол ба офатҳои бениҳоят калони табиӣ ва нооромиҳои бардавоми сиёсию иқтисодӣ нигоҳ накарда, деҳқонони диловари мо дар саҳро пурмаҳсул кор карданд. Мамлакат ба ҳосили фаровони ғалладона, сабзавоту меваҷот ва пахта — ашёи хоми аз ҳама муҳимтарин, ки қарзҳои хориҷии моро мепӯшонад, сахт эҳтиёҷ дорад. Мо умедворем, ки агар ҳосили саҳроро пурра ғундорем, даромади дилхоҳ ба даст меояд.

Бо мақсади ҳавасмандии деҳқонон давлат нархи хариди маҳсулоти зироатҳои хоҷагии қишлоқро хеле зиёд кард. Мутаассифона, ҷамъоварию ба давлат фурӯхтани ғалладона, мева ва зироатҳои полезӣ кашол меёбад.

Нигоҳубин ва барои зимистон захира кардани маҳсулот бисёр бад аст. Дар он хоҷагиҳо, ки деҳқонони кордону дурандеш роҳбарӣ мекунанд, нарасидани техника ва сӯзишвориро баҳона накарда, бо қувваи одамон ва нақлиётҳои бобоӣ ҳосилро меғундоранд. Аммо дар бисёр хоҷагиҳо галладона, меваю сабзавот аз сабаби сари вақт нағундоштани он дар саҳро пӯсида нобуд мешавад. Солҳои пеш, вақте ки ҳама чиз фаровон буду ба болои меваю сабзавоти ватанӣ боз аз хориҷа ҳам ба мо меваю сабзавот меоварданд, чунин фориғболӣ шояд чандон ба чашм намерасид. Аммо дар шароити душвори ҳозира ин гуна рафторро бахшидан душвор аст.

Дар ҷумҳурӣ гунучини пахта рӯз то рӯз суръат мегирад. Мо барои беталаф ва дар фурсати кӯтоҳтарин ҷамъоварӣ кардани ҳосили бо душворӣ парвардаи деҳқонон нисбат ба солҳои гузашта камтар имкониятҳои техникӣ дорем. Сӯзишворӣ камчин аст. Вале мо халқи заҳматкаши пуртоқат ва сарбаланд дорем, ки намегузорад Ватанаш хароб ва дастархонаш холӣ бошад. Дар мушкилтарин солҳои ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, вақте ки аксарияти мардон ба фронт рафта, саҳроҳои пахтазору ғаллазор бе ягон техника бо досу каланди бобоӣ дар ихтиёри занон монда буд, модарони мо фарзандони Ватанро гурусна намонданд. Онҳо аҳолии мамлакатро бо хӯрокворӣ таъмин намуда, ба ҷанговарони размгоҳҳо низ озуқаворӣ мефиристоданд. Шуҷоату фидокорӣ ва тоқати мардонаи падару бобоёни қаҳрамони мо дар он солҳои душвор, ки бо араќи ҷабин Ватанро аз касодии иқтисодӣ наҷот дода буданд, имрӯз ҳамаи моро рӯҳбаланд сохта, ба ҳар як одами ватандӯст рӯҳу тавон мебахшад.

Мо дар ин рӯзҳои душвор, вале басо пурифтихори мустаҳкам намудани истиқлолияти иқтисодии Ватан ба ҳамаи одамоне, ки аз дасташон кор меояд, рӯ меоварем:

**Хоҳару бародарони азиз!**
**Падару модарони фидокор!**
**Фарзандони қобили мо!**

Ба хотири пешрафти Ватан ва пос доштани соҳибихтиёрию мустақилияти пурраи ҷумҳурӣ ба деҳқонон

дасти мадад дароз кунед. Беғамию бепарвоии имрӯз фардо ранҷу азобро ба бор меоварад, аммо ранҷу меҳнати имрӯз осоишу роҳати фардост. Нагузоред, ки дар ин давраи сарнавиштсози истиқлолияти ҷумҳурӣ ягон одам бекор гардад. Дар саҳро барои ҳама кор ёфт мешавад.

**Роҳбарон ва мутахассисони комплекси агросаноатӣ!**

Барои ташкили намунавори кор, фароҳам овардани шароити хуби ҷамъоварии ҳосил ҷидду ҷаҳд кунед. Техникаи гуногуни ҳосилгундорро ба кор омода созед. Сӯзишвориро эҳтиёткорона сарфа намуда, роҳ надиҳед, ки он ба мақсадҳои дигар талаф ёбад! Аз имкониятҳои хоҷагӣ пухтакорона истифода баред, барои бо даст чидани ҳосили парваришшуда чораҳои судбахш андешед!

**Роҳбарони вазоратҳо, идораҳо ва ташкилотҳои ҷумҳурӣ, мақомоти роҳбарии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо!**

Ҳамаи шумо ин лаҳзаҳо аз имтиҳони ҷиддӣ мегузаред.

Қобилияти худро нишон диҳед, исбот кунед, ки дар лаҳзаҳои душвор шумо мардумро ба кори нафъовар сафарбар карда метавонед. Тамоми коркунони корхонаҳоеро, ки ба сабаби камчинии ашёи хом аз ноилоҷӣ бекор мондаанд, ба ҷамъоварии ҳосили пахта ва дигар зироатҳо ҷалб намоед. Беталаф ва ба пуррагӣ ғундоштани ҳосили пахта ва меваю сабзавот имсол вазифаи ҳамаи бошандагони ҷумҳурист. Ба вазорату корхонаҳое, ки мардуми заҳматкашро бо маводи хӯрока, сару либос, пойафзол бояд таъмин намоянд, муроҷиат намуда, таъкид карданиям, ки дар ин роҳ поквиҷдонона ва бо масъулияти баланд адои хизмат намоянд. Бояд кулли шаҳрвандони ҷумҳурии мо дарк намоянд, ки кишоварзӣ яке аз пояҳои асосии пешравии ҳамаи соҳаҳои дигари хоҷагидорӣ ва давлати мо мебошад. Дар ин маъракаи сарнавиштсоз паҳлӯ ба паҳлӯи деҳқонон бояд коргарони корхонаҳои саноатӣ, ки бекор мондаанд, ё камкоранд, зану марди хонашин, ҷавонони донишҷӯ, мактабиён, сарбозони шуҷои Ватан саҳм бигиранд.

**Мо ба кулли депутатҳои халқии деҳшӯро, шаҳру ноҳияҳо, вилояту ҷумҳурӣ, ба роҳбарони созмонҳо ва иттиҳодияҳои касбин меҳнаткашон, роҳбарони муфтиёт ва имом-хатибҳои масҷидҳо муроҷиат мекунем:**

Шумо ба халқ аз ҳама наздиктаред ва қобилияти бузурги сафарбаркунандагӣ доред. Ба одамон вазъияти баамаломадаро софдилона фаҳмонед. Бигузор ҳар сокини ҷумҳурӣ дарк кунад, ки бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад. Барои зиндагии хуб заҳмат кашидан лозим аст.

**Хизматчиёни фидокори вазоратҳои мудофиа, умури дохила ва кумитаи амнияти миллӣ!**

Шумо на як бору ду бор мардонагию матонат нишон дода, Ватанро аз вартаи ҳалокат наҷот додаед. Мутаассифона, ҳанӯз дар либоси ҳарбӣ бисёр бекорхӯҷаҳо, дуздону ғоратгарон аз номи шумо дар кӯчаю бозорҳо бедодгарӣ мекунанд. Маразн бекоргардию даромади муфт ба даст овардан ба чашм мерасад. Шумо роҳ надиҳед, ки ин косибону роҳзанон мардуми меҳнаткашро ба дод оварда, номи неки шуморо доғдор созанд.

Имрӯз ҳамаи мо бояд дар фикри захира кардани хӯрокворӣ барои зимистон ва бе каму кост ғундоштани ҳосили зироатҳои хоҷагии қишлоқ бошем. Одатан дар мавсими ҷамъоварии ҳосил халқи мо аз гузарондани маъракаҳои пурдабдаба худдорӣ мекунад. Биёед, аввал ҳосилро ҷамъ оварда, баъд тӯю тамошо ташкил кунем. Беҳтарин ҳадя барои поси хотири шаҳидони роҳи озодӣ ва истиқлолияти Ватан ободии кишвар ва осудагию фарогати ватандорон аст. Садҳо фарзандони сарсупурдаи мо барои он ҷон доданд, ки Ватанашонро шукуфон бинанд. Пас биёед барои шод намудани арвоҳи онҳо пурмаҳсул кор кунем.

**Ҳамватанони азиз!**

Беталаф ҷамъ овардани ҳосили парвардаи имсола ва замина гузоштан барои ҳосили оянда яке аз шартҳои

муайянкунандаи пойдорию иқтидорнокӣ ва мустақилии давлати тозабунёди мо — Тоҷикистони азиз мебошад. Аз ин рӯ, ҷойи ҳар як ватандӯст, ки барояш мустақилият ва дастнигар набудани Ватанаш гиромист, дар саҳрост. Бояд фаромӯш накард, ки сарнавишти кишвари мо дар дасти худамон аст.

# ҶОМЕАИ ҶАҲОНӢ ИҚДОМҲОИ НЕКИ МОРО ҚАДРДОНӢ МЕНАМОЯД

## СУХАНРОНӢ ДАР ИҶЛОСИЯИ 48-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

29 сентябри соли 1993

**Мӯҳтарам ҷаноби раис, мӯҳтарам ҷаноби Муншии умумӣ, вакилони мӯҳтарам, хонумҳо ва ҷанобон!**

Соли баъди иҷлосияи 47-уми Ассамблеяи генералӣ соле буд, ки нуфузу таъсири иқдомоти Созмони Милали Муттаҳид боз ҳам афзуд. Ин, ба ақидаи мо, шаҳодат медиҳад, ки аъзои Созмони Милали Муттаҳид зарурати ҳамкории мустаҳкаму самарабахшро бароиояндаи беҳтарин амиқтар дарк менамоянд. Ба ҳозирини мӯҳтарам, ки сардори Тоҷикистони соҳибихтиёр дар наздашон бори аввал дар таърих сухан мекунад, назар меафканаму сатрҳои зайли Саъдии бузург беихтиёр ба хотир меоянд:

Бани одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.

Дар ин ҷо, дар маркази ҳамоҳангсозии масъалаҳои умумиҷаҳонӣ, пеш аз ҳама мехостам ҷаноби Сэмюэл Рудолф Инсаннала — намояндаи Гайанаро ба муносибати ба вазифаи олии раиси Ассамблеяи генералӣ интихоб шуданаш табрик гӯям. Иҷозат фармоед изҳори умед кунам, ки иҷлосия таҳти роҳбарии оқилонаи Шумо, ҷаноби раис, баҳри беҳбудии тамоми инсоният ба муваффақиятҳои назаррас ноил мегардад. Фаъолияти наҷиби раиси Ассамблеяи генералии иҷлосияи гузашта ҷаноби Стоян Ганевро, ки ба муҳокимаи масъалаҳои мураккаби сиёсӣ фаъолона ва самарабахш роҳбарӣ кард, таъкид намуданиам.

Аълоҳазрат, ҷаноби мӯҳтарам Бутрос Ғолӣ — Муншии умумии СММ-ро бо камоли қаноатмандӣ табрик намуда, ба ӯ барои дар рафъи ҷанҷоли ноҳияҳои гуногуни кураи замин, аз ҷумла диёри ман, пайваста кӯшиш карданаш ташаккури самимӣ изҳор карданиам.

Ҷаноби раис, Ҷумҳурии Тоҷикистон чун субъекти ҳуқуқи байналхалқӣ қадамҳои нахустин мегузорад. Ман бо қаноатмандии комил таъкид менамоям, ки мо дар Созмони Милали Муттаҳид соҳиби овози баробар гаштем ва ҳис менамоем, ки ин ҳуқуқи фахрӣ ба зиммаамон вазифаҳои калон мегузорад.

Тайи ду соли истиқлоламон халқи сабуру сулҳдӯсти ман баробари дигаргуниҳои бешубҳа мусбат озмоишҳои сахтро низ паси сар кард. Таҳлили манбаю сабабҳои вазъияти ҳозираи Тоҷикистон кори муаррихон аст. Вазифаи худ мешуморам, ки фақат як ҷиҳатро таъкид намоям. Касонеро, ки мо ба қонунҳои ҳозираи Ҷумҳурии Тоҷикистон такя намуда, ба сар кардани ҷанги дохилӣ гунаҳгор мешуморем, ба пояи сохти ҷамъияти ҳозира, волоияти қонун дағалона таҳдид намуданд.

Чун дар ҳар ҷанги дохилӣ, дар ҷанги Тоҷикистон низ ғолибон набуданд ва буда ҳам наметавонистанд. Ҳар чи зудтар табобат кардани захмҳои хуншори аз ин ҷанг пайдогаштаи ҷисми мамлакат вазифаи таъхирнопазири миллии мост.

Таваҷҷӯҳи Созмони Милали Муттаҳид ба Тоҷикистон фаҳмост. Зимни таҳлили воқеаҳои ҷумҳурӣ гуногунии афкор баргумон аст, ки ба ҳайрат мегузошта бошад. Мехостам чандин масъаларо равшан намоям.

Мо роҳи тараққиёти мустақилонаро пеш гирифта, дучори мушкилоти азими сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии давраи гузариш ғардидем.

Иқтисодиёти миллии мо чун қисми начандон калони комплекси бузурги хоҷагии халқи Иттифоқи собиқи ҶШС ташаккул ёфта, асосан хусусияти манбаи ашёи хом дошт. Мавриди аз миён рафтани робитаҳои хоҷагӣ ҷумҳурӣ бевосита бо масъалаҳои зиёди ҳаллу фаслашон душвор рӯ ба рӯ гашт.

Дараҷаи зиндагии халқ ба тариқи фалокатовар паст шуд ва ин боиси вазъияти шадиди иҷтимоӣ гардид.

Дар айни замон мубориза барои ҳокимият, кӯшиши бо усулҳои ғайриқонунӣ, зӯроварӣ ва зиддидемократӣ ба даст

овардани ҳокимият ҷамъиятро ба гурӯҳҳо тақсим карда, ба ҷанги бемаънии бародаркушӣ оварда расонданд. Натиҷаи ин маълум аст: ҳазорон одамон бадбахт, шаҳид, маъюб, гуреза ва бе ному нишон шуданд.

Зарари сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодие, ки ба ҷумҳурӣ расидааст, ҳад надорад.

Вазъияти номӯътадили дохилӣ сабаби аввалини бесарусомонии иқтисодӣ ва сиёсӣ, қонуншиканӣ, қатъан кам шудани истеҳсоли мол гардид. Тақдири халқ, худи давлати Тоҷикистон гирифтори хавфу хатар шуд.

Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳамин шароит баргузор гардид, барои дар мамлакат муқаррар намудани сулҳу осоиш заминаи усулан нав гузошт. Шурои Олӣ ҷонибдор шуд, ки тамоми масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ фақат мувофиқи Конститутсия ҳаллу фасл шаванд, бо мақсади ҳимояи иҷтимоии шаҳрвандон, ба манзили муқимиашон, ба меҳнати осоишта баргардондани онҳо чандин қонуни муҳим қабул шуд. Мувофиқи Конститутсия роҳбарияти Шӯрои Олӣ интихоб гардид, Ҳукумат таъсис ёфт.

Ҳозир ҷамъияти мо, халқи мо фаҳмиданд, ки дар давлат ҳокимияти олӣ бояд фақат ба қонун мутааллиқ бошад.

Аз ин минбари баланд чун сардори давлат изҳор мекунам, ки мо принсипҳои асосии Ҳуҷҷати хотимавии машварати Хелсинки ва Баёнияи Париж, санадҳои дигари байналхалқии ҳифзи ҳуқуқро риоя менамоем.

Мо азм дорем, ки дар мамлакатамон ба дигаргуниҳои демократӣ роҳ кушоем, ҷаҳонбинӣ, ақидаи динӣ, идеологӣ ва сиёсии ҳар касро чун ҳуқуқи дахлнопазири шахсият эътироф ва эҳтиром намоем.

Мо таҳти фишори сахти мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ кор карда, дар муддати нисбатан кӯтоҳ дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ муҳосираи иқтисодиро аз байн бардоштем, ба барқарор кардани хоҷагии халқи харобшуда ваислоҳоти иқтисодӣ, ки мақсад аз он давра ба давра ҷорӣ кардани муносибатҳои бозаргонист, шурӯъ намудем.

Парлумони мамлакат аз аввали дар ҷумҳурӣ барқарор шудани принсипҳои волоияти қонун чандин асноди меъёрӣ қабул кард. Раёсати Шӯрои Олӣ дар бораи авфи умумӣ се фармони махсус баровард. Оё ин далолат намекунад, ки мо ҷонибдори бо воситаҳои сиёсӣ ҳаллу фасл

карданi масъалаҳо ҳастем! Мо ба хотири таъмини мусолиҳаи миллӣ, сулҳу амонӣ дар Тоҷикистон ба гуфтушунид бо тамоми неруҳои ҷамъиятӣ тайёрем.

Мо бо неруҳои ҳар тамоюли сиёсӣ, ки аз рӯйи қонуни ҳозира амал мекунанду принсипҳои маъмули демократияро эҳтиром менамоянд, ҳамкории амалӣ карданием.

Созмони Милали Муттаҳидро воқиф карданием, ки ҳозир дар Тоҷикистон дар роҳи такмили қонуни интихобот, таҳияи лоиҳаи Конститутсияи нав, ки дар онҳо ҳамаи масъалаҳои марбути таъмини ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон бештар ба назар гирифта мешаванд, кори пурсамар анҷом дода мешавад.

Кӯшиши ба ҷанҷоли дохилии Тоҷикистон, ки дар баъзе ноҳияҳои қад-қади марзи Тоҷикистону Афғонистон ҳанӯз хотима наёфтааст, бахшидани хусусияти ҷанҷоли минтақавӣ дар роҳи ҳалли масъалаҳои дохилии сиёсии мо боиси ташвиши ҷиддӣ мебошад. Дар тобистон авҷ гирифтани ин ҷанҷол боиси ҳалокати даҳҳо одамон гардид.

Ба ҳама маълум аст, ки то ба қарибӣ аз қаламрави мамлакати ҳамсоя мунтазам мудохилаи мусаллаҳона карда мешуд. Мо, албатта, душвориҳои дохилии онро, ки бо ҷорӣ кардани идораи мутамаркази давлат марбут аст, мефаҳмем. Вале аз воқеият ҷойи гурез нест. Мо ночор маҷбур шудем, ки бо масъалаҳои худмудофиа ҷиддан машғул гардем.

Мо нисбати Афғонистон ягон нияти душманона надорем. Чораҳое, ки мо баҳри таҳкими муҳофизати сарҳадамон, сарҳади умумии давлатҳои ИДМ медидем ва мебинем, ба нуктаҳои моддаи 51 Ойинномаи СММ ва меъёрҳои маъмули муносибатҳои байналхалқӣ комилан мувофиқанд.

Вале ин, албатта, ҳаргиз роҳи ягонаи ҳаллу фасли масъала нест. Дар ин бобат раванди хеле вусъат ёфтани гуфтушунид бо ҳукуматдорони расмии Кобул умед мебахшад. Аз руйи ҷиҳатҳои гуфтушуниди масъалаҳо, аз ҷумла ба эътидол овардани вазъияти марзи Тоҷикистону Афғонистон ба чандин аҳду паймони мусбат ноил гаштем. Ба фикрам, ғуфтушуниди бевоситаи доимӣ бо роҳбарияти Давлати Исломии Афғонистон ба рафъи баъзе носозиҳои дигари маълум ёрӣ мерасонад.

Афсӯс, ки барои кӯмаку дастгирии унсурони вайронкори маскуни қаламрави Афгонистон то ҳанӯз

маблағи калон харҷ мегардад. Унсурони номбурда аз Тоҷикистон ба ин ҷо гузашта, бо мадади гурӯҳҳои ифроткор ва қувваҳои терроризми байналхалқӣ нақшаҳои дар мамлакати мо зӯран тағйир додани сохти давлатиро мекашанд. Саволи ҳаққонӣ ба миён меояд, ки агар ин маблағ на ба мақсади харобкорӣ, балки ба мақсади бунёдкорӣ харҷ мешуд, оё оқилона намебуд?

Масъалаи дигари мо ин масъалаи гурезаҳои Тоҷикистон дар Афғонистон аст. Дар хусуси чӣ тавр ба хоки Афғонистон гузаштани гурезаҳо фикрҳо бисёр аст. Вале ин ҷиҳати асосӣ нест. Ҷиҳати асосӣ ин аст, ки гурезаҳо ҳарчи зудтар ба Ватан баргарданд. Мо ба роҳбарияти Афғонистон ва раёсати комиссари олии корҳои ғурезаҳои СММ, ки нисбат ба гурезаҳо таваҷҷӯҳи самимӣ доранд, аз сидқи дил ташаккур изҳор менамоем. То нимаи моҳи сентябр бештар аз 35 ҳазор гурезаи Тоҷикистон аз Афғонистон ба манзили муқимии худ баргашт, ки ин ба бештар аз нисфи шумораи умумии онҳо баробар аст.Умедворем, ки раванди ихтиёран баргаштани ғурезаҳо давом мекунад ва мо бо дастгирии ҳукуматдорони Афғонистон ва раёсати комиссари олии корҳои гурезаҳои СММ дарояндаи наздик ин масъалаи муҳимро комилан ҳал карда метавонем.

Мувофиқатномаи сеҷонибаи Тоҷикистону Афғонистон бо ширкати раёсати комиссари олии гурезаҳои СММ барои имзо тайёр шудааст. Умедворам, ки мувофиқатнома вақтҳои наздик ба имзо мерасад.

Аз минбари олии СММ боз аз як нуктаи дигар сухан ронданиам. Мо қатъан бовар дорем, ки дастгирии ҷидду ҷаҳди серзаҳмати роҳбарияти Афғонистон дар бобати барқарор намудани сулҳу оромӣ дар сарзамини машаққатдидаи афғон на фақат ба манфиати ин мамлакат ва минтақа, балки ба манфиати тамоми сайёра мувофиқ мебуд. Замонҳое буданд, ки баъзе давлатҳо барои ҷанги Афғонистон маблаги бисёр харҷ мекарданд. Ба фикрам,. вақти он расидааст, ки дар ин ҷо ба барқарор кардани ҳаёти осоишта ёрӣ расонда шавад. Афғонистони ноорому номӯътадил на фақат ба Тоҷикистон хавф дорад.

Ҷаноби раис, дар хусуси иштироки мо дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сухан ронда, бояд таъкид кунам, ки Тоҷикистон зимни эҳтироми пурраи соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти аъзои Иттиҳод барои таҳкими ин Иттиҳод

саъю кӯшиш мекунад. Дар ин бобат аҳамияти ду самти фаъолиятамонро дар ИДМ, ки барои Тоҷикистон багоят муҳим аст, қайд карданиам. Сухан аз муносибат бо Россия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ меравад.

Бар дӯши Россия чун узви доимии Шӯрои амният барои таъмини сулҳу вазъияти мӯътадили қариб тамоми қаламрави Иттифоқи собиқи ҶШС озмоишҳои гарон афтод. Бинобар ин халқҳои Иттифоқи собиқ, аз ҷумла Тоҷикистон ҷидду ҷаҳди сулҳоварии Россияро басо қадр ва тарафдорӣ мекунанд.

Дастгирии бародаронаи Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон дар бобати ба эътидол овардани вазъияти мамлакатамон нақши мусбат бозид. Тоҷикистон ба ИМА ва ба мамолики дигари Аврупою Осиё, ки дар рӯзҳои барои мо даҳшатангез дасти ёрӣ дароз карданд, низ изҳори миннатдорӣ мекунад.

Мо умедворем, ки номи Тоҷикистон аз рӯйхати минтақаҳои ҷанҷол ба наздикӣ хориҷ мешавад. Дар ин кор ба мадади ҷиддии Созмони Милали Муттаҳид дар барқарор кардани иқтисодиёти миллии аз ҷанг ва офатҳои табиӣ харобшуда умед мебандем, мамлакате, ки аз захираҳои табиӣ ғанист ва дорои пешомадҳои бузурги иқтисодӣ аст, барои эҳёи худ ба кӯмаку ёрӣ эҳтиёҷ дорад. Иҷозат фармоед, изҳори умед кунам, ки ба мамлакати мо, албатта, мувофиқи шартҳои маъмули амалияи ҷаҳонӣ ёрию кӯмак расонда мешавад.

Ҷаноби раис, Тоҷикистон, ки даҳшатҳои ҷанги дохилиро аз сар гузаронд, аз рафти воқеаҳои минтақаҳои даргири сайёра ҷиддан ба ташвиш меояд. Мо азобу кулфати халқи Сомалиро мефаҳмем, мо фоҷиаи азиму бемаънии халқҳои Югославияи собиқ, воқеаҳои Қафқози ҳозираро ҳис мекунем. Мо қувваи харобиовари ҷанҷолҳои маҳаллиро дар амал дидаем. Бинобар ҳамин мо Созмони Милали Муттаҳидро бо исрор даъват менамоем, ки бо мақсади бас кардан ва пешгирӣ намудани ин қабил ҷанҷолҳо бештар кӯшиш намояд. Мо ақидаи қавӣ дорем, ки бо қувваи силоҳ, он ҳар қадар даҳшатангезу харобиовар бошад ҳам, ягон масъалаи баҳсталабро ҳал кардан ғайриимкон аст.

Ба ин муносибат фурӯши беназорату беиҷозати силоҳ дар минтақаҳои вазъияташон номӯътадил ташвиши ҷиддиро ба миён меоварад. Аслан, минтақаҳои том саросар мусаллаҳ

мешаванд. Мо дар амал тасаввур менамоем, ки аз аҳолӣ мусодира кардани силоҳи ғайриқонунӣ ба дастовардааш чи қадар душвор аст. Бинобар ин мо аз рӯйи таҷрибаи талхи худ дар бораи хавфи вусъати тамоюли касофатбор бо овози баланд сухан меронем.

Ҳозир ба ин балои харобиовари иқтисодиёт балои дигар — дар шакли кӯшиши як қатор мамлакатҳо барои соҳиб шудан ба силоҳи ядроӣ ё технологияи истеҳсоли он илова гардид. Мо чун мамлакати дорои технологияи истихроҷу коркардаи аввалини уран ба истифодаи ин манбаи беназири нерӯ ба мақсади ғаразнок қатъиян муқобил ҳастем. Мо изҳор менамоем, ки аҳдномаи паҳн накардани силоҳи ядроиро бечунучаро дастгирӣ мекунем, умедворам, ки конфронси давлатҳои иштирокдори аҳднома, ки соли 1995 пешбинӣ шудааст, дар бораи ба мӯҳлати номаҳдуд дароз кардани амали аҳднома қарор қабул мекунад.

Чунон ки маълум аст, халқҳо аз анҷоми ҷанги сард, ба коҳиш ёфтани муқовимати дутарафа умедҳои калон доштанд. Афсӯс, ки рафти воқеаҳо ҳанӯз ба бисёрии ин умедҳо мувофиқ нест.

Вале зимни ин дар ҷаҳон воқеаҳои фараҳбахши сиёсӣ ҳам бисёр рӯй медиҳанд. Мо аз аҳду паймони таърихии Ташкилоти озодибахши Фаластин ва Ҳукумати давлати Исроил дар бораи эътироф кардани ҳамдигар бағоят қаноатмандем. Мо қарори Иёлоти Муттаҳидаи Амрикоро дар бораи эътирофи Ташкилоти озодибахши Фаластин табрик менамоем ва нақши ин мамлакати бузургро дар таъмини сулҳу вазъияти мӯътадили рӯйи замин ҳамаҷониба тақдир мекунем.

Ҷаноби раис, масъалаҳое, ки дар иҷлосияи 48-уми Ассамблеяи генералии СММ муҳокима мешаванд, шаҳодат медиҳанд, ки миллатҳо беш аз пеш ба ҳамдигар вобаста мешаванд. Дар Тоҷикистон дар замони барои халқҳои ҷумҳуриамон душвор ба ин равшан боварӣ ҳосил кардаанд.

Мо ба ҷидду ҷаҳди сулҳоварию башардӯстонаи СММ баҳои баланд медиҳем. Мо, алалухусус, он чиро азиз медонем, ки ташаббусҳои Тоҷикистон ҷиҳати ба фаъолияти ҳамаҷонибаи сулҳовари ба қаламрави мамлакатамон ҷалб намудани муассисаҳои Созмони Милали Муттаҳид бетаваҷҷӯҳ намонданд.

Мӯҳлати мандати намояндаи махсуси Муншии умумии СММ И. Киттонӣ дар Тоҷикистон дароз карда шуд. Дар ҷумҳурӣ ҳайати намояндагони СММ, намояндагони раёсати комиссарияти олии корҳои гурезаҳои СММ, ташкилотҳои дигари байналхалқии ғайриҳукуматӣ самарабахш кор мекунанд.

Мо аз Шӯрои амнияти СММ, ки рафти воқеаҳои Тоҷикистон ва атрофи онро ҳамеша аз мадди назар дур намекунад, алалхусус мутташаккирем.

Дар Тоҷикистон аз сидқи дил умедворанд, ки Созмони Милали Муттаҳид дар роҳи таъмини шароити тараққиёти устуворона бештар талош меварзад. Мо принсипу тавсияҳои рӯзномаи Ассамблеяи 48-умро ҳамаҷониба дастгирӣ мекунем. Ба фикри мо, ҳалли чунин масъалаҳои муҳими рӯзнома, ба мисли вогузор кардани технологияю сарватҳо ба тағйири вазъияти минтақаҳои офат ба мисли вазъияти баҳри Арал ё ноҳияҳои қашшоқии саросар таъсири нек мерасонад.

Дар хотима, ҷаноби раис, дилпур ғардонидан мехоҳам, ки халқи ман дар роҳи ташаккули давлатдории худ душвориҳои азимро аз сар гузаронад ҳам, ба оянда назари неку эътимоди комил дорад, мо барои сохтмони давлати дар ҳақиқат ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ, ки албатта дар байни мамолики мутамаддини ҷаҳон мақоми муносиб пайдо мекунад, қувваю ғайратамонро дареғ намедорем.

**Аз диққату таваҷҷӯҳатон миннатдорам.**

# ГАРДИШИ КУЛЛӢ ДАР ҲАЁТИ КИШВАР

## СУХАНРОНӢ БА МУНОСИБАТИ ЯКСОЛАГИИ ИҶЛОСИЯИ ШОНЗДАҲУМИ ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

15 ноябри соли 1993

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Аз рӯзи баргузор гардидани иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурӣ расо як сол сипарӣ мешавад. Дар таърихи халқи тоҷик ин иҷлосия ба унвони санаи сарнавишсоз асрҳои аср ёдоварӣ хоҳад шуд, чунки дар ҳаёти кишвар гардиши куллиеро ба вуҷуд овард. Солгарди ҳар воқеаи таърихӣ фурсатест, ки ба гузаштаи хеш назар карда, бурду бохтро мавриди таҳлил қарор бидиҳем.

Ва имрӯз мардуми Тоҷикистон хақ дорад, то аз роҳбарияти ҷумҳурӣ бипурсад, ки тайи ин як сол чӣ корҳоро ба ҷо овард ва оянда чӣ нақшаҳо дорад?

Албатта, дар ин муддат роҳбарияти давлат чӣ корҳоро анҷом дод, ба ҳар яки шумо, ҳамватанони азиз, маълум аст, вале дар ҳар сурат мехостам аз барору нобарориҳо, комёбиву камбудиҳои як соли сипаригашта мухтасар сухан намоям.

Чунон ки худи шумо огоҳед, баробари Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ интихоб шудан, ман ба ҳайси Сарвари давлат қасам ёд карда будам, ки тамоми қувваю имкониятҳои мавҷударо баҳри ҳалли масъалаҳои зерин равона хоҳам кард:

— ҳарчи зудтар хотима додан ба ҷанги бародаркуш ва барқарор кардани ҳаёти осоиштаи мардум;

— аз байн бурдани парокандагӣ ва ба даст овардани ваҳдату якпорчагии миллӣ;

— бо роҳи мусолиматомез ва гуфтушунид ҳал кардани ҳамаи масъалаҳои мавҷуда;

— истифодаи ҳамаҷонибаи воситаҳои сиёсӣ баҳри барқарору устувор сохтани муносибатҳои самарабахши байналмилалӣ;

— пурра баргардонидани гурезагони иҷборӣ ва аз бенавоию оворагӣ халос кардани ҳамватанон.

Имрӯз дар арафаи яксолаги иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ ман ба халқи худам гуфта метавонам, ки ҳарчанд зисту зиндагонии мардум беҳбудӣ наёфта бошад, ҳарчанд мушкилоти азими иқтисодӣ пешорӯйи мо бошад, вале дар бобати хотима бахшидан ба ҷангҳои бародаркушӣ, нигоҳ доштани якпорчагии Ватани азиз ва таъмини сулҳу осоиш барои шаҳрвандон мо вазифаи аввалиндараҷаи худро иҷро намудем.

Имрӯз дастгоҳи давлатии фалаҷшуда ва мақомоти идоракунии харобгардида барқарор карда шуда, вазъияти ҷумҳурӣ таҳти назорати марказ мебошад.

Бо мақсади мӯътадил сохтани вазъи сиёсӣ дар иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ ва сипас ду маротибаи дигар авфи умумӣ эълон шуд.

Қувваҳои мусаллаҳи ҷумҳурӣ бо кӯмаки беғаразонаи мамлакатҳои дӯст созмон дода шуданд.

Мақомоти муҳофизати ҳуқуқ, нерӯҳои Вазорати умури дохила ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар марказ ва ҳамаи вилояту ноҳияҳо мустаҳкам гардиданд. Халқ бовар кард, ки ҳукумати устувор дорад ва ин ҳукумат қодир аст амнияташро таъмин намояд.

Ҷинояткорӣ, ки дар арафаи иҷлосияи шонздаҳум ва моҳҳои аввали баъди он ба авҷи аъло расида буд, хеле кам шуд, рафтуомади одамон дар кӯчаҳои шаҳру деҳот бе биму ҳарос сурат мегирад.

Аксарияти мутлақи гурезаҳои муқими Афғонистон, ноҳияҳои дохили ҷумҳурӣ ва ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҷойҳои пештараи сукунати худ баргардонида шуданд.

Хатари паҳн гардидани вабо ва бемориҳои дигари сирояткунанда, ки самараи ҳамон ҷангҳои бераҳмонаю ваҳшиёнаи бародаркушӣ буд, бартараф гардид.

Муҳосираи иқтисодию сиёсии ҷумҳурӣ ва хатари гуруснагӣ аз байн бардошта шуд.

**Бинандагони муҳтарам!**

Албатта, амалӣ сохтани ин нақшаҳо бо кадом саъю кӯшиш ва талошҳо ба даст омаданд, шаҳру эзоҳи зиёдеро талаб намекунанд. Фақат ҳаминро бо қаноатмандии махсус қайд карданиам, ки дар ин роҳи душвори пешгирифта тамоми мардум моро дастгирию пуштибонӣ карданд ва имрӯз ҳама якҷоя шукронаи онро мекунем, ки халқи азияткашидаамон дар ҳама гӯшаҳои ҷумҳурӣ нафаси озод мекашад ва осуда зиндагӣ мекунад.

Воқеан, имрӯз ягон фарди ҷумҳурӣ ба фаромӯш кардани хотираи родмардоне, ки дар роҳи барқарор намудани ҳақиқату адолат ҷонбозиҳо карданд, ҳуқуқ надорад. Ғамхорӣ нисбати оилаҳое, ки дар ин мубориза бе сарпараст монданд ва ё шахсоне, ки қобилияти меҳнатии худро аз даст доданд, яке аз вазифаҳои муҳимтарини ҳар яки мост.

Дар масъалаи кӯдакони бесаробонмонда ҳаминро гуфтаниам, ки дар ибтидои соли оянда дар заминаи мактабҳои мавҷудаи маҳалҳои зарардида таълиму тарбияи қариб 2 ҳазор нафари онҳо шурӯъ мешавад ва тамоми таъминоти онҳо аз ҳисоби давлат сурат мегирад.

Ҳамчунин оиди ҷо ба ҷо кардани гурезаҳои баргашта дастур дода шудааст, ки тамоми хонаҳои собиқи онҳо, ки аз тарафи шахсони алоҳида худсарона ишғол карда шудаанд, то фарорасии фасли сармо холӣ ва ба соҳибонашон баргардонда шаванд.

Дар роҳи ба эътидол овардани вазъият ва сулҳу осоиш дар ҷумҳурӣ кормандони мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати мудофиа, Кумитаи амнияти миллӣ ва додситонии ҷумҳурӣ, дивизияи 201 ва сарҳадбонони Федератсияи Россия, инчунин нерӯҳои сулҳпарваре, ки ба наздикӣ аз ҷониби 5 давлати узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил — Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон таъсис ёфта, ба ҷумҳурӣ ворид гардиданд, саҳми босазое гузоштанд ва гузошта истодаанд.

Имрӯз бо итминони комил гуфта метавонам, ки қувваҳои зикршуда дар оянда бехатарӣ ва осоиштагии кишварамонро пурра таъмин карда метавонанд.

Дар натиҷаҳои бадастовардаи мо саҳми арзандаи давлатҳои ба мо дӯсту бародар ва сарварони онҳо бағоят калон аст. Дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ онҳо моро бо

маводи зарууртарини ҳаёт таъмин ва аз ҷиҳати маънавӣ дастгирӣ намуданд. Мо ба халқи Россия ва Раиси ҷумҳури он Б.Н. Елсин, халқи ӯзбек ва Раиси ҷумҳури он Ислом Каримов, халқи қазоқ ва сарвари он Нурсултон Назарбоев, мардуми қирғиз ва сарвари он Аскар Акаев ва диғар халқҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, инчунин кишварҳои хориҷи дур аз қабили Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Халқии Чин, Туркия, Ҳиндустон ва ғайра самимона ташаккур меғӯем. Халқи тоҷик таваҷҷӯҳу кӯмакҳои башардӯстонаи онҳоро ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард.

Ҳамчунин дар мушкилтарин лаҳазаҳо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид дасти ёрии худро ба сӯйи миллати мо дароз намуданд. Мардуми тоҷик то абад аз онҳо низ сипосгузор мебошад.

Дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон, баъди иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуқӯъ пайваста, марҳилаи нав оғоз ёфт. Тоҷикистони тозаистиқлол сиёсати хориҷии худро дар асоси эҳтиром ва эътирофи меъёрҳои сиёсати байналхалқӣ, дифои манфиатҳои олии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, тамомияти арзӣ, мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар, ҳамкории барои тарафҳо муфид ва судбахш танзим менамояд.

Мо бо дарназардошти манфиатҳои Тоҷикистон ният дорем бо тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ равобити қавии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намоем. Дар ин самт мо ба баъзе дастовардҳо ноил гаштем. Минҷумла, бо Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Ӯзбекистон, Туркманистон, Белорус ва Қазоқистон аҳдномаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ ба имзо расондем.

Дар сиёсати хориҷии худ мо ба кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил афзалият хоҳем дод. Зеро Тоҷикистон, қабл аз ҳама узви комилҳуқуқи Иттиҳод мебошад.

Аз ҷониби дигар, тамоми соҳаҳои ҳаёти мо бо ин кишварҳо сахт пайваста мебошад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки бо дигар кишварҳо алоқа надошта бошем. Мо бо ҳамаи давлатҳои дунё дар асоси манфиатҳои мутақобила ҳамкорӣ хоҳем кард. Тоҷикистон манфиатдор аст, ки бо Давлати Исломии Афғонистон, Ҷуҳурии Исломии Покистон, Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва

дигар кишварҳои исломӣ дар асоси муносибатҳои ҳамсоягӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии муфид ҳамкорӣ кунад. Мо саъю кӯшиш дорем, ки бо кишварҳои Аврупо, Амрико ва минтақаҳои Осиёю Африқо робитаҳои хуб дошта бошем, аз таҷрибаи сиёсӣ, рушди давлатдорӣ ва иқтисодии онҳо истифода намоем.

Тайи ин як сол Ҷумҳурии Тоҷикистон ба узвияти як қатор созмонҳои байналмилалӣ ва минтақивӣ қабул гардид ва имрӯз давлати соҳибистиқлоламонро 114 мамлакатҳои ҷаҳон ба расмият шинохтаанд. Иштироки Сардори давлати Тоҷикистон дар сессияи 48-уми Созмони Милали Муттаҳид соли ҷорӣ дар сарнавишти тоҷикон саҳифаи нав боз намуд. Ба ман муяссар гардид, ки аз минбари баландтарини сиёсии ҷаҳон аҳли ҷамоатчигии оламро аз масъалаҳои Тоҷикистони имрӯза воқиф созам. Зеро аксарияти давлатҳои дунё гарчанде моро расман эътироф карда бошанд ҳам, вале на ҳамаи онҳо оиди мақсаду маром, дарду алам, мусибате, ки ба сари мардуми мо дар натиҷаи ҷанги бародаркушӣ афтода буд, маълумоти кофӣ доштанд. Имрӯз ақидаи аксарияти оламиён нисбати мо дигар шуд ва онҳо барои расонидани ёрии ҳамаҷониба изҳори омодагӣ намуданд.

Мо бо созмонҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои судмандро идома хоҳем дод, зеро татбиқи ойинномаҳои ин созмонҳоро ба ӯҳда гирифтаем.

Ман итминони комил дорам, ки Тоҷикистон ҳамчун миллати тозаистиқлол ба қатори кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дохил гардида, мавқеъ ва мақоми устувори хешро пайдо мекунад.

Вохӯриҳо бо Сарони он давлатҳое, ки сурат гирифт, самараи хуб бахшиданд. Ман дар хусуси ҳар як вохӯрӣ муфассал маълумот доданӣ нестам. Танҳо аҳамияти як вохӯрӣ — яъне вохӯриро бо роҳбари Давлати Исломии Афғонистон профессор Бурҳониддини Раббонӣ хотирнишон карданиям.

Гуфтушуниде, ки дар Кобул бо он кас сурат гирифт ва вохӯрие, ки дар Душанбе ба нақша гирифта шудааст, дар ҳалли муҳимтарин масъалаи рӯз — пурра баргардонидани гурезаҳо ва ба минтақаи дӯстӣ — ҳусни ҳамҷаворӣ тадбил додани сарҳади ду давлат асоси боэътимоде хоҳад шуд. Ҳоло аз имконияти муносиб истифода бурда, миннатдории самимии миллати худро ба профессор Бурҳониддини

Раббонӣ изҳор менамоям. Зимнан гуфтушунидҳои дигар низ дорои чунин аҳамияту моҳият буданд.

Хулоса, як соли сипаришуда марҳилаи якум ва ибтидои ҳаёти ҷамъиятию сиёсии мо ба ҳисоб мерафт ва мо дар ин муддат танҳо ба ҳалли он масъалаҳое банд будем, ки ҳаёти ҳамонрӯза талаб мекард.

Бояд ошкоро гуфт, ки мо дар навбати аввал ба пойдорию устуворсозии давлатамон машғул шуда, ба ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ки ҳар кадомашон мутасаддиёни хоси худро доштанд, диққати даркорӣ дода натавонистем. Акнун, ки пойдории давлатдориро аз нигоҳи сиёсию амният таъмин намудем, ба ҳалли масъалаҳои дигар низ бештар машғул хоҳем шуд. Аз тарафи дигар, дар соҳаи иқтисоди кишвар, ки дар натиҷаи халалдор шудани муносибатҳои иқтисодӣ бо ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ва ҷанги дохилӣ хароб гардидааст, то ҳанӯз беҳбудии ҷиддӣ ба назар намерасад. Истеҳсолот рӯ ба таназзул ниҳодааст. Зараре, ки бар асари даргириҳои мусаллаҳона ва ҳодисаҳои ногувор ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ расид, бештар аз 500 миллиард сӯмро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин, ҳаҷми маҳсулоти ҳамаи соҳаҳои истеҳсолот хеле кам шудааст. Ин ҳолат ба ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ва сатҳи зиндагии мардум таъсири хеле манфӣ расонид. Соҳаи кишоварзӣ, ки бахши асосии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба шумор меравад, аслан хароб гардидааст. Саноат низ аз нарасидани мутахассисон ва ашёи хом душвориҳоро аз сар мегузаронад. Дар натиҷаи ҷанги дохилӣ соҳаи нақлиёти ҷумҳурӣ, комплекси агросаноатӣ, хоҷагии манзилӣ талафоти калон диданд. Зарари соҳаи иҷтимоӣ бузург аст. Сабаби ба чунин ҳол расидани ҷумҳурӣ ҳоҷат ба тавзеҳ нест, он барои ҳар яки шумо чун рӯз равшан аст.

Аз ин лиҳоз ба мо зарур аст, ки аз гузашта сабақ гирифта, ба марҳилаи нав ҷиддитар ва қатъитар қадам гузорем, зеро натиҷаҳои ниҳоии корамон аз огози он сахт вобастагӣ дорад.

Вазифаҳои аввалиндараҷаи марҳилаи нав — ин пеш аз ҳама бунёд ва обод кардани харобаҳои мавҷуда, татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, ворид гаштан ба доираи васеи иқтисоди бозаргонӣ, боло бардоштани сатҳи зиндагии минтақаҳои қафомонда ва гайра ба шумор меравад. Дар ҳалли ин масъалаҳо Барномаи махсуси Ҳукумат таҳия ва тасдиқ шудааст.

Зимнан ҳаминро ҳам бояд гӯям, ки фақат бо барнома сохтану онро тасдиқ кардан мурод ҳосил намешавад.

Он бояд дар амал татбиқ гардад ва татбиқи он бо саъю кӯшиши ҳамаи мову шумо вобаста аст. Инро ҳам бояд рӯйирост иқрор шуд, ки аз чунин бӯҳрони амиқ баровардани мамлакат кори имрӯзу фардо нест.

Аз ин рӯ, ман ба ҳамаи сокинони ҷумҳурӣ муроҷат карда, хоҳиш менамоям, ки ҳар кадомашон дар роҳи беҳбуди зиндагӣ софдилона ҳисса гузоранд.

Дар ин кор мо аз пирони рӯзгордида ва собиқадорони ҷангу меҳнат умеди калон дорем. Онҳо мисли пештара метавонанд дар тарбияи ахлоқию маънавӣ ва меҳнатии насли наврас, ба роҳи дуруст ҳидоят кардани ҷавонон мавқеи пешоҳангиро ишғол намоянд. Мо боварӣ дорем, ки чунин шахсон, ки то ин дам умри пурбаракати худро сарфи меҳнати ҳалол кардаанд, имрӯз ҳам ҳамсафу ёвари мо мешаванд.

Ҷавонон низ дар ҳар давру замон такягоҳи боэътимоди мардум ба ҳисоб мераванд. Итминони комил дорам, ки ин нерӯи бузург нангу номусро шиори фаъолияти худ қарор дода, дар роҳи ҳимояи Ватан ва ободу зебо гардонидани диёр қувваю ғайрат ва матонату тавоноии худро дареғ намедорад. Қуввaи дигари тавоно ва пешбарандаи мо ин аҳли зиёии кишварамон мебошад. Ман вохӯрии аввалини худро бо аҳли илму фарҳанги ҷумҳурӣ гузаронида будам ва тавсияву маслиҳатҳои онҳоро дар фаъолияти амалии худ мавриди истифода қарор додам.

Бешубҳа, саҳми онҳо дар дастовардҳои мо бағоят калон аст ва умедворем, ки онҳо ҳамеша чун нерӯи ақлу хирад дастгири халқи худ хоҳанд буд.

Мо имрӯз ба чунин мактабу маорифе эҳтиёҷ дорем, ки шахсияти комилро ба воя расонда, баробари дониши ҳамаҷониба, ихтисоси ҳозиразамон, одобу ахлоқи ҳамида, интизомнокӣ, эҳтиром гузоштан ба инсонҳо ва ақидаи онҳоро тарбия намояд. Дигар ба дипломҳои дуруғини маълумоти олӣ эҳтиёҷ надорем, ба мо мутахассисони дараҷаи байналхалқӣ зарур аст.

Аҳли адаб ва ҳунарро даъват мекунем, ки аз арзишҳои маънавии оламиён собитқадамона истифода баранд. Барои ба сатҳи ҷаҳонӣ баровардани адабиёту санъати мо ҷидду ҷаҳд намоянд. Дар баробари ин мо роҳ намедиҳем, ки

порнография ва дигар падидаҳои ифротии мухолифи суннатҳои халқи мо ташвиқу тарғиб шаванд. Бо ҳама гуна кӯшишҳои экстремистӣ, даъват ба ҷанг, низои миллию нажодӣ ва мазҳабӣ муборизаи беамон хоҳем бурд. Ба пешрафти минбаъдаи забону адабиёти тоҷик имконият фароҳам оварда, баробари таълими алифбои расмии кириллӣ барои омӯхтани алифбои ниёгон роҳи васеъ мекушоем.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ чунон ки маълум аст, эҳтироми ҷумҳурии моро ба принсипҳои дар ҷаҳон эътирофшудаи бунёди ҷомеаи ҳуқуқбунёди демократию дунявӣ эълон намуд. Мо ҷомеаи дунявӣ бунёд намуда, дар айни замон ба эътиқоди динию мазҳабии ҳамватанон ягон мамониат нишон намедиҳем. Бигузор одамон ба кадом дину мазҳабе, ки эътиқод дошта бошанд, ба ҳамон имон оваранд.

Ба ҳайси давлате, ки қариб 90 фоизи аҳолиаш ба дини ислом эътиқод дорад, мо худамонро аз олами исломӣ дур гирифта наметавонем. Барои он кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки арзишҳои башардӯстонаи дини мубини исломро биомӯзем ва биомӯзонем, зеро сарватҳои маънавӣ, илму адабиёти қадимӣ ва суннатҳои рӯзгори мо бо ислом банду пайванди мустаҳкам дорад. Мо ба аҳли дин барои он эҳтиром дорем, ки арбобони рӯҳонӣ метавонанд дар тарбияи маънавӣ, оштии миллӣ ва якдигарфаҳмии одамон ба ҷомеа кӯмак кунанд. Дар кори ба амал баровардани нақшаҳои худ ба ҳама гуна ҳизбу созмонҳое, ки мақсадашон хизмати халқ аст, ҳамкорӣ хоҳем кард.

**Рафиқони мӯҳтарам!**

Масъалаи интихобу ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда дар ҳама давру замон масъалаи муҳим ба ҳисоб мерафт, вале он дар ин давраи ҳассос боз ҳам мавқеи муҳимтарро ишғол менамояд. Мутаассифона, таҷрибаи яксола нишон дод, ки дар интихоби баъзе кадрҳо ба шитобкорӣ роҳ додаем ва ба вазифаҳои масъул шахсони нолоиқро таъин намудаем. Бисёр камбудиҳои ҷиддии кори мо маҳз аз ҳамин ҷиҳат сар заданд ва бисёр соҳаҳои хоҷагии халқро маҳз роҳбарони онҳо ба қафомонӣ дучор сохтанд.

Дар ҳамин шароити сахту душвор роҳбарони баъзе вазорату идораҳо, аз қабили Вазорати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати тандурустӣ, Вазорати сохтмони деҳот ва ғайра тавонистанд, ки ташаббусу кордонӣ зоҳир намуда, масъалаҳои муҳимтарини худро ҳал намоянд, вале бисёр вазоратҳои дигар танҳо баҳонаҷӯийиро пеша кардаанду халос. Мутаассифона, як қатор роҳбарони соҳаҳо қобилият ва малакаи роҳбарӣ карданро дар шароити комилан нави иқтисодӣ то ҳол ноил нагардидаанд ва ба ин кӯшиши лозима низ зоҳир намекунанд. Баъзеҳо пойбанди усулҳои кӯҳнаи роҳбарӣ шуда, интизори онанд, ки барои иҷрои ин ё он вазифа кай дастуру қарори навро ба дасташон медиҳанд. Бисёр роҳбарон вақти зиёди худро дар сафарҳои дарозмуддати хидматӣ гузаронда, ба нафъи ҷумҳурӣ ягон масъаларо ҳал намекунанд. Шартномаҳои имзокардаи онҳо с додугирифти мол аз тарафи онҳо ба ҷумҳурӣ ба ҷойи фоида, баръакс, зарари калон меоварад. Ва ман имрӯз ошкоро мегӯям, ки бо чунин ҳамсафони мушоҳидачӣ, зараррасон ва ҳатулкор мо дурудароз ҳамсаф буда наметавонем.

Аз ҳама аламовар боз он аст, ки баъзе мансабдорон аз ӯҳдаи як вазифа набаромада, боз дар пайи ишголи вазифаи дигаранд ва ё барои соҳиб шудан ба мансаб ҳама гуна роҳҳои лозиму нолозимро ҷустуҷӯ мекунанд.

Яке аз роҳҳои кашфкардаи онҳо ин ба миён гузоштани масъала дар хусуси ташкил намудани вилоятҳою ноҳияҳои нав мебошад.

Чунин майлу хоҳишҳо масали халқии “мурдаро як сӯ монда тутхӯрӣ кардан”-ро ба хотир меорад. Оё дар чунин шароите, ки буҷети ҷумҳурӣ касоду мӯҳтоҷ аст, зиндагии мардум ниҳоят мушкилу мураккаб аст, барои бунёди сағирхонае пул ёфт намешавад, магар зарурат ба таъсиси вилоятҳою ноҳияҳои нав вуҷуд дорад? Ва ниҳоят, магар аз ин амал ба халқи оддӣ ягон манфиат мерасад? Ҳаргиз не! Модом, ки чунин аст, чаро мо ба ин амалҳо муросо кунем?

Воқеан, мо на дар фикри ин кор, балки аз пайи иҷрои он амалем, ки ҳарчӣ бештар ба мақому сохторҳои маҳаллӣ ҳуқуқу ваколатҳои иловагӣ диҳем ва бисёр вазорату идораҳои барои ҷамъият камманфиатро ихтисор намуда, якчандтои онро муттаҳид гардонем.

Ҳамин нуктаро ҳам бояд хотиррасон кунам, ки дар кори таблиғу ташвиқи мақсаду мароми давлату ҳукумати кунунӣ нақши симою садо ниҳоят бузург аст. Онҳо бояд фаъолияти ҳаррӯзаро чун оина инъикос намоянд. Мутаассифона, баъзан барномаҳое пешкаш мегарданд, ки ҳаёти воқеиро пурра равшан намесозанд ва дар байни мардум шубҳаю ғалатфаҳмиро ба миён меоранд.

Ба роҳбарият ва кормандони симою садо ва матбуоти даврӣ зарур аст, ки фаъолияти худро ҳамчун воситаи муҳимтарини идеологӣ ҷонноктар ва самарабахштар гардонанд.

Хулоса, дар ҳаёти мо марҳалае фаро расидааст, ки ҳеҷ як фард ҳуқуқи худро аз меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ канор гирифтан надорад.

Албатта, дар чунин гузориши мухтасар наметавон тамоми паҳлуҳои ҳаёти як соли ҷумҳуриро инъикос намуд. Аз ин хотир қарор додам, ки аз тариқи симои тоҷик мустақиман ба суолҳои шумо роҷеъ ба фаъолияти роҳбарияти давлат посух гӯям.

# ТОҶИКИСТОН: РОҲ БА СӮЙИ ДЕМОКРАТИЯ ВА ТАМАДДУНИ БАШАРӢ

## СУХАНРОНӢ ДАР ИҶЛОСИЯИ XVIII ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

28 декабри соли 1993

**Депутатҳои муҳтарам!**
**Меҳмонони гиромӣ!**

Иҷлосияи ҳаждаҳуми Шӯрои Олӣ ба поён расида истодааст. Роҳбарияти ҷумҳурӣ ҳамаи он фикру мулоҳизаҳои танқидӣ ва пешниҳодҳои судмандеро, ки дар рафти иҷлосия шумо, вакилони халқ, баён намудед, бо камоли диққат ва эътибори ҷиддӣ омӯхта, сари вақт ба хулосаҳои даркорӣ хоҳад омад.

Қабл аз он ки оид ба масъалаву вазифаҳое, ки тараққиётиояндаи халқу кишварамонро муайян месозанд, ҳарф занам, мехостам ба роҳи тайкардаамон назар андохта, аз бурду бохти яксолаамон мухтасар чанд сухан гӯям.

Аз микёсу оқибатҳои касофатбори ҷанги гражданӣ ҳамаи мову шумо нағз бохабарем.

Оқибатҳои маънавии ҷанг ҳам басе сахту сангинанд: дар байни вилояту ноҳияҳо ҷудоию бегонагӣ ба амал омад, адовату кинаҷӯиҳои қавмӣ аз нав ҷон гирифт, миёни наслҳо тухми беэҳтиромию нобоварӣ кошта шуд, арзишҳои пешини иҷтимоию ахлоқие, ки дирӯзакак роҳамонро равшан мекарданду ҳам боиси ифтихори ҳар яки мо буданд, беқурбу бесафо гаштанд.

Гузашта аз ин, қадру қимати худи инсон торафт паст гардид.

Аз ин ҷост, ки бӯҳрони ҳозира фақат бӯҳрони **иқтисодӣ ё иҷтимоию сиёсӣ** нест, бӯҳрони **маънавию ахлоқӣ** ва ҳатто

**руҳонию равонӣ** ҳам ҳаст. Ин буҳрон аз ҷиҳати сахтиву сангиниаш аз буҳрони иқтисодӣ мондани надорад.

Акнун биёед, як лаҳза сар ба пеш афканда андеша кунем, ки мо чӣ давлатеро мерос гирифтему корро аз чӣ сар кардан лозим омад!

Дар чунин шароит вазифаи сиёсӣ ва қарзи гражданин худро роҳбарият дар он медид, ки авзою аҳволи аслии ҷомеаро ба мардум кушоду равшан гуфта ва ба воқеият бо чашми бозу камоли масъулият нигариста, пеш аз ҳама аз пайи дарёфтани роҳи наҷоти миллӣ, хотима бахшидан ба ҷанги хонумонсӯз, баргардонидани гурезаҳо, барқарор кардани ҳаёти осоишта ва харобиҳои ҷанги гражданӣ шавад.

Имрӯз ҳарчанд зисту зиндагонии мардум беҳбудӣ наёфта бошад, ҳарчанд мушкилоти азими иқтисодӣ пешорӯйи мо бошанд, вале дар бобати хотима бахшидан ба ҷангҳои бародаркушӣ, нигоҳ доштани якпорчагии Ватани азиз ва таъмини ваҳдату сулҳу осоиш барои шаҳрвандон мо вазифаи аввалиндараҷаи худро иҷро намудем, чунки дар ин роҳи душвори пешгирифтаамон — яъне сохтмони дар асл давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ тамоми мардум моро дастгирию пуштибонӣ карданд ва имрӯз ҳама якҷоя шукронаи онро мекунем, ки халқи азияткашидаамон дар ҳама гӯшаҳои ҷумҳурӣ нафаси озод мекашад ва осуда зиндагӣ мекунад.

Дар баробари ин яке аз муҳимтарин дастовардамон таъмини амнияти ҳарбию сиёсии ҷумҳурист.

Ростӣ, сарҳад ҳанӯз ноором аст ва дастаҳои ҷудогонаи мусаллаҳ онро гоҳ-гоҳе вайрон мекунанд ё ба сарҳадбонон тир мекушоянд ва ё аз пайраҳаи пинҳоние гузашта даст ба ғорату амали диверсионӣ мезананд. Вале чунин амалиётро, чунон ки инро баъзе воситаҳои ахбори хориҷӣ донистаю надониста дарҷ мекунанд, давоми ҷанги гражданӣ номидан мумкин нест ва мо имрӯз тамоми чораҳоро дида истодаем, ки оромии сарҳадро низ таъмин намоем.

Шукр, ки ҳоло мардум ба меҳнати осоишта машғул аст ва аксарияти кулли гурезаҳои бурунмарзӣ ва дарунмарзӣ ба ҷойи зисту шуғлашон баргаштанд, идораҳои давлатӣ низ, махсусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартибот, бо вуҷуди он ҳама камбудиҳои ҷиддие, ки дар кори рӯзмарраашон ҷой доранду боиси норозигии мардум мешаванд, пайваста ва мунтазам фаъолият карда, бехатарӣ ва оромии ҷомеаро таъмин намуда истодаанд.

Муҳимтарин хулосаи кору фаъолияти яксолаамон ин аст, ки тамоюли мусбат дар Ҷумҳурӣ бебозгашт ҷараён дорад.

Болотар аз ҳама ин аст, ки дар давоми як соле, ки гузашт, барои ба чунин ҳолат расидан заминаи моддию маънавӣ гузошта шуд ва ин замина бо мурури замон, ба оҳистагӣ бошад ҳам, торафт васеътару мустаҳкамтар мешавад.

Албатта, идеали сиёсии мо ваҳдати миллист ва чунон ки дар изҳороти ман ба муносибати таҷлили рӯзи Созмони Милали Муттаҳид гуфта шудааст, мо бо ҳама созмонҳои сиёсию ҷамъиятӣ ва ҷунбишҳое, ки барои сулҳи ҳамагон, барқарор ва инкишоф додани иқтисоди миллӣ ва аз қайди бӯҳрони сангини иқтисодӣ раҳоӣ бахшидани Ҷумҳурӣ бо роҳбарияти мамлакат ҳамкорӣ карданианд, гуфтушунид хоҳем кард.

Ва ба хотири пешрафт дар ин шоҳроҳи ваҳдати миллӣ тайёрем, ки дар ҳар сатҳе ва ҳайате, ки бошад, гуфтугӯ ва музокира кунем. Баҳри ҳамаҷониба ҳал кардани ин масъала Шӯрои Олӣ комиссияи махсусе таъсис дод, ки фаъолияти он аллакай натиҷаҳои мусбат дода истодааст.

Мо омодаем, ки доираи мавзӯи гуфтугӯйи қонуниамонро бо нерӯҳои мухолиф васеъ намуда, ҳамаи он масъалаҳоеро, ки ҳаллашон ба оромии пурраи ҷомеаамон мусоидат мекунад, бо камоли масъулиятшиносии сиёсӣ дар сари мизи музокира дида бароем.

Мо ягон масъалаи принсипиалии ҷомеаамонро бо роҳи зӯрӣ, аз тариқи набарди мусаллаҳона ҳал карданӣ нестем. Муроду мақсадамон бунёдкористу бас.

Лозим ба ёдоварӣ аст, ки масъалаи баргардонидани гурезаҳо, бо ҷойи зист таъмин намудани онҳоро мо дар маркази диққат қарор додем. Ба ин масъала созмонҳои байналмилалӣ, бахусус Созмони Милали Муттаҳид пайваста таваҷҷӯҳ мекунанд ва барои ҳаллу фасли одилонаи он ҳамаҷиҳата мусоидат мекунанд, аз ҷумла кӯмаки моддӣ мерасонанд ва барои дастгирию кӯмаки амалиашон ба онҳо изҳори ташаккур менамоем.

Ҷолиби қайд аст, ки дар ин бобат мо ба дастгирии сиёсию маънавии созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалии исломӣ ҳам ниёз дорем. Фикр мекунам, онҳо ҳам ба некӣ дарк менамоянд, ки нооромию бесаранҷомӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон, ки аксарияти аҳолиаш мусулмон аст, барои кишварҳои исломӣ низ беасар нахоҳад буд. Иқдоми неки ҳамсояҳои хориҷии мо дар роҳи осудагии комил дар Тоҷикистон ба ҷуз аҳамияти бузурги сиёсӣ, аз аҳамияти хоси маънавӣ ҳам холӣ нахоҳад буд.

Боиси қаноатмандист, ки ҳангоми гуфтугӯҳоямон бо Сарвари давлати Афғонистон профессор Бурҳониддини Раббонӣ дар Кобул ва Душанбе мо дар ин боб низ ҳамфикр будем.

**Муҳтарам вакилони мардум!**

Чунон ки амалияи сиёсии кишварҳои ҷаҳон исбот намудааст, яке аз омилҳои асосии устувории иҷтимоию сиёсии ҷомеа Қонуни Асосӣ ва қонунҳое мебошад, ки ба талаботи шароиту замон ҷавобгӯ ҳастанд. Мутаассифона, мо ҳанӯз ба ин дараҷаи камолоти сиёсӣ нарасидаем. Як қатор бахшҳои муҳими Қонуни Асосии ҷумҳурӣ ва дигар қонунҳое, ки дар заминаи онҳо таҳия гардидаанд, кӯҳна шудаанд ва ба меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ рост намеоянд.

Аз ин рӯ, имрӯз барои мо вазифаи аз ҳама муҳим ин тайёр намудан ва қабул кардани Қонуни Асосии кишварамон мебошад. Иҷлосияи ҳаждаҳуми Шӯрои Олӣ ҳайати нави Комиссияи конститутсиониро тасдиқ кард. Чанде пеш Раёсати Шӯрои Олӣ гурӯҳи кориро барои таҳияи лоиҳа аз ҷумлаи мутахассисону сиёсатмадорон бо роҳбарии муовини аввали Раиси Шӯрои Олӣ муҳтарам Абдулмаҷид Достиев ташкил намуд. Ҳоло ин гурӯҳ машғули кор аст.

Бо мақсади ҳамаҷониба ва дар сатҳи ҷаҳонӣ баррасӣ намудани ҷиҳатҳои муҳими Қонуни Асосӣ мутахассисони мо ба кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Туркия ва Швейтсария сафар намуда аз ин боб таҷриба андӯхтанд.

Қонуни Асосӣ моҳиятан ҳуҷҷати ҳуқуқӣ мебошад. Дар айни замон Қонуни Асосӣ умдатарин санади сиёсию иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангию ахлоқӣ буда, бурду бохти кишварро дар зимни рушди миллӣ ва ҳам идеалҳои ҷомеаро инъикос мекунад.

Конститутсия ҳуҷҷати ҳуқуқиест, ки иштироки бевоситаи мардумро дар интихоб кардани шакли ҳокимияти сиёсӣ, таъсис додану рӯйи кор овардани мақомоти олии

давлатӣ ва ҳам масъулияти онро дар назди халқ ба чаҳорчӯбаи қонун медарорад.

Қонуни Асосӣ ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро низ муайян намуда, доираи татбиқи онро танзим мекунад.

Масъалаҳое, ки зикрашон гузашт, бояд бо дарназардошти шароити мушаххаси иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ, миллию мазҳабӣ ва фарҳангии кишварамон дар Конститутсияи нав сабт шаванд. Дар марҳалаи кунунии таҳаввули ҷамъиятамон бароямон вазифаи асосӣ ва муҳим барпо намудани давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад.

Мақомоти давлатӣ умедвор аст, ки консепсияи чунин давлат, ки онро мо идеали иҷтимоиямон медонем, дар бахшҳои аввали Конститутсияи нави Тоҷикистон ҷой хоҳад гирифт.

Ин ҷо фақат ба як масъалаи муҳим рӯшанӣ меандозам, ки ҳоло дар маркази диққати ҷаҳониён, махсусан афкори умуми кишварҳои мутамаддин ва мутараққии дунё қарор дорад.

Ман масъалаи таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсонро дар назар дорам, ки яке аз рукнҳои муҳими Қонуни Асосии Тоҷикистонро ташкил хоҳад кард. Ҳуқуқи зистан, озодона фаъолият кардан (аз ҷумла фаъолияти сиёсӣ ва эҷодӣ), баробар будани ҳамагон дар назди қонун ва масъулиятшиносии иҷтимоии ҳар фард — ин ҳама нуктаҳое ҳастанд, ки дар Конститутсияи аксари давлатҳои ҷаҳон сабт шудаанд.

Гап фақат дар сари татбиқи амалии ҳуқуқҳои конситутсионии шаҳрвандҳост, ки вобаста ба шароити мушаххаси ҷомеаҳои инсонӣ, суннатҳои таърихию маънавии кишвар, сатҳи рушди фарҳанги сиёсии мардум сурат мегирад.

Масалан, масъалаи демократияи сиёсиро гирем, ки яке аз шаклҳои маълуми он гуногунандешии сиёсӣ мебошад. Табиист, ки давлати тозабунёди тоҷикон, агар он аз қатори давлатҳои мутараққӣ ва мутамаддин ҷой гирифтанӣ бошад, бояд аз арзишҳои умумибашарӣ пуштибонӣ кунад. Гуногунандешии сиёсӣ аз ҷумлаи чунин арзишҳост, ки мо онро қабул дорем.

Пӯшида нест, ки имрӯзҳо дар атрофи масъалаҳои шаклҳои идораи давлатӣ, қабули Конститутсия ва интихоби

Парлумон баҳсу мунозираҳои ниҳонию ошкоро сурат мегиранд.

Мехостам назари шахсии хешро ба масоили мазкур баён созам.

Пеш аз ҳама такид карданиам, ки дар ҳалли ин масъалаҳои муҳимтарини ҳаёти сиёсии ҷумҳуриамон то андозае ба кашолкорӣ роҳ додем.

Ҳоло бештар сухан дар бораи идораи президентӣ ва парлумонӣ меравад. Боварӣ дорам, ки тарафдорони ҳар ду навъи идораи давлатӣ бурҳону далелҳои раднопазир оварда метавонанд.

Вале, ба фикри ман, ҳарду лоиҳа бояд ба раъйпурсии умумихалқӣ пешниҳод карда шавад. Фақат халқ метавонад, ки тарзи давлатдориро муайян намояд.

Шахсан ман, ҷонибдори идораи мустаҳками президентӣ ҳастам. Танҳо як ҷиҳаташро таъкид мекунам, ки дар шароити давраи гузариш идораи мустаҳками президентӣ ба ҳалли бисёр масъалаҳои умда имконият медиҳад.

Табиист, ки Раиси ҷумҳур низ бояд ба тарзи умумихалқӣ интихоб гардад. Ман ҳамеша мегуфтам ва ҳозир ҳам таъкид мекунам, ки ҳеҷ гоҳ аз масъалаи интихоби умумихалқӣ рӯ нагардонидаам ва барои он омода ҳастам.

Мо бояд Порлумонро ҳам аз сари нав интихоб кунем. Порлумони ояндаамон бояд Порлумони касбӣ ва аз ҷиҳати шуморааш кам бошад.

Мувофиқи мақсад мебуд, ки раъйпурсӣ барои қабули Конститутсия, шаклҳои идоракунии давлат ва интихоби депутатҳои Порлумони нав бояд дар як вақту соат гузаронида шавад. Ин ҳам маблағро сарфа мекарду ҳам вақти қиматбаҳои мардумро.

Бо дарназардошти ҳамаи ин хуб мебуд, ки дар иҷлосияи имрӯза ба кумитаҳою комиссияҳои дахлдори Шӯрои Олӣ супоришҳои мушаххас дода шавад.

Акнун мехоҳам дар бораи мақомоти давлатию идории маҳаллӣ чанд сухан гӯям. Ба ҳама маълум аст, ки дар бисёр давлатҳои мустақил авзои ҳуқуқии мақомоти давлатию идораи маҳаллӣ усулан тағйир дода шуданд. Барои мо низ ба низом даровардани тамоми рукнҳои ҳокимият аз боло то поён масъалаи хеле муҳим мебошад.

Гурӯҳи корӣ ва Комиссияи конститутсионӣ бояд ҳамаҷониба дар ин бора фикр намоянд. Ба фаъолияти

мураттаби мақомоти маҳаллӣ тамоми фаъолияти давлат сахт вобаста аст. Бинобар ин вақте расидааст, худи мавқеъ ва тариқи ташкил додани мақомоти давлатию идориро дар маҳалҳо то қабули Қонуни Асосӣ ҷиддан тағйир диҳем. Барои он ки дар ҳалли ин масъала ба саҳлангорию саросемагӣ роҳ дода нашавад, бояд аз ҳисоби намояндагони халқ ва мутахассисон Комиссияи махсус таъсис дода шавад.

Чунон ки медонед, дар иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ як қатор вазифаҳои муҳими амалӣ баррасӣ шуда буданд, ки онҳо барои ҳамагон равшан аст. Мутаассифона, онҳо ба ҳадде, ки зиндагии кунуниамон тақозо мекунад, ҳанӯз ҳам иҷро нашудаанд. Ман пеш аз ҳама вазифаҳои иқтисодиро дар назар дорам.

Барои ҷиддитар ба миён гузоштани масъала мо бояд ба як масъалаи принсипиалӣ ҷавоб гӯем. Мо куҷо рафта истодаем ва агар ба куҷо рафтанамонро донем, бо кадом роҳу тариқ ба мақсад расидаем?

Ман бояд қатъиян таъкид намоям, ки роҳи ягона, шоҳроҳе, ки бо он тамоми инсоният пеш меравад, иқтисоди бозаргонӣ аст. Роҳи дигар вуҷуд надорад.

Аммо мо бояд хуб дарк кунем, ки ин роҳи сангини рушди иқтисодист, ки дар арзи як—ду сол сохта намешавад.

Барои он аввал заминаи зарурии иқтисодиро ба вуҷуд овардан ва ҳамзамон тадбирҳои сариватқӣ ва самарабахши ҳифзи иҷтимоии аҳолиро бояд андешид. Чунки ҳар гуна тағйирот, дигаргунсозии иқтисодӣ бояд ҳадафе дошта бошад ва он ҳадаф ҳам якест: беҳбуд бахшидан ба рӯзгори мардум.

Нуктаи муҳими аввалиндараҷа дар ин кор эътирофи он аст, ки асоси иқтисоди бозаргониро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад.

Набояд гумони ботил кард, ки гӯё иқтисоди бозаргонӣ фақат саросар хусусӣ гардонидани моликияти давлатӣ асту бас.

Дар ҳама шаклҳои маълуми иқтисоди бозаргонӣ аввалан моликияти давлатӣ вуҷуд дорад ва сониян давлат мақоми иқтисодии худро аз даст надодааст. Бинобар ин онҳое, ки имрӯз иқтисоди бозаргониро аз чайқовбозор ва соҳибкориро аз корчаллонӣ фарқ накарда, даст ба найрангу фиреб мезананд, усулан даст ба кори ҷиноӣ задаанду бас.

Дар навбати дуввум, бояд сиёсати дурусти молию пулиро ба амал барорем. Қонунҳое, ки иҷлосияи XVIII дар

соҳаи иқтисодӣ, бонки миллӣ, сиёсати пулӣ ва ғайра қабул кард, бояд ба ҳалли як силсила масъалаҳоямон кӯмак расонанд. Мақомоти салоҳиятдори ҷумҳуриро лозим аст, ки барои баланд бардоштани қурби рубл чораҳои самарабахш андешад.

Ниҳоят, моро лозим аст, ки дар бораи роҳҳо ва усулҳои муассири ислоҳоти обу замин якҷо ва ҷиддӣ фикр кунем. Ин масъалаи сарнавиштсози иқтисодиро аз афти кор марҳала ба марҳала бо дарназардошти имконоти ҷумҳурӣ хал кардан лозим меояд.

Дар ин ҷо ман ба тамоми паҳлуҳои муҳими ин масъала равшанӣ андохта наметавонам ва ин ҳам зарурате надорад. Ин корро бояд Ҳукумат анҷом диҳад. Ӯро ҳам фарзу ҳам қарз аст, ки барномаҳои мушаххаси ба иқтисоди бозаргонӣ гузаштани Тоҷикистонро марҳила ба марҳила таҳия ва баррасӣ карда, иҷроишашонро таъмин намояд.

Яке аз дастовардҳои чашмрасе, ки ба онҳо халқу кишвари тоҷик баъди соҳибистиқлол шудан ноил гашт, ба арсаи байналмилалӣ ба шоистагӣ қадам ниҳодани ҷумҳурист.

Бо вуҷуди он ҳама тарғиботу ташвиқоти бадномкунандае, ки душманони сиёсии мо ба сари Ҳукумати қонунии Тоҷикистон мисоли жола фурӯ рехтанд, афкори умумиҷаҳонӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯй натофт, аз ҷумла созмонҳои байналхалқӣ ва пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амнияту ҳамкории Аврупо, инчунин аксари халқу кишварҳои мутараққӣ ва мутамаддини ҷаҳон на фақат моро расман эътироф карданд, балки ба мо пайваста кӯмак мекунанд. Ҳусни таваҷҷӯҳи онҳоро ҳангоми аз минбари Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ карданам эҳсос намудам.

Пас, замона моро ҳам имкон додааст, ки дар арсаи сиёсати байналмилалӣ сарбаландона амал карда, ҷойи хоси худро дар радифи халқу кишварҳои ҷаҳон пайдо намоем ва бо истифода аз таваҷҷӯҳи онҳо барои рушду камоли давлатамон камари ҳиммат бандем.

Барои ин моро аввал лозим аст, ки як консепсияи томи сиёсати берунаро дар даст дошта бошем, то равшан тасаввур карда тавонем, ки вазъи воқеӣ дар ҷаҳон чӣ гуна асту фаъолияти давлатамон дар арсаи байналхалқӣ ба кадом тарафҳо ва ба чӣ тарзе ҷараён гирад.

Консепсияе, ки мегӯем, бояд бо истифода аз нерӯҳои ақлонии ҷумҳурӣ, махсусан мутахассисони Пажӯҳишгоҳи навтаъсиси иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ сохта шавад. Зимнан бояд тазаккур бидиҳам, ки Академияи илмҳо, алалхусус дар қисмате, ки фанҳои ҷамъиятшиносӣ мехонанд, ба бозсозии куллӣ ва усулӣ ниёз дорад.

Зарур аст, ки мавзӯъҳо ва самтҳои асосии тадқиқоти илмӣ мувофиқи эҳтиёҷоти амалии ҷумҳуриамон мавриди бозднди иқтисодӣ ва танзими ҷиддӣ қарор гиранд. Фикр мекунам, чунин тадбир ҳам ба нафъи хоҷагии халқ ва ҳам ба нафъи худи илм хоҳад буд.

Дар вақти таҳия сохтани консепсияи сиёсати берунии кишварамон мо бояд ба назар бигирем, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҳали ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш ба панҷ ҳавзаи сиёсӣ дохил мешавад.

**Ҳавзаи якум** — Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба сӯйи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоюли ботинӣ дорад.

**Ҳавзаи дуввум** — Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ваҳдати иқтисодию сиёсӣ қарор дорад.

**Ҳавзаи саввум** — фазои зисту амали давлатҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳанӯз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ с иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро на фақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷазб мекунанд.

**Ҳавзаи чаҳорум** — доираи нуфузи давлатҳои мусалмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайванданд.

Ниҳоят, **ҳавзаи панҷум** — ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳириву ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯйи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд.

Ҳамагон медонанд, ки ҳар гуна сиёсати давлат дар ниҳояти кор дифоъ аз манофеи миллист. Пас, ҳадди ҳунари сиёсатмадорӣ дар арсаи ҷаҳон дарёфтани мувозинаи оқилона ва одилонаи манофеи мухталифи давлатҳост.

Тоҷикистони тозаистиқлол, ки ҳамагӣ ду сол боз ба майдони муносибати ҷаҳонӣ ворид шудааст, дар бахши фаъолияти байналхалқӣ — чи сиёсату чи тиҷорат — таҷрибаи кофӣ надорад.

Бинобар ин ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷиамон, хусусан аввалияти ину он тадбир ё ташаббуси байналхалқӣ, моро зарур аст, ки манфиат ё ниёзҳоеро, ки дар ҳавзаҳои мазкур дорем ва ё хоҳем дошт, ба ҳам муқобил нагузорем. Албатта, чун мо ба ҳавзаҳое низ дохил мешавем, ки сурату сирати минтақавӣ доранд, моро зарур аст, ки сиёсати минтақавӣ (чунончи, дар ҳудуди Осиёи Марказӣ) ҳам дошта бошем, вале набояд ба минтақагароӣ роҳ дод, ки он фақат ба ҷудоию тафриқаҷӯйиҳои нохуши сиёсӣ оварда метавонаду бас.

Аз системаи номбаршудаи равобити байналхалқӣ ман танҳо принсипҳои муносибати ҷумҳуриамонро бо Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ўзбекистон шарҳ дода мегузарам, ки бароямон ҳаётан муҳиманд.

Чунон ки аз маъхазҳои таърихӣ бармеояд, халқҳои тоҷику рус ҳанўз аз қарнҳои миёна соҳиби робитаҳои наздики тиҷоратию фарҳангӣ буданд ва таъсири тамаддуни рус ба сарнавишти халқи тоҷик аҳамияти фавқулодда бузург дошт. Ин ҳақиқатро имрўз ҳеҷ як шаҳрванди Тоҷикистон инкор карда наметавонад.

Имрўз ҳам Тоҷикистону Россия дар доираи як муҳити умумии геополотикӣ ва сиёсию иқтисодӣ дохил буда, ба ҳамдигар аз пештара зиёдтар муносибатҳои ҳамаҷониба пайдо намудаанд.

Мавқеи ҷуғрофию сиёсию фарҳангии Тоҷикистон, ҳамчун дарвозаи ҷанубии кишварҳои Аврупо дар сарҳади Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ, ба Федератсияи Россия барои робита бо ин давлатҳо тавассути Тоҷикистон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Дар айни замон Россия, ки тавассути у Тоҷикистон бо фарҳангу тамаддуни Аврупо ошно шуд, чунин нақши худро дар оянда ҳам нигоҳ хоҳад дошт. Илова ба ин Россия дар татбиқи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон, ҳамкорӣ бо мамлакатҳои Ғарбу Шарқ барои ҷумҳурии мо мавқеи беҳамто дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар бораи барпо намудани минтақаи ягонаи рубл созишнома имзо намуд, ки он бешубҳа барои ба эътидол овардани вазъи иқтисодии ҷумҳурии мо нақши ҳалкунанда мебозад.

Ба ривоҷу равнақи ҳамкорию ҳамдиёрии миёни Тоҷикистону Россия ду омили зерин мусоидат мекунад.

**Омили аввал** — масъалаи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон мебошад, ки бо дарназардошти аҳамияти стратегии он сарҳади берунии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эълон шудааст ва аз тарафи сарҳадбонон ва Қувваҳои Муштараки Ҳомии Сулҳ посдорӣ мешавад.

Дар омади гап бояд гӯям, ки ин қувваҳо ба ягон маънӣ бар зидди Давлати Исломии Афғонистон нигаронида нашудаанд. Дар рафти вохӯриҳои судманди мо бо ҷаноби Бурҳониддини Раббонӣ дар Душанбе инро ман махсус қайд кардам.

**Омили дуввум** — пайвастагии гуногунҷиҳатаи иқтисоди мо бо хоҷагии халқи Россия мебошад, ки аз ибтидои таъсис шудани ҷумҳуриамон ҷой дорад.

Чунон ки медонед, ман навакак аз Ашқобод баргаштам. Он ҷо маҷлиси навбатии Сарони давлат ва ҳукуматҳои кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор шуд. Хулосаи умдаи маҷлиси мазкур, ки басе самарабахш буд, ин аст: барқарор кардан, вусъат додан ва такон бахшидан ба равобити иқтисодӣ дар чаҳорчӯбаи Иттифоқи иқтисодӣ, ки қаблан имзо шуда буд, аз шартҳои муҳимтарини ба эътидол овардани вазъи иқтисодӣ дар ин давлатҳо мебошад.

Хулласи калом, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, бо вуҷуди он ҳама душвориҳое, ки гоҳ-гоҳ пешаш меоянд, рӯ ба камоли сиёсию иқтисодист.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки узви баробарҳуқуқи он ҳаст, бояд дар ин кори умедбахш фаъолона саҳм бигирад.

Бояд бигӯям, ки барои мо, тоҷикон, муносибати дӯстона, мустаҳкам ва тӯлонӣ бо Ӯзбекистон ҳам тақозои таърихӣ ва ҳам ниёзи мардумист.

**Мӯҳтарам намояндагони халқ!**

Дар охир мехостам диққати шумоёнро ба якчанд масъалаҳои муҳими ҳаёти имрӯзаамон ҷалб намоям. Бояд тазаккур дод, ки мо дар марҳилаи нави ҳассосу дигаргунсозиҳои куллии ҷомеа қарор дорем, Аз ин рӯ, иҷлосияи ҳаждаҳуми Шӯрои Олӣ як силсила қарору қонунҳое қабул кард, ки ба пешрафту мустаҳкамшавии фаъолияти Ҳукумати ҷумҳурӣ, иқтисодиёт, фаъолияти бонк, маориф ва мақомоти маъмурӣ замина мегузорад.

Вале иҷроиши қарору қонунҳо дар соҳаи иқтисодиёт пайваста ба фаъолияти Ҳукумат ва аъзои он вобаста аст.

Умед дорем, ки усулу роҳбарии Шӯрои Вазирон ва аъзои он бояд ба куллӣ тағйир ёбад ва ҳадафи асосии он баланд бардоштани истеҳсолот, таъмин намудани фаъолияти мураттаби корхонаҳои саноатию сохтмонӣ, соҳаи кишоварзӣ ва муассисаҳои кӯмакрасони он қарор гирад.

Аз роҳбарияти Шӯрои Вазирон сар карда, то роҳбарони вазорату корхонаҳо бояд масъулияти хешро ҳис намоянд ва ҷавобгӯйи талаботи имрӯзаи мардуми мо бошанд.

Барои дар амал татбиқ шудани қарорҳои мақомоти давлатию ҳукуматӣ ба мо зарур аст, ки дар назди дастгоҳи Сарвари давлат як органи назоратӣ таъсис диҳем.

Махсусан таъкид карданиам, ки яке аз сабабҳои асосии авҷ гирифтани чунин падидаи нохуш, ба мисли маҳалгароӣ, аз сиёсати нодурусти ҷобаҷогузории кадрҳо сар зада буд. Шояд салоҳи кор бошад, агар ба Қонуни Асосиамон моддае илова кунем, ки ташкили ҳизбу созмонҳоро дар заминаи маҳал, ки оқибат ба маҳалгароӣ мебарад, манъ созад.

Тоҷикистон Ватани ягонаи ҳамаи мост. Бинобар ин зарур аст, ки кадрҳои босалоҳияту поквиҷдону дилсӯзи миллат дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ новобаста аз миллату маҳалашон фаъолият намоянд.

**Дӯстони муҳтарам!**

Мардуми Тоҷикистон ба ҳамаи мову шумо бо чашми умед ва дили гарм менигарад. Биёед тамоми қувва, дониш ва ғайратамонро баҳри он ба харҷ диҳем, ки ин умеди халқамонро ба ҷо биёрем. Аз ҷониби дигар, ман итминони комил дорам, ки мардуми заҳматкаши азиятдидаи мо тақдирҷунбони хеш хоҳад гашт.

Ин буд мухтасари он фикру мулоҳизаҳое, ки мехостам тавассути ибрози онҳо маҷлиси Шӯрои Олиро ҳусни хотима бахшам.

Дар охир иҷозат диҳед, аз фурсат истифода бурда, ҳамаи шумоён ва дар шахси шумоён мардуми шарифи Тоҷикистонро бо фарорасии Соли нави 1994-ум табрику таҳният гуфта, бароятон сиҳатмандӣ, рӯзгори нек ва комёбиҳо орзу намоям.

# ИЗҲОРОТИ СИЁСӢ

Декабри соли 1993

**Ҳамватанони азиз!**

Чи тавре ки ба шумо маълум аст, аз рӯзи аввали фаъолияти Ҳукумати қонунӣ барпо кардани давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ ҳадафи аслии сиёсӣ ва иқтисодии он буд. Бояд тазаккур дод, ки давлат ва ҳукумат барои ноил шудан ба ин мақсад мебоист, пеш аз ҳама, заминаи сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии онро фароҳам месохт. Имрӯз мо ба аҳли башар гуфта метавонем, ки сулҳу салоҳ дар кӯҳандиёри мо пойдор шуда, халқу кишвар, мақомоти давлату ҳукумат барои якпорчагии ҷумҳурӣ ва ваҳдати миллӣ қадамҳои умедбахш гузошт.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Имрӯз вақти он расидааст, ки мо дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ аз сухан ба амал гузарем. Бинобар ин ман ҳамчун сардори давлат изҳор мекунам, ки асоси эҷоди ин навъи давлатро Сарқонуни нави ҷумҳурӣ мегузорад. Дар ин бобат кори пурмаҳсул дар ҷараён аст ва моҳҳои наздик лоиҳаи Қонуни Асосӣ пурра иншо мешавад. Бинобар ин ман дар андешаи онам, ки бояд Шӯрои Олӣ лоиҳаи Қонуни Асосии навро баррасӣ карда, барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод намояд. Баъд аз хатми муҳокима, таҳрири ниҳоии лоиҳаи Сарқонун ва гузаронидани раъйпурсии умумӣ он қабул шавад.

Дар бораи мӯҳлати гузаронидани раъйпурсӣ ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки ин кор бояд на дертар аз моҳи июни соли 1994 сурат гирад.

Масъалаи муйаян намудани шакли идоракунии ҷумҳурӣ, яъне ҷумҳурии президентӣ ва ё ҷумҳурии парлумонӣ аз қабули Қонуни Асосӣ вобастагӣ дорад. Баъд аз қабули Сарқонун, ки шакли идоракунии ҷумҳуриро мушаххас мекунад, давра ва шакли интихобот муайян мешавад.

Фикри шахсии ман ҳамин аст, ки интихоботи мақомоти олии давлатӣ на дертар аз тирамоҳи соли 1994 ҷараён гирад. Барои ин зарур аст, ки қонуни нави интихобот қабул шавад ва дар асоси он интихоботи озоду демократӣ ва дар доираи қонун сурат гирад.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Чанд сухан дар бобати пешомади ҳаёти иқтисодии ҷумҳурӣ гуфтаниам. Ба таври қотеона хотирнишон месозам, ки ягона роҳи минбаъдаи инкишофи ҷомеаи мо роҳи иқтисоди бозаргонист, ки асоси онро шаклҳои мухталифи моликият муайян мекунад. Қонуни Асосии нави ҷумҳурӣ ин шакли иқтисодро дар худ таҷассум хоҳад кард ва асоси қонунгузории иқтисодӣ мегардад.

Ба ҳамин тартиб, ман ба ҳамватанони худ ва тамоми аҳли башар эълон менамоям, ки ин роҳи интихобкардаамон моро ба самти демократияи воқеӣ мебарад.

Ман ҳамчун сарвари давлат кафили амалӣ шудани ин кор хоҳам шуд.

Ман аминам, ки мо ҳама аз як гиребон сар броварда, масъалаҳои дарпешистодаро, ки танҳо барои некӯаҳволии халқ нигаронида шудаанд, бо сарбаландӣ ҳал намуда, якдилию муттаҳидии худро бори дигар дар назди халқамон нишон медиҳем ва ба боварии мардум сазовор будани худро бо корҳои неки амалиамон исбот менамоем.

## ТАБРИКИ СОЛИНАВӢ

31 декабри соли 1993

**Ҳамватанони азиз!**

Дафъаи сеюм аст, ки мову шумо Соли навро дар фазои истиқлолияти комили ҷумҳуриамон истиқбол мегирем. Ин се соли тайшуда барои халқи мо солҳои душвортарини таърихи муосир буданд. Дар ин се сол мо воқеаҳоеро аз сар гузарондем, ки барои садсолаҳо кофист.

Соле, ки тай шуд, соли хеле мураккаб ва душвор буд.

Соли сипаришуда, бо вуҷуди душвориҳои иқтисодиаш, ба мардуми мо осоиштагию оромӣ, таъмини якпорчагии Ватанамон, барқароршавии қонуният, авфи хатоҳоямон ва якдигарфаҳмӣ овард.

Халқи мо, ки ба кори манфиатбахш пазмон шуда буд, рӯ ба истеҳсолот овард.

Вале бояд ошкоро бигӯям, зиндагии мо гирифтори иллатҳои зиёде мебошад, ки ба сари мардуми кулли ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ омадааст.

Канда шудани робитаҳои иқтисодии байни давлатҳо, нирху навои баланд, нарасидани маводи хӯрока, сӯзишворӣ, вазъи муомилаи сӯм ва бисёр дигар масъалаҳоро ҳар яки мову шумо эҳсос менамоем. Ин дарди мардумро ман дар вохӯриҳои сершуморе, ки дар қаламрави ҷумҳуриамон бо заҳматкашони касбу кори мухталиф, собиқадорони ҷангу меҳнат доштам, ҳис мекардам.

Бовар кунед, ҳамватанони азиз, Раёсати Шӯрои Олӣ, аксарияти аъзоёни Ҳукумат дар тӯли соли 1993 дар ҷустуҷӯ ва ҳаллу фасли ин масъалаҳои зиндагӣ буданд. Бурду бохти ҳамаи мо чун оина пеши назари шумост. Роҳбарияти ҷумҳурӣ баъди иҷлосияи XVI иқтисодиёти косташуда, буҷети харобшударо мерос гирифта буд, инро бояд фаромӯш накунем.

Вале мо дар ҷустуҷӯ ва ҳалли масъалаҳои умдатарини иқтисодию маънавӣ мебошем. Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олӣ як силсила қонуну қарорҳое қабул намуд, ки ба пешравии ҷумҳурӣ заминаи мустаҳкам мегузоранд.

Ҳукумат вазифадор аст, ки усули кори худро қатъиян тағйир диҳад, диққати аввалиндараҷаро ба истеҳсолот, сохтмон, соҳаи кишоварзӣ ва пеш аз ҳама ба некӯаҳволии мардум равона намояд. Ҳукумат ва вазоратҳои дахлдор бояд тадобире андешанд, ки пеши роҳи ғорат карда аз ҷумҳурӣ берун баровардани маҳсулот гирифта шавад.

Мо дар соли нав як силсила чорае андешидем, ки таъмини осоиштагии мардум, ҳуқуқҳои шаҳрвандии онҳо пурра ва бемайлон ҳифз карда мешаванд. Ба хиёнаткорон, қаллобон, ҷинояткорон, гурӯҳҳои мафиозӣ муборизаи беамон мебарем.

Масъалаи дигаре, ки моро ҳамеша ноором медорад, ин баргардонидани гурезаҳо мебошад. Мо ҳамаи чораҳоро меандешем, ки ҳамватанони бурунмарзиамон ба Ватан баргарданд. Дар анҷоми сафари сарвари Давлати Исломии Афғонистон ҷаноби Раббонӣ ба ҷумҳурии мо, дар қатори дигар масъалаҳои муҳим оиди тақдири гурезагон бо якҷоягии намояндаи Комиссариати Олии Созмони Милали Муттаҳид аҳднома имзо кардем. Рост гуфтааст шоир: "Об агар сад пора гардад, боз бо ҳам ошност"!

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Соле, ки шурӯъ мешавад, дар эътиқоди мардумони Шарқ соли вафодорист. Ман бисёр орзӯ дорам, ки ҳамватанони азизи мо даст ба дасти якдигар дода, барои ободии Ватан якҷо ва бо хотири ҷамъ, бидуни кибру кудурату бадбинӣ муносибат кунанд. Биёед бо рафтору кирдору гуфтори неки худ исбот кунем, ки халқи моро дигар аз ҳам ҷудо кардан мумкин нест.

Дар остонаи Соли нав, аз минбари иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ман аз номи Раёсати Шӯрои Олӣ изҳороте доштам, ки ба мардуми шарифи Тоҷикистон маълум аст. Лозим медонам, ки ду нуктаи онро такроран ба шумо бирасонам.

Мо тасмим гирифтем, ки тобистони соли 1994 лоиҳаи нави Қонуни Асосии ҷумҳуриамонро ба раъйпурсии мардум пешкаш намоем, то ки мардум сохти идоракунии президентӣ ва ё парлумониро муайян намояд.

Тирамоҳи ҳамон сол интихоботи Парлумони нав ва роҳбари давлатро гузаронем. Бигузор халқ тарзи идоракунии давлат ва сарвари худро озодона интихоб намояд.

**Ҳамватанони азиз!**

Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар Соли нав марҳилаи нави ҳаёту зиндагӣ интизор аст.

Ман ба пирони кордида, собиқадорони ҷангу меҳнат, модарони ғамхору дилсӯз, ҷавонони боору номӯсамон муроҷиат карданиам! Биёед, дар соли пешомад якдилу яктан шуда, ҷумҳуриамонро аз ин вазъи ногувори иқтисодию иҷтимоӣ барорем.

Ҳикмати халқ ҳаст, ки дар хонаводае, ки тифоқӣ, ҳурмату эҳтиром мавҷуд аст, файзу баракат насиби онҳо мешавад.

Бигузор Соли нави 1994-ум барои ҳар яки шумо соли неку хушбахтиҳои зиндагӣ гардад.

**Ташаккур!**

## МУРОҶИАТНОМА
## БА ҲАМВАТАНОНИ ХОРИҶИ ХОКИ
## ТОҶИКИСТОН

16 январи соли 1994

**Ҳамватанони гиромӣ, азизон!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон — Ватани азизи мову шумо дар арафаи дигаргуниҳои бузурги сиёсӣ қарор дорад. Таърих бори дигар ба тоҷикон имконият фароҳам меоварад, ки дар офаридани сарнавишти ин миллати кӯҳан ҳамагон саҳм бигиранд. Мо бояд Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамаҷониба муҳокима кунем, онро ба раъйпурсии ҳамагонӣ гузорем, бар пояи Қонуни Асосии навин интихоботи мақомоти олии ҷумҳуриро гузаронем.

Ин тадбирҳои сарнавиштсози сиёсӣ, ки аз онҳо ояндаи истиқлолият, давлат, имрӯзу фардои зиндагии мову фарзандони мову шумо вобастагии узвӣ дорад, бояд то охири ҳамин сол андешида шаванд.

Азизон, Тоҷикистони мову шумо аз балоҳо гузашт ва ҳарчанд талафоти дардовари ҷониву молӣ дод, якпорчагии сиёсӣ, тамомияти арзӣ ва истиқлолияти худро тавонист нигоҳ дорад. Имрӯз Тоҷикистони азиз рӯ ба ободӣ ниҳодааст ва ба ҳар фарзанди барӯмандаш, ки метавонад дар ободии ин кӯҳандиёр саҳм бигирад, бо чашми умед менигарад. Дар Тоҷикистони осебдида муҳити оштӣ, муҳити бахшоиш ҳукмфармост. Моҳҳост, ки гуфтушунидҳои самарабахш бо неруҳои гароишҳои мухталифи сиёсӣ ҷорист ва мо азми қавӣ дорем, ки ҷиҳати тафоҳуми комили ҳама фарзандони модари тоҷик онро давом диҳем. Бародар аз пайи кини бародар

намеравад. Ҳама муштоқи дидори шумоянд ва бовар доранд, ки шумо имрӯзу фардо боз хоҳед гашт, дасти бародарони худ хоҳед гирифт ва Ватани ниёгони хешро ободи, чароғи хонаи падариро равшан хоҳед кард.

Мо бовар дорем, ки шумо, ҳамватанони хориҷи хоки Тоҷикистон, дар офаридани ояндаи сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ фаъолона иштирок хоҳед кард. Роҳбарияти Тоҷикистон омодааст ба бозгашти шумо ҳамаҷониба мусоидат кунад. Мо изҳори омодагӣ менамоем, ки ниёзҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии шуморо бародарвор баррасӣ кунем ва ҳалле биёбем, ки боиси қаноати умум бошад.

Мо, ҳар азизеро, ки ёди Ватан мекунад, "хуш омадӣ!" мегӯем ва барои ӯ ҳама шароитеро, ки бародарону хоҳарони ӯ аз он дар ҷумҳурӣ бархурдоранд, муҳайё месозем. Мо бовар дорем, ки ҳисси беолоиши ватанхоҳии шумо боло хоҳад гирифт ва шумо он омилҳоеро, ки метавонанд пеши роҳи бозгашти шуморо бигиранд, обрӯмандона рафъ хоҳед кард. Карам намову фуруд о, ки хона хонаи туст.

Азизон, тоҷикон як Ватан доранд, вазифаи ҳамаи мост, ки онро азиз дорем ва ободаш кунем.

# МАЙДОНИ ҶАНГ ҶОЙИ ГУФТУШУНИД НЕСТ

## ПОСУХ БА САВОЛҲОИ МУХБИРИ РӮЗНОМАИ “КРАСНАЯ ЗВЕЗДА”, ЯНВАРИ СОЛИ 1994

**— Мӯҳтарам, Эмомалӣ Шарифович, вазъият дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам мураккаб аст. Вале дар баробари ин нишонаҳои гузаштан аз ҳаёти ҷангӣ ба ҳаёти осоишта ба назар мерасад. Роҳбарияти ҷумҳурӣ ба инкишофи ин раванд чӣ иқдомҳое мегирад?**

— Ҷиҳати ноил шудан ба сулҳу осоиш мо аз рӯзҳои аввал аз лаҳзае, ки роҳбарияти нави ҷумҳурӣ интихоб гардид, талош меварзем. Аз он рӯз аллакай беш аз як сол сипарӣ шудааст. Вале то оромии пурра дар ҳаёти сиёсӣ ва низоми иқтисодиёт ҳанӯз дур аст.

Чизи аз ҳама муҳиме, ки кӯшиши мо ба он равона шуда буд, ин муттаҳид сохтани халқ ва ба барқарорсозии хоҷагиҳои харобгашта равон сохтани кӯшиши мардум буд. Барои сулҳу осоишро дар байни қувваҳои мухталифи сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ба даст овардан мо се дафъа авфи умум эълон намудем. Ва онҳое, ки бо фиребу найранг ба муборизаи силоҳнок алайҳи Ҳукумати қонунӣ даст зада буданд, тавонистанд ба ҳаёти осоишта бозгарданд. Вале онҳое, ки нахостанд силоҳҳояшонро ба замин гузоранд, аз дарёи сарҳадии Панҷ убур намуда, ба Афғонистон гузаштанд. Онҳо ҳоло дар он ҷо ҳам вазъиятро муташанниҷ сохта, роҳбарияти Афғонистонро ба ташвиш меоранд.

**— Як замон пиромуни тамоюли сепаратистии пешвоёни баъзе минтақаҳои ҷумҳурии шумо гап зиёд буд. Оё имрӯз**

**мушкилоти ҷудоиталабӣ байни вилоятҳои Тоҷикистон вуҷуд дорад?**

— Баъзеҳо бисёр мехоҳанд, ки чунин мушкилот ҷой дошта бошад. Вале бо итминон ба шумо мегӯям, ки тамоюли сепаратистӣ дар ҷумҳурии мо на ба он андоза буд, ки муаллифони алоҳида менависанд. Ҳоло байни Ҳукумати марказӣ ва вилояти Ленинобод ҳамдигарфаҳмии комил ва ҳусни тафоҳум барқарор шудааст. Рости гап, дар муносибат бо Кӯҳистони Бадахшон душвориҳои муайяне ҷой доштанд. Сабаб он буд, ки як қисм ҷангиёни мухолифини оштинопазир пушти ағбаҳои Помир panaҳ бурданд. Онҳо аз масъулияти ҷиноятҳое, ки дар ҷануби ҷумҳурӣ ва дар пойтахт содир карда буданд, метарсиданд. Ва барои онҳо аҳолии осоиштаи вилояти мухторро зидди марказ шӯронидан манфиат дошт. Бар илова, ҷангиён роҳи баландкӯҳи Душанбе —Хоруғро бастанд, ки ин дарҳол ба ин вилоят расонидани молҳои хоҷагӣ, сӯзишворӣ ва хӯрокворииро душвор сохт. Ин вазъиятро онҳо хеле хуб истифода намуданд.

Ҳоло роҳ кушода аст. Мутобиқ бо қарори қабулкардаи Шӯрои Вазирон ба ин вилоят қарзи дарозмуддати имтиёзнок ба маблағи 22 миллиард рубл ҷудо мешавад. Барои беҳбуди хизматрасонии тиббӣ, савдо, нақлиёт ва сохтмони манзилгоҳ кӯмак расонда мешавад. Табиист, ки ҳамаи ин чандон кори содда нест. Зеро иқтисодиёти ҷумҳурӣ бӯҳрони амиқеро аз сар мегузаронад.

**— Вале Душанбе ҳанӯз ҳам силоҳ аз даст нагузоштааст. Бо вуҷуди ин чунин фикр ҳаст, ки вазъияти Тоҷикистонро ба таври куллӣ танҳо бо усулҳои сиёсӣ ба эътидол овардан мумкин аст, на низомӣ. Дар ин маврид шумо чӣ гуфта метавонед?**

— Дар дохили саволатон танқиди роҳбарияти ҷумҳурӣ мавҷуд аст. Вале ман наметавонам бо он розӣ шавам. Мо маҷбур ҳастем алайҳи ҳарифони мусаллаҳ қувва истифода барем. Ва розӣ шавед, ки дар майдони ҷанг мизи гуфтушунид гузоштан маъно надорад. Бояд қабл аз ҳама пеши роҳи хунрезӣ гирифта мешуд. Ва ин корро дар охири соли 1992 мо анҷом додем.

Дар тӯли соли гузашта, мо бо деҳқонони тарсхӯрда, бо намояндагони калавандаи зиёӣ ҳамдигарфаҳмию ҳамкориро ба роҳ мондем. Агар мо ба ин кор муваффақ намегаштем,

пас имрӯз мо барномаи стратегии ислоҳоти иқтисодӣ, лоиҳаи нави Қонуни Асосӣ ва як қатор қонунҳои бунёдиро, ки Парламент қабул кард, дар даст намедоштем. Ҳамаи ин натиҷаи кори олимон, ҳуқуқшиносон, нависандагон ва мутахиссисони баландихтисос мебошад. Онҳо ба мо бовар карданд ва моро ҷонибдорӣ намуданд. Ҳоло бошад вақти гуфтушуниди фаъоли сиёсӣ бо пешвоёни мухолифин, бо онҳое, ки дар муборизаи мусаллаҳона иштирок наварзидаанд, расидааст.

**— Шумо ба саҳми Россия ва дигар давлатҳои ИДМ дар амри муҳофизати истиқлоли Тоҷикистон чӣ баҳо медиҳед? Дар ҷумҳурӣ будани нерӯҳои сулҳхоҳи коллективӣ ба вазъияти дохилӣ чӣ таъсире мерасонад?**

— Мехостам назди падару модар ва наздикони он ҷавонмардоне, ки тобистони соли 1993 дар заставаи сарҳадии 12-ум ҳалок гаштаанд, сари таъзим фуруд орам. Барои изҳор намудани ғаму андӯҳ ва эҳтироми ин қурбониҳои бузург сухан оҷизӣ мекунад. Мо самимона ва аз сидқи дил ба мардум ва ҳукуматҳои тамоми давлатҳои ИДМ изҳори сипос менамоем...

Мутаассифона, сарҳадбонон ҳанӯз ҳам дар задухӯрдҳои ҷанги бо сарҳадшиконон ҳалок мешаванд. Маҳз ҷиҳати ба ин қазия хотима гузоштан нерӯҳои сулҳхоҳи коллективии ИДМ ба Тоҷикистон даъват шудаанд. Ба назари ман, худи мавҷудияти ин нерӯҳо дар ин ҷо ба муҳити маънавии ҷумҳурӣ ва табъи аҳолӣ таъсири нек мебахшад.

Вазифаи нерӯҳои сулҳхоҳ, пеш аз ҳама ба эътидол овардани вазъияти сарҳад аст. Дар баробари ин, онҳо вазифаҳои умумии барои тамоми халқҳои ИДМ ва махсусан онҳое, ки дар минтақаи Осиёи Марказӣ зиндагӣ доранд, дахлдорро иҷро менамоянд.

**— Оё имрӯз Тоҷикистон имкони ташаккули Нерӯҳои Мусаллаҳи худро дорад? Ба назари шумо оянда ҳамкории низомӣ бо Россия ва дигар давлатҳои ИДМ чӣ гуна хоҳад буд?**

— Халқи тоҷик барои бо касе ҷангидан омодагӣ надидааст. Дар ҳудуди ҷумҳурии мо қисмҳои калони ҷангӣ ҷойгир нашуда буданд. Танҳо як дивизияи аз рӯйи теъдод маҳдуди 201-ум буд, ки он ҳоло ба Россия тааллуқ дорад. Аз ин рӯ, вақте зарурати муқовимат бо гурӯҳҳои мусаллаҳе, ки аз сарҳад мегузаштанд пеш омад, мо дар як ҳолати душвор мондем.

Артиши халқии худро мо ҳақиқатан ҳам дар шароити ҷангӣ ташкил медиҳем. Шӯрои Олии ҷумҳурӣ аллакай қонунҳои “Дар бораи дифоъ”, “Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон”-ро қабул кард. Вале барои амалӣ сохтани ин вазифа пуламон намерасад. Камбуди буҷети давлатӣ ҳоло 130 миллиард рублро ташкил медиҳад. Бо дарназардошти ин хароҷоти нигаҳдории нерӯҳои коллективии сулҳхоҳ дар Тоҷикистон ба таври зер тақсим шудааст. Россия нисфи хароҷти марбут бо ин нерӯҳоро ба души худ гирифтааст. Қазоқистон ва Ӯзбекистон 15-фоизӣ ва Қирғизистону Тоҷикистон 10-фоизии ин хароҷотро мепӯшонанд.

**— Артиши ҷумҳуриро дар оянда чӣ гуна мебинед? Оё Тоҷикистон барои аз дигар давлатҳо ҷалб намудани кадрҳои афсарӣ манфиатдор аст?**

— Имрӯз мо чӣ дорем? Аз рӯйи маълумоти Вазорати дифоъ, ки воқеан он ҳам акнун яксола мешавад, мо бригадаи таъиноти махсуси рақами 11-и ба номи Файзалӣ Саидов, отряди таъиноти махсус, эскадрилияи вертолётӣ ва шифохонаи ҳарбӣ дорем. Шумораи афсарони тоҷик хеле каманд. Таърихан ҳамин тавр шудааст, ки ҳамватанони мо ба кори ҳарбӣ кам таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд. Вале ҳоло зарурати тарбияи кадрҳои низомии миллӣ ба миён омадааст.

Дар шаҳри Душанбе коллеҷи ҳарбии ба номи Сангак Сафаров ташкил шуд, бригадаи таълимӣ низ таъсис меёбад. Дар шаҳри Хуҷанд литсеи ҳарбӣ ба монанди омӯзишгоҳҳои суворовӣ таъсис меёбад. Бисёр мехостем, ки артиши мо ақаллан нисфаш аз намояндагони миллати таҳҷоӣ бошад. Вале ин кор барои ояндаи дур аст. Дар тарбияи кадрҳои афсарии баландихтисос, махсусан фармондеҳони миёна ва олӣ ба кӯмаки Россия, Украина, Қазоқистон ва дигар давлатҳои ба мо дӯст умедворем.

Дар робита бо шароити хидмати афсарон аз дигар давлатҳо дар Артиши мо ҳаминро гуфтаниям, ки дар ин маврид мо мутобиқ бо меъёрҳои қабулшудаи байналхалқӣ амал хоҳем кард. Вале ин, такрор мекунам дар пешрафти кор аст. Алҳол бошад, мо ба ҷанговарони диловари Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои ИДМ, ки дар якҷоягӣ бо ҷанговарони ҷумҳурии мо марзҳои ҷанубии ИДМ ро дифоъ менамоянд, ташаккур мегӯем.

# ВАҲДАТУ МЕҲНАТ — АСОСИ ПЕШРАФТ

## МАЪРӮЗА ДАР МАШВАРАТИ ҶУМҲУРИЯВИИ НАМОЯНДАГОНИ КОЛЛЕКТИВҲОИ МЕҲНАТӢ ВА АҲЛИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН

25 феврали соли 1994

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Имрӯз дар ин толори бошукӯҳ намояндагони ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳои ҷумҳурӣ, кишоварзони варзида, коргарон, олимон, нависандагон, собиқадорони ҷангу меҳнат, занҳо ва ҷавонон, роҳбарони корхонаю хоҷагиҳо, муассисаҳо ва соҳибкорон иштирок доранд. Ба назарам, чанд муддат шуд, ки дар ҷумҳурӣ чунин машварати бонуфузу сернамоянда баргузор нагаштааст.

Ҳадафи аслӣ аз чунин вохӯрӣ таҳлили бурду бохти соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт дар соли гузашта ва муайян намудани вазифаҳо барои соли ҷорӣ ва дурнамои инкишофи минбаъдаи ҷумҳурӣ мебошад.

Боварӣ дорем, ки ҷамъомади имрӯза, он ҳама фикру ақида, таклифу пешниҳодҳои судманди шумоён барои пешрафти кор мусоидат хоҳанд намуд.

Имрӯз масъала ва мушкилотҳои хеле зиёде назди мо истодааст. Ҷомеаи пошхӯрдаро бояд дубора ба ҳам биёварем. Ҷароҳатҳои дили ӯро муолиҷа созем, ба ҷисму ҷонаш рӯҳи тоза бахшем, барои меҳнати осоишта шароит фароҳам оварем.

Мо бояд ба чунин иқтисодиёти миллӣ поя гузорем, ки ин армонҳои неку шоистаро ҷомаи амал пӯшонда тавонад.

Вале меросе, ки баъди аз ҳам фурӯ рехтани системаи ягонаи хоҷагидорӣ гирифтем, хеле коставу заиф аст. Чунин

иқтисодиёт танҳо барои манбаи ашёи хом мувофиқ кунонда шудааст.

Бар замми ин, гусастани алоқаҳои хоҷагӣ, нофармонии қонуну дастурҳои зиндагии иҷтимоӣ мардуми моро ба ҷанги гражданӣ кашида буд. Мо дар вартаи даҳшатовар гирифтор будем.

Ба мардуми мо муяссар гардид, ки тахти роҳбарии Ҳукумати ба таври қонунӣ интихобгардида гардиши халокатбори ҳодисаву воқеаҳоро нигоҳ дошта, худро аз халокат боз дорад.

Шукр, ки акнун вазъият рӯ ба оромӣ ниҳодааст. Халқи азиятзадаи мо тавонист ба по хезад ва каме қоматашро рост намуда, ба меҳнати осоишта машғул шавад. Алҳол имконият пайдо шудааст, ки аз зиндагии имрӯза ва ояндаи худ андеша кунем.

Оё мо барои пешрафт дар ҷомеа чунин заминае дорем, ки он мардумро хушбин карда тавонад? Агар чунин замина надошта бошем, чӣ гуна онро метавон ба вуҷуд овард? Имрӯз ҳамаи мо бояд ба чунин суолҳо ҷавоб ҷӯем.

Соли гузаштаи 1993 барои беҳбудӣ бахшидан ба авзои сиёсии ҷомеа корҳои зиёд анҷом дода шуд. Албатта, барои оромии комили вазъият кори бисёре дар пеш аст.

Мутаассифона, дар иқтисодиёт чунин тамоюли мусбат ба вуҷуд наомад. Ба ҳама маълум аст, ки иқтисодиёт ба сиёсат таъсири бевосита дорад.

Қариб дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт пастравии истеҳсолот боздошта нашудааст. Нархҳои яклухт, чакана ва хусусан нархи маҳсулоти озуқаворӣ босуръат баланд шуданд. Кори барқарор кардани алоқаҳои кандашудаи хоҷагӣ бо корхонаҳои ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил беҳтар нагашт. Ҳамаи ин ба он оварда расонд, ки сатҳи зиндагии бе ин ҳам пасти мардум боз ҳам поинтар фаромад. Дастархони аҳолӣ аз бисёр маҳсулоти зарурӣ холӣ гашт.

Ду нишондоди асосии тараққиёти хоҷагии халқи ҷумҳуриро мисол меорам: ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилӣ дар соли 1993 нисбат ба соли 1992 бисту як фоиз ва даромади миллӣ ҳабдаҳ фоиз кам гаштааст. Ин муқоиса бо соле ҳаст, ки дар иқтисодёти ҷумҳурӣ бесарусомонии пурра ҳукмфармо ва вазъият ниҳоят ноором буд.

Вале далели тасаллибахш он аст, ки баъзе нишонаҳои умедбахш дар ҳаёти иқтисодии соли гузашта пайдо шуданд. Суст гаштани суръати пастравии истеҳсолот дар соҳаи саноат дар нимаи дуюми сол аз ҷумлаи онҳо мебошад.

Сатҳи умумии истеҳсоли саноат дар нимаи якуми сол нисбат ба ҳамин давраи соли 1992 ҳамагӣ 69 фоизро ташкил дод. Дар нимаи дуюми сол бошад ин рақам ба 94 фоиз расид. Ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ нисбат ба соли 1992 аз рӯйи маълумоти Кумитаи омори давлатӣ як фоиз кам гаштааст.

Умуман, пастравии истеҳсоли маҳсулоти саноат дар соли 1993 нисбат ба соли 1992 19,5 фоизро ташкил дод. Махсусан, корхонаҳои саноати химия — 46 фоиз, саноати масолеҳи бинокорӣ — 41 фоиз, металлургияи ранга — 28 фоиз истеҳсоли маҳсулоташонро кам карданд.

Вазъи бениҳоят мураккаб дар баъзе соҳаҳои комплекси сӯзишворию энергетикӣ ба вуқуъ омад. Мутаассифона, иттиҳодияи "Тоҷикнафт" сол то сол истеҳсоли сӯзишвориро кам карда истодааст. Соли гузашта онҳо ҳамагӣ 42 ҳазор тонна нафт гирифтанд, ки ин нисбат ба соли 1992 сию ду фоиз кам мебошад. Гази табиӣ бошад қариб 49 миллион метри мукаабро ташкил дод, ки ин 67 фоизи истеҳсоли газро дар соли 1992 ташкил медиҳад.

Ҳама медонад, ки кори муратабби тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ аз таъминот бо сӯзишворӣ сахт вобастагӣ дорад. Барои ҳамин мо бо чунин тарзи кор бояд муросо накунем.

Роҳбарияти "Тоҷикнафт" барои ислоҳи камбудиҳо чораҳои муассир намеандешад. Ҳол он ки ба онҳо қариб се миллиард сӯм қарзи имтиёзноки дарозмуддат ҷудо карда шуда буд. Аз натиҷаи фаъолияташон маълум мешавад, ки аз ин маблағ босамар истифода карда натавонистанд.

Иттиҳодия барои беҳбудии кораш имкониятҳои калон дорад. Аз ҷумла, ҳамкориҳоро бо корхонаҳои истихроҷи нафти вилояти Тюмен ва дигар минтақаҳои Россия ривоҷ дода, аз ин ҳисоб таъмини ҷумҳуриро бо нафт бояд беҳтар менамуданд.

Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои ангишт хеле бой аст Яке аз калонтарин конҳо дар Осиёи Марказӣ кони ангишти Фону Яғноб ба шумор меравад. Қариб дар тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ конҳои хурду калони ангишт мавҷуданд.

Вале таъминоти аҳолӣ бо ангишт ба талабот ҷавоб намедиҳад. Мардум маҷбур аст, ки дарахтҳои сарсабзро аз бехаш бурида, барои оловӣ истифода барад.

Ба Вазорати саноат зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо ҷумиҷроияҳо ва ташкилотҳои дахлдор барои аҳолӣ ва муассисаҳои дар маҳал бударо бо ангишти истеҳсоли худӣ таъмин намудан тамоми чораҳоро андешанд.

Дар байни мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати захираҳои обӣ баъди Федератсияи Россия ҷойи дуюмро мегирад. Нерӯгоҳҳои барқи обӣ зиёда аз навад фоизи истеҳсоли қувваи барқро дар ҷумҳурӣ таъмин мекунанд.

Ва ин ягона соҳаест, ки нисбат ба соли 1992 истеҳсолаш афзудааст. Энергетикҳо зиёда аз фармоиш 1,2 миллиард киловат – соат нерӯи барқ доданд.

Афкори ҷомеа ҳоло онҳоеро, ки садди роҳи бунёди ГЭС-и Роғун шуданд, шадидан маҳкум мекунад. Ҳама медонад, ки агар агрегатҳои ин ГЭС-и азамат ба кор медаромад, имрӯз мо бисёр душвориҳоро ба осонӣ пушти сар мекардем. Тасаввур кунед, ки ҳоло ҳам мо ду миллиард киловатт – соат нерӯи барқро аз ҳамсояҳо мехарем.

Ба гузашта салавот гуфта, имрӯз ба он камари ҳимат бандем, ки сохтмони ГЭС-ҳои Роғун, Сангтӯда, “Помир-I-ро” тезонем.

Шӯрои Вазирон дар барномаи иқтисодиаш ба бунёди гидроэлектростансияҳо мавқеи аввалият доданаш зарур аст. Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ дар бобати инкишофи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ, истифодаи батареяҳои офтобӣ шоистаи дастгирии ҳамаҷониба ҳаст.

Барои роҳбарони ноҳияҳою вилоятҳо, ширкати “Барқи тоҷик” иҷрои ин қарор вазифаи муҳимтарин мебошад.

Корхонаҳои саноати химия ҳам ба як вазъияти ногувор дучор шудаанд. Заводи азотии Вахш соли гузашта танҳо 20 ҳазор тонна нуриҳои маъданӣ истеҳсол кардааст, ки ин сеяки ҳаҷми истеҳсоли соли 1990-ро ташкил медиҳад. Иттиҳодияи “Тоҷикхимпром” ба ҷойи 33 ҳазор тонна ҳамагӣ 6 ҳазор тонна содаи каустикӣ истеҳсол кардааст.

Фаъолияти номураттаби ин соҳа ба кори сохаи хоҷагии қишлоқ бевосита таъсири манфӣ мерасонад. Махсусан, ба кори бонизоми заводи нуриҳои азотии Вахш диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Нарасидани нуриҳои азотӣ ҳосилнокии зироатҳои хоҷагии қишлоқро паст мегардонад.

Аз се ду ҳиссаи корхонаҳои саноати мошинсозии ҷумҳурӣ ба дараҷаи сатҳи истеҳсоли соли 1992 баромада натавонистанд. Заводи трансформатори шаҳри Қӯрғонтеппа, заводи “Тоҷикхимселхозмаш” ва иттиҳодияи “Светотехника”-и шаҳри Исфара ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоташонро ду баробар кам карданд. Иттиҳодияи “Помир” бошад ҳамагӣ баробари сӣ фоизи нақша яхдон мебарораду халос.

Ба шумоён маълум аст, ки алюминий қисми асосии содироти ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Кам шудани истеҳсоли он ҳарҷониба ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ зиён меорад. Бинобар ин боиси ташвиши ҷиддист, ки заводи алюминийбарории тоҷик имрӯз фақат бо нисфи қудраташ кор мекунад. Дар баробари ин, завод аз пештара дида ҳозир қувваи барқро бештар истифода мекунад.

Вазорати саноат, Вазорати робитаҳои иқтисодии хориҷӣ бояд тамоми тадбирҳоро андешанд, ки ин корхонаи азамат аз ҳар ҷиҳат кораш бонизом гардад, сари вақт бо ашёи хом таъмин бошад ва ҳаҷми истеҳсоли пештараашро барқарор созад.

Боиси хушнудист, ки як қатор корхонаҳои саноати металлургияи ранга, аз ҷумла комбинати сурбу руҳи Адрасмон ва комбинати маъдани Анзоб аз ӯҳдаи иҷрои нақшаҳо баромада истодаанд. Онҳо тавонистанд, ки робитаҳои иқтисодиро бо корхонаҳои ҳамҷавор нигоҳ дошта, ҳаҷми истеҳсолотро афзоянд ва ҳатто истеҳсолоташонро васеъ гардонанд.

Ба истифода дода шудани корхонаи тасфияи тилло дар вилояти Ленинобод боз як дастоварди кормандони иттиҳодияи “Востокредмет” буд. Акнун мо имконияти пурра дорем, ки тиллоро дар худи ҷумҳурӣ коркард намоем.

Корхона қудрат дорад, ки дар як сол то даҳ тонна тилло ва 40 тонна нуқра омода созад. Вале, афсӯс, ки истеҳсоли тилло дар ҷумҳурӣ кам шуда истодааст.

Вазорати саноат ва иттиҳодияи тиллои тоҷик “Тоҷик—золото” тамоми чораҳоро бояд андешанд, ки кони тиллои “Дарвозро” барқарор намуда, артелҳои тиллошӯйиро дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ созмон диҳанд.

Инчунин барои бо иқтидори пурра ба кор даромадани заводи тиллои шаҳри Панҷакент чораҳо андешидан лозим аст.

Дар ҳамин мавриди як нуктаро гуфтанӣ ҳастам. Ин ҳам масъалаи назорати қатъӣ барои роҳ надодан ба дуздию қаллобӣ дар конҳои металлҳои қиматбаҳо ва корхонаҳои коркарди он мебошад. Раёсатҳои дахлдори Вазорати амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ба ин кор бояд ҷиддӣ машғул шаванд.

Имрӯз зарурат пеш омадааст, ки барномаи алоҳидаи инкишофи истеҳсолоти металлҳои қиматбаҳоро таҳия намоем. Хусусан, ба масъалаи аз худ кардани кони калонтарини нуқра, ки бо номи Кони Мансури калон машҳур аст, диққати ҷиддӣ додан лозим аст.

**Дӯстони азиз!**

Ташвишовар аст, ки бар замми касодии бозори дохилии истеъмол истеҳсоли молҳои мавриди ниёзи мардум низ бо суръати баланд кам мегардад. Истеҳсоли гӯшт—26 фоиз, шир—34 фоиз, равғани растанӣ—43 фоиз нисбат ба соли 1992 паст рафтааст. Ҳаҷми барориши пойафзол, матоъҳои абрешим, қолин ва дигар намудҳо ҳам хеле кам гашт.

Ҳамаи ин молҳое мебошанд, ки камбуди онҳо бевосита ба сатҳи зиндагии мардум таъсири манфӣ мерасонанд. Тааҷҷубовар аст, ки ҷумҳурӣ аз ашёи хоми худаш мардумро бо маҳсулоти зарурӣ таъмин карда наметавонад. То имрӯз ҳатто намакро аз хориҷа харида меорем. Магар ин айб нест?

Вазорати савдо ва захираҳои моддӣ, "Тоҷикматлубот" камҳавсалагӣ, бемасъулиятӣ зоҳир намуда, мушкилоти мардумро дар мавриди таъминот дучанд гардондаанд. То ҳол интизор мешаванд, ки ба онҳо фондҳои тайёр медиҳанду коршон фақат тақсими фонд мегардад. Ташаббусу дилсӯзӣ он тараф истад, ҳатто тартиботи оддитаринро дар кори нуқтаҳои савдо таъмин карда наметавонанд.

Вазоратҳои дахлдор то ҳол аз рӯҳияи туфайлихӯрӣ набаромадаанд. Ҳол он ки барои ривоҷи истеҳсоли бисёр намуди молҳои мавриди ниёзи мардум каме ташаббусу дилсӯзӣ басанда аст. Хоҷагии қишлоқ метавонад саноати коркардро бо ашёи хом таъмин намояд.

Чун сухан дар бораи хоҷагии қишлоқ рафт, мехостам дар ин маврид муфассалтар ҳарф занам.

Ҳамаи шумоён нағз дар хотир доред, ки ин масъала дар иҷлосияи ҳабдаҳуми Шӯрои Олӣ дар маркази диққати ҳамагон қарор гирифта буд.

Ҳамон вакт вазифа гузошта шуда буд, ки дар соҳаҳои растанипарварӣ давоми ду—се сол ва чорводорӣ дар муддати панҷ—ҳафт сол истеҳсоли маҳсулотро ба сатҳи солҳои 1986—1990 расонем. Дар сурати ҳалли ин масъала аҳолии ҷумҳурӣ бо озуқа таъмин мешуду саноат ба ашёи хом.

Бо ҳамин мақсад мувофиқи Қарори Раёсати Шӯрои Олӣ барои мавсими кишту кори баҳорӣ ба маблағи сӣ миллиард сӯм кредити имтиёзнок ва давоми сол боз 9,7 миллиард сӯми дигар ҷудо карда будем.

Иҷлосияи ҳабдаҳум Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро "Оид ба самтҳои асосии инкишофи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул намуд. Ҳукумати ҷумҳурӣ бо мақсади дар амал татбиқ намудани он як силсила қарорҳо ба табъ расонд, ки ҳамаи онҳо барои ҳарчи зудтар аз бӯҳрон баромадан, ислоҳоти соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ва ворид шудани он ба иқтисоди бозаргонӣ нигаронда шудаанд.

Чоруним миллиард сӯми қарзи колхозу совхозҳоро аз эътибор соқит дониста, нархҳои хариди яклухти маҳсулоти асосии хоҷагии қишлоқро баланд бардоштем.

Гумон доштем, ки ҳамаи ин чорабиниҳои роҳбарияти ҷумҳурӣ пастравии истеҳсолотро дар хоҷагии қишлоқ боз медорад. Мутаассифона, ин тавр нашуд. Таҳлили кори соҳаҳои комплекси агросаноатӣ дар соли 1993 аз он шаҳодат медиҳанд, ки хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои хизматрасони он ҳоло ҳам ба бӯҳрони амиқи иқтисодӣ гирифторанд.

Мувофиқи маълумоти пешакии Вазорати иқтисодуояндабинӣ маҳсулоти умумии хоҷаги қишлоқ дар сектори давлатӣ дар соли 1993 1,6 миллиард сӯмро бо нархҳои соли 1983 ташкил дод. Мутобиқан маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ нисбат ба соли 1992 қариб ду фоиз ва соҳаи чорводорӣ зиёда аз 12 фоиз кам гаштааст.

Маълум аст, ки ба пастравии истеҳсолот сабабҳои объективӣ низ таъсир расонданд. Номусоидии боду ҳаво, боронҳои сел, жола, хунукиҳо дар аввали мавсим ба хоҷагии қишлоқ зиёни сахт оварданд.

Вале роҳбарияти вазорати хоҷагии қишлоқ, ташкилотҳо ва муассисаҳои хизматрасони он, роҳбарони вилояту ноҳияҳо, хоҷагиҳо дар ташкили кор, сафарбар намудани аҳолӣ ва дигар чорабиниҳо ба фориғболӣ роҳ доданд.

Бо ҳамин сабабҳо кишти зироати асосии ҷумҳурӣ—пахта сад рӯз ва ҷамъоварии ғалла панҷ моҳ кашол ёфт. Магар ин беинсофӣ нест!

Як мисоли равшан меорам, ки бисёр корҳо аз маҳорату кордонии роҳбарон, азму талоши деҳқонон вобаста аст. Хоҷагиҳои ноҳияҳои Ғарму Комсомолобод нисбат ба хоҷагиҳои ноҳияҳои Ҷирғатолу Тоҷикобод ду баробарӣ камтар ҳосили картошка гирифтанд. Чаро? Магар аз ҷиҳати шароит байнашон фарқе ҳаст? Албатта, не.

Беҳуда халқ чунин ҳикматро намегӯяд: "Ба кордон—кор осон"

**Дӯстони гиромӣ!**

Дар madди назари ҳамаи мо имрӯз масъалаи хеле зарур ва ҳалталаб бояд масъалаи таъминот бо ғалла бошад. Тавре кор кунем, ки истеҳсоли ғалладонаро зиёд намоем.

Чанд бор гуфтам ва боз таъкид карданиам, ки дар гузаштаи начандон дур мардуми мо ғаллаашро ба фурӯш мебаровард. Ҳоло бошад қисми зиёди даромади ҷумҳурӣ барои харид ва овардани ғалла аз мамлакатҳои гуногун сарф мешавад.

Барои мардуми ҷумҳуриамонро бо ғалла таъмин намудан тақрибан якуним миллион тонна ғалла дар як сол зарур аст. Ҳар сол мо маҷбур ҳастем, ки бо ин мақсад қариб 250 миллион доллари амрикоӣ сарф кунем. Қариб тамоми даромад аз фурӯши нахи пахта ва алюминий ба хариди ғалла равона карда мешавад. Магар бо чунин аҳвол мо иқтисодиётро инкишоф дода метавонем?

Бинобар ин вазифа гузошта шудааст, ки то солҳои 2000-ум истеҳсоли гандумро дар худи ҷумҳурӣ ба 850 ҳазор тонна расонем. Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин маврид барномаи махсус ҳам қабул карда буд.

Соли гузашта майдони кишти ғалларо то 290 ҳазор гектар зиёд кардем. Мақсад буд, ки 470 ҳазор тонна гандум ҳосил мегирем, вале ҳамагӣ ба анборҳо 252 ҳазор тонна ворид шуд. Ягон ноҳия, ягон вилоят аз ӯҳдаи иҷрои нақша набаромад. Ҳосилнокии ҳар гектари ғаллазор бениҳоят кам шуд.

Хоҷагиҳои ноҳияҳои Варзоб, Шаҳринав, Комсомолобод, Турсунзода ва ноҳияҳои вилояти Хатлон аз ҳама дида ҳосили пасти ғалладона гирифтаанд, ки ин ҳам таҳлили худро талаб мекунад.

Хочагиҳои вилояти Хатлон ба ҷойи 33 ҳазор тонна ҳамагӣ ёздаҳ ҳазор тонна галла ба давлат супоридаанд. Хочағиҳои вилояти Ленинобод ҳашт ҳазор тонна ба давлат ғалла фурӯхтанду халос.

Барои он ки камбудиҳои дар боло зикр шуда боз такрор нашавад, вазорату идораҳои ба ин кор мутассадӣ фикру мулоҳизаҳои худро оиди додани фонди орд ба ноҳияҳо ва вобаста намудани онро ба иҷрои нақшаи фурӯши ғалла ба Шӯрои Вазирон пешниҳод намоянд.

Маълум аст, ки аз нарасидани сӯзишворӣ кишти тирамоҳӣ анҷом наёфт. Деҳқонон бояд заминҳои боқимондаро аз ҳисоби кишти баҳорӣ истифода намоянд.

Имсол тамоми чораҳоро дидан зарур аст, ки ҳаҷми истеҳсоли ғалла ба 600 ҳазор тонна расонда шавад.

Зарурат пеш омадааст, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсоли шолиро низ зиёд кунем. Натиҷаҳои соли гузашта дар ин соҳа хуб набуданд. Сохтори наве, ки соли 1993-юм дар дохили Вазорати кишоварзӣ бо номи "Тоҷикрис" тавлид ёфт, бояд дар солҳои наздик ба он муваффақ гардад, ки истеҳсоли ин зироат васеъ ба роҳ монда шавад. Барои ин ҳамаи шароитҳо ҳастанд.

Чаро мо аз заминҳои бекорхобида, аз мавзеъҳои доманакӯҳ истифода набарем? Деҳқони мо қодир аст, ки дар сурати оқилона истифода бурдани заминҳои обӣ то ду—се ҳосил ҷамъоварӣ намояд.

Соли гузашта барои пахтакорони ҷумҳурӣ бениҳоят соли душвор буд. Ба ғайр аз ноҳияҳои Қубодиён, Турсунзода дигар ягон ноҳияву вилоят аз ӯҳдаи нақшаи пахтасупорӣ набаромад. Ҳазорҳо ташаккур ба мардони майдони Қубодиёну Турсунзода!

Дар ҷумҳурӣ ба ҷойи 750 ҳазор тонна пахта ҳамагӣ 520 ҳазор тонна ҷамъоварӣ карда шуду халос.

Имсол бояд аз камбудиҳои соли гузашта хулоса бароварда, дар вақти тайёрӣ ба кишти пахта, махсусан ба сифати чигити пахта аҳамият додан зарур аст. Ба оғози кишту кори баҳорӣ дар заминҳои обӣ рӯзҳои башумор мондааст. Чунон ки аз ин пеш дар машварат дар шаҳри Қӯрғонтеппа гуфта будем, ба ҳеҷ сурат ба он набояд роҳ дод, ки замини пахта кам карда шавад. Тамоми чораҳоро андешидан зарур аст, ки ҳаҷми истеҳсоли пахтаро оянда ба 850-900 ҳазор тонна расонем. Пахта халқи моро ҳам мехӯронаду ҳам мепӯшонад.

Вазъияти соҳаи муҳими дигар, ки роҳбарияти ҷумҳуриро ба ташвиш овардааст, соҳаи чорводорӣ мебошад. Вазифа гузошта шудааст, ки солҳои наздик саршумори чорво ва зоти онро барқарор кунем.

Ба душворию норасоиҳо нигоҳ накарда, дар ҷумҳурӣ хоҷагиҳое ҳастанд, ки дар ин соҳа натиҷаҳои хуб ба даст овარданд. Аз ҷумла, хоҷагиҳои ноҳияҳои Турсунзода ва Ҳисор истеҳсоли гӯштро дар сатҳи соли 1992-юм нигоҳ дошта, чорводорони колхози ба номи Ленини ноҳияи Расулови вилояти Ленинобод нақшаи истеҳсоли маҳсулоти чорворо пеш аз мӯҳлат иҷро карданд. Таҷрибаи ин қабил хоҷагиҳо бояд мавриди омӯзиш қарор гирад.

Ҳолати чорводорӣ дар ҷумҳурӣ боз аз он ҷиҳат ташвишовар аст, ки саршумори чорво торафт кам шуда истодааст. Соли 1993 нисбат ба соли 1992 саршумори чорвои шохдор ба миқдори 169 ҳазор сар кам гаштааст. Паррандапарварон шаст фоизи паррандаи будагиро аз даст доданд.

Биёед, дар ин бора як андеша кунем. Наход мо бо дасти худамон як соҳаи муҳимеро, ки рӯзгори моро обод месозад, аз байн барем. Чаро назорат суст шудааст? Шӯъбаҳои дахлдори Шӯрои Вазирон, Вазорати хоҷагии қишлоқ, ташкилотҳои ба ин соҳа вобаста бояд кайҳо бонги хатар мезаданд, барои ислоҳи ин камбудӣ чораҳои амалӣ меандешиданд.

Вазифаи асосии кишоварзон дар навбати аввал таъмин намудани сокинони ҷумҳурӣ бо меваю сабзавот, картошкаю маҳсулотҳои полезӣ мебошад. Вале дар ин бобат ҳам пастравии истеҳсолот мушоҳида мешавад. Ҳосилнокӣ ба тадриҷ поён меравад, ҳаҷми истеҳсоли меваю ангур кам шуда истодааст. Ба фикрам, факту рақамҳои ин соҳаро дар ин ҷо овардан ҳоҷат надорад, вале барои тақвияти ин фикр ду—се рақамро овардани ҳастам. Фурӯши мева ба давлат 39 ҳазор тонна буд, ки ин баробари 41 фоизи супориши давлатӣ мебошад ва ангур мутаносибан 54,7 ҳазор тонна, яъне 40,8 фоизро ташкил медиҳаду халос.

Ҷумҳурие, ки сесад рӯзи офтобӣ ва тамоми шароитҳоро барои ривоҷи боғу токдорӣ дорад, аз ҷиҳати истеъмоли меваҷот яке аз ҷойҳои охирро мегирад. Бо чунин ҳолат муросо набояд кард.

Ҳатто дар ҳамин мисол ҳам оина барин равшан мешавад, ки мо то имрӯз ба қадри обу замини Ватанамон, иқлими мусоид ва меҳнати ҳалол нарасидаем. То имрӯз як қисми мардум ба он умед мебанданд, ки аз ягон ҷойи дигар ба онҳо маҳсулоти тайёр мефиристанд. То ҳол бо чунин ҳақиқат муросо кардан намехоҳанд, ки дигар “Марказ” вуҷуд надорад ва масъалаҳои ҷойдоштаро фақат худи мо бояд ҳал намоем.

Акнун ҳаёту мамоти ҷумҳурӣ ба дасти худамон аст. Чӣ тавре ки меҳнат кунем, ҳамон хел зиндагӣ ба сар мебарем. Мустақил будан хеле душвор аст ва аз ҳар як шаҳрванд меҳнати ҳалолу дили софро тақозо дорад.

Акнун замоне расидааст, ки ба пойдевори хонаи мустақилият сохта истодаамон ҳар як хиштро чунон гузорем, ки ин хонадон аз ҳар ҷониб мустаҳкам, обод, ором бошад.

Барои ободию зебоии ин хонадон аз коргар то роҳбар бояд масъулияти шахсиашро дар назди ҳукми таърих эҳсос кунад. Ояндагон, албатта, ба қадри ранҷу азоб, заҳмату меҳнати мо барои бунёди Тоҷикистони соҳибистиқлол хоҳанд расид.

**Рафиқони азиз!**

Рушду нумӯи иқтисодиётро ҳолати тараққиёти индустрияи сохтмонӣ муайян мекунад. Мутаассифона, ин соҳаи муҳим торафт ба бӯҳрони амиқ гирифтор мешавад. Соли гузашта аз рӯйи истеҳсоли тамоми намудҳои маҳсулоти саноатӣ, масолеҳи бинокорӣ ва индустрияи сохтмон пастравии зиёд мушоҳида карда шуд. Истеҳсоли семент, материалҳои деворӣ, нисбат ба соли 1992 40—50 фоиз, чӯбу тахта дую ним, линолиум се баробар кам карда шуд. Иқтидорҳои истеҳсолии корхонаҳои соҳаҳои мазкур ҳамагӣ 20—40 фоиз истифода шуданд.

Камшавии маблағгузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ мушоҳида мешуд. Ғайр аз ин, бо сабаби **касри буҷет**, додани фондҳои асосӣ кам гаштанд. Аз 22 объекти муҳимтарин, ки соли гузашта бояд ба истифода дода мешуданд, ҳамагӣ чортоаш ба кор даромад. Инҳо заводи нони Хуҷанд, фабрикаи ресмонресии иттиҳодияи саҳҳомии “Қолинбоф”, хати таҷрибавии истеҳсолии сехи анодбарории заводи алюминий ва сехи тасфияи тиллои иттиҳодияи “Востокредмет” мебошанд.

Умуман, соли гузашта ба маблағи 147,7 миллиард сӯм корҳои сохтмонӣ аз худ карда шуд. Аз ин маблағ фақат 36,7 миллиард сӯм фондҳои асосӣ ба кор даромад. Яъне 75 фоизи маблағгузорӣ ба сохтмони нотамом рост меояд.

Соли гузашта барои сохтмони объектҳои иҷтимоӣ қариб 58 миллиард сӯм ҷудо карда шуда буд. Аз ин ҳисоб зиёда аз 380 ҳазор метри мураббаъ манзил, мактабҳои маълумоти умумӣ барои 18 ҳазор хонанда, муассисаҳои томактабӣ барои 1080 ҷой, касалхонаҳо барои ҳазор кат ва ғайраҳо сохта ба истифода дода шуданд.

Бо вуҷуди ин, дар ин маврид низ вазъият чандон хуб нест. Дар ҳамаи соҳаҳои иҷтимоиёт, ки дар боло номбар кардем, нақшаҳои аз худ кардани маблағҳо иҷро нашудаанд. Хусусан, кумиҷроияҳои шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб ба нафомонӣ роҳ додаанд.

Корҳои барқароркунӣ дар вилояти Хатлон давом доранд. Сию як миллиард сӯм маблағи ҷудокардашуда пурра истифода шуд. Аз 1221 объекти харобшуда 567—тоаш барқарор гашт. Аз ҷумла, мактабҳо барои 2358 хонанда, касалхонаҳо барои 169 кас, поликлиникаҳо аз нав ба кор даромаданд. Аз 31 купрӯки таркондашуда 14-тоаш ба истифода дода шуд.

Аммо бояд қайд намуд, ки дар вилояти Хатлон ба истифода додани манзил комилан ғайриқаноатбахш аст. Ҳамагӣ 67 ҳазор метри мураббаъ ба истифода дода шудааст, ки ин баробари 50 фоизи нақша мебошад.

**Рафиқон!**

Ҳамагон медонанд, ки вазъи буҷети ҷумҳурӣ дар чи ҳол қарор дорад. Ба ин нигоҳ накарда, вазорату муассисаҳо, кумиҷроияҳои Шӯрои депутатҳои халқ рӯйхати сохтмони объектҳоро зиёд мекунанд. Дар натиҷа шумораи объектҳои сохтмонашон нотамом меафзояд.

Ба фикрам, солҳои наздик мо маҷбур ҳастем, ки аз бунёди объектҳои нави истеҳсолӣ аз ҳисоби буҷет даст кашем, ба ғайр аз он объектҳои бениҳоят муҳим, ки Шӯрои Вазирон масъалаи сохтмони онҳоро алоҳида ҳал мекунад.

Чанд сухан дар бораи муносибатҳои иқтисодии хориҷиамон. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёда аз сӣ давлати дури хориҷӣ тиҷорати иқтисодӣ дорад. Соли гузашта гардиши беруна ба 638 миллион доллари амрикоӣ расид.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷа собит менамояд, ки асоси пурмаҳсул гаштани савдои беруна афзудани иқтидори содироти мамлакат аст. Маҳз тавассути ташаккули структураи оқилонаи содиротӣ ва афзудани ҳаҷми он давлатҳои бонуфузи хориҷӣ дар инкишофи иқтисодиёташон ба комёбиҳои чашмрас ноил гаштаанд. Афсӯс, ки содироти имрӯзаи Тоҷикистон асосан аз пахтаю алюминий иборат аст. Соли гузашта 97 фоизи ҳаҷми содирот аз ҳисоби ҳамин ду маҳсулот буд.

Моро зарур аст, ки иқтидори содироти иқтисодиёти ҷумҳуриамонро мустаҳкам созем. Соли гузашта воридот нисбат ба содирот 112 миллион доллари амрикоӣ зиёд буд. Ин тамоюли манфӣ ва хеле ноdensматлуб аст.

Имкониятҳои дар ин бобат вазъиятро беҳ кардан мавҷуданд. Гирем ҳамон алюминийро. Магар мумкин нест, ки онро ба шакли маҳсулоти тайёр барорем. Ба ҷойи баровардани консентрати металлҳои ранга ва гаронбаҳо истеҳсолоти онҳоро ба роҳ монем, ки дар шакли маҳсулот дар хориҷа харидорони зиёд пайдо мекунад.

Инчунин аз ҳисоби беҳтар кардани сифати матоъҳои пахтагину абрешимӣ, молҳои трикотажӣ, ҳаҷми содиротро афзудан мумкин аст. Парвариши навъҳои махсуси ангур ва аз онҳо тайёр кардани майҳои босифат барои хориҷа аз қабили ҳамин гуна чорабиниҳост.

Хулоса, Шӯрои Вазирон дар бобати афзудани иқтидори содироти ҷумҳурӣ як барномаи муфассал ва воқеӣ бояд қабул кунад.

То ҳол дар бобати масъалаҳои содироту воридот низому тартиби муайян вуҷуд надорад. Барои тасдиқи гуфтаи мазкур як мисоли мушаххас меорам.

Соли 1993 фақат 27 ширкату кооперативи тиҷоратӣ мувофиқи шартномаҳояшон аз ҷумҳурӣ ба маблағи 315 миллион доллари амрикоӣ маҳсулоти гуногун баровардаанд. Ба ивазаш то имрӯз ба ҷумҳурӣ ягон хел мол ворид нашудааст.

Шумо медонед, ки дар иҷлосияи ҳаждаҳуми Шӯрои Олӣ ба мақомоти маъмурӣ ва дигар вазоратҳои дахлдор супориш додем, ки фаъолияти ҳамин хел ширкатҳоро таҳлил намуда, ба иҷлосияи навбатӣ маълумот диҳанд.

Ман итминон дорам, ки маҳз чунин муассисаҳо ба ноороми ва бесарусомонӣ дар ҷумҳурӣ манфиатдор ҳастанд. Шиори ин қабил шахсон яктост: “гур сӯзаду дег ҷӯшад”.

Шояд онҳо дар структураҳои ҳукумату давлат ва мақомоти маъмурӣ ҳомиёни худро дошта бошанд. Набошад, чи гуна мешавад, ки онҳо ин қадар молро мебароранду касе дар ҳаққи онҳо ягон чора намебинад.

Ҳоло ман пешакӣ хулоса баровардан намехоҳам. Умедворам, ки комиссияи махсуси Додситонии ҷумҳурӣ ба фаъолияти чунин роҳбарон баҳои қонунӣ медиҳад. Халқ бояд донад, ки киҳо ба тороҷу ғорат машғуланд.

Ман бо ин гуфтанӣ нестам, ки ҳамаи соҳибкорони мо ба зиёни ҷумҳурӣ кор мекунанд. Бисёр соҳибкорони дилсӯзи ҷумҳурӣ ба корҳои хайрия даст мезананд. Як қатор ширкату фирмаҳои тоҷикистониҳо дар шаҳрҳои марказии Федератсияи Россия ва дигар ҷумҳуриҳои бародар бомуваффақият фаъолият намуда истодаанд ва дорои сармояи кам ҳам нестанд.

Умед дорем, ки онҳо инвеститсияҳои худро ба ҷумҳурӣ равон карда, дар рӯзҳои душвор мадагори халқи худ мешаванд.

Мо бояд воқеиятро ба инобат гирем. Ҳозир ширкату фирмаҳои сершуморе мавҷуданд, ки ба савдои беруна машғул ҳастанд. Ва ин ягон бадӣ надорад. Баръакс, он ширкату фирмаҳое, ки молҳои мавриди ниёзи мардум ба ҷумҳурӣ ворид мекунанд, шоистаи таҳсину дастгирианд.

Аммо, чунон ки дар боло мисол овардем, ҳоло ҳам қисми муайяни ширкату фирмаҳо моли зиёд мебароранду фоидаашонро дар бонкҳои давлатҳои дигар мемонанд. Хуллас, аз беназоратӣ истифода бурда, пинҳонию ошкоро давлатону қаллобон боигарии ҷумҳуриро бурда истодаанд.

Бинобар ин кумитаҳои дахлдори Шӯрои Олӣ, Шӯрои Вазирон, вазоратҳои масъул, муассисаҳои илмӣ бояд доир ба амнияти иқтисоди ҷумҳурӣ барномаи мушаххас таҳия ва пешниҳод намуда, иҷрои онҳоро таъмин созанд.

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Мехостам дар бораи иҷрои буҷет дар соли 1993 ва умуман вазъи молиявии ҷумҳурӣ чанд сухан гӯям.

Аввалан, бояд гӯям, ки пастравии сатҳи истеҳсолот, равандҳои бекурбшавии пул, канда шудани робитаҳои иқтисодӣ иҷроиши буҷетро халалдор карданд. Ба қисми даромади буҷет соли гузашта 177,1 миллиард сӯм ворид шуд, хароҷот бошад 329,1 миллиард сӯмро ташкил намуд. Ҳамин

тавр **касри** буҷет 152 миллиард сӯм, ё худ ба 24,1 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти дохилӣ баробар шуд.

Барои пӯшондани **касри** буҷет Бонки миллӣ 229,7 миллиард сӯм ҷудо кард.

Хароҷотҳои соҳаҳои хоҷагии ҳалқ аз ҳисоби буҷет 36 фоиз ва соҳаҳои иҷтимоиёт 31 фоизро ташкил дод.

**Касри** буҷет агар камтар мешуд, ҳар ҳафтум корхонаи давлатӣ зиёновар кор намекард. Бар замми ин, корхонаҳо қарзи ҳамдигариро сари вақт пардохт намекунанд, ки ин ҳам дар ниҳояти кор ба буҷет зиёни калон расонд.

Аз ибтидои сол бо фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пулҳои барориши солҳои 1961—1992-ро аз муомилот баровардем. Тибқи мувофиқатнома аз Федератсияи Россия маблағи муайяни пулҳои барориши соли 1993-ро ба ҷумҳурӣ овардем.

Ин чорабинӣ имкон дод, ки нархҳо то андозае арзон шаванд. Аммо як тамоюл ташвишовар аст. Бо сабабҳои камбуди маводи хӯрокаю либос дар мағозаҳои давлатӣ миқдори ками пул ба бонкҳо пас мегарданд.

Вазоратҳои дахлдор ва Тоҷикматлубот бо ҳамроҳии бонкҳо бояд сари вақт пеши ин раванди номатлубро гиранд. Ба минтақаи рубл дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ин як амри воқеист. Бо имони комил изҳор медорам, ки ба ин кор пеш аз ҳама худи мо манфиатдор ҳастем ва ин ба ҳеҷ ваҷҳ мустақилияти сиёсии Тоҷикистонро маҳдуд намесозад.

Дар бораи кредит ва қарзҳои хориҷии ҷумҳуриамон. Соли гузашта барои тараққиёти иқтисодиёт заёда аз 920 миллиард сӯм кредит равона карда шуда буд. Илова бар ин, мо аз Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил 170 миллиард сӯм кредити техникӣ гирифтем, ки аз ин 138,5 миллиардаш ба Федератсияи Россия рост меояд.

Ҳамчунин соли гузашта давлатҳои дури хориҷӣ ба ҷумҳурӣ 136 миллион доллари амрикоӣ кредит ҷудо карданд.

Афсӯс, ки то ҳол мо кредитҳои гирифтаро оқилона ва босамар истифода бурда наметавонем. То имрӯз як механизми томи назорат ва истифодаи қарзҳо вуҷуд надорад. Бонки миллӣ, Вазорати молия дар ин бобат бояд ба Шӯрои Олӣ пешниҳодҳои мушаххас кунанд.

Ба наздикӣ сохтори нави Шӯрои Вазирон ва ҳайати Ҳукуматро тасдиқ кардем. Боварӣ дорем, ки ҳайати нави Шӯрои Вазирон тамоми кӯшишу ғайраташонро ба ҳалли

масъалаҳои иқтисодӣ равона намуда, ҳамаи инро вазифаи аввалиндараҷаи худ қарор медиҳанд.

Ҳамин тариқ, иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳолати хеле вазнин гирифтор аст. Ноумед набояд шуд. Роҳи наҷот мавҷуд аст. Чунон ки дар суханрониам дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олӣ гуфта будам, ин шоҳроҳи иқтисоди бозоргонӣ аст. Чунин тарзи хоҷагидорӣ неруи меҳнатию эҷодкории мардумро мекушояд, рӯҳияи туфайлихӯриро барҳам мезанад, соҳибкориро инкишоф медиҳад.

Вале механизмҳои иқтисоди бозоргонӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолиро чандон дар назар надоранд. Бинобар ин мо аз ибтидо гуфтем, ки чашмро пӯшида худро ба гирдоби иқтисоди бозоргонӣ зада наметавонем. Дар ин маврид таърих, маданият ва анъанаҳои халқро сарфи назар кардан мумкин нест.

Мо ҷонибдори давра ба давра гузаштан ба чунин тарзи хоҷагидорӣ ҳастем. Давлат вазифадор аст, ки дар ин муддат ҳифзи иҷтимоии нафақахӯрон, маъюбон, донишҷӯён, умуман ҳифзи табақаҳои камбизоатро ба зимма гирад.

Масъалаи умдатарини ин тағйироти куллӣ, созмон додани иқтисодиёти гуногуншаклу гуногунмоликият мебошад. Моҳияти иқтисоди бозоргонӣ дар ҳамин аст. Вале ин маънои онро надорад, ки корхонаю муассисаҳои давлатӣ дар муддати кӯтоҳтарин хусусӣ гардонда мешаванд. Ин гумони ботил аст.

Мақсади хусусигардонӣ пур кардани буҷети ҷумҳурӣ нест. Ҳарчанд ин ҳам муҳим мебошад. Ҳадафи аслӣ аз он иборат аст, ки фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои иқтисодиётро босамар гардонем.

Бинобар ин ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонӣ бояд ҳатман дар асоси барномаҳои пухтаю амиқ таҳияшуда сурат гиранд. Чунин барномаҳо пеш аз ҳама манфиати ҳамаи коллективҳои меҳнатиро дар мадди назар дошта бошанд. Ва ниҳоят, рафти онро давлату ҷамъият бояд таҳти назар гирад.

Кумитаи давлатии амволи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо консерну ассотсиатсияҳо ва ҳукумати маҳаллӣ рӯйхати чунин объектҳоро муайян намуда истодаанд. Ба фикрам, ин равандро ба маъракаи пурҳаёҳӯйи навбатӣ табдил додан лозим нест.

Дар навбати якум, корхонаю муассисаҳои зиёновар, нуқтаҳои савдо, хӯроки умумӣ ва соҳаи хизматрасониро хусусӣ гардонем. Ҳамин корро ҳам дидаю санҷида амалӣ намоем, то ки зиёнаш ба мардум нарасад.

Иштибоҳе маъмул аст, ки моликияти хусусиро бояд аз ҳисоби сектори давлатӣ барпо кунем. Беҳтар намебуд, ки дар асоси қонуну қарорҳои одилона, кредитҳои имтиёзнок ба сектори хусусӣ имкон диҳем, ки инкишоф ёбад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин мавриди вазорату бонкҳои ҷумҳурӣ фаъолияти худро оид ба ҷалб намудани инвеститсияи хориҷӣ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ қатъиян ҷоннок намоянд.

Корхонаю муассисаҳое, ки соҳаҳои асосиро ташкил медиҳанд, бояд аввал ба иҷора ва ё моликияти коллективӣ гузаронда шаванд. Соҳаҳои стратегӣ бошанд, ба ақидаи ман, бояд дар дасти давлат қарор гиранд.

Имрӯз меҳнаткашони ҷумҳурӣ бояд донанд, ки вазифаи асосии мо боздоштани пастравии истеҳсолот ва афзудани истеҳсоли ҳаҷми маҳсулот дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ мебошад. хусусан, дар соҳаи хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои хизматрасони он. Инкишофи комплекси агросаноатӣ муҳимтарин звенои сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Сектори аграрӣ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ нақши ҳалкунанда мебозад.

Имрӯз аз се ду ҳиссаи аҳолӣ дар деҳот умр ба сар мебарад. Сию панҷ фоизи даромади миллӣ аз ҳисоби соҳаи кишоварзӣ аст.

Бори дигар таъкид мекунам, ки дар бораи роҳҳо ва усулҳоиислоҳоти замин якҷо ва ҷиддӣ фикр кунем. Замин боигарии асосии мост. Оё онро хусусӣ кардан мумкин аст? Бисёр олимон ва хоҷагидорони мо бар ин ақидаанд, ки дар шароити Тоҷикистон ба ин кор набояд роҳ диҳем.

Ба назарам, моликияти давлатиро ба замин нигоҳ дошта, шаклҳои иҷоравиро ривоҷ диҳем, бо мақсад мувофиқ мебуд. Ба деҳқонон ҳатто иҷораи якумраро бо ҳуқуқи мерос мондани замин иҷозат диҳем.

Шаклҳои ташкили меҳнатро бошад худи деҳқонон интихоб намоянд. Вобаста ба шароит, маҳал ва табиат шаклҳои коллективӣ, оилавӣ, хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ ривоҷ дода шаванд. Дар худи колхозҳо иҷораи дохилиро инкишоф додан лозим аст.

Ба кумитаҳои иҷроияҳои Шӯроҳои депутатҳои халқӣ тавсия додем, ки ба хоҳишмандон аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва доманакӯҳ якгектарӣ ва мувофиқи шароит аз ин ҳам зиёд замин ҷудо кунанд, участкаҳои наздиҳавлигиро мувофиқи имконият дубаробарӣ зиёд намоянд. Рафти иҷрои ин супориш на дар ҳама ҷо дуруст ба роҳ монда шудааст.

Бе овардани рақамҳо низ ба ҳама маълум аст, ки хоҷагиҳои наздиҳавлигӣ, хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ ҳосилнокии меҳнаташон хеле бештар аст. Роҳбарони кумиҷроияҳо, колхозҳою совхозҳо вазифадоранд, ки ба афзудани чунин шаклҳои нави хоҷагидорӣ ҳарҷониба мусоидат намоянд.

Дар давраи гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ давлат бояд ба кори иқтисодиёт фаъолона таъсир расонда, роҳу равиши онро муайян намояд. Дар дунё ягон мамлакате нест, ки дар он танзими давлатии иқтисодиёт вуҷуд надошта бошад.

Бинобар ин дар назди мо вазифаи муҳим истодааст, ки идорашваии иқтисодиётро барқарор созем. Ман пеш аз ҳама дар назар дорам масъалаи нархгузориро. Албатта, нархҳои озод як шарти муҳими ривоҷ ёфтани иқтисоди бозаргонӣ аст Вале дар ҳолате, ки сатҳи зиндагии мардум торафт паст мегардад, хавфи ба гурӯҳҳо тақсим шудани ҷамъият вуҷуд дорад, масъалаи муайян кардани нарху навои озуқаворӣи асосӣ бояд дар дасти давлат қарор гирад.

Ба наздикӣ бо қарори Шӯрои Вазирон нархҳои муваққатии танзимшаванда барои гӯшти парранда, равғани растанӣ, биринҷ, тухм, шакару собун муайян шуд. Умедворем, ки чорабинии мазкур вазъияти нархҳоро беҳтар месозад.

Имсол мо бо ҳар воситае, ки набошад, бояд ба кори иқтисодиёт андаке беҳбудӣ бахшем. Ба мо лозим меояд, ки мушкилиҳои иқтисодиро бо масъалаҳои сиёсӣ баробар ҳаллу фасл намоем. Моро зарур аст, ки на танҳо, таҳкурсии иқтисодӣ, балки таҳкурсии давлати тозабунёдамонро гузорем.

Бо дарназардошти ҳамаи ин имрӯзҳо лоиҳаи Қонуни Асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода мешавад. Дар он аз нигоҳи қонун шакли идоракунӣ, салоҳияти мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон муайян ва доираи татбиқи онҳо танзим карда мешаванд.

Меҳоҳам моҳияти сиёсати имрӯзаи давлату ҳукумати Тоҷикистонро ба шумо тафсир кунам. Мо сиёсат ва шоҳроҳи сиёсии давлати худро бар асоси ормонҳо ва ниёзҳои муҳимтарини инсонӣ барниҳодаем. Ин ҳеҷ гуна доктрина ва ё таълимоти печидаву дур аз фаҳмишу табиати одамӣ нест.

Мо барои худ нуктаи оғози ҳар фаъолиятамонро, ҳар амалу ташаббусамонро нафъу суди умдаи ҳар як инсони ҷомеаи худ интихоб намудем. На гурӯҳ, на маҳал, на манфиатҳои синфу ҳизбҳои алоҳида, балки фақат ниёзи ҳар як инсон, нафъу суди вай.

Мардум ба хотири амният, осоишу оромиш ва хушбахтиаш давлату ҳукумат ташкил мекунад. Ва табиист, ки сиёсату усулеро дар давлатдорӣ дастгирӣ менамояд, ки ин ниёзҳои оддитарини ӯро таъмин созад, барои ҳаёту фаъолияташ шароит таъмин намояд.

Халқи Тоҷикистон ба хубӣ дарк намуд, ки бе раҳнамоии оқилона ва ҳукумати фаъолу пурқувват ба сӯйи бадбахтиву касодӣ, бӯҳрону шикаст ва парокандагиву нестӣ кашида мешавад. Бори дигар боварӣ ҳосил намуд, ки танҳо зиндагии фаъолона метавонад ҷамъияташро аз бӯҳрону касодиҳо ва кашмакашиҳои харобиовар раҳоӣ бахшад.

Ҳеҷ гуна бетарафиҳо, ҳеҷ гуна интизориҳою фурсатпойиҳо ӯро аз вартаи ҳалокат, аз хатари ҷону мол дур нигоҳ намедорад.

Роҳбарият ба хубӣ дакр мекунад, ки бе иштироки фаъолонаи ҳар як шаҳрванд дар соҳаҳои мухталифи хоҷагидорӣ, бе хоҳишу ирода ва талошҳои ӯ муваффақ шудани миллат ба комёбиву комронӣ номумкин аст.

Ҳар фарди Тоҷикистон, новобаста аз маҳалу мазҳабаш, бояд худро масъули авзои ҷамъият донад. Ман халқи Тоҷикистон гуфта, намояндагони тамоми миллату халқиятҳои ҷумҳуриро дар назар дорам. Тоҷикистон хонадони ҳар яки мову шумост.

Ҷамъиятҳои миллии русҳо, ӯзбекҳо, қирғизҳо, туркманҳо, арманҳо, гурҷиҳо, яҳудиён, кореягиҳо ва дигар халқҳо дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии ҷумҳурӣ фаъолона ширкат менамоянд. Давлат барои пешрафти забону маданияти онҳо бояд шароит муҳайё созад.

Осмон бо моҳу ситораҳояш зебост. Бинобар ин итминон дорам, ки бо оромии сиёсиву иқтисодӣ раванди кӯч бастани

одамон аз Ҷумҳурии Тоҷикистон кам мегардад. Тоҷикистон, ки худ зодаи дӯстии халқҳост, мардумаш ҳам ба қадри дӯстӣ мерасад.

Биёед мардумро ба муттаҳидӣ барои ниятҳои нек, барои тараққиёти Ватани азизамон даъват кунем.

Тақдири одамон бо он қонунҳо, дастурҳо ва усули ҳукуматдорӣ, ки аз тарафи вакилонаш дар парлумону ҳукумат сохта ва тасдиқ мешаванд, сахт вобаста аст.

Тақдирамон дар дасти худи мост. Ва тақдирҷунбонро низ худ интихоб мекунем. Тақдири ояндаи мо, аз он дам, ки ба касе овозамонро додаем, интихобаш кардаем, дар дасти ӯ қарор мегирад. Боз нашавад, ки гӯем: "Аз мост, ки бар мост".

Ман диққати шумоёнро беасос ба масъалаи интихобот равона накардам. Аз Изҳороти сиёсии Сарвари давлат дар иҷлосияи ҳаждаҳуми Шӯрои Олӣ бохабаред.

Имсол аз ҳар ҷиҳат дар ҳаёти кишвари мо соли сарнавиштсоз ҳаст. Халқи Тоҷикистон ба воситаи раъйпурсии умумӣ Конститутсияи навро қабул мекунад, Парлумони нави камшумори касбиро интихоб менамояд. Роҳбари давлаташро муайян месозад. Имсол мо ояндаи худ, ояндаи кишвар, ояндаи фарзандонамонро интихоб мекунем.

Ман боварӣ дорам, ки ватандорони бурунмарзии мо дар ин маъракаҳои муҳимтарини сиёсӣ фаъолона ширкат менамоянд. Тамоми имкониятҳоро ба кор хоҳем бурд, ки барои ин тамоми шароитҳо муҳайё карда шавад. Барои дастҷамъии миллат, ободии кишварамон мо ҳарчи зудтар ҳамватанони фирориамонро ба Ватан баргардонем, то ки онҳо дар бари хешу табор, ёру бародарашон ҳаёт ба сар баранд, қадршиноси тозаи обу хоки Ватанашон бошанд.

Соли 1993 дар кори барқарор ва мустаҳкам намудани робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои хориҷӣ ба мо муяссар гардид, ки бо дарназардошти мавқеи сиёсию ҷуғрофии кишвар, манфиатҳои миллӣ ва як қатор омилҳои муҳими дигар самтҳои асосии сиёсати хориҷиамонро ба таври умумӣ муайян созем. Оид ба масъалаҳои сиёсати берунӣ дар маърӯзаам дар иҷлосияи ҳаждаҳуми Шӯрои Олӣ муфассал гуфта гузашта будам.

Шумо хабар доред, ки чанд рӯз пеш дар Тошканд мулоқоти Сарони Ҷумҳурии Тоҷикистону Ҷумҳурии Ӯзбекистон сурат гирифт. Гуфтушуниди мо, ки дар фазои

дӯстӣ, бародарӣ ва якдигарфаҳмии том гузашт, натиҷаҳои хуб дод.

Натиҷаҳои пурсамари мулоқоти мо ва созишномаи ҳамкории тиҷоратӣ ва иқтисодӣ, ки мо бо Раиси Ҷумҳури Ӯзбекистон мӯҳтарам Ислом Каримов имзо кардем, робитаҳои моро бо ин кишвари бародару ҳамсоя ба пояи сифатан наву баланд хоҳад бардошт.

Дар рафти сӯҳбатҳо Раиси Ҷумҳури Ӯзбекистон мӯҳтарам Ислом Каримов изҳор дошт, ки Ӯзбекистон манфиатдор аст, ки бо давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон муносибатҳои худро дар асоси меъёрҳои маъмули байналмилалӣ боз ҳам тавсиа диҳад. Аз ҷумла ҷониби Ӯзбекистон бароиривоҷи иқтисодиёти харобагаштаи имрӯзаи мо кӯмакҳои худро дареғ нахоҳад дошт. Ӯзбекистон мисли Тоҷикистон хоҳони он аст, ки дар минтақа ва дар сарзамини кишварҳои мо сулҳу салоҳ, осудагӣ ва фароҳмандӣ ҳукмфармо бошад.

Ҷолиби қайд аст, ки Раиси Ҷумҳури Ӯзбекистон мӯҳтарам Ислом Каримов даъвати моро барои сафари расмӣ ба Тоҷикистон бо хушнудӣ пазируфт.

**Дӯстони гиромӣ!**

Вазъи ҳунару фарҳанг, илму адабиёт хеле ташвишовар аст. Чунон ки пештар гуфта будем, ҷамъияти моро бӯҳрони маънавию ахлоқӣ ва ҳатто рӯҳонию равонӣ ҳам фаро гирифтааст.

Зиёиёни ҷумҳурӣ имрӯз бояд сари он андеша кунанд, ки чӣ гуна ин миллати кӯҳанро бо ин фарҳанги ҳазорсола аз фасоду хориву зиллат дур созем. Чӣ гуна муҳити ахлоқии мардумро ҳифз намоем. Чӣ гуна дар ӯ ҳолати бовиҷдониро устувор намоем, то ҳар инсоне дар кишвари мо худро ватандор, номбардор ва соҳиби ору номӯс бидонад, шаҳрванди бошуур бишавад?!

Дар ин бобат нақши омӯзгорони чӣ мактабҳои миёна ва чӣ мактабҳои олӣ хеле калон аст.

Албатта, вазъи имрӯзаи маориф, илм, фарҳанг, тандурустӣ хеле ташвишовар аст. Танқисии рӯзгору кам будани маош бисёр олимон, омӯзгорон, табибонро маҷбур кард, ки ҷумҳуриро ё тарк намоянд ва ё ба структураҳои тиҷорат ба кор гузаранд.

Махсусан, ин равандҳо ба соҳаҳои илми иқтисод ва кишоварзӣ зиёни сахт овarданд.

Натиҷаҳои вазнини ин бӯҳронро мо имрӯз ва фардо эҳсос хоҳем кард. Бинобар ин давлат бо ҳар роҳу воситае, ки набошад, бояд табақаҳои мазкурро дастгирӣ кунад. Аз ҳамин ҷиҳат, мо ба холигии буҷет нигоҳ накарда, маоши онҳоро зиёд кардем.

Медонем, ки ин ҳам кам аст. Вале боварӣ дорем, ки зиёиёни мо ба мушкилиҳо нигоҳ накарда, ҳиссаи худро дар ободию тараққӣ додани ҷамъиятамон мегузоранд.

Ҳоло театрҳо бинобар камбуди сармоя кам асарҳои намоишии тозае ба мардум метавонанд пешниҳод кунанд. Филмҳои ҳунарӣ қариб ки сохта намешаванд. Имрӯз асарҳои адабӣ низ, ки воқеияти кунуниро ба тасвир гирифта бошанд, кам дорем.

Асарҳои ҳақиқии касбии мусиқиро танҳо кормандони сафоратхонаҳои хориҷӣ тамошо мекунанд. Рассомони мо аз кори эҷодии худ бозмондаанд ва ҳайрониву дармондагии бештаре дар аксари онҳо ҳоким шудааст. Рӯҳияи нодаркории худу ҳунари худ бар онҳо ғолиб гаштааст. Ва ин безамина нест.

Мардуми эҷодкор гӯё аз мобайни зиндагӣ ба канор ронда шудааст. Роҳбарони иттифоқҳои эҷодӣ дар ёфтани роҳҳо ва воситаҳо ба хотири муташаккил ва муттаҳид сохтани нерӯҳои эҷодии иттиҳодияҳояшон ҳеҷ гуна ташаббус аз худ нишон намедиҳанд.

Ҳоло, ки матбуот муттасил нашр намешавад, театрҳо наметавонанд корҳои худро гардон кунанд, фаъолияти киностудия суст гаштааст, ягона воситаи огоҳии мардум ва мояи дилмашғулии мардум телевизион аст.

Телевизион ҳоло ягона воситаест, ки халқи Тоҷикистон дар оинаи он худро мебинад. Вале, мутаассифона, сатҳи фарҳангии телевизиони тоҷик поёнтар аз фаҳмиш, дараҷаи маданият ва интизории мардум аст. Тақозову ниёзмандиҳои фарҳангию маданию маънавии мардумро бароварда наметавонад.

Ва ҳамин сабаб шуд, ки зарурати роҳбарии мустақими давлатӣ аз тариқи Шӯрои Олӣ бар телевизиону радио пеш омад.

Миллат эҳтиёҷ ба раҳнамоиву роҳбарӣ дорад. Аз он воқеаҳое, ки гузашт, дар бораи мардуми мо тасаввуроти

нодурусте ҳосил кардаанд. Чунин тасаввур бардоштаанд, ки гӯё миллати мо ҷоҳил, ҳамеша хашмгин, бераҳм, мутаассиб ва мудом дар ҳолати ҷанг мебошад.

Вале ин сифатҳо даргузаранд. Таърих гувоҳ аст, ки хулқу атвори як миллат муносиби усули ҳукуматдорӣ тағйир мекунад. Мардуми тоҷик бо меҳмоннавозиву инсондӯстиаш ном баровардааст. Ин рӯзҳо ҳам мегузаранду номи неки тоҷику тоҷикистониҳоро боз барқарор хоҳем кард.

Ман ба ҷавонони Тоҷикистон рӯ меорам.Ояндаи ҷумҳурӣ комилан ба таҳсил, дониш андухтан, меҳнати ҳалолу ахлоқи ҳамидаи шумоён вобаста аст. Дар ин роҳ ҳисси ватандӯстӣ, шарафу номӯси миллии шумоён бояд дар ҷойи аввал истад. Хислати хуби ҷавонони мо он аст, ки аз панди пирони рӯзгордида ҳамеша сабақ мегиранд. Пасояндаашон, иншооллоҳ, нек аст.

Афсӯс, ки ҳоло ҳам ҷиноятҳои вазнин, қонуншиканиҳо, ғорат, дуздӣ аз воқеиятҳои зиндагии мо ҳисоб мешаванд. Мо наметавонем аз ин ҳодисаҳо чашм пӯшем.

Бояд ҷомеаи худро аз чунин вазъияте, ки ҷиноят ба осонӣ ва беҷазо содир мешавад, берун оварем. Ончунон муҳит дар ҷамъият ба вуҷуд оварем, ки дар он ҷиноят кардан душвор, номумкин ва муҷиби ҷазоҳои сахттарин бошад.

Мо бояд қонунҳое дошта бошем, ки нерӯ ва иродаи маҷмӯи миллатро ифода кунанд, ҳар як шаҳрвандро таҳти ҳимояи худ гиранд. Зиндагии моро, ҳар фарди ҷомеаи моро рӯҳияи итоат ба қонун фаро гирад. Ва нофармонии он боиси ҷазоҳои сахт гардад.

Танҳо итоат ба қонун ва зери қонун будани ҳама хурду бузурги миллат ҷамъиятро ба сӯйи осоишу оромиву саодат мебарад.

Имрӯз зарур аст, ки нерӯи ақлонии мардумамонро ҷамъ кунем, мардумро ба ваҳдат, обод сохтан ва тараққӣ додани Ватани хеш даъват намоем.

Биёед, дӯстони мӯҳтарам, соли 1994-ро ба соли боздоштани пастравии истеҳсолот, соли баланд бардоштани самаранокии иқтисодиёт, соли ваҳдату дӯстии халқи Тоҷикистон табдил диҳем. Дар мардум эҳоси ватандориву ватанпарастиро парвариш бидиҳем. Ин аст роҳи наҷоти мо.

# НЕРӮИ ПЕШБАР ВА СОЗАНДА

## СУХАНРОНӢ ДАР АНҶУМАНИ ЯКУМИ ҶАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН

17 марти соли 1994

**Бародарону хоҳарони азиз!**

Боиси хушнудист, ки ин вохурӣ ва анҷумани бонуфузи ҷавонон дар остонаи истиқболи Наврӯзи фархундапай сурт мегирад. Дар ин толор ман намояндагони ҷавонони тамоми гушаю канори ҷумҳуриамонро мебинам ва аз он рӯҳбаланд мешавам, ки ваҳдату якпорчагии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон боз ҳам устувортар мешавад. Аз он хушҳол мешавам, ки дар ин толор дар паҳлӯи якдигар ҳамаи миллатҳою халқиятҳое, ки дар Ватани азизи мо кору зиндагӣ доранд, нишастаанд ва барои ободиву пешрафти кишварамон заҳмат мекашанд. Боиси хушбахтист, ки ҷавонон баъди паси сар кардани имтиҳону озмоишҳои шадиди зиндагӣ ба умеди тарҳрезииояндаи нек ҷамъ омадаанд.

Зиндагӣ худаш устоди ҳақиқатнигор аст, неку бадро дар ин давра оқибат ба ҷояш гузошта, симои воқеии мансабталошҳову сиёсатмадорҳоро мекушояд. Онҳое, ки то дирӯз лофи демократия мезаданд, насли калонсолро таҳқиру таънасор менамуданд, худро "ватанпарвар"-у "ҳомии миллат" метарошиданд, ба Ҳукумати қонунӣ фишор оварда, даст ба хонасӯзию одамкушӣ, дуздию ғоратгарӣ, таъқиби намояндагони ноҳияву маҳалҳои ҷудогонаи Тоҷикистон заданд. Мардумро ба ҷойи меҳнати

фарохтар месозад ва муайян мекунад, ки мо кадом шакли ҳокимияти давлатиро мепазирем.

Таҳия ва қабули қонун дар бораи интихобот вобаста ба талаботи Қонуни Асосӣ сурат хоҳад гирифт. Нисбати қонунгузории имрӯза ду талаботи асосӣ пеш меояд: якум, аз Конститутсия ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ ба вуҷуд овардани қонунгузорие, ки равандҳои инкишофи ҷомеа ва бунёди давлати демократиро танзим карда тавонад.

Дуюм, барқарор кардани волоияти қонун ва назорат аз болои иҷроиши онҳо.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ талаботу меъёрҳои хоси худро дорад. Рӯирост бояд иқрор шуд, ки иқтисоди бозаргонӣ яке аз шаклҳои мушкилтарини пешбурди иқтисодиёт аст. Он ба баробарҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият, рақобати истеҳсолкунандагон ва иқтисоди озод ниёз дорад. Ҳама ба якборагӣ худро дар иқтисоди бозаргонӣ эълон кардему ба мазмуну моҳияти он чандон дуруст сарфаҳм намеравем ва намедонем, ки барои пешбурди ҷомеа ба чӣ такя кунем.

Ҷойи шарҳу эзоҳ нест, ки зиндагии аксари мардум душвор гаштааст. Ҳарчанд, ки нархҳои маводи озуқа ва дигар ашёҳои зарурии рӯзгор хело паст рафтанд, вале мардум сари вақт маоши худро гирифта наметавонад. Албатта, ин аҳволи иҷтимоии аҳолиро боз ҳам мушкилтар месозад.

Ҳаминро ба назар гирифта мо ба тамоми кумиҷроияҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тавсия додем, ки бештар харидуфурӯши ғайринақдиро истифода намоянд. Роҳбарият боварӣ дорад, ки ин душвориҳо даргузаранд.

Бо камоли масъулият ба мардум изҳор месозам, ки вазъияти иқтисодии ҷумҳурӣ бениҳоят вазнин аст. Мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ қисми хароҷоти буҷет барои соли ҷорӣ як триллиону 182 миллиарду 432 миллион сӯмро ташкил медиҳад. Даромад бошад ҳамагӣ 467 миллиард сӯм пешбинӣ шудаасту халос. Касри буҷет баробари 714 миллиарду 814 миллион сӯм мебошад. Худатон хулоса бароред, ки иқтисодиёт дар кадом ҳолат қарор дорад.

Иқтисоди бозаргонӣ қабл аз ҳама ба меҳнати ҳалол, ба интизоми қавӣ, ба истеҳсоли мунтазами маҳсулот, ба

ҳалол дар мавсими кишт ба гирдиҳамойиҳои тӯлонӣ кашида, ба ҷони ҷавонони гумроҳ раҳм накарда, ба тақсими мансабу сарват ва таҳқири шарафи одамӣ пардохтанд, доираи қонун, ҳуқуқ ва одоби сиёсиро поймол намуданд. Таҳқири намояндагони миллатҳои дигар, ки солҳо боз ҳамроҳи мо, тоҷикон, фаъолияту зиндагӣ мекарданд, амали руирост гардида, ғорату куштори онҳо низ дар амал ҷой дошт.

Ҳадафи ман аз ин суханон ҳушдор додан ба ҷавонон аст. Ҷавонон аз хатоҳои гузашта бояд сабақ омӯзанд, дар раванди минбаъдаи таърих муттаҳиду муттафиқ бошанд, ваҳдату якдилиро пеша кунанд.

Чунки дар оянда маҳз аз байни ҷавонон пешвоҳои сиёсӣ, роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳо, вазорату муассисаҳо ва ғайраҳо ба камол мерасанд. Мо, ки роҳи бунёди ҷомеаи демократиро пеш гирифтаем, бояд ба таҳаммули гуногунҳизбиву гуногунфикрии сиёсӣ одат кунем ва онро эътироф намоем.

Шояд саволе ба миён ояд, ки пайдоиши ҳизбҳо, созмонҳо ва ҳаракатҳои гуногун боз ба мубориза и оштинопазири сиёсӣ бурда намерасонад? Ба ҳизбу ҳаракатҳои давлатҳои мутамаддин чӣ гуна муяссар мешавад, ки бо вуҷуди баҳсу мунозираҳои шадид дар муҳимтарин маъракаҳои сиёсӣ ба бенизомию кашмакашиҳо роҳ намедиҳанд.

Меъёри асосие, ки фаъолияти тамоми аҳзобро муайян месозад, ин болотар донистани манфиати халқу давлат нисбат ба ҳадафҳои рӯзмарраи гурӯҳҳо, ҳизбҳо ва созмонҳои алоҳида мебошад. Дар ҷамъияте, ки ҳизбҳои сиёсию гурӯҳҳои алоҳида дар роҳи амалӣ кардани ҳадафу ормонҳояшон манфиату бехатарии халқу давлатро ба назар намегиранд, чунин ҷомеа ногузир ба гирдоби зӯроварию бенизомӣ кашида мешавад.

Бори дигар таъкид мекунам, ки ҳар ҳизбу созмонҳое, ки ҳоло вуҷуд доранду минбаъд ҳам пайдо мешаванд, мақсади асосиашон бояд мустаҳкам намудани ягонагии Тоҷикистон, осоиш ва некӯаҳволии халқ бошад. Онҳо тамоми фаъолияти амаливу нерӯи ақлониашонро дар доираи Конститутсияи ҷумҳурӣ ба он равона созанд, ки

Тоҷикистони азизи мо ҳарчӣ зудтар дар радифи кишварҳо. мутаммадин ҷойи сазоворро ишғол намояд.

Барои муттаҳид сохтани мардуми Тоҷикистон ва миллати ҷафодидаи он ҳар яки мо бояд масъул бошем. Ҳарчанд қалби мо пурдоғу мотамсаро аст, ҳарчанд хешу ақрабои наздикамонро аз даст дода бошем ҳам, ба хотири дар назадани хунрезиҳои навбатӣ, ба хотири ояндаи миллати тоҷик, ба хотири зиндагии осоиштаву осудаҳолонаи мардум бояд аз гуноҳи ҳамдигар бигзарем, дар ҳама ҳолат сулҳу салоҳро пеш бигирем.

Идеали сиёсии мо ваҳдати миллӣ, муттаҳидию ягонаги, дӯстию бародарӣ ва пешрафти Ватани азизамон мебошад. Ва мо бо ҳама гуна созмонҳои сиёсию ҷамъиятӣ ва ҷунбишҳое, ки барои таҳкими сулҳу салоҳ, оромии ҷомеаю сарҳади давлатиамон, ба Ватан бозгардондани гурезаҳо, барои аз бӯҳрони иқтисодӣ раҳоӣ бахшидани кишвар, барои густариш ва пешравии иқтисоди миллӣ ҳамкорӣ карданианд, гуфтушунид хоҳем кард.

Мо борҳо гуфтем ва боз мегӯем, ки мақсади мо сохтани давлати демократию дунявӣ ва ҳуқуқбунёд мебошад. Мо ҳаққу ҳуқуқи шаҳрвандонро дар риояи суннатҳои дини ислом зррае маҳдуд намекунем. Алҳамдулиллоҳ, ҳамаи мо мусулмонем, фарзу суннатҳои исломро то қадри ҳол медонем ва риоя мекунем. Анъанаҳои гузаштаи халқ, фарҳангу адаби ҳазорсолаи ниёгон дар алоқамандӣ бо суннатҳои ислом густариш ёфтааст. Ҷумҳурии мо ҳамчун кишваре, ки беш аз навад фоизи аҳолиаш мусулмон аст, ҳаргиз наметавонад суннатҳои исломро пеши по занад.

Баръакс, мо равобити тарафайнро бо давлатҳои мусалмони Шарқ торафт густариш дода, ҳамбастагии мазҳабӣ, таърихӣ ва фарҳангиро тақвият мебахшем.

Дар баробари ин, мо ба ҳамаи дину мазҳабҳое, ки дар ҷумҳурӣ пайравони худро доранд, имконияти озодона ва баробарҳуқуқ фаъолият карданро таъмин месозем.

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Ба қарибӣ дар машварати ҷумҳуриявии намояндагони коллективҳои меҳнатӣ ва аҳли ҷомеаи Тоҷикистон аз рӯйи

муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ ва имрӯзу фардои он андешаҳоямро изҳор намуда будам.

Аз ин хотир ҳоло мехоҳам ба чанд масъалае диққати шуморо ҷалб намоям, ки бевосита ба нерӯю имконияти ҷавонон, кору бор ва зиндагии онҳо робита доранд.

Аз шумо пӯшида нест, ки дар ҷумҳурии мо қариб як миллиону чорсад ҳазор нафар ҷавонони аз 16 то 29-сола зиндагӣ мекунанд. Аз ҷумлаи онҳо ҳаштсад ҳазор нафарашон дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ машғули меҳнатанд. Дар мактабҳои олӣ, миёнаи махсус ва омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ бошад, наздик ба яксаду панҷоҳ ҳазор нафар илму ҳунар меомӯзанд.

Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷавонон қувваи бузург ваояндаи ҷумҳурии мо буда, ягон масъалаи умдаи зиндагиро бе иштирок ва назардошти манфиати онҳо пеш бурдан номумкин аст.

Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон бо нигоҳ доштани хусусиятҳои хоси худ бо роҳе пеш рафтанист, ки кулли кишварҳои тараққикардаи дунё манфиаташро кайҳо дидаанд. Мундариҷаи онро пеш аз ҳама **бунёд сохтани давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва комёб шудан ба ваҳдати миллӣ** ташкил медиҳад. Ва ҳама дарякҷоягӣ, аз роҳбари давлат сар карда, то коргари оддӣ бахри ноил шудан ба он тамоми қувваю ғайрат ва ақлу хирадашро бояд сафарбар намояд. Имрӯз бар дӯши мову шумо таърих масъулияти басо бузург гузоштааст, тақдириояндаи ҷумҳурӣ ва миллати мо, қабл аз ҳама, аз кору фаъолият ва меҳнати ҳалоли ҷавонон вобаста аст.

Бунёди давлати демократии дунявӣ, ин ҷараёни якрӯзаю дурӯза ё ду-сесола нест. Давлатҳои мутамаддини ҷаҳон онро дар тӯли садсолаҳо сохтаанд. Такмили давра ба давраи қонунгузорӣ, сохтори давлатӣ, омода шудани мардум ба ин шакли давлатдорию низоми ҷамъиятӣ заҳмати гарону вақти зиёдеро тақозо дорад.

Конститутсияи нави давлати мо, ки аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ тобистони ҳамин сол бояд қабул гардад, дар бунёди ҷомеаи соҳибистиқлоли мо қадами навбатиро мегузорад. Қабули Конститутсия роҳи моро

фарохтар месозад ва муайян мекунад, ки мо кадом шакли ҳокимияти давлатиро мепазирем.

Таҳия ва қабули қонун дар бораи интихобот вобаста ба талаботи Қонуни Асосӣ сурат хоҳад гирифт. Нисбати қонунгузории имрӯза ду талаботи асосӣ пеш меояд: якум, аз Конститутсия ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ ба вуҷуд овардани қонунгузорие, ки равандҳои инкишофи ҷомеа ва бунёди давлати демократиро танзим карда тавонад.

Дуюм, барқарор кардани волоияти қонун ва назорат аз болои иҷроиши онҳо.

Гузариш ба иқтисоди бозорӣ талаботу меъёрҳои хоси худро дорад. Рӯирост бояд иқрор шуд, ки иқтисоди бозоргонӣ яке аз шаклҳои мушкилтарини пешбурди иқтисодиёт аст. Он ба баробарҳуқуқии ҳама шаклҳои моликият, рақобати истеҳсолкунандагон ва иқтисоди озод ниез дорад. Ҳама ба якборагӣ худро дар иқтисоди бозоргонӣ эълон кардему ба мазмуну моҳияти он чандон дуруст сарфаҳм намеравем ва намедонем, ки барои пешбурди ҷомеа ба чӣ такя кунем.

Ҷойи шарҳу эзоҳ нест, ки зиндагии аксари мардум душвор гаштааст. Ҳарчанд, ки нархҳои маводи озуқа ва дигар ашёҳои зарурии рӯзгор хело паст рафтанд, вале мардум сари вакт маоши худро гирифта наметавонад. Албатта, ин аҳволи иҷтимоии аҳолиро боз ҳам мушкилтар месозад.

Ҳаминро ба назар гирифта мо ба тамоми кумиҷроияҳои шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ тавсия додем, ки бѐштар хариду фурӯши ғайринақдиро истифода намоянд. Роҳбарият боварӣ дорад, ки ин душвориҳо даргузаранд.

Бо камоли масъулият ба мардум изҳор месозам, ки вазъияти иқтисодии ҷумҳурӣ бениҳоят вазнин аст. Мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ қисми хароҷоти буҷет барои соли ҷорӣ як триллиону 182 миллиарду 432 миллион сӯмро ташкил медиҳад. Даромад бошад ҳамагӣ 467 миллиард сӯм пешбинӣ шудаасту халос. Касри буҷет баробари 714 миллиарду 814 миллион сӯм мебошад. Худатон хулоса бароред, ки иқтисодиёт дар кадом ҳолат қарор дорад.

Иқтисоди бозаргонӣ қабл аз ҳама ба меҳнати ҳалол, ба интизоми қавӣ, ба истеҳсоли мунтазами маҳсулот, ба

илму дониши замонавӣ, технологияи наву пешқадам ва маҳсулоти бозоргир такя мекунад. Мо агар бо молу маводи истеҳсолкардаи худ ба бозори ҷаҳонӣ роҳ наёбем, сармояи хориҷиро барои пешбурди истеҳсолот, сохтани корхонаҳои муштараки нав ва ояндадор ҷалб накунем, содиротро сол то сол афзунтар насозем, душвориҳои мо боз меафзояд. Махсус як нуктаро хотиррасон карданиам, ки пешравии ҷомеаи мо дар ҷодаи бозаргонӣ ин, пеш аз ҳама, ба фаъолияти пурмаҳсули корчаллонҳои ҷавону кордон вобастааст.

Созмони ҷавонон имкониятҳои зиёд дорад, ки чунин ҷавонони лаёқатмандро аз ҳамаи гӯшаю канорҳои ҷумҳурӣ пайдо намояд. Барои онҳо ташкил кардани курсҳои кӯтоҳмуддати азхудкунии қоидаҳои иқтисоди бозаргонӣ, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, кор бо компютерҳо мувофиқи мақсад мебуд.

Корчаллонҳои ҷавон бояд ба мазмуну мундариҷаи мафҳумҳои маркетинг, менеҷмент ва ғайраҳо сарфаҳм рафта, истеҳсолотро аз рӯйи талаботи ҳамин принсипҳои навини хоҷагидорӣ ба роҳ монанд.

Вале, мутаассифона, дар байни баъзе ҷавонон майли рӯ овардан ба кори аз ҳисоби корхонаҳои давлатӣ гирифтани даромади муфт, ҳатто дуздию горатгарии рӯирост афзуда, савияи ҷаҳонбинӣ, ахлоқу одоб, сатҳи дониш ва нерӯи ақлонии онҳо хеле паст рафтааст. Сохторҳое, ки мақсаду вазифаашон омода сохтани насли наврас ва ҷавонон ба шароити давлати демократӣ ва иқтисоди бозаргонӣ аст, то ҳол асли масъаларо дуруст дарк накардаанд.

Мо аз равандҳои ҷаҳонии иқтисоди бозаргонӣ фарсаххо дурем. Потенсиали асосии тараққиёти мамлакатҳои пешрафта, нерӯи зеҳнӣ ва фикру амали ҷавонон буда, дар заминаи истифодаи захираҳои табиии кишвар ва техникаю технологияи навтарини ҷаҳонӣ ба пешравиҳо ноил шудаанд.

Вазифаи аввалиндараҷаи ҷавонони мо имрӯз омӯзиши илму ҳунар, ихтисосҳои нав ва техникаи ҳозиразамон аст. Бо соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон масъалаҳо худ аз худ ҳал намешаванд.

Бе тарбияи мутахассисони варзидаи миллӣ, коргарони донишманду моҳир ва деҳқонони кордон, соҳибкорони бомасъулият пеш бурдани иқтисодиёти ҷумҳурӣ номумкин аст.

Азбаски қисми бештари иштирокчиёни ин анҷумани ҷавононро мактабиён, хонандагону донишҷӯёни мактабҳои миёнаи махсус ва олӣ, омӯзгорони ҷавон ташкил медиҳанд, зарур медонам, ки оид ба вазъи тайёр намудани мутахассисони дорои маълумоти миёнаи мухсусу олӣ фикрҳоямро изҳор намоям.

Ҳукумати ҷумҳурӣ ба душвориҳои иқтисодӣ нигоҳ накарда, барои таъмин намудани ҷараёни мӯътадили таълиму тадрис дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус, алалхусус барои беҳтар кардани шароити моддӣ-иҷтимоии донишҷӯён, тамоми имкониятҳоро истифода мебарад. Кифоя аст гӯем, ки соли 1993 маоши омӯзгорону устодон ва стипендияи донишҷӯёни мактабҳои олию миёнаи махсус чанд маротиба зиёд карда шуд. Имрӯз стипендияи донишҷӯйи мактаби олӣ вобаста ба натиҷаҳои таҳсилаш аз 6400 то 8 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад. Илова бар ин, ҳар донишҷӯ моҳе боз ҳамчун ҷуброни нон 1800 сӯм мегирад.

Аз якуми январи соли равон сар карда, инчунин ҳар рӯз ба донишҷӯёну хонандагон илова 200-сӯмӣ хӯрокпулӣ дода мешавад.

Ғайр аз ин, мо ҳоло имконияти арзон кардани нархи хӯроки ошхонаҳои хонандагону донишҷӯён ва рафтуомади онҳоро дар нақлиёт дида истодаем. Вобаста ба фикри боло мехостам оид ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, ки онро моҳи декабри соли гузашта иҷлосияи XVIII Шӯрои Олӣ қабул намуд, чанд сухан гӯям.

Дар қонуни номбурда нисбати тамоми кормандони соҳаи маориф, аз мураббӣ сар карда, то аспирантону докторантҳо ва дотсентону профессорон чораҳои ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавии бисёре пешбинӣ гардидаанд. Боварӣ дорем, ки амалӣ гардонидани ин Қонун ба соҳаи маориф, аз ҷумла ба ҷараёни тайёр намудани мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус беҳбудии калон меоварад.

Давлату ҷомеа ояндаи неки худро ба пешравии соҳаи маориф, ба тайёр намудани мутахассисони варзидаи дорои маълумоти олӣ ва миёнаи махсус мепайванданд, зеро бе пешравии ин соҳа беҳбудии иқтисодӣ, инкишофи фарҳанг ва ташаккули шахсияти дорои олами бойи ботиниро тасаввур кардан мумкин нест.

Ба мо маълум аст, ки Вазорати маориф бисёр масълаҳои таълиму тарбияи мутахассисони ояндаро якҷоя ва дар асоси ҳамкории зич бо Созмони ҷавонони Тоҷикистон ҳал менамоянд.

Ба пурқувввату соҳиби эҳтирому эътироф гардидани созмонҳои ҷавонон Вазорати маориф ва умуман Ҳукумати ҷумҳурӣ манфиатдор аст.

Имрӯз анъанаҳои мусбати муддате бо сабабҳои гуногун аз даст додашуда дар шаклу мазмунҳои дигар ҳам бошад, аз нав барқарор шуда истодаанд.

Масалан, дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус ноибони ректору директорҳо оид ба кори тарбиявӣ, дар факултаҳо муовини деканҳо оид ба тарбия, дар гуруҳҳои таълимӣ роҳбари синфу куратор пешбинӣ шудаанд, шӯроҳои хобгоҳҳо ва ғайра аз нав барқарор гардидаанд, нақшаҳои таълими донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёнаи махсус вобаста ба талаботи имрӯза тағйир дода шудаанд, ихтисосҳои нав таъсис ёфтаанд. Ин ҳама ҷиҳатҳои мусбати масъалаанд.

Вале мо мехоҳем, ки ҷавонони мо чи дар таҳсил ва чи дар фаъолияти кориашон мустақил бошанд, масъулияти дар назди ҷомеа доштаи худро ҳамеша ҳис намоянд.

Фаромӯш накунем, ки дар ҳамаи давраҳо нерӯи асосии бунёдкор ҷавонон ба ҳисоб меравbooand.

Биёед, гузаштаи начандон дурамонро ба хотир биёрем. Ягон сохтмони азим, азхудкунии заминҳои нав, бунёди шаҳру деҳот бе иштироки фаъолонаи ҷавонон сурат намегирифт.

Чаро имрӯз ҷавонон худро аз иҷрои бисёр корҳои хайр канор мегиранд? Магар Созмони ҷавонон имконият надорад, ки аз ҳисоби ҷавонони бекормондаи шаҳру ноҳияҳои зиёндидаи вилояти Хатлон бригадаҳои бинокории махсус ташкил намуда, ҳеҷ набошад хонаҳои

харобшудаи наздикони худро таъмир созанд, ба модарону хоҳарон ва кӯдакони ятиммонда такягоҳ шаванд?

Дар яке аз вохӯриҳоям бо сокинони минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон гуфта будам, ки барои кӯдакони бепарастормонда якчанд мактаб-интернат ва хонаҳои бачагон бунёд кардан лозим аст. Хуб мебуд, ки дар ин маврид Созмони ҷавонон ташаббусро ба даст гирифта, дар якҷоягӣ бо ҳукумати маҳаллию ташкилотҳои бинокорӣ ин кори хайрро ба анҷом мерасонд.

Чаро мо анъанаи неки бунёдкории ҷавононро идома надиҳем? Охир ГЭС-и Норак, ГЭС-и Сангтӯда, ГЭС-и Роғун маҳз бо нерӯи ҷавонон бунёд мегарданд.

Имрӯз барои сокинони Бадахшон аз сохтани роҳи мошингарди Душанбе—Кӯлоб—Хоруғ, барои сокинони вилояти Ленинобод аз сохтани туннели Анзоб, барои сокинони вилояти Хатлон аз сохтани роҳи оҳани Қӯрғонтеппа—Кӯлоб кори муҳимтаре нест. Чаро то имрӯз ҳазорон корхонаҳои шахсию тиҷоратӣ дар бунёди ин роҳҳо саҳм нагирифтаанд? Танҳо ба умеди иқтидори давлат шудан лозим нест. Модоме, ки иқтисоди бозорӣ бошад, пас бояд вазоратҳои дахлдор саҳмияи корхонаҳои калони тиҷоратӣ ва истеҳсолиро барои бунёди роҳҳои Тоҷикистон ҷудо кунанд.

Ҳоло ба мо зарур аст, ки ҳамаи он чизи мусбатеро, ки дар соҳаи иқтисодиёт, фарҳангу маънавиёт аз даст додаем, аз нав барқарор намоем. Дар ин кор пеш аз ҳама ба ҷавонон такя мекунем.

Кори парваришу тарбияи ҳисси масъулият барои иҷрои софдилонаи қарзу вазифаҳои худ дар назди халқу Ватан дар байни донишҷӯён—мутахассисони оянда суст ба роҳ монда шудааст. Инро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки ҳар сол садҳо мутахассисони ҷавон бо баҳонаҳои гуногун ба ҷойҳои ба кор тақсимшудаи худ намераванд.

Созмонҳои ҷавонон бояд барои тарбияи маданияти умумии донишомӯзон низ кӯшиши калон ба харҷ диҳанд. Имрӯз сухан дар бораи ташаккули шахсияте меравад, ки ӯ бояд арзишҳои умумимиллию умумибашариро доро бошад.

Аз ҳозир бояд ба инобат гирем, ки дар ҷумҳурии мо кӯдакони то 9-сола беш аз як миллиону 700 ҳазор нафар, наврасони аз 9 то 16-сола қариб 700 ҳазор нафаранд. Чанде мегузараду аз ҳисоби онҳо сафи ҷавонони Тоҷикистон қариб ба 3 миллион нафар мерасад.

Оё мо барои бо кору манзил ва мақоми зиндагии мувофиқ таъмин кардани ин ҷавонон омодаем?

Вобаста ба ин масъала рӯирост бояд иқрор шуд, ки то ҳол мо консепсияи муайяни сиёсати демографӣ надорем. Ҳол он, ки ҳар як давлат ва миллати андаке мутамаддин ба масъалаи демография ҳаматарафа муносибати ҷиддӣ мекунад.

Шӯрои Вазирон, Вазорати иқтисодиёту ояндабинӣ, Вазорати меҳнат ва шугли аҳолӣ, Вазорати маориф, институтҳои илмию тадқиқотии Академияи илмҳо бояд як консепсияи аз ҷиҳати илмӣ асосноки демографиро омода намоянд.

Дар ин бобат бо чашми пӯшидаву бе дурнамои муайян корро пеш бурдан мумкин нест. Вазъияти кунунии иқтисодию иҷтимоии ҷумҳурӣ ба ин мусоидат карда истодааст, ки аксари ҷавонони мо барои кор аз Тоҷикистон берун мераванд. Қисми бештари онҳо ба марказҳои азими саноатии Федератсияи Россия сафар мекунанд.

Мувофиқи ҳисобҳои пешакӣ дар Россия ҳоло даҳҳо ҳазор ҷавонони тоҷикистонӣ кору зиндагӣ доранд. Вақтҳои наздик ин тамоюл рӯ ба афзоиш дорад, ки ин ба сари худ ягон бадӣ надорад.

Ҷумҳурии мо оқибатҳои вазнини канда шудани робитаҳои иқтисодиро бо ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҳама бештар эҳсос намуда, кӯшиш карда истодааст, ки онҳоро аз сари нав барқарор намояд.

Ба назарам, ба ин ҳама аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил манфиатдоранд.

Соли 1993 Иттиҳоди Давлатҳои Муштарак-кулманофеъ аз ҷиҳати шумора афзуд ва ин кишварҳо барои мустаҳкамшавии робитаҳои иқтисодию сиёсӣ қадамҳои қатъӣ гузоштаанд. Вале, мо мехостем, ки дар ҳар чӣ зудтар мустаҳкам ва ганӣ гардидани ин робитаҳо саҳми созмонҳои ҷавонони ин кишварҳо бештар бошад.

Созмонҳои ҷавонони Иттиҳод бо фаъолияти пурсамарашон метавонистанд бисёр мушкилотҳои дар солҳои охир ба вуҷуд омадаи байни мамлакатҳоро аз миён бардоранд.

Яке аз масоили муҳим ин, гумон мекунам, оқилона таҳия кардани барномаи содироти қувваи корӣ ба кишварҳои хориҷа мебошад. Барои ин бояд меъёрҳои қонунии байналхалқиро омӯхта, аз поймол шудани ҳуқуқи ҷавонон пешгирӣ намоем. Дар натиҷа, сафи бекорҳо дар шаҳри Душанбе ва дигар шаҳру ноҳияҳо камтар шуда, ҷаҳонбинии ҷавонон ҳангоми дидани шаҳрҳои саноатӣ васеъ мешавад, сатҳи зиндагӣ ва маданияташон беҳтар мегардад, дар айни ҳол касбу кори мувофиқро меомӯзанд. Аз амалӣ кардани ин сиёсат хазинаи давлат низ фоида мебинад.

Бо ин мақсад Шӯрои Вазирон бояд ҳарчӣ зудтар бо он давлатҳое, ки ба қувваи корӣ эҳтиёҷ доранд, дар бораи содироти қувваи корӣ ва ҳимояи иҷтимоии онҳо гуфтугузор намуда, шартномаҳо бандад.

Ҳоло дар кумитаҳои Шӯрои Олӣ Қонун дар бораи содироти қувваи корӣ таҳия ва баррасӣ шуда истодааст. Қабули он бисёр мушкилиҳоро дар ин маврид аз байн мебарад.

Масъалаи дигаре, ки мехоҳам махсус қайд кунам, аз тарафи ҷавонон вайрон кардани қонун, ба горату дуздӣ, нашъамандӣ ва дигар амалиёти ғайриқонунӣ даст задани онҳо мебошад.

Мо бояд аз ҷинояткориҳо чашм напӯшем ва ҷазоҳои сахттаринро аз лиҳози қонун пешбинӣ намоем. Дар ин ҷода ҳамкории Созмони ҷавонон бо сохторҳои давлатӣ, алалхусус Вазорати умури дохила ва Додситонии ҷумҳурӣ ҳис карда намешавад. Дар ин ҷо кор бо ду самт бояд пеш равад: **Якум** муборизаи бевосита ба муқобили ҷинояткорӣ, пешгирии қонуншиканиҳо ва кор бо наврасони душвортарбия. **Дуюм**, тарбияи кадрҳои салоҳиятнок ва варзидае, ки ба ҳифзи қонун сарукор доранд. Гумон мекунам, дар ин самт созмони ҷавонон барои дарёфтану тавсия додани кадрҳои арзанда, ҷавонони дорои иродаи қавӣ, маданияти баланд ва хислатҳои нек кӯмак хоҳанд кард.

Мо бояд дар ҷовонон ҳисси ватандӯстиро парвариш намоем. Онҳо дар чунин рӯҳия ба воя расанд, ки барояшон ҳар як пораи хоки Тоҷикистон азизу муқаддас бошад. Ҳифз кардани онро барои худ шарафи бузург донанд.

Корнамоиҳои беҳамтои ҷавононамонро дар барқарор кардани Ҳукумати конститутсионӣ халқ ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард. Мавриди қайд аст, ки Созмони ҷавонон бояд аз ҳоли ҷавонони дар ин муҳорибаҳо маъюбшуда, дар қатори вазорату идораҳои дахлдор ҳамеша бохабар бошанд, дастгирию кӯмаки худро дарег надоранд.

Такмили қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон, пурзӯр намудани муҳофизати сарҳади давлатии ҷумҳурӣ вазифаи ҷонии ҷавонон аст. Мо ба ҳамаи ҷавонон, махсусан ба даъватшавандагон муроҷиат намуда, онҳоро таклиф менамоем, ки қарзи ватандӯстонаи худро софдилона иҷро намоянд ва ба сафи қувваҳои мусаллаҳ дохил шаванд.

Сад афсӯс, ки як қабил ҷавонон аз хизмати Ватан бо баҳонаҳои гуногун рӯ метобанд, ҷойи хизматро худсарона тарк мекунанд, ба номи ҷавонмарди тоҷик иснод меоранд.

Созмони ҷавонон метавонад, ки тарбияи ватандӯстию масъулияти шаҳрвандии ҷавононро ба сатҳи зарурӣ бардорад. Мо баъди ҳазор сол соҳиби давлати мустақил шудем ва ҷавонон оромии онро бояд чун гавҳараки чашм ҳифз намоянд.

**Дӯстони меҳрубон!**

Дар бобати бисёр масъалаҳо, аз ҷумла масъалаҳои иҷтимоии ҷавонон, музди меҳнат, таъминот бо манзил ва бисёр норасоиҳои зиндагӣ сухани бисёре гуфтан мумкин аст.

Вале танҳо ҳамин фикрро таъкид карданием, ки ба роҳ мондани тарбияи ахлоқии ҷавонон аз тариқи мактабу маориф, аз тариқи садою симо, аз тариқи расонаҳои хабарӣ ва рӯзномаю маҷаллаҳо, тавассути ҳамкории созмони ҷавонону дигар муассисаҳои дахлдори давлатӣ бояд якдилона сурат гирад. Ман аминам, ки ҷавонони бонангу номӯси мо тамоми мушкилиҳоро паси сар намуда, дар густариши ваҳдати миллӣ ва якпорчагии кишвар, дар пешравии ҷомеаи соҳибистиқлоли тоҷикон саҳми арзанда мегузоранд.

## БО МЕҲНАТИ ДАСТҶАМЪОНА САМАРАНОКИИ ИҚТИСОДИЁТРО АФЗУН НАМОЕМ

## СУХАНРОНӢ ДАР СЕССИЯИ ШӮРОИ НАМОЯНДАГОНИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТИ ЛЕНИНОБОД

17 майи соли 1994

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Як сол пеш дар ин толор бо роҳбарони ноҳияву хоҷагиҳои вилоят, депутатҳо, пирони кордида машварат ороста будем. Дар ин муддат дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд.

Меҳнати аҳлона, якдигарфаҳмӣ дар ҷумҳурӣ имкон доданд, ки ба ҳалли равандҳои иқтисодию сиёсии тақдирсози миллату давлати соҳибистиқлоламон бо дилпурӣ шурӯъ намоем.

Ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод шудани лоиҳаи нави Конститутсия, ки сарнавишти ҷумҳуриамонро барои имрӯз ва фардоямон муайян менамояд, мисоли равшани ин гуфтаҳост.

Ин санади таърихиест, ки равандҳои инкишофи минбаъдаи ҷамъияти моро муайян намуда, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро ҳифз менамояд.

Боварӣ дорем, ки бо қабул шудани Конститутсия ихтилофҳои мавҷуда аз байн меравsituée, низому тартиби муайян дар ҳаёти ҷамъият барқарор мегардад.

Тавре ки шумоён хабар доред, ба наздикӣ бо Президенти Россия Борис Николаевич Елсин ва Сарвазири ин мамлакат Виктор Степанович Черномирдин вохӯрӣ доштем. Дар мулоқот масъалаҳои муҳимтарини ривоҷ додани ҳамкориҳои иқтисодию сиёсӣ муҳокима шуданд.

Боиси қаноатмандист, ки роҳбарияти Россия нисбати халқи Тоҷикистон назари хайрхоҳона дошта, омодагии хешро барои ҳамкорӣ, кӯмаку ёрии ҳарҷониба изҳор карданд.

Аз ҷумла, ҳангоми вохӯриҳо масъалаҳои ҳар чӣ зудтар ворид шудан ба минтақаи рубл, гузаштани маблағҳо байни бонкҳо ва корхонаҳои ҳар ду давлат муҳокима шуданд.

Бегуфтугӯ, ҳаллу фасл гаштани ин ду масъалаи муҳим дар ҳалли аксар масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ кӯмак хоҳад расонд.

Ошкоро бояд гуфт, ки агар дар ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ равандҳои мӯътадилшавӣ ва пешрафт ба назар расанд, дар иқтисодиёт чунин дигаргуниҳои ҷиддию умедбахш рӯй надодаанд.

Бо вуҷуди он ки дар баъзе соҳаҳои хоҷагии халқ як қатор дастовардҳо мавҷуданд, вале вазъи умумии иқтисодиёти ҷумҳурӣ хеле вазнин аст.

Мутаассифона, пастравии истеҳсоли маҳсулот қариб дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ давом дорад. Равандҳои беқурбшавии пул, нарасидани пули нақд, баландшавии нарху наво, нагузаштани маблағҳо вазъиятро боз ҳам мушкилтар карда, боиси пастравии сатҳи зиндагии аксарияти мардум мегардад.

Табиист, ки ҳамаи ин равандҳо ба сатҳу сифати ҳаёти сиёсию иҷтимоии халқамон таъсири манфӣ мерасонад.

Фақат як чиз ба дилҳо умед мебахшад, ки мардуми меҳнаткаши мо ба хубӣ донистааст, ки дигар ба умеди ҳеҷ кас шудан лозим нест. Танҳо меҳнати ҳалолу самарабахш имкон медиҳад, ки ба барқароршавию пешрафти иқтисодиёт замина гузорем.

Аксар вақт мо дар мавриди таҳлили иқтисодӣ нишондодҳои соли ҷориро бо соли гузашта муқоиса мекунем. Вале агар мо асли ҳолро донистан хоҳем, бояд вазъи имрӯзаро бо оғози солҳои 90-ум муқоиса кунем. Дар он сурат вазъияти фоҷиаангези иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба куллӣ аён мегардад.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат аз соли 90-ум сар карда, то соли 93-юм чил фоиз кам шудааст. Ин рақами умумӣ мебошад, вале дар истеҳсоли як қатор намуди маҳсулоти саноатӣ ҷумҳурӣ 20—30 сол ақиб партофта шуд.

Шумо медонед, ки аз нарасидани сӯзишворӣ чи қадар танқисӣ мекашем. Солҳои пеш истеҳсоли ангишт, нафт, газ то як андоза талаботи иқтисодиётро қонеъ мегардонд.

Аммо имрӯз бошад, сол то сол ҳаҷми истеҳсоли сӯзишворӣ паст меравад. Масалан, соли 1990-ум 475 ҳазор тонна ангишт, 144 ҳазор тонна нафт, 111 миллион метри мукааб газ истеҳсол карда шуда буд. Дар соли гузашта бошад, ҳамагӣ 174 ҳазор тонна ангишт, 42 ҳазор тонна нафт, 49 миллион метри мукааб газ истеҳсол карда шудаасту халос. Бубинед, ки ин нишондодҳо қариб се баробар кам гаштаанд.

Чунин ҳолат дар истеҳсоли дигар намудҳои маҳсулоте, ки ҷумҳурӣ аз нарасидани онҳо танқисӣ мекашад, низ ба назар мерасад. Аз ҷумла, истеҳсоли нуриҳои маъданӣ 4,1 маротиба, содаи каустикӣ — 7,5, семент 4, яхдон — 9,2, трансформаторҳо — 8,1 маротиба кам гаштаанд.

Айнан чунин вазъият дар соҳаи асосии хоҷагии халқ— хоҷагии қишлоқ ҳукмфармой дорад. Дар ин муддат истеҳсоли ғалла 43 ҳазор тонна, пахта — 318 ҳазор, картошка — 53 ҳазор, мева — 70 ҳазор, гӯшт — 45 ҳазор, шир — 129 ҳазор тонна кам гаштааст. Ҳамаи намуди саршумори чорво ба микдори 861 ҳазор сар, парранда панҷ миллиону 417 ҳазор кам шудааст.

Акнун тасаввур кунед, ки барои барқарор кардани истеҳсоли ҳамаи ин намудҳои маҳсулот ва саршумори чорво чӣ қадар вакт, ранҷу машаққат, ғайрату меҳнат лозим аст.

Акнун биёед ба вазъияти иқтисодию нишондодҳои вилояти Ленинобод назар андозем. Мавриди қайд аст, ки саҳми вилоят дар тараққиёти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ—ҳам иқтисодиёт ва ҳам илму фарҳанги ҷумҳурӣ хеле калон мебошад.

Зиёда аз 67 фоиз нафт, 79 фоиз гази табиӣ, 52 фоиз масолеҳи бинокорӣ, 36 фоиз нахи пахта, 96 фоиз матоъҳои абрешимӣ, 98 фоиз қолин, 62 фоиз пойафзол, 87 фоиз консерва, 37 фоиз ғаллаи ҷумҳурӣ дар вилоят истеҳсол карда мешавад.

Нерӯи зеҳнии вилоят хеле баланд аст. Олимони соҳаи таърих, забон, тиббу технологӣ, кишоварзӣ, фалсафа ва дигар соҳаҳо ифтихори миллату давлати мо мебошанд.

Имрӯз ҳам заҳмати беандоза ва гаронбаҳои онҳо пайаста ба ҳунару меҳнати омӯзгорон, ҳунарпешаҳо, журналистон, кормандони соҳаи маънавиётамон, ки ба халқ бахшида мешавад, қобили таҳсин аст.

Роҳбарияти вилоят, шаҳру ноҳияҳо ба онҳо кӯмак мерасонанд, то ки шароити боз ҳам пурмаҳсулу бобаракати фаъолият дошта бошанд.

Бояд гуфт, ки нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ нишондодҳои иқтисодии вилоят баландтар аст. Ин ҳатто баъзе роҳбарони ноҳияву вилоятро хотирҷамъ месозад Чунин рӯҳия табиист, ки ба манфиати кор нест.

Дар соли 1993 нисбат ба соли 1990 истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла, ангишт 63 фоиз, нафт—45, газ—55, матоъҳои пахтагин—54, абрешимӣ—27, пойафзол—50, равғани пахта—42 фоиз кам гаштаанд.

Дар истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ низ ҳамин ҳол вуҷуд дорад. Дар ин муддат, истеҳсоли пахта — 30 фоиз, зироатҳои полезӣ — 50 фоиз, картошка—25, мева—35, ангур—64, гӯшт—66, шир—32, тухм—62 фоиз кам шудааст.

Аз ҳама вазъияти ташвишовар дар соҳаи чорводории вилоят ба назар мерасад. Агар дар ҷумҳурӣ дар муддати се соли охир саршумори чорвои калони шохдор 13 фоиз кам шуда бошад, мутаносибан ин рақам дар вилоят 18 фоизро ташкил медиҳад. Аз 129 ҳазор сар чорвои калони шохдори соли 1990 то якуми апрели соли ҷорӣ 104 ҳазор сар боқӣ мондаасту халос.

Аз 442 ҳазор сар бузу гӯсфанд 41 ҳазораш нест шудааст. Хусусан, вазъияти соҳаи паррандапарварӣ дар вилоят изтиробангез мебошад. Миқдори паррандаҳо аз 2,7 миллиони соли 90-ум ба 998 ҳазор расидааст.

Бисёр ба маврид шуд, ки роҳбарияти вилоят аҳамияти соҳаи чорводорӣ ва вазъи душворашро ба хубӣ дарк намуда, масъалаи мазкурро барои муҳокима ба сессияи вилоятӣ баровարданд.

Умед ҳаст, ки гуфтугузори имрӯза барои барқароршавӣ ва инкишофи чорводорӣ дар вилоят мусоидат хоҳад кард. Айни муддао мешуд, ки дар дигар ноҳияву вилоятҳои ҷумҳурӣ низ масъалаи мазкурро ҳарҷониба таҳлил намуда, чораҳои мушаххас меандешиданд.

Дараҷаи пастравии истеҳсолоти чи молҳои саноатӣ ва чи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ аз рӯйи бисёр намудҳо аз сатҳи умумиҷумҳурӣ бештар мебошад.

Албатта, маълум аст, ки ба чунин пастравии истеҳсолот сабабҳои объективӣ, аз зумраи канда шудани робитаҳои иқтисодӣ, нагузаштани пулҳо, нарасидани ашёи хом боис шудаанд.

Рӯйирост бояд гуфт, ки аксар роҳбарони хоҷагӣ ҳамин сабабҳоро асос карда, хотирҷамъӣ зоҳир менамоянд. Ба

фикри ман, чанд соли охир интизоми давлатӣ, меҳнатӣ суст шуда, як навъ рӯҳияи беҳавсалагӣ, бемасъулиятӣ, фориғболӣ баъзе роҳбаронро фаро гирифтааст.

Ҳаёт нишон медиҳад, ки агар хоҷагӣ, корхона соҳиби ғамхор надошта бошад, беҳбудиро аз он ҷо интизор шудан дар гумон аст.

Симои маънавии роҳбар, дасту дили пок, манфиати халқ, некӯаҳволии онро аз манфиати шахсӣ боло донистани сардор як омили пешрафти кор аст.

Афсӯс, ки баъзе роҳбарон дар ҷумҳурӣ ва вилоят чун ба курсӣ соҳиб гаштанд, фақат дар фикри манфиатҳи шахсӣ мешаванд. Бой шудан ҳеҷ бадӣ надорад, вале ин боигарӣ бояд бо меҳнати ҳалол ба даст ояд, на аз ҳисоби ғорат кардани халқи худ.

Роҳбароне ҳастанд, ки аз мансаб сӯйистеъмол намуда, ба тиҷорату корчаллонии ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ зиёни калон оварда машғуланд. Чунин шахсон на танҳо обрӯйи худашон, балки нуфузи давлатдорию ҳукуматдориро паст мегардонанд.

Агар дар хотир дошта бошед, ҳангоми татбиқ кардани қарори маълум оид ба як вазифаро иҷро намудан ба чӣ қадар зиддиятҳои ниҳонию ошкоро дучор омадем.

Мо ният дорем, ки оянда як зумра қарорҳое қабул намоем, ки бо татбиқи онҳо дар структураҳои роҳбарикунанда ба чунин шахсон ҷой намонад.

Хуллас, таҳлил нишон медиҳад, ки вазъияти иқтисодию иҷтимоӣ хам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар вилоят хеле душвор аст. Вале ноумед бояд нашуд. Ҳоло мо аз тамоми имконияту захираҳои дар ҷумҳурӣ мавҷудбуда истифода набурдаем.

Яке аз омилҳои асосие, ки ҷумҳуриро аз ин бӯҳрони азим бароварда метавонад, оқилона татбиқ кардани сиёсатиислоҳоти иқтисодӣ мебошад. Мутаассифона, бо сабабҳои маълум ҷумҳурии мо нисбат ба аксар ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ин бобат қафо мондааст.

То ҳол барои гузаронидани ислоҳот асоси мустаҳками қонунгузорӣ пурра муҳайё нест. Соли дуюм аст, ки дар атрофи барномаи навсозии иқтисодии Шӯрои Вазирон гуфтугузорҳо зиёданду вале онро барои тасдиқи расмӣ пешниҳод накардаанд.

Шумоён медонед, ки звенои асосии ислоҳоти иқтисодӣ ин ғайридавлаткунонӣ ва хусусигардонӣ, ба вуҷуд овардани шаклҳои гуногуни моликият мебошад. Дар Машварати февралӣ таъкид карда будем, ки ин корҳоро аз соҳаҳои хизматрасонӣ, савдо, хӯроки умумӣ шурӯъ кардан лозим аст.

Ба роҳбарони идораву вазоратҳо, ноҳияҳо супориш дода шуда буд, ки барномаҳои хусусигардониро тартиб дода, ба Ҳукумат пешниҳод кунанд. Аммо то имрӯз пешравии назаррас ҳис карда намешавад.

Бори дигар таъкид мекунам, ки мақсад аз гузаронидани ислоҳот баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот мебошад.

Дар соҳаҳои истеҳсолӣ хусусигардонӣ бояд аз корхонаю муассисаҳои зиёновар шурӯъ шавад. Сохтмонҳои нотамомро ба тариқи музояда фурӯхтан лозим аст.

Боиси хушнудист, ки дар масъалаи гузарондани ислоҳоти иқтисодӣ дар вилоят, оид ба бунёди корхонаҳои муштарак, ҷалб кардани инвеститсияҳои хориҷӣ, ривоҷ додани соҳибкорӣ, хусусигардонӣ корҳои назаррасе анҷом дода шудаанд.

Бо вуҷуди ин бо дарназардошти шароиту имкониятҳое, ки дар вилоят мавҷуданд, рафти корҳо қаноатбахш нестанд. Як мисол оварданиам. Дар вилоят бунёд кардани корхонаҳои муштарак бо кишварҳои хориҷӣ дар авҷ аст. Вале дар қатори кишварҳои пешқадам бо чунин давлатҳо, чун Малта, Кипр, ки аз ҷиҳати технологӣ на он қадар пешравапд, бунёди корхонаҳои муштарак чӣ маънӣ дорад. Бар ивази боигарии асосии мо — пахта аз ин кишварҳо мошинҳои сабукрав оварда мешаваду халос. Ширкати муштараки "Сано" соли 1993 ба маблағи 98 ҳазор доллар мошинҳои сабукрави тамғаи хориҷӣ гирифтааст.

Тамоми чораҳоро дидан лозим аст, ки суръати ислоҳоти иқтисодиро тезонда, ҷойҳои нави кор омода созем, сафи бекоронро камтар гардонем, инвеститсияҳои хориҷиро бештар истифода барем.

Рафиқон, аҳамияти хоҷагии қишлоқро дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба инобат гирифта, мо бояд суръати ислоҳотро маҳз дар деҳот тезонем. Барои ин маблағҳои зиёдатӣ лозим нест. Фақат ташаббусу дилсӯзии роҳбарони ноҳияву хоҷагӣ зарур аст, ки монеаҳои мавҷударо бартараф намуда, муносибатҳои иҷоравӣ, пудрати оилавӣ, хоҷагиҳои фермерӣ ва дигар

шаклҳои пешқадами хоҷагидориро ривоҷ диҳем ва дастгирӣ намоем.

Чунон ки гуфтаанд, меҳнат падари бойигариҳо ва замин модари он аст. Мо ҳам заминҳои ҳосилхез дорему ҳам халқи меҳнатдӯст. Дар ҷараёни вохӯриҳои самимона бо заҳматкашони ноҳияҳои Ленин, Ҳисор, Шаҳринав, Кофарниҳон ва водии Қаротегин ҳаминро эҳсос кардем, ки мардум дарк кардааст, танҳо бо меҳнати ҳалол, таҳкими дӯстию бародарӣ, ривоҷ додани алоқаҳои иқтисодию ғамхории якдигар метавонем ҷумҳуриамонро ободу зебо гардонем.

Ба мардум имконият муҳайё кардан лозим аст, ки озодона меҳнат карда, ҳам супориши давлатиро иҷро кунаду ҳам маҳсулоти изофаашро ба бозор бароварда фурӯшад.

Солҳои охир суръати аз худ кардани заминҳои нав бисёр суст шудааст, ки ин бисёр тамоюли номатлуб мебошад. Бо дарназардошти он, ки суръати афзоиши аҳолии вилоят баланд аст, пешакӣ андешаи онро кунем, ки дар оянда бо кадом роҳҳо мардумро бо кор таъмин карда тавонем. Маҳз аз худ кардани заминҳои нав имконият медиҳад, ки шумораи зиёди одамон ҷойи кор пайдо кунанду таъминоти аҳолӣ бо озуқа беҳтар гардад.

Танҳо дар ноҳияҳои минтақаи Ӯротеппа қариб 90 ҳазор гектар заминҳои бекорхобида мавҷуд аст. Ғами фардоро аз имрӯз бояд хӯрд. Аз рӯйи ҳисобу китоби демографҳо дар давоми 15—20 соли оянда миқдори аҳолии минтақа ба 440—450 ҳазор нафар мерасад.

Дар ноҳияҳои мазкур имкониятҳои тараққӣ додани истеҳсолоти меҳнатталаб маҳдуд аст. Бинобар ин имрӯз бояд дар фикри обёрӣ кардани ҳамин заминҳои бекорхобида бошем.

Дар ин бобат якчанд нақша мавҷуд аст. Онҳо барои роҳбарияти ноҳияҳову вилоят маълум мебошанд, аммо амалӣ кардани нақшаҳо бе маблағҳои хориҷӣ мушкил аст. Оид ба ҷустуҷӯйи манбаъҳои маблағгузорӣ тадбирҳо ҷустан лозим меояд.

Тасаввур кунед, ки барои аз худ кардани як гектар замини корам мувофиқи ҳисобу китоби мутахассисони Вазорати хоҷагии об 500 миллион сӯм сарф мешавад.

Дар ду соли охир дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3300 гектар замин азхуд шудааст. Дар ҳамин муддат бошад, зиёда аз 1540 гектар замини корам барои сохтмони биноҳои маъмурӣ,

манзилӣ ва ғайраҳо ҷудо карданд. Магар, ин исрофкорӣ нисбат ба истифодаи замини обӣ нест?

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати сиёсӣ мустақилият ба даст оварда бошад ҳам, аз ҷиҳати иқтисодӣ аз дигар мамлакатҳо сахт вобастааст. Ба миқдори зиёд ғаллладона, сӯзишворӣ, молҳои ниёзи мардум, маводи хӯрокаро аз хориҷа мехарем.

Ҳоло ҳам воридот нисбат ба содирот хеле зиёд аст. Он арзе, ки мо аз фурӯши пахтаю алюминий ба даст меорем, ҳатто ба хариди галлаю газ намерасад. Торафт қарзи хориҷии ҷумҳурӣ меафзояд.

Иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, ки асосашро пахтаю алюминий ташкил медиҳад, ба пардохти пурраи қарзҳо намерасад.

Имрӯз гӯё, ки мо аз ҳисоби насли оянда хӯрда истодаем. Оё фардо онҳо барои ин аз мо гиламанд намешаванд?

Ягона роҳи наҷот дар он аст, ки чи дар сатҳи хоҷагӣ, корхона, чи дар сатҳи ноҳияву ҷумҳурӣ самаранокии истеҳсолотро баланд бардорем, масъалаи худтаъминкуниро ҳал намуда, вобастагии ҷумҳуриро аз дигар давлатҳо сабуктар намоем.

Буҷет оинаи вазъи иқтисодию иҷтимоии ҳар як ноҳияву вилоят аст.

Дар дунёи мутамаддин буҷети давлат аз ҳисоби пардохти маблағҳо аз ноҳияҳо, корхонаҳо, хоҷагиҳо ташаккул мёёбад. Ҳар қадар иқтисодиёти ноҳияҳо босамар бошад, буҷети ҷумҳурӣ ҳам ҳамон андоза мустаҳкам мегардад.

Дар он сурат давлат метавонад, ки аксар барномаҳои ҳифзи иҷтимоии мардумро амалӣ гардонад, пешрафти илму фарҳанг, маорифу тандурустиро таъмин намояд.

Аммо имрӯз буҷети давлат, ҷумҳурӣ касод аст. Танҳо соли гузашта касри буҷет 152 миллиард сӯм, ё худ баробари 24 фоизи маҳсулоти умумии дохилӣ буд. Маҷбур шудем, ки ин маблагро аз ҳисоби қарзи Банки давлатӣ пӯшонем.

Таҳлил нишон дод, ки ғайр аз шаҳрҳои Душанбею Турсунзода хароҷоти буҷети тамоми ноҳияву вилоятҳои ҷумҳурӣ нисбат ба даромадашон хеле зиёд аст.

Аз ҷумла, соли гузашта қисми даромади буҷети вилоят 64,6 миллиард сӯм буд. Хароҷот бошад 116,2 миллиард, яъне

касри буҷет 44,4 фоизро ташкил дод. Маблағи боқимонда аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ пӯшонда шуд.

Соли ҷорӣ даромади вилоят 126,2 миллиард сӯм, хароҷот бошад баробари 142,6 миллиард сӯм ба нақша гирифта шудааст. Ҳаҷми касри буҷети ҷумҳурӣ ҳам ба ҳамагон маълум аст.

Савол ба миён меояд, ки танқисии буҷетро аз кадом ҳисоб пӯшонем? То ба кай аз ҳисоби қарз зиндагӣ мекунем?

Мо бояд хуб дониста гирем, ки пастравии истеҳсолот, афзудани равандҳои беқурбшавии пул, зиёдшавии касри буҷет барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ оқибатҳои вазнин доранд.

Бинобар ин бояд ҳар як хоҷагӣ, ҳар як ноҳияи ҷумҳурӣ ҳаракат намояд, ки мувофиқи даромадаш хароҷот намуда, бештар манбаъҳои дохилиро пурра ва самаранок истифода барад.

Ҳар яки мо бояд дарк намоем, ки хароҷоти зиёдати буҷетро дар ҳама ҷабҳа ба низом дарорем, ҳар як сӯми ба арақи ҷабин ҳосилшудаи халқро сарфа намуда, ба беҳтаршавии зисту зиндагониашон хароҷот намоем.

Аз ин ҷиҳат, вобаста ба шароити ҷугрофию табиии ҳар минтақа маҳз ҳамон соҳаҳоеро тараққӣ додан лозим аст, ки инкишофи минбаъдаи ҳам минтақаю ҳам ҷумҳуриро таъмин карда тавонад.

Чӣ тавре ки маълум аст, пешрафти иқтисодиёти Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба истифодаи захираҳои табиӣ вобаста мебошад. Аз ин нигоҳ, вилояти Ленинобод мавқеи ба худ хосе дорад. Дар ин минтақа конҳои ниҳоят нодири металлҳои қиматбаҳою камёфт, ранга, нафт, газ, ангиштсанг ва ғайра мавҷуданд. Саноати коркарди металлҳои Қаромазор, минтақаи Зарафшон ва Исфара таърихи бой дошта, аз ҳама муҳимаш кадрҳои тайёру мутахассисони соҳибтаҷрибаи соҳаи геология, шахтёрон, пармагарон, технологҳо ва ғайраро ба камол расондаанд.

Ҳарчанд захираи аксари конҳо дар натиҷаи истифодаи зиёд ба охир расида бошанд ҳам, имконияти вилоят аз ҳисоби кашфи конҳои нав, ки дар тӯли 10—15 соли охир кушода шудаанд, хеле калон аст.

Махсусан, фаъолияти хуби геологҳо ва кӯҳканҳои кони Консойро қайд карданӣ ҳастам. Бо ташаббуси онҳо ҳоло ба ҷойи конҳои хурд фабрикаи калони истихроҷи тиллои Қайроққум фаъолият дорад.

Комбинати маъдани кӯҳии Анзоб низ вақтҳои охир бо самаранокии баланде консентрати сифатан хуби сурмаю симоб истеҳсол мекунад.

Аҳли меҳнати иттиҳодияи Адрасмон, иттиҳодияи ангишти Ленинобод, управления истихроҷи нафт ва ғайра ба шароити вазнини имрӯза, техникаи кӯҳна нигоҳ накарда, ба комёбиҳои калони меҳнатӣ ноил гардиданд ва маҳсулоти ба ҷумҳурӣ ниҳоят зарурро истеҳсол менамоянд.

Бо душворӣ бошад ҳам, комбинати тиллои ноҳияи Панҷакент оҳиста-оҳиста низоми кораш мураттаб мегардад. Ба кор даромадани заводи тасфияи тилло дар ҳайати иттиҳодияи истеҳсолии “Востокредмет” муваффақияти калони иқтисодӣ аст.

Дурнамои саноати кӯҳни вилоят хеле калон буда, ба фикрам онро дар якчанд самт ривоҷ додан лозим аст.

**Якум**. Аз нав таҷҳизонидан ва васеъ намудани корхонаҳо аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияи нав ва такмили коркарди онҳо. Дар ин бобат зарур аст, ки иқтидорҳои навро ба кор даровarда, кори корхонаҳои коркарди маъдан ва консентратҳоро беҳтар намоем.

Вазифаи дигари муҳим ин ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздик сохтани истихроҷи тилло аз консентрати заводи гидрометаллургии шаҳри Исфара ва сохтмони сехи металлургии комбинати тиллои шаҳри Панҷакент мебошад. Корҳои пурра ба кор андохтани иқтидорҳои комбинати маъдани кӯҳии Анзоб барои гирифтани сурма ва симоби металлӣ бояд ба анҷом расонда шаванд.

Солҳои охир истихроҷи нафт дар конҳои Исфара ва Конибодом хеле кам шуд. Мувофиқи назарияи мутахассисони хориҷӣ ва ватанӣ иқтидори ин конҳоро аз ҳисоби истифода бурдани технологияи ҳозиразамон якчанд баробар зиёд кардан мумкин аст.

**Самти дуюм** — ин азхуд кардани иншоотҳои нав мебошад. Чунин иншоотҳо дар вилоят хеле зиёданд. Як қатори онҳо иншоотҳои калонтарин ва нодиртарин мебошанд. Сухан пеш аз ҳама дар бораи конҳои нави тиллои водии Зарафшон, аз ҷумла Чоре, Дуоба ва Тарор меравад. Мо имконият дорем, ки истеҳсоли тиллоро дар вилоят дар ду—се соли охир ба 2—2,5 тонна расонем.

Дар бобати ба кор андохтани кони калонтарини нуқраю полиметаллии Кони Мансури калон ва кони дигари

бойи Кони Мансури шаркӣ масъалаҳои зиёдеро ҳал намудан лозим меояд. Тезонидани сохтмонҳои шахтаҳои ангишти Ягноб, конҳои мармар ва санги хоро мувофиқи мақсад мебуд. Кони оҳани Чокадам — Булоқро низ бояд дар назар дошт.

Ва ниҳоят **самти сеюми** кор ин тағйир додани сохтори саноати кӯҳии ҷумҳурӣ мебошад. Ман муттаҳид сохтани қувва, маблаг ва захираҳои дар ҷумҳурӣ мавҷудбударо дар назар дорам. Ба иқтисодшиносони мо лозим аст, ки дар бобати ташкили комплекси саноати кӯҳии Зарафшон пешниҳодҳо омода созанд. Дар бобати сохтани чунин иншоотҳо дар ҷумҳурӣ таҷрибаи калон мавҷуд аст, ки мисоли барҷастаи он комплекси территориявию истеҳсолии ҷануби Тоҷикистон мебошад.

Ба ҳамин монанд маркази дигари саноати кӯҳӣ мутамарказ сохтани корхонаҳои коркарди маъданҳои кухӣ ва корхонаҳои металлургии шарқи вилоят шуда метавонад.

Дар хотир дошта бошед, чанд сол пеш комбинати маъдани Анзоб бо як ташаббуси нек баромад карда буд. Онҳо ӯҳдадор шуда буданд, ки сохтмони туннелро, ки вилоятро бо маркази ҷумҳурӣ тамоми сол мепайвандад, бо қувваи худашон ба анҷом мерасонанд.

Хуб мешуд, ки комбинат ба воситаи ҷалб кардани инвесторҳои хориҷӣ ин корро тезонад.

Ташаббуси дигари мардуми водии Зарафшон оид ба бунёд намудани хатти роҳи оҳани Самарқанд—Панҷакент—Айнӣ шоистаи дастгирист.

Сохтмонҳои мазкур барои тараққиёти минбаъдаи қувваҳои истеҳсолкунандаи водию вилоят самараи нек медиҳанд.

Дар баробари тараққӣ додани саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ мо бояд ба инкишоф додани соҳаҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ аҳамияти ҷиддӣ диҳем. Ин ду соҳаест, ки дар структураи саноати вилоят мавқеи муҳимро ишғол мекунанд.

Илова бар ин, барои ривоҷу равнақи соҳаҳои мазкур базаи ашёи хом дар худи вилоят мавҷуд аст. Масалан, вилоят дар ҷумҳурӣ аз ҷиҳати боғу токпарварӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Умуман, чи дар вилоят ва чи дар ҷумҳурӣ бо дарназардошти ашёи хоми мавҷуда соҳаи саноати коркардро тараққӣ доданамон зарур аст.

Захираҳои гидроэнергетикӣ дар вилоят хеле маҳдуданд. Ҳатто маҷбур ҳастем, ки маблағи калонро сарф намуда, аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя қувваи барқ харида гирем. Дар оянда оид ба сохтмони ГЭС-ҳои Искандаркӯл, Ягноб, силсилаи ГЭС-ҳои хурд дар кӯҳистони вилоят фикр карданамон лозим аст.

Инчунин вилояти Ленинобод барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ имкониятҳои фаровон дорад. Замини корам дар ин ҷо зиёда аз 600 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки аз ин ҳисоб фақат 260 ҳазор гектараш обёрӣ карда шудаасту халос.

Як соҳаи муҳими хоҷагии қишлоқ, ки ояндадор аст, ин соҳаи тамокупарварӣ мебошад. Гуфтан ҷоиз, ки тамоку дар структураи содироти ҷумҳурӣ баъди пахтаю алюминий ҷойи сеюмро ишғол мекунад.

Бинобар ин тамоми чораҳоро дидан зарур аст, ки дар ноҳияҳои тамокупарварии чи вилоят ва чи ҷумҳурӣ истеҳсоли ин навъи маҳсулотро афзоиш диҳем.

Хусусан, имсол, ки боғу токзорҳои ноҳияҳои кӯҳистони вилоят дар натиҷаи сардии ҳаво зиёни сахт дидаанд, барои сабуктар кардани зисту зиндагонии мардум тамоку-парвариро ривоҷ додан лозим аст.

Вохӯрии имрӯзаи мо дар арафаи анҷомёбии кишту кори баҳорӣ сурат мегирад. Боиси хушнудист, ки деҳқонони соҳибтаҷрибаи ноҳияҳои вилоят кишти пахтаро ба охир расонданд. Умед дорем, ки меҳнаткашони вилоят имсол тамоми тадбирҳоро меандешанд ва ҳосили баланди пахта ба даст меоранд.

Мутаассифона, боду ҳавои номусоид нагузошт, ки кишти баҳории ғалладона, картошка, сабзавотро дар ҷумҳурӣ сари вақт ба анҷом расонем. Қобили қайд аст, ки нишондиҳандаҳои ноҳияҳои вилоят дар ин бобат беҳтаранд.

Ҳоло ҳам дер нашудааст. Деҳқонони он ноҳияҳое, ки дар он ҷо кишту кори баҳорӣ кашол ёфтааст, аз тамоми имкониятҳо истифода бурда, қафомониро бартараф намоянд. Як нуктаи дигарро хотирнишон карданиам. Ин ҳам бошад таҳкиму тараққӣ додани муносибатҳои иқтисодӣ, тиҷоратию фарҳангӣ байни ноҳияву вилоятҳо. Робитаҳои ҳамаҷониба суръати пешравии моро метезонанд. Дар ин кори нек ман таъкид карданиам, ки ташаббусро собиқадорони ҷангу меҳнат, созмонҳои ҷавонон ва занон ба даст бигиранд.

Чанд сухан дар бораи собиқадорони ҷангу меҳнат. Азизон, мо 49-мин солгарди Ғалаба бар Германияи фашистиро ҷашн гирифтем. Мо ба чеҳраҳои нуронии собиқадорони ҷангу меҳнат назар андохта боварӣ дорем, ки имрӯз ҳам пирони кор дар қатори пеши бунёдкорони ҷомеаи мо мебошанд. Ба онҳо саломатию хушиҳои зиндагӣ орзу намуда, аз ҳамаи шумо хоҳишмандем, ки кӯмаку дастгирии хешро нисбати онҳо дареғ надоред.

Вазъи иқтисодию сиёсии ҷумҳуриро таҳлил намуда, манбаи асосии ҳамаи паҳлуҳои зиндагию ҳаётамон, вазифаи марказии фаъолияти ҳамаи роҳбарон, намояндагони мардумиро бояд муайян намоем. Ин ҳам бошад мустаҳкам намудани сохти давлатдории ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо мебошад. Манбаи асосии он дӯстии халқҳои кишвари мост. Дар вилоят русҳо, ӯзбекҳо, украинҳо ва дигар миллатҳо дӯстона кору зиндагӣ мекунанд. Дӯстии бародаронаи қавму миллатҳо гарави ҳамаи бурдбориҳои мо мебошад. Сарфарозем, ки сафарҳои ҳайати давлатии мо ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон муносибатҳои дӯстию бародарии моро ба дараҷае баландтар бардошт. Бо кӯмаку дастгирии бародаронамон мо имсол тавонистем аз кишти баҳорӣ сар карда, то бисёр мушкилиҳои хоҷагидориамонро халлу фасл намоем. Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов шахсан барои ҳарчи зудтар паси сар кардани мушкилоти мо ғамхорӣ менамояд. Аз фурсат истифода бурда, Ислом Абдуғаниевичро бо унвони олии Қаҳрамони мардумии Ӯзбекистон табрик гуфта, хушбошиҳои мардуми Тоҷикистонро расониданиам.

**Дӯстони арҷманд!**

Имрӯз моро зарур аст, ки ҳама аз як гиребон сар бароварда, дастҷамъона меҳнат кунем, пастравии истеҳсолотро боздошта, самаранокии иқтисодиётро афзун намоем. Ваҳдату ягонагии халқамонро устувор гардонем. Вилояти Ленинобод буд, ки муҳити осоиштааш барои гузаронидани иҷлосияи шонздаҳуми таърихӣ имконият дод.

Боварӣ дорем, ки барқарорӣ ва ҷоннокшавии иқтисодиёти ҷумҳурӣ низ аз вилояти шӯҳратманди Ленинобод оғоз хоҳад ёфт.

Аз фурсат истифода бурда, ба ҳамаи шумоён пеш аз ҳама тансиҳатӣ, барори кор ва бурдбориҳо орзу менамоям.

**Ташаккур!**

# ДАР БОРАИ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ТАРТИБИ ҚАБУЛ НАМУДАН ВА МАВРИДИ АМАЛ ҚАРОР ДОДАНИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## МАЪРӮЗА ДАР ИҶЛОСИЯИ XIX ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

20 июли соли 1994

**Вакилони мӯҳтарами халқ, меҳмонони азиз!**

Имрӯз иҷлосияи Шӯрои Олӣ масъалаеро бояд ҳал намояд, ки он ба сарнавишти кишварамон, ба тақдири давлати миллӣ ва давлатдории халқҳои Тоҷикистон марбут аст. Сухан аз хусуси қабули Конститутсияи (Сарқонуни) нави Тоҷикистони соҳибистиқлол, демократӣ ва ҳуқуқбунёд меравад.

Халқи тоҷик ба халқҳое мансуб аст, ки дар таърихи мавҷудияташ соҳиби давлату давлтадорӣ буд.

Аммо бар асари нобасомониҳои замон, ҷудоиандозиҳо, маҳалгароӣ, низоъҳои дохилӣ ҳазор сол қабл аз ин халқ аз давлатдории худ маҳрум гашта, ҳукмфармоии сулолаю маликони мухталифи аҷнабиро таҳаммул мекард. Аммо дар ҳама давру замон барқарор намудани давлати миллии худро орзу дошт. Бо амри сарнавишт соли 1924 тоҷикон дар ҳайати давлати собиқ Шӯравӣ соҳиби замину давлати худ гаштанд.

Баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ давлати наву мустақили Тоҷикистон дар доираи меъёрҳои ҳуқуқии замони гузашта ба фаъолият шурӯъ намуд. Ва дере нагузашта маълум гашт, ки қолаби кӯҳна ба ҷисми нав мувофиқ нест.

Албатта, шитобкорона тайёр намудани Конститутсияи нав ва дигар қонунҳое, ки ба тамоми талаботи давлати мустақил ҷавоб диҳад, ғайриимкон буд.

Иҷлосияи таърихии 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд барпо гардид, Ҳукумати қонунии ҷумҳуриро таъсис дод ва ба таъмини сулҳу салоҳ, ваҳдати миллӣ асоси боэътимод гузошт. Мо ҳанӯз ҳамон рӯзҳо дар роҳи таъсиси сохтори давлати нав ва поягузории низоми нави ҳуқуқӣ дар кишвар қадам гузоштем.

Мувофиқи қарори Раёсати Шӯрои Олӣ гурӯҳи кории таҳияи лоиҳа таҳти роҳбарии муовини аввали Раиси Шӯрои Олӣ мӯҳтарам А.С. Достиев таъсис дода шуд. Ба ин ҳайат шахсони соҳибтаҷриба, олимони варзидаи соҳаҳои гуногуни илми Тоҷикистон, донишмандони таъриху анъанот, фарҳангу одат, мазҳабу дини миллатҳо ва халқҳои кишвар дохил гардиданд.

Ҳайати корӣ аз аввали моҳи ноябри соли 1993 ба кор оғоз намуд ва бо истифодаи таҷрибаи бойи ҷаҳониён лоиҳаро омода сохт, ки он ҳоло дар дасти шумост. Бояд гуфт, ки Комиссияи конститутсионӣ лоиҳаи Сарқонунро чанд маротиба мавриди муҳокима қарор дод ва бо тағйироту такмил ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод кардани онро салоҳи кор донист.

Лоиҳаи Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи фармони Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 апрели соли 1994 ба муҳокимаи умумихалқӣ тавсия гардид.

Дар тӯли зиёда аз ду моҳи муҳокимаи лоиҳа бештар аз ҳаштуним ҳазор пешниҳод аз ҷониби мардуми кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамон ба Шӯрои Олӣ ворид шуд. Бояд таъкид намуд, ки тамоми пешниҳодҳо бевосита ба лоиҳа дахл доштанд. Ин далели он аст, ки мардуми мо ба сарнавишт, ба пойдорию таҳкими давлати худ дилсӯзона муносибат мекунад. Охир, Тоҷикистон дар тӯли таърихи мавҷудияти худ аввалин маротиба метавонад Конститутсияи халқиро соҳиб шавад.

Ин лоиҳаи Конститутсия боз барои он халқӣ аст, ки онро кулли ҳамватанони мо дар шаҳру деҳоти Тоҷикистон ва берун аз он мавриди муҳокима қарор дода, такмилу пурра карданд. Аз ин рӯ, эҷодгари он худи мардум аст. Табиати халқӣ доштани лоиҳаи Конститутсия, инчунин дар сабт намудани баробарҳуқуқии тамоми сокинони ҷумҳурӣ, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, ранги пӯст ва дигар нишонаву вазъи иҷтимоиашон ифода меёбад.

Лоиҳаи Конститутсия имконияти инкишофи ҳаёти ҷамъиятиро дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ пешбинӣ намуда, бунёдгузории чунин давлатеро муҳайё месозад, ки он барои ҳамаи аҳли ҷомеа баробар хидмат мекунад. Аз ин рӯ, ҳар шахс метавонад дар ҳайати ҷомеа ва идоракунии давлат фаъолона ширкат варзад. Лоиҳа аз ҷониби як зумра мутахассисони кишварҳои мутараққии ҷаҳон, аз ҷумла Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Англия, Россия ва чанд кишвари дигар баҳои сазовор гирифт. Коршиносони Созмони Милали Муттаҳид, Шӯрои амният ва ҳамкории Аврупо (СБСЕ) ва созмонҳои дигари байналхалқӣ низ ба лоиҳа баҳои баланд дода, баъзе дархостҳои худро иброз доштанд. Мо ба ҳамаи онҳо барои ин кори хайрашон изҳори миннатдорӣ мекунем.

Акнун, бо иҷозати шумо ба таҳлили лоиҳаи пешниҳодшуда ва баъзе пешниҳоду дархостҳо мегузарем.

Ба ҳама маълум аст, ки Конститутсия се маротиба бо номи Сарқонун интишор ва муҳокима шуд. Бо вуҷуди ин, бисёр касон нигоҳ доштани номи Конститутсия ва Сарқонунро таклиф карданд. Бинобар ин, номи зерин муносиб дониста шуд. Конститутсияи — дар қавс (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар сарсухани Конститутсия мақсад ва мароми халқи Тоҷикистон ба сифати қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон муайян гардида, иродаи халқ ҳамчун асоси қабули Сарқонун ва таъсиси давлати нави Тоҷикистон эълон шудааст. Моддаи шашуми лоиҳа ба ин масъала бевосита хусусияти меъёри ҳуқуқӣ бахшида, принсипи соҳибихтиёрии халқро дар муайян кардани сарнавишти хеш, дар таъсиси давлати худ ҳамчун асоси инкишофи минбаъдаи ҷомеа сабт намудааст.

Ҳангоми мутолиаи лоиҳа диққати бисёре аз ҳамватанони моро масъалаи муайян намудани сохти ҷамъиятию сиёсии Тоҷикистон ба худ ҷалб кардааст. Бисёриҳо мепурсанд: “Мо кадом сохти иҷтимоию иқтисодиро асос мегузорем?”.

Ба ин савол дар моддаи аввали лоиҳа ҷавоб мавҷуд аст, ки он хусусияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ, ягонагӣ, соҳибихтиёрӣ ва иҷтимоии давлати Тоҷикистонро муайян кардааст. Имони комил дорем, ки бо қабули Конститутсияи нави Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии таъсиси чунин давлат

гузошта мешавад ва дар он шароити зарурии зоҳир намудани истеъдоду қобилияти инсон фароҳам меояд.

Ба ин муносибат дар моддаи ҳаштуми лоиҳа плюрализми сиёсӣ ва гуногунандешӣ ба сифати асоси инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ нишон дода шудааст. Бо дарназардошти асосҳои муқаддаси демократӣ, ки яке аз онҳо ифодаи мавқеъ ва саҳми шахс дар ҳаёти ҷамъиятию давлатӣ аз тариқи созмонҳои сиёсӣ ва иттиҳодиятҳои ҷамъиятӣ мебошад, лоиҳа ин нуктаро низ сабт мекунад. Ҳамзамон мо пайравии содиқонаи хешро ба тамоми талаботи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эълон намуда, ба таври қатъӣ мегӯем, ки таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст.

Дар рафти муҳокима қисми дуюми ҳамин моддаи лоиҳа фикру ақидаҳои гуногунро пайдо намуд. Баъзан савол мегузоштанд: “Магар давлати бемафкура ё беидеология метавонад вуҷуд дошта бошад?” Ва баръакс, пешниҳодҳое буданд, ки мувофиқи онҳо ҳатман як идеолгияи муайяни қувваҳои сиёсӣ ба сифати идеологияи давлатӣ эълон гардад. Мо бояд расман эътироф кунем, ки давлат ба сифати созмони сиёсии ҷомеа дорои идеологияи махсусу мустақили худ мебошад. Конститутсияи давлат идеологияи онро муайян менамояд. Ба ибораи дигар, Конститутсия идеологияи давлати ҳуқуқбунёдро бо тамоми унсурҳояш мустаҳкам мекунад.

Лоиҳаи Конститутсия принсипи соҳибихтиёрии мардумро ба сифати дастоварди бузурги демократӣ пешбинӣ намуда, дар қатори он принсипҳои таҷзияи ҳокимиятро ҳамчун асоси фаъолияти давлат ва мақомоти ҷудогонаи он сабт мекунад. Ин ду принсип якдигарро такмил медиҳанд, зеро ҳокимият воҳид асту манбаи ягонаи он халқ ва ҳокимият ба иродаи мардум такя мекунад.

Бинобар ин, ягона қувваи соҳибихтиёр халқ аст. Халқ ба мақсади ҳифзу таъмини манфиатҳояш мақомоти давлатиро таъсис медиҳад, ки ҳар яке аз онҳо дар асоси салоҳияту ваколати хоси худ фаъолият мекунанд.

Дар лоиҳа пешбинӣ шудааст, ки мақоми **ягонаи қонунгузори ҷумҳурӣ** Маҷлиси Миллӣ мебошад. Онро мардум дар асоси интихоботи озод, баробар ва бо овоздиҳии пинҳонӣ таъсис медиҳад.

Инчунин халқ сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия — Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ интихоб мекунад.

Ин ду мақоми олӣ бо ваколати халқ мақоми додгоҳӣ ва дигари давлатиро таъсис медиҳанд, ки ҳама дар маҷмӯъ дар доираи муайянкардаи Конститутсия фаъолият намуда, оромию пешравии ҷамъиятро таъмин менамоянд.

Дар лоиҳа эътирофи шаклҳои гуногуни моликият сабт ёфтааст. Дар ҷараёни муҳокима нисбат ба ин масъала пешниҳоду дархости хеле зиёд омад. Таҳлили онҳо бетараф набудани мардуми кишварро ба масъалаи моликият нишон дода, маълум мекунад, ки халқ мехоҳад, манфиатҳои иқтисодиаш тахти ҳимояи воқеӣ қарор гирифта бошад. Ҷанги дохилӣ ва оқибатҳои вазнини он, канда шудани муносибатҳои иқтисодӣ бо собиқ ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, таъмин набудани кишвар бо захираи кофии иқтисодӣ ва ғайра омилҳое мебошанд, ки ҳар узви ҷомеаро метавонад то андозае аз ҷараёни инкишофи иқтисодии кишвар норизо созад. Аммо ман бо тамоми масъулият изҳор менамоям: мақсади мо ин аст, ки ҷамъияти гражданин мутамаддинеро ташкил диҳем, ки ба муносибатҳои одилонаи иқтисоди бозаргонӣ асос ёфта, дар он ҳар яке аз шаклҳои моликият ҷой ва мавқеи сазовор дошта бошад. Ҳамаи шаклҳои моликият бойигарии миллӣ буда, дар роҳи рушду пешрафти ҷамъият хидмат мекунанд. Мо наметавонем, аз имконияти васеи моликияти хусусӣ истифода накунем ва намегузорем, ки моликияти давлатиро чанд тан талаву тороҷ кунанд. Дар асоси талабу дархости мардум замин, об, бойигариҳои зеризаминӣ, фазои ҳавоӣ ва дигар сарватҳои табиӣ ба сифати моликияти хоси давлат эътироф шудаанд.

Боби дуюми лоиҳаи Конститутсия "Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои инсон ва шаҳрванд" ном дорад.

Чунон ки аз номи боб маълум мегардад, мо ҷонибдории худро аз ақидаи ҳуқуқи фитрии инсон, ки онҳоро дар ягон ҳолат ҳеҷ кас, ҳатто давлат наметавонад маҳдуд намояд, эълон доштаем. Дар лоиҳа омадааст: "Ҳаёт, қадр, номӯс ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд".

Аввалин маротиба дар таърихи сиёсии кишвар лоиҳаи Конститутсия масъулияти давлатро дар назди ҷамъият ва шаҳрванд пешбинӣ мекунад ва ба ҳамин тартиб афзалияти ҳифзи ҳуқуқи инсонро сабт менамояд. Дар қисми дуюми моддаи панҷуми лоиҳа, ки ғояҳои он дар моддаҳои гуногуни боби дуюм инкишоф дода шудаанд, омадааст:

"Ҳуқуқу озидиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд".

Дар лоиҳа сабт шудааст: ҳар шахсе, ки дар рӯзи қабули Конститутсия шаҳрванди Тоҷикистон бошад, ба ин сифат боқӣ мемонад. Шаҳрвандон сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинсу забон, ақидаҳои динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, маълумот ва молу мулк дар назди қонун баробаранд.

Масъалаи дигаре, ки таваҷҷӯҳи мардумро ба худ ҷалб кардааст, душаҳрвандӣ мебошад.

Аввало ҳаминро бояд гуфт, ки ҳолати душаҳрвандиро ҳуқуқи байналхалқӣ эътироф намекунад ва он натиҷаи зиддияти амали байни системаҳои қонунгузории кишварҳои алоҳида мебошад. Бо дарназардошти ин нукта дар бахши асосии модда эътироф нашудани мансубияти шаҳрванди Тоҷикистон ба шаҳрвандии кишвари дигар сабт шудааст. Аммо дар айни замон шароити имрӯзаи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ба ҳисоб гирифта, дар сурати ба миён омадани зарурати ҳолати душаҳрвандӣ дар асоси қарордодҳои дутарафа мусбат ҳал шудани ин масъала пешбинӣ гардидааст.

Мавриди муҳокимаи ҷиддии аҳолӣ масъалаи ҳамроҳ намудани баробарҳуқуқии занон ва мардон қарор гирифт.

Таваҷҷӯҳи бисёр касонро таъсири равонию мазҳабӣ дар дохили ҷамъият ба худ ҷалб кардааст. Бо дарназардошти паҳлӯҳои гуногуни пешниҳодҳо ба лоиҳа баробарҳуқуқии занон ва мардон ҳамроҳ карда шуд.

Нисбат ба ҳуқуқ ва озодиҳои иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон аз қабили таъмини иҷтимоӣ, ҳифзи саломатӣ, манзил, таълим ва монанди инҳо пешниҳодҳои зиёде омадаанд, ки ҳамаи онҳоро Комиссияи конститутсионӣ ба эътибор гирифта ба матни моддаҳои дахлдори лоиҳа дигаргуниҳо ворид намуд.

Таъмини дахлнопазирии инсон, ки дар моддаҳои гуногуни лоиҳа сабт шудааст, баъд аз таҳлили пешниҳоду дархостҳо тағйиру такмил ёфт.

Ҳамин тавр, мо ба тамоми ҷаҳониён аз пайравии содиқонаи хеш ба усулу принсипҳои Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар, Қарордоди байналмилалии ҳуқуқии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, Қарордоди байналмилалии ҳуқуқии маданӣ ва сиёсӣ ва дигар санадҳои мӯътабари ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар онҳо ҳуқуқи инсон ҳифз мегардад, бори дигар эълон мекунем.

Дар лоиҳаи Конститутсияи ҷумҳурӣ ду шакли идоракунӣ ба сифати шакли идоракунии давлати мустақили Тоҷикистон сабт гардидааст. Амалияи сиёсии кишварҳои ҷаҳон намудҳои мухталифи ҷумҳуриро ба вуҷуд овардааст. Имрӯз асосан ду навъи ҷумҳурӣ, яъне **ҷумҳурии парламентӣ ва ҷумҳурии президентӣ** бо тобишҳои хоси худ маълум аст.

Ҳангоми муҳокимаи лоиҳа масъалаи интихоби шакли идоракунии давлат ба яке аз масъалаҳои хеле баҳснок табдил ёфт. Баъзеҳо ақида доранд, ки шакли беҳтарини давлатдорӣ ҷумҳурии парламентӣ мебошад. Ба фикри дигарон бошад, беҳтарин шакли идоракунии давлат ҷумҳурии президентӣ аст. Дар ин бора мехоҳам, муфассалтар сӯҳбат намоям ва аз ин рӯ, баъзе галатфаҳмиҳоеро, ки дар ин замина пайдо шудаанд, аз байн бардорем.

Пеш аз ҳама бояд таъкид намуд, ки муқобил гузоштани ин ду шакли идоракунии давлат ва якеро хубу дигареро бад хондан дуруст нест, зеро ин ҳар ду навъи ҷумҳурӣ дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон қабул шудаанд ва бо дарназардошти хусусиятҳои таърихию фарҳангӣ, сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию анъанавии онҳо амал мекунанд.

Мо ҳама шоҳиди он будем, ки дар гузаштаи начандон дур баъзе аз хусусиятҳои давлатдории парламентӣ чӣ гуна зоҳир шуда буд. Намедонистем, ки сардори давлат кӣ буду кӣ раиси ҳукумат, кадоме аз инҳо дар назди кадомаш масъул буд. Яке аз сабабҳои субъективии харҷумарҷи давлатдорӣ ва оқибатҳои аз он ҳам вазнинтар дақиқ муайян набудани салоҳияти мақомоти давлатӣ буд.

Имрӯз ҳамаи мо набояд як масъаларо фаромӯш кунем, масъалаи **манфиату оромии мардум**. Мо дар асоси иродаи халқи хеш давлати нав бунёд мекунем.

Мо дар назди халқ масъул ҳастем. Мо бояд дигар нагузорем, ки аз бесалоҳиятию ноўҳдабароии давлатдорон мардум ба гирдоби оқибатҳои фалокатовар гирифтор шавад. Дар айни замон, мо бояд чунин амал кунем, ки шароити мушаххаси ҷомеаи мо аз мадди назар дур наравад.

Имрӯз барои Тоҷикистон шакли идоракуние, ки дар лоиҳаи Конститутсия сабт шудааст, мувофиқ аст. Мо ҳама умед дорем ва кӯшиш мекунем, ки давлати Тоҷикистон низ дар қатори давлатҳои дигар бо риояи талаботи меъёрҳои давлати ҳуқуқбунёд соҳиби низоми сариштаёфтаи давлатӣ мегардад.

Мардуми мо чунин ақида дорад, ки як давлати қавӣ ва қодир баҳри таъмини оромию пешрафти ҷомеа ба миён меояд ва онро шахсе роҳбарӣ менамояд, ки халқ бо иродаи мустақими худаш интихоб кардааст.

Хулоса, барои татбиқи ҳокимияти иҷроия Президент масъул аст. Албатта, бо дарназардошти омилҳои равонию миллӣ, таърихию анъанавӣ ва бо пайравӣ аз талаботи низоми "худдорӣ ва муқовимат" Президент ҳангоми ташкили ҳукумат, мақомоти олии додгоҳӣ, додситонӣ, Бонки миллӣ интихоби онҳоро ба Маҷлиси Миллӣ пешниҳод мекунад ва ё барои таъин кардан розигии Маҷлиси Миллиро мегирад.

Як хусусияти хуби ҷумҳурии президентӣ дар он нукта ифода меёбад, ки дар ин шакл мувозинату баробарии мақомоти олии давлатӣ таъмин мегардад. Дар сурати савгандшиканӣ ва ё содири ҷиноят Маҷлиси Миллӣ метавонад Президентро аз вазифа сабукдӯш созад.

Ҳангоми муҳокимаи лоиҳа бисёре аз ҳамватанони мо савол мегузоштанд:

— Чаро Президенте, ки аз тарафи мардум интихоб шудааст, аз тарафи Маҷлиси Миллӣ сабукдӯш карда мешавад? Барои он ки Маҷлиси Миллӣ низ намояндаи тамоми мардуми Тоҷикистон буда, ҳамчун мақоми воҳиду муштарак фаъолият мекунад ва манфиати мардумро ҳифзу ҳимоя менамояд. Миёни ин ду мақом бояд ҳам ҳамкорӣ таъмин гардаду ҳам худдорӣ аз сӯиистифодаи салоҳияти хеш, то ҳар ду ба боварии халқ сазовор бошанд. Дар навбати худ Президент метавонад ба қонуне, ки аз тарафи Маҷлиси Миллӣ қабул мешавад, имзо нагузорад. Агар ин қонун дубора аз ҷониби Маҷлиси Миллӣ бо тарафдории аз се ду ҳиссаи вакилони халқ қабул нашавад, амал намекунад.

Барои барқарор намудани ҷумҳурии президентӣ, албатта, нақшу мавқеи ҳизбҳо ва созмонҳои сиёсӣ назаррас аст. Вале ин омили асоси нест. Камшумор будани ҳизбу созмонҳои ботаҷриба дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон

наметавонад садди роҳи таъсиси ҷумҳурии президентӣ гардад. Баръакс, ин навъи низоми давлатдорӣ метавонад ҳамчун омили субъективӣ барои ба вуҷуд омадани ҳизбҳои сиёсии умумимиллӣ мусоидат намояд ва дар маҷмӯъ ҷомеаро аз ҳолати ақибмондагӣ берун кашад.

Бо дарназардошти тамоми хусусиятҳои ҷумҳурӣ дар соҳаҳои гуногуни кишвар, ба мақсади муташаккилона гузаронидани ислоҳот ва таҷрибаи талхи давлатдории собиқи худ аъзоёни Комиссияи конститутсионӣ ба хулоса омаданд, ки шакли мувофиқ ва боэътимоде, ки имрӯз ба шароити мушаххаси Тоҷикистон ҷавоб медиҳад, ҷумҳурии президентӣ бо дарназардошти хусусиятҳои хоси Тоҷикистон мебошад. Илова ба ин, аксарияти кулли шахсоне, ки дар муҳокимаи лоиҳа иштирок доштанд, ҷумҳурии президентиро ҳамчун шакли идоракунии давлати Тоҷикистон тарафдорӣ кардаанд.

Лоиҳаи Конститутсия сохтори давлатии Тоҷикистонро ба сифати давлати ягона (унитарӣ) муайян намудааст. Тоҷикистон аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо иборат буда, дар тамоми қаламрави он ҳокимияти олӣ ва соҳибихтиёрии давлати ягона ҷорӣ мешавад. Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир аст.

Дар лоиҳа тартиби нави муносибати байни мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ пешбинӣ шудааст. Мувофиқи он мустақилияти маҳал таъмин гардида, роҳбарии марказиятнок сурат мегирад, зеро ҳокимияте, ки аз нигоҳи маъмурӣ ё сиёсӣ худ ҷиддан танзим наёфта бошад, қодири фаъолият нест. Бо дарназардошти шароити рӯз дар лоиҳа масъулияти маҳал дар назди марказ пешбинӣ шудааaст (моддаҳои 76, 78).

Имрӯзҳо дар байни баъзе аз аъзои ҷомеа ақидаи эҷоди давлати федеративӣ, ҳатто давлати конфедеративии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтааст.

Зимнан бояд гуфт, ки асоси яке аз лоиҳаҳои алтернативиеро, ки аз ҷониби мутахассисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон таълиф шудааст, ин ақида ташкил медиҳад. Барои кишвари мо ин ақида қобили қабул нест, зеро Тоҷикистон як кишвари хеле хурд буда, аҳолиаш низ на он қадар зиёд аст. Агар мо ин ақидаро пайравӣ кунем, такрори сарнавишти талхи давлати Сомониён аз эҳтимол дур нест.

Имрӯз барои ҳар фарди ҷомеа вазифаи таъмини ваҳдати миллӣ ва тамомияти арзии Тоҷикистон муқаддастарин вазифа аст. Мо дар назди наслҳои оянда масъул ҳастем, ки Тоҷикистонро ба онҳо ба сифати давлати ягона, воҳид ва муштарак мерос гузорем. Ҳар миллату халқияте, ки Тоҷикистонро Ватани хеш интихоб кардааст, бояд танҳо ба мақсади таъмини ягонагии он кӯшиш намояд.

Дар лоиҳаи Конститутсия принсипҳои ташкили мақомоти олии давлатӣ, тартиби фаъолият ва муносибати байни онҳо возеҳ нишон дода шудааст.

Ҳангоми муҳокимаи лоиҳа таваҷҷӯҳи бисёре аз ҳамватанони моро ном ва характери фаъолияти Маҷлиси Миллӣ ба худ ҷалб намудааст.

Комиссияи конститутсионӣ истилоҳи “Маҷлиси Миллӣ”-ро ба сифати номи Парламенти Тоҷикистон мувофиқ донист.

Масъалаи дигари муҳиме, ки ба Маҷлиси Миллӣ алоқаманд мебошад, характери фаъолияти Парламенти ҷумҳурӣ аст. Дар бисёр пешниҳодҳо таъкид шудааст, ки Парламент бояд касбӣ ва доимоамалкунанда бошад. Мо имони комил дорем, ки ба ин мақсад мерасем.

Аммо имрӯз шароити иқтисодӣ, маҳаллӣ ва омодагии умумии сиёсии мардуми мо барои шитобкорона таъсис додани Парламенти доимоамалкунанда муҳайё нест.

Имрӯзҳо дар миёни баъзе аъзои ҷомеа, бахусус намояндаҳои созмонҳои миллӣ фикру андешаҳое мавҷуданд, ки муфовиқи онҳо барои миллатҳои ғайритоҷик қаблан ҳадди насаб (квота) муайян карда шавад.

Аввалан, ин роҳ принсипи умумии интихоботро вайрон менамояд, тамоми таҷрибаи сиёсии гузаштаву имрӯзаи кишварҳои ҷаҳон, аз он ҷумла кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъро сарфи назар мекунад.

Ва дар ниҳоят, бояд хотирнишон сохт, ки давлат ҳуқуқу озодиҳои тамоми мардумро сарфи назар аз мансубияти милливу нажодӣ, қавмиву қабилавӣ ва дигар унсурҳояш таъмин менамояд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ шаҳрвандон дар асоси интихоботи умумӣ, мустақим, баробар ва бо овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати панҷ сол интихоб мекунанд. Дар лоиҳаи Конститутсия шартҳои зерин барои номзад ба мақоми президентӣ пешбинӣ шудааст: синну солаш аз 35

кам ва аз 65 зиёд набошад: забони давлатиро донад; дар қаламрави Тоҷикистон ҳадди аққал 10 соли охир зиндагӣ карда бошад. Ӯро камаш 5 фоизи интихобкунандагон ба номзадӣ пешниҳод карда бошанд. Ин шарту шароитҳо танҳо ба мақсади интихоби шахси сазовор ва қобили эҳтироми мардум пешбинӣ шудаанд.

Ҳангоми муҳокимаи лоиҳа диққати мардум асосан дар атрофи ном ва меъёрҳои зарурие, ки барои номзад шудан ба президентӣ зарур буданд, ҷалб шуда буд. Дар натиҷаи омӯзиши ҳамаҷониба Комиссияи конститутсионӣ ба хулоса омад, ки ибораи "Раиси ҷумҳур" ба истилоҳи Президент иваз карда шавад.

Дар пешниҳодҳо масъалаи ҷорӣ намудани мақоми ноиби Президентро ба миён гузоштаанд. Аслан, ин пешниҳод дуруст аст, аммо чун ташкили Ҳукуматро ба Сарвазир лоиҳа пешбинӣ мекунад, зарурати ҷорӣ намудани ноиби Президент аз байн меравад.

Лоиҳаи Конститутсия таъсиси Ҳукуматро пешбинӣ намуда, онро ба сифати мақоми таъминкунандаи роҳбарии самараноки соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва иҷрои қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси Миллӣ, фармону амрҳои Президент муайян кардааст.

Ҳамин тавр, аввалин маротиба дар таърихи сиёсии Тоҷикистон Ҳукумат ба сифати мақоми иҷрокунандаи қонунҳо ва созмондиҳандаи ҳаёти иқтисодии ҷомеа муайян шудааст, ки ин нукта низ пурра ба талаботи усули таҷзияи ҳокимият мувофиқ аст.

Тартиби таъсиси мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, салоҳияти онҳо, номи онҳо, таносуби мавқеи онҳо бо мақомоти намояндагии маҳаллӣ, мӯҳлати ваколаташон ва дигар масъалаҳое, ки лоиҳаи Конститутсия пешбинӣ намудааст, мавриди муҳокимаи васеъ ва ҷиддии мардум қарор гирифтаанд.

Бо дарназардошти ҳамаи ин пешниҳодҳо Комиссияи конститутсионӣ ба ҷойи "мир" қабули истилоҳи "раис"-ро салоҳ донист.

Ҳангоми омӯхтани пешниҳодҳо оид ба тарзи таъсиси мақомоти иҷроияи маҳаллӣ комиссия ҳар як пешниҳодро муҳокима карда, ба хулоса омад, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон, дар замоне, ки ҳам тамомияти арзии ҷумҳурӣ таъмин гардаду ҳам асосҳои демократия халалдор

нагарданд, тартиби таъсиси ин мақомот ҳамон тавре, ки дар лоиҳа пешбинӣ шудааст, нигоҳ дошта шавад.

Ақидаи асосии ин масъала дар таъмини ҳокимияти ягонаи марказонидашудаи давлатӣ бо ҳамнаво сохтани асосҳои демократии маҳаллӣ ифода меёбанд, яъне раиси маҳалро Президент ҳамчун намояндаи худ таъин намуда, ба тасдиқи маҷлиси маҳаллӣ пешниҳод менамояд, ки дар натиҷа ӯ дар як вақт ба сифати ҳам раиси мақомоти иҷроияи маҳаллӣ эътироф мегардад.

Чизи нави дигаре, ки ба лоиҳа ворид гардид, дар сатҳи шаҳраку деҳа таъсис додани мақомоти худидораи маҳаллӣ дар шакли ҷамоат мебошад.

Лоиҳаи Конститутсия мавқеи хосаи мақомоти додгоҳиро муайян намуда, татбиқи адолат, ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шахс, манфиати давлат, созмону муассисаҳо ва таъмини қонуниятро аз вазифаҳои аввалиндараҷаи додгоҳӣ донистааст.

Бояд таъкид намуд, ки аввалин бор дар таърихи сиёсии кишвар дар сатҳи меъёрҳои конститутсионӣ имкон доштани мурочиати шахс ба додгоҳи босалоҳияту беғараз, кафолату ҳифзи додгоҳии шаҳрвандон, махсусан ҷабрдида, баробарии ҳама дар назди додгоҳ ва дигар меъёрҳои демократии эътирофшударо лоиҳа сабт намудааст.

Ҳамаи инҳо шоҳиди онанд, ки мо давлати одилонаю демократӣ таъсис менамоем. Ташкили Додгоҳи конститутсионӣ, ки вазифаи асосии он ҳифзи Сарқонуни Тоҷикистон мебошад, аз кафолатҳои боэътимоди таъмини принсипи волоияти Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон мебошад.

Дар пешниҳодҳо асосан талаб кардаанд, ки мӯҳлати ваколати додрасҳо як хел муайян шавад. Ин талаботро асосан кормандони додгоҳ ба миён гузоштаанд. Дар натиҷаи таҳлили пешниҳодҳо Комиссияи конститутсионӣ ба хулоса омад, ки мӯҳлати ваколати ҳамаи додрасҳои додгоҳҳо панҷ сол муайян шавад.

Дар масъалаи додситонӣ бошад, пешниҳодҳои гуногун буданд ва бо таҳлилу таҳқиқи онҳо комиссия ба хулоса омад, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон мақомоти додситонӣ дар шакли имрӯзааш бояд боқӣ монанд.

Чунин аст бахшу самтҳои асосии лоиҳаи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Оид ба ислоҳоти конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ, тарзи қабули Конститутсия, мӯҳлати интихоботи Президент, Парламенти ҷумҳурӣ фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад. Ман бар он мӯътақидам, ки Қонуни Асосиро ба воситаи раъйпурсӣ қабул ва Президентро ба тариқи умумихалқӣ интихоб намудан лозим аст.

Назаре ҳам мавҷуд аст, ки оё дар ҳолати касодии буҷет чунин хароҷотҳои барзиёд зарур аст? Беҳтар намебуд, ки Конститутсияро Парламент қабул кунаду Президентро ҳам дар сессияи Шӯрои Олӣ бо иштироки шахсони бонуфузи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ интихоб намоем.

Биёед, ба атроф назар андозем. Дар тамоми ҷумҳуриҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сарваронашон ба тариқи умумихалқӣ интихоб шудаанд. Рукни асосии низоми демократиро ба ҷо овардаанд. Магар мо, тоҷикистониҳо, ба ин кор омода нестем? Чаро мо худро ба чашми кам мебинем.

Ман аминам, ки мардуми босабру ботаҳаммули мо озодона сардори худро интихоб ва Қонуни Асосиро қабул менамояд. Давлат имрӯз қудрати комил дорад, ки рафти бомураттаби ҳамаи ин чорабиниҳоро зери назорат гирад. Давлат намегузорад, ки бо баҳонаи интихобот боз ягон гурӯҳи мансабталошу худхоҳ ҳаёти мардумро ноором созад, тухми кинаю адоватро миёни ҷомеа корад.

Ба фикрам, то қабули Конститутсия ва интихоботи Президент Шӯрои Олӣ бояд амал намояд. Ин имконият медиҳад, ки дар ин муддат беҳокимиятӣ ва беқудратӣ ба вуҷуд наояд.

Мо ният дорем, ки дар рӯзҳои қабули Конститутсия, интихоботи Президент ва Парламент ба ҷумҳурӣ намояндагони созмонҳои байналмилалӣ, ОБСЕ, ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро даъват намоем. Бигузор онҳо рафти чорабиниҳои муҳими сиёсиро мушоҳида намуда, баҳои холисона диҳанд.

Маълум аст, ки вазъи душвори иқтисодӣ водор месозад, ки шаҳрвандони Тоҷикистон дар марказҳои саноатии ҷумҳурии Россия, Украина, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва ғайраҳо ба кор раванд. Ин як раванди объективӣ аст.

Комиссияи интихоботӣ бояд тавассути сафоратхонаҳо, намояндагиҳои Тоҷикистон дар ҷумҳуриҳои мазкур барои иштироки онҳо тамоми шароитҳоро муҳайё намоянд.

Ман боз ба шаҳрвандони Тоҷикистон, ки бо ҳукми сарнавишт он тарафи дарё мондаанд, муроҷиат мекунам. Аз ибтидо то ба имрӯз гуфтаам ва боз таъкид мекунам, ки бозгардонидани охирин гурезаи тоҷикро қарзи инсонии худ медонам.

Бо камоли қаноатмандӣ изҳор медорам, ки протсесси бозгашти ҳамватанонамон рӯз то рӯз меафзояд. Мувофиқи маълумоти Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва маълумотномаи Комиссариати олии СММ оид ба гурезагон дар хоки Афғонистон ҳоло бештар аз бист ҳазор шаҳрвандони ҷумҳурӣ умри ғарибӣ ба сар мебаранд. Боварӣ дорам, ки ин шумора то рӯзҳои интихобот боз ҳам камтар мегардад.

Имрӯз мо бояд қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул намудан ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро қабул карда, дар асоси он лоиҳаи Конститутсияро барои гирифтани ҳукми ниҳоии халқ ба ӯ пешниҳод намоем. Раъйпурсии умумихалқӣ аввалин қадаме хоҳад буд дар заминаи таъсиси низоми давлатдории нав ва эҷоди асосҳои нави ҳаёти сиёсии Тоҷикистон. Аз ин роҳ мо, воқеан принсипи соҳибихтиёрии халқро татбиқ намуда, барои худ ва ҷаҳониён эълон мекунем, ки ягона манбаи ҳокимият халқ аст ва иҷрои ҳукми он барои ҳар узви ҷомеа ҳатмист!

**Мӯҳтарам намояндагони мардум!**

Лоиҳаи Конститутсияи наверо, ки ба раъйпурсии умумӣ пешниҳод менамоем, мардум ҳамчун қонуни сарнавишту тақдирсоз номидааст, ки ин асоси воқеӣ дорад. Дар ҳақиқат, ҳазорон шаҳрвандон дар вақти муҳокима изҳор доштанд, ки Конститутсияи нави Тоҷикистон бояд ҳамчун Сарқонун, ҳуҷҷати ифодакунандаи орзую ормон ва масъулияти шаҳрвандон, Сарқонуне, ки минбаъд ҳаёти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷамъият бояд дар чаҳорчӯбаи он сурат бигирад, барои давлати тозабунёди мо, барои мардум, барои насли имрӯза ваояндаи мо муқаддасу шариф аст.

Ман фикр мекунам, ки Конститутсияи нав, Нишону Парчам ва Суруди миллии мо боиси ифтихори халқ гашта, дар роҳи таҳкими давлатамон, афзун намудани обрӯю эътибори он дар арсаи байналмилалӣ ва эҳё намудани Тоҷикистони азизамон хизмат хоҳад кард.

**Ташаккур!**

# СИТОИШГАРИ АДЛУ РОСТӢ ВА НУРУ ХИРАД

## СУХАНРОНӢ ДАР СИМПОЗИУМИ БАЙНАЛХАЛҚӢ БАХШИДА БА ҲАЗОРАИ “ШОҲНОМА”-И ФИРДАВСӢ

5 сентябри соли 1994

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони гиромӣ!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Дар арафаи сесолагии истиқлолияти ҷумҳуриамон баргузор шудани симпозиуми байналмилалии ҳазораи “Шоҳнома”-и ҳакими бузургвори тӯсӣ аз он ҷиҳат бисёр муҳим аст, ки фалсафаи ҳаётбахши Фирдавсӣ моро аз гузаштаамон огоҳ сохта, сабақи омӯзанда ва ибратбахш барои наслҳои имрӯз ва фардо хоҳад шуд.

Халқи тоҷик мисли ҳамаи қавмҳои дигари эронӣ аз он ифтихор дорад, ки ҳаким Фирдавсӣ дар “Шоҳнома”-и ҷовидонаи худ манзараи басо барҷастаи Ватанамонро аз нахустин падидаҳои зиндагӣ дар ин сарзамин то рӯзгори худ бо қалами сеҳрофарин тасвир намудааст ва мо ҳамроҳи нависандаи ин ҳамосаи ҷовидонӣ шоҳиди ҳам фирӯзиҳо ва ҳам нокомиҳо, ҳам сарбаландиҳо ва ҳам шикастҳо мешавем. Бадахшону Вахшону Хатлон ва Фарғонаву Хоразму Тахористон, Суғду Бохтар ва мулки Шумон дар “Шоҳнома” бо тамоми кӯҳу дашту даманҳояш ба таври ҳайратангез ба қалам дода шудааст.

“Шоҳнома” танҳо китоби базму разм, диловарию қаҳрамонӣ, ривояту афсона нест. Вай пандномаи беназир, ахлоқнома ва дастури омӯзандаи хулқу атвори ҳасана, хислат ва хусусиёти неки инсонист.

Аз достонҳои ҷангӣ, ишқӣ ва нақлу ривоёти “Шоҳнома” то таърихи пурифтихори халқҳои ориёинажод,

суннат ва анъанаҳои мардум, одоби зисту зиндагӣ, оини мамлакатдорӣ, раиятпарварӣ, ватандӯстӣ, таъмини истиқлоли кишвар, озодӣ ва озодагӣ, маънои ҷангу сулҳ ва шинохтани ҳаққу ботил, фирӯзии нур бар зулмот, мардумшиносӣ, ҳаллу фасли мушкилоти байни давлатҳо, бемаъно будани ихтилофоти динию мазҳабӣ, эҳтиром гузоштан ба ҳаққу ҳуқуқи дигарон ва дӯстию рафоқатро меомӯзем.

Ман бовар дорам, ки дар мунозираҳои илмӣ пиромуни бузургтарин китоби таърихи эрониён, балки тамоми ҷаҳони аҳлу хирад, паҳлӯҳои гуногуни фалсафаи Фирдавсии бузургвор баррасӣ хоҳад шуд ва ин маҷлиси дониш ва биниш, ки дар он хушбахтона олимони машҳури эроншинос аз бисёр кишварҳои ҷаҳон ширкат меварзанд, имкон медиҳад, ки муҳтавои "Шоҳнома"-ро беҳтару хубтар дарк намоем ва аз мубoризаи некӣ бо бадӣ, нур бо зулмот дақиқтар огоҳ шавем.

Иҷозат диҳед, ҳузури муборaки меҳмонони азизи ин маҳфили унсро дар ин гӯшаи Ватани Фирдавсии бузургвор самимона хайрамақдам бигӯям ва ба онҳо иқомати хушеро дар ин кишвари кӯҳистонӣ орзу намоям.

**Дӯстони азиз, меҳмонони гиромӣ!**

Ҷумҳурии мо дар ин муддат рӯзгори басо ҳассосро аз сар мегузаронад. Мо бар асари дасисаҳои аҳриманӣ ва дурӯғу фитна, худхоҳию беадолатӣ гирифтори ҷанги дохилӣ шуда, садҳо фарзандони Ватанро аз даст додем, хонаҳо хароб ва бисёр шаҳру деҳоти мо аз касофати нерӯҳои ҷоҳил вайрону валангор шуд. Заҳҳоки хирадхӯр бо макру фиреби аҳриманӣ дар вуҷуди халқи мо ҷой шуд ва қисме аз мардумро гумроҳ сохт.

Дар "Шоҳнома" ҳам ҷангҳои дохилии вилоятҳои эронзамин, ҳамчун ҷангҳои зишту бемаъно, ки аз огоз горатгарӣ мебошанд, бисёр тасвир шудаанд.

Яке аз ҷангҳои бемаъно ва бедодгарона ҷанги шоҳи Сосониён бар зидди шоҳи Ҳайтол (Хатлони имрӯза) Хушнавоз аст. Пирӯз, ки худ бо мадади шоҳи Ҳайтол ба салтанат расида буд, паймоншиканона ӯро сарнагун мекунад ва мо мебинем, ки Фирдавсӣ шоҳи Сосониёнро мазаммат намуда, ҳокими Ҳайтолиёнро, ки ҷиҳати сулҳу осоиш ҷонбозиҳо мекард, самимона ситоиш мекунад. Ба

қавли Фирдавсӣ танҳо ҳамон нерӯҳое, ки дар хидмати адлу адолат мебошанд, қобили ситоишанд. Дар ҷангҳои доманадори Эрону Турон ҳам Фирдавсӣ эрониёнро фақат ҳамон лаҳзаҳое ситоиш мекунад, ки онҳо барои доду адл мубориза мекунад, зеро ҷанги беадолатона ғалаба нест.

Ки ҳар-ҷу ба бедод ҷӯяд набард,
Ҷигархаста боз ояду рӯйи зард.

Фирдавсӣ ҳатто ҳуҷуми хеле пурхашми Искандари Мақдуниро ба Эронзамин маҳкум намекунад. Зеро вай бо худ идеяи нав — идеяи шоҳи одилро овард.

Рустами дастон — ин паҳлавони ҷаҳон ҳам ба ҳеҷ рӯй моил намешавад, ки дар ҷанги бедод галаба кунад ва мегӯяд, агар кори ман ҳақ нест, бигузор бо дасти душман кушта шавам.

Сирру асрори тасвирҳои зебои "Шоҳнома" ҳам дар он аст, ки Фирдавсӣ фақат ҷангҳои одилонаро ситоиш карда, хонандаро ҳамроҳи худ вориди саҳнаҳои набардҳои одилона месозад.

Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ ба сифати як инсони покнажоду покгуҳар ва шахсияти нобигаву достонсарои беҳамто, султони шеъру адаби форсигӯёни ҷаҳон, воқеан фалсафаву адаби моро нерӯи тоза бахшида, шеърро ба ҳар дард даво ва ёвару мададгор ва ҷонбахши мардум гардонид.

Фалсафаи манзуми ӯ моломоли ғояҳои ватанпарастӣ, башардӯстӣ, покию нафосат, сулҳу сафо, панду андарз ва ахлоқи ҳамида, шеъри набарду мубориза ва ҷонбозиҳо дар роҳи озодии халқу Ватан, дар роҳи адолату ростӣ аст.

Ҳаким Фирдавсӣ ба сифати як ҳамосасарои нобиға ва бузургтарин донандаи таърих ва зиндагиномаи гузаштагони хеш таърихи чандинҳазорсоларо дар дилу дидаи оламиён аз нав эҳё карда, аз қисмату сарнавишти мардони бузурги таърихи мо ва рӯйдодҳои зиндагӣ натиҷаҳо бардошт ва ҳосили ин бардошт панду андарз ва хулосаҳои саршор аз ҳикмат аст, ки моро ба роҳи ростӣ ҳидоят мекунад.

Ҳакими бузургвори тӯсӣ тавассути шеъри асил анъанаю дастовард, ҳикмату хирад, ҷасорату мардонагӣ, қудрати маънавию ахлоқӣ, нанғу номӯс, ғурури миллӣ ва қаҳрамониҳои бемисли мардуми эронинажодро ба гӯши ҷаҳониён расонид.

Бисёр халқҳои олам ба таърихи Эрони бостон, корномаи фарзандони далер ва анъанаю суннатҳои миллии он тавассути "Шоҳнома" ошноӣ пайдо карданд.

"Шоҳнома" асари ҷовидонист ва ҳар сатри он аз заминаи миллӣ, аз саргузашту користони мардуми он, аз зиндагии воқеӣ берун омадааст ва биноан шеъри Фирдавсӣ шеъри асил ва ростин аст.

Ҳазор сол боз мардуми мо аз шеъри Фирдавсӣ ғизои рӯҳу ҷон, панду ҳикмат, ахлоқи ҳамида мебардоранд, ба ҳар дардашон даво, ба тани ранҷурашон шифо меёбанд, тавассути шеъри ӯ мушкилоташонро осон мекунанд.

Фирдавсӣ як марди мусулмон буд, вале ҳаргиз таърихи пурифтихори халқи худро қурбони идеологияи ҷоҳилона насохтааст. Аз фалсафаи Фирдавсӣ бармеояд, ки ягон ҳукумат, ягон роҳбар ва ҳоким, ягон андеша ва дину идеология ҳақ надорад, ки мардумро бо зӯрӣ мутеи худ созад.

Хирад барои мардуми эронинажод нақше ба ҷуз посдорӣ ва нигаҳдорӣ ва парвариши ҷон, яъне зиндагӣ чизи дигар намебошад.

Озурдани ҷон ва ҳамроҳ бо он озурдани хираду андеша бадтарин гуноҳ ва шар аст.

Мутаассифона, ин ҳикмати ҳакими бузургро онҳое, ки имрӯз худро мухолифи оштинопазири Ҳукумати феълии Тоҷикистон меноманд, дарк карда натавонистанд ва кӯшиш доранд, ки озодандеширо дар мағзи халқи худ нобуд сохта, мардумро кӯркӯрона дар кӯчаи сарбастаи хурофот ба сӯйи роҳгумӣ бикашанд.

Барои Фирдавсӣ рехтани хуни бародарони ҳамхуни ҳамнажоду ҳамзабон гуноҳест азим ва ҷавонмардӣ ин нест, ки хуни бародари хеш бирезӣ ва миёни пайвандон тухми нифоқу қасос бикорӣ:

Ба пеши бародар бародар ба ҷанг
Наёяд, агар бошадаш ному нанг!

Боз мегӯям, ҳазор афсӯс, ки мардуми тоҷик ба дасисаи аҳриманӣ гирифтор шуд ва дар ин ҷанги фоҷиабор панду андарз ва даъватҳои шӯълавари шоири бузурги хешро аз ёд бурда, ба харобкориву хунрезӣ даст зад.

Акнун бояд ба худ оем ва гуноҳи ҳамдигарро бубахшем.

Бояд дар ин сарзамини абгору дардхӯрда аз ин пас танҳо сулҳу оштии миллӣ ва ягонагию ваҳдат пойдор бошаду тантана кунад.

Фардои дурахшон ва хушбахтию некномии миллати мо танҳо аз ваҳдат, ягонагию якзабонӣ ва мусолиҳаи миллӣ вобаста аст ва агар мо ин корро накунем, рӯҳу арвоҳи

бузургонамон, бахусус рӯҳи Фирдавсӣ ҷовидон аз мо домангир хоҳад буд.

Имрӯз вазифаи ҳар инсони солимақлу некхоҳ, бахусус ҳар тоҷики ватанпараст, аз хурд то бузург, аз сарвар то деҳқони хокпош ба панду андарз, ба ҳикмату хиради бузургони хеш рӯ ва имон овардану кишвари худ, Тоҷикистони азизи худро аз вартаи ҳалокат берун кашидан аст.

Агар мо бихоҳем, ки ҷовидон дар ин сарзамин рӯҳи Фирдавсиро зиндаву покиза нигоҳ дорем ва худро ворисй воқеии ӯ бидонем, бояд ҳама андарзҳои ӯро ҳифз намуда, тибқи онҳо амал бикунем, баҳри оромишу осоиш, ваҳдату ягонагӣ ва пойдор гардидани сулҳ ба ҷон бикӯшем ва нагузорем, ки миёни мо тухми нифоқу кина бикоранду бародарро ба қатли ҷони бародар бифиристанд.

Чунон ки маълум аст, мақомоти роҳбарии ҷумҳурӣ ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти сиёсии мамлакат, ба пуррагӣ ба Ватан баргардонидани оворагон ва муҳайё сохтани шароити беҳтар барои пазируфтани Қонуни Асосӣ ва интихоби роҳбари ҷумҳурӣ тасмим гирифт, ки мӯҳлати ҳамапурсӣ ва интихобот дароз карда шавад, гуноҳи онҳое, ки силоҳ ба даст доранд, агар ин силоҳро ба замин гузоранд, бахшида шавад ва дар маҳбасбудагон озод шаванд.

Ин тадбири мақомоти роҳбарии ҷумҳурӣ имкон медиҳад, ки барои дар интихобот иштирок кардани ҳамаи ҳамватанон шароити мусоид фароҳам ояд.

Мақомоти роҳбарии ҷумҳурӣ ҳамчунин тасмим гирифт, ки дар гуфтушуниди оянда ҳайати намояндагии расмии давлат ба сатҳи баландтар бардошта шавад. Мо самимона тарафдори гуфтушуниди самарабахш, оташбаси доимӣ ва таъмини амнияти ҳамешагӣ бо ҳамватанони худ мебошем.

Ҳамон тавре ки Фирдавсии бузург фармудааст:

Биё то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.
Аз ин пас ба хира марезед хун,
Ки бахти ҷафопешагон шуд нагун.

**Дӯстони азиз!**

Имрӯз қаламрави забони форсӣ дар марзҳои якчанд кишвари мустақили ховарзамин ва нуфуси форсигӯён дар бисёр кишварҳои Аврупо ва Амрико паҳну парешон аст. Ва

фақат нобиғаҳое чун Рӯдакию Фирдавсӣ тавонистанд, ки ҳатто ҳазор сол баъд аз сари худ ҳамаи моро гирди ҳам оранд. Ин гирдиҳамоӣ маҳфили ақлу хираду фаросату башардӯстист. Он, ки бо сеҳри сухан мулки Аҷамро зинда кард, намирандааст, ҳамон тавре ки худаш ҳам бовар дошт:

Биноҳои обод гарданд хароб,
Зи борону аз тобиши офтоб.
Пайафкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

**Дӯстони азиз ва меҳмонони гиромӣ!**

Ба ҳамаи шумо, дар ин симпозиум мунозираҳои судбахши илмӣ, муваффақият ва хушрӯзӣ орзу мекунам!

**Саломат ва сарбаланд бошед!**

# РАФТИ ТАТБИҚИ ИСЛОҲОТИ КОНСТИТУТСИОНӢ ВА ВАЗЪИ СИЁСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## АХБОР ДАР СЕССИЯИ XX ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАЪВАТИ ДУВОЗДАҲУМ

7 сентябри соли 1994

**Мӯҳтарам вакилони халқ!**
**Меҳмонони гиромӣ!**

Бояд мову шумо ба сессияи навбатӣ, пас аз интихоботи Президент ва раъйдиҳӣ барои қабули Конститутсияи (Сарқонуни) нав ҷамъ меомадему савганди Сардори давлатро қабул мекардем. Аммо ҷараёни воқеаҳо чунон сурат гирифтанд, ки имрӯз ба ҷамъ шудану маслиҳат кардан зарурат пеш омадааст: агар интихобот ва раъйдиҳиро андаке ба таъхир гузорем, чӣ мешавад? Чаро мо ин мӯҳлатро дароз карданием?

Оё дар сиёсатамон ягон тағйироти ҷиддӣ ба амал омад?

Мо аъзоёни Раёсати Шӯрои Олӣ низ хеле андеша кардем, ки қабул кардани чунин қарор ба манфиати кор аст ё ба зиёни он.

Зеро аслан афкори ҷомеаи мо барои дар охири сентябр гузаронидани ин маърака тайёр буд ва тавре дар сессияи гузашта зикр карда будем, гарчи ин давра айёми ҳосилғундорист, мо мехоҳем, ҳарчи зудтар интихоботро гузаронида, ба ҳалли масъалаҳои муҳими зиндагӣ дилпурона машғул шавем.

Аммо як чизи дигарро ҳам таъкид карда будем: мо мехоҳем интихобот тавре сурат гирад, ки дар он аксарияти кулли ҳамватанонамон иштирок карда тавонанд ва он омили ваҳдати миллӣ шавад, на иллати парокандагии халқ.

Ба он умед доштем, ки то охири моҳи август, ҳеҷ набошад то нимаҳои моҳи сентябр, аксарият ё кулли гурезагонро пас гардонда меоремӯ онҳо дар ин маъракаи муҳим саҳм мегиранд.

Ҳамчунин нигарон будем, ки дар муддати таъиншуда ҳамаи воҳидҳои маъмурӣ ва ҳизбҳои расмии сиёсӣ маҷлисҳои дахлдорашонро даъват менамоянду номзад ба президентӣ пешниҳод мекунанд ва ё дар бораи номзадҳои зикршуда андешаи худро баён менамоянд.

Аммо, мутаассифона, на ҳамаи ин ниятҳои мо амалӣ шуданд. Аз ҷумла, мо ҳанӯз натавонистем он теъдоде аз гурезагонро, ки дар мадди назарамон буд, бозгардонем, ҳамчунон иддае аз воҳидҳои маъмурӣ, аз ҷумла ВМКБ, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сессияҳои худро гузаронида номзади худро ба мансаби президентӣ муайян намуда натавонистанд.

Ин ва сабабҳои дигар боис шуданд, ки сессия даъват намуда, маслиҳат кунем: агар мӯҳлати ҳамапурсӣ ва интихоботро андаке ба таъхир андозем, чӣ натиҷа мегирем?

**Вакилони мӯҳтарами халқ!**

Шумо, албатта, хуб медонед, ки дар ин фосилае, ки байни ду сессия гузашт, роҳбарияти ҷумҳурӣ барои мӯътадил гардондани ҳаёти иҷтимоӣ тамоми тадбиру чораҳоро андешида истодаанд. То як андоза дар ҳалли ин масъалаҳо қадамҳои умедбахш гузошта истодаем. Мулоқотҳои мо дар Маскав ва Тошканд аз ҷумлаи онҳоянд.

Сессияи мо дар рӯзҳое ҷамъ омадааст, ки дар Ватани азизамон тантанаи ҷашни ҳазораи “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсии бузургвор идома дорад. Воқеан, тамоми идеяи "Шоҳнома” даъват ба он аст, ки бародар ба муқобили бародар набояд силоҳ бардорад, зеро падару модар зор ва Ватан хор мешавад.

Ба ҳам омадани таҷлили ҳазораи “Шоҳнома” ва иди Истиқлоли ҷумҳурӣ фоли нек аст.

Шуморо бори дигар бо ин ҷашни фирӯз самимона табрик мегӯям.

**Дӯстони азиз!**

Дар арафаи иди сесолагии истиқлолияти Тоҷикистон зарур медонам, ки ба роҳи кӯтоҳу пурпечутоби истиқлолиятамон як назар андозем.

Решаи тамоми бадбахтии имрӯзаи мо дар он аст, ки аз истиқлолият натавонистем пурра истифода намоем. Баръакс, онро иддае аз фарзандони худхоҳи халқи мо кӯшиданд ба манфиати худ истифода намоянд, дар натиҷа мо ба гирдоби моҷароҳо ва ҷанги дохилӣ гирифтор шудем.

Оқибатҳои ҷанг чунон фалокатбор буданд, ки аз истиқлолияти мо чизи каме монд.

Мо дар хусуси истиқлолияти воқеиву комил вақте сухан ронда метавонем, ки аз ҳар ҷиҳат мустақил бошем, мӯҳтоҷӣ, накашем, муттаҳид ва ягона бошем, дар мамлакатамон адлу адолат ҳукмрон бошад. Аммо, мо ҳанӯз ба он нарасидаем. Чаро?

Ҳоло мо дар давраи гузариш қарор дорем. Ин давраи ниҳоят сахту мушкил аст. Зеро, тавре медонед, дар замони сотсиализм дар кишвари мо сатҳи баробарии умумӣ мавҷуд буд.

Чун ин система дар тамоми кишвари собиқамон вайрон шуд ва мо монанди ҳамаи мамлакатҳои дигар роҳи иқтисоди гуногун ва бозаргониро пеш гирифтем, хоҳем нахоҳем ин ба тарзи зиндагӣ, муносибати байниҳамдигарӣ ва имконияти иқтисодии мардум таъсир мекунад. Дарки ин на ба ҳама муяссар мешавад, ҳалли ин на барои ҳама осон аст.

Ба болои ин дар давраи қариб якуним соли охир мо ба як зумра душвориҳое рӯ ба рӯ шудем, ки имрӯз дар бораи он сухан нагуфта наметавонам. Пеш аз ҳама масъалаи пул.

Рости гап ин мушкилот барои Тоҷикистон аз масъалаи иқтисодӣ ба масъалаи сиёсӣ табдил ёфт.

Чи тавре ки маълум мебошад, иқтисоди мо бо ҳазору як ришта бо иқтисоди кишвари бузурги Россия бофта шудааст ва ҳамтақдирии пулию иқтисодӣ бо ин мамлакат роҳи асосии наҷоти мо аз бӯҳрони иқтисодӣ аст. Аз ин рӯ, мо ба сахтӣ ва душворӣ нигоҳ накарда, ба ин роҳ рафта истодаем. Дар акси ҳол магар ман аз аҳволи мӯйсафедон, нафақахӯру бепарастор, оилаҳои серфарзанди камбизоат хабар надорам?

Магар дили ман, ҳамчун як шаҳрванд, ба онҳо намесӯзад. Ман бори дигар ба ҳамватанонам, ки ин ҳама сахтиро бароиояндаи нек паси сар карда истодаанд, изҳори миннатдорӣ менамоям.

Рӯйирост бояд гӯям, ки вазъияти иқтисодии мо чунон аст, ки дар 4—5 сол тараққиётро таъмин кардан душвор аст.

Аммо, мо бояд ба он муяссар шавем, ки рӯз ба рӯз, ҳафта ба ҳафта, моҳ ба моҳ беҳбудӣ шавад, на пастравӣ. Агар халқ ҳис кунад, ки Ҳукумат ӯро бо роҳи дуруст бурда истодааст, ба душвориҳо тоб меорад, Ҳукуматро дастгирӣ мекунад.

Мо ба онҳое, ки иқтисодро аз харобӣ бароварданиянд, бояд бовар кунем, онҳоро дастгирӣ намоем. Дастгирии мо дар ташкили кор зоҳир мешавад. Дар ин бобат ман мехоҳам, як чизро махсус таъкид кунам: бисёр роҳбарони ноҳияю шаҳрҳо, муассисаҳо ва хоҷагиҳо ашёи хом нест, сӯзишворӣ нест, қисмҳои эҳтиётӣ нест гуфта корро ба ҳоли худ мондаанд. Хайр, кӣ онро ба мо медиҳад? Мо ба кадом давлат "чӣ додем", ки аз вай талаб карда метавонем?

Вазъияти ҳозираи мо, ба фикрам, аз замони баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳам хеле вазнинтар аст. Он вақт аз як ҷо ба ҷойи дигар молу маҳсулот мефиристоданд. Давлати ягона буду механизми муайян кор мекард. Акнун мо бояд поямонро ба кӯрпа нигоҳ карда, дароз кунем. Дар ҳама соҳа сарфаю сариштакориро ба роҳ монем. Шояд ду—се сол ба меҳнати сахт, ба шиками нимгурусна, ба тани нимбараҳна тан диҳем, зеро моро ба ин ҳол бегонагон не, худамон овардем.

Ман бо дили реш-реш ба либосу пойафзоли фарсудаи деҳқонони Ёвон, Исфараю Ӯротеппа менигаристам, ман намедонистам, чӣ кор кунам, вақте ки мактаббачаҳои Шаҳритусу Қӯрғонтеппаро пойлучу нимбараҳна медидам. Онҳо ба ҷойи мактаб то ба ин рӯз дар зери дарахтон дарс хонда истодаанд.

Ман бо дарназардошти ҳамаи ин аз ин минбари баланди сессия ба шумо, депутатҳо, ба тамоми халқам муроҷиат мекунам. Роҳи наҷоти ҷумҳурӣ танҳо дар дасти худи мост, мо бояд меҳнат кунем, маҳсули меҳнатамонро барои осоиши Ватанамон истифода барем.

Ман ба роҳбарони хоҷагиҳо ва сарватдорони миллӣ муроҷиат мекунам. Имрӯз Тоҷикистон дар ҳолате ҳаст, ки ҳамаи маҳсулот ва ҳамаи шакли истеҳсолот бояд манфиати ягонаи ҷумҳуриро ҳимоя кунад. Тоҷик бошем, Ватанро обод кунем ва бо меҳнати худ пеши роҳи гуруснагӣ ва сархамиро гирем. Тоҷикистонӣ бошем, ба ғайр аз ин Ватан ҷойи дигаре саҷда накунем, тоҷик бошем, ба Ватан моли лозима биоварем, на ин ки боигарии Ватанро ба берун кашонем. Он вақт кишвар обод мешавад.

Мардум дуруст мегӯяд, вақте бо дили гарм кор мекунӣ, ки дилат ба оянда пур бошад, донӣ, ки вай насибат мешавад. Ин гап сад дар сад дуруст аст.

Мо бояд амнияту осудагии шаҳрвандони кишварро таъмин намоем. Ва мо дар ин соҳа ба таври ҷиддӣ кор ҳам карда истодаем. Биёед, муқоиса кунем, магар вазъияти Душанбе, водиҳои Вахшу Ҳисор, Қаротегин як сол пеш ҳамин хел буд? Магар замоне набуд, ки рӯйирост дар кӯча одам мекуштанд, замоне набуд, ки рӯйирост таҳқиру таҳдид мекарданд.

Ҳозир шукри Худо ин чиз нест. Аммо вазъият дар аксарияти ноҳияҳо ва махсусан дар пойтахт ҳанӯз пурра ором нашудааст. Ҳоло ҳам ҷиноятҳои вазнин содир мешаванд, якеро барои молу манол, дигареро бо қасди сиёсӣ, сеюмиро барои қасос ба қатл мерасонанд, дуздию мардумозорӣ дар бозорҳо нисбати деҳқонони заҳматкаш то ҳол ҷой доранд. Оё дар чаҳор ноҳияи пойтахт шӯъбаҳои корҳои дохилӣ пеши ин бедодгариҳоро гирифта метавонад ё не? Аз ҳама аламовараш он аст, ки бисёр вақт ҷинояткорон беҷазо мемонанд.

Ин нанги миллат, нанги давлат аст. Сессияи мо дар назди вазоратҳои марбута ва роҳбарияти шаҳри Душанбе вазифа мегузорад, ки ба таври қатъӣ мубориза ро алайҳи ҷинояткорҳо ба роҳ монанд ва ё кушоду равшан гӯянд, ки аз ӯҳдаи пешгирии ҷиноятҳо намебароянд.

Вазъияти иҷтимоии мо тақозо дорад, ки барои мубориза бар зидди ҷинояткориҳои муташаккилона, куштору ғоратгарӣ, ришвахӯрӣ фармони алоҳида қабул намоем. Дар он сурат, кормандони мақомоти маъмурӣ, ҳуқуқӣ фаъолияти худро бояд ҷоннок намоянд.

Ба ин кор аҳли ҷамоатчигиро низ сафарбар намудан лозим аст. Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд шаклҳои нави ҳамкориро бо омма ҷустуҷӯ намоянд.

Ҷинояткор миллату маҳалу мазҳаб надорад. Ба хотири он ки мардум осуда нафас кашанду ба меҳнат дилгармона машғул шаванд, мақомоти маъмурӣ ва ҳифзи ҳуқуқ бояд бо қатъияти том ҷинояткоронро саркӯб намоянд.

Ҳоло мо дар давраи бисёр пурпечутоби сиёсӣ қарор дорем. Махсусан, аз он рӯзе, ки мӯҳлати раъйпурсӣ оид ба Сарқонун ва интихоби Президент муайян шуд, мубориза, аниқтараш, фишороварии сиёсӣ ба халқу Ҳукумат авҷ гирифт.

Яке аз намунаҳои онҳо овозаҳо мебошанд. Мухолифини оштинопазири давлату миллати мо аз варақаҳои иғвоангез, аз гапу калочаҳо истифода бурда, одамони дар сиёсат ғофил ва бехабарро боз ба оташи ҷанг тела доданианд. Онҳо аз марази қадимаи маҳалгароӣ истифода мебаранд.

Аз ҳамаи шумо самимона илтимос мекунам, ки якҷоя шуда ба ин кор роҳ надиҳем. Агар Тоҷикистонро ин дафъа порча-порча созанд, дигар на маҳал мемонаду на Тоҷикистону на миллату давлатдории миллӣ.

Дар замони мо масъалаи муҳимтарине, ки дар ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ пайдо мешавад, ин масъалаи миллӣ аст.

Бузургии халқи мо дар он аст, ки дар ҳеҷ вақту замон ба муқобили халқу миллати дигар сухане нагуфтааст, бо онҳо тифоқу бародарона кору зиндагӣ кардааст, ҳеҷ қавмро таҳқир накардааст. Ин хусусият хоси миллати мост. Мо аз ин хати миллӣ ҳеҷ гоҳ берун намеравем. Мо миллати худро дӯст медорем, вале эҳтироми миллати дигарро нигоҳ медорем. Ҳамзамон мо ба касе, қавме таҳқири худро раво намебинем.

Давлати Тоҷикистон дар сиёсати худ масъалаи ифтихори миллиро аз идеяҳои боарзиш медонад.

Мо — тамоми мардуми Тоҷикистон бояд забони модарии худ, анъанаи миллии худро эҳтирому риоя намоем, Суруди миллии худ, Байрақи худ, Нишони давлатиамонро хор накунем.

Бояд дар назар дошта бошем, ки сарватдори бемазҳабу бемиллат дар зиндагӣ бе ному нишон мешавад, аммо фарде, ки барои халқаш сухан гуфту мафкураи халқашро ҳимоя намуд, зинда мемонад. Халқ, давлат дар он вақт зинда мемонад, ки миллату забонаш зинда бошад.

Мо барои давлати тоҷикон, барои пойдории миллату қавми худ мубориза мебарем. Имрӯз ҳар тоҷик эҳсос намудааст, ки осоиши халқ, рушди давлат, истиқлолияти мо ба ваҳдати миллатамон вобаста аст. Ваҳдати миллӣ аз мо тақозо мекунад, ки ҳар гуна кинаву адовати сиёсиву иҷтимоиро фаромӯш кунем.

Масъалаи таъмини ваҳдати миллӣ яке аз сабабҳои ба таъхир андохтани интихоботу ҳамапурсӣ низ мебошад. Мо тасмим гирифтем, ки тамоми халқи тоҷик дар муайян кардани мӯҳтавои Сарқонун ва интихоботи сардори давлат

иштирок намояд, зеро ин кори тамоми халқи тоҷик, ин сарнавишти миллии мо, ин таърих ва сарнавишти мардуми Тоҷикистон аст.

Лофи тоҷикият, лофи фарзанди ин халқу миллат буданро ҳар кадоми мо зада метавонем, ҳар кадоми мо худро аз дигаре тоҷиктар медонем, ҳатто забони тоҷикиро надониста, худро тоҷик ҳисоб мекунем, гуноҳу савоби ин ба гардани ҳар кадоми мост. Вале мо вазифадорем, ки ба халқ аз сидқи дил хизмат кунем, ифтихори миллӣ, шарафи миллии худро нигоҳ дорему ҳифз кунем ва донем, ки ин ба муқобили ҳеҷ кадом миллати дигаре равона нашудааст. Ҳеҷ кадом миллате, ки худро дӯст медорад, миллати дигарро паст намезанад ва ин одати одамгарии тоҷикон аст. Зеро боз мегӯям агар сарнавишти миллиамонро худамон муайян накунем, каси дигаре ба ҷойи мо муайян нахоҳад кард. Вале ифтихори миллӣ дар лофу худситоӣ не, дар хидмат барои кишвару халқи худ зоҳир мешавад.

Соҳибистиқлолӣ низ аз ваҳдати миллӣ бармеояд. Дар ин маврид ба чанд ҷиҳат таваҷҷӯҳи шуморо ҷалб кардан мехоҳам.

Масъалаи ваҳдати миллӣ пойдевори ягонагии Тоҷикистон аст. Ҳукумати Тоҷикистон барои он мубориза мебарад, ки ин кишвар аз рӯйи маҳал тақсим нашавад. Бародарон, хоҳиш мекунам, ба ин чиз сидқан нигоҳ кунед, кадоме аз шумо бовар доред, ки Бадахшону Хатлон ё Ленинобод, Ҳисор ё Қаротегин берун аз ҳамин халқу ҳамин диёр вуҷуд дошта метавонад? Мо тоҷикем, биёед тоҷикона биандешем, дар аввали ин аср тоҷикон хеле зиёдтар аз он буданд, ки имрӯзанд, аммо чӣ шуд ба онҳо?

Ва, аз тарафи дигар, Тоҷикистон Ватани умумии ҳамаи онҳое, ки хуни нофашон дар ин ҷо рехтааст, ба ҳисоб меравад. Сарфи назар аз забону миллату маҳзаб, биёед ин анъанаро эҳтиром кунем, онро риоя ва муҳофизат намоем. Хушбахтона, алҳол раванди бозгашти бародарони русу ӯзбек, қирғизу тотор ва дигар қавму миллатҳо шурӯъ шудааст. Ман аминам, ки бо мӯътадилшавии рӯзгору вазъияти сиёсӣ, оромии сарҳад, шумораи онҳо боз ҳам меафзояд.

Дар ҳамин партав мехоҳам оид ба масъалаи гурезаҳо чанд сухан гӯям.

Дар давраи ҷанг — аз моҳи майи соли 1992 то феврали соли 1993 Тоҷикистон зиёда аз 900 ҳазор гурезаи дохилию берунӣ дошт. Мо тавонистем аз ин миқдор бештар аз 750 ҳазор нафарашонро бозгардонем.

Мувофиқи маълумоти ташкилотҳои байналхалқии босалоҳият дар Афғонистон ҳоло 10-12 ҳазор нафар ҳамдиёрони мо боқӣ мондаанд.

Мо ба ин фикрем, ки ободиву озодии Ватан ба бозгашти пурраи гурезагон вобаста аст. Албатта, ин масъаларо саҳл гирифта намешавад. Ин танҳо вобаста ба он нест, ки мо ҳамватанонамонро даъват кунему онҳо пас оянд. Ин, пеш аз ҳама, ба он вобаста аст, ки мо ба онҳо чӣ гуна шароитҳоро муҳайё мекунем.

Ҳукумати Тоҷикистон якҷоя бо ташкилотҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид ва Комиссариати олии он оид ба гурезаҳо кӯшиш мекунад ба онҳо ҳар чӣ бештар ёрӣ расонад.

Вале афсӯс, ки дар давоми ҷанг Ватани худро, хонаву дари ҳаққу ҳамсояи худро чунон хароб, чунон вайрону валангор кардем, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ ба зудӣ барқарор кардани онҳо кори саҳлу осон нест.

Дар ҳамин ҷо дар бораи мухолифини давлат ва сохти иҷтимоиамон чанд сухан гуфтаниам. Ман муқобили гуногунандешӣ нестам. Аммо гуногунандеширо ба ҳадди муборизаи мусаллаҳона ба муқобили халқу Ватани худ, миллати худ расондан, ба фикри ман, камоли хиёнат ба Ватан аст. Ҳар касе, ки бовар дошта бошад, ки бо қувваи бегонагон Ватани худро, ҳаммиллатони худро ба зону мешинонад, хато мекунад.

Таърихи башарият чунин озодихоҳону миллатпарастони забониро бисёр дидаву зиёд нафрат кардааст. Умед дорем, ки дар байни мухолифин низ ашхосе ҳастанд, ки осоиши халқу Ватани худро мехоҳанд. Такя бо он дорем, ки ҳисси ватанпарастии онҳо боло мегираду силоҳро ба замин монда, дар сари мизи гуфтушуниди сулҳҷӯёна менишинанд.

Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳалли мусолиҳатомези ин масъала ҳар чӣ аз дасташ меояд, ба ҷо меорад. Мисоли барҷастаи ин чор дафъа қабул кардани авф мебошад. Мувофиқи авфе, ки мо 25 август қабул кардем, бештар аз 1000 нафар аз маҳбас озод мешаванд, садҳо парвандаҳои

чиной қатъ мегардад, билохира ба он ашхосе, ки худро тоҷик меноманду бар зидди халқашон мубориза мебаранд, агар силоҳашонро партофта баргарданд, Ватан онҳоро қабул хоҳад кард. Мо мехоҳем, ки сарфи назар аз ақидаҳо, сарфи назар аз мақсадҳои ниҳоӣ ҳама якҷоя барои осудагиву ободии Ватан кӯшиш кунем, зиёда аз ин халқу Ватанамонро хорузор накунем.

Дар иртибот ба ин масъалаи ҳизбҳои сиёсӣ пеш меояд. Дар Тоҷикистони мо, мутаассифона, ҳизбҳои сиёсие ҳам ба вуҷуд омада буданд, ки такягоҳи онҳо яроқу зӯроварӣ буд. Вазифа аз он иборат мебошад, ки дар оянда барои фаъолияти ҳамон ҳизбҳое, ки зимни оинномаашон амал мекунанд, барои ба даст овардани қудрати сиёсӣ тибқи қонун фаъолият менамоянд, шароит фароҳам созем.

Дар ин миён масъалаи дигар — масъалаи дин, масъалаи имон пеш меояд. Маълум аст, ки сад дар сад мардуми тоҷик мусулмон аст. Аммо як чиз хеле муҳим аст. Дин, аз ҷумла дини мубини ислом, барои покии ботини ҳар фард зарур аст. Ҳар шахсе, ки онро ба сиёсат кашидан мехоҳад, исломро хор мекунад. Биёед фаъолияти сарвари дини католикҳои ҷаҳон Иоан Павели Дуюм ва Митрополити умумии Россия Алексийро пеши назар биёрем. Онҳо шабу рӯз, дар ҳамаи вохӯриҳо бо насрониён танҳо аз сулҳу салоҳ, аз оромию осоиштагӣ миёни бандагон сухан меронанд ва ба ваҳдату зиндагии солим даъват менамоянд.

**Вакилони мӯҳтарами халқ!**

Ман мехостам диққати шуморо ба як масъалаи муҳим ҷалб намоям, ки он масъалаи хизмати Ватан мебошад. Рости гап мо худамон имрӯз ба танҳоӣ сарҳадро пурра посбонӣ карда наметавонем. Вале аз тарафи дигар нигаред: дар Осиёи Миёна Тоҷикистон давлатест, ки дарозтарин сарҳади хориҷӣ дорад ва аҳолии шояд камтарин. Ҳамчунон мо то соли 1993 артиши худро надоштем. Онро нав созмон дода истодаем. Дуруст аст, ки дар ин армияи навбунёди мо нофаҳмиҳои байниҳамдигарии ҷавонон ба амал меояд, ки ин ниҳоят бад аст. Вазифаи мо барҳам додани чунин ҳодисаҳо мебошад. Аммо, бародарҳо, гӯед, оё пештар ин чиз набуд, оё аз ҷумҳуриҳои дигар фарзандони маҷрӯҳ ё бадтар аз он ҷасади онҳоро намеовардем? Пас чаро инро, акнун бо маҳал вобаста карда ҳангома кардан мехоҳем?! Мо вазифадорем пеши роҳи

чунин чиноятро гирем, аммо на ба киноя, на ба таъна, на ба маҳаллигӣ. Балки бо ҳамкорӣ ва ҳамдастӣ. Он гоҳ мо соҳиби арзиш, соҳиби хати сарҳад, соҳиби ҳақиқии Ватан мешавем. Гӯед роҳбарони кадом ноҳияҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, эҷодӣ кай ба назди сарҳадчиён, аскарбачаҳои мо омада, аз ҳолу аҳволи онҳо бохабар шуданд?

Солҳои 1993 — 94 аз Федератсияи Россия якчанд ҳайати вакилони гурӯҳи "модарони аскарон" аз Хоруғу Шӯрообод, Панҷу Қумсангир дидан ба амал оварда, тӯҳфаҳои модаронро супурданд. Қариб бо ҳамаи ин гурӯҳҳо ҳамсӯҳбат будам ва ягонтое аз онҳо аз хизмати фарзандонашон норозигӣ изҳор накарданд!

**Вакилони гиромии халқ!**

Мо имрӯз мехоҳем дар хусуси ба давраи нав гузаронидани раъйпурсӣ ва интихобот тасмим гирем. Аввал як чизро бояд гӯям. Баъзеҳо моро таъна мезананд, ки гӯё интихоботеро, ки номзадҳои бисёр дошта бошад, мо намехоҳем, гӯё аз интихоботи демократӣ метарсем? Чаро? Мо мардуме, ки барои сохтори демократӣ мубориза бурдем, чаро бояд аз пешомади он тарсем? Мо аз рақобати интихоботӣ намеҳаросем. Ягона умеде, ки дорем, мақсаде ки дорем, маъракаи интихоботӣ бояд моро ба нерӯи созандагӣ барад, барои дӯстӣ ҳидоят кунад, сабаби осоиши кишвар шавад. Бигузор, номзадҳо ба сарварии давлат зиёд шаванд. Мо мухолифини Ҳукумати кунуниро даъват менамоем, ки номзади худро пешниҳод намояд. Халқ худ баҳои ҳар як номзадро хоҳад дод. Ягона хоҳиши ман ин аст, ки ҳар номзад бояд аз худаш дида манфиати миллиаш, давлаташро болотар гузорад. Зеро Тоҷикистон бештар аз ин тақсим, миллати тоҷик аз ин зиёдтар хорузор шуда наметавонад, интихобот бояд ваҳадати миллат ва давлати тоҷикро таъмин кунад.

**Дӯстони азиз!**

Имрӯз ман ҳамчун Сарвари давлат шуморо самимона даъват менамоям, ки тамоми қувва, донишу таҷрибаи худро барои он сафарбар намоем, то:

— тамоми миллати тоҷик муттаҳид бошад, тамоми халқҳои Тоҷикистон дар диёри худ осуда зиндагӣ кунанд;

— Тоҷикистон диёре бошад, ки на ба дигарон дастнигар шавад, балки тавонад ҳам аз нигоҳи иқтисодӣ ва ҳам аз нигоҳи сиёсӣ истиқлолияти худро таъмин намояд. Мо бояд соли хоҷагии равонро хубтар ҷамъбаст карда, хоҷагии халқро ба зимистон тайёр намуда, манзилу муассисаҳои томактабӣ, маърифатию тиббиро ба зимистонгузаронӣ омода созем. Ҳар як оила бояд ба зимистон тайёр бошад;

— халқи тоҷик ва тамоми мардуми Тоҷикистон бо дӯстони худ, ҳамсоягони некандешашон, қабл аз ҳама мардуми бародари Россия ва Ӯзбекистон робитаи қавии бародарона дошта бошем, зеро бе ин дӯстӣ бақои кишвари мо имконнопазир аст.

Мо аз кӯмаку дастгирии созмонҳои байналмилалӣ, кишварҳои хориҷ, ки дар давраҳои душвортарин мардуми моро дастгирӣ кардаанд, миннатдорем ва дар оянда низ робитаҳои мо таҳким хоҳанд ёфт.

— Ҳукумати Тоҷикистон ислоҳоти амиқи иқтисодро дар сиёсати худ босалоҳияттару кордонӣ татбиқ намояд, ки мақсади асосии он таъмини истиқлолияти кишвар ва некӯаҳволии халқ бошад;

— сарҳади давлатии мо мустаҳкам бошад. Тамоми ҷавонони кишвар ҳимояи онро чун ҳимояи номӯси миллӣ муқаддас донанд;

— мақомоти ҳуқуқ ва маъмурӣ масъулияти худро ба он сафарбар намоянд, ки ҷиноят ва ҷиноятпешагӣ дар Тоҷикистон решакан шавад;

— интихобот дар айёме доир шавад, ки дар он иштироки аксарияти комили халқи тоҷик имконпазир гардида,хислати демократӣ ва миллии он ба таври воқеӣ сурат гирад.

Мо имони комил дорем, ки мардуми кишвари азияткашидаи мо, пиру ҷавон, дар роҳи мустақилият ва ободонии Ватанамон ба орзую ормонҳои неки худ бо душвортарин роҳҳо бошад ҳам мерасад.

Дар охир гуфтаниям, ки бо дарназардошти гуфтаҳои боло хуб мешуд, ки рӯзи раъйпурсӣ ва интихоботи Президентро ба 6 ноябр гузаронем.

**Ба диққататон ташаккур!**

# ТАБРИКОТ
# БА ШАРАФИ СОЛГАРДИ СЕЮМИ ЭЪЛОНИ ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИКИСТОН ТАВАССУТИ ТЕЛЕВИЗИОН

Сентябри соли 1994

**Ҳамватанони азиз!**

Ҷумҳурии тозабунёди мо сесолагии истиқлолият ва озодии худро ҷашн мегирад. Шуморо бо ҷашни некӯи сеюмин солгарди истиқлоли давлати Тоҷикистон самимона табрику таҳният мегӯям.

Иди мо боз аз он ҷиҳат шукӯҳу шаҳомати тоза гирифт, ки айёми таҷлили ҳазораи “Шоҳнома”-и безавол ба ҷашни истиқлоли ҷумҳурӣ мувофиқ омад.

Меҳмонони зиёде аз дуру наздик, фиристодагони халқҳои бародар ва ҳамқавмони бурунмарзӣ бо дигаргуниҳои тайи ин се сол ба вуқӯъомада шинос шуданд.

Истиқлолият неъмати бисёр азиз ва ширину ба ҷон баробар аст. Ҳар миллату ҳар давлат барои он мубориза мебарад, зеро истиқлолият ифтихор, осоишу оромӣ, ормонҳои накӯкорию сари баланди ҳар як шаҳрванд мебошад. Дар ин давра имкониятҳои бузурги иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангию маънавиро, ки асоси мустақилият мебошанд, пурра истифода бурда натавонистем. Ин сабабҳои гуногун дорад ва қабл аз ҳама пош хӯрдани давлати ягона, канда шудани робитаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии байни собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ, шикастани воҳиди ягонаи пули мамлакат авзои иқтисодии тамоми давлатҳои нав соҳибистиқлолшуда, аз ҷумла Тоҷикистонро хароб кард.

Зеро тамоми ин се сол, мутаассифона, кашмакашиҳои сиёсӣ ва хунрезиҳои бемаънӣ ҷой доштанд.

Дар ин муддат роҳбари давлати Тоҷикистон, аъзои Ҳукумати Тоҷикистон 6-7 бор иваз шуд. Моҷаро ба ҷанг табдил ёфт.

Дар он ки Тоҷикистон тавонист аз вартаи ҳалокат худро боздораду ба душворӣ бошад ҳам, оҳиста-оҳиста худро сӯйи осоиш кашад, хизмати тамоми мардуми равшандили кишвар, ҳамаи онҳое, ки барои давлати қонуниву дунявӣ мубориза бурдаанд, бузург аст. Мубориза танҳо он нест, ки дар даст ярок биҷангӣ, балки мубориза ҳамчунон он аст, ки дар ин роҳ кӯмакатро дареғ надорӣ, барои миллату давлат дилсӯз бошӣ, Ватанро чун модар пос дорӣ, дар ғаму шодии он шарик ва дар ҳаёти ҷамъиятиву сиёсӣ мушоҳидачии беғараз не, балки бунёдкори фаъол бошӣ.

Меҳоҳам боз бигӯям, ки мо дар сахттарин рӯзҳои худ чи будани ҳикмати "дӯст он бошад , ки гирад дасти дӯст, дар парешонҳоливу дармондагӣ"-ро эҳсос намудем. Кишварҳои муштаракулманофеъ, пеш аз ҳама Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон чун наздиктарин дӯстон дастгиру кӯмакрасони мо буданд. Мардуми мо кӯмаку дастгириҳои ҷиддии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар мақомотҳои байналмилалӣ, кишварҳои хориҷро, ки барои осоишу оромӣ, таҳкими соҳибистиқлолии мо саҳм гирифтаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард.

Сарфи назар аз саъю кӯшиши давлату ҳукумат вазъи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодии Тоҷикистон хеле ҳам мураккаб ва ташвишовар аст. Дар ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёт душвориҳою мушкилоти зиёде пеши рӯйи мо истодаанд.

Ҳамаи инро мо медонем ва ҳама кори аз дастамон меомадагиро мекунем, ки камбудиҳо ва дӯшвориҳои номбурдаро бартараф намоем. Лекин барои он ки пеши халқ ваъдахилоф нашавем ва ҳам дурнамои рушди ҷамъиятамонро ба некӣ муайяну мушаххас намоем, фикр мекунам ду навъ вазифаву масъалаҳои ҷиддиро аз ҳам фарқ кардан лозим аст.

Аввалан, вазифаҳое ҳастанд, ки ба вазъи иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва ҳимояи амнияти шаҳрвандон дахл доранд.

Вазифаҳои дигар вазъи иқтисодию маишии мардум ва умуман аҳволи кунунии хоҷагии халқро дар бар мегиранд.

Гарчанде ки ин вазифаҳо ба ҳам алоқаи зич доранд, бояд гуфт, ки роҳи тарзи ҳаллу фасли онҳо ба омилҳои гуногун вобастаанд.

Ва имрӯз ҳамагон мебинанд, ки дар ҳалли ин навъи вазифаҳои ҷорӣ, яъне то ҳадди имкон мӯътадил кардани вазъи иҷтимоию сиёсии ҷомеа, таъмин намудани амнияти шаҳрвандон, ба роҳ мондан ва танзиму назорат кардани кори мақомоти роҳбарикунанда дар марказ ва маҳалҳо дастовардҳои чашмрас ҳастанд.

Бояд ба ҳамватанони гиромӣ арз намоям, ки тайи якуним соли охир мо Артиши миллии худ, қувваҳои сарҳадӣ ва дигар мақомоти давлатиро таъсис додем, ки онҳо пояҳои мустаҳками давлати мо мебошанд.

Аз маврид истифода бурда, ба ҳамаи афсарону сарбозони шуҷои ватанпарварамон, ки сулҳу осоишро дар кишвар муҳофизат мекунанд, дар хизмати душвору боифтихорашон муваффақиятҳо орзу мекунам.

Дар ин рӯз ба ҳайати қувваҳои сарҳадии Россия ва қувваҳои муштараки сулҳхоҳ, ки оромии сарҳади Тоҷикистон, сарҳади ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро таъмин месозанд, миннатдории халқи Тоҷикистонро баён карданиам.

Гуфтан даркор аст, ки ҳалли он чӣ ба мо муяссар шудааст, бо осонӣ ба даст наомадааст. Охир, бо чӣ душвориҳою қурбониҳо мо тавонистем ҷумҳуриро аз ҷанги доманадори харобиовар, ки метавонист, пайкари давлати тозабунёди тоҷикро дар оташи худ сӯхта, хокистар созад, наҷот диҳем. Худатон як қазоват кунед: магар ин дастовард андак аст!

Масъалаҳои иқтисодиро гирем, ки имрӯз аз вазифаҳои доғи рӯз ба ҳисоб мераванд.

Бояд гуфт, ки мушкилоти иқтисодӣ дар ҳамаи давлатҳои узви Иттиҳоди Кишварҳои Мустақил (собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ) пеш омадааст. Онҳо низ то ба ҳол ин мушкилотро ҳал карда натавониста истодаанд, чӣ расад ба Тоҷикистон, ки ҷанги харобиоварро аз сар гузаронид. Вазъи иқтисодии мо ба бисёр омилҳои беруна — дохил шудан ба минтақаи рубл, барқарор кардани робитаҳои гусастаи иқтисодӣ, кӯмаки хориҷӣ, ташкилотҳои байналхалқӣ ва монанди инҳо вобастагии зич дорад.

Роҳбарият чораҳои зарурӣ андешида, бо Россия пайваста гуфтугӯ карда, роҳҳо ва тарзҳои муассири ҳаллу

фасли мушкилотҳои иқтисодиро меҷӯяд. Ва умед аст, ки дарояндаи наздик мо дар ин роҳ ба пешравӣ ноил хоҳем шуд. Хоҷагии қишлоқи мо имсол бо душворӣ бошад ҳам, ҳосили фаровон ба даст овард ва акнун вазифа дар беталаф ҷамъоварӣ намудани ранҷи заҳмати кормандони соҳаи комплекси агросаноатӣ мебошад.

Агар ҳар кадом аҳли Тоҷикистон вазъи ҳозираи кишвар ва ҷойи худро дар ҳалли мушкилоти он амиқ муайян карда, содиқона ҳамчун тоҷик, ҳамчун тоҷикистонӣ, ҳамчун фарзанди модари бемор ва мӯҳтоҷ амал кунад, мо Ватанро шифо мебахшем.

Ин корро метавонем, ин қарзи фарзандии мост, инро бояд ҳатман бикунем. Мо бояд мутмаин бошем, ки ҳам озодиро, ҳам ободиро, ҳам сериву пурии Ватанамонро фақат худамон таъмин карда метавонему халос.

Замоне фаро расидааст, ки як ба атроф, ба дунё бо чашми дил нигарем.

Вале мардуми мо ҳанӯз ҳам пароканда аст. Дар ҷашни сесолагии истиқлолият низ, мутаассифона, натавонистем ҳама сарҷамъ бошем. Ҳоло ҳам тақрибан 10—12 ҳазор дар Афғонистон ва 150 ҳазор шаҳрвандонамон дар мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил рӯз мегузаронанд. Ин яке аз сабабҳое гардид, ки мо интихоботро ба таъхир андозем.

Албатта, тарки Ватан дар айёми ҷанг дар ҳама давру замонҳо будааст: сарсонии Фирдавсию Сино, Камолу Ҳилолӣ ва бисёр бузургони мо низ ҳамин ҷанг буд. Парокандагии давлати Сомониён ҳам ҳамин ҷанг буд. Ҳамин ҷанг қавми ягонаи моро ба порчаҳо ҷудо кард, мардумро гуреза кард, ба ҳам душман гардонд.

Аз ин сабаб давлати имрӯзаи Тоҷикистон боисрор мардумашро ба Ватан пас овардан мехоҳад.

Мо инро сидқан мехоҳем. Тоҷикистони мустақил набояд фарзанди гуреза дошта бошад. Пиромуни тақдири гурезаҳо сухан карда, мехоҳам орзую дуои мардуми Тоҷикистонро ба бародарони афғонистонӣ баҳри ҳар чӣ зудтар ба сулҳу салоҳ расидан ва хотима додани ҷанги бемаънӣ ва миллаткуш бирасонам.

**Падарону модарон, хоҳарону бародарони гиромӣ!**

Ман боварӣ дорам, ки мо солгарди чаҳоруми истиқлолро дар кишвари соҳиби Конститутсияи нав,

Президенти интихобшуда, миллати муттаҳидгардида, иқтисоди ҷароҳаташ марҳамёфта ва аз ҳама муҳимаш орому осуда ҷашн мегирем.

Аз Худо чунин рӯзро таманно мекунам.

Чанд сухан дар бораи ҳамапурсӣ ва интихоботи Президент. Дирӯз сессияи бистуми Шӯрои Олӣ баргузор гашта, шашуми ноябри соли равонро рӯзи раъйпурсӣ ва интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуд.

Боиси хушнудист, ки дар иҷлосия Суруди миллии Тоҷикистон қабул карда шуд. Ин як воқеаи фараҳбахш дар таърихи навини Тоҷикистон мебошад.

Мо мехоҳем аҳзоби қонунӣ ва воҳидҳои маъмурии ҳуқуқдор бо номзадҳои худ дар интихобот саҳм гиранд. Мо дар интихобот дӯсту душман надорем. Мо дар интихобот танҳо як халқ дорем — тоҷикистонӣ.

Орзумандам, ки оромонаву ба таври демократӣ Конститутсияи нав қабул шавад, сардори давлати худро интихоб намоем, то ки ӯ тавонад ҷумҳуриро бо роҳи давлатдории соҳибистиқлол пеш барад.

**Хоҳарон ва бародарон!**

То ба имрӯз Тоҷикистонро аксарияти давлатҳои ҷаҳон шинохтаанд. Мо узви Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилалӣ гардидем, сафоратхонаҳои чандин давлатҳои бузург дар Ватани мо фаъолият доранд. Мо бо баъзе аз кишварҳои мутараққӣ ва сармоядорони онҳо шартномаҳои ҳамкории иқтисодӣ бастаем ва умед ба густариши онҳо дорем.

Ҳоло дар ҷумҳурии мо садҳо корхонаҳои хурду калон бунёд карда мешаванд, ки баъзеи онҳо аллакай маҳсулот истеҳсол намуда, дигаронаш солҳои оянда ба кор шурӯъ хоҳанд кард.

Ман бояд чизи дигарро ҳам зикр намоям. Ин ҳам бошад қобилияти як зумра соҳибкорон, роҳбарони ширкату корхонаҳои муштараки поквиҷдон, ки барои пешравии иқтисодиёти Ватанамон, рушду камоли илму фарҳанг саҳмгузор мебошанд.

**Ҳамватанони азиз!**

Мехостам, дар ин рӯз ба ҳамаи шумо бо миннатдорӣ муроҷиат кунам, ки ба сахтии рӯзгор, набудани пули нақд,

боқӣ мондани бадкории иддае аз нохалафҳо нигоҳ накарда, барои саодати кишвари худ, хонаи худ, фарзандони хеш мубориза мебаред. Ман имони комил дорам, ки Ватан обод ва халқи мо дилшод хоҳад буд.

Дар ин давраи сарнавиштсози ҷумҳурӣ ман ҳамаи мардуми Тоҷикистон, нерӯҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, аз ҷумла мухолифини Ҳукумати моро даъват мекунам, ки ба хотири оромию осоиштагӣ, обрӯю эътибори давлати навбунёди соҳибистиқлоли Тоҷикистон муттаҳид шуда, ҷамъиятамонро нуру сафои тоза бахшем. Қуввваи мо дар иттиҳод аст.

**Иди пуршукӯҳ муборак, ҳамватанони азиз!**

# СУХАНРОНӢ
# ДАР ИҶЛОСИЯИ 49-УМИ
# АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СОЗМОНИ
# МИЛАЛИ МУТТАҲИД

Сентябри соли 1994

**Муҳтарам ҷаноби раис!**
**Муҳтарам ҷаноби Муншии умумӣ, вакилони мӯҳтарам, хонумҳо ва ҷанобон!**

Аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид сухан карда, қабл аз ҳама, мехоҳам, шумо, ҷаноби Умар Эсеиро ба муносибати ба мақоми олии раиси Ассамблеяи генералӣ интихоб шуданатон табрик намоям. Аминам, ки шумо, ҷаноби раис, аз ин боварии олӣ барои бомуваффақият гузаронидани иҷлосия истифода хоҳед кард, ки дар ҳаёти ҷомеаи ҷаҳон воқеаи хеле муҳим мебошад.

Гузаштаро ба ёд оварда, бо қаноатмандӣ изҳор карда метавонем, ки Созмони Милали Муттаҳид роҳи душворро тай намуда, муқовиматҳои сиёсӣ ва идеологиро бартараф сохта, аҳли башарро аз фалокати нави ҷаҳонӣ наҷот дод. Мо имрӯз бо камоли боварӣ гуфта метавонем, ки Созмони Милали Муттаҳид созмони аз тарафи умум эътироф-гардидаи сулҳ ва бунёдкорӣ мебошад.

Мо ба ҷидду ҷаҳдҳои сулҳхоҳона ва башардӯстонаи СММ дар Тоҷикистон баҳои баланд медиҳем. Вазифаи худ мешуморам, ки аз номи халқи тоҷик ба Созмони Милали Муттаҳид, ба мамлакатҳое, ки ба мо дасти ёрӣ дароз кардаанд,созмонҳои байналхалқӣ ва ба ҳамаи онҳое, ки ба давлати мо дар чунин давраи мураккабу душвораш ба қадри ҳол кӯмак расондаанд, самимона миннатдорӣ баён намоям.

Дар бораи душвориҳое, ки бар дӯши Ватани азиятдидаи мо афтодаанд, ҳоҷати муфассал сухан рондан нест.

Ҷароҳатҳои ҷанги дохилӣ бемории вазнини аҳли ҷомеа аст, ки онро на бо роҳи ҷарроҳӣ шифо бахшидан мумкин асту на бо табобати маҷбурӣ. Ин ҷароҳатҳо танҳо бо роҳи онҳоро дарк намудани худи бемор ва ҳар чӣ бештар истифода шудани ҳамаи воситаҳои барои солимгардонӣ зарур шифо меёбанд.

Хушбахтона, халқи мамлакати ман, қудрат пайдо карда тавонист, ки ба хунрезӣ, беқонунӣ ва террор асосан хотима дода, роҳи зиндагии бунёдкоронаро пеш гирад. Ба мо муяссар шуд дар шароити ниҳоят кам будани фурсат, бори сангини масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, тамоюли эътидоли вазъиятро тақвият бахшем. Имрӯз бо камоли боварӣ гуфтан мумкин аст, ки вазъияти мамлакат аз вазъияти аввали соли гузашта куллан фарқ дорад.

Роҳбарияти Тоҷикистон бо дарки масъулияташ барои тақдири мамлакат қотеона изҳор намуд, ки ба арзишҳои умумибашарӣ содиқ буда, роҳи бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва дунявиро қатъан пеш мегирад. Барои иҷрои ин нақшаҳо дар ҷумҳурӣ ҷараёниислоҳоти конститутсионӣ шурӯъ шуд.

Мо барои тартиб додани лоиҳаи Конститутсия, пеш аз ҳама, ба таҷрибаи мамлакатҳое, ки дар онҳо анъанаҳои демократия ташаккул ёфтаанд, ба кӯмаку машварати коршиносони варзидаи Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амнияту ҳамкории Аврупо такя кардем. Мо кӯшиш намудем маъёрҳои олии дар муоҳидаи Хелсинки ифодаёфтаро бо мақсади дар Қонуни Асосӣ пурратар таъмин намудани ҳуқуқҳои дахлнопазири инсон истифода барем.

Мо барои қабули Конститутсияи нав раъйдиҳии умумихалқӣ гузаронданием. Натиҷаҳои он умеди моро ба пешрафти минбаъдаи ҷомеа ва давлатамон қавӣ мегардонанд. Лоиҳаи Конститутсия асоси ҳуқуқиро барои дигаргуниҳои минбаъдаи демократӣ ва гузарондани ислоҳот таъмин хоҳад кард. Он, бешубҳа, ҷараёни татбиқи дигаргуниҳоро тезонида, ба онҳо характери бозгаштнопазир медиҳад. Президенти аз тарафи умум интихобгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили риояи Конститутсия, ваҳдат ва якпорчагии қаламрави давлат хоҳад буд.

Эҳёи маънавии мардум, бурдоштани муқовимати бемаънӣ, ташкили платформаҳои ҷамъиятӣ барои ҳамдигарфаҳмӣ ва бахшидани ҳамдигар дар ҳаёти дохилӣ

вазифаҳои асосии роҳбарияти сиёсии мамлакат гардиданд, зеро иҷрои маҳз ҳамин вазифаҳо ба ҳар чӣ зудтар наздик шудани мусолиҳаи миллӣ мусоидат менамояд.

Иҷозат фармоед, ақидаи худро дар бораи масъалаҳои мавҷуда мухтасаран ба маълумоти ҳуззори мӯҳтарам бирасонам.

Муколамаи сиёсӣ, ҳамчун роҳи ягонаи ҳалли масъалаҳои тоҷикон ва таъмини мусолиҳаи миллӣ аз ҷумлаи вазифаҳои асосии сиёсати мо номбар шуда буд, ки дар ин бора ман аз минбари иҷлосияи 48-уми Ассамблеяи генералӣ сухан ронда будам. Мо вазъияти ҷомеа, аз ҷумла рӯҳияи дохилии онро бодиққат омӯхта, идеяи сар кардани муколамаро бо онҳое интихоб кардем, ки кӯшишҳояшонро барои бо зӯрӣ ба даст овардани ҳокимият пинҳон намедоштанд. Дар ин роҳ аз тамоми воситаҳои имконпазир, аз ҷумла, воситаҳои дорои характери минтақавию байналхалқӣ истифода шуд. Бе иродаи неки роҳбарияти Тоҷикистон оғозу идомаи гуфтушунид имконнопазир мебуд.

Дар робита бо ин аҳамияти ташаббусҳои муншии умумии СММ, қарорҳои Шӯрои амният ва ҳамкории Созмони амнияту ҳамкории Аврупоро дар бобати тезонидани ҷараёни мусолиҳаи миллӣ махсус қайд бояд кард.

Мо ба таваҷҷӯҳи доимии муншии умумии СММ, ҷаноби аълоҳазрат Бутрос Ғолӣ, ба тамоми масъалаҳои Тоҷикистон баҳои баланд медиҳем ва аз фурсат истифода бурда, ба ӯ миннатдории самимона изҳор менамоем.

Фаъолияти намояндаи махсуси муншии умумии СММ дар Тоҷикистон ҷаноби Рамиро Пирис Баллон ва гурӯҳи нозирони СММ дар Тоҷикистон, ҳайати намояндагони Созмони амнияту ҳамкории Аврупо низ қобили қадрдонӣ мебошад, ки барои муқаррар намудани роҳу воситаҳои гуфтушунид кори зиёдеро анҷом доданд. Натиҷаҳои умедбахши машваратҳои сиёсиро бо камоли қаноатмандӣ таъкид кардан мехостам, ки байни мо ва мухолифини тоҷик бо миёнаравии ҷаноби Рамиро Пирис Баллон дар даҳаи нуҳуми моҳи сентябри соли 1994 дар Теҳрон баргузор гаштанд. Дар он ҷо созишномаи муваққатан бас кардани оташ ва амалиёти дигари душманона ба имзо расид, ки мо онро иқдоми муҳиме дар роҳи истиқрори мусолиҳаи миллӣ ва сулҳу субот дар Тоҷикистон мешуморем. Шӯрои амнияти СММ ва тамоми ҷомеаи ҷаҳон имзои ҳуҷҷати мазкурро

маъқул донист. Аз минбари иҷлосия изҳори умед менамоям, ки масъалаи ба Тоҷикистон фиристодани нозирони низомии СММ ҳар чӣ зудтар ҳал мешавад.

Мо аз ҳукумату халқҳои Федератсияи Россия, Иёлоти Муттаҳида, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Покистон ва мамлакату тарафҳои дигари манфиатдор барои кӯмаку ҳамкориашон дар бобати натиҷаҳои дилхоҳ додани музокироти тоҷикон сипосгузорем.

Вале бо таассуф бояд гуфт, ки мухолифини мусаллаҳ бе ягон сабаб ва худсарона зӯровариро авҷ гиронда, амалиёташро давом медиҳад, ки ин дар амалиёти террор, гаравгонгирӣ ва дигар кирдорҳои харобкорона зуҳур меёбад. Ва мо инро сарфи назар кардани усулҳои сиёсии яктарафа намудани мунокишаи тоҷикон мешуморем. Ин амалиёт хилофи роҳи пешгирифтаи Созмони Милал аст, ки тарафҳои муқобилро ба таҳаммул ва сарфи назар кардан аз ҳар амалиёте, ки ба ҷараёни гуфтушунид халал мерасонад, даъват мекунад.

Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон ба ин нигоҳ накарда, силсилаи тадбирҳои амалие андешид, ки мақсади онҳо таҳкими боварии тарафайн мебошад. Иҷлосияи 20-уми Парлумони Тоҷикистон қарор дод, ки мӯҳлати гузаронидани раъйдиҳии умумихалқӣ ва интихобот ба вақти дигар мононда шавад. Аъзои Парлумон бо мақсади ҳар чӣ бештар ба ҷараёни конститутсионӣ ҷалб намудани доираҳои васеи қувваҳои сиёсӣ ва ба ҳамаи онҳое, ки Ватан барояшон азиз аст, додани имконияти бозгашт ва дар интихобот иштирок намудани шумораи бештари ҳамватанони мо, ки бо ҳукми тақдир мамлакати худро тарк намудаанд, чунин ташаббус нишон доданд. Мо ин мӯҳлатро барои омӯзиши масъалаҳои ташкилӣ, ки ба даъвати нозирони СММ, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо, созмонҳои дигари байналхалқӣ ва давлатҳои манфиатдор ба интихобот вобаста мебошанд, истифода мебарем.

Мо бори дигар таъкид менамоем, ки мавқеи қатъии мо бо роҳи гуфтушунид ҳал кардани ҳамаи масъалаҳои баҳсталаб мебошад. Мо аминем, ки роҳи зӯриро интихоб намудани қувваҳои мухолифин ва бо чунин роҳ ҷавоб гардондан ба вай оқибатҳои номатлуб дошта, ҷараёни

мӯътадил гардонидани вазъият ва натиҷаҳои зимни гуфтушунидҳо ба даст омадаро барбод дода метавонанд.

Ҳамзамон диққати ҳуззори мӯҳтарамро ба ҷиҳати дигар ва хеле муҳими масъала ҷалб карданиам. Маълум аст, ки гурӯҳи оштинопазири мухолифин нақшаҳои вусъат додани қисми ҷуғрофии муноқишаи байни тоҷиконро амалӣ сохта, шумораи зиёди зархаридони хориҷиро ба муқовимати мусаллаҳона ҷалб кардан мешавад. Ин муқовимати мусаллаҳона барои характери байналхалқӣ гирифтани муноқиша заминаи муносиб фароҳам месозад, ки дар навбати худ хавфи доман паҳн кардани муқовиматро дар тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ба миён меорад. Оқибати ин зуҳуротро тасаввур кардан душвор нест.

Таваҷҷӯҳи шуморо ба ташвишу изтиробе, ки вазъияти ҳамсояи мо — Давлати Исломии Афғонистон ба амал овардааст, ҷалб накарда наметавонам. Вазъияти ин мамлакат, ки ҷанги дохилӣ бар муносибатҳои ҷамъиятӣ ғолиб омадааст, ҷомеаи ҷаҳонро бепарво гузошта наметавонад. Муноқишаи Афғонистон хавфи ба миён омадани воҳидҳои ҷузъии ҷуғрофиро пеш меорад, ки дар оянда заминаи терроризми байналхалқӣ ва худсарона паҳн гардидани аслиҳаю маводи нашъаовар шуда метавонад.

Вазъияти сарҳади Тоҷикистону Афғонистон вазъияти як минтақаи бузургро муташанниҷ мегардонад. Хавфи он ба миён омадааст, ки низоми навбунёди сиёсии Осиёи Марказӣ ба чунин фишори бузург тоб оварда наметавонад ва дар ин сурат тамоюлоти харобкоронае, ки имрӯз дар Афғонистон ба назар мерасанд, сабаби фоҷиаи минтақавӣ гардида метавонанд. Мо ҷомеаи ҷаҳонро даъват менамоем, ки проблемаи Афғонистонро ҷиддан мавриди муҳокима қарор диҳад. Бовар дорем, ки коҳиши шиддати вазъияти Афғонистон ба ҳалли масъалаҳои байни тоҷикон низ таъсири мусбат хоҳад расонд.

Шубҳае нест, ки халқи Афғонистон ниҳояти кор дар мамлакат роҳи созғории дохилиро пеш мегирад. Дар ин ҷо сулҳ барқарор мешавад ва мардуми афғон роҳи пешрафту бунёдкоронаро ихтиёр хоҳад кард. Мо самимона орзу дорем, ки халқи Афғонистон ба ин мақсадҳо хар чӣ зудтар ноил гардад.

**Ҷаноби раис!**

Дар шароити ҳозира, вақте ки миқдори маҳалҳои ноором ҳамчун оқибати давраи “ҷанги сард” кам нест,

кӯшишҳои сулҳхоҳонаи Созмони Милали Муттаҳид аҳамияти махсус пайдо мекунанд. Дар чунин шароит мусаллам аст, ки қоидаю воситаҳои истифодаи қувваҳои ҳомии сулҳ таҳти васояти Созмони Милали Муттаҳид хеле маҳдуд мебошанд. Ин самаранокии тадбирҳоеро, ки Созмони Милали Муттаҳид дар ин соҳа меандешад, кам хоҳад кард.

Ман бори дигар таваҷҷӯҳи Шӯрои амният ва иштирокунандагони мӯҳтарами ассамблеяро қотеона ба масъалаи ба қувваҳои муштараки ҳомии сулҳи ИДМ додани статуси қувваҳои мусаллаҳи ҳомии сулҳи СММ ҷалб менамоям, ки дар Тоҷикистон мебошанд.

Мамлакатҳои ИДМ ба Тоҷикистон дар ҳимояи сарҳади ҷанубӣ кӯмак мерасонанд, ки ҳамзамон сарҳади умумии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошад. Дар ин масъала нақши махсус ва асосии Россия эътироф шудааст, ки кафили вазъияти устувору босубот ва амнияти ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ буд ва ҳаст. Мо чунин мешуморем, ки ҳузури қувваҳои муштараки ҳомии сулҳи ИДМ дар мамлакати мо ба қарорҳои Шӯрои амният ва ташаббусҳои муншии умумии СММ мухолиф нестанд, зеро ҳадафи онҳо истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон мебошад. Зиёда аз ин, ба ақидаи мо, ин қувваҳо дар давраи ҳозира омили ҳалкунандаи боздоранда ва рафъкунандаи муноқишаҳои доманадор дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон мебошанд. Агар ба ин масъала васеътар муносибат карда шавад, тарҳи консепсияи нави амниятро барои тамоми Осиёи Марказӣ тасаввур кардан мумкин аст. Мо умедворем, ки Шӯрои амният ташаббуси моро дар бораи даъвати ҷаласаи махсуси Шӯро барои бори дигар муҳокима кардани вазъияти Тоҷикистон ва атрофи он, ҳамчунин масъалаи додани статуси қувваҳои ҳомии сулҳи СММ ба қувваҳои муштараки ҳомии сулҳи мамлакатҳои ИДМ имконпазир мешуморад.

Фоҷиаи халқҳои Босния ва Ҳерзегувин, Руанда ва Сомали, ноҳияҳои пурмоҷарои ИДМ шаҳодат медиҳад, ки муноқишаҳои дохилӣ дар заминаи ихтилофоти миллию динӣ ва қавмӣ хавфи ҷанги ядроиро иваз кардаанд ва хавфи такрор ёфтани ин муноқишаҳо барои тамоми ҷомеаи ҷаҳон масъалаи асосӣ гардидааст.

**Ҷаноби раис!**

Ақидаи худро дар масъалаи навсозии сохтори Созмони Милали Муттаҳид мухтасаран баён карданиам. Мо идеяи

зиёд кардани шумораи аъзои Шӯрои амниятро умуман тарафдорӣ мекунем. Ҳақиқатан, чунин иқдом, аз як тараф, дигаргуниҳои доманадори ҷаҳони имрӯзаро инъикос карда, аз тарафи дигар, имконият дода метавонад, ки ҳар мамлакат дар Шӯро намояндаи худро дошта бошад.

Ақидаи аксарият оид ба зарурати бештар гардондани шумораи аъзои Шӯрои амният шояд ба афзудани самараи фаъолияти мақомоти марказии СММ мусоидат кунад. Ба истилоҳи дигар, Шӯро нерӯяшро зиёдтар гардонда фаъолтар мешавад. Қарорҳои бештар қабул мекунад, идеяҳои гуногун пешниҳод менамояд.

Ҷаҳони имрӯза гуногунранг ва беҳамто аст. Вале гуногунрангии он ба ҷараёни ҳамгироӣ халал намерасонад. Дар ин бобат Аврупо мисоли равшан мебошад. Ба ақидаи мо, ояндаи дурахшони инсоният дар заминаи чунин равандҳо бунёд мегардад.

Тоҷикистон ҳамчун узви Созмони Милали Муттаҳид тараққиёти ояндаашро тавассути ҳамгироӣ дар зинаҳои гуногун, ҳамкорӣ ва мушорикат бо давлатҳои ҳамсоя, минтақаҳо ва созмонҳои байналхалқӣ тасаввур менамояд.

Мо самараи чунин ҳамкориро дар мисоли Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ҳис кардем. Муносибати ғайрирасмии созмони мазкур ба ҷараёни ҳамгироии босуръати Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҷаҳон иҷрои вазифаҳои гурӯҳи намояндагони ин созмон дар Тоҷикистон, бешубҳа, яке аз омилҳои муҳими мусолиҳаи миллӣ дар мамлакати мо мебошад. Мо дар бобати таҳкими сохторҳои демократӣ, бунёди ҷамъияти ҳуқуқбунёд дар заминаи меъёрҳои олӣ, ки ҳуқуқу озодиҳои ҳамаҷонибаи инсон ва шаҳрвандро таъмин менамоянд, ба кӯмаки Созмони амнияту ҳамкории Аврупо умеди калон мебандем. Мо ба мулоқоти навбатии Сарони мамлактҳои узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар Будапешт фаъолона тайёрӣ дида, умедворем, ки дар ин форуми олӣ ақидаи худро дар бораи масъалаҳои мавҷуда баён намуда, самтҳои нави ҳамкориро муайян кунем.

Бешубҳа, иштирок дар фаъолияти Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои мо масъалаи ҳаётан муҳим мебошад.

Нуқтаи назари мо чунин аст, ки истиқлолият ва соҳибихтиёрӣ на шамшер, балки сипарест, ки бояд вазнин набуда, дар баробари ин мустаҳкам бошад. Истиқлолият

набояд ҳуқуқи одамонро маҳдуд созад. Баръакс, истиқлолият бояд шароити зиндагии онҳоро беҳтар карда, имкон диҳад, ки тамоми одамони рӯйи замин баробарҳуқуқ бошанд. Принсипҳои истиқлолияту соҳибихтиёрӣ дар давраи ҳозираи таърихӣ бояд устувор ва гуногунмазмун бошанд. Зеро вазифаи асосӣ —ба халқҳое, ки робитаҳои деринаи таърихӣ доранд, додани имконияти ба манфиати наслҳои оянда истифода бурдани нерӯи иқтисодӣ ва маънавии онҳо аст.

Мо инкишофи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро маҳз чунин тасаввур мекунем, ки бидуни маҳдуд сохтани манфиатҳои миллӣ, роҳи қобили қабули ҳамгироии мамлакатҳоро ёфтанӣ мешавад.

Сарфи назар аз мушкилоти маълум, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил роҳҳои такмили тамоми усулҳои ҳамкории аъзои худро воқеъбинона ҷустуҷӯ дорад.

Бовар дорам, ки роҳбарият ва халқҳои мамолики Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил чунин ҳақиқатро пурра дарк намудаанд: чӣ тавре ки дар амал исбот шуд, ба яккаву танҳо иҷро кардани вазифаи навсозии ҷомеа, татбиқи ислоҳот умед бастан ғайриимкон мебошад. Ҳақиқати таърихӣ чунин аст, ки мо боядояндаамонро бо ҷидду ҷаҳди якҷоя ва муштарак бунёд кунем.

Россия — узви доимии Шӯрои амният баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ бори гарон ва масъулияти таъмини сулҳу амониро дар қисми бештари қаламрави Иттиҳоди Шӯравии собиқ ба ӯҳда гирифт. Бо камоли қаноатмандӣ таъкид менамоем, ки ҷидду ҷаҳди серзаҳмати Россия самара мебахшад. Халқи сермиллати Тоҷикистон фаъолияти сулҳхоҳонаи Россияро ҳамаҷониба тақдир мекунад ва маъқул мешуморад.

Бо дарназардошти ин қайд кардан мехостам, ки идеяҳои имзои шартномаи доманадори манъи озмоишҳои ядроӣ, бемӯҳлат гардондани шартномаи паҳн накардани силоҳи ядроӣ, тартиб додани барномаҳои минтақавии таҳкими сулҳ ва дигар пешниҳодҳо, ки дар нутқи Раиси ҷумҳури Россия Борис Елсин дар иҷлосияи 49-уми Ассамблеяи генералии СММ баён ёфтаанд ва ҳадаф аз онҳо таъмини амнияти байналхалқӣ аст, сазовори дастгирии ҳамаҷониба мебошанд.

Тоҷикистон ташаббусҳои Ӯзбекистонро, ки мақсад аз онҳо бо роҳи сулҳу салоҳ яктарафа кардани муноқишаи дохилии Тоҷикистон, таъмини амнияту субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ аст, бо миннатдорӣ қайд мекунад.

Муносибатҳои неки ҳамҷаворӣ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ барои мо бағоят азизанд. Аминем, ки ҷидду ҷаҳди онҳо дар роҳи ҳамгироӣ ба манфиати тамоми мамлакатҳои минтақа густариш меёбад.

**Ҷаноби раис!**

Имрӯз ба ҳамагон маълум аст, ки дар қатори масъалаҳои сиёсӣ проблемаҳои пешрафти иҷтимоию иқтисодӣ низ аҳамияти калон пайдо мекунанд. Дурустии ин ақидаро хулосаҳои давраи хотимавии ҷаласаҳои роҳбарони Олимақом дар Шӯрои иқтисодию иҷтимоии СММ собит менамоянд, ки мо онҳоро ҷонибдорӣ ва дастгирӣ мекунем. Ба ақидаи комили мо, тақозои таҷдиди фаъолияти СММ бояд ҳифз ва афзун гардонидани нерӯи созмон дар ҳалли тамоми масъалаҳои пешрафт бошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо мушкилоти вазнини давраи гузариш рӯ ба рӯ омад ва ин давра бар асари оқибатҳои гарони воқеоти солҳои охир тӯл мекашад, проблемаи зинда мондан дар шароити вазнини иқтисодӣ аҳамияти багоят калон пайдо мекунад. Мувофиқи маълумотҳои рушду тараққиёт, ки Бонки ҷаҳонӣ интишор дод, Тоҷикистон ба қатори давлатҳое дохил шудааст, ки сатҳи даромади аҳолии онҳо хеле паст аст.

Тоҷикистон имрӯз на фақат барқарор сохтани иқтисодиёт, балки барои муҳайё намудани шароити тараққии дарозмӯҳлат ҳам ба кӯмаки ҷомеаи ҷаҳон ҷиддан ниёз дорад. Зиёда аз ин, ҷумҳурӣ ҳамчун давлате, ки роҳи ба баҳр баромадан надорад, ба таваҷҷӯҳи махсуси ҷомеаи ҷаҳон дар масъалаҳои тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ умед мебандад ва бовар дорад, ки мурочиати вай дар бораи ба Тоҷикистон додани статуси мамлакати нисбатан сусттараққиёфта дар доираҳои СММ ҷонибдорӣ мешавад.

**Мӯҳтарам раис, мӯҳтарам вакилон!**

Шуморо дилпур мегардонам, ки барои роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз арзишҳои умумибашарӣ, оромию тинҷӣ дар ҷумҳурӣ, эъмори Тоҷикистони тому осоишта ва

шукуфон дида, дигар мақсади олӣ вуҷуд надорад. Иҷозат диҳед изҳори умед кунам, ки тамоми мамлакатҳои ҷаҳон ба мо дар амалӣ шудани ин мақсади наҷиб кӯмак мекунанд.

**Ҷаноби раис!**

80 сол муқаддам оташи ҷанги якуми ҷаҳон аланга зада буд. Ба ҳамин қарибӣ — баъди чанд моҳ бани башар 50-солагии рӯзи хатми ҷанги дуюми ҷаҳонро таҷлил менамояд. Ин санаҳо дар таърихи асри XX, таърихи ҷаҳон абадӣ сабт ёфтаанд. Вале, бо вуҷуди ин на худи санаҳо, балки сабақҳое, ки ин воқеаҳо ба мо доданд, муҳимтар мебошанд.

Таҷрибаи талхи ҷанги дуюми ҷаҳон давлатҳои бузурги ҷаҳонро ба зарурати таъсиси созмони байналхалқӣ, ки ҳадафаш ҳифзу таҳкими сулҳи умум бошад, водор намуд. Дастоварди асосии СММ дар давоми фаъолияти қариб нимасрааш аз сӯхтори ҷанги нави ҷаҳонӣ наҷот додани башарият, таъмини пешрафти он бо роҳҳои ҳусни тафоҳум ва ҳамкорӣ, ба назар гирифтани манфиати тарафҳо, баробарҳуқуқии халқҳои хурду калон ба хотири ҳифзи сайёра барои наслҳои оянда гардид.

Ҳозир ин дар охири асри XX ба мо умеди бузург мебахшад, ки созмони ҷаҳонӣ на фақат ба даргирифтани оташи ҷанги сеюми ҷаҳон роҳ намедиҳад, балки тамоми чораҳоро мебинад, ки асри XXI замони бунёдкорӣ ва осоиш дар рӯйи замин гардад.

**Ба диққататон ташаккур!**

# МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН ҲАҚ ДОРАНД БО САРИ БАЛАНД ЗИНДАГӢ КАРДА, АЗ ВАТАНИ АЗИЗИ ХУД ИФТИХОР НАМОЯНД

## БАРНОМАИ ПЕШАЗИНТИХОБОТӢ БА МАНСАБИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Октябри соли 1994

Аз рӯзи ба истиқлолият соҳиб гардидани сарзамини бостонии мо ҳанӯз се-чор моҳ нагузашта буд, ки халқи Тоҷикистон ба кашмакашиҳои демократиябозӣ ва ниҳоят ба ҷанги ваҳшиёнаи бародаркушӣ кашида шуд. Хатари дар гаҳвораащ нобуд гардидани истиқлолияти кишварамон пеш омада буд. Нерӯҳои ба ҳам мухолиф ба ҷони якдигар теғ кашиданд ва ҳазорҳо манзилу биноҳои маъмурӣ, корхонаю иншооти хадамоти омма харобу валангор карда шуданд. Бисёр сокинони бегуноҳи минтақаҳои ҷангзада ҷони ширини худро аз даст доданд. Ба Тоҷикистони азизи мо хатари ҳамчун давлат аз байн рафтан таҳдид мекард.

Дар ҳамин вазъияти пуразоб ва пурмоҷаро иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд барпо гардида, роҳиояндаи мо ва ҷумҳурии моро муайян намуда, дар дили мардум нури умедро афрӯхт.

Дар ҳамон иҷлосия, вақте ки маро ба мансаби Раиси Шӯрои Олӣ интихоб намуданд, ман байрақи пурифтихори Ватанро бӯсида, қасам ёд карда будам, ки барои орому обод гардонидани ҷумҳурии азиз тамоми қувваю дониши худро сарф хоҳам кард.

Дар ин ду соле, ки сипарӣ гардид, сарфи назар аз душвориҳои зиёд мо тавонистем:

— оташи ҷанги гражданиро хомӯш намоем;

— сохтори фалачгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро аз нав барқарор созем;

— Артиши миллӣ ва нерӯҳои посбонии сарҳадро таъсис диҳем;

— ба унсурҳои ҷинояткор, ки бо найрангу фиреб ба сохторҳои қувваҳои мусаллаҳ ва ҳифзи ҳуқуқ роҳ ёфта, ба қатлу ғорат ва террор машғул мешуданд, зарба занем;

— аксарияти мутлақи гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонем;

— барои обод намудани харобаҳои ҷанг миён бандем;

— лоиҳаи Конститутсияи навро баъди муҳокимаи ҳамаҷониба ба раъйпурсии ҳамагонӣ пешниҳод намоем.

Аз баракати ҳамин иқдомот аст, ки ҳоло мову шумо имкон дорем, Конститутсияи мамлакатро қабул намоем ва Президенти ҷумҳуриро интихоб кунем.

Ман ҳоло ба ҳайси номзад ба Президенти мамлакат боз ҳам ба ҳамон савганди ду сол пеш ёдкардаам содиқам ва тайёр ҳастам, ба нафъи халқу Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар заҳматеро, ки аз дастам ояд, анҷом диҳам.

Албатта, ман ба додани ваъдаҳои осмонӣ одат накардаам. Қавли беасос намедиҳам, ки агар Президент шавам, он ҳама душвориҳои ба сари халқи ҷафокашидаамон омадаро якбора бо сеҳру афсун рафъ месозам. Зиндагӣ ва иқтисодиёти ҷумҳуриро мутобиқи қолабҳое, ки барои кишварҳои мутараққӣ тарошида мешаванд, сомон медиҳам.

Вале, қотеона гуфта метавонам, ки бо заҳматкашӣ, кӯмак, дастгирӣ ва хайрхоҳию некандешии халқи меҳнатдӯст ва ба ояндаи нек умедвори худ, бо ёрию дастгирии кишварҳои дӯст, пеш аз ҳама Россия, Ӯзбекистон ва дигарон метавонем ба иҷрои нақшаҳои андешидаамон муваффақ шавем.

Табиист, ки сулҳу осоиш, оштӣ ва якдигарфаҳмӣ, фаровон сохтани неъматҳои моддӣ ва пешрафти илму фарҳанг танҳо дар сурати риояи қонун ва арзишҳои демократӣ, эҳтироми комил ба ҳаққу ҳуқуқҳои инсонӣ таъмин шуда метавонад.

Дар муносибат бо мухолифини Ҳукумати қонунӣ мо роҳи гуфтушунид ва оштии миллиро пеш гирифта будем ва ман ба ин сиёсат содиқ мемонам.

Хурсандибахш аст, ки дар ин роҳ, пас аз гуфтушуниди Теҳрон дигаргуниҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд.

Бояд тарафҳо як чизро нағз дарк намоянд, ки тоҷикистониҳоро аз вазъияти имрӯза ҳеҷ қуввае ғайр аз худашон наҷот дода наметавонад. Имрӯз ба ҳама маълум аст, ки мухолифин ба умеди ёрии бегонагон ба мақсад намехоҳанд расид. Онҳо бояд донанд, ки дар ҳар задухӯрди мусаллаҳона мардуми бегуноҳи Тоҷикистон, фарзандҳои халқҳои Тоҷикистон — тоҷику ӯзбек, русу тотор, қиргизу яҳудиву ва миллиятҳои дигари сокини ҷумҳурӣ талаф мешаванд.

## МУТТАҲИД СОХТАНИ ҲАМАИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКИСТОН САРФИ НАЗАР АЗ МАҲАЛУ МИЛЛАТУ МАЗҲАБ МАҚСАДУ МАРОМИ МОСТ

Имрӯз замоне фаро расидааст, ки халқҳои Тоҷикистон моҳияти он ҳама ҷудоиандозиҳо ва душмансозиҳоро дарк намудаанд. Баъди фурӯ рехтани системаи мутамаркази Шӯравӣ дар ҷумҳурӣ қувваҳое пайдо шуданд, ки бо мақсади роҳ ёфтан ба хазинаи бесоҳиби халқу давлат мардумро ба якдигар ҷанг андохта, дар вазъияти бесарусомонӣ аз ҳисоби халқи бечора сарват ғун карданд ва маҳсули бо арақи ҷабини заҳматкашон офаридашударо ҳам дар шакли мол ва ҳам дар шакли пул ба ҳар тараф бурданд.

Албатта, табақаҳои гуногуни аҳолиро ба ҳам ҷанг андохтан фақат хоси мамлакати мо набуд. Дар бисёр кишварҳои истиқлолиятгирифта курсинишинони аз мансаб маҳрумшуда ё вазифаталабоне, ки дар гузашта ба нияти худ расида наметавонистанд, муваффақ шуданд, аз хушбоварии халқ истифода намуда, гурӯҳҳои муайяни аҳолиро ба тарафи худ кашида, исёну балвоҳои сиёсиро ташкил диҳанд.

Азбаски Тоҷикистони мо дорои мавқеи хоси геополитикӣ мебошад, дахолати бевоситаи қувваҳои гуногуни хориҷӣ дар он роҳ ёфт.

Душманони ваҳдати миллӣ — онҳое, ки мавҷудияти давлати ҷавонамонро чашми дидан надоранд, моро ба тоҷикони асил ва ғайриасил, ба ғармиву хуҷандӣ, кӯлобиву мастчоҳӣ, помириву ҳисорӣ, ӯзбеку рус, кофиру мусулмон ҷудо карда, на танҳо дар кӯчаю бозор, балки дар саҳифаҳои матбуоти иғвоангезу ифротигарой ҳам мақсадҳои ғаразноки худро бешармона тарғиб намуданд.

Аз бесарусомониҳо ва ҷанҷоли миллӣ истифода бурда, як идда аз авбошону роҳзанон худро узви фронти халқӣ ва қаҳрамони муҳорибаҳо вонамуд сохта, ба сафҳои Артиши миллӣ ва қувваҳои дохила сар даровარданд. Онҳо бо амалиёти ҷинояткоронаи худ амнияти шаҳрвандон ва ҷамъиятро дар хатар гузоштанд. Оташи нави маҳалгароиро доман заданӣ шуданд.

Ҳоло халқи меҳнаткаш моҳият ва мақсадҳои иғвогаронаи ҷудоиандозонро нағз фаҳмидааст.

Дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифа гузошта мешавад, ки барои муҳофизати ҳуқуқҳои шаҳрвандон, хусусан онҳое, ки баъди сарсониҳо дубора ба маҳалу маъвои пештарашон баргаштаанд, диққату таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намоянд.

Барои бо хонаву ҷой ва меҳнати осоишта таъмин намудани гурезагон шароит ба вуҷуд оварда, мутахассисони варзида аз байни онҳо ба вазифаҳои гуногун дар сохторҳои маҳаллӣ ва марказии ҳокимият пешбарӣ карда хоҳанд шуд.

Ҳадафи мо бунёд кардани ҷомеаи инсондӯстонаву демократӣ, ҳифзи арзишҳои башарӣ ва дастовардҳои маънавӣ мебошад. Мубориза бар зиддм миллатгароӣ ва ҳама гуна кӯшишҳои тезу тунд кардани муносибатҳои мо бо ҳамсоягон пурзӯр мешавад.

Имрӯз мо ба созандагӣ ва бунёдкорӣ ниёз дорем. Халқ аз ихтилофот, муқобили якдиғар гузоштани ноҳияҳо, ба якдигар айбмониҳо, ки аз тарафи доираҳои муайян эҷод мегардад, сахт монда шудааст. Имони комил дорам, ки халқҳои мо дар зери парчами сулҳу дӯстӣ, бунёдкорӣ ва ободсозии Ватан муттаҳид мешаванд, барои амалӣ шудани ин мақсаду нияти нек ҷидду ҷаҳд хоҳем кард.

## ИСТЕҲСОЛОТ БОЯД ИДОРАШАВАНДА БОШАД, ИҚТИСОДИЁТИ БОЗОРӢ КАЛОБАИ БЕСАРУНӮГ БУДА НАМЕТАВОНАД

Мақсади ниҳоии сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ бунёди иқтисодиёти пурсамаре, ки ба бозор такя намояд, хоҳад буд. Барои ин аз монополияи давлатӣ дар иқтисодиёт даст кашидан лозим меояд. Вале бинои иқтисоди бозориро насохта, даст ба хароб намудани иморати иқтисодиёти мавҷуда задан хатои фалокатбор аст.

Мо бо ҳазор тору пуд бо иқтисодиёти Россия, Узбекистон ва мамлактҳои дигар вобастаем ва агар қонунҳои иқтисодии мо мухолифи қонунҳои иқтисодии он кишварҳо бошанд, корамон ҳеҷ гоҳ пеш нахоҳад рафт. Дар сурате, ки сиёсати молиявии мо дар заминаи истифода аз рубли Россия тартиб дода шудааст, дар бораи сиёсати махсуси иқтисодӣ ҳарф задан маъно надорад.

Дар айни замон бояд гуфт, ки сатҳи тараққиёти иқтисодии Тоҷикистон назар ба ҷумҳуриҳои ҳамсоя ва Россия хеле паст аст ва мо (хусусан баъди ҷангҳои худкушӣ) мушкилоти хоси технологӣ, миллӣ ва психологиро аз сар мегузаронем. Системаи иҷтимоию иқтисодиро бидуни навсозии сохтори идорӣ дар ҳамаи соҳаҳо дигар кардан имкон надорад. Барои ин мо бояд:

системаи пулию кредитӣ;

муносибатҳои молумулкӣ;

муносибатҳои молиявӣ;

сиёсати андоз;

робитаҳои иқтисодии хориҷиро танзим намоем ва тарзи идораи истеҳсолотро такмил диҳем, муҳофизати иҷтимоии аҳолиро таъмин намоем.

Шакли ҳозираи идораи иқтисодиёт, ки аз солҳои беҳокимиятӣ ба мерос монда, бинобар вазъи ҷумҳурӣ, тағйир додани он имкон надошт, сабаби беҳокимиятӣ, конуншикании ошкоро ва азоби ҳазорҳо ҳамватанони меҳнаткаши мо гардида буд.

Ва боз тааҷҷубовар он аст, ки ҳарчанд бисёр корхонаҳо мустақилият ёфта бошанд ҳам, дар мақомоти маҳаллӣ ва марказ дастгоҳи бюрократии идораи истеҳсолот маҳдуд намешавад. Ин боиси он аст, ки ягон барномаи мушаххаси бозсозии иқтисодиёт амалӣ нагашта, дар коғаз мемонад.

Барои наҷот аз ин бесарусомонӣ мо кӯшиш мекунем:

— дар марҳалаи аввал баробари ғайридавлатӣ гардондани муассиса ва корхонаҳои зараровар, муассисаҳои хизмати маишӣ, савдо, хӯроки умумӣ, шаклҳои дигари моликият, мисли корхонаҳои саҳҳомӣ, иҷоравӣ, хусусӣ ва ғайра, сектори давлатии иқтисодиётро таҳким бахшида, дар онҳо тартиботи сахти назорат ҷорӣ намуда, роҳбарону мутахассисони ин корхонаҳо аз нигоҳи салоҳияту кордонӣ ва поквиҷдонӣ таъин карда шаванд;

Минбаъд роҳ додан мумкин нест, ки корхона зарарнок бошаду коргарон бекор монанд ва роҳбарон аз рӯйи мақоли

“худам шоҳу табъам вазир” маоши калонро гирифта гарданд. Маоши роҳбарони давлатӣ аз натиҷаи кори ниҳоии истеҳсолот ва даромади корхонаҳо вобаста хоҳад шуд.

Бигузор роҳбарони корхонаҳое, ки самарабахш кор карда даромад меоваранд, моҳе ду–се маротиба ё аз он ҳам бештар моҳона гиранд, вале ба бекорхӯҷаҳо ин имкониятро додан мумкин нест.

Чунин фармонҳое бароварда хоҳанд шуд, ки мувофиқи онҳо ягона воситаи ба даст овардани даромад ва афзоиши музди кор истеҳсоли зиёди маҳсулоти хушсифат ва хеле кам кардани сарфу харҷи истеҳсолотӣ бошад.

Принсипи масъулияти шахсии роҳбар ва ҷавобгарии ӯ дар назди давлат аз гапи хушку холӣ ба механизми амалкунанда табдил хоҳад шуд. Барои ислоҳи оқибатҳои ҷанги бародаркушӣ ва баромадан аз бӯҳрони сартосарӣ роҳи дигар вуҷуд надора д.

Ба ақидаи ман дар навбати аввал бояд кори он соҳаҳои иқтисодиётро зудт ар беҳбудӣ бахшем, ки аз корхонаҳои хориҷӣ вобаста нестанд ё вобастагии камтар доранд ва дар айни замон манфиати меҳнаткашонро қонеъ кунонда, ба хазинаи давлат даромади назаррас оварда метавонанд. Инҳо асосан корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, масолеҳи бинокорӣ ва энергетика мебошанд.

Ҳоло дар мам:.акат корчаллонҳои пулдор кам нестанд. Аз онҳо талаб карда мешавад, ки ба ҷойи аз кишварамон баровардани молҳои стратегӣ, истеҳсоли бештари онро ба роҳ монанд. Ба онҳо имконият дода мешавад, ки сармояашонро барои бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ сарф намоянд, технологияи ҳозиразамони хориҷиро ба кор андозанд. Дар ин соҳа низ таҳияи қонуну фармонҳои мушаххас лозим меояд.

Чунон ки маълум аст, сармоягузорӣ барои инкишоф ва васеъ намудани истеҳсолот тақрибан аз байн рафтааст. Таҷҳизоти бисёр корхонаҳо кӯҳна ва фарсуда аст.

Ҳоло мақсад аз он иборат аст, ки ҳамкорӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ равнақ дода, сармояи хориҷӣ асосан барои ба Тоҷикистон ворид сохтани технологияи ҳозиразамон афзоиш ёбад ва ба он ноил гардем, ки маҳсулоти мо ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ҷавоб гуфта, ба ҷумҳурӣ даромади бештар оварад. **Корхонаҳое, ки барои содирот мол истеҳсол мекунанд, аз тарафи давлат ҳарҷониба дастгирӣ хоҳанд ёфт.**

## ВОРИД ШУДАН БА МИНТАҚАИ РУБЛ ВА КАФОЛАТИ ДАР ТОҶИКИСТОН МОНДАНИ ПУЛ, ТАЪМИН ВА СИЁСАТИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ТАКМИЛ ДОДА ХОҲАД ШУД

Ман ҳамчун тарафдори собитқадами муттаҳид намудани системаи пулӣ бо Россия баҳри он саъю кӯшиш хоҳам намуд, ки то охири ҳамин сол ин масъала ба пуррагӣ ҳалли худро ёбад.

Яке аз роҳҳои муҳимтарини дар қаламрави Тоҷикистон нигоҳ доштани пули воридшуда дар корхонаҳои саноати сабук ва хӯроквории Тоҷикистон зиёд намудани истеҳсоли молҳои хушсифати ниёзи мардум аст. Барои он молҳое, ки худамон истеҳсол карда метавонем, ҳоҷат нест, ки пул сарф намуда, онҳоро аз хориҷа биоварем. Ба Тоҷикистон аз хориҷа овардани машрубот, тамоку, равғани пахта ва баъзе намудҳои маҳсулотро бо усулҳои иқтисодӣ муваққатан маҳдуд бояд кард. Истеҳсоли онҳоро ба қадри кофӣ дар худи ҷумҳурӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Ба ин мақсад корхонаҳои истеҳсоли машрубот, тамоку ва равғанро ҳарчи зудтар бо технологияи ҳозиразамон таҷҳизонида, истеҳсоли маҳсулотро нағз ба роҳ мондан лозим аст. Воситаҳои асосии дар дохили мамлакат нигоҳ доштани пул ва гирифтани пеши беинсофиҳои корчаллонҳои навбаромад аз он иборат аст, ки барои кори пурсамари системаҳои гумрукӣ ва бонкӣ шароит ба вуҷуд оварда, механизми ғирифтани пеши роҳи аз ҷумҳурӣ ғайб задани асъор танзим ғардад;

воситаи асъори бонкҳои тиҷоратӣ ва роҳҳои ба нафъи ҷумҳурӣ истифода бурдани онҳоро таҳти назорати сохтори махсуси дастгоҳи Президент гирифта, кӯшиши аз давлат пинҳон доштани маблағгузориҳоро фош кардан лозим аст;

барои аз Тоҷикистон ғайриқонунӣ баровардани пул ва маблағгузориҳои пинҳонӣ ҷазоҳои сахти моддӣ ва ҷиноӣ таъин хоҳанд шуд.

## АРТИШИ МИЛЛӢ ВА МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ БО КАДРҲОИ БАРОИ ХАЛҚУ ВАТАН СОДИҚ МУСТАҲКАМ КАРДА, ОНҲО БА ПОСДОРОНИ ЭЪТИМОДНОКИ ОСОИШУ БЕХАТАРӢ ВА ИТТИҲОДИ ҲАМВАТАНОНИ МО ТАБДИЛ МЕЁБАНД

Барои Президент ва ҳокимияти он масъалаҳои посбонони Ватан масъалаи дараҷаи аввал хоҳад буд. Бо

вуҷуди он, ки мо таҷрибаи ташкили артиши миллиро надоштем, вале бо кӯмаки мамлактҳои дӯст тавонистем, ки дар як муддати кӯтоҳ дар вазъияти душвори сиёсӣ ва иқтисодӣ артишеро созмон диҳем, ки қодир аст осоишу бехатарии Ватанамонро таъмин намояд.

Ман минбаъд ҳам барои таҳкими Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ҷидду ҷаҳд хоҳам кард. Доктринаи ҳарбии мо аз касе пинҳон нест. Мо ба ҳеҷ кишваре даъвои марзӣ ва даъвоҳои дигар надорем ва танҳо дар андешаи он мебошем, ки якпорчагии Ватан ва осоишу осудаҳолии мардуми худро ҳифз намоем.

Президент барои баланд бардоштани мартабаи хизматчии ҳарбӣ, шаъну эътибори посбонони Ватан, беҳбудии аҳволи маишӣ ва манзилии онҳо бештар ғамхорӣ хохад кард.

Ҳифз, риоя ва эҳтироми ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, баробарии ҳама дар назди қонун, таъмини усули волоияти қонун дар ҷомеа аз вазифаҳое мебошанд, ки ба ӯҳдаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузошта шудаанд.

Аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қотеона тақозо мешавад, ки талаботи Конститутсия, қонунҳои кишвар ва меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқиро дар амал бе каму кост татбиқ намоянд. Барои қонуншиканиашон муҳофизони ҳуқуқ ҷазоҳои сахттарин хоҳанд дид.

Фаъолияти вазоратҳои умури дохила, амният, мудофиа ва прокуратураро дар асоси талаботи Конститутсия аз нав сохта, ба ин соҳа кадрҳои баландихтисос ва софдилро сафарбар намуда, ба он ноил гаштан лозим аст, ки сохторҳои қудратӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои муҳофизат намудани тамомияти арзии мамлакат, решакан намудани ҷинояткорӣ ва хусусан ҷинояткории муташаккилона қодир бошанд.

Ман хуб дарк мекунам, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оинаи ҳар як давлатанд. Коркунони ин соҳаҳо намояндаи давлат буда, аз номи он амал мекунанд. Ба ҳар як ҷинояткорие, ки аз онҳо сар мезанад, халқ ҳамчун ҷинояткории давлат баҳо медиҳад. Яке аз сабабҳои авҷи ҷинояткорӣ ва қувват гирифтани шаклҳои гуногуни мафия, аз ҷумла мафияи иқтисодию сиёсӣ, маҳз аз сабаби бесалоҳиятию хунукназарӣ ва дар баъзе ҳолатҳо дар онҳо бевосита иштирок намудани коркунони ҳифзи ҳуқуқ ба амал омадааст.

Ҳоло, ки шароити нисбатан мусоидтар фаро расидааст, лозим медонам, ки барои тоза кардани сафҳои қувваҳои

низомии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, татбиққунандагони адолат аз порахӯрон, қонуншиканон ва онҳое, ки бо роҳҳои ҷӯрабозӣ, ришвадиҳӣ ва маҳалгароӣ ба ин ташкилотҳо роҳ ёфтаанд, санҷиши босалоҳият гузаронида шавад.

Дар айни замон ғамхории бештарро дар ҳаққи кормандони содиқ, ҷоннисор, покдилу поктинат ва оилаҳои онҳо, ки дар соҳаҳои ҳифзи ҳуқуқ заҳмат мекашанд, вазифаи шарафтихори ҳам Президент ва ҳам мақомоти дигари роҳбарии ҷумҳурӣ мешуморам.

## ҶИНОЯТКОРӢ, ҒОРАТГАРӢ ВА ПОРАХӮРИРО РЕШАКАН НАМУДА, БА ЗАҲМАТКАШОНИ ҲАҚИҚӢ ШАРОИТ ФАРОҲАМ МЕОВАРЕМ, КИ БА КОРИ ФОИДАОВАРИ ИСТЕҲСОЛӢ ДИЛПУРОНА МАШҒУЛ ШАВАНД

Вазъияте, ки имрӯз ҷумҳурӣ бо он рӯ ба рӯ мебошад, бисёр душвор аст. Фанду фиреб, беҳурматӣ, дурӯғгӯйӣ, дуздӣ, ғоратгарӣ на танҳо дар кӯчаю бозор ва маҳали зисти одамон, балки дар сохторҳои ҳокимияти маҳаллӣ ва марказӣ низ чуқур реша давонидааст, ки он кори Ҳукуматро фалаҷ месозад. Баъзе ба ном “корчаллонҳои” қаллоб, аз ҷумҳурӣ бисёр молҳои ниёзи мардум ва ашёи стратегӣ, мисли нахи пахта, алюминий, ҳатто сӯзишворӣ ва хӯрокворӣро бо ҳар роҳ ба хориҷа мекашонанд. Ман бар ин ақидаам, ки худи сохтори мавҷудаи ҳокимият ба чунин аъмоли номатлуб имконият медиҳад. Ба мақсади решакан сохтани чунин ҳодисаҳои фалокатбор тадбирҳои зер андешида хоҳанд шуд:

— мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва марказӣ, судҳо, прокуратура, милиса, гумрук, сохтори андозситонӣ ва дигар мақомот аз одамоне, ки бо қаллобию порахӯрӣ ҳокимиятро дар пеши чашми мардум беқадру шармсор месозанд, тоза карда мешаванд;

— ҷавобгарии мансабдорони мақомоти давлатӣ дар иҷрои вазифаашон пурзӯр карда, барои хиёнат ба боварии давлат ҷазоҳои сахтарин муқаррар карда мешаванд;

— роҳбарон аз Президент сар карда то мақомоти маҳаллӣ бояд дар бораи даромади худ ва тартиби дарёфти он ҳуҷҷат пешниҳод кунанд. Барои пинҳон кардани манбаъ ва андозаи даромад ҷазои сахттарин дода хоҳад шуд;

— амали он қонуну қарорҳое боздошта хоҳад шуд, ки меҳнаткаши ҳақиқиро ба содир кардани ҷиноят тела медиҳанд;

— дар назди Президент як мақомоти фавқулоддаи мубориза бо ҷинояткорӣ ва порахӯрӣ ташкил карда мешавад.

Фақат баъди амалӣ намудани тадбирҳои мазкур барои устувории сохтори ҳокимият ва татбиқи интизоми қатъӣ дар ҳамаи соҳаҳо имконият фароҳам меояд ва истеҳсолот ба роҳ монда, барои кори пурсамари мардуми меҳнаткаш шароит муҳайё мегардад.

## ЗАМИН ВА ОБУ ҲАВОИ ТОҶИКИСТОН ҲАМАИ МОРО ХӮРОНДАЮ ПӮШОНДА МЕТАВОНАД, АГАР АЗ ОН ОҚИЛОНА ИСТИФОДА БАРЕМ

Тоҷикистони мо асосан кишвари деҳқонӣ аст. Дар чор фасли сол аз замини водиҳои мо ҳосил бардоштан мумкин аст. Мутаассифона, муносибати ҷамъиятӣ ва қабл аз ҳама сохтори давлатӣ нисбат ба заҳмати деҳқонон чандон дилсӯзона нест. Дар шароити душвори ҳозира, барои он ки мо қоматамонро рост карда тавонем ва халқамонро аз гуруснагию муҳтоҷӣ эмин дошта бошем, **бояд дар навбати аввал ба ду соҳаи иқтисодиётамон — кишоварзӣ ва энергетика афзалияти авалиидараҷа диҳем.** Ҳаёти халқамон ба ин ду соҳаи муҳим бисёр вобаста аст.

Зарур аст, ки аз ҳисоби баланд бардоштани ҳосилнокӣ, самаранок истифода бурданӣ заминҳои обӣ ва азхуд кардани заминҳои партов дар талу теппаҳои ноҳияҳои кӯҳистон дар як–ду соли дарпешистода камаш нисфи эҳтиёҷоти ҷумҳуриро бо ғалла дар дохили мамлакат таъмин намоем. Модом ки дар Рӯшон барин ноҳияи кӯҳистон, ки заминаш камҳосил аст, хоҷагиҳои алоҳида аз ҳар гектар бештар аз 30-сентенрӣ ғалла ҷамъоварӣ карда бошанд, пас чаро мо ин таҷрибаро дар ноҳияҳои дигар ҷорӣ намекунем?

Ман борҳо таъкид карда будам ва агар Президент интихоб шавам, **қатъиян талаб хоҳам кард, ки заминҳои партов ва талу теппаҳоро ба аҳолӣ тақсим карда, онҳоро барои зиёд кардани маҳсулоти кишоварзӣ ҳавасманд намоянд.** Ман кӯшиш хоҳам кард, ки маблағгузорӣ ба соҳаи

кишоварзӣ зиёд карда шавад, системаи самарабахши андоз дар ин соҳа танзим гардад. Ҳамаи шаклҳои моликият дар кишоварзӣ аз тухмии аълосифат, сӯзишворӣ, нурӣ, техника ва технология дар навбати аввал таъмин намуда, ба хоҷагиҳо кредитҳои имтиёзнок дода, онҳо барои зиёд кардани маҳсулот ҳавасманд гардонида хоҳанд шуд.

Нархи хариди маҳсулоти кишоварзиро минбаъд ҳам танзим додан лозим аст.

Шаклҳои бештар самараовари хоҷагидорӣ дар деҳот иҷоракорӣ, ширкатҳои саҳҳомӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд.

**Ман муқобили саросемавор барҳам додани колхозу совхозҳо ҳастам**. Ин шаклҳои хоҷагидорӣ махсусан, барои истеҳсоли пахта хеле зарур буда, бояд супоришҳои ҳатмии давлатро ба ҷо оваранд. Маълум аст, ки пахта маҳсулоти стратегиии иқтисодиёти мо буда, қисми зиёди асъори хориҷиро ворид месозад.

Ман зарур мешуморам ба колхозу совхозҳо ва дигар шаклҳои хоҷагидорӣ дар деҳот мустақилияти бештар ва қарзҳои имтиёзнок дода, дар ҳаққи деҳқонон бештар ғамхорӣ карда, онҳо барои истеҳсоли ҳар чӣ бештари маҳсулот ҳавасманд гардонида шаванд.

## ДАР ШАРОИТИ ФАЛАҶ ШУДАНИ ИСТЕҲСОЛОТ ВА БӮҲРОНИ САРОСАРӢ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛӢ ВАЗИФАИ АВВАЛИНДАРАҶА МЕБОШАД

Маълум аст, ки дар шароити фалаҷ шудани истеҳсолот сатҳи зиндагии аксарияти аҳолӣ хеле паст фуромада, рӯзгузаронӣ душвор мегардад.

Таъминоти аҳолӣ бо маводи хӯрока, дорувор ва хидмати тиббӣ рӯз ба рӯз мушкилтар мешавад. Барномаҳои пештараи иҷтимоӣ иҷро намешаванд. **Барои рафъи мушкилот амалӣ гардонидани чунин тадбирҳо зарур аст:**

— ҷорӣ намудани нархҳои танзимшаванда ба ҳамаи намудҳои хӯрокворӣ;

— кӯмакҳои иловагӣ ба маъюбон, собиқадорони ҷангу меҳнат, арзон ва бепул таъмин намудани онҳо бо дорувор ва маводи хӯрока;

— зиёд кардани ҳаҷми стипендияи донишҷӯён;

— индексатсия намудани даромади аҳолӣ, аз ҷумла нафақапулӣ. стипендия ва пасандозҳо;

— бепул ба аҳолӣ додани заминҳои лалмӣ, бекорхобида ва доманакӯҳ;

— додани кӯмакпулӣ ба маъюбони ҷанги гражданӣ, гурезаҳои иҷборӣ ва оилаҳои онҳо;

— ба микдори 60 фоизи музди миёнаи коргарони корхонаҳои давлатӣ ҷорӣ кардани ёрдампулӣ ба бекорон;

— содироти қувваи корӣ ба хориҷа;

— ташкили биржаҳои кор дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб, Қӯргонтеппа, Ҳисор ва Хоруғ;

— ҷалб намудани қувваҳои кор дар сохтмони ГЭС-ҳои Роғун, Сангтӯда, роҳҳои оҳани Қӯрғонтеппа — Кӯлоб, Самарқанд — Панҷакент ва роҳи автомобилгарди Кӯлоб — Дарвоз;

— огози сохтмони нерӯгоҳҳои хурду миёнаи барқӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави кор барои ҷавонон;

— ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ барои ҷавононе, ки ба кори ин сохтмонҳо сафарбар карда мешаванд;

— дастгирии моддию маънавии занони бесаробон, кӯдакони ятим, оилаҳои серфарзанд ва камбизоат аз ҳисоби буҷет ва маблағи корхонаҳо;

— таҳия ва қабули қонун дар бораи зиёд кардани нафақаи занон.

## МАН САРВАТИ АҚЛИИ МАМЛАКАТРО БОЙИГАРИИ АСОСИИ ТОҶИКИСТОН ҲИСОБ МЕКУНАМ

Аз ҳамаи бойигариҳои фаровони моддӣ ва табиие, ки Ватани мо дорад, сарвати муҳимтарин ва бебаҳотарин — иқтидори ақлии ҷомеаи мост. Ба мушкилоти иқтисодӣ нигоҳ накарда, дар бораи олимон, ходимони адабиёту санъат, мактабу маориф, соҳаҳои тандурустӣ ва ӯрдуи пуриқтидори навоварону эҷодкорон ғамхорӣ карданро вазифаи асосии худ мешуморем.

Мутаассифона, дар асари воқеаҳои солҳои охир бисёр мутахассисони варзида, олимони тавоно ва эҷодкорону ходимони фарҳанг ҷумҳуриамонро тарк гуфтанд. Аз даст

**додани иқтидори маърифатӣ барои мамлакат зарари ҷубронноползир мебошад**. Мо ин талафотро ҳам дар соҳаи илму фарҳанг, ҳам дар истеҳсолот ва ҳам дар сатҳи маърифату ахлоқи ҷомеа аллакай бараъло эҳсос карда истодаем ва вазифаи худ медонем, ки иқтидори боқимондаи маърифатиро эҳтиёткорона нигоҳ дошта, барои ба воя расондани қувваҳои нави эҷодкор ғамхорӣ намоем. **Ба ин мақсад иҷрои чунин вазифаҳоро зарур мешуморам**:

— таъсис намудани хазинаи асъор барои инкишофи илму маориф;

— имтиёзи аввалиндараҷа додан ба соҳаи маориф, илм, фарҳанг ва тандурустӣ;

— такмил ва рушди тарбияи кадрҳо дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ва дар асоси конкурс ба хориҷа барои таҳсил фиристодани ҷавонони болаёқат;

— таъсиси мактабҳои махсуси ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла барои 200—300 нафар шогирди фавқулодда боистеъдоди ҳамаи шаҳру ноҳияҳо дар Душанбе;

— ривоҷи матбуот ва нашриёт, ки муайянкунандаи сиёсати идеологии дохиливу хориҷии давлати мустақили Тоҷикистон аст. Мо ба қуввати созандаи сухан ва эъҷози каломи нависандаю рӯзноманигор эътимоду эътиқодро қоилем. Медонем ки ҷаҳониён моро бо адибону олимони беҳамтоямон мешиносанд. Дар ин асос ба ходимони илм, адабиёт ва санъату журналистика фароҳам овардани шароити эҷоду чопи асарҳои шоистаи давру замон;

— вобаста ба афзоиши нарх ва беқурб шудани пул зиёд кардани ҳаққи қалами ходимони илм, адабиёту санъат ва эҷодкорону навоварон.

Бо истифода аз имкониятҳо ва салоҳиятҳо рушду такомули маданият, анъанаҳои миллӣ, забон ва арзишҳои маънавии ҳамаи халқҳои сокини Тоҷикистон ва ҳифзи ёдгориҳои таъриху фарҳанг, меъморӣ, санъату адабиёт ва дину мазҳабҳои халқҳои сокини ҷумҳурӣ таъмин карда хоҳад шуд.

Ба озодона амал кардани забонҳои русӣ, ӯзбекӣ ва дигар забонҳо дар Тоҷикистон ва таълими ҳатмӣ ва самарабахши забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо дар ҳамаи мактабҳои ҷумҳурӣ кафолат дода хоҳад шуд.

Ба роҳ ёфтани порнография ва маданияти бемазмуну бепарда, ки ба фарҳангу психологияи мардуми мо хос нест, қатъиян мубориза бурда хоҳад шуд. Барои фазои фарохтари робитаҳои солими илмӣ, фарҳангӣ ва ахборотӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

## ДАРҲОИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ҲАМКОРӢ БА РӮЙИ ҶАҲОНИЁН БОЗ АСТ

Тоҷикистон бо ягон давлати ҷаҳон ихтилофот надорад ва принсипу меъёрҳои аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътирофгардидаи ҳуқуқи байналхалқӣ асоси сиёсати хориҷии моро ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, **мо бо камоли эҳтиром ба ҳар давлате, ки бо мо ҳамкорӣ кардан мехоҳад, агар ин ҳамкорӣ бо талаботи Конститутсияи мо мувофиқ бошад, ҳозирем ҷавоби мусбат диҳем.**

Мо вусъати ҳамаҷонибаи муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама бо Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистону Туркманистон, ки бо онҳо дар тӯли даҳсолаҳо пайванду робитаҳои ногусаста доштем, дар мадди аввал мегузорем.

Барои мустаҳкам шудан ва ба сатҳи сифатан нави ҳамкорӣ баромадани робитаҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мусоидат хоҳем кард.

Мо барои боз ҳам мустаҳкам шудани муносибатҳои байнидавлатӣ бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ҷидду ҷаҳд хоҳем кард.

Умедворем, ки кишварҳои хеле пешрафтаи Аврупо, Амрико ва Шарқи Дур барои сармоягузории ба ҳар ду тараф фоидабахш бо мо ҳамкорӣ мекунанд.

Бар ин ақидаем, ки муносибатҳоямон бо кишварҳои ҳамзабон, ҳамтаърих ва ҳамфарҳанги Афғонистон, Эрон ва Покистон ҳамеша бегазанд хоҳанд монд.

Мо бе ягон шарту шароит бо мамлакатҳои Шарқи мусулмонӣ робитаҳои худро таҳким мебахшем. Ба ҳамкорӣ бо ду ҳамсояи бузурги худ — Ҷумҳурии Халқии Чин ва Ҷумҳурии Ҳиндустон аҳамияти фавқулодда медиҳем.

Кӯшиш хоҳем кард, ки робитаҳои мо бо ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ба нафъи сулҳу осоиши Осиё ва саросари ҷаҳон мустаҳкам шаванд.

Тоҷикистон ҳамчун давлати тозабунёд ва узви Созмони Милали Муттаҳид минбаъд ҳам кулли қарордоду меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, Маншури Созмони Милали Муттаҳид, СБСЕ ва дигар муассисаҳои мӯътабари ҷаҳонро риоя ва мавриди эҳтиром қарор медиҳад.

Итминони комил дорам, ки халқи меҳнатдӯст ва қадршиноси ман чун дар гузашта бо иттиҳоду бародарию дӯстӣ дасти ҳам гирифта, барои ободии кишвари азизамон камари ҳиммат мебандад ва сарбаландона кору зиндагӣ карда, аз Ватани маҳбубамон ифтихор менамояд.

# БАРОИ БЕҲБУДИИ ҲАМАГОН

## СУХАНРОНӢ ДАР ИҶЛОСИЯИ XXI ШӮРОИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

16 ноябри соли 1994

**Мӯҳтарам вакилони халқ!**
**Мардуми шарифи Тоҷикистон!**
**Меҳмонони арҷманд!**

Рӯзи шашуми ноябри соли 1994 дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаи бузург ба вуқӯъ пайваст. Ҳалқи тоҷик дар таърихи беш аз ҳазорсолаи давлатдориаш бори аввал Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда, Президенти ҷумҳуриро интихоб намуд. Иштироки фаъолонаи шаҳрвандони тамоми ҷумҳурӣ дар ин маъракаҳои муҳими сиёсӣ яке аз дастовардҳои бузург ва пирӯзии демократия дар Тоҷикистон мебошад. Бо боварии том гуфтан мумкин аст, ки ин рӯзи интихобот ва қабули Конститутсия ба иди ҳақиқии дӯстию бародарии мардуми сермиллати ҷумҳурӣ, ваҳдати мардум ва ягонагии халқи Тоҷикистон табдил ёфт.

Бо ҳамин як давраи муҳимтарин дар бобати татбиқ кардани ислоҳоти сиёсӣ ба анҷом расид. Мардуми Тоҷикистон аввалин бор санади ҳуқуқиеро қабул намуд, ки он манфиати тамоми халқҳои сокини Тоҷикистонро ифода мекунад. Аз нигоҳи таърих, агар 16 ноябри соли 1992 ва сессияи XVI Шӯрои Олӣ ҳамчун ибтидои барқароркунии давлати қонунӣ ва сохти конститутсионӣ дар таърихи Ватанамон ҷойи сазовори худро соҳиб шуда бошад, пас 6 ва 16 ноябри соли ҷорӣ ва сессияи имрӯзаи Шӯрои Олӣ дар таърихи навтарин ҳамчун рӯзи қабули нахустин

Конститутсияи давлати соҳибистиқлол ва зуҳуроти ягонагии миллату давлатамон абадӣ боқӣ хоҳад монд.

Ҷиҳати асосӣ ва муҳими ин Конститутсия дар он аст, ки ин санадро як гурӯҳи одамон не, балки тамоми халқи мамлакат маъқул донистааст. Аксарияти кулли аҳолии Тоҷикистон ба тарафдории он овоз додааст. Ин бузургтарин муваффақияти мост.

Аз фурсат истифода бурда, ба ҳамаи шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки барои қабули Конститутсия, интихоби Президент ва умуман ояндаи ҷумҳурӣ овоз додаанд, аз таҳти дил миннатдорӣ изҳор менамоям.

Инчунин ба унвони ман садҳо баркияҳои шодбошӣ аз сарони давлатҳо ва мардуми ҷумҳурӣ расиданд ва имрӯз низ бисёр рафиқон дар ин толор баромад карда, дар ҳаққи ман суханони нек гуфтанд ва табрику орзуҳои худро изҳор карданд. Бори дигар ба ҳамаи онҳо ва шумоён миннатдории худро баён намуда, кӯшиш менамоям, ки сазовори ин гуфтаҳо бошам.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон кафили амалӣ гардидани Конститутсия мебошад. Ман ба ҳайси Президент шуморо бовар мекунонам, ки ҳифзи ҳуқуқҳо, озодиҳои шаҳрвандон, тамомияти арзии ҷумҳурӣ, ваҳдати миллӣ, сулҳу салоҳро дар ҷумҳурӣ таъмин хоҳам кард.

Тавре ки ду сол пеш гуфта будам, боз мегӯям: тану ҷон ва ҳастии худро фидои миллатам намуда, ҳеҷ чизро аз халқи худам дареғ намедорам.

Халқ чун кӯҳи азимест, ки ман ба он такя карда, барои ободии Ватанам хизмат хоҳам кард. Бояд гӯям, ки мо роҳи душвори таърихиро тай кардем. Ин кори ниҳоят вазнин ва басо мушкил буд.

Баъди қабули Конститутсия ва интихоби Президент дар таърихи навини кишварамон марҳилаи нав оғоз ёфт ва барои беҳтар намудани шароити зисту зиндагонӣ ва беҳтар шудани дараҷаи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон, давом додани ислоҳоти иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам омад.

Акнун тамоми фаъолияти давлатдории мо, низому тартиби ҳаёти ҷамъият дар доираи Сарқонун сурат мегирад.

Аз коргари оддӣ то роҳбари идораю вазорат ҳисси масъулиятшиносиро дар madди аввал гузошта, бояд ба меҳнати софдилона машғул шаванд. Танҳо меҳнати ҳалолу босамар ҷамъияти моро аз буҳрони шадиди

иқтисодию иҷтимоӣ бароварда метавонад. Роҳи дигар вуҷуд надорад.

Вазъи сиёсии имрӯзаи ҷумҳурӣ на танҳо барои ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ имкон медиҳад, балки аз мо тақозо менамояд, ки суръати дигаргуниҳои иқтисодиро хеле тезонем, зеро бе тағйири ҳамаи сохтори идораи иқтисодиёт мо аз бӯҳрони амиқе, ки хоҷагии халқро фаро гирифтааст, баромада наметавонем.

Дигаргуниҳо бояд ба таври комплексӣ тамоми соҳаҳоро фаро гиранд. Дар барномаи пешазинтихоботии ман самтҳои асосии ин тағйиротҳо равшан инъикос ёфтаанд ва ман кӯшиш менамоям ҳамаи онҳоро ба манфиати сокинони ҷумҳурӣ амалӣ намоям.

Пеш аз ҳама мо бояд дар мӯҳлати кӯтоҳтарин сохтори идоракунии хеле босамарро ба роҳ монем. Рӯйирост бояд иқрор шуд, ки имрӯз низоми роҳбарии иқтисодиёт гусаста шудааст ва ҳамаи камбудию нуқсонҳои мо аз он сар мезананд.

Дар ду соли охир аз ҷониби Шӯрои Олӣ ва Шӯрои Вазирон бисёр қонуну қарорҳои хуб қабул карда шуданд, вале дастгоҳи маъмурии бюрократие, ки рӯз то рӯз шумораи онҳо зиёд мешаванд, вазифаи худро иҷро накарда, баъзан монеаи кор мешавад. Аксарияти вазорату идораҳо, ташкилотҳои маҳаллии ҳокимият бо усулҳои кӯҳнашуда кор карда, як чизи муҳимро ба назар намегиранд, ки ба иқтисоди бозаргонӣ гузаштани ҷумҳурӣ донишу маҳорат, тафаккури навро тақозо намуда, талаб менамояд, ки аз усулҳои нави роҳбарии иқтисодӣ самарнок истифода бурда шавад.

Мо ният дорем, ки дар рӯзҳои наздиктарин ба Конститутсияи аз тарафи халқ қабулшуда такя намуда, чунин сохтори аз ҳама ҷиҳат самараноку ба талаби замон мувофиқеро ташкил намоем, ки тавонад идорашавии иқтисодиётро ҳамаҷониба таъмин намояд.

Аз ҳамин нуқтаи назар дар баробари таъин намудани раисон дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо тартиботи роҳбарии бевосита ба муассисаҳо ва корхонаҳои давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.

Ин чунин маъно дорад, ки роҳбарони корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи принсипҳои касбию масъулиятшиносӣ таъин мешаванд, на аз рӯйи маҳалу минтақа.

Корхонаҳои давлатӣ моли халқ мебошанд ва танҳо ба халқ тааллуқ доранд, на ба шахсону қавмҳои алоҳида, ки аз ҳисоби қашшоқ шудани халқи оддӣ соҳиби сарвату давлат мешаванд.

Сохтори идоракунӣ бояд ҳуқуқ ва масъулияти мақомоти марказии Ҷумҳурӣ ва ҳокимияти маҳаллиро аниқ ва муайян намояд. Танҳо дар ҳамин ҳолат принсипи масъулияти шахсии кадрҳо ва самарнокии кори онҳо таъмин карда мешавад.

Масъалаи аз ҳама асосӣ ва аввалиндараҷаи иқтисодӣ, масъалае, ки бе ҳалли он ба иқтисоди бозаргонӣ дохил шудан номумкин аст, ин масъалаи системаи пулии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бе ҳалли ин масъалаи муҳим дар бораи истиқлолияти Тоҷикистон сухан рондан номумкин аст.

Ман ҳамчун тарафдори собитқадами муттаҳид намудани системаи пулӣ бо Россия баҳри он кӯшиш мекунам, ки ин масъала ба пуррагӣ ҳалли худро ёбад.

Мо дар рӯзҳои наздиктарин бояд чунин сиёсати молиявиро кор карда бароем, ки барои инкишофи истеҳсолот, махсусан истеҳсолоти моли мавриди ниёзи мардум, ҷалб намудани сармояи хориҷӣ, ривоҷи корчаллонии хурд ва соҳибкории хусусӣ шароити мусоид фароҳам оварад. Бе зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ ва маҳсулоти кишоварзӣ, молҳои зарурии бозори дохилӣ системаи пулии давлатӣ вуҷуд дошта наметавонад.

Дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозаргонӣ мавқеи бонки миллӣ бояд хеле баланд бошад. Новобаста ба он ки ворид шудан ба минтақаи рубл чӣ тавр ҳал мешавад, зарур аст, ки ба таври фаврӣ биржаҳои фондӣ ва заминаи муайяни ҳуқуқии бозори коғазҳои қиматбаҳо ташкил карда шавад.

Инчунин ба масъалаҳои воридоту содирот ва асъори бонкҳои тиҷоратӣ назорати қатъӣ ҷорӣ карда мешавад.

Бо ин мақсад дар назди дастгоҳи Президент сохтори махсус таъсис меёбад, ки вазифаи он на танҳо назорати қатъӣ бурдан, балки ҳамоҳанг сохтани ҳамкориҳо бо мамлакатҳои хориҷӣ низ мебошад.

Таҷрибаи дигар давлатҳои узви Иттиҳодро, ки аз мо пештар ба иқтисоди бозаргонӣ гузаштаанд, ба назар гирифта, мо бояд як қатор чораҳо, аз қабили танзим намудани нархҳоро дар амал татбиқ намоем.

Ташаккул ёфтани шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурии мо ҷойи асосиро ташкил медиҳад. Дар ин кори муҳим низ хусусиятҳои хоси ҷумҳуриро ба назар гирифта, шаклҳои гуногуни моликиятро ба роҳ мемонем.

Барои инкишофи моликияти давлатӣ ва шахсӣ шароити баробар муҳайё кардан лозим аст. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ҷамъияти тараққиёфта намудҳои гуногуни моликият бо дарназардошти маҳалу шароит инкишоф меёбанд.

Барои тезтар инкишоф додани сектори хусусӣ, хусусан дар комплекси агросаноатӣ ва дигар соҳаҳои истеҳсолот дар ҳаҷме, ки бо корхонаҳои давлатӣ рақобат карда метавонанд, шароити мусоид фароҳам овардан зарур аст.

Дарояндаи наздик сектори давлатӣ дар ҷумҳуриамон мавқеи калон пайдо мекунад. Аз ҳамин нигоҳ шароитро ба назар гирифта, тамоми чораҳоро бояд андешид, ки корхонаҳои давлатӣ ба муҳити иқтисоди бозаргонӣ ҳамроҳ шаванд.

Ва ниҳоят шарти хеле муҳим андешидани чораҳо ва аниқ намудани роҳҳои иштироки давлат дар дигаргуниҳои иқтисодӣ ва идоракунии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад.

Вазифаи душвори аз бӯҳрони имрӯзаи иқтисодӣ раҳо ёфтани ҷумҳурӣ ва амалӣ намудани дигаргуниҳо дар ин соҳа дар назди роҳбарияти ҷумҳурӣ вазифаҳои ниҳоят масъулиятнокро мегузорад. Боварӣ дорам, ки дар ҷумҳурӣ мутахассисони соҳибтаҷриба, олимону коршиносоне ҳастанд, ки онҳоро на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки берун аз ҳудуди он низ хуб мешиносанд ва мо бо қувваи ҳамагон барои аз бӯҳрони иқтисодӣ раҳо ёфтани ҷумҳурии азизамон тамоми чораҳоро хоҳем андешид. Ба ин хотир тамоми фаъолиятамонро ба он равона мекунем, ки демократия ва риояи қонун барои ҳама баробар татбиқ гардад.

Мо мақомоти назоратие ба вуҷуд меорем, ки татбиқи қонуну қонуниятро дар кишвар амалӣ намоянд ва ҳама гуна қонунвайронкуниро бартараф кунанд.

Дар навбати аввал барои ба вуҷуд овардани шароити фаъолияти озод ва демократӣ мо бояд ҳатман ба ҳалли масъалаи яроқсупорӣ ноил гардем. Ин масъала чанд паҳлӯ дорад ва проблемаи нав нест.

Вобаста ба ин як масъалаи дигар — масъалаи кадрҳои соҳаи ҳуқуқ ва муҳофизати тартиботи ҷамъиятиро низ хотирнишон карданиям.

Ман хуб дарк мекунам, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва Артиши миллӣ оинаи ҳар як давлатанд, коркунони ин соҳаҳо намояндаи давлат буда, аз номи он амал мекунанд.

Ҳоло, ки шароити нисбатан мусоидтар ба амал омадааст, барои тоза кардани сафҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва Артиши миллӣ аз одамони ношоиста чораҳои қатъӣ ва муассир андешидан зарур мебошад. Мо тамоми тадбирҳоро хоҳем андешид, ки чунин зуҳуроти номатлуб, ба монанди ҷинояткорӣ, ғоратгарӣ ва порахӯрӣ дар ҷамъият решакан карда шавад. Ҳалли масъалаҳои номбурда ва ҷойдошта бевосита аз сиёсати интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо на танҳо дар мақомоти маъмурӣ, балки дар тамоми соҳаи хоҷагии халқ вобастагии зич дорад. Ҳукумат дар ҳама соҳа ба ин масъалаи муҳим аҳамияти ҷиддӣ хоҳад дод.

Дар тӯли ин ду сол ман бо кормандони гуногун: аз мутахассисони оддӣ то вазир рӯ ба рӯ шудам. Яке аз сидқи дил меҳнат мекарду дигаре не. Яке дасту дилаш ба кор намерафт, дигаре ба чизе нигарон буд.

Ман ҳамаро эҳтиром мекунам. Медонам, ки барои тарбияи мутахассис 10–15 сол лозим аст.

Аммо ҳар мутахассисе, ки ба халқаш хизмат намекунад, барои манфиати он кор кардан намехоҳад, барои ман бегона аст.

Тоҷикистон Ватани ҳамаи онҳоест, ки дар ин сарзамин умр ба сар мебаранд. Ман ҳамчун Президент ба озодона амал кардани забонҳои русӣ, узбекӣ ва дигар забонҳо дар Тоҷикистон ва таҳсили ҳатмии забони русӣ ҳамчун забони муошироти байни миллатҳо дар ҳамаи мактабҳои ҷумҳурӣ кафолат медиҳам.

Мо борҳо изҳор доштем ва бори дигар тасдиқ менамоем, ки дарҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамкорӣ ба рӯйи ҷаҳониён боз аст. Аз ин рӯ, мо бо камоли эҳтиром бо ҳар давлате, ки бо мо ҳамкорӣ кардан мехоҳад, агар ин ҳамкорӣ бо талаботи Конститутсияи мо ва меъёрҳои маъмули байналмилалӣ мувофиқ бошад, омода ҳастем.

Мо минбаъд ҳам муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро бо кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, ки бо онҳо дар тӯли даҳсолаҳо пайванду робитаҳои ногусастанӣ дорем, давом хоҳем дод ва барои ба сатҳи сифатан нав баровардани ин ҳамкориҳо омода ҳастем.

Мо дар оянда низ барои боз ҳам мустаҳкам шудани муносибатҳои байнидавлатӣ бо тамоми кишварҳои дунё, ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ ба нафъи сулҳу осоиши дунё ҷидду ҷаҳд хоҳем кард ва ҳамчун аъзои Милали Муттаҳид минбаъд ҳам кулли қарордоду меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, оинномаи Созмони Милали Муттаҳид, СБСЕ ва дигар ташкилотҳои мӯътабари ҷаҳониро риоя ва мавриди эҳтиром қарор хоҳем дод.

**Намояндагони мӯҳтарами халқ!**

Соли дарпешистодаи 1995 барои аҳли башар соли фаромӯшнашаванда аст. Дар ин сол Созмони Милали Муттаҳид панҷоҳумини солгарди худро қайд менамояд. Ҳамчунин халқи тоҷик чун тамоми мардуми тараққихоҳи олам 50-солагии Ғалабаро бар фашизм ҷашн мегирад.

Мо аз соли 1995 умед дорем, ки он соли сулҳу салоҳ дар хоки Тоҷикистон мегардад. Бо ин мақсад музокироти сиёсиро идома хоҳем дод.

Дар аввали ин сол боз як марҳалаи ислоҳоти сиёсиву ҳуқуқии кишварамон ба анҷом мерасад: мо дар асоси Конститутсия интихоботи депутатҳои халқро гузаронида, Маҷлиси Олиро интихоб менамоем.

Умедворам, ки воқеаи муҳими сиёсии дарпешистода омили муттаҳидию ягонагии мо мегардад. Ягонагие, ки ба идеологияи давлати демократии ҳуқуқбунёд асос меёбад.

Беҳтарин нақшаю ҳадафҳо, орзую ормонҳо агар аз ҷониби халқ дастгирӣ наёбанд, дар рӯйи қоғаз хоҳад монд. Бинобар ин аз фурсат истифода бурда, бори дигар ба халқи азизам муроҷиат намуда, даъват менамоям, ки дар ин рӯзҳои сарнавиштсоз ҳама якдилу муттаҳид бошем. Биёед, якдилу якҷон барои ободии мамлакат, барои бахти фарзандонамон мубориза барем, ба хотири рӯзи неки насли имрӯза ваояндаамон гуноҳи ҳамдигарро бубахшем, ба хотири ягонагии Ватани азиз, ба хотири номи нек дари дил ба рӯйи дӯстон боз кунем, бо нияти раҳоӣ аз бӯҳрон манфиати мулку миллатро аз манфиати шахсӣ болотар гузорем.

Бовариҳ комил дорам, ки халқи азизам, тамоми сокинони ҷумҳурӣ дар роҳи амалӣ гардондани ин орзую омоли нек ғайрату қуввати худро дареғ нахоҳад дошт.

**Ташаккур!**

## СУХАНРОНӢ ДАР МУЛОҚОТИ САРОНИ ДАВЛАТҲО ВА ҲУКУМАТҲОИ УЗВИ СОЗМОНИ АМНИЯТУ ҲАМКОРИИ АВРУПО

Будапешт, 5–6 декабри соли 1994

**Ҷаноби мӯҳтарам раис!**
**Роҳбарони мӯҳтарами давлатҳо ва ҳукуматҳо, хонумҳо ва ҷанобон!**

Тоҷикистон дар давоми ду соли баъди аъзо шуданаш ба Созмони амнияту ҳамкории Аврупо воқеаҳои фоҷианокро аз сар гузаронд. Ҷустуҷӯйи душвори роҳҳои тараққиёти мустақилона, ки бо зуҳуроти таассуби динӣ ва ифротӣ таҳти шиорҳои дурӯғини демократӣ ва кӯшиши бо зӯри аслиҳа ғасб намудани ҳокимияти мамлакат ҷараён дошт, ҷумҳурии моро гирифтори бесарусомонӣ сохта, ҷанги беҳудаи бародаркуширо ба гардани мардум бор кард, ки боиси ҳалокати ҳазорон одамон, гуреза шудани даҳҳо ҳазор одамон, хароб гаштани иқтисоди миллӣ, фалаҷ шудани ҳокимият гардид.

Мо ба ивази қурбониҳои бешумор, ҷидду ҷаҳди зиёд ва бо кӯмаки ҷомеаи ҷаҳон тавонистем, ки ба ҷанги дохилӣ хотима бахшида, вазъи ҷамъиятию сиёсиро мӯътадил гардонем, фаъолияти мақомоти ҳокимиятро барқарор карда ва риояи қонуну тартиботро таъмин намоем.

Ба қарибӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеаҳои хеле муҳими сиёсӣ сурат гирифтанд. Халқи мамлакат 6 ноябр бо роҳи раъйдиҳӣ Конститутсияи навро қабул кард ва бо роҳи интихоботи озод Президенти ҷумҳуриро интихоб намуд. Бо ҳамин низоми шӯравӣ тамоман аз байн бурда, дар тараққиёти таърихии мамлакат саҳифаи нав кушода, ба

эъмори ҷомеаи демократӣ заминаи мустаҳкам гузошта шуд. Ин роҳи бо машаққат интихобнамудаи халқ аст ва мо аз он барнамегардем. Мо равшан тасаввур менамоем, ки ин роҳ чӣ гуна пурпечутоб ва душворгузар мебошад, бо вуҷуди ин тайёрем барои таъмини ояндаи Тоҷикистон онро тай кунем.

Мо аз ин ҷиҳат ба иҷро гардидани ҳадафҳоямон бовар дорем, ки ба таҷрибаи мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ва дастовардҳои башарият дар соҳаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон такя хоҳем кард. Дар ин бобат мо аз кӯмаки доимии маркази ҳуқуқи инсони Созмони Милали Муттаҳид, бунёди сохторҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва намояндагони созмони мазкур дар Тоҷикистон ҳамеша баҳравар мешавем. Аз фурсат истифода бурда, ба ҳамаи онҳо миннатдорӣ изҳор менамоем ва умедворем, ки ҳамкории мо минбаъд инкишоф хоҳад ёфт.

Мо бояд дар муддати кӯтоҳ корҳои бузургро ба сомон расонем. Моҳи феврали соли 1995 мӯҳлати ваколатҳои Парлумони ҳозира ба охир мерасад. Халқи Тоҷикистон, ки ҳоло оқибатҳои фалокатбори ҷангро бартараф месозад ва душвориҳои калонро аз сар мегузаронад, бояд Парлумониояндаро интихоб кунад. Мо умедворем, ки фаъолияти Парлумони нав ба анъанаҳои фаъолияти Парлумони ҷадид замина гузошта, барои тезонидани ҷараёни ислоҳот дар соҳаҳои сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодӣ заминаи қонунӣ муҳайё месозад.

Мо дар ин бобат ҳам бо ҳамкорӣ ба Созмони амнияту ҳамкории Аврупо аҳамияти хеле калон медиҳем. Демократия ва муносибатҳои навбунёди иқтисоди бозаргонӣ на танҳо ба ғамхории ҳамарӯзаи мо, балки ба гамхории беғаразонаи Созмони амнияту ҳамкории Аврупо барин созмони мӯътабар эҳтиёҷ дорад.

Истиқрори сулҳи ҳамагонӣ ва пойдор дар мамлакат дар ҷараёни ба даст овардани ин ҳадафҳо табиист, ки бояд яке аз нақшҳои асосиро бозад. Ҳукумати Тоҷикистон иродаи нек дорад ва барои иҷрои ин вазифаи сарнавиштсоз самимона кӯшиш хоҳад кард.

Ба ҳозирон маълум аст, ки музокироти тоҷикон таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид бо иштироки намояндагони Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва бо кӯмаки Россияву Ӯзбекистон ва Эрону Покистон сар шуда

буд. Мо зимни гуфтушунидҳо бо мақсади ноил гардидан ба мусолиҳаи миллӣ мавқеи устувору амалӣ ишғол намудем.

Созишномаи моҳи сентябр дар Теҳрон имзошудаи муваққатан бас кардани оташ ва амалиёти дигари душманона муваффақияти аввалин гардид, ки баъдан мӯҳлати эътибори он дар Исломобод дароз карда шуд.

Мо қатъан кӯшиш хоҳем кард, ки музокироти тоҷикон бо кӯмаки ҷомеаи ҷаҳон ба манфиати халқи мамлакат натиҷаҳои дилхоҳ диҳад ва ниҳоят дар диёри қадимаи тоҷикон сулҳи пойдор ва созгории миллӣ ҳукмрон шавад.

**Ҷаноби раис!**

Таҷрибаи фоҷианоки давлати мо, ки Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ба вазъияти он масъул мебошад, роҳҳои ҳамкорӣ ва пешомадҳои амалиёти якҷояи моро нишон медиҳад.

Мо дар ин бобат Созмони амнияту ҳамкории Аврупоро дар оянда ҳамчун созмони комили минтақавии Аврупою Осиё тасаввур менамоем, ки доираи васеи масъалаҳои марбут ба амнияту ҳамкориро ҳал карда ва барои афзун гардондани самараи фаъолияташ имкониятҳои васеъ хоҳад дошт.

Хулоса, фаъолияти минбаъдаи Созмони амнияту ҳамкории Аврупо бояд ба тақвияту таҳкими роҳу усулҳои пешгирии муноқишаҳо сафарбар карда шавад. Ин вазифа, ба ақидаи мо, бояд асосан тавассути тадбирҳои пешгирикунандаи дипломатӣ иҷро шавад, ки асоси онро омӯзиши сабабҳои амиқи муноқишаҳо ва ба назар гирифтани омилҳое ташкил медиҳанд, ки ба инкишофи онҳо таъсир мерасонанд.

Ба фикри мо, вазифаи дигари муҳим муқаррар намудани роҳу воситаҳои таъмини назорати соҳаҳои низомӣ ва консепсияҳои нави таҳкими ояндаи боварӣ ба ҳамдигар мебошад. Дар ин соҳа истифодаи воситаҳои самарбахши амалӣ сохтани ҳуҷҷатҳои қабулкардаи Созмони амнияту ҳамкории Аврупо дар соҳаи амният ва қабули қарорҳое зарур аст, ки ҳадаф аз онҳо ҷусутуҷӯйи роҳҳои таҳкими сулҳ ва субот мебошад.

Мо ҷонибдори онем, ки Созмони амнияту ҳамкории Аврупо мавқеъҳояшро дар соҳаи таъмини сулҳу субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон мустаҳкам

намояд. Дар ин мавридӣ бояд талаботи меъёрҳои таъмини амният тағйир дода нашаванд.

Омили дигари муҳим ҳамин аст, ки раванди демократия, масалан дар Тоҷикистон дар зинаи ибтидоии инкишоф қарор дорад.

Бинобар ин, ба ақидаи мо, хуб мебуд, ки Созмони амнияту ҳамкории Аврупо бо дарназардошти анъанаю хусусиятҳои имрӯза ба масъалаҳои инкишофи демократия дар ин давлатҳо муносибати оқилонатар мекард. Ба фикри мо, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо бояд бештар аз танқиду мушоҳида ба ҳамкорӣ ва расондани кӯмак дар масъалаҳои эъмор ва таҳкими сохторҳои демократӣ пардозад.

Масъалаи тараққиёти иқтисодии мамлакатҳои нави аъзои Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ба масъалаҳои амнияти умумӣ низ таъсири калон мерасонад. Афзоиши идоранашавандаи муҳоҷират, паст гардидани сатҳи зиндагии мардум ва душвориҳои дигар, ки натиҷаи зуҳуроти бӯҳрони иқтисодии ин мамлакатҳо дар даврам гузариш мебошад, аз ҳозир масъалаҳои хеле зиёди дорои характери сиёсию иҷтимоиро ба миён меорад. Ин масъалаҳо дар бисёр мамлакатҳои узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупо мушоҳида мешаванд. Ба ин масъалаҳо ба таври бояду шояд диққат надодани ҷомеаи ҷаҳон сабаби шиддати вазъият шуда метавонад. Вобаста ба ин, ба ақидаи мо, самарбахштар гардонидани нақши форуми иқтисодии Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва вусъат додани ҳамкории Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ба Иттиҳоди Аврупо комиссияи иқтисодии дар аврупобудаи Созмони Милали Муттаҳид ва ташкилотҳои дигари минтақавии иқтисодӣ, сохторҳои молиявии байналхалқӣ бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ расондани кӯмак дар ҳалли масъалаи бо кор таъмин намудани аҳолӣ, хусусӣ гардондани моликият, инкишофи соҳибкорӣ ва муҳайё намудани заминаи қонунии ислоҳоти иқтисодӣ мувофиқи принсипҳои бозаргонӣ хеле муҳим аст.

Дар хотима ба Раиси Ҷумҳури Маҷористон, аълоҳазрат, ҷаноби Арпад Генс барои муҳайё кардани шароити беҳтарини кори самарабахшу муваффақиятноки конфронси мо миннатдорӣ изҳор менамоям.

**Ба диққататон ташаккур.**

# БАРОИ БА ЭЪТИДОЛ ОВАРДАНИ ВАЗЪИЯТ ВА ТАЪМИНИ СУЛҲУ ОСОИШ

## СУХАНРОНӢ ДАР МУЛОҚОТИ VII САРОНИ КИШВАРҲОИ УЗВИ СОЗМОНИ КОНФРОНСИ ИСЛОМӢ

Дорулбайзо, 13—14 декабри соли 1994

**Мӯҳтарам ҷаноби олӣ,**
**мӯҳтарам ҷаноби Муншии генералӣ,**
**мӯҳтарам Сарони кишварҳо,**
**мӯҳтарам ҷанобон!**

Қабл аз ҳама, ташаккуроти самимии худро ба подшоҳи мамлакати Мағриб аълоҳазрат Ҳасани II барои пазироии самимӣ дар ин сарзамини меҳмондӯсту ҳамеша хуррам изҳор мекунам. Ҳамзамон бо ин аълоҳазрат Ҳасани II-ро ба муносибати интихоб шуданашон ба ҳайси раиси Конфронси Сарони кишварҳои мусулмон табрик мекунам ва барояшон дар иҷрои ин кори басо мушкилу масъулиятнок муваффақиятҳо орзу менамоям.

Чи тавре ки маълум аст, аълоҳазрат Ҳасани II 25 сол қабл аз ин дар таъсис додани ин созмони бонуфуз нақши созанда доштанд ва мо итминони комил дорем, ки эшон ҳамчун сиёсатмадори номӣ ва роҳбари барҷаста дар баланд бардоштани нуфузи созмон ва инкишоф додани фаъолияти минбаъдаи он саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

Дар ин зимн хидмату кӯшишҳои раиси конфронси 6-умини Сарони кишварҳои мусулмон ҷаноби олӣ Абду Дуюф, ки дар давраи раисии эшон теъдоди кишварҳои узви созмон зиёд шуда, созмон дар ҳалли масъалаҳои сиёсию иқтисодии олами исломӣ нақши муассиртаре бозид, сазовори таъриф аст.

**Ҷанобон!**

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба соли чаҳоруми истиқлолияти худ қадам ниҳод. Халқи тоҷик — набераҳои шахсиятҳои бузурги таърихи ислом аз қабили имом Бухорӣ, имом Абӯ Исои Тирмизӣ ва дигарон мебошад.

Шумо огоҳ ҳастед, ки тоифае дар Тоҷикистон хостанд дини мубини исломро ба мақсадҳои нопоку сиёсӣ истифода баранд. Мо низ аз он ҳаракатҳои бемасъулият, ки олами исломиро фаро гирифтанист, эмин намондем. Дирӯз ҷаноби олӣ, Президент Муҳаммад Ҳусни Муборак ба ин масъала ишора карданд. Ман бо ҷаноби олӣ, Раиси Ҷумҳури Мисри Араб дар ин бора комилан ҳамфикр ҳастам. Мо бояд андеша кунем, ки чаро тоифае номи дини мубини исломро бад мекунад? Дар назари ҷомеаи ҷаҳонӣ сари мусулмононро хам мекунад. Чуноне ки ҷалолатмаоб подшоҳи Ӯрдун Ҳусайн ибни Талол дар баромади басо пурмазмунашон ишора карданд, вақте расидааст, ки мо бояд барои обрӯйи исломро баланд бардоштан тадбирҳои ҳамоҳанги самаранок андешем.

Ҷанги дохилие, ки дар Тоҷикистон ду сол қабл доир шуд, хуни даҳҳо ҳазор шаҳрвандро рехт. Садҳо ҳазор нафарро ба гурезаҳо табдил дод. Зиёда аз 7 миллиард доллар зарари моддӣ расонд.

Шукри Худо, ки ҳоло ду сол боз дар Тоҷикистон вазъият рӯ ба беҳбудӣ овардааст. Дар Тоҷикистон имрӯз шароит барои шурӯъ кардан ба ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ фаро расидааст.

**Ҷанобони мӯҳтарам!**

Мехостам дар робита бо гуфтушунидҳои сиёсии тоҷикон хотиррасон кунам, ки маҳз кӯшишҳои ҳаматарафаи ҷомеаи байналмилалӣ ва давлатҳои ба мо дӯсту ҳамсоя буданд, ки вохӯриҳо бо мухолифин дар Теҳрон ва Исломобод бо натиҷаи умедбахше анҷом пазируфтанд ва созишномаи муваққатан бас кардани оташ ва дигар амалиёти душманона ба имзо расид ва мӯҳлати амали он то моҳи феврали соли 1995 тамдид гардид. Ин иқдом, бешубҳа, муҳим ва фоли нек дар роҳи пурра ба эътидол овардани вазъият, дарёфтани ризоияти миллӣ ва сулҳу субот дар Тоҷикистон аст.

Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон садоқати худро нисбати принсипҳои бо роҳи гуфтушунид ҳал намудани низои байни тоҷикон иброз дошта, ҳамзамон ҷонибдории худро ҷиҳати идома додани он гуфтушунидҳо изҳор мекунад. Умедворем, ки дар ин ҷода Созмони конфронси исломӣ моро дастгирӣ хоҳад кард.

**Муҳтарам ҷаноби раис!**

Дар баробари ин, бо камоли таассуф онро низ мебояд зикр кард, ки мухолифини мо ба ин иқдомоти хайрхоҳонаи роҳбарияти Тоҷикистон нигоҳ накарда, бе ягон сабаб, ба ҷойи тадбиру андешаро пеша кардан, амалиёти мусаллаҳонаи худро давом медиҳанд, ки ин дар террор, гаравонгирӣ ва кирдорҳои харобиовар зуҳур меёбад. Тавре ки маълум аст, ин иқдомот хилофи роҳи пешгирифтаи Созмони Милали Муттаҳид мебошад, ки тарафҳои муқобилро ба таҳаммул ва сарфи назар кардан аз ҳар амалиёте, ки ба ҷараёни гуфтушунид халал мерасонад, даъват мекунад. Онро низ набояд фаромӯш кард, ки бар асари ҳар амалиёти ҷангӣ теъдоде аз кӯдакону занон ва пирони мусулмон, ки ба ҷидол даҳолате надоранд, қурбон шуда, бе хонаву бе сарпаноҳ мемонанд, ки ин мухолифи маголиби муқаддаси дини мубини ислом аст.

Роҳбарияти сиёсии Тоҷикистон ин кирдорҳои мухолифинро сарфи назар карда, ба сурати яктарафа як қатор чораҳо барои таҳкими боварии тарафайн, ба эътидол овардани вазъият, дарёфтани сулҳу субот ва мусолиҳаи миллӣ дар кишвар андешид.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Талабот ва шароити кунунии ҷомеаи байналмилалӣ, рафти тараққиёти имрӯзаи муносибатҳои кишварҳои ҷаҳон дар назди Созмони конфронси исломӣ вазифаҳои навро ба миён мегузорад. Ин қабл аз ҳама бо он маънидод карда мешавад, ки дар баъзе нуқоти ҷаҳони исломӣ вазъияти устувори сиёсӣ ҳукфармо нест, ки ин ҳолат, албатта, ба иқтисодиёт ва дараҷаи рафоҳияти мардуми ин минтақаҳо бетаъсир намемонад. Бо ақидаи мо, кишварҳои исломӣ муносибатҳои байни якдигарро ба як пояи нави иқтисодию фарҳангӣ баланд бардошта, ба ҳамаи нифоқҳои байнашон мавҷуда хотима бахшанд, ба якдигар ба қадри имкон дасти

ёрӣ дароз кунанд, то ки мардуми мусулмон соҳиби зиндагии орому хушҳол гарданд. Ҳамаи ин ва дигар масъалаҳои умдаи рӯз аз Парлумони ҷаҳони исломӣ — Созмони конфронси исломӣ онро тақозо мекунад, ки дар ҳалли ин ва ё он масъалаи мавҷуда иқдомҳои ҷиддӣ андешад ва нақши созандагӣ дошта бошад.

Таҷрибаи рӯзгор онро ба таври возеҳ собит сохтааст, ки мо танҳо дар шароити осоишта, сулҳу субот, якдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, сабру таҳаммул ва оштипазирӣ ба ҳамаи системаҳои сиёсӣ ва динӣ мақсадҳои волои созмонро амалӣ гардонда ва ҳамбастагии ҳақиқии мусулмононро дарёфта, манзалати дини мубини исломро баланд бардошта метавонем.

**Мӯҳтарам ҷаноби олӣ!**

Мо қарорҳои ҳафтумин ҷаласаи фавқулоддаи вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узвро, ки 7 — 9 сентябри соли ҷорӣ дар Исломобод доир гашт, ҷонибдорӣ менамоем. Бахусус, баёнияи ниҳоӣ ва резолютсияе, ки нисбати давлати ба мо дӯсту ҳамсоя — Давлати Исломии Афғонистон қабул шудааст, аз ҳар ҷиҳат муҳиму қобили дастгирӣ аст. Мо, ки худ таҷрибаи талхи ҷанги ҳамватаниро чашидаем, ба ҳеҷ ваҷҳ ҳалли мушкилии ба вуҷудомадаи мардуми Афғонистонро бо роҳи зӯроварӣ ва яроқ намехоҳем.

Итминони комил дорам, ки мардуми Афғонистон дар ниҳояти кор роҳи созгории дохилиро пеш мегирад ва баҳри обод кардани кишвари худ мекӯшад. Боварӣ дорам, ки коҳиши шиддати вазъияти Афғонистон ба ҳалли масъалаҳои байни тоҷикон таъсири мусбат хоҳад расонд.

**Ҷанобони мӯҳтарам!**

Ҷумҳурии тозабунёди Тоҷикистон бо таваҷҷӯҳи хос ба рафти ҳодисаҳои сиёсии ҷаҳони мусулмон менигарад ва ҳамчун узви ин созмони мӯътабар мекӯшад, то дар ҳалли ин мушкилиҳо саҳм бигирад. Мо аз мусолиҳаи кишварҳои араб ва Исроил, аз рафти танзими мусолиматомезонаи масъалаҳои Шарқи Наздик бисёр хушнудем ва ҷонибдории худро нисбати идомаи минбаъдаи ин гуфтушунидҳо бо роҳи осоишта эълом медорем.

Густариш додани ҳамкориҳои кишварҳои узви созмон метавонад набзи пурзӯр ва омили нерӯманд барои рушди

минбаъдаи иқтисодии ин кишварҳо бошад. Дар навбати худ, рушди иқтисодӣ ба мо имконият медиҳад, ки сатҳи сазовори зиндагиро ба мардумони кишварҳоямон таъмин намоем ва бад-ин васила ҳалли бештари масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми мусулмонро дарёбем. Онро бояд таъкид кард, ки пешрафти иқтисод, фаровонии молҳои ниёзи мардум ба устувории вазъияти сиёсӣ таъсири мусбат мерасонад. Ин афкор, ба қадри кифоя, зарурати густариш додани ҳамкориҳои васеъро дар байни кишварҳои узв тавассути инкишоф додани тиҷорати байни кишварҳо талаб мекунад. Бе муболиға, мо барои иҷрои ин нақшаҳо ҳам қудрат дорему ҳам имконият.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ҳоли ҳозир давраи вазнини гузаришро аз сар гузаронида истодааст ва ин давра бар асари оқибатҳои гарони воқеаҳои солҳои охир тӯл мекашад, ҷиҳати вусъат додани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои узви Конфронси исломӣ аҳамияти калон медиҳад. Дар ин зимн ман ҳамчун роҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мардуми тоҷик бар он мӯътақидем, ки кишварҳои мусулмон ва Созмони конфронси исломӣ Тоҷикистони тозаистиқлолро дар ин давраи басо вазнину ҳассосаш ҳамаҷониба дастгирӣ хоҳанд кард.

**Мӯҳтарам ҷаноби олӣ!**

Давраи гузариш, ки мо онро ҳоло аз сар мегузаронем, дар назди ҷумҳурии мо як қатор вазифаҳои муҳим, аз ҷумла тайёр кардани кадрҳои баландихтисоси ба шароити нави муносибатҳои иқтисодӣ зарурро гузоштааст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин масъала, мо аминем, ки ҷумҳурии навбунёди мо зимни густариши минбаъдаи равобити фарҳангӣ, илмӣ ва таълимӣ бо кишварҳои узви ин созмон дар ғанӣ гардондани фарҳанги мардуми мусулмон саҳми босазое хоҳад гирифт. Феълан онро низ бояд зикр кард, ки тоҷикон дар инкишоф ва рушди тамаддуни исломӣ нақши муҳиме бозида буданд, аммо шароити кунунӣ тақозои онро мекунад, ки мо набояд бо фахри гузаштагони худ иктифо варзем, баръакс, бикӯшем, то ифтихори наслҳои оянда шавем.

Дар охир, ҷанобони мӯҳтарам, иҷозат диҳед бори дигар ташаккурот ва сипоси худро ба аълоҳазрат Ҳасани II барои меҳмондории самимӣ ва фароҳам овардани шароити хуби корӣ баён намоям.

# СУХАНРОНӢ ДАР МАШВАРАТИ НАХУСТИН БО РОҲБАРОНИ НОҲИЯЮ ВИЛОЯТҲО ВА ВАЗОРАТУ КУМИТАҲОИ КИШВАР

24 декабри соли 1994

**Дӯстони гиромӣ!**

Ҷумҳурии мо марҳилаи нави худро оғоз намуд, ки моҳияти он таъмини зиндагии обод ва озоди мардуми Тоҷикистон аст. Ва ин заминаи сиёсиро Конститутсияи аз ҷониби тамоми халқи кишвар қабулшудаи мо фароҳам месозад, ки инак якуним моҳ боз амал мекунад. Дар ин муддат мо тавонистем асосан ҳокимияти иҷроияро аз маҳалҳо то мақоми олиаш бунёд кунем, як зумра ҳуҷҷатҳои муҳиме қабул намоем, ки онҳо заминаи фаъолияти ин ҳокимиятро дар шароити нав фароҳам сохта тавонанд. Қонунҳои нави мо василаи татбиқи амалии тамоми бахшҳои Конститутсия мешаванд. Аз ҷумла ислоҳоти сохтори давлатӣ бояд чунон сурат гирад, ки мо тавонем ҳам вақтро сарфа кунем ва ҳам аз имкониятҳои фароҳамовардаи Сарқонун дар роҳи сохтани давлати ҳуқуқбунёди демократӣ истифода намоем.

Конститутсияи нав дар назди мо, роҳбарон, вазифа мегузорад, ки тамоми душвориҳову мушкилоти татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ ва сиёсиро мустақиман ҳар кас дар мавқеи вазифааш ба дӯш гирад.

Ҳамчунон ин ҳуҷҷати муҳими мо робитаи қавии мутақобилаи байни тамоми рукнҳои давлатро ба вуҷуд меорад. Аз ҷумла, бо иштироки бевоситаи мо интихоботи мақомоти намояндагии ҷумҳурӣ сурат мегирад, ки он пас аз таъсис ёфтанаш ваколати шуморо тасдиқ менамояд. Пас

Конститутсияи мо имкон медиҳад, ки ҳамаи рукнҳои давлат ваколати худро аз халқ гираду ба манфиати он истифода намояд. Ин як намунаи татбиқи мақсади олии мо мебошад. Дар иҷлосияи охирини Шӯрои Олӣ қонунҳои конститутсионӣ “Дар бораи интихобот ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи интихоби вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии халқ”, “Дар бораи ҳокимияти маҳаллӣ”, “Дар бораи мақомоти худидоракунӣ дар шаҳрак ва деҳаҳо” қабул шуданд. Имрӯз мо бо тамоми қатъият гуфта метавонем, ки дар ҷумҳурӣ асоси ҳуқуқии таъсиси ҳам мақоми намояндагии умумимиллии Маҷлиси Олӣ ба сифати ягона мақоми қонунгузори давлат ва ҳам мақомоти намояндагии маҳаллӣ ба вуҷуд омадааст.

Мо дар арафаи интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ қарор дорем ва ҳар яки мову шумо дар муташаккилона, демократӣ, қонунӣ, ошкоро, ҳамагонӣ, бо таъмини баробарҳуқуқии ҳамаи номзадҳо ва интихобкунандагон дар интихобот масъул ҳастем.

Конститутсияи Тоҷикистон принсипи гуногунандешии сиёсиро ба сифати яке аз асосҳои давлати мустақилу соҳибихтиёри мо эътироф намудааст.

Аз ин рӯ, ҷонибдори он ҳастем, ки дар интихобот тамоми нерӯҳои солими ҷомеа ширкат варзанд ва беҳтаринашон ба мақомоти намояндагӣ аз Маҷлиси Олӣ гирифта, то маҷлисҳои ноҳиявӣ интихоб шаванд.

Тамоми ҳизбҳо, ки қонунан сабт шудаанд, мақомоти намояндагии маҳаллӣ, коллективҳои меҳнатӣ, ки мувофиқи Қонун бароящон ҳуқуқи пешниҳоди номзадҳо дода шудааст, бигузор аз ин ҳуқуқи худ истифода кунанд ва бо дарназардошти марҳалаи имрӯзаи инкишофи ҷамъиятамон дар ҳаллу фасли масъалаҳои сиёсии он саҳм бигиранд.

Намояндаҳои мухолифин ва шаҳрвандони мо, ки то ба имрӯз берун аз Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, метавонанд бо тамоми имкониятҳо, ки бароящон муҳайё мешавад, дар интихобот иштирок намоянд. Воқеан мо дар ин замина таҷриба ҳам дорем. Ман иштироки шаҳрвандони хориҷ аз марзи ҷумҳуриро дар интихоботи Президенти ҷумҳурӣ дар назар дорам. Давлати Тоҷикистон нисбат ба сарнавишти шаҳрвандони худ ҳеҷ гоҳ ва дар ҳеҷ ҳолат бетараф монда наметавонад. Дар ин маъракаи сиёсӣ, ки идомаиислоҳоти

ҳуқуқию давлатӣ дар кишвари мо мебошад, иштироки ватандории худро дар кучое набошанд, амри заруру воҷиб мешуморам.

Ба Маҷлиси Олӣ бигузор шахсоне интихоб шаванд, ки онҳо аз нозукиҳои кори қонунгузорӣ огоҳ, дар миёни мардуми ҷумҳурӣ обрую эътибори баланд дошта, соҳиби ахлоқи ҳамидаю рафтори нек бошанд.

Омили муҳим ва асосии ба даст овардани ин мақсадро дар таъмин намудани шароити мӯътадил барои таблиғу ташвиқи номзадҳо, фаъолияти воситаҳои ахбори умум ва журналистон дар ин замина мебинам.

Воқеан халқ бояд донад, ки киро ба сифати намояндаи худ интихоб мекунад ва гузашта аз ин халқ тавонад, ки мақомоти давлатии худ таъсисдодаро назорат кунад. Дар ин ҷо ман меҳоҳам фаъолияти дурусту ҳаққонии комиссияҳои интихоботиро низ таъкид намоям, зеро аз дуруст фаъолият намудани онҳо натиҷаи кор вобастагии зич дорад.

Ҳар гуна амали ғайриқонунӣ ва рафтори зиддиҳуқуқӣ дар ин маврид бояд қатъиян манъ гардад.

Акнун меҳоҳам дар бораи баъзе масъалаҳои асосии фаъолияти ҳокимияти маҳаллӣ дар ҷумҳурӣ мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳокимияти маҳаллӣ”, ки равшансозандаи самтҳои асосии фаъолияти ҳар яки мо мебошад, мулоҳиза ронам.

Қонуни мазкур мувофиқ ба бахши марбутаи Конститутсияи ҷумҳурӣ таҳия шудааст.

Он ҳокимияти мутамаркази иҷроияро бо сардории Президенти ҷумҳурӣ муайян мекунад. Конститутсия ва қонуни мазкур шароити ҳуқуқӣ фароҳам месозанд, ки бо дарназардошти сиёсати марказ мақомоти маҳаллӣ вазифаҳояшонро иҷро кунанд. Ин роҳи мутамарказонидан аст, ин роҳ ҳоло барои мо хеле зарур мебошад, зеро ду—се сол пеш дар Тоҷикистон сиёсати марказгурезӣ дар авҷ буд ва он ҷомеаро ба фалокат расонд ва мутаассифона, ҳануз ҳам боқимондаҳои ин мафкура ҳис мешавад.

Пас, мутамарказ сохтани ҳокимияти давлатӣ ба таври умумӣ ва рукни иҷроияи он ба таври хоса ба мақсад мувофиқ буда, ин навъи идораи давлатӣ метавонад кишварро аз бӯҳрони иқтисодию сиёсӣ берун кашад.

Аммо ин гуфтаи мо ба ҳеҷ ваҷҳ хилофи эҷоди мақомоти намояндагии босалоҳияти маҳаллӣ намебошад. Онҳоро аҳолии ноҳияҳои вилоятҳои марбута эҷод мекунанд ва ҳамчун ифодакунандаи иродаи онҳо шинохта мешаванд, ки ин ба меъёри демократии идораи давлат мувофиқ мебошад.

Дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҳокимияти иҷроияро намояндаи Президенти ҷумҳурӣ — Раис роҳбарӣ мекунад. Фаъолияти Раис ба принсипи яккаҳокимиятӣ асос ёфта, дар доираи салоҳияташ вазифаи идораи давлатиро анҷом медиҳад.

Минбаъд мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҳукумати маҳаллӣ номида мешавад. Мавқеи олии ҳукумати маҳаллӣ инчунин дар таъин намудани ҷонишинони раисони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо бо розигии Президенти ҷумҳурӣ ифода меёбад, ки ин амр худ масъулияти мақомоти иҷроияи маҳаллиро пурзӯр мекунад.

Бо мақсади муташаккил гардонидани ҳокимияти давлатӣ ва таъмини мутамарказии идораи давлат Конститутсия ва Қонуни ҳокимияти маҳаллӣ иҷрои ҳатмии қарорҳои мақомоти болоӣ аз ҷониби мақомоти поёнӣ, қабл аз мӯҳлат қатъ намудани салоҳияти мақомоти марбута дар ҳолатҳои мунтазам иҷро накардани талаботи Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии Президентро пешбинӣ намудаанд, ки дарку фаҳмиши он барои ҳар як мо ҳатмӣ мебошад.

Ҳамаи ин меъёрҳо танҳо ба як мақсад, яъне бо мақсади таъмини ваҳдату якпорчагии ҷумҳурӣ қабул шудаанд.

Ҳамон тавре ки шумо огоҳӣ доред, минбаъд раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия дар айни замон мақомоти намояндагиро роҳбарӣ мекунад, ки ин меъёр зиддиятҳои байни рукни ҳокимияти иҷроия ва намояндагии маҳалро аз байн мебарад.

Раиси маҳалҳои марбута дорои салоҳияти хеле васеъ мебошад, аммо ӯ бояд дар доираи меъёри қонун амал намуда, қабл аз ҳама, дар назди Президенти ҷумҳурӣ масъул бошад. Гузашта аз ин, ӯ дар назди маҷлиси вакилони халқи маҳал низ масъул аст.

Раиси маҳал наметавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад ва ё роҳбари мақомоти корхонаҳои ғайридавлатӣ бошад.

Ба ҳамин тартиб, мо ҳама дар якҷоягӣ дар асоси амали муназзаму мувофиқ ба ҳам метавонем дастгоҳи давлатиро пеш барем.

Меъёри дигаре, ки ин Қонун пешбинӣ мекунад, ин ҳуқуқи маҷлисҳо ва раисони маҳалҳо дар мавриди бастани шартномаҳои байниҳамдигарӣ мебошад. Аз ин рӯ, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо ҳангоми зарурат метавонанд имконоти худро бо нияти ба даст овардани мақсади умумии иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ якҷо намоянд, ки ин амр дар роҳи аз байн бурдани маҳалгароию маҳалпарастӣ мусоидат мекунад.

Ман ба ҳамаи шумоён муроҷиат мекунам ва хотирнишон месозам, ки Конститутсия ва қонун бароятон ҳуқуқу имконоти хеле васеъ додааст ва онро бояд танҳо ба манфиати ҷамъият ва ҳар як узви ҷомеа истифода баред, зеро мақсади олии мо таъмини сулҳу осоиш ва инкишофи тамоми соҳаҳои ҳаёт мебошад.

Асоси фаъолияти ҳам мақомоти марказию ҳам мақомоти маҳаллиро бояд принсипҳои қонуният, башардӯстӣ, интернатсионализм, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва дигар меъёрҳои умумибашарӣ ташкил диҳад. Ман шумоёнро бо такя ба ваколате, ки халқ бароямон додааст, ба вазифаҳои гуногуни давлатӣ таъин кардам. Мехоҳам ҳар яки мо аз рӯйи инсоф, аз рӯйи виҷдон ва мувофиқи ақлу хирад амал намуда, Тоҷикистони азизи худро ба яке аз давлатҳои тараққикарда табдил диҳем.

Танзими вазъи сиёсию иҷтимоии ҷомеа ба масъалаи халъи силоҳ зич алоқаманд аст. Аз ин рӯ, фармони Президент дар ин масъала ҳамовозии гарму ҷӯшони халқро ба вуҷуд овард. Протсесси яроқсупорӣ халқро ба зиндагии осуда ва ором умедвор мекунад ва омили муҳими инкишофи давлат аст. Мақомоти муҳофизати ҳуқуқ аз аҳолӣ қариб 1000 мил силоҳи оташфишонро гирифтанд, ки дар байни онҳо танк, пулемёт, автомат ҳам буд. Пас барои аҳолии Тоҷикистон ба ҳамин ҳад хатар кам шуд. Ман умедворам, ки дар натиҷаи гуфтушунидҳо бо мухолифин мо заминаи сулҳи устуворро дар кишвар ҳар қадар бештар фароҳам созем, ба ҳамон андоза теъдоди зиёдтари одамон ихтиёран яроқ месупоранд.

Акнун чанд сухан дар мавриди вазъи иқтисодии мамлакат гуфтан мехоҳам.

Вазъияти имрӯзаи хоҷагии халқамон ба шумо хуб маълум аст. Бӯҳрони амиқ тамоми соҳаҳои истеҳсолотро фаро гирифтааст. Албатта, мо мефаҳмем, ки сабаби асосии ин вазъият канда шудани алоқаҳои иқтисодии анъанавӣ байни ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳод ва аз байн рафтани минтақаи ягонаи пулию молӣ мебошад. Вале бо вуҷуди ҳамаи сабабҳои мавҷудаи объективӣ ман боварӣ дорам, ки вазъият то ин дараҷа тоқатфарсо намебуд, агар ҳар як кас ҳисси масъулияти баланд, интизомнокӣ ва малакаю ташаббуси соҳибкорӣ нишон медод. Мутаассифона, бисёр роҳбарони шаҳру ноҳияҳо ва муассисаю корхонаҳо фориғболӣ намуда, барои беҳтар гардидани вазъият ягон чораи амалие надиданд.

Баъд аз интишор ёфтани Фармони Президент “Дар бораи чораҳои аввалиндараҷаи тағйироти амиқи иқтисод ва тезонидани гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ” барои ҳама гуна ташаббусе, ки баҳри беҳбудии вазъи иқтисодӣ равона шудааст, роҳи васеъ кушода шуд. Агар шумо бо мазмуни ин ҳуҷҷат бодиққат шинос шуда бошед, албатта, фаҳмидед, ки акнун ҳама гуна маҳдудият барои ривоҷу равнақи соҳибкорӣ аз байн бардошта шуд. Роҳбарони корхонаҳои шакли моликияташон гуногун имконият пайдо карданд, ки озодона ҳама гуна механизмҳои иқтисоди бозаргониро истифода намоянд. Роҳбарон ва кормандони мақомоти идораи маҳаллӣ бошанд, бояд ба онҳо ҳама гуна ёрию кӯмаки лозимаро расонида, дар айни замон ба фаъолияти хоҷагидории онҳо дахолат накунанд. Ин вазифаи аввалиндараҷаи ҳар яки шумо дар вазъияти имрӯза мебошад.

Фаъолияти мақомоти идораи маҳал бояд ба он равона карда шавад, ки пеши роҳи ҳар гуна ҷиноятҳои иқтисодӣ ва дуздию ҳаннотию фиребгарӣ гирифта шавад.

Кор то дараҷае расидааст, ки мо ҳалли кори муназзами корхонаҳои бо ашёи хоми маҳаллӣ кор мекардаро ба роҳ монда наметавонем. Масалан, иттиҳодияи “Тоҷиктекстил” соли 1994 мувофиқи қарори Ҳукумат бояд 14,5 ҳазор тонна пахи пахта мегирифт, вале дар давоми 11 моҳи гузашта ҳамагӣ 7,7 ҳазор тона пахта гирифтаасту халос. Чунин муносибат нисбати иттиҳодия ба фалаҷ гардидани фаъолияти чандин корхонаҳои саноати бофандагию дӯзандагӣ оварда расонид. Дар мактубе, ки ба ман аз

коргарони фабрикаи дўзандгии Кўлоб расидааст, қайд карда мешавад, ки онҳо бо айби иттиҳодияи “Тоҷиктекстил”-и Душанбе аксар вақтҳо маҷбуран бекор меистанд. Иттиҳодияи “Тоҷиктекстил” бошад, дар айни замон бо айби заводҳои пахтатозакунии вилояти Хатлон бо иқтидори пуррааш кор намекунад, ки онҳо соли ҷорӣ 4235 тонна камтар пахта ба иттиҳодия супоридаанд. Ҳамаи ин дар вақте рўй медиҳад, ки дар мағозаҳои давлатии ҷумҳурӣ кайҳо боз маснуоти корхонаҳои дўзандагии ҷумҳурӣ нопадид гаштаанд. Пахтаи бо араки ҷабини деҳқонон рўёнидашуда бошад, бо ҳар гуна роҳҳои ғайриқонунӣ аз тарафи ҳаннотон обулой мегардад.

Чунин ғоратгарии бойигарии халқ ғайриимкон мебуд, агар мақомоти идораи маҳаллӣ ҳисси баланди масъулиятро нисбати қарорҳои Президент ва Ҳукумат зоҳир мекарданд. Бинобар ин мо зарур донистем, ки дар чунин вазъияти фавкулодда муҳим ба иҷрои қонуну қарорҳо диққати ҷиддӣ дода, барои хунукназарӣ нисбат ба онҳо роҳбарон ва дигар шахсони масъулро ба ҷавобгарӣ кашем.

Имрўз ба шумо ҳам бояд хотиррасон кунем, ки вазифаи аввалиндараҷаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ назорат аз рўйи иҷрои фармонҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумат мебошад.

Вазъи хоҷагии қишлоқ нишон медиҳад, ки вазъият дар ин соҳа бениҳоят вазнин мебошад. То имрўз зиёда аз 40 ҳазор гектар замини барои кишти тирамоҳӣ ҷудокардашуда кишт нашуда мондааст. Тайёр намудани тухмӣ ва дигар маводи зарурӣ барои киштукори баҳори соли 1995 ғайри-қаноатбахш рафта истодааст. Дар як вақт тайёрии мошину тракторҳо ва дигар олоту таҷҳизоти хоҷагии қишлоқ хеле суст рафта истодааст.

Бо ҳамин ман гуфтаниам, ки агар мо аз имрўз сар карда барои бартараф намудани камбудиҳо хоҷагии қишлоқ кўшишу ғайрат накунем, пас соли оянда бо душвориҳои аз имсола ҳам бадтар дучор мешавем.

Набояд фаромўш кунем, ки 65 фоизи аҳолии ҷумҳурӣ дар деҳот зиндагӣ мекунад ва дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ кор карда рўз мегузаронад. Ин рақамҳо, мутаассифона, боиси ифтихори мо нестанд, балки нишондиҳандаи ақибмондагии мо ҳастанд.

Дар мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон танҳо 2–3 фоизи аҳолӣ дар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ кор мекунанду 98 фоизи

боқимондаи аҳолиро аз тамоми навъҳои озуқа таъмин мекунанд ва боз боқимондаи маҳсулотро ба кишварҳои дигар мефурӯшанд. Дар ҷумҳурии мо бошад 65 фоизи аҳолиамон деҳқон буда, ҳатто худашонро бо озуқа таъмин карда наметавонанд.

Хоҷагии қишлоқи мо инфраструктураи заруриро доро мебошад. Яъне об, электроэнергия, мошину олотҳои зарурӣ мавҷуданд. Танҳо истифодаи самараноки онҳоро ба роҳ мондан лозим аст. Вақти он расидааст, ки мо суръати ислоҳоти куллии муносибатҳои истеҳсолиро дар хоҷагии қишлоқ тезонем.

Шароити иқлимӣ ва географии сарзамини мо имконият медиҳад, ки мо на танҳо худамонро бо тамоми озуқа таъмин созем, балки як қисми онро ба мамолики дигар ҳам экспорт намоем.

Тараққӣ додани тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, инкишофи иқтисод вазифаи аввалдараҷаи Ҳукумати мост. Зеро мардум агар пешрафтро, беҳбудро эҳсос накунанд, ба мо бовар нахоҳанд кард. Мо онро вақте таъмин карда метавонем, ки се чизро амалӣ кунем: аввал худамон кор кунем ва камбудиҳои истеҳсолиамонро бартараф намоем, ки ман дар ин бора гуфтам. Дуввум, мо бо кишварҳои дигар бояд робитаи мустаҳками иқтисодӣ дошта бошем. Яке аз мақсадҳои асосии ман аз сафар ба Будапешт ва Дорулбайзо низ ҳамин буд. Мо бо сари танҳо ва хайру хайрия зиндагӣ карда наметавонем. Мо ҳамкории иқтисодӣ карданӣ, ҳам мол хариданӣ ва ҳам мол фурӯхтанӣ ҳастем. Саввум, мо бояд масъалаи пулро ҳал кунем. Медонем, ки мо пайгирона мехостем бо Россия ва давлатҳои дигари ҳамсоя ва ҳамтақдир воҳиди ягонаи пул дошта бошем. Аз ин нияти худ даст накашидаем. Аммо шумо огоҳед, ки дирӯз изҳороти ман дар ин масъала нашр шуд. Мо шояд пули худро барорем. Аммо ин мутлақо маънои дур рафтан аз давлатҳоеро надорад, ки ҳамкорӣ мекунем. Балки ин зарурати вазъи имрӯзаи иқтисодии ҳам Тоҷикистон, ҳам Россия ва ҳам кишварҳои дигари ҳамсоя мебошад.

Масъалаи дигаре, ки ниҳоят муҳим аст, масъалаи кадр мебошад. Буду нобуди давлат, буду нобуди мамлакат ба интихоби дуруст ё ғалати роҳбарони ноҳияҳо, муассисаҳо, вазоратҳо вобаста аст. Ҳар касе, ки ба роҳбарӣ пешниҳод мешавад, бояд инсони комил бошад, ӯ дарди мардумро

фаҳмида, даво карда тавонад: ба вай одамон, ҳамкоронаш бояд боварӣ ва эҳтиром дошта бошанд, ҳамроҳаш раванд, супоришашро иҷро кунанд. Роҳбар шароити имрӯзаро дарк карда тавонад — дигар мо аз ҷое, аз касе марҳаматро нигарон шуда наметавонем, бояд ҳамаашро худамон кунем.

Кадри замони мо бояд эҷодкор бошад, дар вақти зарурӣ беҳтарин роҳи ҳалли масъаларо пайдо кунад, дар намонад. Ин омилҳо ҳангоми ба вуҷуд овардани Ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон аз роҳбарияти ноҳияҳо то сарвазир ба назар гирифта шуданд. Мо ҳамчунон кадрҳоеро интихоб ва таъин намудем, ки қисмашон таҷрибаи зиёди кори роҳбарӣ доранд, баъзеҳо нав роҳи мустақили зиндагиро ба ин сифат шурӯъ намуданд. Ба ин васила, мо соҳибанъана ва пай дар пай будани кормандони ноҳияҳо, вазоратҳо ва дигар муассисаҳои давлатиро таъмин кардан мехоҳем.

Ман мутлақо гуфтан намехоҳам, ки тамоми онҳое, ки имрӯз ба кор таъин шудаанд ё мешаванд, пурра талаботи моро қонеъ мекунанд. Не, ман танҳо таъкид кардан мехоҳам, ки ба ин ашхос мо бовар кардем, онҳоро интихоб намудем. Акнун зиндагӣ нишон медиҳад, ки то чи ҳад интихоби мо дуруст будааст. Аммо як чизро бо салоҳият мегӯям: мо дигар имконият ва фурсати онро надорем, ки ба ашхоси худхоҳ ва ӯҳданобаро дурудароз тоқат кунем. Ҳамин гуна одамон мамлакати моро ба харобӣ оварда, сабабгори ҷанг, гурезогурез ва касодии иқтисод шуданд ва бинед, ки чор сол боз, яъне аз соли 1991 ба ин тараф мо аз нигоҳи иқтисодӣ қоматамонро рост карда наметавонем, ҳатто дар ҳамин давра маҳсулоти асосиамон — пахтаро ҳам дуруст ҷамъоварӣ карда натавонистем, то ки нони халқамон беминнат бошад. Ман дар он фикрам, ки ин пеш аз ҳама камбудии кадрҳои роҳбарикунандаи мо буд.

Мо дар сиёсати кадрии худ кӯшиш дорем, ки ба як муносибати ғалат, яъне муносибати маҳалгароёна хотима диҳем. Ин чиз боиси вайрон шудани муносибати байни аҳолии Тоҷикистон, сабаби бегонашавии аҳолӣ, яктарафа тараққӣ кардани хоҷагии халқи мамлакат мегардад.

Ман боварӣ дорам, ки дар ҳамаи шаҳру деҳи кишвар одамони болаёқат мавҷуданд. Мо бояд ба онҳо такя кунем, аз онҳо истифода намоем. Набояд манфиатҷӯйии маҳаллӣ сабаби аз ёд рафтан ё фаромӯш шудани кадрҳои беҳтарини ҷумҳурӣ гардад. Ҳамаи мо ба ноҳияи худ ё вилояти худ не,

ба ҷумҳурии худ ҷавобгарем ва аз ҳамин нигоҳ бояд кор кунем. Барои таъмини бардавоми пешрафти Тоҷикистон мо ба гайёр ва тарбия кардани кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ бояд диққати ҷиддӣ диҳем. Бо ин мақсад дар системаи мактаби маълумоти умумӣ ва олии Тоҷикистон ислоҳоти амиқ зарур мешавад.

Дар фароварди сухан перумони кадрҳо ман як чизи наверо, ки дар асоси Сарқонун татбиқ шуд, бароятон едоварӣ кардан мехоҳам: ҳамаи раисони ноҳияҳо ва вилоятҳоро ман ҳамчун Президенти Тоҷикистон таъин кардам. Пас ин чунин маъно дорад, ки онҳо барои тамоми фаъолияташон дар бобати роҳбарӣ ба мавзеи муайян дар назди ман масъуланд. Ман акнун ҳамчун Сардори давлат ва ҳукумат ба василаи шумо ба тамоми соҳаҳо роҳбарӣ мекунам. Пас намегузорам ва имкон намедиҳам, ки кадом касе аз шумо бо ӯҳданобароиаш боиси рехтани обрӯйи давлат шавад.

Шумо бояд ба кор оғоз намуда донед, ки ҳоло ҳозир Тоҷикистон дар ҳолати бӯҳрони амиқи иқтисодӣ аст ва хазинаамон холист. Мо дар такя ба ҳамаи шумо, кадрҳои навтаъиншудаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, мехоҳем, ки соли 1995-ро ба соли огози рафъи бӯҳрони иҷтимоиву иқтисодӣ табдил диҳем. Ва ин корро, насиб бошад, мекунем.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар ин машварат, ки нахустин вохӯрии роҳбарони ноҳияҳо, вилоятҳо, вазорату кумитаҳо аст, мо умдатарин масъалаҳои рӯзро гуфтем.

Масъалаҳоеро ба миён гузоштем, ки фардо гуфтани онҳо дер мешавад. Пас мо барномаи минимуми худ — барномаи соли 1995-ро дорем. Дар ин сол мо интихоботи вакилони Маҷлиси Олиро гузаронида ба оламиён садоқати худро нисбат ба демократия ва адолати иҷтимоӣ бори дигар исбот мекунем; дар ин сол мо аз дасти одамони гайриҳарбӣ ярокро пурра гирифта, заминаи бештари бехатарии зиндагии мардумро таъмин ва шароити зиёдтарро барои бозгашти тамоми гурезаҳое, ки асосан дар кишварҳои собиқи шӯроҳо мондаанд, фароҳам месозем; тамоми имкониятро истифода бурда, пастравии истеҳсолотро нигоҳ медорем ва заминаи пешрафти иқтисодиро таъмин мекунем.

Ба ҳамаи шумо ва дар шахси шумо ба ҳамаи халқи Тоҷикистон дар Соли нав тинҷиву оромӣ, бахту саодат орзу намуда, боварӣ дорам, ки миллати мо соҳиби рӯзгори обод мегардад.

**Ташаккур.**

## ТАБРИКОТИ СОЛИНАВӢ

31 декабри соли 1994

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахш мо Соли нави 1995-ро бо як ҷаҳон орзую ҳавас, боварӣ ба ояндаи неки ҷумҳурӣ, бо умеди ваҳдати миллӣ ва сулҳу салоҳ дар саросари Тоҷикистон истиқбол менамоем.

Соли гузашта бо вуҷуди душвориҳои зиёди иқтисодӣ соли осоиштагию оромӣ, таъмини бехатарию якпорчагии Тоҷикистон, барқарор гардидани қонуният, оғоз ёфтани ислоҳоти сиёсӣ, ибтидои дигаргуниҳои ҷиддии бунёдкорона буд. Мардуми тоҷик дар фазои демократӣ ва озод бо овоздиҳии умумихалқӣ Конститутсия — Сарқонуни давлатро қабул намуда, Президенти худро интихоб кард.

Бо қабули Конститутсия ва интихоби Президент дар ҷумҳурӣ марҳалаи нав оғоз ёфт, ки моҳияти он таъмини ҳаёти осудаҳолона ва озоди мардуми Тоҷикистон аст. Маҳз аз ҳамин лиҳоз аввалин фармонҳои Президент оид ба беҳтар намудани зисту зиндагонии мардум, пеш аз ҳама, нафақахӯрону иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъракаи халъи силоҳ, таъсиси ҳокимияти иҷроия аз маҳалҳо то мақомоти болоӣ буданд. Боиси хушнудист, ки ин фармонҳо аз ҷониби мардуми ҷумҳурӣ ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтанд ва дар зиндагии рӯзмарра ба ҳаёт татбиқ мешаванд.

Ҳоло роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои ба эътидол овардани вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ, беҳтар намудани таъмини аҳолӣ бо маводи хӯрока, пеш аз ҳама, бо орду нон як силсила чораҳо андешиданд ва боварӣ дорам, ки бо кӯмаку дастгирии ҳамагон онҳо ба ҳаёт татбиқ хоҳанд шуд.

Масъалаи дигаре, ки ҳамаи моро ба ташвиш гузоштааст, масъалаи бо пули нақд таъмин кардани сокинони ҷумҳурӣ мебошад.

Шумо ба хубӣ медонед, ки мо ният доштем бо Россия ва дигар давлатҳои ҳамсоя ва ҳамтақдир фазои ягонаи гардиши пул дошта бошем. Вале, вазъи имрӯзаи иқтисодии Тоҷикистон ва Россия тақозо менамояд, ки мо пули миллии худро ҷорӣ кунем. Вале ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки мо бо он давлатҳо минбаъд ҳам робитаҳои мустаҳками иқтисодӣ доштанӣ набошем. Ҳукумати Тоҷикистон аз ҷониби худ барои муттаҳид сохтани системаи пули Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия тамоми чораҳоро андешидааст ва дар оянда низ хоҳад андешид. Ҷорӣ намудани пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш бо Ҳукумати Россия мувофиқа шуд, бо созишномаҳои доштаамон бо Федератсияи Россия дар бораи муттаҳид сохтани системаҳои пулии ҳар ду кишвар, инчунин пешниҳоди ташкилотҳои бонки байналхалқии молиявию кредитӣ мутобиқ аст.

Ман имрӯз бори дигар бо тамоми масъулият изҳор менамоям, ки дар чунин давраи масъулу мураккаби тараққиёти Тоҷикистон ҷорӣ намудани пули миллӣ танҳо ба манфиати аҳолии ҷумҳурӣ нигаронида шуда, барои ҳифзи он тамоми чораҳо андешида мешаванд.

Роҳбарияти давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ният дорад, ки дар соли нави 1995 бо такя ба Конститутсия суръатиислоҳоти иқтисодӣ ва дигаргуниҳои мусбиро дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ тезонад. Мо барои осоиштагии мардум, ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ҷамъ кардани силоҳ, таъмини бозори дохилӣ бо молҳои мавриди ниёзи мардум тамоми тадбирҳои заруриро хоҳем андешид. Дар оянда низ мақомоти салоҳиятдор бояд муборизаро бар зидди ҷинояткорон, ришвахӯрон, гурӯҳҳои мафиозӣ пурзӯр намоянд.

Тамоми чораҳо андешида мешаванд, ки ҳамватанони бурунмарзиамон, ки қисми бештарашон дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мебошанд, ба Ватан баргарданд ва ба интихоботи дарпешистодаи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии халқ фаъолона иштирок намоянд. Ба ин хотир мо музокиротро бо гурӯҳҳои мухолифин давом хоҳем дод.

**Ҳамватанони азиз!**

Мо аз Соли нав умедҳои калон дорем. Ба ҳеҷ кас пӯшида нест, ки ҳамаи комёбию пирӯзиҳои мо, дастовардҳо, обрӯю ободии кишвари мо самараи дӯстию бародарии ҳамаи халқу миллатҳои ҷумҳуриамон мебошад.

Дар рӯзҳои душвортарини кишварамон русҳо, ӯзбекҳо, қирғизҳо, туркманҳо ва дигар миллатҳо ва халқиятҳо бо бародарону хоҳарони тоҷикашон буданд ва барои осоиштагию барқарор кардани иқтисодиёту маънавиёти Тоҷикистон пайваста ҷонбозиҳо карданд.

Дӯстию бародарии халқи тоҷик бо дигар халқҳои бародар, пояи мустаҳками давлати соҳибистиқлоли мо ба ҳисоб меравад. Дар қатори дигар кишварҳои бонуфузи ҷаҳон шомили узви Созмони Милали Муттаҳид будан ва аз минбари олии он ба ҷаҳониён муаррифӣ шудани Ватани маҳбубамон боиси ифтихори ҳар шаҳрванди ҷумҳурӣ мебошад.

Дар арафаи Соли нав мо ба Созмони Милали Муттаҳид ва халқу роҳбарони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар кишварҳои ҷаҳон барои дастгирию кӯмакҳои беғаразонаашон изҳори ташаккур мегӯем.

Дар Соли нав як қатор воқеаҳои бузурги таърихӣ ба амал меоянд. Аз ин байн мехоҳам интихоботи Маҷлиси Олии ҷумҳуриро махсусан таъкид намоям. Зеро ҳалли бисёр масъалаҳои муҳими ҳаёти давлатамон аз натиҷаи ин маъракаи муҳими сиёсӣ вобаста аст.

Шумо медонед, ки Конститутсия дар назди Маҷлиси Олӣ, яъне Парлумони оянда мақому вазифаҳои бениҳоят масъулро меғузорад. Онҳо қонунҳоеро таҳия ва қабул мекунанд, ки барои инкишофи минбаъдаи ҷомеа роҳ мекушоянд.

Аз ин рӯ, бисёр муҳим аст, ки ба Маҷлиси Олӣ шахсони дорои донишу фаҳмиши васеи қонунгузорӣ интихоб шаванд, аз протсессҳои сиёсати ҷаҳонӣ огоҳ бошанд. Миёни мардуми

ҷумҳурӣ обрӯю эътибори баланд дошта бошанд, нияташон нек ва виҷдонашон пок бошад.

Ҳамчунин, дар ин сол 50-солагии Созмони Милали Муттаҳид ва ҷашни нимасраи Ғалабаи Бузург бар фашизм, ки дар он фарзандони кишвари мо низ ҷонбозиҳо намуданд, ботантана таҷлил мешавад. Изҳори умедворӣ кардан мумкин аст, ки ин санаҳои муҳими таърихӣ ба иди ҳақиқии дӯстию бародарӣ табдил хоҳанд ёфт.

Тоҷикистони соҳибихтиёри моро дар Соли нав марҳалаи нав дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ интизор аст.

Муҳимтарин воситаи расидан ба ин мақсади наҷиб меҳнати софдилона ва риояи қатъии интизоми меҳнатию давлатӣ дар тамоми зинаҳо мебошад. Ман имрӯз дар арафаи Соли нав ба пирони кордида, собиқадорони ҷангу меҳнат, модарони мушфиқу меҳрубон, ҷавонони баору номус, равшанфикрон ва тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон муроҷиат мекунам: биёед дар Соли нав якдилу якҷон шуда ҷумҳуриро аз вазъи ногувори имрӯзаи иқтисодию иҷтимоӣ раҳоӣ бахшем. Бигузор Соли нав соли меҳнату бунёдкорӣ, соли тартибу интизом, соли сулҳу ваҳдат дар ҷумҳурӣ бошад.

Умед дорам, ки Соли нави 1995 барои ҳар сокини ҷумҳурӣ соли бафайзу баракат ва зиндагии осоишта гардад. Ба шумо сиҳатию саломатӣ ва саодату некрӯзӣ орзу мекунам.

**Соли нав муборак, ҳамватанони азиз!**

# СУХАНРОНӢ
# ДАР МАШВАРАТИ ВАСЕЪ БО РОҲБАРОНИ ДАВЛАТУ ҲУКУМАТ, ВАЗОРАТУ ИДОРАҲО, МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ ВА РАИСОНИ ВИЛОЯТУ ШАҲРУ НОҲИЯҲО

24 январи соли 1995

**Дӯстони азиз!**

Агар азми қатъӣ дошта бошем, ки дар соли 1995 дар Ватанамон ба пуррагӣ сулҳу осоишро таъмин намоем, бо истифода аз захираҳои дохилӣ, ҳамкориҳо бо мамлакатҳо ва ширкатҳои хориҷӣ пастравии иқтисодро боз дорем, бояд дар навбати аввал силоҳи ғайриқонунӣ дар дасти мардум будаpo ҳар чӣ зудтар чида гирем.

Гуфтам ва боз таъкид мекунам: то вақте ки шаҳрвандон ҳимроҳи худ ярок гирифта мегарданд, мо на боварии халқро ба Ҳукумат таъмин карда метавонем, на боварии хориҷиёнро ба давлати худ.

Ин масъала — масъалаи ҳаёту мамоти Тоҷикистон аст. Зеро сохтани ҷомеаи демократию ҳуқуқбунёд бе таъмини қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ, татбиқи маъёрҳои конститутсионӣ, ки кафолати бехатарии шаҳрвандон мебошанд, номумкин аст.

Аз ҳамин сабаб ҳам яке аз аввалин фармонҳои ман ҳамчун Президент дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира кардани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии ҷумҳурӣ буд. Ҳоло мо барои бомуваффақият ва самарабахш иҷро намудани фармони мазкур тамоми имкониятҳои заруриро дорем: структураҳои давлатӣ аз поён то боло созмон дода шудаанд, нерӯю

имконоти мақомоти маъмурӣ, ки пештар барои ҳалли дигар масъалаҳо сафарбар шуда буданд, барои иҷрои ин вазифа омодаанд ва комилан кифоят мекунанд.

Аз тарафи дигар, музокирот бо мухолифин ба роҳ монда шудааст, ки ин амал метавонад ба ҷараёни силоҳсупорӣ таъсири мусбат расонад.

Мо дар арафаи маъракаи муҳими сиёсӣ — интихобот ба Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ қарор дорем. Самтҳои минбаъдаи рушди ҷомеа, обрӯю эътибори байналхалқии кишвар аз бисёр ҷиҳат ба натиҷаҳои ҳамин интихобот вобастаанд.

Бинобар ин бисёр муҳим аст, ки интихобот дар фазои орому осуда, бе ҳеҷ гуна фишору зӯроварӣ аз ҷониби шахсон ва ё гурӯҳҳои алоҳида сурат гирад.

Ҳамаи ин омилҳо дар якҷоягӣ ба рӯҳияи мардум таъсири мусбат мебахшанд ва умеду боварии онҳоро ба зиндагии орому осуда,ояндаи нек мустаҳкамтар мегардонанд.

Мо бояд аз тамоми имкониятҳоямон дурусту оқилона истифода барем, фориғболию бепарвоиро як сӯ гузошта, бо ҳисси баланди масъулият ба иҷрои вазифаи бесилоҳгардонӣ камар бандем ва ман итминони комил дорам, ки аз ӯҳдаи иҷрои ин вазифаи барои ҷумҳурӣ ҳаётан муҳим мебароем.

Инак, аз вақти амали фармон дар бораи халъи силоҳ қариб ду моҳ гузашт. Мову шумо аз гузоришоти роҳбарони мақомоти масъул бо ҷараёни иҷрои фармони мазкур шинос шудем. Саволе ба миён меояд, ки оё ин натиҷаҳо моро қаноатманд карда метавонанд.

Бале, агар онро ба назар гирем, ки бо ҳар як мил силоҳи мусодирашуда чӣ андоза хавфу хатар бартараф шуд, чӣ қадар дилҳои одамон таскин ёфт ва вазъи амният дар ҷумҳурӣ ба таври умум то кадом андоза беҳтар гардид, он рақамҳои ин ҷо овардашударо то як андоза дастоварди қобили мулоҳиза метавон донист.

Вале ба назари ман, дар ин масъала — масъалаи ҷамъоварии силоҳ бо забони рақам сухан гуфтану ба рақамҳо такя кардан ва аз он қаноатманд шудан мувофиқи мақсад нест. Зеро мардум ба фаъолияти мо на танҳо аз он нигоҳ баҳо медиҳанд, ки чӣ қадар силоҳро ҷамъ кардаем, балки пеш аз ҳама аз он нигоҳ баҳо медиҳанд, ки ин амали мо то кадом андоза хатари ҷиноятқориҳоро камтар карда, осоиши мардумро таъмин намудааст.

Халқ талаб намекунад, ки ҳама чиз яку якбора ислоҳ карда шавад, балки вай бояд ҳис кунад, ки давлат пушту паноҳаш аст ва кафили амнияти ӯ шуда метавонад.

Оё имрӯз мо дар бораи бехатарии комили шаҳрвандон бо дилпурӣ сухан ронда метавонем? Ҳаргиз не.

Як—ду мисол меорам.

Ҳамон тавре, ки огоҳ шудед, дар соли гузашта дар ҷумҳурӣ бо истифода аз силоҳи оташфишон 388 ҷиноят содир шудааст, ки ин моро ором гузошта наметавонад.

Аз шумораи умумии силоҳи чидашуда фоизи бисёр камаш бо усулҳои оперативӣ ба даст оварда шудаанд. Аз ин маълум мегардад, ки ҳоло ҳам мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз имкониятҳои худ босамар истифода намебаранд.

Қисми бештари силоҳ дар дасти ҷинояткорон боқӣ мондааст. Умедвор шудан лозим нест, ки онҳо хушӣ ба хушӣ яроқи дар дасташон бударо месупоранд.

Акнун вақти он расидааст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бар зидди чунин шахсон ва ё гурӯҳҳо мубоaccess муборизаи беамон эълон кунанд.

Ҳоло мехоҳам таваҷҷӯҳи шуморо ба баъзе равандҳои номатлубе ҷалб намоям, ки онҳо ба рафти иҷрои фармони Президент оид ба халъи силоҳ ва умуман таҳкими сулҳу субот дар ҷомеа сахт халал мерасонанд.

Чунин ба мушоҳида мерасад, ки баъзе аз раисони шаҳру ноҳияҳо ё аз бечуръатӣ ё барои бори масъулиятро аз дӯши худ соқит кардан принсипи “ту ба ман нарас, ман ба ту намерасам”-ро пеш гирифта, тамоми масъулияти иҷрои фармони Президентро ба зиммаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ партофтаанд.

Не, ин хел намешавад! Раисони ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо барои иҷрои фармони мазкур шахсан масъул ҳастанд ва ҳеҷ гуна баҳонаҷӯйию худсафедкунӣ ин ҷо ба кор намеравад.

Чунин муросокорӣ ба он оварда расондааст, ки дар баъзе ноҳияю шаҳрҳо бисёр масъалаҳои муҳими ҳаёти иқтисодию хоҷагидорӣ, ҳатто интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо на аз ҷониби роҳбарони масъул, балки таҳти ҳукму фишори гурӯҳҳои силоҳбадаст сурат мегиранд.

Кӣ гунаҳкор аст барои чунин ҳолат? Албатта, худи ҳамон роҳбарони масъул, ки ба сабаби бесалоҳиятию камҷуръатӣ фишангҳои идоракуниро аз даст додаанд ва

интизори он ҳастанд, ки кай аз марказ намояндаҳо меоянду боз фишангҳои ҳукуматро гирифта ба дасти онҳо медиҳанд.

Айнан чунин факту далелҳо дар шаҳри Душанбе низ ба мушоҳида мерасанд. Бисёр объектҳои калони истеҳсолию хоҷагиро баъзе гурӯҳҳои ҷиноятпеша дар зери таъсири худ нигоҳ медоранд.

Роҳбари корхона чӣ? Ӯ ба шахси дастнигари ин гурӯҳҳо табдил меёбад ва фақат дар ғами таъмини амнияту маишати худ аст: дар паҳлӯяш муҳофизон дорад, маълум нест дар асоси кадом қонуну аз кадом ҳисоб.

Шумо тасаввур мекунед, ки ҳамаи ин ба фаъолияти корхонаҳо, ба иқтисоди ҷумҳурӣ ва ниҳоят ба рӯҳияи мардум чӣ гуна таъсири бад мерасонад?

Минбаъд бо чунин тарзи кор ва бо ин қабил роҳбарон муросо карда намешавад.

Гузориши раиси комиссияро шунида, суханронии ҳар кадоми шуморо ба диққат мулоҳиза карда, ба хулосае омадам, ки дар марҳилаи имрӯза барои таъмини иҷрои фармон бояд ба чанд вазифаи муҳим диққат диҳем:

**Якум:** иҷрои бечунучарои қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва дигар дастурҳои Президент дар ҳамаи зинаҳо аз поён то боло ҳатмист.

Шумо ҳамчун масъулини мақомоти иҷроия барои иҷрои тамоми фармону дастурҳои Президент ҷавобгар ҳастед.

Таҷрибаи давлатдории ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад: то вақте ки дар ҷомеа волоияти қатъии қонун риоя намешавад, дар он ҷомеа на интизом, на пешрафти иқтисодиёт таъмин нахоҳад шуд.

Мехоҳам ҳар кадоми шумо ин ҳақиқатро ба хубӣ дарк кунед, ки иҷрои фармони Президент дар бораи халъи силоҳ мисли оина фаъолияти ҳар кадоми мову шуморо инъикос хоҳад кард: кӣ ба чӣ қодир аст, кӣ ба иҷрои вазифаи худ чӣ гуна муносибат мекунад, дараҷаи масъулиятшиносию кордониаш дар кадом поя аст.

Ин мисли имтиҳонест, ки дар рафти он дараҷаи камолоти корию маънавию ахлоқии мову шумо, зиёда аз он савияи ватандӯстию мавқеи граждании ҳар кадоми мо муайян карда мешавад.

Ба ин масъала танҳо аз ҳамин нуқтаи назар бояд муносибат кунем.

**Дуввум**: тамоми роҳбарони мақомоти масъул, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд шаклҳои нави ҳамкориро бо аҳолӣ ба роҳ монанд. Вале ҳамкорӣ бо мардум танҳо дар сурате самаранок мегардад, ки шаҳрвандон нисбат ба кормандони ҳифзи ҳуқуқ боварию эътимод дошта бошанд.

Бинобар ин муҳим аст, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ба ин кор масъул аз одамони тасодуфию бесалоҳият пок карда шаванд. Дар ин бобат фармон қабул шуда буд ва то якуми марти соли ҷорӣ аттестатсияи пурраи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гузаронда мешавад.

**Сеюм**: мо бояд аз онҳое, ки дар роҳи барқарории Ҳукумати қонунӣ дар Тоҷикистон хизмат кардаанд, сипосгузор бошем, дар ҳаққи онҳо ғамхорӣ намоем.

Вале дар айни замон, онҳо бояд дарк намоянд, ки ҳоло вазъи ҷумҳурӣ ба эътидол омадааст, Конститутсия ва Президенти мамлакат аз ҷониби тамоми мардум пазируфта ва интихоб шудаанд ва имрӯз онҳо бояд баҳри таҳкими истиқлолият ва пешрафти кишвар ба меҳнати осоишта машғул шаванд. Онҳо бояд бо кори ҳалолу рафтори некашон исбот кунанд, ки бо ҳеҷ гуна гурӯҳҳои ҷиноятпеша алоқамандие надоранд.

Аз тарафи дигар, гурӯҳҳои силоҳбадасти ғайриқонуние ҳастанд, ки дар ниқоби кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ даст ба ҷиноят мезананд, номи давлату ҳукуматро доғдор мекунанд. Мо бояд бо ин қабил шахсон ва гурӯҳҳо мубориза оштинопазир барем.

**Чорум:** роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вазифадоранд, ки тартиби баҳисобгирӣ, нигаҳдорӣ ва истифодаи силоҳи оташфишонро мустаҳкам намоянд. Нисбат ба кормандоне, ки тартиби нигаҳдорӣ ва истифодаи силоҳро вайрон мекунанд, чораҳои қатъӣ бинанд. Роҳбароне, ки нисбат ба чунин шахсон нармдилию бепарвоӣ зоҳир мекунанд, бояд ба ҷавобгарии ҷиддӣ кашида шаванд.

**Панҷум**: раисони шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои давлатӣ оид ба ошкор сохтани шахсоне, ки ғайриқонунӣ дар ин ҷойҳо сукунат доранд, хонаҳои шаҳрвандонро бо зӯрӣ аз они худ кардаанд ва ба меҳнати фоиданок машғул нестанд, чораҳои дахлдор андешанд.

Ин вазифаро ман, дар навбати аввал, дар назди раисони шаҳрҳои Душанбе (Поносов Юрий Филимонович),

Қӯрғонтеппа (Асомиддин Саидов), Хуҷанд (Раҳмат Бобокалонов), Чкаловск (Ҷӯра Шокиров) мегузорам.

**Шашум:** муҳофизати объектҳои саноатӣ, истеҳсолӣ ва дигар корхонаю ташкилотҳо, ба истиснои корхонаҳои коркарди пахта ва анборҳои пахта минбаъд фақат ба зиммаи Вазорати корҳои дохилии ҷумҳурӣ ва қисман ба Горди президентӣ вогузор карда шавад.

**Ҳафтум:** Вазорати корҳои дохилӣ ва Вазорати амният вазифадоранд, ки сатҳи кори оперативиро оид ба ошкор сохтани силоҳи ғайриқонунӣ баланд бардоранд ва бо мақсади беҳтар кардани самаранокии иҷрои фармон дар бораи халъи силоҳ гурӯҳҳои муштараки зудамал созмон диҳанд.

**Ҳаштум:** Прокуратураи ҷумҳурӣ бояд назоратро ба иҷрои фармони мазкур пурзӯр гардонда, ба ягон ҳодисаи иҷро нашудани он муросо накунад.

Вазорати адлия, Суди Олӣ, судҳои ҷумҳурӣ парвандаҳои ҷиноятии марбут ба силоҳи оташфишонро дар навбати аввал дида, натиҷаҳои мурофиаи судиро тавассути ахбори умум ба мардум расонанд.

**Нӯҳум:** вазоратҳои маданият ва ахбор, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, маориф, Академияи илмҳо ва дигар идораю муассисаҳо аз рафти татбиқи фармони халъи силоҳ бояд барканор намонанд. Корҳои фаҳмондадиҳӣ, таблиғот ва вохӯриҳоро бо мардум ба роҳ монда, дар атрофи моҳияту аҳамияти фармони мазкур афкори оммаро ба вуҷуд оваранд.

**Даҳум**: низоми додани иҷозатномаҳо барои нигаҳдории силоҳи оташфишон ба шахсоне, ки корманди сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ нестанд, ҷиддан ба тартиб оварда шавад. Вазорати корҳои дохила, Вазорати амният ва Вазорати дифоъ вазифадоранд, ки иҷозатномаҳои пештар додашударо бекор карда, силоҳи дар дасти чунин ашхос бударо пас гиранд ва дар мӯҳлати 10 рӯз оид ба иҷрои ин супориш маълумот диҳанд. Шахсоне, ки дар иҷрои ин супориш бориғболӣ мекунанд, ба ҷавобгарӣ кашида хоҳанд шуд.

То ба эътидол омадани вазъият масъалаи додани иҷозатномаҳо барои нигаҳдории силоҳ ба шахсони мансабдор танҳо ба зиммаи Ҳукумати ҷумҳурӣ вогузор карда шавад.

**Дустони мўҳтарам!**

Вазифаҳое, ки ман ҳоло номбар кардам, аз вазъияти имрўзаи ҳаёти ҷумҳурӣ бармеоянд.

Бинобар ин фардои неки мо бевосита аз амалӣ шудани ин вазифаҳо вобастагии қавӣ дорад. Имрўз тамоми мақомоти ба ин кор масъул — раисони вилояту шаҳру ноҳияҳо, кормандони вазоратҳои корҳои дохилӣ, мудофиа, амният ва дигар сохторҳои давлат бояд манфиатҳои маҳдуди идоравиро сарфи назар карда, барои ба даст овардани мақсади асосиамон, ки сулҳу осоиш, ваҳдату якдилӣ ва оромии ҳамагон мебошад, муттаҳид шаванд.

Танҳо дар ин сурат барои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, қонунияту тартиботи ҳуқуқӣ ва татбиқи тамоми маъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистон шароиту имконият фароҳам меояд.

**Ташаккур.**

# ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ: САМТҲО ВА ВАЗИФАҲО

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ ВАСЕИ ҲУКУМАТ

14 феврали соли 1995

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Таҳлили фаъолияти хоҷагию иқтисодӣ дар соли гузашта, ки ҳоло шунидем, ҳақиқати талхи вазъияти душвори иҷтимоиву иқтисодии кишварро нишон медиҳад. Ин моро водор менамояд, ки чораҳои фаврӣ ва ниҳоят қатъӣ андешем.

Муҳокимаю баромадҳо собит намуданд, ки мо ҳама як ақида дорем: дар шароити имрӯза пеш аз ҳама ислоҳоти иқтисодиро тезондан лозим аст.

Вале барои ба анҷом расондани ин вазифаи стратегӣ дар навбати аввал мо бояд ба бесарусомониҳое, ки моҳияти иқтисоди бозаргонӣ ва умуман ислоҳотро дар ин соҳа беқурбу бадном мекунанд, хотима бахшем.

Ва дар чунин шароит мо як роҳи имконпазир дорем — ин ҳам бошад таъмин намудани идорашавандагии иқтисодиёт аст.

Аммо ин корро бо усули кӯҳнаи фармондиҳию маъмурӣ не, балки бо истифода аз фишангҳои иқтисодӣ, такмил додани қонунгузориҳо ва тадриҷан ба амал баровардани унсурҳои хоси иқтисоди бозаргонӣ ба роҳ мондан лозим аст.

Аз ҷониби Шӯрои Олии ҷумҳурӣ то ба имрӯз даҳҳо қонунҳои гуногун, ки муносибатҳои иқтисодиро танзим медиҳанд, қабул гардидаанд. Аксарияти онҳо ба талаботи имрӯза мувофиқ буда, хусусиятҳои хоси Тоҷикистонро ба назар гирифтаанд.

метавонад амнияти Тоҷикистонро бо роҳҳои сиёсӣ таъмин созад, барои пешрафти ислоҳоти демократӣ ва равнақу ривоҷи иқтисодиёт, фарҳанг, илму фан ва маорифи он мусоидат кунад, ба ташаккули иқтисоди бозаргонӣ ва барқарор гардидани муносибатҳои нав ва босамари Тоҷикистон бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон мадад расонад.

Мо дар заминаи ҳамин усул ва бо дарназардошти манфиатҳои Тоҷикистон ният дорем бо тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаҳои қавии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ барқарор намоем. Дар ин бобат мо баъзе комёбиҳо дорем. Аз ҷумла, ба мо муяссар шуд, ки бо Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Белорус, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Қазоқистон аҳдномаҳои дӯстӣ ва ҳамкорӣ ба имзо бирасонем, ки онҳо барои густариши робитаҳои ҳамаҷонибаи байни кишварҳоямон шароити хуб фароҳам меоранд, риштаҳои кандашударо аз нав пайванд медиҳанд.

Дар рафти сафарҳое, ки сарварони давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Халқии Чин, Ҷумҳурии Ҳиндустон, Давлати Исломии Афғонистон ба амал оварданд, заминаи муносибатҳои умедбахш ва ҳамкориҳои судманди тарафҳо созмон дода шуд. Мехоҳам махсус таъкид намоям, ки Тоҷикистон манфиатдор аст, ки бо давлатҳои Исломии Афғонистон, Эрон, Арабистони Саудӣ, Туркия ва Покистон дар асоси усулҳои зикршуда муносибатҳои дӯстонаи ҳамсоягӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии муфид дошта бошад.

Мо бо дигар кишварҳои Осиё, аз қабили Корея ва Япония, ки аз давлатҳои бисёр пешрафтаи ин минтақаанд, низ муносибатҳои неки ҳамкорӣ барқарор карданием.

Тоҷикистони соҳибихтиёр ҷидду ҷаҳд дорад бо кишварҳои Аврупо, Амрико ва Африқо ҳам робитаҳои нек дошта бошад, аз таҷрибаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, технологӣ ва фарҳангии онҳо баҳра бардорад. Мо бахусус мехоҳем ҳамкориҳоямонро бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико беш аз пеш вусъат диҳем ва аз таҷрибаи бойи давлатдории он истифода намоем.

**Ҳамватанони азиз!**

Дар зарфи ду соли охир бар асари даргириҳои мусаллаҳона, бархурдҳои ҳангоматалабонаи сиёсӣ

бозаргониро нисбат ба соҳаҳои дигар зудтар фароҳам овардан мумкин аст. Биёед як мулоҳиза кунем.

Ҳиссаи замини наздиҳавлигӣ дар майдони умумии заминҳои обёришаванда ҳоло камтар аз 10 фоизро ташкил мекунад. Аммо дар хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ нисфи тамоми картошка, зиёда аз 60 фоизи сабзавот, 65 фоизи гӯшт, зиёда аз 70 фоизи шир ва 55 фоизи тухм истеҳсол мешавад.

Бинобар ин мо бояд ҳар чӣ зудтар дар асоси "Қонун дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ" масъалаи вусъат бахшидани истифодаи шахсии замин дар деҳотро ҳал намоем.

Вақте ки деҳқон осудаҳол шуд, мо метавонем халқро сер кунем ва бозорро бо маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли худӣ пурра таъмин намоем.

Қарорҳои қабулкардаи Ҳукумат дар ин бора пурра иҷро намешаванд ва барои чунин бемасъулиятӣ то имрӯз ягон шахси мансабдор ҷазо нагирифтааст. Ва худи қонуну қарорҳо низ номукаммаланд. Аз ин рӯ, зарур мешуморам, ки оид ба ин масъала фармони махсус қабул карда шавад.

Мутаассифона, бояд иқрор шуд, ки мо ҳанӯз ҳам барномаи аниқу иҷрошавандаи ислоҳоти заминро бо дарназардошти хусусиятҳои хоси кишварамон надорем. Вақти он расидааст, ки мо аз шахсони масъул барои кашол додани ин кори муҳим ҳисобот талаб кунем.

Дар аксарияти ноҳияҳо зиёда аз 20 сол аст, ки баҳисобгирии замин гузаронида нашудааст. Мувофиқи баъзе маълумотҳо 17 ҳазор гектар замин ҳамчун қитъаҳои наздиҳавлигӣ истифода мешавад, дар балanси замин бошад, ин қитъаҳо ҳамчун заминҳои бекорхобида нишон дода шудаанд. Вобаста ба ин ман мехостам ба масъалаи дигар гузашта, бипурсам, ки вазъи омори ҷумҳурӣ дар чӣ ҳол аст?

Аксари маълумотҳои оморӣ хилофи якдигаранд, ҳақиқати ҳолро аниқу равшан инъикос намекунанд.

Масалан, аз рӯйи баъзе маълумотҳо дар ҷумҳурии мо дар майдони 11 ҳазор гектар 669 хоҷагии деҳқонӣ фаъолият дорад. Аз рӯйи маълумотҳои дигар бошад, ҳамин миқдор хоҷагиҳои деҳқонӣ дар майдони 40 ҳазор гектар гӯё фаъолият доранд.

Аз рӯйи ин маълумотҳо дар ин хоҷагиҳо танҳо якуним ҳазор нафар ва аз рӯйи маълумотҳои дигар зиёда аз 50 ҳазор нафар кор мекунанд.

Сарчашмаи маълумот се идора — Агентии давлатии омор, Вазорати кишоварзӣ ва Маркази тадқиқоти стратегӣ. Ба кадоме аз онҳо бовар кунем?

Мисоли дигар: ба истисноии савдои давлатӣ ва кооператсияи матлубот ба ҷумҳурӣ чӣ қадар мол оварда ва чӣ қадари он фурӯхта шудааст? Ҳаҷми воқеии мубодилаи мол дар мағозаҳои тиҷоратӣ ба чӣ миқдор аст? Ба ин саволҳо низ касе ҷавоб гуфта наметавонад.

Моли аз ҳама қиматтар дар шароити иқтисодиёти бозоргонӣ ин маълумоти пурраю дақиқ мебошад. Он ба инвесторони хориҷии мо низ зарур аст. Бинобар ин вазифаи муҳимтарине, ки бояд дар мӯҳлати кӯтоҳ ҳал кунем, ин бунёди низоми баҳисобгирии ҳаматарафаест, ки ба шароити нави иқтисодиёти бозоргонӣ мувофиқ бошад.

Ба Агентии омори давлатӣ, Вазорати иқтисоду робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва Вазорати молияи ҷумҳурӣ зарур аст, ки дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳо дар мӯҳлати наздиктарин дар хусуси бунёди чунин низоми баҳисобгирӣ пешниҳодҳои мушаххасро таҳия намоянд.

Як чизро бояд фаромӯш накунем, ки чиро пеш аз ҳама аз худ мекунанд, талаю тороҷ мекунанд?

Он чиро, ки нодуруст ҷо ба ҷо шудааст ва он чиро, ки ба ҳисоб гирифта нашудааст.

Аз ин рӯ, кори баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳиро ба тартиб дароварда, мо метавонем на фақат ба талаву тороҷи моликияти давлатию ҷамъиятӣ хотима бахшем, балки тарзу усули сарфакориро низ ба таври васеъ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ татбиқ намоем.

Чаро ман масъалаи тартиби сарфакориро таъкид намудам?

Як мисол меорам.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноат дар давоми чор соли охир зиёда аз 50 фоиз кам шудааст. Вале масрафи қувваи барқ бошад мутаносибан кам нагаштааст.

Масалан, дар заводи алюминий масрафи қувваи барқ ба сари ҳар тонна металл 31,3 фоиз афзудааст. Ҳол он ки яке аз масъалаҳои дардноки рӯз ин нарасидани захираҳои энергетикӣ, аз ҷумла нарасидани қувваи барқ мебошад.

Бояд фавран барномаи сарфаи қувваи барқу умуман сарфаи тамоми захираҳоро таҳия намуда, иҷрои қатъии онро талаб намоем.

Вазифаи сарфаи ҳамҷониба на танҳо ба захираҳои моддӣ, балки ба дигар намуди захираҳо, пеш аз ҳама ба захираҳои молиявӣ низ дахл дорад. Ин яке аз рукнҳои муҳимтарини сиёсати молиявие мебошад, ки дар давраи гузариш ба муносибатҳои иқтисодиёти бозаргонӣ давлат онро бояд татбиқ намояд.

Вазъият дар соҳаи молия хеле мураккаб аст.

Аз рӯйи лоиҳаи буҷет барои соли ҷорӣ касри он 456 миллиарду 389 миллионро ташкил медиҳад. Вале бисёр вазорату ташкилотҳо аз рӯйи одати пешина, аз ҷумла барои сохтмони объектҳои нав маблағҳои калонро аз ҳисоби буҷети давлат талаб мекунанд. Наход то ҳанӯз баъзеҳо намедонанд, ки маблағ дар навбати аввал бояд ба объектҳои ҳаётан муҳим ва нотамоми ҷумҳурӣ равона карда шавад.

Сарвазир ва муовинони ӯ бояд қатъиян маҳдуд кардани маблағгузориро аз буҷет ва додани кредити давлатиро пеш аз ҳама ба объектҳои нотамоми зарууртарин равона кунанд, вазорату корхонаҳоро водор созанд, ки механизмҳои иқтисодиёти бозаргониро дар ин бобат ба кор дароранд.

Аз тарафи дигар, бояд он сохторҳои давлатие, ки ба воситаи онҳо иҷрои қисми даромади буҷет таъмин мегардад, бо тамоми қувваю имкониятҳояшон фаъолият кунанд.

Ман дар навбати аввал умури андози ҷумҳуриамонро дар назар дорам.

Соли гузашта 70 фоизи воҳидҳои юридикӣ аз тарафи кормандони андоз тафтиш нашуданд. Пӯшида нест, ки як қисми воҳидҳои юридикӣ даромади аслии худро пинҳон медоранд, аз додани андоз саркашӣ мекунанд ва дар бисёр мавридҳо муқобилият нишон медиҳанд.

Бо сабабҳои мазкур дар соли 1994 зиёда аз 500 миллиард сӯм ба буҷети давлатӣ ворид нашуд. Ҳол он ки дар бисёр мамлакатҳо полиси андоз мавҷуд аст ва саркашӣ аз супурдани андоз ба буҷети давлат ҷинояти сахттарин ҳисоб мешавад.

Мо низ бо такя ба ин таҷриба бояд полиси андоз таъсис диҳем, дар ибтидо ақаллан иборат аз 500–600 нафар корманд. Ба ин тақрибан 1 миллиард рубл масраф мешавад, ки ин хеле камтар аз як фоизи даромадеро, ки соли гузашта тавассути фаъолияти идораи андоз ба буҷети давлат ворид шудааст, ташкил медиҳад.

Дар айни замон шароитҳои гузариш ба бозор дар ҷумҳурии мо хеле номусоид аст. Муомилоти пул дар вазъияти ниҳоят мураккаб қарор дошта, системаи молия ҳамчун организми бемор фаъолият мекунад. То имрӯз консепсияи муайяни тақсимоти захираҳои кредитӣ ва назорат аз болои истифодаи онҳо мавҷуд нест. Ташаккули захираҳои асъори хоҷагӣ ниҳоят номукаммал аст. Низоми андоз амалан фаъолияти истеҳсолкунандагонро ба танг оварда, инвесторони хориҷиро барои ҳамкорӣ ҳавасманд намегардонад.

Механизми ҷалб намудани захираҳои сохторҳои тиҷоратӣ вуҷуд надорад. Системаи бонкӣ низ дар вазъияти хеле мураккаб қарор дорад.

Дар кори ҷалб намудани кредитҳои хориҷӣ низ дар ҷумҳурии мо тартиби муайян вуҷуд надорад. Бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар сохторҳо худашон худсарона бо фирмаҳои хориҷӣ алоқа баста, ҳатто дар асоси шартҳои асоратовар кредит мегиранд.

Қарордодҳое, ки бо кафолати Ҳукумат баста мешаванд, экспертизаи холисона нашудаанд. Маблағи умумии кафолатҳое, ки бонки миллӣ дар хусуси пардохти кредитҳои хориҷӣ дар муддати аз як то панҷ сол додааст, миллиардҳо долларро ташкил медиҳад. Ҳол он ки қисми даромади буҷети давлатии соли ҷорӣ қариб ба 400 миллион доллари амрикоӣ баробар асту халос.

Магар яке аз сабабҳои кам будани асъор дар хазинаи давлат ҳамин нест? Шояд вақти он расидааст, ки ба усулҳои бозории ташаккули фонди асъори ҷумҳурӣ гузарем.

Ба ин ва дигар масъалаҳои ҳалталаб ҷавобҳои аниқу мушаххас доданамон лозим аст. Ҳамчунин маҷмӯи қарорҳои даҳлдорро таҳия ва татбиқ бояд кард. Ман ташаббусу таклифҳои конкретии ҳозиронро нигаронам, зеро инро манфиатҳои умумидавлатию умумихалқӣ тақозо мекунанд.

Вақти он расидааст, ки аз одати талаб кардани фондҳо ва пешкаш намудани дархостҳо оид ба масъалаҳои хусусӣ даст кашем.

Танҳо дар давоми моҳи январи соли равон ба унвони Президент ва Ҳукумат қариб 1800 санади хизматӣ, мактубу аризаҳо расиданд, ки аксарияти онҳоро бояд вазорату идораҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимият баррасӣ менамуданд.

Вазъи душвори иқтисодӣ пеш аз ҳама ва беш аз ҳама ба зиндагии онҳое таъсир мерасонад, ки дар буҷети давлатанд, яъне нафақахӯрон, донишҷӯён, духтурон, муаллимон ва дигар гурӯҳҳои зиёиён.

Ҳифзи иҷтимоии мардум қарзи давлату давлатдор аст. Ҳукумат махсусан ба собиқадорони ҷангу меҳнат, маҷрӯҳон, пиронсолони танҳо бояд ғамхории доимӣ зоҳир карда, ҳар гуна имкониятро барои таъмини онҳо истифода намояд.

Хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли равон нисбат ба соли 1994, аз ҷумла барои бо маблағ таъмин кардани соҳаи иҷтимоӣ хеле меафзояд. Вале бояд рӯйирост гуфт, ки ин ҳам мушкилоти мавҷудбударо ҳал намекунад.

Бинобар ин вазоратҳои фарҳанг, маориф, тандурустӣ ва Академияи илмҳо якҷоя бо Вазорати молия бояд масъалаи манбаъҳои алтернативии маблағгузориро барои соҳаҳои иҷтимоиёт дида бароянд.

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Ман боварии комил дорам, ки ҳамаи масъалаҳои иқтисодиамон ҳалшавандаанд. Аз сидқи дил меҳнат кунем, ба рӯзгори осуда мерасем, Ватанамонро обод мекунем.

Вале ман таваҷҷӯҳи шуморо ба паҳлӯи дигари зиндагии ҷамъиятамон ҷалб карданӣ ҳастам.

Умуман, ба назарам, ҷомеаи нав ба истиқлол расида, нав аз гирдоби фалокатҳо раҳида ва ба замми ҳамаи ин ба дарди маҳалгароӣ мубталогаштаи мо имрӯз ба як идеяи умумимиллӣ, умумиҷамъиятӣ, ба як ҳадафи олию муқаддас ниёз дорад, ки тавонад мардуми кишварро дар атрофаш муттаҳид созад, илҳом бахшад, эҳсоси ифтихору ватандориро бедор созад.

Бо дарназардошти вазъи имрӯзаи кишвар, пешомадҳои он дар даҳсолаҳои минбаъда, ҳолатҳои иҷтимоию равонии ҷомеа, гузаштаи таърихӣ, махсусиятҳои геополитикӣ ва дигар омилҳои муҳим ман ба хулосае омадам, ки ин идея, ин ҳадафи воло бояд чунин бошад: **“Тоҷикистон Ватан Модари ягонаи тамоми тоҷикистониён аст. Онро бо ваҳдат, ҳамдилию ҳамдастӣ, бо такя ба нерӯи худ ва захираҳои дохилӣ ба кишвари пешрафтаю шукуфон табдил медиҳем”.**

Ман тамоми нерӯҳои зеҳнӣ: олимон, адибон, рӯзноманигорон, ҳунармандон ва дигар зиёиёни кишварро даъват менамоям, ки бо қудрати эҷодкоронаи худ барои

мардуми сарзаминамонро дар атрофи ин ҳадафи воло муттаҳид сохтан ҳамаҷониба мусоидат намоянд.

Акнун мо бояд роҳҳои расидан ба ин мақсади олиро муайян намоем. Зеро мо аз таҷрибаҳои гузаштаи худ медонем, ки ҳадаф чӣ қадар, ки хубу оличаноб набошад, агар роҳу воситаҳои оқилонаю босамари расидан ба он дарёфт карда нашавад, он ҳадаф шиори хушку холие шуда мемонаду бас.

**Роҳи якум ва аввалиндараҷаи расидан ба мақсади олӣ, ба назари ман, ин ислоҳи бӯҳрони маънавию ахлоқӣ аст.**

Шумо бинед, вазъи таълиму тарбия дар чӣ аҳвол аст. Ахлоқи иддае аз наврасону ҷавонони мо дар кӯчаю бозор дар муносибат бо калонсолон, дар оилаю мактаб, дар эҳтиром нисбат ба муқаддасот, таърих, забону адабиёт дар кадом поя қарор дорад? Фардо мо тақдири халқу Ватанамонро ба дасти кӣ месупорем?

Аз ҷониби дигар обрӯйи мактабу муаллим, эътибори дониш торафт паст мешавад. Дар се соли охир беш аз 10 ҳазор нафар муаллимони мактабҳои миёна касби худро тарк карда, ба сохторҳои тиҷоратӣ гузаштанд.

Дар ҳамин муддат фақат се донишгоҳи пойтахт — Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, Донишгоҳи омӯзгорӣ ва Донишгоҳи техникиро беш аз 1000 нафар устодони унвондор тарк кардаанд.

Дар ислоҳи ин вазъ таъхир кардан оқибатҳои бисёр гамангез оварданаш мумкин аст. Зеро барои як насли ҷомеаро тарбия кардан даҳсолаҳо лозим мешавад, барои ислоҳи оқибатҳои он бошад, шояд садсолаҳо камӣ кунад. Фикр кунед, инсоне, ки қадри модарашро, муаллимашро, забону адабашро, бузургони халқашро намедонад, оё ифтихори миллӣ, ифтихори ватандорӣ дошта метавонад, оё дилсӯзи халқу Ватанаш буда метавонад? Оё барои пешрафту тараққии он хизмат карда метавонад? Ҳаргиз не!

Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки баҳри барқарор кардани обрӯю мартабаи мактабу муаллим, эътибори илму дониш тамоми чораҳои имконпазирро андешем. Ҳукумати ҷумҳурӣ бояд имкониятҳои беҳтар кардани маблағгузориро ба соҳаи мактабу маориф ҷустуҷӯ ва дарёфт намояд.

**Роҳи дуюм — комилан ва ба пуррагӣ мусодира кардани силоҳи ғайриқонунӣ аз аҳолӣ.**

Дар ин мавзӯъ зиёд намеистем, зеро шумо медонед, ки чанде пеш машварати умумиҷумҳуриявӣ оид ба халъи силоҳ доир гардид, ки дар он ҷо ҳама масъалаҳои ба он вобаста муҳокима шуданд. Фақат бори дигар таъкид кардани ҳастам, ки ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии кишвар аз чӣ гуна ҷамъбаст шудани ҳамин маърака вобаста аст.

**Роҳи сеюм — ҷорӣ кардани тартибу интизоми қатъии кор аз поён то боло, дар ҳама колхозу совхозҳо, идораю ташкилотҳо, заводу фабрикаҳо, хулоса дар ҳамаи коллективҳои меҳнатӣ, новобаста аз шакли моликият ва самти фаъолияташон.**

Мефаҳмам, ки барои тартибу интизоми қатъии корро талаб кардан ба мардум маош додан зарур аст. Вале чӣ хеле, ки шумо аз маърӯзаи муовини аввали Сарвазир огоҳ шудед, Ҳукумат дар сари ин масъала ҷиддан кор карда истодааст ва он ба наздикӣ ҳалли худро меёбад.

Бояд рӯйирост иқрор шавем, ки ҷанг бар замми ҳамаи дигар бадбахтиҳою нобасомониҳое, ки ба сари кишвари мо овард, боз як қисми мардумро, махсусан иддае аз ҷавононамонро ба роҳи муфтхӯрию коргурезӣ тела дод.

Барои ҳамин ҳам ман умедворам, ки мақомоти маъмурӣ, раисони вилояту ноҳияҳо, роҳбарони коллективҳои меҳнатӣ тамоми салоҳияту имкониятҳои қонунан дар ихтиёрашон бударо истифода бурда, мардумро ба кор, ба меҳнати фоиданок, ба бунёдкорӣ ҷалб менамоянд.

**Роҳи чорум — ба куллӣ беҳтар кардани фаъолияти он соҳаҳои истеҳсолие, ки аз таъминоти хориҷӣ камтар вобастагӣ доранду имконияти пешрафташон дар дасти худашон аст.**

Чунон ки медонед, ин масъала дар барномаи пешазинтихоботии ман махсус таъкид шуда буд. Ман эътимоди комил дорам, ки бо ин роҳ, яъне баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои бо ашёи худи коркунанда метавонем дар муддати кӯтоҳ буҷети ҷумҳуриро ғанитар гардонем ва ба ин восита бисёр масъалаҳоямонро ҳал намоем.

**Роҳи панҷум — тезондани суръати ислоҳоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва ҳар чӣ зудтар ҳаллу фасл кардани он масъалаҳое, ки ба ин кор мусоидат мекунанд.**

Аз ҷумла, ба роҳ мондани сиёсати оқилонаи илман асосноки молиявию кредитӣ, андешидани тадбирҳои зарурӣ баҳри ба муомилот баровардани пули миллӣ ва вобаста ба ин гузаронидани ислоҳоти банкӣ дар ҷумҳурӣ.

Вале як рукни муҳими ислоҳоти иқтисодӣ ин ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликият мебошад. Аз ин ҷо, ман чунин мешуморам, ки **роҳи шашуми расидан ба мақсади пеш гирифтаамон ин ҳар чӣ зудтар татбиқ намудани барномаи хусусигардонӣ мебошад.**

Ҳарчанд ки дар ҷумҳурӣ ин раванд оғоз гардидааст, вале ҳиссаи объектҳои истеҳсолию хизматрасонии хусусигардонишуда дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ бисёр ночиз аст.

Ҳоло саволе пеш меояд, ки чаро ин равандҳои зарурӣ дар ҷумҳурӣ бо душвориҳо ва хеле суст ҷараён мегиранд?

Чи хеле ки таҳлили ҷамъбасти соли гузашта баръало нишон медиҳад, яке аз сабабҳои асосӣ ин номукаммалӣ ва дар бисёр мавридҳо умуман набудани заминаи қонунгузории ислоҳоти мазкур ба шумор меравад.

Бинобар ин, бе шакку шубҳа, **роҳи ҳафтум, ки ба ҳалли ҳамаи масъалаҳои зикршуда мусоидат мекунад, ин таҳия ва қабули қонунҳо ва санадҳои муҳим, васеъ кардани заминаи ҳуқуқии дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва ба ҷараёну тағйиротҳои нав созгору мувофиқ гардондани қонунҳои амалкунанда мебошад.**

Ба назари ман, ҳаминҳоянд вазифаҳои аввалиндараҷае, ки ҳалли онҳо дар соли 1995 барои расидан ба он ҳадафи олӣ моро наздиктар мебаранд. Агар шумо дар сари онҳо дурусттар андеша кунед, хоҳед фаҳмид, ки дигар ҳама мушкилоту проблемаҳои имрӯзаи мо асосан дар атрофи ҳамин масъалаҳо чарх мезананд ва ҳалли яке аз дигаре зич вобаста аст.

Чунон ки шумо медонед, **мо соли 1995-ро соли пурра ва комилан барқарор шудани сулҳу оромӣ, соли сабру таҳаммул дар ҷумҳурӣ, соли тезондани ислоҳоти иқтисодӣ ва ба вуҷуд овардани заминаҳои мусоид барои рушди минбаъдаи кишвар эълон кардаем.**

Ман илова мекардам, ки соли 1995 соли имтиҳони ҷиддии мову шумо дар назди халқ аст. Агар аз ӯҳдаи иҷрои

вазифаҳои номбаршуда бароем, дар зиндагии мардум беҳбудие оварда тавонем, боварии халқ ба мову шумо мустаҳкамтар мешавад, ки ба фикрам, барои роҳбар аз ин дида шарафи бузурге нест.

**Ба шумо барори кору саломатӣ мехоҳам.**

## ИЗҲОРОТИ СИЁСӢ ҚАБЛ АЗ ИНТИХОБОТИ МАҶЛИСИ ОЛӢ ВА МАҶЛИСҲОИ МАҲАЛЛӢ

Феврали соли 1995

Мо дар арафаи воқеаи таърихӣ қарор дорем. 26 феврал интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ баргузор мегардад.

Бо ҳамин як марҳилаи муҳими ислоҳоти сиёсӣ ва ташаккули сохти нави давлатдории тоҷикон, ки дар Конститутсияи ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст, анҷом меёбад.

Ҳар яки мову шумо дар муташаккилона, демократӣ ва озодона баргузор шудани ин маъракаи муҳими сиёсӣ масъул ҳастем.

Ин интихобот дар марҳилаи тамоман нави таърихӣ сурат мегирад. Нахустин маротиба мардуми Тоҷикистон дар шароити истиқлолияти мамлакати худ мақомоти олии қонунгузор — Маҷлиси Олиро созмон медиҳад. Вазифаи аввалиндараҷаи он қабули қонунҳое мебошад, ки асосҳои давлати ҳуқуқбунёдро таҳким бахшида, омили пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии ҷомеаи мо гарданд ва барои ба шоҳроҳи нави пешрафту тараққӣ баровардани Тоҷикистон мусоидат кунанд.

Дар тӯли ду–се соли охир кишвари мо дар роҳи бунёди ҷомеаи мустақили демократӣ қадамҳои устувор гузошт. Дар ин муддат Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди Миллии худ гардид.

Пояҳо ва рукнҳои асосии давлатдории худ — Артиши миллӣ, қувваҳои сарҳадиро ба вуҷуд овард ва устувор

гардонд. Тоҷикистон ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ пазируфта шуд ва бо аксари кулли мамлакатҳои пешрафтаи дунё робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор намуд.

Тоҷикистони мо дар миқёси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, баъд аз Россия, дуюмин кишварест, ки аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи худро қабул кард.

Аз ин рӯ, мо бо тамоми боварӣ ҳақ дорем ба ҷаҳониён эълом намоем, ки дар ҷумҳурӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва омилҳои демократию мутамаддини таъсиси ҳам мақомоти намояндагии умумимиллӣ ва ҳам мақомоти намояндагии маҳаллӣ ба вуҷуд омадааст.

Барои бомуваффақият ва озодона баргузор гаштани ин маъракаҳои сарнавиштсози сиёсӣ дар мамлакат тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудаанд: бори нахуст интихобот дар асоси бисёрҳизбӣ, гуногунандешӣ ва озодиҳои воқеии демократӣ сурат мегирад.

Мо роҳи бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро пеш гирифтаем. Интихобот ба Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ қадами навбатиест дар амри амалӣ гардидани ин ҳадафи сиёсии мо.

Ман ҳамчун Президенти мамлакат риояи қатъии қонунҳо ва ифодаи озодонаи раъйи шаҳрвандонро кафолат медиҳам.

**Ҳамватанони гиромӣ!**

Дар арафаи ин чорабиниҳои муҳими сиёсӣ мехоҳам таваҷҷӯҳи шуморо ба таърихи талхи чанд соли охири ҷумҳуриамон ҷалб намоям.

Шумо худ шоҳиди он будед, ки тақсим шудани мардум ба майдонҳо, маҳалҳо ва гурӯҳҳо аз пастии сатҳи маданияти сиёсӣ ва бемасъулиятӣ ба тақдири миллату давлат, аз манфиатҳои ҷамъиятӣ боло гузоштани манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ аз ҷониби як идда депутатҳо сарчашма гирифта буданд.

Ва шумо хуб дар хотир доред, ки бисёре аз ин қабил депутатҳо бо ваъдаҳои бебаркашу бебунёд, бо сӯистифода аз душвориҳои иқтисодии мардум, шароити яккаҳизбӣ ва дигар иқдомҳои ношоиста ба мандати депутатӣ соҳиб гардида буданд.

Ман боварӣ дорам, ки ин гузаштаи талх барои ҳамаи мову шумо сабақи фаромӯшнашаванда аст. Умедворам, ки интихобот ба такрори он иштибоҳу хатоҳо роҳ намедиҳад.

Дар давраи пешазинтихоботӣ шумо имконият доштед, ки номзадҳоро хуб омӯзед, бо фаъолият, барнома ва шахсияти ҳар кадомашон шинос шавед. Бешубҳа, аксари кулли номзадҳои пешниҳодшуда шахсони сазовор ва арзандаанд.

Вале пӯшида нест,ки дар байни номзадҳо одамоне низ ҳастанд, ки танҳо барои худнамоӣ, бо ниятҳои гаразнок, бо мақсади боз ба гирдоби нооромиҳо кашидани Ҷумҳурӣ ба ваколати депутатӣ соҳиб шуданианд.

Вақте варақаи овоздиҳиро ба даст мегиред, фаромӯш накунед, ки шумо барои фардои давлату давлатдории тоҷикон, сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ ва умуман барои ояндаи неки Тоҷикистон ва баланд бардоштани мартабаи он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ овоз медиҳед.

То чӣ андоза болаёқат, басалоҳият, соҳибмаърифат ва ӯҳдабаро будани Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ маҳз ба ҳамин интихоби шумо вобаста аст.

Ман ба ақлу заковати халқи азизам бовар дорам ва мутмаинам, ки ҳамаи шумо рӯзи 26 феврал дар ин маъракаи муҳим фаъолона иштирок намуда, беҳтаринҳоро интихоб мекунед.

# ТОҶИКИСТОН: САМТҲОИ АСОСИИ ПЕШРАФТ

## МАЪРӮЗА
## ДАР НАХУСТИН ИҶЛОСИЯИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

7 апрели соли 1995

**Мӯҳтарам намояндагони халқ! Меҳмонони гиромӣ!**

Бо камоли майл ба ҳамаи он табрикоте, ки дар ин толор ба ифтихори депутатҳои халқи Тоҷикистон дар Маҷлиси Олӣ интихоб шудани шумо садо доданд, шарик мешавам.

Ман ҳамаи шуморо, ки дар шароити душвори имрӯза ба гуногунии ақидаю эътиқод, мақоми ҷамъиятӣ нигоҳ накарда, тайёр ҳастед, ки тақдири мамлакатро ба дӯши худ гиред ва бо дилу нияти нек, содиқона ба халқ хизмат кунед, ҳамчун ҳамақида ва ҳамсафони худ медонам.

**Депутатҳои мӯҳтарам!**

Нахустин иҷлосияи Маҷлиси Олӣ, бешубҳа, воқеаи дорои аҳамияти бузурги сиёсӣ ва таърихӣ мебошад. Хусусияти асосии иҷлосияи ҳозира дар он аст, ки мақоми олии қонунгузор дар шароити истиқлолияти ҷумҳурӣ ва амали Конститутсияи нав ба фаъолияти худ шурӯъ менамояд.

Чунин ақида, ки гӯё Тоҷикистон ҳанӯз дар чорроҳаи таърих қарор дорад, дуруст нест. Мардуми кишвари мо 6-уми ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ роҳи ояндаи худро бебозгашт муайян намуд. Ҳамаи он нақшаҳое, ки ман зимни Изҳороти сиёсии худ аз ин минбар дар таърихи 28 декабри соли 1993 эълон дошта будам, дар амал пурра татбиқ гардиданд.

Акнун ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаи аввалиндараҷан худро дар он мебинам, ки кафолатҳои дар Конститутсия эълоншуда ба шиори хушкухолӣ табдил наёбанд, балки моҳияти воқеӣ пайдо кунанд ва дар амал татбиқ гарданд.

Кафолати риояи Конститутсия ва қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, давомот ва пойдории давлат , таъмини фаъолияти муттаҳидона ва ҳамкории мақомоти давлатӣ, риояи созишномаҳои байналхалқии Тоҷикистон — чунинанд ҳадафҳои стратегии фаъолияти ҳамарӯзаи Президенти ҷумҳурӣ, ки Конститутсия муқаррар кардааст.

Маҳз аз ҳамин мавқеъ ман мехостам назари худро дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли ҷорӣ ва дурнамоиояндаи он ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод кунам.

Албатта, мо бояд дарк кунем, ки ҳамаи вазифаҳои азими дар назди давлати тозаистиқлоламон истода дар як ё ду сол ҳал намешаванд.

Вале, аз ҷониби дигар, мо шоҳиди он ҳастем, ки шиддати прогресси ҷамъиятӣ дар марҳилаҳои гузариши таърихӣ чӣ гуна нерӯи азимеро ба вуҷуд меорад.

Мисоли равшани он ташаккули давлатдории Тоҷикистони мо мебошад.

70 сол муқаддам, баъд аз фосилаи асрҳо, дар харитаи ҷуғрофии дунё давлате ба номи Тоҷикистон арзи ҳастӣ кард. Дуруст аст, ки тамоми ин муддат он дар сояи сиёсати давлати бузурге буд ва фақат баъди эълони истиқлолият дунё миллати тоҷик ва давлати Тоҷикистонро ба таври ҳаққонӣ шинохт.

Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, эътирофи Тоҷикистон аз ҷониби 117 кишвари дунё, барқарор шудани робитаҳои дипломатӣ бо аксари ин давлатҳо, ворид гардидан ба Созмони Милали Муттаҳид, узвият дар даҳҳо ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ, баргузории форуми тоҷикони ҷаҳон дар пойтахти ҷумҳурӣ — чунинанд номгӯйи нопурраи зинаҳое, ки мамлакати мо дар роҳи истиқлолият ба зудӣ тай кард.

Бо қабули Конститутсия, ки меъёрҳои маъмули байналхалқиро дар худ фаро гирифтааст, мақоми қонунии истиқлолияти сиёсии давлати тоҷикон мустаҳкам ва пойдор гардид.

**Депутатҳои мӯҳтарам!**

Аз хусуси зарурати таъмини истиқлолияти давлат бо ҳама унсурҳои он сухан ронда, мехостам ҳамзамон як ҳақиқатеро, ки таърихи тамаддуни башарӣ собит кардааст, ёдовар шавам: дар дунё истиқлолияти мутлақи иқтисодӣ вуҷуд надорад ва буда ҳам наметавонад.

Бесабаб нест, ки канда шудани робитаҳои хоҷагии дар доираи Иттиҳоди Шӯравии собиқ мавҷудбуда боиси хароб гардидани низоми ягонаи пулию молиявӣ, таназзули босуръати иқтисодиёти тамоми кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил гардид.

Масалан, то соли 1990 барои фаъолияти хоҷагии халқ ба ҷумҳурии мо аз хориҷа беш аз 2,5 миллион тонна маҳсулоти нафтӣ, 1,5 миллион тонна галладона, беш аз 2 миллиард метри мукааб гази табиӣ, қариб миллион метри мукааб чӯбу тахта, тақрибан 350 ҳазор тонна прокати металлҳои сиёҳ ворид мегардид.

Фақат барои харидани ҳамин миқдор захираҳо аз рӯйи нархҳои бозори ҷаҳонӣ барои мо имрӯз зиёда аз 1 миллиард доллари амрикоӣ зарур аст.

Боз чӣ қадар воситаҳои нақлиёт, дастгоҳҳо, техникаи кишоварзӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва бисёр чизҳои дигар лозиманд, ки барои дарёфт кардани онҳо мо ҳамеша дар ҷустуҷӯйи қарзҳои хориҷӣ ҳастем. То ба кай мо аз ҳисоби қарз зиндагӣ карда, ба умеди саховату олиҳимматии дӯстон мешавем?!

Ҳол он ки дар сурати ба кор андохтани механизмҳои самарабахши ситондани қарзҳоямон аз давлатҳои дигар, мо низ метавонистем аз ин ҳисоб ҳам қарзҳоямонро кам кунем ва ҳам баъзе масъалаҳои иқтисодиро ҳаллу фасл намоем.

Мо бояд ба ҳалли масъалаи кам кардани вобастагии иқтисодӣ аз давлатҳои дигар ҷиддӣ камар бандем.

Сухан, пеш аз ҳама, дар бораи кам кардани зарурат ба воридоти он маҳсулоте меравад, ки худамон бевосита имконияти истеҳсолашонро дорем. Шароити ҷумҳурӣ комилан имконият медиҳад, ки мо худро бо бисёр навъҳои маводи хӯрока таъмин намуда, дар солҳои наздиктарин воридоти ғалладонаро ду маротиба кам карда, истеҳсоли онро ба 700–800 ҳазор тонна расонем.

Азнавсозии сохтори иқтисодиёт бояд ба афзун гардидани иқтидори содиротии он мусоидат намояд.

Аз ҳисоби коркарди ашёи хоми маҳаллӣ истеҳсоли маҳсулоти тайёр, аз ҷумла матоъҳои пахтагию шоҳӣ, либосворӣ, консерваҳо, виноҳои хушсифатро хеле зиёд кардан ва соҳаҳои нави металлургияро инкишоф додан зарур аст. Истеҳсоли алюминий дар солҳои наздик бояд ба 400 ҳазор тонна расонда шавад.

Зарур аст, ки истеҳсоли тилло ва дигар сангу металлҳои қиматбаҳо афзун гардонда шавад. Аз ҷумла, корҳои азхуд кардани комплекси машҳури Кони Мансури калон, Комбинати тиллои тоҷик, конҳои тиллои Дарвоз, Адрасмон, ки ширкатҳои бонуфузи хориҷӣ дар онҳо саҳм гирифтан мехоҳанд, пешбинӣ гардидаанд.

Фаромӯш кардан лозим нест, ки Ҷумҳурӣ дорои захираҳои бойи нафту газ ва дигар канданиҳои фоиданок мебошад. Ҳукумат вазифадор аст, ки дар мӯҳлатҳои наздик барномаи аниқи азхуд кардани ин захираҳоро таҳия намуда, барои дар амал татбиқ кардани он аз тамоми воситаю имкониятҳо истифода барад. Мо бояд сатҳи пешинаи истеҳсоли пахта, пилла, тамокуро барқарор намоем. Барои иҷрои ин вазифа чӣ намерасад?!

Инҳо фақат як қисми масъалаҳое ҳастанд, ки бояд бетаъхир ҳалли худро ёбанд. Зеро бӯҳрони иқтисодӣ, чӣ хеле маълум аст, ба ҳадди охирин расидааст.

Ҷумҳурӣ аз ҷиҳати истеҳсоли галла дар сатҳи солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аз ҷиҳати истеҳсоли картошка, сабзавот, ангур дар сатҳи солҳои 60-ум қарор дорад.

Истеҳсоли пахта соли 1994 назар ба соли 1990–ум 63 фоизро ташкил дод.

Агар соли 1993 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса бо соли пешинааш ба 19,5 фоиз кам шуда бошад, пас соли 1994 ин нишондод 31 фоизро ташкил дод. Семоҳаи аввали соли ҷорӣ ба охир расид, вале ҳанӯз ҳам нисфи корхонаҳои саноатӣ қисман ё умуман бекор хобидаанд.

Рӯйирост бояд гуфт, ки яке аз сабабҳои асосии чунин ҳолат нарасидани гази табиӣ мебошад.

Вазъият, чӣ хеле ки мебинед, бисёр вазнин аст. Аз ин рӯ, вазифаи аввалиндараҷа аз он иборат аст, ки пастравии истеҳсолот дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ боздошта шавад.

Аз нуқтаи назари стратегӣ фақат як роҳиислоҳи вазъият мавҷуд аст. Ин ҳам бошад, гузаштан ба муносибатҳои иқтисодиёти бозаргонист.

Вале дар ин самт тақлиди кӯркӯрона ба дигарон хатои азиме мебуд.

Мо бояд ҳамон роҳеро интихоб кунем, ки ба хусусиятҳои ҷамъияту давлатамон созгор бошад. Кори таҳияи барномаи ислоҳоти иқтисодӣ ҷараён дорад ва дар вақтҳои наздиктарин аз ҷониби Ҳукумати баррасӣ карда мешавад.

Ин барнома барои ба вуҷуд овардани шароитҳое нигаронида шудааст, ки дар кори амалан ба системаи хоҷагии ҷаҳонӣ ворид шудани Тоҷикистон ва, пеш аз ҳама, ба интегратсияи иқтисодиёт дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил имкониятҳои мусоид фароҳам меоварад.

Мо дар ин самт бисёр ақиб мондаем. Хусусигардонӣ хеле суст пеш меравад. Ҷумҳурӣ то ҳол биржаи молию ашёи хом, биржаи амволи беҳаракат, биржаи фондӣ ва арзӣ, бозори когазҳои қимматнок надорад. Муҳити бозорӣ тамоман ба таври бенизом ва худ ба сари худ ташаккул меёбад.

Бинобар ҳамин, бо Фармони Президент "Дар бораи тадбирҳои аввалиндараҷаи инкишофи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ ва тезондани гузариш ба муносибатҳои бозорӣ" кӯшиш карда шуд, ки ба ислоҳот такон бахшида шавад ва идорашавандагии равандҳои иқтисодӣ таъмин гардад.

Мо барои аз бӯҳрони идоракунӣ раҳо ёфтан қадамҳои аввалин мегузорем. Фишангҳои идоракунӣ ҳанӯз пурра ба кор надаромадаанд. Дар сохторҳои иқтисодиёт ҳанӯз ҳарҷу-марҷ ва бесарусомониҳо зиёданд. Дар назди корхонаҳои давлатӣ ҳар гуна корхонаҳои хурду кооперативҳо фаъолият мекунанд, ки захираҳои муҳим, фондҳои асосӣ, маблағҳои пулии давлатро бо ҳар роҳу восита аз худ менамоянд. Ба чунин бенизомӣ дигар роҳ додан мумкин нест.

Бадии кор дар он аст, ки низоми плании идоракуниро дарҳам шикаста, то ҳол механизмҳои системаи шартномавиро, ки дар бисёр давлатҳо самаранокии худро нишон додаанд, аз худ накардаем.

Нарасидани кадрҳои соҳибихтисос дар ҳамаи соҳаҳо ҳис карда мешавад, дар бисёр сохторҳои идоракунии

мутахассисони шахсони бесалоҳият ва тасодуфӣ ҷой гирифтаанд.

Ман борҳо гуфтаам, ки сиёсати тарбия ва ҷобаҷогузории кадрҳо бояд дар заминаи кордонӣ, салоҳиятнокӣ, масъулиятшиносӣ ва покии дасту виҷдон ба роҳ монда шавад. Ин вазифаест, ки ба он тамоми сохторҳои давлатӣ бояд таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир кунанд.

Масъалаи дигаре, ки моро ба ташвиш овардааст, ин робитаҳои иқтисодии хориҷии сохторҳои гуногун мебошад. Он тарзе ба роҳ монда шудааст, ки манфиатҳои ҷумҳуриро пурра таъмин карда наметавонад.

Маблағҳои арзӣ гайриқонунӣ ба беруни ҷумҳурӣ гузаронида мешаванд, механизми баргардонда гирифтани онҳо бошад, вуҷуд надорад.

Ин номгӯйро боз давом додан мумкин аст. Вале камбудии аз ҳама ҷиддӣ дар он аст, ки мо механизми асоситарини идоракунӣ — системаи пулию молиро ба вуҷуд наовардаем.

Бо сабаби нарасидани пули накд қарзи дохилии мамлакат аллакай аз 700 миллиард рубл гузаштааст.

Аз ин 400 миллиардаш қарзи маош, нафақа ва кӯмакпулӣ мебошад, ки давлат ба шаҳрвандон надодааст.

Вобаста ба ин чӣ гуфтан мехоҳам?

Аз рӯйи шартномаи байни Ҳукумати Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия мувофиқа ҳосил шудааст, ки рубли Россия дар давоми соли 1995 ба сифати воситаи қонунии муомилот дар ҳудуди Тоҷикистон гардиш мекунад. Вале, ҳамзамон, имрӯз зарурати ҷиддие пеш омадааст, ки пули миллии Тоҷикистон ба муомилот бароварда шавад.

Оид ба ин масъала муфассал сухан рондanӣ нестам, зеро он дар чаҳорчӯбаи дигаргунсозии тамоми системаи молиявӣ бояд ҳаллу фасл шавад. Бе ҳалли ин масъала дигар ҳама тадбирҳои идоракунии давлатӣ, ки ба пешгирии бозори бесарусомон ва ба вуҷуд овардани имконияти мусоиди ташаккули бозори мутамаддин равона шудаанд, самарае намедиҳанд.

**Вакилони мӯҳтарам!**

Ҳалли вазифаҳои мураккаби таъмини истиқлолияти воқеии давлат имрӯз аз бисёр ҷиҳат ба эҳсоси ватандӯстии умумимиллӣ, муттаҳидии тамоми қувваҳои ҷамъият вобаста аст.

Тоҷикистон — Ватани воҳид, Модари ягонаи тамоми тоҷикистониён аст. Онро бо ваҳдат, ҳамдилию ҳамдастӣ, бо такя ба нерӯи худ ва захираҳои дохилӣ ба кишвари пешрафтаю мутамаддин табдил медиҳем.

Мувофиқи Конститутсияи ҷумҳурӣ, ки дар он иродаи мардум аниқ таҷассум ёфтааст, Тоҷикистон давлати ягона буда, тамомияти арзии он тағйирнопазир аст.

Шумо медонед, ки минтақаҳои кишвар дар сатҳи гуногуни тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ қарор доранд.

Аз ин рӯ, ба тараққиёти сохторҳои ёрирасони байниминтақавии истеҳсолӣ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намудан лозим аст. Дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин ба итмом расондани сохтмони роҳҳои оҳани Қӯрғонтеппа — Кӯлоб, Самарқанд — Панҷакент, роҳи мошингарди Кӯлоб — Дарвоз аҳамияти ҳаётан муҳим дорад. Ин имконият медиҳад, ки барои бартараф намудани ақибмонии иқтисодии минтақаҳои ҷумҳурӣ замина гузорем ва як қатор масъалаҳои иҷтимоиро ҳал кунем.

Ғайр аз ин, сохтмони туннели Анзобро низ аз мадди назар дур кардан лозим нест ва корҳоро дар ин объекти муҳим барқарор бояд кард.

Ба истифода додани навбати аввали нерӯгоҳи барқи обии Помирро метавон ҳамчун муваффақияти ба назар намоён арзёбӣ кард. Барои идома додани сохтмони он имкониятҳои заруриро фароҳам овардан лозим аст.

Энергетика дар маҷмӯъ мисли занҷирест, ки иқтисодиёти кишвари кӯҳсори моро муттаҳид месозад ва онро ба як организми яклухт табдил медиҳад.

Бар иловаи сохтмони чунин объектҳои бузурге мисли нерӯгоҳҳои барқи обии Роғун ва Сангтӯда, боз бунёди нерӯгоҳҳои хурди барқи обие, ки метавонанд сатҳи зиндагии маҳалҳои дурдасттаринро баланд бардоранд, аҳамияти бузурги стратегӣ дорад.

Барои ин барномаи махсус ҳам мавҷуд аст, фақат онро дар амал татбиқ бояд кард.

Ҳамчунин зарурат пеш омадааст, ки ба масъалаи истифодаи захираҳои обӣ, ки боигарии давлат аст, диққати ҷиддӣ диҳем.

Раванди огозгардидаи ҷудо кардани моликияти давлатӣ бояд бо дарназардошти мувофиқати манфиатҳои марказ ва минтақаҳо ба тартиб дароварда шавад. Қонунҳои

амалкунанда ба мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ҳуқуқҳои васеъ додаанд. Ва ин дуруст аст.

Вале мо медонем, ки баъзан объектҳои дорои аҳамияти умумидавлатӣ бо қарори мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ба истифодаи сохторҳои шубҳанок дода мешаванд. Чунин ҳодисаҳо бояд сари вақт қатъиян пешгирӣ карда шаванд.

Аз тарафи дигар, раванди хусусигардонии моликияти коммуналиро ба низом даровarда, онро ҳамчун манбаи пурра кардани маблағ барои инкишофи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо истифода бурдан лозим аст.

Ҳоло, ки ташаккули ҳокимияти маҳаллии иҷроия асосан ба итмом расидааст, масъулияти тараққиёти минтақаҳо дар навбати аввал ба зиммаи намояндагони Президент — раисони вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо гузошта мешавад.

Зарур аст, ки дар байни вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ҳамкориҳо ривоҷ дода шаванд, тамоми воситаҳои ҳамгироӣ ва ғанигардонии анъанаҳо, мубодилаи ахбору дастовардҳои фарҳангӣ, ташаккулу густариши сарватҳои маънавии халқҳои сокини кишвари пурфайзамон мавриди истифода қарор гиранд.

Мо ва шумо, депутатҳои муҳтарам, барои таъмини ваҳдату якпорчагии миллат ва таҳкими истиқлолияти Тоҷикистони азиз масъул мебошем.

Мавзӯи кафолатҳои истиқлолият, ягонагӣ ва тамомияти арзии давлат ба масъалаи сохтмони Нерӯҳои Мусаллаҳамон зич алоқаманд аст. Нерӯҳои Мусаллаҳ ба мо танҳо барои ҳалли масъалаҳои мудофиа заруранд. Тоҷикистон ба касе таҳдид намекунад ва сиёсати сулҳдӯстонаро ба роҳ монда, истиқлолияти мамлакатҳои дигарро эҳтиром мегузорад.

Мо меморандуми Алмааторо дар бораи ҳимояи сулҳ ва осоиш дар Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил имзо карда, ҳамроҳ бо дигар мамлакатҳо ӯҳдадор шудем, ки аз ҳама гуна намудҳои фишори низомӣ, иқтисодӣ ва ғайра худдорӣ хоҳем кард.

Зиёда аз он, мо тарафдори инкишофи минбаъдаи тамоми маҷмӯи созишномаҳои дутарафа оид ба бунёди фазои ягонаи низомию сиёсии давлатҳои аъзои Иттиҳод мебошем. Аз ин хотир, ислоҳоти ҳарбиро ба роҳ монда, сатҳи омодагии Нерӯҳои Мусаллаҳи ҷумҳуриро мувофиқан баланд бардоштан лозим аст.

Вазорати мудофиа ва идораҳои тобеи он, мақомоти маҳаллии ҳокимият барои он масъул ҳастанд, ки шаҳрвандони мамлакати мо хизмати Ватанро сарбаландона иҷро карда, манфиатҳои давлатро ҳимоя намоянд, бехатарии онро мустаҳкам кунанд.

**Вакилони мӯҳтарам!**

Вазъи воқеии Тоҷикистон ва мақоми он дар ҷаҳони имрӯза, пеш аз ҳама, бо он қиёс мешавад, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, ҳар як шаҳрванд, ки Конститутсия эълон кардааст, то кадом андоза дар амал татбиқ мегарданд.

Комилан рӯшан аст, ки риояи ҳуқуқу озодиҳои конститутсиониро дар кишвари мо шароити бӯҳрони амиқи иқтисодӣ душвор мегардонад. Вале ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ, аз қашшоқию нодорӣ наҷот додани аҳолӣ ба мо ҳуқуқ намедиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба риояи ҳуқуқи инсонро ба таъхир гузорем. Зеро он дар маҷмӯъ як ченаки умумибашариест, ки сатҳи тамаддуни ҷомеаро муайян менамояд.

Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ таъмини ҳуқуқҳои иқтисодӣ, қабл аз ҳама, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ ба мадди аввал мебарояд.

Ғайридавлатгардонии моликият ба муқобилияти сахти мансабдороне, ки фишангҳои идоракуниро аз даст додан намехоҳанд, дучор мешавад. Бо ҳамин сабаб ислоҳоти замин низ суст пеш меравад.

Ҳарчанд, ки сектори хусусии деҳот дар сурати ба ихтиёр доштани ҳамагӣ 10 фоизи заминҳои обии ҷумҳурӣ аз нисф зиёди маҳсулоти хуроквориро истеҳсол мекунанд, вале ба ин нигоҳ накарда, ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ гайри қаноатбахш сурат мегирад.

Як мулоҳиза кунед: мо чӣ қадар заминҳои бекорхобида дорем. Дар сурати ба кор андохтани онҳо шароит фароҳам меояд, ки истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ афзунтар гардад, як қисми мардум сарчашмаи рӯзгузаронӣ пайдо кунад ва муҳимтарин ҳуқуқи иҷтимоӣ — ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳимоя аз бекорӣ то андозае ҳалли худро ёбад.

Вале ҳақиқат чунин аст, ки аксари онҳое, ки аъзои коллективҳои меҳнатӣ мебошанд, дар асл қисман ё умуман бекоранд. Аз ин рӯ, бунёди ҷойҳои нави корӣ, барқарор намудани иқтидорҳои азкормонда бо масъалаи ҳимояи ҳуқуқи иҷтимоии шаҳрвандон алоқаманд мегардад.

Марҳилае фаро расидааст, ки мо бояд аз низоми рухсатдиҳӣ ба низоми бақайдгирии бунёди корхонаҳои шакли моликияташон гуногун шурӯъ намоем, амалан ҳуқуқҳои соҳиби моликиятро ҳифз кунем.

Ба онҳое, ки корхонаҳои нави дорои технологияи пешқадам месозанд ва ба моли онҳо дар бозори ҷаҳонӣ талабот ҳаст, пеш аз ҳама, ба мулкдорони хусусӣ, қарзҳои имтиёзнок додан лозим аст. Барои шиддати бекориро кам кардан гардиши озодонаи қувваи корӣ, аз ҷумла берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ баровардани онро таъмин бояд кард.

Вобаста ба ин, як қатор масъалаҳоро дар сатҳи байналхалқӣ ҳаллу фасл кардан лозим меояд.

Аз ҷониби дигар, муҳим аст, ки низоми ҳавасмандӣ ба меҳнат, пеш аз ҳама, принсипи манфиатдории моддӣ барқарор ва кафолатҳои таъминоти иҷтимоӣ татбиқ карда шавад.

Вобаста ба ин чанд сухан дар бораи нафақахӯрон гуфтан мехостам. Дар ҷумҳурии мо оид ба таъминоти нафақахӯрон қонуни хуб қабул карда шудааст. Мутаассифона, бо сабабҳои вобаста ба вазъи имрӯза, аз ҷумла нарасидани пули нақд, ин қонун ба пуррагӣ амалӣ намегардад ва пардохти нафақа тӯл мекашад. Ба чунин ҳолат минбаъд роҳ додан мумкин нест. Пули нақде, ки мо бо душвории зиёд ба даст меорем, бояд пеш аз ҳама, барои пардохти нафақаҳо истифода карда шавад.

Як чизро мехостам махсус таъкид кунам: ҷашни 50-солагии Ғалабаи Бузург наздик мешавад. Мо бояд тамоми чораҳои заруриро андешем, ки Фармони Президент дар бораи ғамхорӣ ба собиқадорони ҷанг пурра дар амал татбиқ гардад ва ягон нафар иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҳамчунин онҳое, ки дар барқарории сохти конститутсионӣ саҳм гирифтаанд, оилаҳои ҳалокшудагон аз мадди эътибор дур намонанд.

Дар бобати амалӣ гардондани ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба манзил низ корҳои зиёдеро анҷом додан лозим аст. Мутаассифона, дар натиҷаи амалиётҳои мусаллаҳонаи соли 1992 як қисми сокинони ҷумҳурӣ аз манзили худ маҳрум гардиданд.

Ҳоло фақат нисфи он хонаҳои вайрона аз нав барқарор гардидаанд. Бисёр хонаҳои холимонда ғайриқонунӣ аз худ карда шудаанд.

Вазоратҳо ва мақомоти идораи маҳаллӣ бояд истифодаи бомақсади маблағҳои буҷетии барои сохтмон ва барқарор кардани манзилҳои зарардида ҷудошударо таҳти назорати қатъӣ гирифта, тақсими одилонаи онро таъмин кунанд, хонаҳоро ба соҳибони аслиашон баргардонанд.

Паст шудани сатҳи нигаҳдории тандурустии давлатӣ низ шаҳрвандони ҷумҳуриро ба ташвиш овардааст. Аз ҷумҳурӣ рафтани кадрҳои баландихтисос, камии пул, дорувории зарурӣ имкон намедиҳад, ки дар ин соҳа беҳбудие ба вуҷуд оварда шавад.

Тадбирҳои таъхирнопазири ислоҳи вазъи соҳаи тандурустиро дарёфт кардан ва ба амал баровардан лозим аст.

Масалан, дар таъмини шароит барои амалӣ гардидани ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон сохторҳои таъсисёбанда ва амалкунандаи соҳибкорӣ метавонанд нақши муҳим дошта бошанд.

Муайян кардан лозим аст, ки чӣ тавр онҳоро ҳавасманд гардонем, то қисми фоидаро, ки ба даст меоранд, барои беҳбудии хизматрасонии тиббӣ, ба эътидол овардани пардохти нафақа ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ сарф намоянд.

Сохторҳои соҳибкорӣ ҳамчунон ки дар давлатҳои мутамаддин ҳаст, метавонанд барои ҳимоя ва дастгирии соҳаи иҷтимоиёт, аз ҷумла соҳаҳои ниҳоят муҳим — илм, маориф ва фарҳанг манбаҳои ёрирасон ва хайрия таъсис диҳанд ва дар пешрафти онҳо саҳмгузор бошанд.

Фақат миллате, ки барои рушду такомули илму маориф ва фарҳанг гамхорӣ зоҳир мекунад, ба давлатдорӣ сазовор аст.

Мо бояд ба ин васияту насиҳати ниёгонамон содик бошем ва анъанаи эҳтиром ба устод, ба муаллим, яъне эҳтиром ба ашхоси боилму фарҳанг ва бомаърифатро ҳифз кунем ва идома диҳем.

Имрӯз муҳимтарин вазифа иборат аз он аст, ки ҳимояи иҷтимоии олимону муаллимон таъмин ва иқтидори ақлонии ҷомеа нигоҳ дошта шавад.

Низоми таълим дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ ислоҳоти ҷиддӣ мехоҳад. Махсусан, сифати тайёр кардани мутахассисон ба талабот ҷавоб намедиҳад, он аз меъёрҳои ҷаҳонӣ хеле ақиб мондааст.

Ин бошад, ба ҷомеа зарари калони моддӣ ва маънавӣ мерасонад.

Зарурате пайдо гардидааст, ки мазмуну мундариҷаи маълумоти олӣ, махсусан, нақшаҳои таълим, барномаҳои мактабҳои олӣ, тамоми самаранокии кори ин таълимгоҳҳо аз нав дида баромада шавад.

Тағйири сохтор ва фаъолияти Академияи илмҳо, пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ талаби ҷиддии ҳаёт аст.

Вале маълум аст, ки инкишофи илм бе мустаҳкам кардани заминаи маълумоти миёна имконнопазир аст.

Ислоҳот дар ин соҳа бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки барои интихоб ва тарбияи бачаҳои боистеъдод роҳ кушояд. Ба фикрам, аз ҳисоби фондҳои махсус ташкил кардани мактабҳо барои наврасон ва ҷавонони болаёқат, аз ҷумла ташкили чунин мактаб аз ҳисоби фонди Президент мувофиқи мақсад мебуд.

Давлат вазифадор аст, ки дастрас будани тамоми зинаҳои маълумот, аз ҷумла маълумоти олиро барои тамоми шаҳрвандон, новобаста аз мақоми иҷтимоӣ ва имконоти моддиашон таъмин намояд.

Ҳаргиз роҳ додан мумкин нест, ки ҳарҷумарҷи бозор маданияту фарҳангро поймол кунад.

**Депутатҳои муҳтарам!**

Дар низоми кафолатҳои конститутсионӣ ӯҳдадории давлат дар бобати ҳифзи шахсият аз ҳама гуна қонуншиканӣ мақоми хоса дорад.

Дар асоси Конститутсия ва қонунҳо амал карда, мо бояд ба зуҳуроти ҳама гуна ҷабру зӯроварӣ, ки аз ҷанги гражданӣ ба мо мерос мондааст, хотима диҳем, қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро мустаҳкам намоем.

Фармони Президенти мамлакат аз 2-юми декабри соли 1994 "Дар бораи ихтиёран супоридан ва мусодира кардани силоҳи оташфишон, лавозимоти ҷангӣ ва техникаи ҳарбӣ аз аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба ин раванд такони муассире бахшид.

То ба имрӯз ихтиёран ва иҷборан ҳазорҳо воҳид яроқи оташфишон, техникаи ҳарбӣ ва садҳо ҳазор муҳиммоти ҷангӣ гирифта шудааст. Бо ҷаҳду талоши мақомоти ҳифзи ҳуқуқ амали даҳҳо гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ва дастаҳои ҷинояткору роҳзан боздошта шудаанд. Шумораи

ҷинояткориҳо бо истифодаи силоҳи оташфишон ба таври назаррас кам гардид.

Минбаъд низ муборизаро ба муқобили ҷинояткорӣ пурзӯр хоҳем кард. Дар айни замон, сатҳи баланди ҷиноякориҳои вазнин, аз ҷумла бо истифода аз яроқи оташфишон ҳанӯз ҳам ташвишовар аст.

Бисёре аз онҳо, махсусан, сӯйиқасдҳои террористӣ ба муқобили шахсони масъули давлатӣ, депутатҳои Парламент, хизматчиёни ҳарбӣ ошкор нашуда мемонанд. Ин эътибори ҳокимиятро дар назари мардум паст мезанад.

Вазорати корҳои дохила, Вазорати амният, Прокуратураи ҷумҳурӣ барои пурзӯр кардани мубориза ба муқобили ҷиноякорӣ ва сари вақт ошкор намудани ҳама гуна ҷиноятҳо дар назди давлат ва халқ масъул мебошанд.

Фармони Президент аз 21 декабри соли 1994 "Дар бораи чораҳои таъхирнопазири минбаъд беҳтар намудани фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ, амният ва Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон" маҳз ба ҳамин мақсад равона карда шудааст.

Аттестатсияи ҷузву томҳои Вазорати корҳои дохила, Вазорати амният ва Қувваҳои Мусаллаҳ амалан ба анҷом расидааст.

Ба он муяссар шудан лозим аст, ки дар ҳайати роҳбарии мақомоти мазкур ва ҷузву томҳои онҳо кадрҳои арзандаю баландихтисосе кор кунанд, ки барои мубориза бо ҷинояткорӣ қодир бошанд.

**Депутатҳои муҳтарам!**

Давлате, ки худро демократӣ меҳисобад, бояд хизматгузори мардум бошад.

Дар Тоҷикистон манбаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ халқ аст.

Ҳокимияти халқ бевосита ва инчунин ба воситаи намояндагони мардум дар маҷлисҳо, дар навбати аввал, дар Маҷлиси Олӣ, ки мақоми олии қонунгузор аст, ба амал бароварда мешавад.

Ҳеҷ гуна ташкилоти ҷамъиятӣ, гурӯҳи одамон ва ё шахси алоҳида ҳуқуқи аз худ кардани ҳокимияти давлатиро надорад. Дар айни замон, ҳокимияти давлатӣ дар асоси ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ тақсим шудани он амал мекунад

Ин принсипҳо дар Конститутсияи мо инъикос ёфтаанд. Сарфи назар кардани онҳо, ба ҳам муқобил гузоштани шохаҳои мухталифи ҳокимият ба бесарусомонӣ, парешонӣ ва мухолифат дар ҷомеа оварда мерасонад. Инро на танҳо воқеаҳои маълуми Тоҷикистон, балки нооромиҳои сиёсӣ дар баъзе кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил низ шаҳодат медиҳанд.

Ҳамчун Президенти ҷумҳурӣ ман вазифаи худро дар он мебинам, ки минбаъд дар ҷамъияти мо ба чунин ҳолат роҳ дода нашавад, фаъолияти муназзаму ба ҳам мувофиқ ва ҳамкории мақомоти давлатӣ амалан таъмин гардад.

Таҳлили ҳамаҷонибаи ин вазифаи муҳим маро ба хулосае овард, ки ҳоло дар ҷумҳурӣ зарурати ба роҳ мондани ислоҳоти ҳуқуқӣ ба миён омадааст. Мехоҳам дар ин хусус баъзе ақидаҳои худро иброз намоям.

Шӯрои Олии даъвати XII дар давраи ваколаташ қонунҳои зиёде қабул кардааст, ки имрӯз аксари онҳо ба таҷдиди назар ва аз нав кор кардан эҳтиёҷ доранд. Зарур аст, ки пеш аз ҳама, қонунҳои конститутсионӣ таҳия ва қабул карда шаванд.

Мувофиқи Қонун "Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул ва татбиқи амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ин корро то 6-уми ноябри соли ҷорӣ анҷом додан лозим аст.

Дар ин самт кори такмили қонугузорӣ ва таҳияи қонунҳои нави вобаста ба татбиқи ислоҳоти иқтисодиро ман дар мавқеи аввал мегузоштам.

Масалан, Қонуни моликиятро мегирем, ки соли 1990 қабул шудааст. Ҳоло аксарияти нишондодҳои ин қонун ба вазъи имрӯза созгор нест. Дар он мафҳуми моликияти хусусӣ, ки мо бояд эътиборашро баланд бардорем ва амалан онро ҳимоя кунем, ҷой надорад.

Имрӯз таҳияи қонунҳо "Дар бораи биржаҳои асъор", "Дар бораи ҳифзи тиҷорати хурд ва соҳибкории хусусӣ", "Дар бораи консессияҳо" чун обу ҳаво заруранд.

Ба қонунҳо "Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ", "Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ" ва як қатор қонунҳои дигар тағйироту иловаҳо дохил кардан лозим аст.

Қонунгузорӣ оид ба андоз бояд ба афзоиши истеҳсолот мусоидат кунад, инвесторон, аз ҷумла инвесторони хориҷиро ҳавасманд гардонад.

Аз тарафи дигар, вақти он расидааст, ки ба вайронкунии беинсофонаи интизоми андоз хотима гузошта шавад ва талаботро дар ин соҳа пурзӯр кардан зарур аст.

Самти афзалиятноки дигар, ин такмили бунёди қонунгузории сиёсати давлат дар таъмини ҳуқуқи иҷтимоии шаҳрвандон мебошад.

Тадбирҳои қонунгузорие заруранд, ки оқибатҳои манфии иҷтимоии дигаргунсозиҳои бозориро сабуктар гардонанд, пеш аз ҳама, фарқиятҳои ҷиддии молиро дар ҷамъият пешгирӣ кунанд, табақаҳои ғайриқобили рақобат дар бозори меҳнат — ҷавонон, занон, маҷрӯҳонро дастгирӣ намоянд. Бозори мутамаддин — ин самараи инкишофи тӯлонии ҷамъият аст, онро бо зӯрӣ татбиқ карда намешавад.

Мехостам таваҷҷӯҳи шуморо, вакилони мӯҳтарами халқ, ба зарурати фавқулоддаи таҳияи маҷмӯи қонунҳои дигар ҷалб намоям. Сухан дар бораи аз нав дида баромадани қонунҳо оид ба ҷиноят, қонунҳои мурофиаи ҷиноятӣ меравад, ки ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ, таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқи шахсият ва ҷомеа аз сӯйқасдҳои ҷинояткорона равона гардидаанд.

Санадҳое, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқро танзим мекунанд, қонунҳо дар бораи силоҳ, дар бораи мубориза бо ҷиноятқории муташаккилона, дар бораи ришвахӯрӣ бояд дар навбати аввал таҳия ва қабул карда шавад.

Ақидае мавҷуд аст, ки пурзӯр кардани ҷазо барои пешгирии ҷиноякорӣ мусоидат намекунад. Вале мо ҳама шоҳиди он ҳастем, ки имрӯз олами ҷиноятқор бисёр аз ҳуд рафтааст ва муқобилиятро бар зидди давлат муташаккилона ҳар чӣ бештар шиддат мебахшад.

Ман пешниҳод мекардам, ки ҳуқуқшиносон, сиёсатмадорон ва мутахассисон дар бораи он андеша кунанд, ки чӣ тавр бо дарназардошти шароитҳои конкретии ҷамъияти мо ҷазоҳоро барои ҷинояти содиршуда пурзӯр кардан мумкин аст.

Барои ба таври нав бунёд кардани тамоми системаи қонунҳо, албатта, вақт лозим аст. Мақоми олии қонунгузор доимоамалкунанда нест, Раёсати Маҷлиси Олӣ бошад, салоҳияти қонунгузорӣ надорад.

Дар чунин шароит Президент дар доираи салоҳиятҳои худ ҳамчун кафили ҳамоҳангсозии фаъолият ва ҳамкориҳои мақомоти давлатӣ фармонҳо интишор медиҳад.

Барои тезонидани суръати ҳалли вазифаҳои ислоҳоти ҳуқуқӣ ба Маҷлиси Олӣ, Президент, Ҳукумат ва мақомоти дигари дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ зарур аст, ки фаъолияти худро дар ин самт муттаҳид созанд.

Вале бар замми ҳамаи ин, боз механизмҳое заруранд, ки масъулияти комили татбиқи амали қонунҳоро таъмин намоянд.

**Депутатҳои муҳтарам!**

Муҳимтарин ҳадафи ислоҳоти ҳуқуқӣ таъмини волоияти қонун мебошад, ки ислоҳоти судӣ як рукни асосии он ба шумор меравад. Корро дар ин самт, бешубҳа, аз таҳияи қонунҳои конститутсионӣ дар бораи сохтори судӣ, ки низоми мукаммали ҳокимияти судиро ташкил менамояд, оғоз кардан лозим аст.

Суди конститутсионӣ ҳам як рукни ҳокимияти судист, ки аҳамияту мақоми он дар тақсимоти ҳокимият басо муҳим мебошад. Баҳсу мунозираҳо миёни мақомоти давлатӣ доир ба ҳуқуқу салоҳияти онҳо акнун на бо роҳи фишори як рукни давлатӣ ба дигараш, балки ба воситаи Суди конститутсионӣ ҳал карда мешавад.

Волоияти қонун ин баробарии ҳама ва ҳар кас, аз ҷумла мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ дар назди қонун мебошад.

Ислоҳоти судӣ бояд барои баланд бардоштани обрӯй ва эътибори суд дар ҷамъият ҳамчун мақоми асосии давлати ҳуқуқбунёд мусоидат кунад.

Мардум бояд ба суд ҳамчун ба як мақоме муроҷиат кунанд, ки воқеан ҳам шаҳрвандон ва манфиатҳои онҳоро ҳимоя карда метавонад.

Ҷамъияте, ки мо месозем, дар асоси гуногунақидагии сиёсӣ ва идеологӣ инкишоф меёбад. Чунон ки маълум аст, намояндагони ҳизбҳои гуногун ба Маҷлиси Олӣ депутат интихоб шудаанд.

Меъёри қавию устувори баҳо додан ба баҳсу мунозираҳои парламентӣ ин риояи Конститутсия мебошад.

Фаъолияти амалии Маҷлиси Олӣ ва мақомоти он, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ аллакай ҳамин сол имкон медиҳад, ки самтҳои зарурати такмили қонунгузории интихобот, қонунгузорӣ дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ

ва дигар санадҳое, ки роҳҳои ҳамкории сохторҳои ҷамъияти ва давлатро нишон медиҳад, муайян карда шавад.

Матбуот, телевизион ва радиошунавонӣ аз воситаҳои ниҳоят муҳими таблиғоти сиёсати дохилию хориҷии давлат буда, дар кори ба омма фаҳмондани моҳияти он, таъмини иштироки фаъолонаи мардум дар ҳалли бошууронаи вазифаҳои муҳимтарини ҳаёти кишвар мақоми аввалин дараҷа доранд.

Имрӯз, ки мо марҳалаи азнавсозии муносибати ҷомеаро аз сар мегузаронем, нақши сухан хеле муҳим аст. Сухан, чунон ки мардуми мо аз таҷрибаи хеш фаҳмид, метавонад ҳам ба дард марҳам бошад ва ҳам қодир аст, тамоми ҷомеаро ба гирдоби фоҷиа кашонад.

Маҳз аз ин рӯ, давлат дар оянда низ таблиғотеро, ки барои барҳам задани пояҳои конститутсионии ҷомеа, паҳн намудани идеяҳои ба ахлоқи умумибашарӣ бегона даъват менамоянд, зӯроварӣ, бераҳмӣ, бадахлоқиву фосиқии маънавиро талқин мекунанд, пешгирӣ хоҳад кард.

Мувофиқи мақсад мебуд, ки воситаҳои ахбор ҳамчун оинаи афкори умум ва дар айни замон, воситаи ташаккули он дар татбиқиислоҳоти минбаъдаи демократӣ саҳм гиранд.

Мо бояд гаштаю баргашта ба маҷмӯи масъалаҳои марбут ба фаъолияти созмонҳои динӣ, таъмини кафолатҳои конститутсионии озодии эътиқод дар мамлакатамон таваҷҷӯҳ зоҳир кунем.

Сарфи назар аз он, ки мувофиқи Конститутсия дар ҷумҳурии мо дин аз давлат ҷудост, вале ман итминони комил дорам, ки динҳои ислому масеҳӣ, яҳудию буддоӣ чун мероси бузурги фарҳанги умумибашарӣ ҳамеша мавриди эҳтиром қарор хоҳанд дошт ва барои пойдории сулҳу субот дар хонадони умумии мо мусоидат хоҳанд кард.

Ҳамаи гуфтаҳоро дар мавриди тактика ва стратегияи сиёсати дохилӣ ҷамъбаст карда, ҳаминро гуфтанӣ ҳастам, ки роҳи расидан ба мақсадро, пеш аз ҳама, дар фаҳмиши оқилонаи зиндагӣ, бо дарназардошти талабот ва имконоти воқеии кишвар ва муттаҳид сохтани тамоми нерӯҳои солими ҷомеа мебинам.

Танҳо бо ин роҳ мо метавонем Тоҷикистонро ба давлате табдил диҳем, ки сиёсаташ, ҳамчуноне дар Конститутсия омадааст, ба таъмини ҳаёти арзанда ва рушди озодонаи инсон равона шудааст.

**Депутатҳои мӯҳтарам!**

Кишварҳои дигар вазъи ҷумҳурии моро бо диққат мушоҳида мекунанд. Мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон, ки шоири маъруф Мирзо Турсунзода онро "Дарвозаи Шарқ" номида буд, масъулияти махсусеро ба зиммаи мо мегузорад, ки аз ин дарвоза роҳ ба сӯйи сулҳу субот оғоз гардад.

Таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик яке аз миллатҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ ва дунёст. Барои миллати мо на ҷангу зӯроварӣ, балки фарҳангдӯстию сулҳпарварӣ, одобу ахлоқи ҳамида, шаҳрдорию бунёдкорӣ, меҳмоннавозию инсондӯстӣ хос будааст.

Ба ёд оред, таълимоти гузаштагони бузургонамонро, аз Авасто сар карда то Рӯдакию Фирдавсӣ, Саъдию Ҳофиз, Хайёму Сино, Румию Ҷомӣ, Айнию Лоҳутӣ.

Тоҷикони тамоми дунё ба Тоҷикистон бо чашми умед менигаранд, мо бояд умеди онҳоро сазовор бошем.

Мо дар ин чанд соли охир талхии зиндагиро чашидем ва намехоҳем, ки фоҷиаи Тоҷикистон дар ягон минтақаи дигаре такрор шавад.

Дар номаи хеш ба Сарони кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ман онҳоро даъват намудам, ки тамоми нуқтаҳои доғро дар мамлакатҳои мухталиф хомӯш созем, имкон надиҳем, ки гурӯҳҳои ба ҳам муқобил ҷомеаро аз ҳам пора кунанд.

Таърихи миллати кӯҳани мо пур аз фоҷиаю ходисаҳои ибратомӯз аст. Ҳарчанд, ки халқи тоҷик дар таърихи мавҷудияташ нисбат ба халқҳои дигар зулму бадкориеро раво надидааст, вале бадхоҳону душманонаш ҳамеша кӯшиш мекарданд, ки дар миёни онҳо ҷудоӣ андозанд, тухми низову адоват коранд, миллати тоҷикро ба вартаи худкушӣ кашонанд.

Имрӯз баъд аз фоҷиаҳое, ки ба сарамон омад, мо бояд аз гузаштаи талхи таърихамон сабақ омӯзем.

Аз ин хотир, дар ҳамкории зич бо ташкилотҳои байналхалқӣ мо ба он мекӯшем, ки ҷараёни гуфтушунидҳои сулҳомезро бо мухолифин бомуваффақият анҷом диҳем, тамоми гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонем.

Суботи сиёсӣ ва сулҳу осоиш дар ҷумҳурӣ — шарти асосии ворид шудани кишвари мо ба тамаддуни муосир, ба

низоми муносибатҳои байналхалқӣ мебошад, ки бар пояи ҳусни ҳамҷаворӣ, баробарӣ ва манфиатҳои муштарак қарор дорад.

Бо гузоштани эҳтиром ба ин принсипҳо мо самтҳои асосии сиёсати хориҷии худро муайян менамоем.

Натиҷаҳои мулоқоти Алмаато, муносибатҳо дар сатҳи Сарони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил умеди моро ба такомули интегратсияи Давлатҳои аъзои он қавитар месозад. Ин ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон мувофиқ аст.

Мо ба муносибатҳои дуҷониба, пеш аз ҳама, ба Россия ва давлатҳои Осиёи Марказӣ низ аҳамияти ҷиддӣ хоҳем дод. Дастгирии онҳо ҳам дар бобати ҳалли масъалаҳои мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳам вазифаҳои таъмини бехатарии мамлакат пураҳамият аст.

Дар ҳамкории ин кишварҳо ва дигар давлатҳои дӯст, ташкилотҳои байналхалқӣ мо ба он мекӯшем, ки шиддати вазъият дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон аз байн бардошта шавад ва сарҳадоти ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба минтақаи сулҳу оромӣ табдил ёбад.

Аз ин мавқеъ, тамоми кӯшишҳои дипломатии мо барои бо роҳи сиёсӣ ҳал гардидани зиддиятҳои мусаллаҳонаи дохилии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон равона хоҳанд шуд.

Мо кӯшиш менамоем, ки бо кишварҳои Аврупои Ғарбӣ, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Канада шарики муносиб бошем ва омода ҳастем, дар ин самт қадамҳои устувор гузорем.

Ҳамкориҳои мо бо ташкилотҳои байналхалқӣ дар оянда низ дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкории Аврупо ва дигар ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ ривоҷ хоҳанд ёфт.

Мо барои мустаҳкам кардани натиҷаҳои мусбате, ки дар ҷараёни мулоқотҳои ба наздикӣ барпогардидаи дуҷониба ва бисёрҷонибаи сатҳи олӣ дар Будапешт, Касабланка, Копенгаген, Исломобод ба даст омаданд, ҷаҳду талош хоҳем кард.

Фазои мусоиди сиёсии байналхалқӣ, ки мо тавонистем бо шарикони хайрхоҳи худ барқарор созем, барои дигаргуниҳои конститутсионӣ, рушди равандҳои демократӣ дар кишвар омили муҳиме гардид.

Сиёсати ҳамсоягии некро пеш гирифта, мо минбаъд низ робитаҳои худро бо кишварҳои Осиё, аз ҷумла бо давлатҳои бонуфузе мисли Япония, Хитой, Ҳиндустон, Покистон, Эрон ва Туркия мустаҳкам хоҳем кард.

Барои ба мақсад расидан, моро зарур аст, ки ба баҳр роҳ ёбем. Зимни мулоқотҳоямон дар Исломобод ин мавзӯъ дар маркази диққати мо буд.

Хушбахтона, пешниҳоди мо дар бораи бунёди роҳи Хоруғ – Қароқурум, ки моро ба бандари Қарочӣ мебарорад, аз ҷониби роҳбарияти Покистон бо хушӣ пазируфта шуд ва онҳо изҳори омодагӣ карданд, ки дар бунёди ин роҳ фаъолона саҳм гиранд.

Умедворам, ки муносибатамон бо кишварҳои олами араб низ ривоҷ хоҳад ёфт ва аз ҷумла сафари дарпешистодаи мо ба давлати Қувайт ба ин мусоидат хоҳад кард.

Дар навбати худ, ҳаракати устувору бемайлони мо дар ин роҳ мартабаи фаъолияти сиёсии хориҷии моро баланд бардошта, обрӯйи миллати тоҷик ва давлати Тоҷикистонро чун давлате, ки аз номгӯйи “минтақаҳои доғ”-и ҷаҳон берун шудааст, бештар хоҳад кард.

**Депутатҳои мӯҳтарам!**

Ман назари хешро оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар, таъмини пояҳои қонунгзории он ба таваҷҷӯҳи шумо пешниҳод кардам.

Иҷозат диҳед, боварӣ изҳор кунам, ки Парламенти нав, Президент ва Ҳукумат, дар маҷмӯъ давлат ва халқ бо нерӯи муттаҳидонаи хеш ба он муяссар мешаванд, ки кишвари мо оқибат қомат меафрозад ва ба сӯйи ояндаи мутамаддин қадамҳои устувор мегузорад.

**Ташаккур барои диққататон!**

# САБАҚИ БУЗУРГ

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ БОТАНТАНА БАХШИДА БА 50-СОЛАҒИИ ҒАЛАБА

7 майи соли 1995

**Ветеранҳои азиз,**
**дӯстони муҳтарам,**
**меҳмонони гиромӣ!**

Имрӯз мардуми Тоҷикистон дар қатори ҳамаи халқҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, тамоми мардумони тараққихоҳу сулҳпарвари дунё 50-солагии Ғалаба бар фашизмро ботантана ва шукӯҳи хоса ҷашн мегирад.

Ман бо камоли мамнуният ҳамаи шумо ва пеш аз ҳама собиқадорони Ҷанги дуюми ҷаҳонро, ки 50 сол муқаддам ин Ғалабаи Бузургро таъмин карданд, аз самими қалб табрику муборакбод менамоям.

Ба шумо, падарону модарони азиз, саломатию бардамӣ, умри дароз, хушбахтию хушбинӣ ва осудагии рӯзгорро таманно мекунам.

Ҷанги Бузурги Ватаниро таърихшиносон барҳақ вазнинтарин ва мушкилтарин имтиҳони инсоният дар асри бистум донистаанд. Мо имрӯз дар остонаи асри навин — асри бисту як, ҳақ дорем бо як ҷаҳон ифтихору сарбаландӣ иброз намоем, ки фарзандони шарафманди Тоҷикистони мо низ якҷо бо дигар халқу миллатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ ва давлатҳои коалитсияи зиддигитлерӣ дар ин Ғалабаи Бузург саҳм гирифтанд ва аз ин имтиҳони мудҳиши таърих бо сари баланд гузаштанд.

Пирӯзӣ дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ бар иловаи он ки аҳамияти азими таърихӣ ва сиёсӣ дошт, боз ба башарият бори дигар собит кард, ки халқҳою миллатҳои гуногун сарфи

магар аз ҷаҳонбинии сиёсӣ, идеологӣ ва мазҳабиашон агар муттаҳид ва якдилу якмаром шаванд, метавонанд ҳама гуна нерӯҳои бадхоҳи инсониятро саркӯб ва мағлуб созанд.

Таърих гувоҳ аст, ки на ҷангу хунрезӣ, балки якдилию муттаҳидӣ ва дӯстии халқҳо барои пешрафти тамаддуни умумибашарӣ ва ба вуҷуд овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ, ҳусни тафоҳум ва сулҳи сартосарӣ дар сайёраамон заминаҳои мусоид фароҳам оварда метавонад.

Дарку фаҳмиши ин нукта, махсусан, дар марҳалаи ҳозираи таърихи инсоният аҳамияти басо муҳим пайдо кардааст. Магар имрӯз ҳам каманд дар дунё нерӯҳое, ки ба хотири манфиатҳои маҳдуди сиёсию минтақавӣ ё ғаразҳои худхоҳонаю ҷоҳталабонаашон дар гӯшаҳои гуногуни сайёра оташи ҷангу адоватро аланга медиҳанд, халқҳою кишварҳоро муқобили ҳамдигар шӯр меангезонанд. Аз ин рӯ, ба назари ман, санаи 50-солагии Ғалаба бар фашизм, агар аз як тараф ҷашни пурифтихор бошад, аз ҷониби дигар инсониятро огоҳ месозад, ки барои тақдири сулҳи сартосарӣ дар дунё, оромию, осоиштагӣ дар хонаи умимиамон масъулияти бештаре дошта бошанд.

Имрӯз мо ба чеҳраҳои аз ҳисси ифтихор нуронии шумо, ветеранҳои азиз, ба ордену медалҳои мисли ситора дар пеши баратон дурахшон, менигарему бо як ҷаҳон эҳсоси миннатдорию сипос онҳоеро ҳам ба ёд меорем, ки аз майдонҳои ҳарбу зарби Ҷанги Бузурги Ватанӣ барнагаштанд, барои озодии халқҳои ба мо дӯсту бародар, бароиояндаи хушбахтонаи инсоният ҷони худро нисор карданд.

Дар синаи ҳар кадоми онҳо қалби Тоҷикистон метапид, дар вуҷуди ҳар кадоми онҳо порае аз офтобу обу хоки Тоҷикистон буд.

Турбати онҳо, хуни поки онҳо Тоҷикистонро бо ҷаҳон ҷовидона пайванд додааст.

Дар симои шумо, ветеранҳои азиз, ҳам онҳоеро мебинем, ки бо зафар, бо сари баланду рӯйи сурх ба Ватан баргаштанд, дар барқарорсозию ободии кишвар боз хизматҳо карданду вале мутаассифона дар бари мо нестанд.

Мо имрӯз бо як ҷаҳон эҳсоси миннатдорию сипоси бепоён дар назди рӯҳи поки онҳо сари таъзим фуруд меорем.

Дар ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ беш аз 260 ҳазор фарзандони Тоҷикистон иштирок карданд. Барои

қаҳрамониҳои бемислу монанд, шуҷоату мардонагӣ 54 нафари онҳо бо унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, 15 нафар бо ҳар се дараҷаи ордени Шараф ва даҳҳо ҳазори дигар бо ордену медалҳои ҷангӣ сарфароз гардидаанд.

Ному корнамоиҳои фарзандони Тоҷикистон — Исмоил Ҳамзаалиев, Туйчӣ Эрйигитов, Сафар Амиршоев, Ҳоди Кенҷаев, Николай Аникин, Домулло Азизов, Александр Гордеев, Исмат Шарифов, Фатҳулло Аҳмадов, Саидқул Турдиев, Ҳайдар Қосимов ва даҳҳо дигарон дар саҳифаҳои таърихи пуршарафи Ҷанги Бузурги Ватанӣ абадӣ нақш бастаанд.

Ҳарчанд, ки хатти фронт аз сарҳадҳои Тоҷикистон дар масофаи дур мегузашт, вале мардуми ҷумҳурӣ аз хурд то бузург ҳама мушкилоту вазнинии даҳшатовари ҷангро дар вуҷуди худ эҳсос мекард, худро шарики ҳам нокомиҳо ва ҳам пирӯзиҳои мубориза бар зидди фашизм медонист.

Дар оғози ҷанг дар ҷумҳурӣ аллакай 20 соҳаи саноат, 273 корхонаи калону хурд ба фаъолият шурӯъ карда буд, даҳҳо объектҳои коркарди маъдан сохта шуданд.

Дар як муддати кӯтоҳ истеҳсоли матоъҳои техникӣ пойафзол, маводи хӯрока, консерваҳо, дорувор ба роҳ монда шуд.

Қувваи асосии корӣ дар ақибгоҳ, асосан занону наврасон буданд. Онҳо ба гуруснагию қашшоқӣ ва ҳама маҳрумиятҳои замони ҷанг нигоҳ накарда, дар як муддати кӯтоҳ касбҳои нодиртаринро азхуд менамуданд ва супоришҳои давлатиро то 200-фоизӣ ба иҷро мерасонданд. Худ гуруснаву урён буданд, вале ба хотири ғалаба, ба хотири ояндаи нек ҳама буду нобудашонро ба фронт мефиристоданд.

Дар айёми вазнини ҷанг сохтмони объектҳои саноатӣ дар ҷумҳурӣ ягон рӯзе ҳам қатъ нагардидааст. Танҳо дар солҳои 1941—43 дар ҷумҳурӣ фабрикаи дӯзандагию трикотажии Ленинобод, заводҳои равғанкашӣ дар ноҳияҳои Шаҳритус, Кировобод ва Фархор, фабрикаи ресандагӣ дар Конибодом, комбинати матоъҳои пахтагини пойтахт, комбинати “Огнеупоруголь” дар Зиддӣ сохта ба истифода дода шудаанд.

Боз як мисоли ибратбахш меорам: танҳо дар соли 1943 ҳосили умумии ғалладона дар ҷумҳурӣ 700 ҳазор тоннаро ташкил додааст. Дар тӯли солҳои ҷанг Тоҷикистон дар бисёр

соҳаҳо аз ҷумҳурии истеъмолкунанда ба ҷумҳурии истеҳсолкунанда табдил ёфт.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи ин нишондодҳои қобили гаваҷҷуҳ ба шарофати меҳнати бунёдкорона, азму иродаи қавӣ баҳри ғалаба, эҳсоси олии ватандӯстии тамоми сокинони ҷумҳурӣ ба даст омадаанд.

Дар бораи саҳми Тоҷикистон дар Ғалабаи Бузург сухан ронда, аз хидматҳои шоистаи зиёиёни тоҷик низ дар ин давра сарфи назар кардан мумкин нест. Аз рӯзҳои нахустини оғози ҷанг сар карда, фаъолияти кормандони илми ҷумҳурӣ ба иҷрои вазифаҳои мудофиа, аз ҷумла ҷустуҷӯи манбаъҳои нави ашёи хом ва канданиҳои фоиданоки мавриди ниёзи саноати ҳарбии мамлакат, дарёфти роҳҳои баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ, самаранокии чорводорӣ ва гайра равона карда шуд.

Бо вуҷуди он ки аксари биноҳои мактабҳо ба госпиталу муассисаҳои низомӣ табдил дода шуда буданд, вале машғулиятҳои таълимӣ ягон рӯз қатъ нагардида, дар ду—се баст ба роҳ монда мешуданд.

Адабиёт, каломи бадеӣ эҳсоси ватандӯстӣ, нангу номуси ватандории мардумро ба ҷӯш меовард, онҳоро ба мубориза зидди фашизми гитлерӣ, меҳнати фидокорона баҳри ғалаба рӯҳбаланду сафарбар менамуд. Шоиру нависандагони тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ, Ҳаким Карим, Лутфулло Бузургзода, Абдушукур Пирмуҳаммадзода, Фотеҳ Ниёзӣ ҳам бо қалами бурройи худ ва ҳам бо силоҳ зидди душман мубориза мебурданд.

Устод Айнӣ бо мақолаҳои тезутунди публисистии худ моҳияти фашизмро ошкор сохта, дар мисоли гузаштаи қаҳрамононаи халқи тоҷик эҳсоси ватандӯстӣ ва озодихоҳии мардумро бедор мекард. Адибон Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Боқӣ Раҳимзода, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил ва дигарон бо каломи таъсирбахши худ қаҳрамонию фидокории ҷанговаронро дар ҷабҳаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ тараннум мекарданд.

Умуман, тамоми нерӯи илҳомбахшу сафарбаркунандаи адабиёту ҳунар, санъату маданият ба он равона шуда буд, ки мардум дар муқобили фалокати азиме, ки ба сари ватан омадааст, яктану муттаҳид, устувору матин бошанд, худро барои тақдири халқу кишвар масъул ҳис кунанд, ба ғалаба

ба пирӯзии кори ҳақ, ба ояндаи озоду ободи Ватан эътимоду боварӣ дошта бошанд.

**Ветеранҳои азиз!**

Он ҳама мушкилоту душвориҳои азиме, ки шумо аз сар гузаронидед, ба наслҳои баъдиҷангӣ танҳо аз рӯйи кинофилмҳою осори таърихию бадеӣ маълум аст. Вале воқеаҳое, ки дар ин чанд соли охир ба сари ҷумҳурии мо омаданд, тамоми моҳияти харобкорона ва пурфоҷиаи ҷанг, оқибатҳои фалокатбори онро ба мо, ба наслҳои имрӯза низ нишон доданд.

Дар робита ба ин мехостам таваҷҷӯҳи шуморо ба вазъи имрӯзаи ҷумҳурӣ ва баъзе вазифаҳои таъхирнопазире, ки дар назди давлату ҳукумат истодаанд, ҷалб намоям.

Ҳалли тамоми вазифаҳои сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии имрӯза пеш аз ҳама бо таъмини амнияту бехатарии ҷумҳуриамон вобастагии қавӣ дорад. Ҳам омилҳои берунӣ ва ҳам омилҳои дохилие, ки ба комилан барқарор шудани сулҳу оромӣ дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ, махсусан дар сарҳад ва шурӯъ кардан ба ҳалли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоӣ халал мерасонанд.

Вале мо ба мушкилоту мураккабиҳои азими сиёсию иқтисодӣ нигоҳ накарда, бо истифода аз тамоми воситаҳои имконпазир тавонистем, ки дар муддати кӯтоҳтарин оташи ҷангу муқовиматро дар дохили ҷумҳурӣ хомӯш созем ва кишварро ба маҷрои меҳнати осоишта, барқарорсозии харобаҳои ҷанг равона гардонем.

Дар ин муддат бо кӯмаки давлат ҳазорҳо хонаҳои харобгардидаи шаҳрвандон аз нав сохта шуданд, бисёр корхонаҳо ва объектҳои истеҳсолии осебдида барқарор карда ба истифода дода шуданд.

Ҷаҳду талошҳои давлату ҳукумат баҳри ба манзилҳои доимиашон баргардонидани гурезагони иҷборӣ натиҷаҳои хуб доданд. Фармони Президент аз 2 декабри соли 1994 дар бораи халъи силоҳ барои чида гирифтани миқдори зиёди яроқ аз аҳолӣ ва хеле кам шудани ҷиноятҳои муташаккилона мусоидат кард.

Роҳбарияти давлат ва ҳукумат баҳри ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, сабуктар кардани шароити зиндагии мардум, махсусан табақаҳои камбизоати аҳолӣ — нафақахӯрон, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, донишҷӯён як қатор тадбирҳои судбахш андешиданӣ аст.

Ба душворихои азими иктисодӣ нигох накарда, масъалаи ғамхорӣ дар ҳаққи нафақхурон, махсусан, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳамеша дар маркази диққати роҳбарияти давлату ҳукумат ва шахсан ман, ҳамчун Президенти ҷумҳурӣ, мебошад. Тамоми тадбирҳоро меандешем, ки фармони нахустини Президент дар бораи ғамхорӣ дар ҳаққи ветеранҳои ҷанг минбаъд низ ба пуррагӣ татбиқ гардад.

Албатта, мубориза ву корнамоиҳои шумо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, меҳнати ҳалолу софдилонаи шумо дар давраи баъдиҷангӣ ва то имрӯз арзандаву сазовори ҳама гуна ғамхорӣ ва қадршиносӣ мебошад.

Вале чӣ илоҷ, ки вазъи имрӯзаи иқтисодии ҷумҳурӣ имкон намедиҳад, ки мо ҳама ниятҳои хайрамонро дар бобати ғамхорӣ дар ҳаққи шумо амалӣ созем.

Ба болои ин, ноороминҳои доимӣ дар сарҳадоти ҷумҳурӣ ҳалли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоиро халалдор месозад, ба мо имкон намедиҳад, ки аз тамоми воситаҳои беҳбуд бахшидани ин соҳа самарабахш истифода намоем, ҳамаи захираю имкониятҳои мавҷударо ба иҷрои вазифаҳои баланд бардоштани иқтисодиёт сафарбар кунем.

Ноороминҳо дар сарҳадот, мураккабии вазъият дар минтақа моро водор месозад, ки ба таҳким бахшидани Қувваҳои Мусаллаҳи ҷумҳурӣ — ҳамчун кафили асосии бехатарии давлати тозаистиқлоламон, беҳтар намудани таъминоти техникию моддии ҷузву томҳои низомӣ, беҳтар кардани омодагии онҳо диққати ҷиддӣ диҳем.

Дар ин самт, албатта, омодагии маънавию равонии сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳамон, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, ҷавонмардӣ, далерию шуҷоат, нангу номуси ватандории ҷавонони кишвар аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

Дар қатори шумо дар ин толор намояндагони нерӯҳои муштараки ҳомии сулҳ, гурӯҳи сарҳадбонони Федератсияи Россия дар Тоҷикистон, ки якҷо бо бародарони тоҷики худ марзҳои ҷанубии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро ҳимоя мекунанд ва ҳам намояндагони насли ҷавони муҳофизони Ватан нишастаанд, ки давомдиҳандагони сазовори анъанаҳои пуршарафи шумо, падарону бобоёни худ буданашонро дар мубориза ҳои солҳои охир баҳри барқарории сохти конститутсионӣ дар ҷумҳурӣ, таъмини

сулҳу субот дар ҷомеа ва муҳофизати сарҳадоти кишвар сарбаландона исбот кардаанд.

Мо ба хубӣ медонем, ки дар ин кор ҳиссаи арзандаи шумо ҳам ҳаст, зеро шумо ҳеҷ гоҳ нисбат ба тақдири халқу ҷомеа бетараф набудед, бо ибрати шахсии худ, бо панду насиҳатҳои оқилонаи худ дар кори тарбияю камолоти наслҳои ҷавон фаъолона саҳм мегузоштед.

Мо аз шумо собиқадорони азиз, ки дар кӯраи меҳнату муборизаҳо обутоб ёфтаед ва рамзу таҷассуми ҳама гуна хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ҳастед, дар ин бобат, яъне дар амри тарбияи насли ҷавони мамлакатамон, камолоти маънавию ҷисмонии онҳо минбаъд низ умедҳои зиёд дорем.

Иҷозат диҳед бори дигар ҳамаи шумо, ветеранҳои азиз ва дар шахси шумо тамоми иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, ҳамаи онҳоеро, ки меҳнати вазнини ақибгоҳро ба дӯши худ доштанд, муҳофизони имрӯзаи Ватан — хулоса тамоми сокинони ҷумҳурии азизамонро бо ҷашни пуршарафи 50-солагии Ғалабаи Бузург аз сидқи дил табрику муборакбод намоям.

Ба бахти фарзандону наберагон, ба бахти ҳамаи мо ҳамеша солиму бардам, зиндагидӯсту мушкилнописанд ва хушҳолу сарбаланд бошед!

# ДӮСТ ОН БОШАД, КИ ГИРАД ДАСТИ ДӮСТ ...

## СУХАНРОНӢ БА ИФТИХОРИ ТАШРИФИ ПЕШВОИ ИСМОИЛИЁНИ ҶАҲОН ОҒОХОНИ IV БА ТОҶИКИСТОН

Хоруғ, 24 майи соли 1995

**Аълоҳазрат Ҳозиримом Мавлоно Шоҳ Карим Алҳусайнӣ!**

**Меҳмонони гиромӣ! Ҳамватанони азиз!**

Пеш аз ҳама мехоҳам, эҳтироми амиқи хешро ба Аълоҳазрат Ҳозиримом Оғохони 4, ки имрӯзҳо меҳмони азизи Тоҷикистон, меҳмони азизи ҳар кадом хонадони тоҷик мебошад, баён намоям. Эшон ва ҳайати ҳамроҳонашонро ба диёри тоҷикон хайра мақдам мегӯям.

Мардуми мо чунин мақоли хубе дорад: дӯсти ҳақиқиро дар мушкилию дармондагӣ мешиносанд. Ҳодисаҳои фоҷиабори солҳои охир низ ба мо тоҷикистониён баръало нишон дод, ки дӯстамон кисту душманамон кист.

Ҳозиримом Волоҳазрат Оғохони 4 яке аз аввалинҳо шуда вазъияти Тоҷикистонро дарк карданд, ба он баҳои дурусту оқилона доданд ва ба мардуми кишварамон дасти мадад дароз намуданд.

Ин дасти мадади Волоҳазрат на танҳо дар расонидани кӯмакҳои моддӣ ба Тоҷикистон ифода меёфт. Мо, роҳбарияти давлати навбунёди Тоҷикистон, дар лаҳзаҳои ҳассостарини раванди ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба Тоҷикистон дар доираҳои байналхалқӣ низ мададу пуштибонии равонию маънавии Волоҳазрат Оғохони 4-ро, ки аз шахсиятҳои бонуфузи олами муосир мебошанд, ҳис мекардем.

Иҷозат диҳед, Ҳазрати воло, бори дигар сипосу миннатдории самимии тамоми мардуми Тоҷикистонро

барои чунин кӯмакҳои беғаразона бароятон тақдим намоям.

Ёд дорам, Шумо дар номаи пурмӯҳтавои хеш ба унвониман изҳори умедворӣ карда будед, ки ҷидду ҷаҳди Ҳукумати Тоҷикистон барои ба даст овардани оштии миллӣ ва ҳалли осоиштаи масъалаҳои муҳимтарин бо муваффақият анҷом хоҳад ёфт.

Инак, Шумо худ шоҳид ҳастед, ки кишвари тоҷикон дар ин муддати кӯтоҳи баъди ҷанги гражданӣ қомат рост кардааст, мардуми аз азал сулҳпарвар, адолатхоҳ ва меҳнатқарини мо машғули обод кардани Ватани худ ва беҳбуд бахшидани рӯзгори хеш мебошанд.

Ҷанге, ки доираҳои моҷароҷӯи минтақа ва гурӯҳҳои маҳдуди мансабталаби дохилӣ бо мақсади пора сохтани Тоҷикистон, коштани тухми заҳрогини низову адоват дар байни минтақаҳои гуногуни кишвар ба роҳ андохта буданд, ба мақсади нопоки худ нарасид.

Хушбахтона, аксари кулли мардуми Тоҷикистон, аз ҷумла мардуми шарифи Бадахшон ҳадафҳои аслӣ, "нимкосаҳои зери коса"-и ин моҷарои хатарборро дарк карданд ва онро маҳкум намуданд.

Мо аз рӯзҳои нахустини ба сари кор омадан тамоми воситаҳо, тамоми ҷаҳду талошамонро ба он равона кардем, ки ҳарчи зудтар дар ҷумҳурӣ оштии миллӣ, сулҳу субот барқарор гардад, онҳое, ки дар даст силоҳ доранд, онро ба замин гузоранд, гурезаҳои иҷборӣ ба манзилҳои доимиашон баргарданд ва мо ҳама якҷо, якдилу яктан Ватани воҳиду ягонаамон — Тоҷикистонро обод созем.

Ватан осуда бошад, ҳар кадоми мо осудаем, Ватан обод бошад, мо ободем. Агар дар як гӯшаи хона нотинҷию нооромӣ бошад, дар гӯшаи дигари он ором нишастан мумкин нест.

Ҳалқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла мардуми шарифи Бадахшон шоҳиданд, ки бисёре аз он вазифаҳои мушкилтарин ҳалли худро ёфтаанд ё дар арафаи анҷомёбӣ мебошанд.

Фармони Президент аз 2-юми декабри соли 1994 дар бораи халъи силоҳ натиҷаи мусбат дод. То имрӯз дар ҷумҳурӣ зиёда аз 18 ҳазор мил силоҳ, даҳҳо воҳид техникаи ҳарбӣ ва садҳо тонна муҳимоти ҷангии ғайриқонунӣ дар дасти аҳолӣ буда мусодира карда шуд.

Ин дар навбати худ ба хеле паст рафтани сатҳи ҷиноятkориҳои муташаккилона мусоидат кард. Шумораи чунин ҷиноятҳо назар ба ҳамин давраи соли гузашта беш аз ду баробар кам шудааст.

Бо ҷаҳду талоши Ҳукумати марказӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ аз 697 ҳазору 653 гурезагони иҷборӣ 671 ҳазору 200 нафарашон ба манзилҳои муқимии худ баргардонида шудаанд. Яъне ҳамагӣ 15 ҳазору 234 нафар боқӣ мондаанду халос.

Дар ин кор иқдоми Ҳукумат дар бобати муташаккилона ба ҷойҳои зисти доимиашон баргардондани фирориён ба хубӣ мусоидат кард. Дар фасли зимистони гузашта ба мушкилии вазъ ва номусоидии боду ҳаво нигоҳ накарда мо тавонистем, ки ба воситаи чархболҳо ба баъзе ноҳияҳои вилояти Бадахшон як микдор маводи хӯрока фиристода, дар бозгашт садҳо фирориёнро ба манзилҳояшон расонем.

Ҳоло дар Бадахшон 11714 фирорӣ боқӣ мондааст, ки онҳо низ дар кӯтоҳтарин муддат ба маҳалли доимии сукунаташон баргардонда хоҳанд шуд.

Вале ман қариб дар ҳар баромадам мегӯям ва боз такрор мекунам: то замоне, ки ҳатто як нафар ҳамватани мо гуреза аст, ман ҳамчун Президенти кишвар ором буда наметавонам.

Ҳамзамон бо ин корҳо бо ҷаҳду талоши пайгиронаи Ҳукумат, давлатҳои хайрхоҳ, бахусус Россия, созмонҳои бонуфузи байналхалқӣ раванди гуфтушунидҳо бо мухолифин бемайлон ҷараён дорад.

Шумо огоҳ ҳастед, ки чанд рӯз пештар ҳайати ҳукуматӣ таҳти сарварии Президент дар Кобул бо роҳбари мухолифин Саид Абдуллоҳи Нурӣ гуфтушунид анҷом дод.

Шарофатмандона ба шумо мегӯям: барои ман аз осудагию ободии Ватанам, тинҷию осоиштагии ҳар як хонадони тоҷикистонӣ дида муқаддастар чизе нест.

Ман ҳама гуна эҳсосоту фикру ақидаҳоро сарфи назар карда, ба ин иқдом даст задам, хостам бо пешвои мухолифин рӯ ба рӯ, чашм ба чашм гуфтугӯ кунам.

Охир, то кай мо бозичаи дасти дигарон мешавем, то кай бо миёнаравӣ, ҳидояту назорати дигарон байни ҳам гуфтугӯ мекунем? Айб нест магар?

Дар ин мулоқот мо оид ба ҳама масъалаҳои баҳсталабу чигили марбут ба вазъи Тоҷикистон, вазъи сарҳадот, баргардондани гурезагони дар Афғонистон ва дигар

кишварҳо боқимонда, мавзӯъҳои рӯзномаи даври чоруми мулоқот дар Алмаато ва ғайра гуфтугӯ кардем.

**Дӯстони азиз!**

Масъалаҳои марбут ба Бадахшон, ғамхорӣ дар ҳаққи сокинони ин вилоят, таъмини осудагию сулҳи пойдор дар ин минтақа ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи Ҳукумат ва шахсан ман, ҳамчун Президенти мамлакат мебошад.

Бо вуҷуди вазъи бисёр душвори иқтисодӣ, ки ба ҳамаамон маълум аст, дар тӯли солҳои 1993–1994 ба вилоят ҳазорҳо тонна маводи заруртарини ғизоӣ, сӯзишворӣ ва ғайра фиристода шуд. Як фактро эътироф кардан лозим аст, ки аҳолии Бадахшон ба ҳар ҳол назар ба сокинони баъзе минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ беҳтар таъмин буд. Аз рӯйи маълумоти статистикӣ, масалан, агар соли 1994 дар ҷумҳурӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар як моҳ 5,7 килограмм орд рост омада бошад, дар вилояти Бадахшон ин нишондод 8,75 килограммро ташкил додааст.

Мо ҳамеша кӯшиш мекунем, ки он миқдор маводи мавриди ниёзи мардум ба хоҷагии вилоят, ки аз фонди давлат ҷудо мешавад, сари вақт ва бекамукост расонда шавад. Мутаассифона, бо сабабҳои ба ҳамамон маълум вазъи номусоиди иқтисодӣ, нарасидани сӯзишворӣ, васоити нақлиёт ва гайра на ҳамеша ба ин муяссар меғардем.

Вале ба болои ин ашхосе ҳастанд, ки мушкилиҳои объективиро бо мақсади иғво ангехтан истифода бурда, овоза мекунанд, ки гӯё ҳукумат ба Бадахшон таваҷҷӯҳу ғамхорӣ зоҳир намекарда бошад. Ҳол он ки асли гап дар дигар ҷост.

Мутаассифона, ҳамаи он молу маводе, ки ба вилоят фиристода мешавад, пурра ва бекамукост ба ҷояш намерасад.

Ман аз роҳбарони вилоят, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ қотеона талаб мекунам, ки пеши роҳи ин ғуна тороҷгариҳоро гиранд ва барои пурра ба нуқтаи охирини истифода расонидани маводҳои аз марказ интиқолёбанда ҷиддан назорат баранд.

12 апрели соли ҷорӣ Ҳукумати Тоҷикистон дар бораи барномаи тараққиёти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар соли 1995 ва дар давраи то соли 2000-ум қарор қабул кард.

Бояд гӯям, ки ин Барнома ҳам аз лиҳози иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳам аз лиҳози сиёсӣ бисёр муҳим ва пурарзиш аст. Аз ин рӯ, Ҳукумат барои пурра дар амал татбиқ намудани он диққати ҷиддӣ хоҳад дод.

Пеш аз он ки чунин барнома қабул шавад, бо супориши Президент гурӯҳҳои махсус, аз ҷумлаи аъзоёни Ҳукумат, олимону мутахассисон ба вилоят омада, вазъиятро дар ҷояш омӯхта, хулосаҳои худро ба Ҳукумат пешниҳод карданд.

Аз ин рӯ, дар барнома самтҳои афзалиятноки инкишофи иқтисодию иҷтимоии вилоят воқеъбинона ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок ба нақша гирифта шудаанд.

Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки ҳоло сафарҳои чунин гурӯҳҳои босалоҳияти ҳукуматӣ ба Бадахшон ба ҳукми анъана даромадааст.

Вале шумо медонед, ки Барнома чӣ қадар мукаммалу пухта бошад ҳам, агар бо кори амалӣ, бо ҷидду ҷаҳди якҷояи мову шумо фаро гирифта нашавад, арзиши худро гум мекунад.

Мувофиқи қарори мазкур идораву ташкилотҳои масъул дар ҳар семоҳа бояд аз ҷараёни амалӣ гардидани Барнома ба Ҳукумат ҳисобот диҳанд. Рафти иҷрои баъзе аз нуктаҳои муҳимтарини Барнома, аз ҷумла сохтмони роҳи автомобилгарди Кӯлоб — Хоруғ, анҷоми ГЭС-и “Помир-1”, бунёди силсилаи ГЭС-ҳои хурд, бунёди корхонаҳои хурди коркарди маъдан ва ғайра таҳти назорати доимии Президент қарор доранд.

Шумо медонед, ки дар шароити имрӯза ба истифода додани чунин объекте мисли нерӯгоҳи барқии “Помир-1” чандон кори осон набуд. Вале Ҳукумати ҷумҳурӣ бо дарназардошти аҳамияти азиме, ки ин объект барои хоҷагии халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дорад, тамоми чораҳои зарурӣро андешид, ки он ба истифода дода шавад.

Барои ин мо ҳатто маҷбур шудем, ки маблағу захираҳоро аз дигар объектҳои барои ҷумҳурӣ зарурӣ, мисли ГЭС-ҳои Роғун ва Сангтӯда гирифта ба сохтмони ГЭС-и “Помир-1” равона кунем.

Барои пурра ба анҷом расондани ин сохтмон минбаъд низ тамоми тадбирҳо андешида хоҳад шуд.

Ҳукумат ба сохтмони минбаъдаи роҳи Кӯлоб—Хоруғ низ таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа зоҳир мекунад. Зеро бунёди

ин роҳ на фақат аҳамияти ҳаётан муҳими иқтисодию ичтимоӣ дорад, балки аз нуқтаи назари сиёсӣ, аз нигоҳи таҳкими истиқлолияти кишварамон, густариши ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамсоя низ бисёр муҳим мебошад.

Ин роҳ ҷумҳурии моро аз тариқи шоҳроҳи Қароқурум ва роҳҳои баҳрӣ ба дигар давлатҳои дунё пайванд месозад.

**Дӯстони азиз!**

Инак, чанд сол инҷониб ҳар як сокини Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, ҳар кадом хонадони бадахшонӣ, метавон гуфт, тамоми ҷумҳурӣ кӯмакҳои беғаразонаву пуркимати Шоҳзода Оғохонро ҳис мекунанд.

Ман имрӯз бо камоли мамнуният ва ифтихори бузург гуфта метавонам, ки байни Ҳукумати Тоҷикистону хазинаи Волоҳазрат Оғохон ва шахсан миёни Президенти ҷумҳурӣ ва Ҷаноби олӣ Ҳозиримом Мавлоно Шоҳ Карим Алҳусайнӣ муносибати бисёр самимию дӯстона, хайрхоҳии комил, ҳусни тафоҳум барқарор гардидааст.

Ҷаноби олӣ ба василаи номаю барқияҳои хеш ва ҳам аз тариқи намояндагони худ ҳамеша аз вазъи Тоҷикистон, мушкилоту масъалаҳои он пурсон мешуданд ва омодагии хешро барои ҳамагуна кӯмаку дастгирӣ иброз медоштанд.

Ояндаи ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмонҳои аълоҳазрат хеле доманадору умедбахшанда аст. Шумо медонед, ки аз ҷониби Хазинаи Оғохон як Барномаи махсуси кӯмак ба пешрафти Бадахшон таҳия шудааст, ки он панҷ бахши муҳимтарини ҳаёти вилоятро дар мадди назар дорад: кишоварзӣ, энергетика, саноати кӯҳӣ, тандурустӣ ва маориф.

Ҳукумати ҷумҳурӣ аз ҷониби худ барои комилан ва бомаром амалӣ шудани ин Барнома ҳамаҷониба мусоидат хоҳад кард.

Воқеан Барномаи ҳукуматии тараққиёти Бадахшон дар соли 1995 ва дар давраи то соли 2000-ум, ки пештар дар борааш сухан рондем, бо Барномаи Хазинаи Оғохон ҳамоҳанг ва мувофиқ буда онҳо ҳамдигарро пурра ва комил мегардонанд.

Бояд гуфт, ки таҷрибаи рӯ ба пешрафт ниҳодани иқтисодиёти Бадахшонро дар оянда дар дигар минтақаҳои Тоҷикистон низ татбиқ кардан мумкин мешавад.

Шоҳзода Оғохон Бадахшонро аз Тоҷикистон ҷудо намедонанд ва омода ҳастанд, ки барои сармоягузорӣ дар ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ низ саҳм бигиранд. Дар пойтахти кишварамон ҷой гирифтани шӯъбаи Хазинаи Оғохон далели ин ниятҳои хайру дурандешонаи ҳазрат мебошад.

Вале ҷиҳати аз ҳама муҳимтарини ин барномаҳо, ҳам Барномаи Ҳукумат ва ҳам Барномаи кӯмак ба пешрафти Бадахшон, ба назари ман иборат аз он аст, ки мо бояд худамон бо қувваю неруи худ дар ин сарзамин аҳолиро хӯронем, пӯшонем, манзил созем, маълумот диҳем ва тандурустии аҳолиро таъмин намоем.

Чунин гумон, ки мо даст болои даст гузошта нишинему мулкамон худ ба худ обод ва шикамамон сер мешавад, хатои маҳз аст.

Ҳам Барномаи Ҳукумат ва ҳам Барномаи Ҳазрати Оғохон танҳо дар сурате амалӣ мешаваду самар меоварад, ки мо даст ба дасти ҳам дода ҳалол меҳнат кунем, ҷангу ҷидол, кинаву кудуратро фаромӯш созем, марзҳои сарзаминро аз дахолати беруна ҳимоя намоем, сулҳу оромӣ, дӯстиву рафоқатро дар кишвари азизамон пойдору мустаҳкам гардонем.

Дар шароити имрӯзаи Бадахшон ман, махсусан, вазифаи ҳимояи марзҳои ватанамонро ба мадди аввал мегузоштам. Охир, халқи мо ҳимояи марзҳои Ватанро аз дахолати беруна ба ҳимояи ору номус баробар медонист. Мо марзҳои ватанамонро ҳимоя карда, номуси худро дифоъ мекунем.

Суханони худро мехоҳам бо як насиҳати бузургворонаи Волоҳазрат Шоҳ Карим Алҳусайнӣ хотима бахшам, ки фармудаанд: мо бояд ба якдигар бовар кунем, зеро фазои нобоварӣ ҳеҷ гоҳ ба ваҳдат ва якдигарфаҳмӣ мусоидат намекунад.

Ҷаноби олӣ Мавлоно Шоҳ Карим Алҳусайнӣ! Шуморо бори дигар ба сарзамини аз ҷанобашон миннатдори Тоҷикистон хайра макдам мегӯям. Умедворам ин ташрифи дӯстонаву бародаронаи Шумо барои таҳкими ҳар чӣ бештари сулҳу субот дар минтақа ва ободию осоиши Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард. Итминон дошта бошед, ки фаъолияти наҷибонаи Шумо ва маъмурияте, ки таҳти сарварии Шумо амал мекунад, минбаъд низ дар кишвари мо дастгирӣ хоҳад ёфт.

## СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ ФАЪОЛОНИ МАОРИФИ ҶУМҲУРӢ

28 августи соли 1995

**Дӯстони азиз!**
**Омӯзгорони мӯҳтарам!**

Мулоқоти имрӯзаи мову шумо барои ман аз як ҷониб хурсандиовар, вале аз ҷониби дигар гарон аст.

Хурсандиовар аз он ҷиҳат аст, ки ин мулоқоти мо дар арафаи се санаи барои ҳамаамон шарифу муборак —Рӯзи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷашни 680-солагии фарзанди фарзонаи машриқзамин Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва оғози соли нави таҳсил доир мегардад.

Ҳамчунин ман аз он қаноатманд ҳастам, ки имрӯ[з] имкон дорам, ки бо шумо рӯ ба рӯ ва ошкоро оид ба он мушкилоту масъалаҳои барои ҳамаамон ташвишоваре, ки дар соҳаи мактабу маориф ва таълиму тарбияи насли навраси мавҷуданд, сӯҳбат намоям.

Вале аз ҷониби дигар, чи хеле ки гуфтам, ин мулоқот бароям гарон аст.

Зеро медонам, ки шумо бо вуҷуди меҳнату заҳмати вазнин ва масъулияти азиме, ки ба дӯш доред, аз душвориҳои рӯзгор, нобасомониҳои маишӣ ва камбудиҳои иҷтимоӣ азият мекашед. Мардуми Тоҷикистон имрӯзҳо аз ҳама рӯзҳои сахттарини ҳаёти худро мегузаронанд. Вале ман пештар ҳам борҳо гуфтам ва боз такрор мекунам, то замоне ки мо барои аҳли илму маориф, зиёиён, онҳое, ки офаранда, парваришдиҳанда ва маҳофизи маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии сазовору шоистаеро

муҳайё накунем, мақому мартабаи онҳоро ба дараҷае, ки мебояд, баланд набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст.

Мехоҳам шуморо бовар кунонам, ки ин нуктаи муҳим ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи роҳбарият ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ қарор дорад. Ҳеҷ ягон ҷамъомад, суҳбату мулоқотҳое, ки дар сатҳи роҳбарияти кишвар доир мегарданд, бе муҳокимаи масъалаҳои марбут ба ғамхорӣ дар ҳаққи омӯзгорон, аҳли илму маориф, донишҷӯён, беҳтар кардани вазъи иҷтимоии онҳо намегузаранд.

Ман ба раисони ҳукумати вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, ки намояндаи Президент дар маҳалҳо мебошанд, аз рӯзи аввали ба ин вазифа таъин шуданашон махсус супориш додам, ки масъалаҳои ғамхорӣ ба мактабу маорифро таҳти назорати доимии худ қарор диҳанд. Ва ман ҳар дафъае, ки бо онҳо вомехӯрам, иҷрои ин супоришро қатъиян талаб мекунам.

Ба вазъи душвори иқтисодии мавҷуда нигоҳ накарда Ҳукумат дар ин як-ду соли охир имкон пайдо кард, ки маоши кормандони соҳаи маориф ва стипендияи донишҷӯёнро то андозае баланд бардорад ва дар бобати таъмини саривақтии онҳо тадбирҳо андешад.

Як қатор имтиёзҳое, ки Қонуни маориф пешбинӣ намудааст, дар амал ҷорӣ карда шуданд. Хушбахтона, соҳибкорони баномӯсу ватандӯсте ҳам пайдо шуданд, ки даъвати моро дастгирӣ намуда, дар пешрафти кори мактабу маориф саҳм гирифта истодаанд.

Аммо, мутаассифона, шумораи чунин иқдомҳои хайр ҳанӯз дар ҷомеаи мо хеле кам аст. Аз афташ тафаккури соҳибкорону корчаллонҳои мо ҳанӯз дар он сатҳе нест, ки манфиатҳои шахсии худро бо манфиатҳои ҷомеа ва насли фардоинаи кишвар алоқаманду ҷудонопазир тасаввур карда тавонанд.

Воқеан, агар дар бораи вазифаҳо ва ҳадафҳои мактабу маориф сухан рондани бошем, таълиму тарбия ва ба камол расондани чунин ашхос, насли дилсӯзу ғамхори Ватан, халқу ҷамъият, насле, ки масъулияти фардои Тоҷикистонро ба дӯш гирифта тавонад, вазифаи аввалиндараҷа ва муқаддаси системаи маорифи мост.

Барои тарбия ва ба камол расондани чунин насл миллати мо ҳама имкониятҳо ва заминаҳои маънавӣ,

равонӣ, ахлоқӣ ва таърихиро дорад. Тамаддуни қадимтарин, таърихи пурғановату рангин, ганҷинаи гаронбаҳои илмӣ, адабӣ, бадеӣ ва ахлоқие, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо аз ҷониби аҷдодони мову шумо офарида шудаанд, суннат, оин ва анъанаҳое, ки дар кӯраи замонаҳо сайқал хӯрда, пухта шудаанд — инҳо ҳама таҳкурсии тайёру боэътимоде мебошад, ки мо метавонем бинои тарбияи наслҳои ояндаи кишварамонро дар заминаи онҳо бунёд намоем.

Фақат як далел меорам. Ҳангоми сафарам ба Ҷумҳурии Исломии Эрон аз комплекси меъмории Тахти Ҷамшед дидан кардам. Ҳатто ҳамин харобаҳои баъди ҳазорсолаҳо боқимонда гувоҳи равшани онанд, ки аҷдодони мо чигуна ба сатҳи баланди маданияти меъморӣ, шаҳрсозӣ, ободонӣ, наққошӣ ва пайкарасозӣ расида будаанд.

Системаи обгузаронӣ (водопровод), ки Европа ҳамагӣ дар асри гузашта аз худ кард, ҳанӯз дуюним ҳазор сол пеш дар ин шаҳр аҷдодони мо сохта будаанд.

Ё ба ёд оред, осори илмии Абӯалӣ ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ, Форобӣ, Умари Хайём ва садҳо бузургони дигарамонро, ки роҷеъ ба ҳама илмҳое, ки имрӯз "муосир"-ашон меноманд, офарида шудаанд.

Ман бо ин далелҳо чӣ гуфтан мехоҳам?

Гуфтан мехоҳам, ки имрӯз бо соҳибистиқлол гардидани кишвари тоҷикон ва ба миён омадани ниёзи ҷиддӣ барои дарёфти роҳу мароми мустақили ҷумҳуриамон ба сӯйи ояндаи мутамаддин вақташ расидааст, ки мо низоми таълиму тарбия ва мактабу маорифамонро дар заминаи ҳамон сарвати бебаҳои маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва равонии халқамон ва педагогикаи миллӣ бо дарназардошти имконоту тақозои замони муосир ва арзишҳои умумибашарӣ ба роҳ монем.

Бояд тазаккур дод, ки солҳои охир дар ин самт корҳои хубу умедбахше оғоз гардиданд. Қабули Қонуни забон, ки дар муҳокимаи он аҳли маорифи ҷумҳурӣ саҳми фаъол доштанд, муҳокима ва қабули консепсияи мактаби миллӣ, ки низоми таълимии моро аз вазъи қолабӣ ва нусхабардорӣ раҳо карда, ба сӯйи арзишҳои миллӣ раҳнамун месозад, "Низомномаи мактаби таҳсилоти ҳамагонӣ" ва ниҳоят қабули қонун" Дар бораи маориф" аз ҷумлаи чунин иқдомот мебошанд.

сайёҳат намуда, бо олимону адибон ва ҳакимону орифон суҳбатҳои илмиву адабӣ оростааст.

Дар ин дунё ҳар кас бо ҳар роҳ машҳур гардида, нақше аз худ барои фардоиён ба ёдгор мегузорад.

Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо нури маърифат дар Ҳинду Чину Арабу Аҷам, ба қавли аллома Иқбол, бо ҳунарҳои ғарибу дилпазири худ аз илму санъату тазҳибу дин як Эрони Сағирро бунёд мениҳад.

Барои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барин мутафаккирони равшанзамир омили маҳал вуҷуд надошт. Вай дар зодгоҳаш Ҳамадони Эрон ба камол расида, фаъолияти илмию адабӣ ва таълимиашро дар Хатлону Бадахшон, Ҳиндустону Покистон ва Бухоро идома додааст.

Ӯ дар ин маҳалҳо, на ҳамчун сайёҳи оддӣ, балки чун сафири илму адаб ва фарҳангу ҳикмат фаъолият менамуд.

Воқеан, шахсони бузурге чун ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ танҳо ба миллату маҳал ва мазҳаби алоҳидае маҳдуд набуданд. Бузургии онҳо аз ин доираҳо берун омада, баҳри хидмати аҳли башар вусъати ҷаҳонӣ пайдо мекунад, ки нишонаи возеҳи он эътирофу эҳтироми миллату халқҳои гуногун аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, бешубҳа, аз ҷумлаи чунин симоҳои намоён аст, ки шӯҳрату нуфузи ӯ дар Тоҷикистону Покистон, Ҳиндустону Эрон, Афғонистону Ӯзбекистон ва мамлакатҳои араб ба хубӣ эҳсос мешавад.

Маҳз аз ин хотир, намунаи осори хаттӣ ва нашрии ӯ дар китобхонаҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Шветсия, Англия, Фаронса, Ҳолландия, Покистон, Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Хитой, Туркия ва ғайра маҳфузанд.

Рисолаҳои илмию фалсафӣ ва назми орифонаи ӯ ба забонҳои урду, туркӣ, лотинӣ, фаронсавӣ ва ӯзбекӣ тарҷума ва нашр гардидаанд.

Аз эътирофи Алии Ҳамадонӣ ва ихлосу эҳтироми мардумони кишварҳои гуногун ба ӯ ин амр низ дарак медиҳад, ки ба ифтихори вай ёдгориҳои арзандаи меъморӣ, аз қабили гунбад, хонақоҳ ва мақбара бунёд кардаанд. Гунбади Алавиёни Ҳамадон, масҷиди муаллои шаҳри Срикагари Кашмир, мазори Похлии Покистон, хонақоҳи махсуси Бухоро ва мақбараи машҳури Хатлон шоҳиди равшани он аст.

Ин ҷо ман, ҳамчун раиси ҷумҳур, ба ҳамаи устодон, омӯзгорони ҳақиқӣ, ки вазъи имрӯзаи ҷомеаро дуруст дарк намуда, аз камбудиҳо, аз шароити вазнини дар соҳаи маориф ба амаломада натарсида, тамоми ҳастии худро баҳри мӯътадил гардидан ва такмил додани мактабу маориф сарф карда истодаанд, ташаккур мегӯям. Бале, маориф ҷойи одамони тасодуфӣ нест ва набояд бошад.

Аз тарафи дигар, бояд қайд кард, ки бисёр мутахассисони ҷавон дар маҳалҳое,ки ба кор фиристода шуда буданд, бинобар набудани ҷойи иқомат, сари вақт нагирифтани маош, надидани ғамхории бевосита аз тарафи роҳбарони мақомоти маҳаллӣ кори омӯзгориро тарк намуданд. Ҳукумати ҷумҳурӣ барои беҳтар намудани истифодаи мутахассисони ҷавон баъди хатми мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус қарори махсус бароварда, мутахассисони ҷавонро, ки аз ҳисоби буҷети давлат шӯъбаи рӯзонаи мактабҳои олӣ ва миёнаи махсусро хатм кардаанд, вазифадор кард, то ки онҳо тибқи роҳхати вазорату идораҳо дар ҷойҳои муқарраршуда на камтар аз се сол кор кунанд.

Ҳукуматҳои маҳалҳо ва дигар роҳбарони идораю ташкилотҳо, колхозу савхозҳо ва соҳаи маорифро зарур аст, ки барои мутахассисони ҷавони нав ба кор рафта, тамоми шароитҳоро фароҳам оваранд, имтиёзҳои барои онҳо муқарраркардаи давлатро муҳайё созанд, то ин ки мутахассиси ҷавон бо дасту дили гарм ба кор шурӯъ кунад.

Ҳаминро ҳам бояд таъкид кард, ки сифати дониши баъзе мутахассисони донишгоҳу донишкадаҳои омӯзгориро хатмкарда ниҳоят паст буда, ба талаботи давру замон мувофиқ нест. Дар байни донишҷӯёни мактабҳои олии омӯзгорӣ шахсоне дучор мешаванд, ки тасодуфан ин касбро интихоб кардаанд.

Масъалаи дигари ҳалталаб, масъалаи бо китобҳои дарсӣ ва дигар маводи таълимӣ таъмин намудани мактаббачагон мебошад. То имрӯз аз 47 номгӯй китобҳои дарсӣ ва адабиёти методӣ танҳо 10 номгӯй ва он ҳам ба теъдоди нопурра аз чоп баромадааст ху халос. Ва ҳамин теъдоди кам ҳам бо айби Тоҷикматлубот, идораи савдои “Тоҷиккитоб” ва баъзе ҳукуматҳои маҳалҳо дастраси мактаббачагон нагардида дар анборҳо хобанд.

Ҳоло он ки мо бояд, на танҳо худамон, балки дигар макотиби ҷамоҳири ҳамсояро, ки соҳиби мактабҳои тоҷикианд, бо китоб таъмин кунем.

Бинобар ин Вазорати фарҳангу иттилоот, Тоҷикматлубот ва ҳукуматҳои маҳалҳо бояд фавран тамоми чораҳоро андешанд, ки таъмин намудани соҳаи маориф ва бевосита мактаббачагон бо воситаҳои таълимӣ ба фаъолияти аввалиндараҷаи онҳо табдил гардад.

Ба масъалаи мустақилияти муассисаҳои маориф низ равшанӣ андохтан зарур аст. Дар оянда муассисаҳои таълимие ба вуҷуд меоянд, ки дар интихоби самтҳои стратегии тараққиёт, мақсаду мундариҷа ва усулҳои кор, ба роҳ мондани фаъолияти худ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва молиявӣ мустақил мебошанд.

Пеши роҳи чунин падидаҳоро ҳаргиз гирифтан лозим нест, вале онҳо бояд дар чаҳорчӯбаи қонунҳои мавҷуда сурат гиранд.

**Дӯстони азиз!**

Солҳои охир бо ташаббуси ҳукуматҳои маҳаллӣ ва вазоратҳои марбута як қатор мактабҳои олии нав ва филиалҳои шӯъбаҳои онҳо кушода шуданд (дар Хоруғ, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Турсунзода, Исфара, Конибодом, Панҷакент, Хуҷанд, Душанбе). Албатта, ин аз як ҷониб боиси ташаккулёбӣ ва инкишофи илму фарҳанг дар маҳал хоҳад шуд.

Вале пеш аз кушодани мактаби олӣ, филиал ё факултету ихтисоси нав бояд муайян сохт, ки оё заминаи моддию техникӣ, заминаи кадрӣ барои ин вуҷуд дорад ё не. Мутаассифона, Вазорати маориф, Вазорати молия, Вазорати иқтисоду робитаҳои хориҷӣ ва вазоратҳои марбутаи дигар нисбати ин кор рӯякӣ рафтор карданд.

Бо қарори Ҳукумат аз таърихи 14 августи соли ҷорӣ сохтори маълумоти олӣ аз нав дида баромада ва қисме аз ин мактабҳои олӣ ва филиалҳои онҳо баста шуданд. Вобаста ба ин зурур аст, ки дарояндаи наздик ҳар як донишгоҳи олӣ, тамоми муассисаҳои таълимӣ аз поён то боло ҳатман аз аттестатсия гузаронида шаванд.

Вазорати маорифро зарур аст, ки дар ин бора чораҳои мушаххас андешад, ҷараёни мукаммал гардондани сохтори маълумоти олиро тезонад.

Имрӯз ҳеҷ кас инкор карда наметавонад, ки заминаи ҳаётиояндаи мо маҳз дар мактаб гузошта мешавад. Бинобар ин тараққиёти иқтисодии ҷомеа, воридшавии он ба

иқтисодиёти бозаргонӣ дар мазмуну мундариҷаи маълумот даровардани дигаргуниҳои ҷиддӣ ва дар навбати аввал дар шаҳрванд тарбия намудани маънавиётеро, ки ба арзишҳои баланди миллӣ, умумибашарӣ ва таърихӣ такя мекунад, талаб менамояд.

Ҳамчунин, ҳоло мутахассисеро бояд тарбия намуд, ки дониши ӯ ба талаботи имрӯзаи ҷомеа ҷавоб дода тавонад. Бинобар ин маориф бояд ҳар чи зудтар қолабҳои кӯҳнаро шикаста, ба фаҳмиши ҷомеаи демократӣ, ба маданияти нави сиёсӣ, ба маълумоти бозаргонӣ гирифтани аҳолӣ роҳ кушояд.

Ва мо ҳар қадар аз ақидаҳои кӯҳнаю қолабии одаткардаи худ оид ба маориф зудтар даст кашем, ҳамон қадар зудтар тарбия ва таълимро ба стандартҳои ҷаҳонӣ наздиктар мерасонем.

Вобаста ба шароити иқтисодии бозаргонӣ аз таълими пулакӣ ҷойи гурез нест. Вале, чи тавре ки дар Конститутсия ва Қонуни маориф таъкид шудааст, таълим дар мактабҳои миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ бепул сурат мегирад. Зеро мо ба он роҳ намедиҳем, ки насли навраси мо бе мактабу бесавод монад.

Аммо агар корхона, ширкат ё шахси сарватманде имконият ёфта мактаби хусусӣ ташкил намояд, онро ҳатман дастгирӣ кардан лозим аст. Фақат он бояд дар чорчӯбаи қонун ва илм амал намояд. Дар хусуси бо усули қарордод ба мактабҳои олӣ дохил шудан низ ҳаминро гуфтанӣ ҳастам. Мо ба он зид нестем, бигузор якчанд фоизи дохилшавандагоне, ки имконият доранд, бо усули қарордод дохил шаванд, вале онҳо бояд баробари дохилшавандагон ҳатман имтиҳон супоранд.

Ҷамъияте, ки мо онро ҳоло барпо карданием, аз ҷомеае, ки халқи мо дар зарфи зиёда аз 70 сол дар он зиндагӣ мекард, ба куллӣ фарқ дорад. Арзишҳои маънавию сиёсӣ ва миллӣ дигар шудаанд, мазмуни нав гирифтаанд.

Аз ин рӯ, масъалаи тарбияи насли наврас аҳамияти стратегӣ дорад.

Яке аз вазифаҳои пурифтихори мактаб он аст, ки тарбияи инсондӯстонаи насли наврас, ташвиқу тарғиби пайванди наслҳоро ба роҳ монад, ҳисси шаҳрвандии шогирдонро бедор намояд, то ки онҳо ҳуқуқ ва вазифаҳои худро дар назди халқу Ватан, ҷомеа ва давлат фаҳманд.

Вазифаи дигари мактаби имрӯза аз он иборат аст, ки аҳамияти инкишофи якҷояи маданияти халқҳои дохили ҷумҳуриро ба шогирдон фаҳмонда, зарурати омӯхтани эҳтироми фарҳангу маданияти ҳамдигарро талқин намояд.

**Дӯстони азиз,**
**омӯзгорони мӯҳтарам!**

Ҳамчуноне, ки дар оғоз гуфтем, ҷомеае, ки ба аҳли маориф, ба устод, омӯзгор, зиёӣ эҳтиром намегузорад, ба пешрафт муваффақ шуда наметавонад.

Дар охир, ҳаминро гуфтан мехоҳам, ки баланд гардидани обрӯ ва эътибори омӯзгор ва мактабу маориф аз бисёр ҷиҳат ба худи шумо устодону омӯзгорон вобаста аст.

Ҳар қадар, ки шумо худро, пешаи худро, ному нони худро эҳтиром кунед, савияи донишу маърифати худро баланд бардоред, ба ҳамон андоза эҳтирому эътиқоди аҳли ҷамъиятро сазовор мегардед.

Ҳамаи шумо ва дар шахси шумо тамоми аҳли маорифи ҷумҳуриро ба муносибати фарорасии соли нави хониш табрику муборакбод намуда, ба шумо саломатии бардавом сабру тоқат ва дар корҳои пурифтихоратон баҳри таълиму тарбияи насли наврас муваффақиятҳои калон орзу менамоям.

# НАҚШЕ БА ЁДГОР ГУЗОРЕМ

## СУХАНРОНӢ
## ДАР МАҶЛИСИ БОТАНТАНА БАХШИДА БА ҶАШНИ 680-СОЛАГИИ ОЛИМ ВА МУТАФАККИРИ БУЗУРГИ ШАРҚ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

4 сентябри соли 1995

**Хонумҳо ва ҷанобони муҳтарам!**
**Меҳмонони гиромӣ!**
**Дӯстони иззатманд!**

Шуморо ба ҷашни бузургдошти 680-умин солгарди зодрӯзи олим, шоир ва мутафаккири бузург Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хайра мақдам мегӯям.

Ситораи пурҷилову тобноке беш аз 600 сол инҷониб аз қаъри асрҳо бо нури маърифату хирад андешаи моро равшанӣ мебахшад. Ин ахтари дурахшони дунёи маънавӣ бешубҳа, ҳакими ориф, адиби нозукхаёл, мутафаккири нуктасанҷ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мулаққаб ба Амири Кабир, Алии Сонӣ, маъруф ба Шоҳи Ҳамадону ҳазрати Амирҷон мебошад.

Роҷеъ ба аҳволу осор ва ҷанбаҳои илмию ирфонии таълимоти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ донишманду мутахассисон имрӯз дар ҳузури шумо сухан хоҳанд кард.

Мир Сайид Алии Ҳамадониро сарнавишти аҷибу пурифтихоре насиб гардидааст. Вай зодаву парвардаи Ҳамадони Эрон буда, азизи Тоҷикистон, ифтихори Ҳинду Покистон ва писандидаи Афғонистон мебошад.

Қисмати хеле муҳими ҷараёни зиндагонии Мир Сайид Алии Ҳамадониро сайру сафарҳои зиёда аз бистсолаи ӯ ташкил медиҳад. Вай бо амри устодаш Маҳмуди Маздаконӣ Балху Бадахшон, Хатлону Маздакон, Язду Сурия, Бағдоду Рум, Ҳинду Чин ва Мовароуннаҳру Сарандебро сайру

саёҳат намуда, бо олимону адибон ва ҳакимону орифон суҳбатҳои илмиву адабӣ оростааст.

Дар ин дунё ҳар кас бо ҳар роҳ машҳур гардида, нақше аз худ барои фардоиён ба ёдгор мегузорад.

Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо нури маърифат дар Ҳинду Чину Арабу Аҷам, ба қавли аллома Иқбол, бо ҳунарҳои ғарибу дилпазири худ аз илму санъату тазҳибу дин як Эрони Сағирро бунёд мениҳад.

Барои Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ барин мутафаккирони равшанзамир омили маҳал вуҷуд надошт. Вай дар зодгоҳаш Ҳамадони Эрон ба камол расида, фаъолияти илмию адабӣ ва таълимиашро дар Хатлону Бадахшон, Ҳиндустону Покистон ва Бухоро идома додааст.

Ӯ дар ин маҳалҳо, на ҳамчун сайёҳи оддӣ, балки чун сафири илму адаб ва фарҳангу ҳикмат фаъолият менамуд.

Воқеан, шахсони бузурге чун ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ танҳо ба миллату маҳал ва мазҳаби алоҳидае маҳдуд набуданд. Бузургии онҳо аз ин доираҳо берун омада, баҳри хидмати аҳли башар вусъати ҷаҳонӣ пайдо мекунад, ки нишонаи возеҳи он эътирофу эҳтироми миллату халқҳои гуногун аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, бешубҳа, аз ҷумлаи чунин симоҳои намоён аст, ки шӯҳрату нуфузи ӯ дар Тоҷикистону Покистон, Ҳиндустону Эрон, Афғонистону Ӯзбекистон ва мамлакатҳои араб ба хубӣ эҳсос мешавад.

Маҳз аз ин хотир, намунаи осори хаттӣ ва нашрии ӯ дар китобхонаҳои Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Шветсия, Англия, Фаронса, Ҳолландия, Покистон, Ҳиндустон, Афғонистон, Эрон, Хитой, Туркия ва ғайра маҳфузанд.

Рисолаҳои илмию фалсафӣ ва назми орифонаи ӯ ба забонҳои урду, туркӣ, лотинӣ, фаронсавӣ ва ӯзбекӣ тарҷума ва нашр гардидаанд.

Аз эътирофи Алии Ҳамадонӣ ва ихлосу эҳтироми мардумони кишварҳои гуногун ба ӯ ин амр низ дарак медиҳад, ки ба ифтихори вай ёдгориҳои арзандаи меъморӣ, аз қабили гунбад, хонақоҳ ва мақбара бунёд кардаанд. Гунбади Алавиёни Ҳамадон, масҷиди муаллои шаҳри Срикагари Кашмир, мазори Похлии Покистон, хонақоҳи махсуси Бухоро ва мақбараи машҳури Хатлон шоҳиди равшани он аст.

Файзи осори пурбаракату баландғояи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба адибону мутафаккирони ҳамрӯзгораш ва хусусан баъдина хеле зиёд аст.

Рисолаҳои ӯро мавлоно Ҷаъфари Бадахшӣ, Муҳаммади Нурбахш, Розен Мюллер, Чарл Солвет, Низомуддини Торумӣ, Муҳаммади Риёз ба забонҳои гуногун тарҷума кардаанд. Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Сулаймони Балхӣ, Аҳмади Дониш ба осори ӯ шарҳу тафсирҳо навиштаанд.

Асарҳои пурарзиши Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки шашсад сол ин тараф мардумро ба росткорӣ, ростқавлӣ, адлу адолат, дӯстиву рафоқат, некӣ ва накӯкорӣ ҳидоят кардаанд, арзишҳои маънавии умумибашарӣ гардидаанд.

Равшан аст, ки бузургтарин хидмати орифон эҳтиром ва муҳаббат ба башарият аст. Алии Ҳамадонӣ низ, бегумон, аз ин қабил ҳакимони ориф мебошад, ки ҷавҳари таълимоти ӯро гуманизму инсондӯстии оқилона ва наҷибона ташкил медиҳад.

Мағз андар мағзи осори Мир Сайид Алии Ҳамадониро васфи инсон, баланд бардоштани манзалату мартабаи ӯ, ҳимояи манфиати ҳаётии вай, таъкиди мақоми иҷтимоӣ ва сиёсии ҳар фард, эҳтироми зан-модар, такмилу тақвияти суннатҳои фалсафию ирфонии худшиносию худогоҳӣ, роҳу тариқаҳои тарбияи ахлоқӣ ташкил медиҳанд.

Ин марди фозил аз худ асарҳоеро ба ёдгор гузоштааст, ки онҳо аз имтиҳони таърих гузашта, дар ҳама асру замонҳо хидмат карда метавонанд. Бисёр ҳикматҳои пурарзиши он ҳазрат ба аҳдофи режимҳои дунявӣ созгор ва бар ҳар сохти иҷтимоии адолатпарвар судманданд.

Илми идораи давлат, риояи адлу адолат ва ахлоқи ҳамида асоспояи давлату давлатдории имрӯз ҳам буда метавонад.

Он бузургвор нахустзинаи давлатдорӣ ва муҳимтарин пояи пайванди ҷомеаро дар осоиш ва аҳлу иттифоқии оила ва оиладорӣ мебинад.

Муносибати поку боэҳтиромона дар оила, ба падару модар, зану фарзанд ва хешу ақрабо, дастгирии бечораҳону корафтодагон, ба ақидаи он ҳазрат, ҳамон пайвандест, ки метавонад як оиларо бо оилаи дигар ва ҳамин тавр як ҷамоаро бо ҷамоаи дигар ва дар ниҳоят тамоми раияти давлатро муттаҳид созад. Ва чунон, ки пай бурдед, мо дар ин марҳалаи душвори давлатсозии худ маҳз ба ҳамин гуна муттаҳидии ҷомеа эҳтиёҷ дорем.

Боз як чизи дигар қобили зикр аст, дар фалсафаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ агар ҳоким нисбат ба шаҳрвандон низ имтиёз дошта бошад, шаҳрвандон дар нисбати ҳокимон ду баробар бештар, яъне дорои бист имтиёз мебошанд.

Ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, бар хилофи ақидаи расмии замони худ, ҳамаи ҳокимону халифаҳоро сояи худо дар рӯйи замин намешуморад. Ба ақидаи ӯ, он ҳокимоне, ки аз тариқати адлу эҳсон берун меравaнд ва ба бандагони ҳақ шафқат намекунанд ва тобеи нафсу ҳавои худ ҳастанд, душмани Худо ва расули ӯ мебошанд.

Риштаи бисёр устувори давлатдорӣ, ба ақидаи ҳазрати Амирҷон, хиёнат накардани ҳокимон ва ягонагии қавлу амали онҳост. Роҳбар, ба қавли он ҳазрат, бояд ба сони мурғони ҳаво зирак, мисли пирони хирадманд дурандеш ва чун соҳибхонаи оқила сарфакор бошад. Ин ҳикмат имрӯз ҳам ба роҳбарони ҳамаи зинаҳои идораи давлатии мо хеле омӯзанда мебошад.

Дар ин давру замон, ки бар асари пош хӯрдани низомҳои гуногуни иҷтимоию сиёсӣ, падидаҳои носавоб, бархӯрдҳои ҳасадовар ҷомеаи башарӣ ба мушкилоти мухталиф дучор омадааст, андешаҳои ҳакимонаи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дастурамали пурарзише буда метавонанд.

Дар даҳ шарте, ки Алии Ҳамадонӣ барои ҳокимияти одилонаву оқилона бар подшоҳону ҳокимон воҷиб мешуморад, асосан, ҳимояи манфиатҳои шахсони алоҳида ё гурӯҳи муайяне не, балки ҳифзи марому мақсад ва манфиатҳои мардуми заҳматкаш, халқи оддӣ баён гардидаанд.

Мутафаккир ҳатто баровардани ҳоҷати эҳтиёҷмандонро аз тоату ибодат авлотар мешуморад. Аз нигоҳи ӯ омили инсонӣ аз омили мазҳабӣ болотар аст.

Мақсаду мароми асосии фалсафаи ин марди хирадманд ба дараҷаи инсони комил расондани ҳар фарди ҷомеа аст, ки тавонад дунёи моддӣ ва олами ҷисмониашро аз айбу нуқс, унсурҳои зишт пок намуда, ба туфайли қаноат, сабру таҳаммул, идроку маърифат, ғайрату риёзат, садоқату рафоқат ҷисмониёту маънавиёташро ба ҳадди камол расонад.

Ҳусну таровати таълимоти ахлоқии Мир Сайид Алии Ҳамадониро тавсифу таъкиди унсурҳои ахлоқи неку

писандидаи башарӣ, амсоли фурӯтанӣ, хоксорӣ, вафодорӣ, тавозӯъ, камозорӣ ташкил медиҳад, ки намунаи дилписанди он рубоии зерин мебошад.

Айб аст баланд баркашидан худро,
В-аз ҷумлаи халқ баргузидан худро,
Аз мардумаки дида бибояд омӯхт,
Дидан ҳама касрову надидан худро.

Ҳикмати ирфонии Алии Ҳамадонӣ инсонро ба фаъолиятмандӣ, эҷодкорӣ ҳидоят мекунад. Вай на фалсафаи таслиму афтодарӯҳӣ, балки ҳикмати бузургии шаъну мартабаи инсон аст.

Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ мардумро ба кор баҳри дарёфти ризқурӯзии ҳалол ва меҳнати софдилона раҳнамоӣ менамояд. Вай инсонҳоро ба ростгӯӣ ва покию садоқат ҳидоят намуда, аз кибру ҳасад, ҳарисӣ, молу ҷоҳпарастӣ парҳез намуданро таъкид мекард.

Ба ин маънӣ дар шоҳасараш "Захират-ул-мулук" фармудааст, ки ҳар ки такаббуру бухлу ҳасадро пеша кунаду зердастонро ба ноҳақ биёзорад, он кас асари раҳмат набинад.

Амири Кабир бовар дошт, ки сифатҳои зишти ахлоқӣ сарчашмаи адовату душманӣ ва бадбахтию касодӣ мебошанд.

Ин андешаҳои мутафаккир, бешубҳа, баёнгари ҷиҳатҳои гуногуни таълимоти башардӯстонаи ӯ мебошад.

Метавон гуфт, ки Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо фаъолияти доманадору серсоҳа ва пурфайзаш барои халқҳою кишварҳои гуногуни Машриқзамин хидмати босазое кардааст.

Вай ба ин васила ҳамчун сафиру вакили илму фарҳанг, ҳунар ва адабу ирфон дунёи маънавии мардуми Ховарзаминро бо ҳам наздик гардонд, дар тақвияти робитаҳои дӯстии онҳо саҳми шоиста дошт.

Ном ва осори гаронбаҳои ин ситораи тобноки илму маърифат дар осмони тамаддуни башарият ҷовидона нурпошӣ хоҳад кард.

Дар охир мехоҳам як нуктаи муҳимро таъкид намоям. Пос доштани хотираи бузургоне мисли Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар шахсиятҳои нотакрори илму адабамон набояд фақат ба хотири ифтихору болидан бошад.

Мо фақат дар ҳамон сурат эҳтироми бузургонамонро комилан ба ҷо меорем, ки осори онҳоро омӯзем, фарзандонамонро дар рӯҳияи таълимоти онҳо тарбия кунем, фармудаҳои онҳоро дастури амал қарор диҳем, то ки дар оянда ҳам аз байни халқи мо Рӯдакиҳо, Фирдавсиҳо, Бӯалиҳо, Хайёмҳо, Мир Сайидҳо ба воя расанду мо дар рушду тамаддуни башар саҳмгузор бошем.

Дар маҷлиси орифон иштирок намудан ва аз нури маърифати онҳо файзёб шудан ҳадяи бузургест.

Имрӯз дар бузургдошти орифи беҳамтои таърихи муштараки халқҳои Эрон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон ва Тоҷикистон меҳмонони олиқадр аз бисёр кишварҳо ширкат доранд. Иҷозат диҳед қадами мубораки онҳоро ба кишвари кӯҳансоли мо, ба ҷавлонгоҳи андешаҳои ҷаҳонгири Рӯдакӣ ва Бӯалӣ Сино, Носири Хусрав ва Камоли Хуҷандӣ, Ҷалолиддини Балхӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ хайрамақдам гӯям ва ин гузориши кӯтоҳро бо байти дилангези ҳазрати Амирҷон ҷамъбаст намоям:

Зеби ҷамоли маънӣ чун нури маърифат шуд,
Сирру сафои ориф зебо бувад ҳамеша.

# МУТТАҲИДӢ — ГАРАВИ ПЕШРАФТ ВА ШУКУФОИИ ВАТАН

## СУХАНРОНӢ ДАР ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ ЧОРСОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

8 сентябри соли 1995

**Ҳамватанони азиз!**
**Меҳмонони гиромӣ!**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Ҳамаи мо ҳанӯз зери таассуроти ҷашни бузургдошти яке аз алломаҳои таърихи тамаддуни башарӣ ҳазрати Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ қарор дорем.

Халқе, ки дилаш аз нури маърифати абармардони тамаддун, чун Амири Кабир, мунаввар аст, халқе, ки фарҳанг ва таърихи пурифтихори худро қадр мекунад, ба ояндаи пурнур ва дурахшон сазовор мебошад.

Бузургдошти ин фозилаи тавоно ва ҷашни муборакаи Истиқлол бисёр меҳмонони арҷмандро аз дуру наздик ба Тоҷикистон овард.

Иҷозат диҳед, ҳамаи меҳмонони азиз, мақомоти дипломатии муқими Тоҷикистонро, ки имрӯз дар ҷашни саиди Истиқлоли ҷумҳурӣ ҳамроҳи мо ҳастанд, аз самими қалб табрик гуфта, ба онҳо миннатдории мақомоти роҳбарии ҷумҳуриро иброз дорам.

**Дӯстони азиз!**

Чунон ки маълум аст, чор сол пеш, баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ, истиқлолият ба мо басо осон ва сабук насиб шуд. Шояд барои ҳамин бошад, ки мо ба қадри ин ҳадяи тақдир нарасидем ва Тоҷикистон ба ҷанги хонумонсӯзи ҳамватанӣ кашида шуд.

Имрӯз мақсадҳои он ҳама ҷудоиандозону мансабталабон дар дохили кишвар ва ниятҳои доираҳои муайяни

ҷангандоз дар хориҷи мамлакат беш аз пеш ошкор шуда истодааст.

Аксарияти созмондиҳандагони маъракаҳои якдигар-бадбинии тоҷикон пойтахтамон, ё умуман ҷумҳуриамонро тарк гуфтанд. Баъзеҳо хатоҳои пурфоҷиаи худро дарк карда, сахт пушаймон шудаанд, баъзеи дигар дар гӯшаҳои хилвату роҳат нишаста, ҳамчун тамошобини бетараф ҳанӯз ҳам интизори бесарусомониҳои нав мебошанд.

Онҳо бояд донанд, ки халқи моро дигарбора ҷудо кардан ва ҷанг андохтан имкон надорад. Ман ба ҳамватаноне, ки иштибоҳ кардаанд ё дудилаанд, борҳо гуфтаам ва боз мегӯям: ақли солиму риояи одобу ахлоқи ҳамида ва қобилияти аз саҳву хатоҳои хеш сабақ гирифтан, омили муҳимтарини ворид шудан ба равандҳои демократист.

Ватандори ҳақиқӣ наметавонад ба хотири нияту мақсадҳои шахсӣ манфиати халқу Ватанро пешпо занад ва мамлакаташро қурбониниятҳои ғаразноки хеш созад.

Имрӯз баъди сипарӣ шудани чор соли мустақилият мо ҳис мекунем, ки аз он рӯзҳои пурфоҷиаи таърихамон ҳар қадар вақти бештар ғузараду фосила ба вуҷуд ояд, бар зарари мардум будани он ҳодисаҳои даҳшатнок ҳамон қадар равшантару возеҳтар маълум мешавад.

Албатта, натиҷаи он фоҷиаи миллиро ҳисобу китоб кардан мумкин аст: ҳазорҳо ҳамватане, ки ҷони худро аз даст доданд, даҳҳо ҳазор фирориён, ки беватан шудаанд ва зарари иқтисодие, ки бештар аз 7 миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад,— чунин аст номгӯи нопурраи оқибати талхи ин фоҷиа.

Вале дарду доғ ва оҳу нолаи онҳое, ки азизони худро аз даст додаанд, фиғону фарёди касоне, ки наздикони хешро дар хоки бегона гӯрондаанд, ҳасрати ятимоне, ки дида ба роҳи волидон дӯхтаанд, оё қимат дошта метавонад? Оё ҳамаи инро ҳатто бо қиматтарин чизи дунё андоза кардан мумкин аст?

Мехоҳам дар ин рӯзи барои ҳамаи мову шумо таърихӣ лаҳзае аз қурбониёни ҷанги ҳамватанӣ ёд кунем ва дақиқае сукут варзем...

Ташаккур.

**Дӯстони азиз!**

Имрӯз дар бораи саргузашти пурфоҷиаи халқамон андеша ронда, бояд пеши худ савол гузорем, ки оё мо аз он

фоҷиаҳое, ки пушти сар намудаем, чиро омӯхтем ва чиро сабақи таърих номида метавонем? Ҳарчанд бисёр қаламбадастон дар дохил ва хориҷи кишвар дар бораи он ҳодисаҳо ҷилд-ҷилд китоб ва мақолаҳои калон навиштаанд, боз ҳам маълум мешавад, ки он ҳама бештар аз худсафедкунӣ ё манфиатҷӯӣ, ё дурсттураш худнамоӣ ва ба тангкӯчаи торики навмедӣ кашидани одамон иборат аст.

Дар ин "асарҳо" таҳлилу натиҷагирӣ аз ҳодисаҳои рухдода ва равшан сохтани роҳи мо ба сӯйи оянда камтар ба мушоҳида мерасад, ҳодисаҳо аз нигоҳи манфиатҳои сиёсии як шахс ва ё гурӯҳи маҳдуд арзёбӣ шудаанд.

Бинобар ин, ба муаррихону сиёсатшиносони мо зарур аст, ки заминаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, ахлоқӣ ва равонии ин ҳодисаҳоро бо таҳаммул ва ҳамаҷониба омӯзанд, ба онҳо баҳои воқеъбинона диҳанд, то ки хулосаҳои илмӣ барои наслҳои оянда дарси ибрат гарданд.

Ҳатто истилоҳҳои гуногуни сиёсӣ, ба монанди "фундаментализми исломӣ", "экстремизм", "радикализм", "миллатгароӣ", "шовинизм", "бунёдгароии коммунистӣ" ва ғайра, ки барои маънидоди воқеаҳои дар Ватанамон рухдода васеъ истифода мешуданд, ба таҳқиқи амиқ ва шарҳу эзоҳи ҷиддӣ ниёз доранд.

Илова бар ин, мо бояд ҷавҳари идеологии истиқлолияти хешро дарк кунем ва онро ба зеҳну шуури мардум расонем.

Имрӯз миллати тоҷик бо дастгирии ҳамаи бародаронаш, ки дар маҷмӯъ халқи Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, соҳиби истиқлоли миллӣ, давлату давлатдории миллӣ, ифтихороти миллӣ гардидааст ва бо иродаи матин ба таври доимӣ ин муқаддасоти миллиро ҳифз ва рушду такмил медиҳад.

Қадами ҷиддӣ дар ин роҳ қабул шудани Сарқонуни Тоҷикистон мебошад, ки дар моддаи аввалаш ин дастоварди бузурги миллӣ сабт гардидааст.

Қабули Сарқонун аз ҷониби мардуми Тоҷикистон, интихоби умумихалқии Президенти ҷумҳурӣ, қабули Нишону Парчами давлатӣ ва Суруди миллӣ, таъсиси Артиши миллӣ ва қувваҳои сарҳадӣ, интихоби Маҷлиси Олӣ, таъину интихоби мақомоти роҳбарии маҳаллӣ — ҳамаи инҳо аз мустаҳкаму босубот сохтани ҷамъият, давлат ва дар ниҳоят ба сатҳи сифатан нав расидани истиқлоли миллии мо шаҳодат медиҳанд.

Мо тавонистем дар як муддати кӯтоҳ бо дарназардошти таҳлили тамоми мушкилоти ба сарамон омада роҳи пешрафти мустақилонаи минбаъдаи худро муайян намуда, масъулияти тамоми мақомоти давлатиро аз поён то боло дар назди мардум эълон намоем.

Давлати мустақили мо вазифаи аввалиндараҷаи худро дар таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебинад. Давлате, ки мо эҷод кардаем ва минбаъд пояҳои онро мустаҳкам ва босубот месозем, манфиати инсонро дар маркази тамоми фаъолияти хеш гузошта, онро ҳифз менамояд.

Мо дар асоси Конститутсиямон ҳокимияти халқ барои халқ ва тавассути халқро эҷод кардаем ва онро минбаъд такмил хоҳем дод.

Шуури баланди ҳуқуқию сиёсии халқамон, омодагии шахсии ҳар як шаҳрванд барои меҳнати содиқона ва софдилона, ба хотири ободии рӯзгори худ ва Ватани хеш — ин аст он қудрати асосие, ки кишвари моро дар кӯтоҳтарин муддат аз панҷаи бӯҳрону ақибмондагӣ раҳо дода метавонад. Маҳз ҳамин омил имкон медиҳад, ки шаҳрванд такягоҳ ва сарчашмаи нерӯбахши давлат ва ҷамъият шавад.

Сарқонуни кишварамон инкишофи ҳаёти ҷамъиятиро дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ кафолат медиҳад.

Имрӯзҳо дар Тоҷикистон дар асоси ин меъёрҳои демократии аз тарафи умум қабулшуда зиёда аз дусад ҳизбу ҳаракату созмону иттиҳодияҳои касбӣ фаъолият менамоянд ва давлат барои фаъолияти онҳо шароити зарурӣро муҳайё сохтааст.

Мавриди қайд аст, ки танҳо дар давоми як сол, аз ҷашни истиқлоли гузашта то имрӯз, қариб 30 ҳизбу ҷамъиятҳои сиёсии гуногунравия созмон ёфтаанд.

Боз як падидаи қувват гирифтани равандҳои демократӣ дар кишвари мо ин аст, ки нашрияҳои гуногунравияи ҳизбӣ, шахсӣ ва соҳавӣ озодона ва бе мамониат ба табъ мерасанд.

Дар айни замон Конститутсияи давлати мустақили Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятиеро, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳро талқин менамоянд, манъ кардааст.

Ба ҳамин тартиб, давлат барои ҳамагон, бидуни истисно, роҳи конститутсионӣ, қонунӣ, маданӣ ва инсонии фаъолияти сиёсиро фароҳам овардааст. Ин меъёр ба тамоми талаботи қолабҳои қабулшудаи умумибашарӣ ҷавобгӯй буда, дар радифи дигар меъёрҳо давлати воқеан ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ будани Тоҷикистонро таъмин менамояд.

Маълум аст, ки ҷамъияти муосири демократӣ наметавонад бе дарназардошти шароити таърихӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, мазҳабӣ, миллӣ, равонӣ, анъаноти миллӣ аз боло ба сари халқе таҳмил карда шавад.

Охир, демократия дар ҳолате вуҷуд дошта метавонад, ки ҳокимият ба дасти қонун аст. Қонун бошад аз ақлу фаросату одоб сарчашма мегирад, на аз худсарию худхоҳӣ.

Ин навъ ҷамъият бо мурури замон, ҳангоме ки худи ин миллат ба масъалаҳои марбути худаш сарфаҳм меравад ва роҳи ҳалли онро барои худ муайян менамояд, пурра ташаккул мeёбад ва нашъунамо мекунад.

Мо мақсаду мароми ниҳоии худро эълом доштаем ва марҳила ба марҳила ба сӯйи он равонем.

Мо намегузорем, ки миллати тоҷик, ки дар тӯли таърих борҳо таҳти ҳадафҳои гуногун, мавриди озмоиши иҷтимоию сиёсӣ қарор гирифтааст, бори дигар ба ин ҳолат дучор гардад.

Ошкоро гуфтан мехоҳам, ки имрӯз ҳам дар шароити басо душвори барқарор намудани иқтисодиёт, мо бо мушкилиҳое рӯ ба рӯ шудаем, ки онҳоро метавон имтиҳони ҷиддӣ номид. Гузаштан аз як низоми хоҷагидорӣ ба усули дигари иқтисодиёт, он ҳам баъди фоҷиаи шадиде, ки ба сари халқи мо омада буд, кори осон нест.

Вале бо дарки тамоми мушкилоте, ки моро домангир аст, имон бар он дорем, ки давлати мустақили Тоҷикистон рӯ ба рушду такомул мениҳад ва он дар миёни кишварҳои ҷаҳон ҷой ва мавқеи муносиби худро пайдо хоҳад кард.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Пӯшида нест, ки давлатҳои мутамаддин дар асоси мафкураи ваҳдати миллӣ пешрафт мекунанд.

Анъанаҳои неки ниёгонро тақвият дода, мо консепсияи сиёсати миллиро дар асоси беҳтарин бозёфтҳои тамаддуни сиёсатмадорӣ ва қонунгузории ҷаҳони муосир бунёд хоҳем кард.

Имрӯз ҳамаи мо тоҷикистониёнро Қонуни Асосӣ, рамзҳои муқаддаси кишвар, истиқлолият ва якпорчагии Ватанамон, ваҳдати миллӣ, ки рӯз то рӯз қувват мегирад, зич муттаҳид менамояд.

Вазифаи мақомоти давлатӣ аз он иборат аст, ки манфиатҳои гурӯҳҳои миллӣ ва мазҳабиро сарфи назар накунанд ва барои ривоҷи маданият, забон ва суннатҳои ҳамидаи миллӣ кӯмак расонанд.

Мо бояд анъанаҳои хуби тамоми халқҳои кишварамонро ҳамчун бойигарии бебаҳои маънавӣ ва пайвандгари муносибатҳои дӯстиву бародарӣ истифода барем.

Ҳиссиёти якдилӣ, муттаҳидӣ, ватандӯстӣ ва меҳнатдӯстии тамоми миллату халқиятҳои Тоҷикистон сарвати бебаҳоест, ки ба ҳамаи мо илҳому қувва мебахшад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Мо метавонем худро як қадар хушбахт шуморем, чунки ба зудӣ аз вартаи ҷанги ҳамватанӣ берун шудем, дар кишвар сулҳу салоҳ, ҳамдигарфаҳмӣ барқарор гардид. Қисми зиёди гурезагон, муҳоҷирони иҷборӣ, қувваҳои интеллектуалӣ, ки ҷумҳуриро тарк гуфта буданд, боз ба Ватан баргаштанд.

Дар байни Ҳукумати ҷумҳурӣ ва мухолифин баъди чор даври гуфтушунид аз рӯйи бисёр масъалаҳо ҳамдигарфаҳмӣ ва ё наздикшавии мавқеъҳо ба амал омад.

Ҳамчун Президент, ки ҳомии Конститутсия, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдорию бардавомии давлат, мураттибии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо мебошам, дар ин андешаам, ки ба мақсади таъмини суботу оромии комили ҷумҳурӣ ва беҳбудии зиндагии мардум бо роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ вохӯрда, ба фикру ақидаи онҳо шинос шавам.

Ман ба онҳо гуфтан мехоҳам, ки ба Ватан баргардонидани ҳамаи фирориён мақсади стратегии мо, зиёда аз он тақозои нангу номӯси ватандории мост.

Аз тарафи дигар, бозгашти тамоми ҳамватанони мо ба ҷумҳурӣ, то андозае ба ҷараёни музокирот бо мухолифин иртибот дорад.

Мо мӯътақид бар онем, ки масъалаи сулҳу оромиро дар Ватани маҳбубамон танҳо аз роҳи музокироти сиёсӣ бо

мухолифин ҳаллу фасл намудан мумкин аст. Дар ин роҳ, то ба имрӯз, мо бо мухолифин, чунон ки гуфтам, чор даври музокиротро анҷом додем.

Мо ҷонибдори иқдомоти оқилона ба манзури ҳар чӣ зудтар ба мусолиҳа расидан бо мухолифин мебошем. Вохӯриҳои охирини мо дар Кобул ва Теҳрон мавқеъҳои моро боз ҳам наздиктар сохт ва умедворем ин масъалаи муҳим дар ин наздикиҳо ҳаллу фасли хешро пайдо хоҳад кард.

Дар робита ба ин мо имзои Протоколи аз 17 августи соли ҷорӣ дар бораи принсипҳои асосии барқарории сулҳ ва мусолиҳаи миллиро яке аз дастовардҳои муҳиме дар роҳи таҳкими ваҳдати мардуми Тоҷикистон медонем.

Ҳукумати ҷумҳурӣ тамоми чораҳоро баҳри он дида истодааст, ки музокироти дар пешистода охирин ва ҳалкунанда бошад, дар он мувофиқатномаи умумӣ дар бораи барқарории сулҳ ва мусолиҳаи миллӣ ба имзо расад.

Ман имрӯз бо ҳисси миннатдорӣ саъю талошҳои хайрхоҳонаи мақомоти роҳбарии Россия, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, давлатҳои Исломии Афғонистон, Эрон, Покистон ва махсусан Созмони Милали Муттаҳидро қайд кардан мехоҳам.

**Дӯстони азиз!**

Тоҷикистони мо ба марҳалаи сифатан нави мавҷудияти худ ворид шуд. Пас аз фароҳам овардани сулҳу осоиш дар кишварамон ба бунёди иқтисодиёти худ шурӯъ намудем.

Ба маврид аст, ки дар ин масъала ба ҳамватанони хориҷии худамон муроҷиат намоям.

Аз мулоқотҳо дарк намудам, ки Ватани бобоӣ, забони модарӣ, урфу одати ниёгон барои шумо азизу гиромист. Ватан ҳам ба дастгирии шумо ниёз дорад. Шумо метавонед, ҳақиқатро дар бораи Ватани аҷдодии худ дар кишварҳое, ки зиндагӣ мекунед, равшану возеҳ баён намоед ва сармоягузорони манфиатдорро барои маблағгузорӣ дар корхонаҳои муштараки Тоҷикистону мамлакатҳои хориҷӣ шавқманд созед.

Мо аз шумо умедҳои калон дорем. Вобаста ба ин ман ба ҷаҳониён, ба онҳое, ки бо мо ҳамкорӣ кардан мехоҳанд, муроҷиат карда гуфтанӣ ҳастам:

Тоҷикистон дорои сарватҳои азими энергетикаи обӣ, маъданҳои нодир, мисли тилло, нуқра, сурма, мис, бор,

сангҳои гаронбаҳо ва дигар маъданҳои дорои аҳамияти стратегӣ мебошад.

Мо мехоҳем, ин сарват барои шукуфоии кишварамон ва мамлакатҳои дигар, ки мехоҳанд дар ин марҳалаи сарнавиштсоз бо мо ҳамкорӣ намоянд, хидмат бикунад.

Боз як чизи дигарро хотиррасон кардан мехоҳам: Тоҷикистон сарфи назар аз мушкилоти муваққатии худ ҳаргиз розӣ нахоҳад шуд, ки ягон кишваре ин мушкилоту гирифтории моро ба ҳадафҳои гаразноки сиёсии худ истифода намояд. Дар ин масъала мавқеи мо ошкоро ва тағйирнопазир аст.

Ҷумҳурии мо, дар муддати чор соли баъд аз эъломи истиқлолият дар муносибати байналмилалии худ бо тамоми кишварҳо сиёсати сулҳҷӯёна, эҳтироми соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро пеш гирифтааст.

Мо ҳамеша ҷонибдори ҳар чӣ бештар вусъат ёфтани робитаи иқтисодӣ ва сиёсии хеш бо Федератсияи Россия, ки иттифоқчии стратегии мо мебошад, ҷумҳуриҳои бародарии Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Қирғизистон, ва дигар ҷумҳуриҳои муштаракулманофеъ мебошем.

Сафари дирӯзаи ҳайати воломақоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маскав ва мулоқотҳои ман бо Президенти Федератсияи Россия Борис Николаевич Елсин ва Сарвазири ин кишвар Виктор Степанович Черномирдин гувоҳи равшани ин мавқеи мост.

Ин мулоқоту сӯҳбатҳо бисёр самарабахш буданд ва барои рушду инкишофи робитаҳои Тоҷикистону Россия дар оянда аз аҳамияти қобили мулоҳизае бархурдоранд.

Мо ҳамроҳи Президенти Россия Борис Николаевич Елсин масъалаҳои марбут баояндаи муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳоямон, вазъи минтақаи тоҷикистонии сарҳади Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва Афғонистон, ҷараёни равандҳои сиёсӣ дар мамлакати мо ва ҳалли масоили атрофи Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додем.

Роҳбарияти Россия дастгирии қатъӣ ва ҳамаҷонибаи худро аз роҳи пешгирифтаи сиёсии мо изҳор дошта, ибрози омодагӣ кард, ки муносибатҳои дуҷонибаи дӯстию ҳамкории миёни кишварҳоямонро ба сатҳи сифатан нав бардорад ва пояҳои ҳуқуқии онро густариш ва такмил диҳад.

Аз ин рӯ, Дар Эъломия оид ба таҳким ва тавсияи минбаъдаи ҳамкориҳои ҳамаҷониба миёни Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ки аз ҷониби ман ва Борис Николаевич Елсин ба имзо расид, ба ҳукуматҳои ҳарду кишвар супориш дода шудааст, ки бо мақсади ташаккули бозори умумӣ самтҳои асосии ислоҳоти иқтисодиро танзим ва кори таъсиси минтақаи ягонаи гумрукиро оғоз намоянд.

Бо дарназардошти муҳиммияти истифодаи шаклҳои муосири ҳамкорӣ дар соҳаи фаъолиятҳои истеҳсолӣ, инвеститсионӣ, молиявию тиҷоратӣ мо мувофиқатномаро дар бораи принсипҳои асосии ташкили гурӯҳҳои молиявию саноатӣ ба имзо расондем.

Ҷониби Россия, ҳамчунин, баҳри таъмини кафолатноки маҳсулоти галлагӣ дар асоси шартҳои мутақобилан судманд изҳори омодагӣ кард, ки ин барои мо хеле муҳим аст.

Дар ҳуҷҷати дигаре, ки мо ҳамроҳи раиси Ҳукумати Россия Виктор Черномирдин ба имзо расондем, принсипҳо ва самтҳои асосии ҳамкориҳои иқтисодии миёни ду кишвар то соли 2000-ум муайян карда шудаанд.

Мувофиқа ҳосил шуд, ки ҳамоҳангии фаъолиятҳои сиёсати хориҷии мо ба манзури таҳкими сулҳу субот дар ҷаҳон ҳарчи бештар таҳким шавад.

Ҳамкорӣ ва робитаҳои интеграсионии мо дар соҳаи харбӣ низ тавсиа хоҳанд ёфт.

Аз байни ҳама асноде, ки аз ҷониби ман ва Борис Николаевич Елсин ба имзо расид, мехостам мувофиқатномаи марбут ба масъалаҳои душаҳрвандиро махсус таъкид кунам.

Ин ҳуҷҷат, пеш аз ҳама, ба ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои ҳам россиягиҳо ва ҳам тоҷикистониҳое, ки бо амри тақдир баъди ҳодисаҳои ба ҳама маълум ба Россия рафтаанд, нигаронида шудааст. Он на фақат барои мӯътадил сохтани фаъолияти соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ кӯмак хоҳад кард, балки аз оғози марҳилаи тозае дар муносибатҳои Тоҷикистону Россия гувоҳӣ медиҳад.

Хулоса, ин сафари мо ба Маскав марҳилаи нав — марҳилаи ташаккули робитаҳои ҳамаҷонибаю стратегии байни Тоҷикистон ва Россияро оғоз бахшид.

Мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки Россия кафили барқарории сулҳу субот на фақат дар минтақаи мо, балки дар тамоми дунё мебошад.

Омода ҳастем, ки бо тамоми кишварҳои ҷаҳон бо дарназардошти манфиати пешрафти иқтисод ва рушди илму фарҳанги ҷумҳуриамон муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд дошта бошем.

Аз кӯмаку дастгириҳои ҳамаҷониба ва беғаразонаи ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкорӣ ва амнияти Аврупо, Иттиҳоди аврупоӣ, Ташкилоти конфронси исломӣ ва ғайраҳо миннатдор буда, умедворем, ки ин робитаҳо минбаъд низ ривоҷу густариш меёбанд.

Имрӯзҳо дар ҷумҳурии мо тақрибан 30 созмони байналмилалӣ, ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ фаъолият доранд.

Мо умедворем, ки байни созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҳукуматӣ ҳамоҳангии боз ҳам хубтаре ба вуҷуд ояд ва аз имконоти созмонҳои байналмилалӣ барои баромадани ҷумҳурӣ аз вазъияти мушкил, ки имрӯзҳо ба он гирифторем, ба таври самарабахш истифода хоҳад шуд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Асоси мавҷудияту тараққиёти давлати соҳибихтиёрро иқтисодиёти он ташкил медиҳад.

Ҳарчанд, ки имрӯз наметавонем дар бораи муваффақиятҳои назарас дар соҳаи иқтисодиёт сухан ронем, вале бо вуҷуди ин рӯҳафтода нестем.

Чанде пеш дар матбуот Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1995-2000 чоп шуд. Бо боварии комил метавон гуфт, ки амалӣ гардонидани ин Барнома ба рафъи бӯҳрони иқтисодӣ ва рушду равнақи иқтисодиёти ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

Ба роҳ мондани низоми муассиру самарабахши иқтисодиёт, ташкили шаклҳои гуногуни моликият ва фароҳам овардани муҳити рақобат дар асоси бозсозии муносибатҳои истеҳсолӣ, такмилу инкишофи низоми молиявию кредитӣ, ноил шудан ба кушода будани иқтисодиёт аз муҳимтарин вазифаҳои стратегии ислоҳоти иқтисодӣ мебошанд.

Дар роҳи татбиқи ин ҳадафҳо, пеш аз ҳама, ба фароҳам овардани шароит барои ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ, танзими воридот, ба кор ҷалб намудани аҳолии бекор ва ниҳоят тақвияти ҷараёнҳои интеғратсионӣ ва инкишофи робитаҳои хориҷӣ такя хоҳем кард.

Албатта , чунин вазифаҳои мураккабро дар муддати кӯтоҳ ҳал кардан имкон надорад. Барномаи ҳукуматӣ ҳалли ин масъалаҳоро дар давоми панҷ-шаш сол пешбинӣ мекунад. Дар ин муддат ташаккули тафаккури нави иқтисодӣ, ба вуҷуд овардани пояҳои ҳуқуқии иқтисодиёт ва ислоҳоти амиқи сохторӣ ва тарбияи кадрҳои баландихтисосро таъмин бояд кард.

Барои раҳоӣ аз бесарусомонӣ ва таназзули рӯзафзуни иқтисодиёт мо ба чӣ умед баста метавонем?

Фикр мекунам, ки дар навбати аввал мо бояд дар дилу дидаи халқамон чароғаки умед ба фардои беҳтарро равшан намуда, ба ӯ ин ҳақиқатро талқин кунем, ки агар муттаҳидона ва якдилона барои беҳбудии кор талош варзем, рӯзгорамон ва Ватанамонро ободкарда метавонем.

Инро дар кадом асос мегӯям?

**Аввало**, дар мамлакати мо сулҳу салоҳ қувват гирифта, якдигарфаҳмии одамон беш аз пеш густариш меёбад.

**Дуввум**, дар Ҷумҳурӣ ислоҳоти сиёсӣ асосан ба анҷом расида ва барои амиқрафт ва густариши ислоҳоти иқтисодӣ заминаи мусоид фароҳам омадааст.

**Саввум**, ҳама дарк карда истодаанд, ки фақат ба умеди кӯмаку ёрии дигарон шудан лозим нест.

Сиёсати иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба он равона шудааст, ки тавассути гузариш ба иқтисодиёти бозаргонӣ рушду равнақи иқтисодиётро таъмин намуда, ба болоравии сатҳи зиндагии мардум ноил гардем.

Давлат минбаъд ба ривоҷи соҳибкорӣ ва ҳарҷӣ беҳтар ташкил ёфтани корхонаҳои хурди хусусӣ мусоидат хоҳад кард.

Яке аз самтҳои асосии дигаргунсозиҳои иқтисодӣ — ин ҳавасмандгардонии маблағгузорист.

Албатта, манбаи асосии он захираҳои худии молиявии дохилидавлатӣ хоҳанд буд.

Дар айни ҳол, давлат дар бобати ба таври васеъ ҷалб намудани сармояи хориҷӣ тадбирҳо меандешад.

Пеш аз ҳама, мо ба тамоми сармоягузорони хориҷӣ муҳити хеле мусоиди инвеститсионӣ фароҳам оварда, дахолатнопазирии сармоягузорон, кафолати инвеститсияи онҳоро ба таври қонунӣ таъмин менамоем. Тоҷикистон барои ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо тамоми кишварҳои дунё кушодааст. Иқтисодиёти кишвар қудрат дорад маблағҳои зиёди хориҷиро аз худ кунад.

Бо такя ба потенсиали содиротии чумхурӣ ва бо дарназардошти зарурати дохил шудан ба муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ ислоҳотро дар фаъолияти иқтисодии берунӣ идома медиҳем.

Бекор кардани андози гумрукӣ барои воридот ва иҷозатнома барои содироти мол имкон фароҳам меорад, ки бозори дохилӣ фаровонтар гардад ва маблағгузориҳои хориҷӣ бештар шавад.

Имрӯзҳо перумони масъалаи ҷорӣ гардидани асъори миллӣ бисёр баҳсу мунозираҳо ҷой доранд. Вақте ки сатҳи истеҳсолот мунтазам паст меравад ва давлат дорои захираҳои кофии асъори хориҷӣ нест, таъмини гардиши пули миллӣ ва нигоҳ доштани қурби он хеле душвор аст.

Мувофиқи Барномаи Ҳукумат тадбирҳои комплексие ба нақша гирифта шудаанд, ки низоми молиявию кредитии самаранок фаъолияткунандаро таъмин намуда, ба нигоҳ доштани қурбу эътибори асъори миллӣ мусоидат мекунанд.

Ба амал баровардани дигаргунсозиҳои иқтисодӣ аз кори самарабахши ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Вазифа гузоштем, ки структура ва вазифаҳои вазорату идораҳои соҳаи иқтисодиро аз нав дида, фаъолияти онҳоро дар асоси талаботи иқтисодиёти бозаргонӣ тағйир ва такмил диҳем.

Мо бояд дастгоҳи идоракуниро дар ҳамаи зинаҳо хеле кам намуда, як дастгоҳи устувор, зудамал ва судмандро созмон диҳем, ки тавонад масъули ислоҳоти иқтисодӣ бошад.

Барои он ки одамон дар ислоҳоти иқтисодӣ фаъолона ширкат варзанд, онҳо бояд ба фоидаи худ будани ин тадбирҳоро дарк намоянд. Онҳо бояд бовар кунанд, ки ислоҳоти иқтисодӣ ба манфиати худи онҳост.

Ҳокимияти давлатӣ бояд чунин шароитеро фароҳам оварад, ки мардум тавассути меҳнати босамар зиндагии неки худро таъмин созад.

**Дӯстони гиромӣ!**

Имрӯз, аллакай метавон бо қатъият изҳор кард, ки ҷумҳурии мо қодир аст, аз бӯҳрон наҷот ёбад, рушду равнақи иқтисодиётро таъмин намояд. Натиҷаҳои тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ дар тӯли ҳашт моҳи охир аз он шаҳодат медиҳад.

Иқтисодиёти ҷумҳурии мо, бори аввал дар тӯли чор соли баъди истиқлолият, ҳашт моҳи охир бе қарзи хориҷӣ фаъолият кард. Корхонаҳои соҳаҳои муайякунандаи хоҷагии халқ ба кор даромадаанд.

Рафти иҷрои фармони Президент оид ба тезонидан ва амиқгардонии ислоҳоти иқтисодӣ харчи бештар самара медиҳад. Сохторҳои иқтисоди бозорӣ ташаккул меёбанд, муносибатҳои нави иқтисодӣ дар ҳама соҳаҳои зиндагӣ ба назар мерасанд.

Нияту амали моро дар роҳи ислоҳоти иқтисодӣ мамлакатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои бонуфузи байналхалқӣ, аз ҷумла — Фонди байналхалқии асъор, Бонки ҷаҳонӣ дастгирӣ мекунанд.

Лекин як чизро мехоҳам бори дигар таъкид кунам.

Ҳамаи ин вазифаҳои муҳимро дар ҳолате сарбаландона иҷро карда метавонем, ки таҳаввулоти мафкуравии эҳёи Ватанро дар шуури халқи худ боз ҳам вусъат бахшем. Барои ин мо ҳисси ватандӯстӣ, нангу номус, худшиносӣ ва ғурури миллӣ дорем. Охир, маҳз ғурури миллӣ, нангу номус бисёр кишварҳоро, ки бар асари ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ ба хок яксон шуда буданд, ба сафи мамлакатҳои пешрафтаи дунё баровард.

**Дӯстони мӯҳтарам!**
**Меҳмонони иззатманд!**

Тоҷикистон дорои сарвати бебаҳо, яъне ашхоси бофарҳанг, боистеъдод, ҷӯянда ва дилсӯзу ғамхори Ватан мебошад, ки онҳо қодиранд кишварамонро ба сатҳи баланди тараққиёти илму маърифати ҷаҳонӣ баророанд ва ба садаи нави рӯзгори башарият — асри XXI раҳнамо бошанд.

Мо бояд потенсиалӣ ақлӣ ва фарҳангии кишварамонро ба эҳтиёт ҳифз карда, онро афзун намоем. Зеро фақат ҳамин омил имкон медиҳад, ки фишангҳои дигари пешрафт ба ҳаракат дароянд.

Ҳамчунин потенсиали иқтисодӣ ҳам дорем, ки агар онро дастҷамъона ба кор андозем, ба муваффақият ноил гашта метавонем.

Мо дар ҷаҳони муосир шарикони пурқудрат ҳам дорем, ки ниятҳои неки халқи моро дастгирӣ намуда, дар лаҳзаҳои душвор Тоҷикистонро яккаву танҳо намегузоранд.

Ва аз ҳама муҳимтараш халқи мо ба ояндаи кишвари худ — ҳамчун давлати демократӣ, адолатхоҳ, шукуфон бовар дорад ва ин ба мо имконият медиҳад, ки бе дудилагӣ бо қадамҳои устувор пеш равем.

Пас, иҷозат диҳед иди муборакӣ Рӯзи Истиқлолро ба умеди ояндаи дурахшони Ватанамон ба ҳамаи шумо, азизон, табрик гуфта, ба шумо саломатӣ, комёбӣ ва сарбаландиҳо орзу намоям!

## СУХАНРОНӢ
## ДАР ИҶЛОСИЯИ 50-УМИ АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД

Нию-Ёрк, 24 сентябри соли 1995

**Мӯҳтарам ҷаноби раис,**
**Мӯҳтарам ҷаноби Сармуншӣ,**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

Ҷашни нимасраи Созмони Милали Муттаҳид ва 50-солагии анҷоми Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ тақдири ба ҳам пайвастаи таърихӣ доранд.

Мубориза алайҳи неруҳои аҳриманӣ бо пирӯзии бузург анҷом пазируфт, кишварҳои мухталифро новобаста аз низоми сиёсӣ ва идеологиашон ба мадори худ кашонид. Ҷойи ифтихор аст, ки дар ҳайати неруҳои мамолике, ки ба хотири ин пирӯзӣ мубориза карданд ва Созмони Милали Муттаҳидро ташкил доданд, ҷанговарон — фиристодагони Тоҷикистон низ ширкат варзиданд.

Созмони Милали Муттаҳид, ки ҳадафаш ба мамлакатҳо дар ҳалли мусолиматомези ихтилофот кӯмак кардан аст, имрӯз дар баробари боз як имтиҳони замона қарор дорад — ин ҳам бошад, ҳар чӣ васеътар мавриди истифода қарор додани воситаҳои дипломатияи тадбирӣ дар ҳалли масоил аст.

Мо бар ин ақидаем, ки неруи сулҳовари Созмони Милали Муттаҳид, дар сурати ҳамкории он бо созмонҳои минтақавӣ, метавонад ба маротиб афзоиш ёбад ва пеш аз ҳама дар роҳи пешгирӣ, хомӯш кардан ва танзими ихтилофоти низомӣ, мубориза алайҳи терроризм, зуҳуроти радикалии равияҳои мухталифи бунёдгаро хизмат кунад.

Мо пешомадҳои дифоъ аз манфиатҳои миллии худро дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамгирой бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо медонем, маҳз дар ҳамин маҷро имрӯз дар гуфтушунидҳои байни тоҷикон тамоюлҳои конструктивии хосае зуҳур намудаанд.

Итминон дорам, ки агар дар Афғонистони ҳамсоя вазъи муташанниҷ идома намедошт, талошҳои мо дар ин самт самараи боз ҳам бештаре ба бор меоварданд. Тамоюлҳои торафт авҷгирандаи шиддати вазъ дар ин ҷо на танҳо амнияти кишвари моро ба хатар мувоҷеҳ месозанд, балки дар онҳо раванди харобиовари бӯҳрони азиме ниҳон аст.

Мо ҷомеаи байналмилалиро давъат менамоем, ки ҳар чӣ зудтар ба барқарории сулҳ дар ин сарзамини ҷафокашида мусоидат кунанд. Ҳаллу фасли бӯҳрони Афғонистон на фақат иштироки фаъолонаи кишварҳои минтақа, балки амали самарабахши Созмони Милали Муттаҳидро тақозо мекунад.

Проблемаҳои рушди иқтисодии давлатҳои навтаъсиси аъзои СММ бо масоили амнияти ҳамагоиӣ вобастагии амиқ доранд.

Падидаҳои ҳанӯз ҳам мавҷудаи ҳуқуқпоймолкунӣ дар иқтисод ва савдои ҷаҳонӣ, ҳамчунин таҷрибаи расондани кӯмакҳои молиявию иқтисодӣ ба мамлакатҳои дар ҳоли гузаришро ба шартҳои махсус побанд кардан, аз нигоҳи мо, ҳаргиз ба ҳадафҳои таъмини амнияти ҳамагонӣ хидмат намекунанд.

Таҳияи нақшаи комплексии дастгирии ислоҳот дар кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар марҳилаи гузариш аз ҷониби муассисаҳои махсуси Созмони Милали Муттаҳид ва созмонҳои байналхалқии бонкӣ ва молиявӣ, ба назари мо, метавонист раванди гароиши ин давлатҳоро ба иқтисоди ҷаҳонӣ такони муассир бахшад. Инкишофи босуръати ҷаҳони муосир Созмони Милали Муттаҳидро водор месозад, ки як силсила консепсияҳо, аҳдоф ва вазифаҳои худро таҷдиди назар кунад. Дар робита ба ин мехостем, умедвор бошем, ки тамоюлоти солҳои охир базуҳуромадаи истифодаи чораҳои маҷбурӣ дар амалиёти Созмони Милали Муттаҳид оид ба таъмини сулҳ минбаъд густариш нахоҳанд ёфт.

Мо мавқеи Созмони Милали Муттаҳидро оид ба таъмини сулҳ ва субот дар минтақаи худ низ пуштибонӣ

карда, ҳамзамон чунин мешуморем, ки талаботи меъёрҳои амният бояд тағйирнопазир бошанд.

Имрӯз баъди тай кардани марҳилаи 50-солагии худ Созмони Милали Муттаҳид барои андешидани тадбирҳои судбахш, ки ҷавобгӯйи таҳаввулоти сифатии авзоъ дар ҷаҳон бошанд, тамоми имконотро дорад. Бо дарназардошти воқеияти ҷаҳони муосир ташаккул додани худи Созмони Милали Муттаҳид аз ҷумлаи чунин тадбирҳо мебошад.

Стратегияи ҳамгирой дар асри XXI-ро мо дар умумияти манфиатҳои бунёдие мебинем, ки тавонанд эътимоду боvaриро таҳким бахшанд ва домани сулҳу шукуфоиро дар солиёни минбаъда густариш диҳанд.

**Ҷаноби раис!**

Панҷ даҳсола барои таърих лаҳзаест. Вале ин лаҳза олиҷаноб аст. Зимнан, худи ғояи сулҳу ҳамкорӣ, ки дар бунёди Созмони Милали Муттаҳид гузошта шудааст, олиҷанобу зебост.

Бигузор фазои идонаи ин боргоҳ воқеияти ногувори рӯзмарраро аз назарҳо пинҳон насозад. Мо бояд бо шоистагӣ ва бо умеду эътимод баояндаи беҳтар мероси Созмони Милали Муттаҳидро ба насли оянда вогузор намоем.

**Ташаккур барои таваҷҷӯҳатон.**

# ИСЛОҲОТИ ЗАМИН МОҲИЯТИ ИНҚИЛОБӢ ДОРАД

## СУХАНРОНӢ ДАР МАШВАРАТИ УМУМИҶУМҲУРИЯВӢ ОИД БА ТЕЗОНИДАНИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ДАР КОМПЛЕКСИ АГРОСАНОАТӢ

7 октябри соли 1995

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Идома ёфтани пастравии иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ, махсусан вазъи ғайриқаноатбахш дар комплекси агросаноатӣ моро водор сохт, ки ҷамъомади имрӯзаро доир кунем.

Мо дар бораи раҳоӣ бахшидани ҷумҳурӣ аз бӯҳрони амиқи иқтисодӣ бисёр сухан мегӯем. Вале вақте ки вазъи корҳоямонро воқеъбинона таҳлил мекунем, мебинем, ки суханамон бо амаламон чандон мувофиқат намекунад.

Мегӯем, ки комплекси агросаноатӣ соҳаи асосии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад, дигаргунсозиҳои иқтисодиётро дар ин соҳа ҳар чӣ зудтар ва ҷасуронатар ба роҳ мондан лозим аст.

Вале вақте ки кас бо вазъи корҳо амиқтар шинос мешавад, мебинем, ки маҳз дар ҳамин соҳа ислоҳоту дигаргунсозиҳо бисёр ба карахтӣ ва душворӣ ба ҳаёт татбиқ мегарданд.

Дар роҳи татбиқи онҳо ҳазору як монеа мавҷуд аст ва бадтараш ин аст, ки аксари ин монеаҳо аз ҷониби структураю шахсоне ба вуҷуд оварда мешаванд, ки вазифаашон татбиқи ислоҳот, тезонидани дигаргунсозиҳо, ба мардум фаҳмонидани моҳияти онҳо мебошад.

Яъне онҳо ё худашон ҳанӯз моҳияти дигаргунсозиҳоро нафаҳмидаанд, ё қасдан ба хотири манфиатҳои

маҳдуди идоравию шахсиашон ба ривоҷиислоҳот монеъ мешаванд.

Ман ҳангоми сафарҳоям ба минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ, сӯҳбату вохӯриҳо бо мардум мушоҳида кардам, ки тақозои ҳаёту зиндагӣ аксари одамонро ба дигаргуниҳо дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ омода сохтааст.

Онҳо ташнаи меҳнат ҳастанд, ки ташаббусу фаъолиятнокӣ зоҳир мекунанд, вале бисёр ташаббусу мақсадҳои неки онҳо ба девори нофаҳмию карахтии дастгоҳҳои бюрократӣ бархӯрда бенатиҷа мемонанд.

Аз ин ҷо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки монеаи асосии татбиқи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар ин соҳа ҳамон психологияи кӯҳнаи ба умеди дигарон нишастан, манфиати худро аз манфиати ҷамъият боло гузоштан, беҷуръатӣ, камфаъолиятӣ дар байни роҳбарони звенои миёнаю поёнӣ мебошад.

Аз ин рӯ, вазифаи муҳим ва аввалиндараҷа дар роҳи ҷорӣ кардани дигаргунсозиҳои иқтисодӣ он аст, ки масъалаҳои марбут ба мавҷудияти минбаъдаи комплекси агросаноатӣ ба таври ҷузъӣ не, балки ба таври бунёдӣ ва яклухт, бо дарназардошти омодагии равонии ҷомеа, самарабахшии ҳар кадом структураи соҳа, сохти идоракунӣ, дарку фаҳмиши моҳияти дигаргунсозиҳо ва ғайра ҳаллу фасл карда шаванд.

Воқеан ҳам раҳоӣ ёфтани ҷумҳурӣ аз бӯҳрони амиқи иқтисодӣ бевосита ба вазъи корҳо дар комплекси агросаноатӣ вобаста аст. Маҳсулоти хоҷагии қишлоқ қариб аз се як ҳиссаи маҳсулоти умумии миллиро ташкил менамояд. Ва маҳз дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, махсусан, соҳаи растанипарварӣ мо метавонем аллакай дар соли оянда ба пешравиҳо ноил гардем.

Ҷумҳурии мо иқтидори азими афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дорад. Мувофиқи таҳлили мутахассисон, мо метавонем истеҳсоли пахтаро дар сатҳи 800-900 ҳазор тонна нигоҳ дошта, ҳамзамон истеҳсоли ғалларо солона ба 750-800 ҳазор тонна расонем, ки ин 80 фоизи талаботи ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин ҷумҳурӣ дорои шароитҳои хуби афзоиш додани истеҳсоли чунин намудҳои маҳсулоти содиротӣ аз қабили тамоку — то 14—15 ҳазор тонна, пиёз — то 230 ҳазор тонна, пилла — то 6 ҳазор тонна мебошад. Барои зиёд

кардани истеҳсоли дигар намудҳои маҳсулоти кишоварзӣ низ ҷумҳурии мо имкониятҳои калон дорад. Фақат ин имкониятҳоро оқилона ва пурра истифода кардан лозим аст.

Ҳукумат бо дарназардошти муҳим будани инкишофи босуръати комплекси агросаноатӣ ва зарурияти зина ба зина омода сохтани шароитҳо барои фаъолияти самарабахши иқтисодиёт, беҳтар кардани вазъи иҷтимоии аҳолии деҳот фақат дар чанд моҳи охир як қатор тадбирҳое андешид, ки онҳо ба дастгирӣ ва дигаргунсозии сектори аграрӣ равона карда шудаанд.

Аз ҷумла, додани литсензия ба бисёр намудҳои маҳсулот аз миён бардошта шуд, нархҳои озоди фурӯш ҷорӣ гардиданд. Қарор қабул карда шуд, ки хариди ғалла мувофиқи хоҳиши истеҳсолкунанда ба ивази арзи хориҷӣ, рубли Россия ё пули миллии тоҷикӣ сурат гирад.

Дар баробари ин агар хоҷагӣ арзи хориҷиро барои хариди техника, нуриҳои минералӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва пурра кардани воситаҳои гардиши худӣ сарф кунад, аз фурӯши ҳатмии як қисми маҳсулот ба давлат озод мешавад.

Ба мақсади баланд бардоштани ҳавасмандии хоҷагиҳо барои истеҳсоли пахта ва баъзе намудҳои дигари маҳсулот ҳам қарори ҷиддие қабул шуд. Ин қарор имкон медиҳад, ки хоҷагиҳо 30 фоизи нахи пахтаро аз ҳисоби супориши давлатӣ ва тамоми нахи пахтаи зиёда аз супориши ҳосили соли 1995-ро дар ихтиёри худ нигоҳ доранд.

Зиёда аз он аз соли 1996 сар карда харидуфурӯши пахта бо нархҳои озод сурат мегирад.

Албатта, инҳо ҳама иқдоми ҷиддие дар роҳи дигаргунсозии муносибат дар байни давлат ва истеҳсолкунанда мебошанд. Мо дар назар дорем, ки ин қарорҳои муҳим кори деҳқониро ба маҷрои сифатан нав ворид месозад.

Барои иҷрои онҳо механизми оқилона ва самарабахш лозим аст. Нашавад, ки имконияти тороҷ кардани заҳмати деҳқонро аз зинаи боло ба поён фароварда, тақдири деҳқонро аз дасти бюрократияи марказӣ гирифта ба дасти бюрократияи маҳаллӣ диҳем.

Пахтае, ки дар ихтиёри хоҷагиҳо мемонад, бояд фақат барои мустаҳкам кардани иқтидори хоҷагиҳо ва некӯаҳволии деҳқонон истифода шавад. На барои каруфари раисону харидани “ҷипҳои” нав барои корчаллонҳои

маҳаллӣ. Ташкилотҳои гумрук, андоз ва мақомоти муҳофизати ҳуқуқ ин масъалаҳоро бояд дар зери назорати қатъӣ бигиранд.

Шароити имрўзаи кишоварзӣ талаб мекунад, ки мо барои ба эътидол овардани вазъият дар ин роҳ қатъитар ва ҷасуронатар амал намоем.

Ҳоло деҳқони рўзирасон дар болои худаш хўҷаинҳои зиёд дорад. Аз зинаҳои ноҳиявӣ гирифта, то вазорати марказӣ ҳама ба деҳқон фармон медиҳанд, маҷлис мегузаронанд, кор талаб мекунанд, вале касе парво надорад, ки ин ҳама фармонҳоро кӣ ва дар кадом шароит бояд иҷро намояд.

Шумо медонед, ки барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ таҳия шудааст. Он аллакай дар шўрои байниидоравии назди Президент оид ба ислоҳоти иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва маблағгузориҳои хориҷӣ маъқул дониста шуд. Ин барнома бояд роҳнамои инкишофи комплекси агросаноатии мамлакат гардад.

Моҳияти ин барномаро мухтасар чунин маънидод кардан мумкин аст: ба деҳқон имконият дода шавад, ки ҳам худаш серупур бошаду ҳам дастархони халқашро обод созад!

Чунон ки маълум аст, моҳи июни соли ҷорӣ барои қонеъ сохтани эҳтиёҷоти колхозу совхозҳо ва дигар ташкилотҳои комплекси ағросаноатӣ аз ҷониби Бонки миллии ҷумҳурӣ ба маблағи 500 миллион рубл қарзи иловагӣ ҷудо шуд. Ҳамчунин бо қарори Ҳукумат мўҳлати пардохти қарзи корхонаҳои соҳаи комплекси агросаноатӣ ба маблағи 160 миллиард рубли Россия то 1-уми октябри соли ҷорӣ дароз шуд.

Чунон ки таҷрибаи мамлакатҳои пешқадами ҷаҳон нишон медиҳад, ҳадафи асосии сиёсати аграрӣ — ин таъмини озодии комили хоҷагидорӣ ва ҳавасмандгардонии молистеҳсолкунандагон барои зиёд кардани истеҳсол ва баланд бардоштани сифати маҳсулот мебошад. Мо низ ҳамин роҳро пеш гирифтаем.

Барои ин мо бояд дар хоҷагии қишлоқ шаклҳои гуногуни моликият ва хоҷагидориро ривоҷ диҳем. Ба ин мақсад Ҳукумат Барномаи хусусӣ гардондани объектҳои комплекси агросаноатиро дар солҳои 1995 — 1996 тасдиқ

намуда, дар бораи дигаргунсозиҳои сохторҳои колхозу совхозҳо ва дигар корхонаю хоҷагиҳои соҳаи кишоварзӣ қарор қабул кард.

Худатон мулоҳиза кунед: ҳиссаи майдонҳои наздиҳавлигӣ дар заминҳои обии ҷумҳурӣ 9,4 фоизро ташкил медиҳад. Вале дар ҳамин микдор майдон 58 фоизи картошка, 63 фоизи сабзавот истеҳсол карда мешавад. 71 фоизи шир, 55 фоизи тухм ва 65 фоизи гӯштро низ хоҷагиҳои хусусӣ медиҳанд.

Соли ҷорӣ ҳосилнокии ангур дар сектори ҷамъиятӣ аз ҳар гектар ҳамагӣ 29 сентнер, дар хоҷагиҳои шахсӣ бошад, 150-сентнериро ташкил додааст.

Чунин мисолҳоеро, ки самаранокии кори сектори хусусиро исбот менамоянд, бисёр овардан мумкин аст. Бо дарназардошти ҳамин Ҳукумати ҷумҳурӣ тасмим гирифтааст, ки то охири соли ҷорӣ 40 ҳазор гектар заминҳои обӣ ва лалмиро ҳамчун участкаи наздиҳавлигӣ ба сокинони деҳот тақсим карда диҳад.

Бо овардани мисолҳои зикршуда ман шуморо ба ҳар чӣ зудтар барҳам додани колхозу совхозҳо даъват карданӣ нестам. Хонаи навро насохта, кулбаи кӯҳнаро хароб кардан кори оқилона нест.

Хоҷагиҳои фоидаовар, колхозу совхозҳое, ки имрӯз худашон худашонро нигоҳ дошта метавонанд, ҳуқуқи мавҷудиятро доранд. Вале чӣ бояд кард бо он хоҷагиҳое, ки ба қарз ғӯтидаанд, зиёноваранд ва ҳеҷ умеде нест, ки онҳо аз чунин вазъият наҷот ёфта метавонанд,

Магар худи мавҷудияти онҳо ва аз ҳисоби қарзҳои давлатӣ, яъне аз ҳисоби ҳаққи ҷамъият мавҷудияти ҳақиронаи худро нигоҳ доштани онҳо зарар болои зарар нест?!

Ҳукумат ва сохторҳои масъули комплекси агросаноатӣ бояд дар сари ин масъалаҳо ҷиддӣ фикр кунанд ва дигаргунсозиҳоро дар ин самт ҳар чӣ қатъитар ва бо ҷуръаттар ба роҳ монанд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Ҳукумати ҷумҳурӣ роҳи дигаргунсозии қатъии муносибат ба заминро пеш гирифтааст. Зеро замин боигарии асосии мамлакати мост.Ояндаи ҷумҳурӣ,ояндаи халқи Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста аст, ки муносибат ба замин дар кишвари мо чӣ гуна ба роҳ монда мешавад.

Ислоҳоти замин, аслан, гирем, моҳияти инқилобӣ дорад. Он вобастагӣ ва дастнигар будани ҳар кадом шахсро аз давлат барҳам медиҳад. Деҳқон фақат дар сурате худро озод ва мустақил ҳис мекунад, ки воқеан ҳам худаш соҳиби замин бошад ва бо меҳнати ҳалоли худ аз он фоида ба даст орад.

Дар сурати дурусту оқилона ба роҳ мондани ислоҳоти замин мо метавонем,

**якум**, масъалаи бекорӣ ва ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҷалб намудани аҳолии бекорро ҳал кунем;

**дуюм**, кафолати иҷтимоии сокинони деҳотро таъмин намоем;

**сеюм**, масъалаи таъминоти аҳолиро бо хӯрокворӣ то андозае ҳал кунем;

**чорум**, баривоҷи сохтмони манзили шахсӣ дар деҳот такони муассир бахшем;

ва ниҳоят, **панҷум**, ба василаи ҷалб кардани мардум ба меҳнати фоиданок ва обод сохтани рӯзгори худ суботи иҷтимоию сиёсиро дар Ҷумҳурӣ мустаҳкам карда, пеши роҳи ҷинояткорӣ ва дигар зуҳуроти манфиро дар ҷомеа гирем.

Дар ислоҳоти замин меъёри асосии муайякунанда чунин аст: замин бояд ба касе дода шавад, ки дар он кор карда, фоида гирифта метавонад ва дар баробари ин ба замин зиён намерасонад.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон замин моликияти давлатӣ мебошад. Вале ин меъёр ҳаргиз ба истифодаи васеи шаклҳои гуногуни хоҷагидорӣ, ки самарбахшии худро исбот кардаанд, монеъ буда наметавонад. Чунин фаҳмише, ки замин моликияти давлатист ва онро фақат структураҳои давлатӣ ихтиёрдорӣ мекунанд, хато аст. Заминро ба деҳқон ба иҷораи кӯтоҳмуддату дарозмуддат бо ҳуқуқи мерос гузоштан тақсим карда додан лозим аст.

Дар давраи гузариш ба шакли васеи иҷоракорӣ тамоми намудҳои заминҳои бекорхобидаро ба ихтиёри мардум вогузор бояд кард. Бигузор онҳо ҳар чӣ мехоҳанд, онро кишт кунанд.

Давлат аз посиракорон то 3-5 сол ягон намуди андозро намегирад. Танҳо баъди ин муддат бо посиракорон шартномаи иҷоравӣ баста мешавад.

Дар механизми тақсимоти замин бояд тамоми одату анъанаҳо хуб ба эътибор гирифта шаванд. Ҳама кор бояд

ба таври ошкоро ва бо муҳокимаи пешакӣ сурат гирад. Имкониятҳои дар паси дарҳои пӯшида, бо иродаи ин ё он мансабдор тақсим кардани замин бояд аз миён бардошта шаванд. Дар ин кор ба ҳеҷ гуна зиддияту мухолифат роҳ додан мумкин нест.

Давлат бошад, аз ҷониби худ бояд истифодаи дурусти заминро ҷиддӣ назорат кунад.

Механизми баргашта гирифтани замин низ бояд аниқу дақиқ муайян карда шавад.

Фермер бояд донад, ки агар ӯ заминро мувофиқи таъинот истифода набарад, ё аз усулҳои ба замин зиёновар истифода кунад, дар вақташ андози муқарраршударо насупорад ва ҳамчунин барои дигар қонуншиканиҳо аз ҳиссаи замини худ маҳрум хоҳад шуд.

Албатта, кашида гирифтани замин аламовар аст ва метавонад боиси норизоиҳои шадид гардад. Аз ин рӯ, моҳияти чунин механизмҳоро худи ҳозир, дар аввали кор ба мардум фаҳмондан лозим аст.

Табиист, ки истифодабарандагони замин дар назди давлат дар бобати пардохт ба буҷет ӯҳдадориҳои муайянеро ба зимма доранд. Вале бисёр муҳим аст, ки механизмҳои чунин пардохт бояд ҳаддалимкон содда ва ба ҳама — аз хоҷагиҳои калони коллективӣ ё саҳҳомӣ сар карда то фермерҳои хурд фаҳмо бошад.

Ин пардохтҳо бояд дар асоси кадастри замин ва бо дарназардошти шароитҳои иқлимӣ, ҷуғрофӣ, ҳосилнокии хок ва ғайра муайян карда шаванд.

Вобаста ба ин, масъалаи ҷорӣ кардани низоми қатъии ҳисобу китоб ба миён меояд. Он дар шароити имрӯза ба дигаргунӣ ва навсозии ҷиддӣ ниёз дорад.

Он бояд тарзе бошад, ки вазъи корҳоро дар сектори аграрӣ воқеъбинона инъикос намояд. Имрӯз, мутаассифона, мо аз вазъи ҳақиқии истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ бехабар ҳастем.

Дар баробари ин зурур аст, ки механизми ҳисобу китоби худи заминро ба роҳ монем. Ин ба мо имкон медиҳад, ки пеши роҳи бекор мондани заминро гирем ва онҳоеро, ки дар ин кор ба бемасъулиятӣ роҳ медиҳанд, ба ҷавобгарии ҷиддӣ кашем.

Оё бо чунин вазъ муросо кардан мумкин аст, ки соли ҷорӣ беш аз 25 ҳазор гектар замини обӣ нокишта мондааст.

Аввалан, ин ошкоро вайрон кардани қонунгузорӣ оид ба замин мебошад. Роҳбарони хоҷагиҳо ва минтақаҳо барои чунин бемасъулиятӣ бояд ҷавоб гӯянд.

Аз ҷониби дигар, фарз кунем, ки колхозу совхозҳо заминҳоро бо сабабҳои объективӣ — нарасидани техника, тухмӣ, сӯзишворӣ ва ғайра истифода бурда натавонистанд. Вале ман бовар дорам, ки агар ин миқдор замин сари вақт бо шартҳои муайян ба мардум тақсим карда дода мешуд, ягон ваҷабаш ҳам холӣ намемонд ва ҳазорҳо оила ақаллан эҳтиёҷоти худро бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин мекард.

Чӣ ба ин монеъ шуд? Ана ҳамон карахтӣ, камфаъолиятӣ, ба таври давлатӣ фикр карда натавонистан, камҷуръатӣ, худро аз масъулият ба канор гирифтан монеъ шуду халос!

Яке аз захираҳои муҳими зиёд кардани маҳсулоти кишоварзӣ ин ба таври васеъ азхуд намудани минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, ҷорӣ кардани шакли посиракории хоҷагидорӣ мебошад. Такрор мекунам: ба ин кор монеъ шудан лозим нест. Баръакс, чунин ташаббусҳоро ҳамаҷониба дастгирӣ бояд кард.

Онҳоеро, ки ба чунин ташаббуси хайр даст мезананд, аз андоз озод карда, ба онҳо қарзҳои дарозмуддати имтиёзнок ва кафолати бемӯҳлат соҳибӣ кардани чунин заминҳоро додан лозим аст.

Дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар комплекси агросаноатӣ пеш аз ҳама ташаккули инфраструктураҳои бозориро дар назар дорад. Зарур аст, ки шабакаи бонкҳо ва кооперативҳои қарздиҳанда, ки ба сектори аграрӣ хизмат мекунад, биржаҳои молӣ, корхонаҳои хурд ва кооперативҳои ба хоҷагиҳои деҳқонӣ хизматрасон ташаккул ёбанд ва васеъ шаванд.

Марказҳои омӯзиш ва баланд бардоштани ихтисоси фермерҳо, менеҷерҳо, соҳибкорон, маркетологҳои сектори аграрӣ, шабакаи васеи кӯмакҳои консултативӣ ва ахборотиро барои фермерҳо созмон додан лозим аст.

Муассисаҳои истеҳсолии "Тоҷикселхозхимия", консерни "Мадад", ширкати давлатии "Нафтрасон" бояд на фақат ба колхозу совхозҳо, балки ба хоҷагиҳои ғайридавлатӣ низ хизмат расонанд.

Ҳамзамон ба ин низоми фаъоли ҳимояи молистеҳсолкунандагонро, махсусан, дар бобати фурӯши маҳсулоти онҳо

ҷорӣ бояд кард. Аз чӣ бошад, ки ин кор имрӯз дар дасти ҳар гуна миёнаравону ҳаннотон афтидааст. Дар ин кор ба василаи ҷорӣ кардани механизмҳои андоз тартиботи қатъиро ба роҳ мондан мумкин аст.

Аз касе пӯшида нест, ки деҳқон илоҷ надорад ҳам кори парваришу истеҳсоли маҳсулотро анҷом диҳаду ҳам моли худро ба бозор барорад. Онҳое, ки имрӯз зӯран, ё ба маблағи ночиз моли деҳқонро аз худ карда мефӯрушанд, ҷиноятколанд ва бояд ҷазо гиранд.

Дар оянда ба мо зарур аст, ки корчаллонҳои қонунӣ, тоҷирони ҳақиқиро тарбия намоем, ки онҳо бо хоҷагиҳо ва фермерҳо шартнома баста, барои хариду фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ дар назди қонун ва шартномаи имзокардаашон ҷавобгар бошанд, аз даромади худ мувофиқи қонунҳои мавҷуда андоз супоранд.

Дар заминаи Тоҷикматлубот дар ин бобат корҳои муҳимро анҷом додан мумкин аст. Вале сад афсӯс, ки худи Тоҷикматлубот моҳияти ин масъаларо дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ҳанӯз дарк накардааст.

Масъалаҳои марбут ба ташаккул додани фаъолияти иқтисодии хориҷии комплекси агросаноатӣ дар маркази таваҷҷӯҳи махсуси Ҳукумат қарор дорад. Имрӯз бояд тамоми тадбирҳо андешида шаванд, ки комплекси агросаноатӣ ба сарчашмаи боътимоди воридоти арз табдил ёбад. Барои ин потенсиалӣ содиротии онро пурратар истифода бурдан, структураи воридоту содиротро ташаккул додан лозим аст.

Имсол дар натиҷаи баланд рафтани қиммати боркашонӣ, мисли солҳои пешина ба марказҳои саноати Россия ва дигар ҷумҳуриҳо баровардани меваю сабзавот ба хоҷагиҳо гарон меафтад.

Бинобар ин барои зиёд кардани ҳаҷми коркарди саноатии меваю сабзавот дар маҳалҳо, дар ҷойи истеҳсолашон ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мувофиқ гардондани сифати чунин маҳсулот чораҳои қатъӣ андешидан лозим аст.

Вақташ расидааст, ки мо аз воридоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба воридоти воситаҳои техникию технологӣ гузарем. Миқдори содироти маҳсулоти тайёри комплекси агросаноатиро ҳар чӣ зиёдтар карда, аз ҷумҳурӣ баровардани ашёи хомро то ҳадди имкон камтар кардан лозим аст.

Иштироки ҷумҳурӣ дар ташаккули бозори умумии аграрии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва татбиқи барномаҳои муштарак дар ин соҳа аҳамияти бағоят муҳим доранд.

Раванди ташкили корхонаҳои муштарак оид ба истеҳсол, коркард, нигаҳдорӣ ва фурӯши маҳсулоти комплекси агросаноатиро дар ҷумҳурӣ суръат бахшидан лозим аст.

Як қатор мувофиқатномаҳое, ки вақтҳои охир байни ҷумҳурии мо ва Федератсияи Россия баста шуданд, оғози умедбахши сурат гирифтани равандҳои интегрnative дар ин соҳа шуда метавонанд.

Низоми идораи комплекси агросанотии ҷумҳурӣ дигаргунии ҷиддиро талаб мекунад. Дар шароити ташаккули муносибатҳои нав низоми бозории идоракуниро ба роҳ мондан лозим аст. Дахолати мақомоти идораи давлатиро ба фаъолияти оперативию хоҷагии молистеҳсолкунандагон манъ кардан лозим меояд.

Вазорати кишоварзӣ якҷо бо Академияи кишоварзӣ, ки мо аз он умедҳои калон доштем, бояд ба марказӣ омӯзиши илмию техникӣ ва иқтисодии соҳа, ба як навъ штаби таҳқиқ ва густариши таҷрибаи пешқадам, технологияҳои нав, таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва санадҳои нормативие, ки пешрафти ислоҳотро дар комплекси агросаноатӣ таъмин намоянд, табдил дода шавад. Онро ман дигар хел тасаввур карда наметавонам.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки то вақте ки низоми бозътимоди хизматрасонӣ сохта нашавад, хоҷагии қишлоқ мӯътадил фаъолият карда наметавонад. Заҳматкашони деҳот аз фаъолияти консерни “Мадад” (раисаш Қобилов), “Тоҷикселхозхимия” (раисаш Воҳидов), “Тоҷикселстрой” (раисаш Анваров) қатъиян норозианд.

Ин идораҳо натавонистанд соли равон ёвару мададгори деҳқону чорводорон бошанд. Ҷамъияти “Тоҷикматлубот” низ деҳотиёни моро бо оддитарин маводи зиндагӣ таъмин карда натавонист.

Аз тариқи ба истеҳсолкунандагон додани як қисми саҳмияи корхонаҳои монополист ва ҳамчунин ташкили корхонаҳои мустақил, ба вуҷуд овардани фазои мӯътадили рақобат бисёр муҳим мебошад.

Коре бояд кард, ки маблағгузорӣ ба соҳаи комплекси агросаноатӣ фоидаовар бошад. Ва он барои ташкили ҳар чӣ бештари корхонаҳои хурди коркарди маҳсулот дар ҷойи истеҳсолашон, сохтмони нерӯгоҳҳои хурди обӣ, ба роҳ мондани хизмати хуби алоқа ва тиббӣ мусоидат намояд.

Аз афташ лозим меояд, ки як ҳиссаи кори хизматрасониро давлат дар ихтиёри худ нигоҳ дорад. Захираҳои об, низоми таъминоти об, хизмати ветеринарӣ, стансияҳои селексионӣ, умури карантин, мубориза и зидди ҳашарот ва ғайра бояд таҳти назорати давлат қарор дошта бошанд.

Илова бар ин, дар солҳои наздик зарурати ҷорӣ кардани истифодаи пулакии об ба миён меояд. Ва, умуман, тамоми низоми хизматрасонӣ, чуноне ки шароити иқтисоди мӯътадили бозорӣ тақозо мекунад, бояд пулакӣ бошад.

Он нуктаҳое, ки ман гуфта гузаштам, дар лоиҳаи ба Ҳукумат пешниҳодшудаи "Барномаи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар комплекси агросаноатӣ", асосан инъикос ёфтаанд.

Вале ин ҳама фақат моҳияти ислоҳот аст. Дар пеш кори бисёре оид ба таҳияи механизмҳо ва татбиқи амалии онҳо моро интизор аст. Зарур аст як силсила актҳои қонунгузорию нормативӣ, ки татбиқи амалии дигаргунсозиҳоро ба танзим оранд, қабул карда шаванд.

Вале ман фикр мекунам, ки қабули тамоми ин қонунҳоро интизор нашуда, бисёре аз рукнҳои ислоҳотро бо дарназардошти заминаҳои қонунгузории имрӯза аллакай дар ҳаёт татбиқ кардан лозим аст.

Метавонам дар ин бобат низ мисолҳои ибратбахш орам.

Дар ноҳияи Ленин то имрӯз 351 хоҷагии фермерӣ ташкил дода шудааст, ки нишондиҳандаҳои истеҳсолиашон назар ба сектори ҷамъиятӣ чандин маротиба баландтар аст.

Ташаббуси роҳбарияти совхози "Ленинград"-и ҳамин ноҳия, ки аллакай ба кори ҷамъияти саҳҳомӣ табдил додани хоҷагӣ шурӯъ кардааст, низ шоёни таҳсин мебошад.

Вале чунин икдоми нек на дар ҳама ноҳияҳо дастгирӣ меёбад. Масалан, агар дар ноҳияҳои Ленин ва Файзобод то 1 августи соли ҷорӣ 412 хоҷагии деҳқонӣ созмон ёфта бошанд, дар тамоми вилояти Хатлон 136 ва дар вилояти Ленинобод 138 чунин хоҷагӣ фаъолият мекунанду халос.

Ба роҳбарони Вазорати кишоварзӣ, дигар сохторҳои комплекси агросаноатии мамлакат, ҳукуматҳои маҳаллӣ зарур аст, ки ба кори татбиқи дигаргунисозиҳо дар деҳот бо ҳисси баланди масъулият, дилсӯзӣ ва фаъолиятнокӣ муносибат карда, афзоиши истеҳсоли маҳсулотро дар сектори аграрӣ дар вақтҳои наздиктарин таъмин намоянд.

Мо ҳақ дорем чунин талаботро ба миён гузорем, зеро дар сектори аграрӣ, чуноне дар оғоз гуфтам, боздеҳ метавонад дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин, амалан аз ҳосили соли оянда сар карда, ба даст оварда шавад.

Аз ин рӯ, фориғболию бепарвоӣ дар ин роҳ барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ оқибатҳои нохуб дорад.

**Дӯстони азиз!**

Шояд саволе пеш ояд, ки чаро мо чунин ҷамъомадро бо иштироки шумо — кормандони комплекси агросаноатӣ дар аввали сол ё дар охири сол не, балки маҳз имрӯз дар мавсими ҷамъоварии ҳосил даъват кардем. Ҳамчуноне ки дар оғоз гуфтам, вазъи соҳаи кишоварзӣ бисёр ташвишовар аст. Аз рӯйи ҳисобҳо, агар вазъ тағйир наёбад, нақшаҳои пешбинишуда дар соли 1995 аз рӯйи ягон намуди маҳсулот иҷро намешаванд. Такрор мекунам: Аз рӯйи ягон намуд иҷро намешаванд!!!

Бадтар аз ин, дар истеҳсоли картошка, мева, шир, тухм мо ҳатто ба натиҷаҳои соли 1994 ҳам расида наметавонем. Ноҳияҳои картошкапарвари Файзобод, Комсомолобод, Тоҷикобод, Ғарм, Ҷирғатол, Кофарниҳон бо баҳонаи гуногун истеҳсоли ин маводи барои аҳолии ҷумҳурӣ муҳимро чандин маротиба кам карданд. Оқибати ин амали носавобро имрӯз аҳолӣ баръало ҳис мекунад: нархи картошка дар бозорҳои ҷумҳурӣ хеле дандоншикан аст.

Суръати ҷамъоварии ҳосили пахта тамоман ғайриқаноатбахш аст. Чунин ба назар мерасад, ки ҷамъоварии ҳосил дар ноҳияҳои Куйбишев, Ҷиликӯл, Ғозималик, Москва, Фархор, Мастчоҳ, Зафаробод умуман ба ҳоли худ гузошта шудааст.

Агар суръати ҷамъоварии ҳосил дар ҷумҳурӣ тезонда нашавад, мо ҳамон ҳосили дар замин рӯйидаро ҳам ғун карда наметавонем. Оқибатҳои вазнини иқтисодию иҷтимоии инро ҳоҷати шарҳу эзоҳ додан нест.

Бинобар ин аз рӯзҳои мусоиди фасли тирамоҳ ҳар чӣ самараноктар истифода бурда ҳосили рӯёндашударо беталаф ғундоштан лозим аст.

Кормандони тиб, савдо, маданият дар ин рӯзҳои барои деҳқононамон пурташвиш бояд дар паҳлӯи онҳо бошанд. Меҳнати хуби пешқадамони ҷамъоварии ҳосилро ҳам аз ҷиҳати моддӣ ва ҳам маънавӣ қадр кардан лозим аст.

Пӯшида нест, ки таъминоти ҷумҳурӣ бо гандум имрӯз яке аз масъалаҳои ҳаётан муҳим ба шумор меравад. Имкониятҳои Ҳукумат барои хариди ғандум аз хориҷа ва бо нон таъмин намудани аҳолӣ беохир нестанд!

Дар ҷумҳурӣ, чӣ хеле ки зикр кардам, имкониятҳои зиёд намудани истеҳсоли ғалла мавҷуданд. Соли ҷорӣ майдони ғаллагиҳо дар заминҳои обӣ 15 ҳазор гектарро ташкил намуд. Дар сурати ақаллан 30-сентнерӣ гирифтани ҳосил ҳам, фақат аз заминҳои обӣ зиёда аз 300 ҳазор тонна ғалла рӯёнидан мумкин аст. Аммо афсӯс, ки воқеият чизи дигарро нишон медиҳад. Истеҳсоли умумии ғалла дар сектори ҷамъиятӣ ҳамагӣ 220— 230 ҳазор тоннаро ташкил медиҳаду халос.

Мо соли оянда бояд на кам аз 600 ҳазор тонна ғалла истеҳсол намоем ва аз замини обёришаванда бояд на кам аз 35-сентнерӣ ҳосил рӯёнем.

Бо ин мақсад дар ҳама ноҳияҳои ҷумҳурӣ майдони кишти тирамоҳиро зиёд карда, онро сари вақт ва босифат ба итмом расондан лозим аст.

Ба сифати тухмӣ аҳамияти махсус бояд дод. Ноҳияҳои Исфара, Ҳисор, Кофарниҳон имкон доранд, ки талаботи худро бо тухмии ҳама зироатҳо таъмин карда, ба дигар ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ дар ин бобат дасти мадад дароз намоянд.

Вилояти Хатлон низ чунин имкониятро дорад, вале, мутаассифона, аз он дурусту самаранок истифода намекунанд.

Роҳбарони Вазорати кишоварзӣ, муассисаҳои “Тоҷикселхозхимия”, “Мадад”, “Нафтрасон” ва дигар ташкилотҳои марбути комплекси агросаноатӣ, ҳукуматҳои маҳаллӣ барои хубу самарабахш ба роҳ мондани ҷамъоварии ҳосил ва тайёрӣ ба ҳосили соли оянда шахсан масъул ҳастанд.

Чанд сухан дар бораи вазъи чорводорӣ.

Ман ин мавзӯъро дар чандин ҷамъомадҳои пешина ба миён гузошта будам. Бо вуҷуди андешидани баъзе тадбирҳо раванди ташвишовари кам шудани саршумори чорво, паст рафтани маҳсулнокии он ҳанӯз на дар ҳама ҷо боздошта шудааст.

Дар муқоиса бо соли гузашта саршумори чорво дар хоҷагиҳои вилояти Ленинобод ба 13816 сар (14 фоиз), вилояти Хатлон ба 10610 сар (8 фоиз) ва вилояти Бадахшон 3808 сар (13 фоиз) кам гардидааст.

Дар ноҳияи Ленин, Кофарниҳон, Турсунзода, Файзобод низ вазъ аз ин беҳтар нест.

Вале падидаи қобили мулоҳиза ин аст, ки дар сектори хусусӣ баръакс тамоюли афзоиши босуръати саршумори чорво ва маҳсулнокии он ба мушоҳида мерасад.

Яъне худи ҳаёт нишон дода истодааст, ки дар муносибат ба ин соҳа низ дигаргуниҳои ҷиддӣ ворид кардан лозим аст.

Мо роҳбарони ноҳияҳои ақибмондаро на як бору ду бор сахт сарзаниш кардем, сурху сафед шудем, вале чунон ки мебинем, вазъият дигар нашуда истодааст. Сабаби асосии ақибравии мо фақат дар он нест, ки ин ё он роҳбар аз ӯҳдаи кор намебарояд (ҳарчанд роҳбарони камҳавсала ҳам бисёранд).

Сабаби асосии нокомиҳои мо дар он аст, ки системаи мавҷудаи хоҷагидорӣ дар деҳот ба шароите, ки иқтисодиёти озоди бозорӣ ба вуҷуд овардааст, мувофиқ нест. Зиёда аз он системаи ҳозираи хоҷагидорӣ бо сиёсати иқтисоди озоди бозорӣ ду қутби ба якдигар муқобил, якдигарро инкоркунанда мебошанд ва ягон тадбири сахт, кӯшишу ғайрати ҷоннисорона, ҳатто чораҳои фавқулодда ҳам имкон намедиҳад, ки бо усулҳои кӯҳнаи хоҷагидорӣ вазъиятро ба куллӣ тағйир диҳем.

Аз системаи мутамаркази хоҷагидорӣ дар деҳот пасу пеш ҳамаи ҷумҳуриҳои иттиҳоди пештара даст кашиданд. Мо дар танҳоӣ бо усулҳои кӯҳна пеш рафта наметавонем.

Барои ба усули нави хоҷагидорӣ гузаштан ва зина ба зина амалӣ гардондани ислоҳоти иқтисодӣ дар назди мо мушкилоти бисёре ҳаст. Вале ман яке аз ин мушкилотро махсус зикр кардан мехоҳам.

Ин ҳам бошад мушкилоти психологист. Ҳамаи мо ҳафтод сол дар ҳалқаи маҳками системаи фармонфармоӣ кор

мекардем ва имрӯз бисёриҳо ба худ тасаввур ҳам карда наметавонанд, ки чӣ тавр, масалан, деҳқон метавонад бе фармону ҳукму назорат ягон кореро ба субут расонад.

Барои аз ин тарсу ваҳм раҳо ёфтан дар навбати аввал бояд психологияи роҳбарони хоҷагӣ, ноҳияҳо ва вазоратҳо тағйир ёбад. Онҳо бояд дарк намоянд, ки дар шароити нав ягона фишанги таъсиррасонӣ ба одами меҳнаткаш риояи қонун, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва сари вақт, бекамукост, супурдани андоз мебошад.

Ба худатон тасаввур кунед: дар Тоҷикистони мо ба ҳар бошандаи он ёздаҳ ҳисса замини корам мавҷуд аст. Ин нисбат ба замине, ки масалан, дар Ҷумҳурии Халқии Чин ба ҳар сари аҳолӣ вуҷуд дорад, чандин баробар зиёд мебошад.

Баъди ислоҳоти ҷиддии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Чин ва даст кашидан аз системаи фармонфармоӣ он мамлакати бузург на танҳо аҳолии беш аз якмиллиардаи худашро пурра таъмин мекунад, балки ба хориҷи кишвар ҳам маҳсулот мебарорад. Ин таҷрибаи бебаҳо ба ҳамаи мо сабақи хубе шуда метавонад.

Дар ин ҷо мехоҳам ба равшанфикрони ҷумҳурӣ, ба олимони мо, публисистони бомаҳорати кишвар ва махсусан ба коркунони матбуот муроҷиат намоям, ки зарурати гузаштан ба системаи сифатан нави хоҷагидорӣ дар деҳотро ба халқ фаҳмонанд, шавқу завқи одамонро барои беҳбудии кор бедор намоянд.

Боз такрор мекунам, дар мамлакате, ки барои истеҳсоли маҳсулоти хӯроквори дар чор фасли сол имконият дорад, айб аст, ки аз хориҷ хӯроквори оварем.

Аз ин рӯ, умедворам, ҷамъомади имрӯзаро шумо, дӯстони азиз, ҳамчун бонги изтироб қабул карда, баҳри ислоҳи вазъият, баҳри ба вуҷуд овардани дигаргунии куллӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ чораю тадбирҳои таъхирнопазир меандешед.

Дар ин роҳ ба шумо муваффақият орзу мекунам.

## ТАБРИКОТИ СОЛИНАВӢ

31 декабри соли 1995

**Ҳамватанони азиз!**

Боз як соли дигар аз ҳаёти ҷумҳурии тозаистиқлоли мо сипарӣ шуд. Ин сол соли басо мушкил, вале барои ба эътидол омадани назму низоми ҳаёт дар кишвари азизамон соли хеле бобарор буд. Дар ин сол мақомоти ҳукуматӣ бо кӯмаки тамоми халқ тавонист, ки пеши роҳи ҳама гуна бесарусомониҳои замони ҷанги ҳамватаниро баста, муҳимтарин соҳаҳои истеҳсолоти моддиро ба кор дароварад, бар зидди ҷинояткорӣ мубориза беамонро оғоз намояд.

Инро шумо, ҳамватанони мӯҳтарам, худатон ба хубӣ ҳис карда истодаед.

Дар соле, ки сипарӣ мешавад, интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии ҳокимияти халқ дар асоси бисёрҳизбӣ ва алтернативӣ барпо гардид.

Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ сохтори қонунии ҳокимиятҳои марказӣ ва маҳаллиро созмон доданд.

Мо акнун дорои ҳамаи шохаҳои қонунии ҳокимият: ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ мебошем, ки самаранок амал намудани онҳо роҳи ба эътидол овардани назму низом дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва адолати иҷтимоиро ҳамвор месозад.

Соли гузашта аксарияти мутлақи ҳамдиёрони фирории мо ба Ватан баргаштанд.

Ин муваффақияти моро ҷомеаи ҷаҳон хуб медонад ва қадр мекунад. Боз такрор мекунам, ки то ба кишвар баргаштани охирин ҳамдиёрамон мо вазифаи ватандӯстонаи худро дар ин бобат аз хотирҳо фаромӯш нахоҳем кард.

Дар соҳаи иқтисодиёт муваффақиятҳои мо назаррас набошад ҳам, вале бояд гуфт, ки Тоҷикистон соли 1995 ба марҳалаи сифатан навиислоҳоти куллии иқтисодӣ заминаи боэътимод гузошт.

Барномаи дарозмуддати ислоҳоти иқтисодӣ тартиб дода шуда, ба иҷрои он шурӯъ намудем.

Хусусигардонии моликият оғоз ёфт. Ба мардум замин тақсим карда мешавад. Ҳамаи ин тадбирҳо имкон медиҳанд, ки дар кӯтоҳтарин муддат дар ҳаёти мо дигаргунии куллӣ ба вуҷуд ояд.

Ман дар огози ба кори роҳбарии ҷумҳурӣ шурӯъ намуданам, ба ҳамватанони азиз гуфта будам, ки хомӯш намудани оташи ҷанг, албатта, кори душвор, вале имконпазир аст. Аммо кори ба роҳ андохтани истеҳсолот ва баромадан аз бӯҳрони иқтисодӣ вазифаи басо душвор, меҳнатталаб ва дарозмуддат мебошад.

Мо ба тарзи хоҷагидории сифатан нав мегузарем ва дар пешорӯямон на танҳо камбудии молӣ ва технологӣ истодааст, ки ин комилан табиист, балки мушкилоти психологӣ ва даст кашидан аз тарзи хоҷагидории одаткардаамон низ истодааст, ки он доираи васеи ҷамъият, аз ҷумла кадрҳоеро, ки бояд ислоҳоти иқтисодиро ба амал ҷорӣ намоянд, фаро гирифтааст.

Имрӯз мо бо қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки дар қисме аз соҳаҳои истеҳсолот суръати пастравии тавлидот боздошта шуд. Дар баъзе соҳаҳо ҳатто болоравии истеҳсолот ба назар мерасад.

Дар соле, ки ба ҳукми таърих медарояд, мо соҳиби пули миллии худамон шудем ва ҳоло вазифаи ҳамаи мо аз он иборат аст, ки бо истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ қурби пули миллиамонро баланд бардорем.

Имрӯз Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи устувори сиёсӣ дорад ва чунин мавқеъ имкон медиҳад, ки сармоягузории хориҷиён дар иқтисодиёти мо зиёд шавад.

Дар соле, ки сипарӣ шуд, корхонаҳои муштараки Тоҷикистону Италия ва Тоҷикистону Куриёи Ҷанубӣ ба

истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноати сабук шурӯъ намуданд ва боздеҳи ин ҳамкориро мо дар соли нав ҳис хоҳем намуд.

Дар рӯзҳои наздик корхонаи якҷояи Тоҷикистону Британияи Кабир ба истеҳсоли тиллои холиси ватанӣ шурӯъ мекунад, ки ин барои баланд бардоштани қурби пули миллиамон заминаи устувор гардида, таъсири онро мо дар зиндагии рӯзмарраи худамон ҳис хоҳем кард. Дар ибтидои соли нав сармоягузорони пурқудрати Аморати Муттаҳидаи Араб ва бисёр кишварҳои дигари Осиё ва Аврупо барои оғози кор дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти мо ба Тоҷикистон хоҳанд омад.

Ба шумо маълум аст, ки мушкилоти асоситарини мо нарасидани қувваи барқ, гази табиӣ ва сӯзишворӣ мебошад, ки боиси қарздор шудани давлат гардидааст. Ҳол он ки мо захираи беҳад бузурги барқи обӣ ва газ дорем, ки ба кор андохтани онҳо иқтисодиёти моро дар кӯтоҳтарин муддат комилан дигаргун сохта, имконият медиҳад, ки асъори ба ин мақсад сарф мекардагиамонро барои ободии дастархони мардум истифода барем..

Ба мушкилоти иқтисодӣ нигоҳ накарда, сохтмони роҳи оҳани Қӯрғонтеппа — Кӯлоб, роҳи автомобилгарди Кӯлоб — Хоруғ давом кард ва баъзе пешравиҳо ба назар мерасад. Дар минтақаҳои гуногуни мамлакат ба таври умум бештар аз 60 иншооти нави истеҳсолӣ ба истифода дода шуданд.

Соли оянда деҳқонони мамлакат метавонанд аз фурӯдгоҳи муҷаҳҳази Кӯлоб ба воситаи тайёраҳои калонҳаҷм маҳсулоти боғоту полези худро барои тиҷорат ба харидорони мамлакатҳои хориҷӣ баранд ва даромади хуб гиранд.

Корхонаи калони истеҳсоли намаки оши дар Ёвон бакордаромада, барои ба даст овардани асъори хориҷӣ кӯмак хоҳад расонд.

Ба ин муносибат зарур медонам, ки дар Соли нав сохтмони нерӯгоҳи барқии Сангтӯдаро, ки соле 2737 миллион киловат-соат қувваи барқ истеҳсол менамояд, тезонда, барои ба кор андохтани захираи гази ватанӣ сармоягузорони хориҷиро ҷалб намоем. Ҳукумат барои сохтани нерӯгоҳҳои хурди барқӣ як барномаи умумиҷумҳуриявӣ тартиб медиҳад. Дар ин бобат мо ҳам таҷриба дорем ва ҳам имконияти моддиву техникӣ. Намунаи ин кори начандон душворро сохтмони нерӯгоҳи хурди барқи дар ноҳияҳои Ванҷ ва Нов исбот намуд.

**Дӯстони азиз!**

Ман хуб медонам, ки зиндагии аксарияти мардум мушкил аст ва дастархони солинавӣ халқро хурсанд карда наметавонад. Ман дар ин лаҳзаҳои ҳассос фақат ҳаминро гуфта метавонам, ки мушкилоти мо доимӣ набуда, муваққатӣ аст. Се сол боз мо аз ягон давлат қарз намегирем ва баръакс тавонистем, ки қарзҳои бисёр мамлакатҳоро баргардонем.

Ҳоло боз як муддати кӯтоҳ сабру тоқат бояд кард, ки қоматамонро рост карда, зиндагиамонро беҳтар намоем.

Ман комилан бовар дорам, ки худи соли 1996 мардум соҳиби замин шуда, дастархони худро пур карда метавонад, мубориза барои истиқлолияти хӯрокворӣи Тоҷикистон кори тамоми халқ аст. На танҳо аҳолии деҳот, балки шаҳриён ҳам мувофиқи имконият бояд аз заминҳои холӣ ҳосил гиранд.

**Ҳамдиёрони азиз!**

Шуморо самимона бовар мекунонам: он заминаҳое, ки мо дар соли 1995 дар бобати беҳбудии ҳаёти ҷомеа, пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёт гузоштем, аз соли 1996 сар карда тадриҷан натиҷаҳои судбахш ба бор хоҳанд овард.

Фақат бо қудрату нерӯи муттаҳидонаи тамоми мардуми ҷумҳурӣ мо метавонем Тоҷикистонро ба кишвари ободу пешрафта табдил диҳем.

Бо ҳамин умедворӣ соли 1996-ро ба шумо, ҳамватанони гиромӣ, аз самими қалб табрику таҳният мегӯем.

Бигузор ин сол барои ҳамаи мову шумо, барои Ватани азизамон, соли бофайзу баракат, соли ободию осоиштагӣ шавад.

**Ташаккур барои таваҷҷӯҳатон!**

# БА ФИКРАМ, РӮЗҲОИ ВАЗНИНТАРИН ПАСИ САР ШУДАНД

## ПОСУХ БА САВОЛҲОИ МУХБИРИ РӮЗНОМАИ “РОССИЙСКАЯ ГАЗЕТА” БОРИС ФИЛИППОВ

“Российская газета”, 18 январи соли 1996

**— Ҷаноби Президент, Шумо бо мухолифин ҳуҷҷатҳоро дар даврае имзо кардед, ки вазъияти Тоҷикистон комилан мураккаб аст. Як қисми қаламрави Тоҷикистон таҳти назорати ҷангиёни мухолифин қарор дорад. Сулҳи ҳанӯз ноустувор муқаррар шудааст. Оё дилпурӣ ҳаст, ки ҳуҷҷатҳои 23 декабри соли гузашта имзошуда аз ҷониби мухолифин риоя мешаванд?**

— Дилпурам, ки созишномаи 23 декабр дар Маскав ба имзо расида нисбат ба созишномаҳои пешина самарабахштар амалӣ мегарданд.

Тарафҳо аввалин маротиба сари масъалаҳои мураккаби рафъи мунокиша — масъалаҳои сиёсӣ мувофиқа ҳосил карданд. Ин ҳолат боиси гузоштани таҳкурсии пойдори низоми самарабахш, ба таври бе мӯҳлат бас кардани задухӯрдҳо ва қатъи амалиёти дигари хусуматомез мегардад.

Дар айни ҳол мо бисёр шодию хурсандиҳо кардани нестем. Баъди чанд соли душманӣ ва муқовимат дарҳол қатъ ёфтани ҳама гуна зуҳуроти номатлубро интизор шудан соддалавҳӣ мебуд. Дар ин вазъият ҳар ду тараф набояд фирефтаи иғвогариҳо шаванд, ки аз ҷониби нерӯҳои ба вазъияти устувору ором дар мамлакат манфиатдор набуда сар зада метавонанд. Ба ҳар ҳол некбинии мо, ба он ки ин аҳду паймони Маскав комилан самарабахш амалӣ мешавад, аз пештара дида хеле бештар аст.

Боиси хушнудист, ки барои қисмати халқ ва давлатдорӣ оқибати ҳалокатовар доштани роҳи зӯран яктарафа кардани низоъро қумондонҳои мухолифин ҳам дарк намуданд. Ба ин муроҷиати онҳо ба сиёсатмадорон дар бораи зарурати таъмини ҳамфикрӣ шаҳодат медиҳад. Аминам, ки халқи мамлакат кӯшишҳои моро мефаҳмад ва ба мо дар боби расидан ба мақсадамон — танҳо бо роҳи сиёсӣ таъмин кардани сулҳу созгории миллӣ кӯмак мекунад. Ба фикрам, ҳар ду тараф ҷиҳати татбиқи қарорҳои муҳим хираду иродаи кофӣ доранд.

**— Ҷанги бисёрсола дар Тоҷикистон ба вазъияти хоҷагии халқ чӣ гуна таъсир расонд? Вазифаҳои аввалиндараҷаи иқтисодӣ дар шароити бо роҳи мусолиматомез яктарафа кардани низоъ кадомҳоянд?**

— Ба ин савол муфассалтар ҷавоб додан мехостам. Пеш аз ҳама мавқеи Тоҷикистонро дар арафаи соҳибихтиёр шуданаш бо дигар ҷумҳуриҳои ИҶШС-и собиқ, аз ҷумла бо ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ баррасӣ намуда, нишондиҳандаҳои ғайриқаноатбахши иқтисодии онро таъкид кардан зарур аст.

Чунончӣ, соли 1992 истеҳсоли умумии маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сар аҳолӣ дар Тоҷикистон 50 фоиз, нисфи нишондиҳандаи умумииттифоқ буд. Дар дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ ин рақам аз 50 то 90 фоизро ташкил медод. Дараҷаи истеъмол ба ҳар сар аҳолӣ нисбат ба нишондиҳандаи миёнаи Иттифоқ дар Тоҷикистон 40 фоиз ва дар мамлакатҳои дигари Осиёи Марказӣ аз 59 то 84 фоиз буд.

Ғайр аз ин ёдовар бояд шуд, ки Тоҷикистон ҷанги дохилиро аз сар гузаронд. Дар асари ҷанг зарари калони моддӣ расид, ки арзиши он 7 миллиард доллари ИМА аст. Маҳзуновараш ин аст, ки ҳазорҳо одам ҳалок шуд, бисёриҳо фирор карданд. Оқибатҳои ҷанг имрӯз ҳам маълум аст. Ин сабабҳо ба инкишофи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон таъсир расонданд. Мо чанд сол ақиб рафтем. Вале ба фикрам, мо рӯзҳои вазнинтаринро аз сар гузарондем. Иқтисодиётро тадриҷан барқарор мекунем.

Вазифаи асосии имрӯзаи мо ба роҳ мондани муносибатҳои мукаммали иқтисоди бозаргонӣ дар тамоми низоми иқтисоди миллӣ аст. Агар дар бораи вазифаҳои аввалиндараҷа гап занем, ман соҳаҳои кишоварзӣ,

энергетика, саноати маъданро номбар мекардам. Ҳукумат барномаи ислоҳоти иқтисодиро таҳия сохт, ки фишангҳои муҳими он ғайридавлатӣ ва хусусӣ гардондани корхонаҳост.

Ҷанги тӯлонӣ ба ҷидду ҷаҳди Ҳукумат ҷиҳати беҳтар намудани вазъи иқтисодиёт таъсир расонд. Нооромии вазъияти Афғонистон, пуршиддатии авзои сарҳади мою кишвар, задухӯрдҳо дар минтақаи назди Помир ва минтақаи Қаротегин Ҳукуматро маҷбур карданд, ки барои таъмини ҳифзи сохти конститутсионӣ, ҳимояи сарҳад, таъминоти мақомоти муҳофизи тартиботу қонуну артиш хеле зиёд маблағ ва воситаҳои моддиро сарф намояд.

Албатта, зудтар бо роҳи осоишта яктарафа намудани низои тоҷикон имкон медод, ки қисми бештари ин маблағу воситаҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои тараққиёти иқтисодӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ,таъминоти системаи маорифу тандурустӣ, сохтмони муҳимтарин объектҳои иқтисоди миллӣ ва мақсадҳои дигаре, ки ба раҳоӣ аз қайди бӯҳрони иқтисодӣ мусоидат мекунанд, истифода шавад.

Мо нагз мефаҳмем, ки агар вазъият бо роҳи мусолиматомез беҳтар нашавад, истифодаи имкониятҳои дохилӣ ва нерӯи созандагии халқи Тоҷикистонро интизор шудан мушкил аст. Бинобар ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини сулҳу созгории пурраи тарафҳо тамоми тадбирҳои имконпазирро меандешад.

**— Шумо омили дар Тоҷикистон ҳузур доштани нерӯҳои муштараки посдори сулҳ ва қисмҳои ба онҳо дохилбудаи дивизияи 201-уми артиши Россияро, ки қарори ба Тоҷикистон фиристодани онҳо соли 1993 қабул шуда буд, ҳамчунин марзбонони Россияро дар суботи вазъи мамлакат чӣ тавр арзёбӣ мекунед?**

— Таҷрибаи ҳамкории панҷ соли баъди ба даст овардани мустақилият нишон дод, ки Ҳукумати Россия барои халқу мамлакатҳои дигар нақши мураббиро бозӣ карданӣ нест; вай ҳаққу ҳуқуқи онҳоро дар боби ба даст овардани қисмати худ эҳтиром мекунад. Рафти ҳодисоти баъди аз ҳам пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ба зиммаи Россия барои ҳифзи сулҳу амнияти устувор дар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ масъулияти хоса гузошт, ки ин бо баъзе омилҳои ҷамъиятии сиёсию иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ғайра марбут аст.

Россия бо тақозои худи ҳаёт ба кӯшишҳои сулҳоварона ҷиҳати хомӯш кардани оташи ҷанг дар маҳалҳои даргир,

ки дар баъзе минтақаҳои ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ аланга зад, ҷалб шуд. Вай бо рафти таърихи худ тадриҷан мақоми оштидиҳандаи асосиро мегирад. Аз ин ҷост, ки ҳузури нерӯҳои муштараки посдори сулҳ ва марзбонони Россия дар Тоҷикистон аз рӯйи манфиати муғризона нест. Аскари Россия ба хотири мақсади башардӯстона — қатъи хунрезӣ ҳаёташро ба хатар мегузорад.

Ин вазифаи муҳими Россия ба талабҳои боби ҳаштуми оинномаи СММ пурра мувофиқат мекунад, ки дар он пешбинӣ шудааст: то ба Шӯрои амният пешниҳод кардани баҳсҳои оид ба яктарафа кардани низоъҳои минтақаҳо онҳоро дар сатҳи минтақа, тибқи созишномаҳои минтақаҳо ҳал кардан зарур аст.

Воқеияти ҳаёти мо, ки хавфи ихтилофоти минтақавию байнимиллӣ боқӣ мемонад, зарурати таъмини амнияти миллиро пайваста собит месозад. Мамлакатҳои Иттиҳод дар танҳоӣ амалан ба ин муваффақ шуда наметавонанд. Вале мо қодирем, ки ба ин тавассути низоми амнияти дастҷамъӣ ноил гардем. Дар ин роҳ тадбирҳо андешида мешаванд, аз ҷумла, ҳанӯз 15 майи соли 1992 дар шаҳри Тошканд шартномаи амнияти дастҷамъӣ имзо шуд. Ба назарам, мо бояд манфиатҳоямонро бори дигар мулоҳиза кунем ва ба ҳалли ин масъала бо дарназардошти тамоми омилҳои хориҷию дохилӣ машғул шавем.

Дар мавриди нерӯҳои марзбони Россия бояд гуфт, ки онҳо на танҳо сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Давлати Исломии Афғонистонро дар асоси шартномаи дуҷонибаи Россия ва Тоҷикистон, балки яке аз қитъаҳои мураккаби сарҳади берунии ИДМ-ро муҳофизат мекунанд. Ин шартнома вазифаю ваколатҳои марзбононро дар ҳалли масъалаҳои ҳифзи сарҳад, ҳамкорӣ бо мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, дар ташкили тиҷорат дар минтақаи назди сарҳад равшану возеҳ муайян мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нерӯҳои марзбони Россия барои ҳалли масъалаҳои таъмини низоми ҳифзи сарҳад тамоми ваколатҳои заруриро додааст. Вазифаи мо дар қад-қади сарҳади ҷанубии Иттиҳод барпо кардани минтақаҳои сулҳ аст.

Бояд гуфт, ки масъулияти махсуси Россия барои сулҳу амнияти минтақа СММ ва Созмони амнияту ҳамкории Аврупо ва давлатҳои дигари мустақили Иттиҳодро аз масъулият дур намекунад.

**— Маълум аст, ки Россия бо дарназардошти як қатор омилҳо аз миёнаравӣ дар низои тоҷикон даст намекашад. Шумо натиҷаҳои ҷидду ҷаҳди Вазорати корҳои хориҷии Россияро дар гузашта ва амалиёти имконпазири онро дар оянда чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

— Мо кӯмаку дастгирии Федератсияи Россияро дар масъалаи танҳо бо роҳҳои мусолиматомез яктарафа кардани низои тоҷикон ҳамеша ҳис мекардем.Ин дастгирӣ ва дастгирии дигар мамлакатҳои нозир, Созмони Милали Муттаҳидро мо омили дорои аҳамияти калони сиёсӣ мешуморем.

Маҳз дар Маскав моҳи апрели соли 1994 ба музокироти Тоҷикистон асос гузошта шуда буд. Тавре ки маълум аст, он вақт аввалин маротиба роҳу самтҳои асосии ҳалли масъалаҳои тоҷикон муайян шуда буданд. Ва аҳамияти мулоқоти навбатӣ бо роҳбари иттиҳоди мухолифин ҷаноби Саид Абдуллоҳи Нурӣ, ки он ҳам дар Маскав бо кӯмаки фаъолонаи Вазорати корҳои хориҷии Россия доир гардид, дар он аст, ки дар ин мулоқот аз рӯйи муҳимтарин ҷиҳатҳои масъалаи яктарафа кардани низои тоҷикон ва тадбирҳои эътимоди тарафайн созишнома ба имзо расид.

Ба таври дигар, мо дар бораи пурра қатъ намудани задухӯрд ва амалиёти дигари хусуматомез дар сарҳад ва дохили мамлакатамон дар тамоми давраи музокирот, ҳамчунин дар хусуси ташкили Комиссияи оштии миллӣ ҷиҳати ҳалли баъзе масъалаҳои сиёсӣ, аз ҷумла пешомадҳои ҳамроҳ шудани нерӯҳои мухолифин ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ паймон кардем.

Ба фикрам, мулоқоти Маскав марҳалаи дигаргунии қатъӣ дар музокироти тоҷикон гардид. Мо ҳамчунин ҳаққу ҳуқуқ дорем умед бандем, ки Россия дар қатори мамлакатҳои дигари ИДМ, Созмони Милали Муттаҳид аз ин пас ҳам кафили иҷрои созишномаҳои имзошуда мегардад.

## СУХАНРОНӢ
## ДАР МАРОСИМИ КУШОДАШАВИИ ХАТИ ДУЮМИ КОМБИНАТИ ТИЛЛОБАРОРИИ "ЗАРАФШОН"

22 январи соли 1996

**Ҳамватанони гиромӣ!**
**Хонумону ҷанобони мӯҳтарам!**

Мо имрӯз дар сарзамини Панҷакенти бостонӣ шоҳиди боз як ҳодисаи фараҳбахш — ба истифода додани хати дуюми комбинати тиллобарории "Зарафшон" мешавем.

Ин сарзамини шеърдӯсту шоирпарвар ба халқи мо на танҳо сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллои Рӯдакиро додааст, балки бо рӯди Зарафшон, хоки зархез ва мардуми зарпарвараш шӯҳраи офоқ гардида, имрӯз бо бунёди хати дуюми комбинати тиллобарориаш иқтидори иқтисодии ҷумҳурии моро боло мебарад.

Қариб ду сол пеш аз ин дар ҳамин шаҳри бостонӣ бо иштироки ҳамин мутахассисони дохилию хориҷӣ ва сокинони ҳамин диёр оғози кори ин комбинатро ҷашн гирифта будем.

Барои мо мояи хушнудист, ки Сафири кабири Англия мӯҳтарама Барбара Хей дар ду давраи ба кор даровардани иқтидорҳои нави комбинат шахсан ширкат менамоянд. Аз фурсат истифода намуда ба Сафири кабир, дар шахси ӯ ба Ҳукумати Англия, ба ҳама роҳбарону мутахассисони Ширкати КБМ — Нелсон Голд ташаккури самимии роҳбарият ва мардуми Тоҷикистонро барои кӯмаку ҳамкориҳо иброз медорам.

Арзи сипоси бепоён ба роҳбарону мутахассисон, коргарону муҳандисони ҷониби Тоҷикистон, ки заҳмати

зиёде ба харҷ дода, дар як муддати кӯтоҳ хати дуюми комбинатро ба кор омода сохтанд.

Дар шароити имрӯз ба истифода додани хати дуюми комбинат иқдоми некест дар пешрафти Ватани азизи мо ба сӯйи ободиву шукуфонӣ.

Тиллои дар ин ҷо тавлидшаванда бечунучаро пояи иқтисодиёти ҷумҳуриро мустаҳкам мекунад.

Бояд ёдовар шавем, ки комбинат дар заминаи фабрикаи собиқи тиллобарорӣ, ки иқтидори истеҳсолиаш фақат 500 килограмм тилло буд, бунёд гардидааст.

Он вақт аз маъдан 50-60 фоиз тилло ба даст меомад ва ба замми ин дар ҷумҳурӣ корхонаи коркарди консентрати тиллодор мавҷуд набуд. Имрӯз хушбахтона, мо ба технологияи нави истеҳсоли рехтаи "ДОРЕ" соҳиб шудем, ки ин маҳсулот дар дохили ҷумҳурӣ тавлид мешавад ва он ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавоб медиҳад.

Ба кор андохтани комбинати "Зарафшон" масъалаи истеҳсоли тиллоро ба куллӣ беҳтар намуд. Танҳо дар соли аввали ба кор андохтани комбинат зиёда аз 1000 килограмм рехтаи "ДОРЕ"-и тилло истеҳсол шуд.

Дар натиҷаи истифодаи таҷҳизоти пешқадам, истеҳсоли тиллои холис аз консентрати вай ба 80 фоиз расид, ки ин дастоварди хуби ҳамкорӣ бо мутахассисони Британияи Кабир мебошад.

Қобили қайд аст, ки танҳо дар 11 моҳи соли равон 2,2 миллион тонна маъдан канда шуд, ки аз ҷумла 810 ҳазор тоннааш дар фабрикаи тилло кор карда шудааст.

1,4 миллион тонна маъдани боқӣ барои дар оянда бо ишқор пок намудан захира карда шудааст.

Нишондиҳандаҳои имсола нисбат ба соли гузашта 2,6 маротиба зиёд гаштаанд.

Хурсандиовар аст, ки истеҳсоли тиллои аз маъдан истеҳсолшуда ба ҷойи 50 фоизи пештара қариб ба 92 фоиз расид. Ин комёбиро ба ҳамаи роҳбарону коргарони ҳам ҷониби Бритониё ва ҳам ҷониби Тоҷикистон табрику шодбош мегӯем.

Танҳо аз фулузоти соли равон истеҳсолшуда ба буҷети давлат 1,6 миллиард рубл пардохта шуд.

Бо кӯшишу ғайрат ва чораҷӯйиҳои хастанопазири мутахассисони Корхонаи муштарак ва Шӯрои директорон дар 9 моҳи гузашта 64 миллиард рубл даромади соф ба даст

оварда шуд, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда хеле зиёд аст.

Бори аввал дар таърих тиллои тоҷик бо тамғаи хоси худ дар бозорҳои байналмилалии Цюрих ва Лондон бо нархҳои ҷаҳонӣ ба фурӯш меравад.

Дар як фосилаи нисбатан кӯтоҳ обрӯ ва эътибори Корхонаи муштараки "Зарафшон" дар миқёси ҷаҳон хеле баланд рафт. Ҳамин обрӯю эътибор буд, ки Корпоратсияи байналмилалии молия панҷ фоиз аксияи онро харидорӣ кард.

Дар айни замон бо ин Корпоратсияи байналмилалӣ қарордоде дар бораи ба Корхонаи муштарак додани инвеститсия дар ҳаҷми 70 миллион доллари амрикоӣ имзо шудааст.

Ин маблағ дар сохтмони фабрикаи коркарди маъданҳои дорои нисбатан ками тилло истифода хоҳад шуд. Дар айни замон Бонки инкишофи таҷдиди Европа ба ин лоиҳа майли ҳамкорӣ ва ҷудо намудани маблағ намудааст.

Сохтмони ин корхона ва умуман инкишофи соҳаи коркарди металлҳои қиматбаҳо, ки яке аз риштаҳои муҳими пешбурди иқтисодиёти ҷумҳурист, ҳамеша дар мадди назари роҳбарият қарор дорад.

Ин, бешубҳа, боз як мисоли равшани дурустии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ барои гузаштан ба иқтисодиёти бозаргонӣ ва мувофиқ гардондани сифати маҳсулот ба талаботи стандартҳои байналмилалист.

Зимни ба кор андохтани хати дуюми корхона тавлиди маҳсулоти он ду маротиба зиёд хоҳад шуд.

Хурсандибахш аст, ки Корхонаи муштарак қариб ду ҳазор шаҳрвандонамонро соҳиби ҷойи кор карда, шаҳраки аҳолнишини Суғдиёнро, ки 5 ҳазор аҳолӣ дорад, бо нерӯи барқ, гармӣ, оби гарму хунук таъмин менамояд. Ҳар моҳ ба 270 нафар муаллимони мактабҳои ҳудуди ҷамоатҳои Чорбоғ, Косатарош, Шинг ва шаҳраки Суғдиён аз 3 то 7,5 ҳазор рублӣ кӯмаки молиявӣ расонида, шифохонаи маҳаллию пунктҳои фелдшериро бо доруворӣ, воситаҳои нақлиёт, сӯзишворӣ ва навъҳои дигари хизматрасонӣ ба қадри ҳол таъмин менамояд.

Дар сурати бо иқтидори пурра ба кор андохтани комбинат имкони истеҳсоли тиллои холис то ба 10 тонна хоҳад расид.

Аз ин ба буҷети давлат ҳар сол то 25-30 млн. доллари амрикоӣ даромад ворид мегардад.

Мо боварии комил дорем, ки то ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён истеҳсоли тилло дар ин Корхонаи муштарак мувофиқи нақшаҳои пешбинигашта боло рафта, обрўю эътибори сарзамини офтобии тоҷикон ва мардуми шеърдўсту шоирпарвари Панҷакенти бостонӣ дар арсаи ҷаҳонӣ меафзояд.

# ҶУМҲУРИРО АЗ БӮҲРОНИ ИҚТИСОДӢ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ЭНЕРГЕТИКӢ РАҲО ДОДА МЕТАВОНАД

## МУРОҶИАТНОМА БА МАРДУМИ ТОҶИКИСТОН

Феврали соли 1996

**Ҳамватанони азиз!**

Тоҷикистони маҳбуби мо дар арафаи таҷлили панҷумин солгарди истиқлолияти худ қарор дорад. Панҷ сол аст, ки тақдири кишварамон дар дасти худи мост. Вале вобастагии сахти энергетикӣ ва хӯроквории мо аз комплекси ягонаи иқтисодии Иттиҳоди Шӯравии собиқ мушкилоти моро рӯз ба рӯз гаронтар мегардонад.

Ба сабаби нарасидани қувваи барқ ва гази табиӣ даҳҳо корхонаҳои саноатӣ аз кор монда, ҳазорҳо ҳамватанон ноилоҷ касбу кори дӯстдоштаашонро тарк намуда, ба корҳои дигар гузаштанд, ё умуман ҷойи кор надоранд. Чунин вазъият дар кишваре рӯй додааст, ки дорои захираи барқи обӣ ва гази табиист. Имрӯз ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва илму фарҳанг мӯҳтоҷи ёрӣ мебошанд. Мо инро хуб мефаҳмем, Вале, мутаассифона, имконияти якбора ба ҳама ёрӣ расондан вуҷуд надорад.

Ягона роҳи наҷот аз бӯҳрони азими иқтисодӣ раҳо ёфтан аз камбуди энергетикӣ ва таъмини хӯрокворӣ мебошад.

Ба мо зарур аст, ки солҳои наздик худамонро аз нарасидани нон ва вобастагии энергетикӣ раҳо намоем.

Барномаи мукаммали ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, таъмини мардум бо хӯрокворӣ ва Фармони Президент барои ба аҳолӣ тақсим кардани 50 ҳазор гектар замин фақат дар

сурате самараи дилхоҳ дода метавонад, ки ба ин кор тамоми аҳли ҷамъият аз ибтидои сол машғул шаванд.

Ҳозир мо дорои ду нерӯгоҳи нотамоми баркӣ — нерӯгоҳи баркии Сангтӯда ва нерӯгоҳи азими баркии Роғун мебошем. Дар сурати ба истифода додани онҳо иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз бӯҳрон раҳо хоҳад ёфт.

Дар нерӯгоҳи баркии Роғун аз сабаби бесарусомониҳои солҳои охир бисёр иншооти муҳим хароб шудаанд ва онҳоро дубора барқарор кардан лозим меояд. Дар нерӯгоҳи баркии Сангтӯда бошад, бештар аз 60 фоизи корҳои сохтмонӣ ба анҷом расида, лоиҳаи ҳамаи корҳои минбаъда тайёр аст.

Сохтмони нерӯгоҳи баркии Сангтӯда ҳашт сол пеш аз ин шурӯъ шуда буд ва иҷрои ин корро онҳое ба ӯҳда доштанд, ки дар сохтмони нерӯгоҳи баркии дар ҷаҳон машҳури Норак ва нерӯгоҳи баркии Бойғозӣ таҷриба андӯхта буданд. Вале баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва канда шудани робитаҳои истеҳсолии корхонаҳои муҷовир, кӯч бастани бисёр мутахассисони ботаҷриба суръати сохтмони ин нерӯгоҳи баркӣ торафт суст шуда, дар баъзе аз иншоот кор амалан қатъ гардид.

Вазъияти имрӯзаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ талаб мекунад, ки баробари идома додани кор дар нерӯгоҳи баркии Роғун ва пайдо кардани сармоягузорон барои вусъати сохтмони он, корро дар нерӯгоҳи баркии Сангтӯда бо қувваи худамон вусъат дода, ин сохтмонро **сохтмони умумихалқӣ эълон намоем.**

Баъди пурра ба истифода додани он ин нерӯгоҳ соле то 2 миллиарду 700 миллион киловатт-соат қувваи барқ истеҳсол мекунад. Ин миқдор барқ на танҳо барои эҳтиёҷоти ҳозираи энергетикии ҳамаи вилояту ноҳияҳо басанда аст, балки имкон медиҳад, ки хеле бештар аз эҳтиёҷоти ҳозира қувваи барқ истеҳсол намоем.

Ҳукумат ҳамаи чораҳоро меандешад, ки агрегатҳои нахустини нерӯгоҳ тақрибан соли 2000-ум ба хоҷагии халқ қувваи барқ диҳад.

Вале бо сабабҳои нарасидани масолеҳи бинокорӣ ва маблағ сохтмон кашол ёфтааст, ки ин ба пешрафти иқтисоди кишвар мусоидат нахоҳад кард. Ба ин роҳ додан мумкин нест.

Бо дарназардошти хеле муҳим будани саҳми силсилаи нерӯгоҳи баркии Сангтӯда дар иқтисоди кишвар, дар роҳой

аз вобастагии энергетикӣ ва ниҳоят дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии ҳар кадом сокини ҷумҳурӣ қарзи хеш медонам, ки **ба шумо, мардуми ҷумҳурӣ, муроҷиат намоям**:

— Биёед дар ин давраи масъулиятнок, дар даврае, ки мо сулҳу осоиши мардумро таъмин карда, ба оштии пурра ва бебозгашти миллӣ наздик шуда истодаем, ҳар кадомамон ҳамчун ватандӯсти ҳақиқӣ, барои бақои Ватан ва раҳо ёфтан аз вобастагӣ ба дигарон фидокорона заҳмат кашида, **суръати инкишофи иқтисодиёти ҷумҳуриро тезонем**.

— Ҳамаи онҳоеро, ки ояндаи Тоҷикистон ва сарбаландии халқамон бароящон азиз аст, даъват мекунам, ки дар ин сохтмони барои ҷумҳурӣ зарур фидокорона иштирок намоянд.

— **Ҷавонони бонангу номӯси Ватан**, шумо ворисони он фарҳодҳое мебошед, ки бо қувваи бозуи худ бе ягон техникаи ёрирасон кӯҳҳои касногузарро шикофта, дар муддати се-чор моҳ аз Душанбе то Хоруғ роҳ баровcovered ворданд, дар кӯтоҳтарин муддат каналҳои калони Ҳисору Фарғонаро ба истифода доданд, водии Вахшро обод намуданд.

Фаромӯш накунед, Ватан имрӯз ҳам ба дасту бозуи созандаи шумо эҳтиёҷ дорад.

— Бигузор дар сохтмони нерӯгоҳи барқии Сангтӯда чароғаки "Эстафетаи коргарӣ" бори дигар равшан шуда, тамоми корхонаҳои саноатии Тоҷикистон ва кишоварзони заҳматкаши мо ба кӯмаки бинокорони ин нерӯгоҳи барқӣ баромада, истиқлолияти энергетикии Ватанро таъмин намоянд!

— Ман **соҳибкорон ва сармоядорони баору номӯси** Ватанро даъват мекунам, ки ба корҳои хайр даст зада, барои сохтмони ин иншооти бениҳоят зарур ба қадри имкон сармоя гузоранд.

— **Мо аз ҳамватанону ҳаммиллатони бурунмарзии худ** низ, ки Тоҷикистонро Ватани аҷдодии хеш меҳисобанд, дар ин маврид умедҳои зиёд дорем. Вақташ аст, ки онҳо тоҷик ва тоҷикистонӣ будани худро амалан нишон диҳанд ва мувофиқи имкону ҳимматашон дар ободонии Тоҷикистон, аз ҷумла дар бунёди нерӯгоҳи барқии Сангтӯда саҳм гиранд.

Ҳамаи корхонаҳои пуриқтидори саноатӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ширкатҳо, консернҳо, хоҷагиҳои бақувват ва дигар созмону сохторҳои ҷамъиятию давлатӣ дар ин кори барои мамлакат басо зарурӣ бояд иштирок намоянд.

Ба мақсади ҷамъоварии маблағ барои сохтмони неругоҳи барқии Сангтӯда дар бонк суратҳисоби махсуси арзӣ ва пули миллӣ кушода шудааст. Ба ин суратҳисоб мабалаг гузаронидан маънои онро дорад, ки одамони хайрхоҳ ва некандеш номи худро дар таърихи истиқлолияти энергетикии мамлакат абадӣ мегардонанд.

**Ман ба ходимони адабиёту санъат, матбуот, радио ва телевизион, ба тамоми аҳли қаламу сухани мамлакат** мурочиат менамоям, ки бо ҳунар ва сухани илҳомбахши худ ба бинокорони ин иншооти сарнавиштсоз ёрӣ расонанд. Бигузор фидокории устодон Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Акашариф Ҷӯраев, Муҳаммадҷон Қосимов, Тӯҳфа Фозилова, Зиёдулло Шаҳидӣ ва даҳҳо дигарон, ки ҳамеша бо халқи худ буданд ва дар муҳимтарин сохтмонҳои мамлакат бевосита иштирок менамуданд, ба шумо рӯҳу илҳом бахшад.

— Бигузор неруи аввалин агрегати неругоҳи барқии Сангтӯда нишонаи сулҳу осоиш ва муждаи оштии абадии миллӣ дар Ватани мо гардад!

**Неругоҳи барқии Сангтӯда то солҳои 2000-ум ба истифода дода, барои истиқлолияти энергетикии мамлакат заминаи устувор мегузорад.**

## СУХАНРОНӢ
## ДАР ВОХУРӢ БО ОЛИМОНИ
## АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Феврали соли 1996

**Устодони азиз, ҳозирини мӯҳтарам!**

Насиҳати бузургони гузаштаамон ҳаст, ки сӯҳбату гуфтугӯ бо аҳли илму дониш ва маърифат барои ҳама гуна роҳбар, дар кадом зинае, ки набошад, бағоят пураҳамият ва омӯзанда аст.

Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлро мар ақлҳо ёрӣ диҳад.

Аз ин ҷиҳат сӯҳбати имрӯзаро бо шумо, олимону донишмандони мӯҳтарам, ман хеле пурарзиш ва пурмаъно меҳисобам.

Умедворам, ки ин гуфтугӯ барои дарку фаҳмиши масъалаҳои соҳаи илму фарҳанги ҷумҳурӣ ва дарёфти роҳҳои раҳоӣ аз мушкилоти мавҷуда мусоидат хоҳад кард.

Бӯҳрони иқтисодӣ, маънавӣ ва фарҳангие, ки ҷомеаамонро фаро гирифт, ба Академияи улум ва умуман ба тамоми соҳаҳои илм таъсири манфӣ расонд. Бинобар бесарусомониҳо, танқисии рӯзгор ва сатҳи пасти зиндагии моддӣ дар тӯли чор сол 50 нафар докторони илм ва беш аз 300 нафар номзадҳои илм муассисаҳои илмӣ–тадқиқотии Академияро тарк карда, ба сохторҳои дигар гузаштанд ва ё умуман аз ҷумҳурии мо кӯчида рафтанд.

Бар замми ин заминаи техникию илмӣ, лабораторияҳо ва таҷҳизоти Академия хароб гардид. Ба иллати пароканда шудани Иттиҳоди Шӯравӣ робитаҳои Академия бо

марказҳои илмии дигар ҷумҳурию давлатҳо суст гардид ё умуман канда шуд. Ба муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ворид гардидани адабиётҳои илмӣ: маҷаллаҳо, маҷмӯаҳо, ахборот ва ғайра қатъ ёфтанд.

Ҳарчанд ки дар се-чор соли охир маоши кормандони соҳаи илм якчанд бор зиёд карда шуд, лекин мунтазам беқурб гардидани пул, болоравии нарху наво ва, ниҳоят, тангдастии иқтисодӣ ба мо имконият надоданд, ки рӯзгору зиндагии мӯътадили шуморо муҳайё созем. Ин ҳама дар маҷмӯъ ба иқтидори илмии ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба Академияи улум зарбаи сахт зад.

**Устодони мӯҳтарам!**

Ҳукумати ҷумҳурӣ Академияро ба маънои пурраю ҳарҷонибаи ин сухан маркази беҳамтои илм, фишанги асосии инкишофи илмию техникӣ, маркази таъминоти илмии хоҷагии халқ ва пешрафти маорифу маданияти ҷумҳурӣ медонад.

Ба назди шумо омадани мо ҳам имрӯз бе мақсад нест. Омадем, ки бо шумо доир ба баъзе масъалаҳои фаъолияти Академия гуфтугӯй кунем, аз шумо намояндагони барҷастаи илми ҷумҳуриямон маслиҳат бипурсем. Онро муайян созем, ки Академияи улум ҳамчун маркази таҳқиқоти илмӣ-техникӣ ва технологӣ, маркази муайянкунандаи инкишофи самтҳои муҳими илм барои аз бӯҳрони иқтисодӣ ва фарҳангӣ раҳо додани ҷумҳурӣ чӣ саҳм гузошта метавонад.

Агар ба воқеият аз ҳамин мавқеъ назар кунем, фаҳмост, ки Академияи улум барои ҳал намудани бисёр масъалаҳои илмӣ ва вазифаҳои ба ӯҳда доштааш қудрату имконияти калон дорад. Ҳоло дар сохтори Академия 17 институти илмӣ тадқиқотӣ, Шӯрои мустақил оид ба омӯхтани қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷумҳурӣ, Раёсати Академия, Маркази илмии Хуҷанд ва филиали Помир арзи вуҷуд доранд. Дар онҳо 932 нафар кормандон, аз ҷумла 105 доктор ва 418 номзадҳои илм машғули таҳқиқоти илмианд. 20 нафар кормандони Академия бо унвони фахрии соҳавӣ — Ходими шоистаи илми Тоҷикистон мушарраф гардонда шудаанд. Ин нишондиҳандаҳо аз иқтидори илмии бузург доштани Академия шаҳодат медиҳанд.

Дар алоқамандӣ бо фикри боло гуфтан равост, ки на фақат Ҳукумати Ҷумҳурӣ аз Академия қарздор аст, балки

Академия низ аз ҷомеа ва давлат қарздор мебошад. Барои адои ин қарз лозим меояд, ки дар фаъолияти Академия як ислоҳоти ҷиддӣ ба роҳ монда шавад. Мо медонем, ки дар сохтори Академия каме дигаргунӣ ба амал омадааст, баъзе шуъбаҳо ва масъалаҳои таҳкиқотӣ якҷоя ва муттаҳид кунонда шудаанд. Вале ин тағйироти ночиз аст.

Тавре ки ба шумо маълум аст, дар академияҳои улуми ҷумҳуриҳои Озарбойҷон, Белоруссия, Гурҷистон, Қазоқистон, Россия, Ӯзбекистон, Украина ислоҳоти ҳарҷониба гузаронида, қолабҳои пештараи идораи онҳо нав шудаанд. Мақоми он академияҳо муайян, консепсияи инкишоф ва заминаи ҳуқуқиашон таҳия гардидааст. Бисёрашон Оинномаи худро нав карда, сохторашонро ба куллӣ тағйир додаанд.

Хуллас, соҳаи ислоҳоти илм чун ислоҳоти дигар соҳаҳо талаботу тақозои замон аст. Ба андешаи мо, Академияи улум дар ин хусус то дараҷае ба кашолкорӣ роҳ медиҳанд. Вале, вақте ки машғули гузаронидани ислоҳот мешавем, набояд муносибати рӯякӣ зоҳир намоем.

Ин масъала таҳлили ҳамаҷонибаро талаб мекунад. Тағйироту дигаргуниҳое, ки ба сохтор ва мазмуну мундариҷаи фаъолияти Академия даровардa мешаванд, бояд ба воқеияти ҳаёти ҷумҳуриамон пурра мувофиқат кунанд, манфиатҳои ҳозираю ояндаи ҷомеа ва аз ҷумла худи Академияро инъикос намоянд, ба мақсадҳои пешбурди илму фарҳанг ва тараққиёти иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ганӣ гардондани маънавиёти аъзоёни ҷомеа ва дар онҳо парваридани арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ хизмат кунанд.

Умуман имрӯз зарур аст, ки сохтор, маблаггузорӣ ва тақсими маблағ, шаклҳои пардохти музди меҳнат, масъалаи аз рӯйи аҳднома пардохтани музди меҳнат, ба нақша гирифтани масъалаю мавзӯъҳои илмӣ-тадқиқотӣ, тарзу шаклҳои муҳокима ва қабули ҳисобот оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, муҳокима ва ба ҳимоя тавсия намудани рисолаҳои илмӣ, интихоби роҳбарони институтҳо ва боз бисёр паҳлуҳои дигари фаъолияти Академияро аз нав дида бароем. Вобаста ба ин лозим меояд, ки Лоиҳаи нави Оинномаи Академияро гаштаю барғашта таҳлил намоем, то ки дар он кулли масъалаҳо инъикоси пурраи худро ёбанд.

Масъалаи боз ҳам муҳимтар — инислоҳоти фаъолияти илмии Академия мебошад. Ҷараёни ташаккули муносибатҳои нави иқтисодӣ, гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ, барномаи мукаммали Ҳукумат оиди ислоҳоти иқтисодӣ ва махсусан ислоҳоти кишоварзӣ, ҳалли мақсаду вазифаҳои аз бӯҳрони иқтисодӣ баровардани ҷумҳурӣ моро водор месозад, ки муносибати худро ба интихобу таҳқиқи масъалаю мавзӯъҳои илмӣ дигар кунем.

Табиист, ки дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ қисме аз масъалаҳою мавзӯъҳои таҳқиқоти институтҳо ва дигар сохторҳои илмии Академия характеру мақсади умумииттифоқӣ доштанд, бо таклифу дархости Вазорату кумитаҳои Иттифоқӣ иҷро ва аз тарафи онҳо бо маблағ таъмин карда мешуданд. Акнун Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол аст ва соли равон мо панҷумин солгарди ин истиқлолиятро ид мекунем. Ба мо зарур аст, ки тамоми захираҳою имкониятҳои табиӣ, қувваҳои истеҳсолӣ, ақлу хирад, тафаккури илмӣ, техникӣ ва технологиамонро баҳри пурқувввату мустаҳкам гардонидани истиқлолияти чӣ иқтисодӣ ва чӣ сиёсиамон истифода барем. Оддӣ карда гӯем, ба умеди дигарон нашуда, ғамамонро бояд худамон хӯрем. Дар ин ҷода Академияи улум метавонад ҳиссаи калон ва назаррас гузорад.

Хурсандиовар аст, ки Академия ҳатто дар рӯзҳои барои ҷумҳурӣ ниҳоят вазнин фаъолияти илмии худро бомуваффақият давом дод. Дар тӯли солҳои 1990-1995 кормандони илмии Академия ба таҳқиқи 420 мавзӯъ машғул буданд, ки 337-тои онро ба итмом расонданд. Соли 1995 бошад, дар ин ҷо аз рӯйи 176 мавзӯъ таҳқиқот бурда шуд. Ҳеҷ яке аз ин мавзӯъҳо аз аҳамияти ба худ хосе холӣ нест ва ҳар кадом ё дар соҳаҳои маорифу фарҳангу маънавиёт, ё соҳаи тиб, ё соҳаҳои кишоварзӣ, саноат, ҳифзи муҳит татбиқи худро ёфта истодаанд.

Махсусан пешниҳоду тавсияҳои олимони Академия, ки дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва санҷиши амалӣ баҳри татбиқу истифода ба комбинати қӯрғошими Адрасмон, заводи гидрометаллургии Исфара, комбинати маъдантозакунии Анзоб, заводи алюминийи Тоҷикистон, заводи чинии шаҳри Турсунзода, комбинати муассисаҳои истеҳсолии Қайроққум ва ғайра дода шудаанд, ҷолиби диққатанд.

Муайян кардани технологияи аз ашёи хоми маҳаллӣ тайёр намудани воситаҳои доруӣ, кашф кардани тарзу усулҳои нави табобати касалиҳои ҷигар, талха, захми рӯдаи дувоздаҳангушта, дар ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ татбиқ намудани тарзи муҳофизати якҷояи ниҳолҳои пахта, буттаҳои мевадор ва зироати кишоварзӣ аз ҳашароти зараровар, ихтирои навъи нави пахтаи миёнанахи "Гулистон", зоти нави гӯсфанд, навъи нави картошка, тухми яккачини нахӯди Сафедак, ба муассисаю вазоратҳои марбут додани тавсияҳо оиди нигоҳдории маҳсулоти аз моҳӣ тайёршуда ва боз даҳҳо таҳқиқотҳои дигар аз қабили ҳамин гуна корҳои илмианд.

Дар баробари ин дар фаъолияти илмии Академия камбудию норасоиҳо мушоҳида мешаванд. Ин камбудиҳо дар навбати аввал ба масъалаи ташкили илм тааллуқ доранд. Самти пешрафти илмро низ чун соҳаҳои дигари ҳаёт ба талаботи давру замон мувофиқ ва ҷавобгӯй кардан лозим аст. Вале ин маънои онро надорад, ки мо фазои озоду васеъ ва ягонаи илмро маҳдуд кардани бошем. Бори дигар таъкид намудан бамавқеъ аст, ки мо ба бунёди давлати соҳибистиқлол оғоз кардем. Ин ганҷи аз ҳама қимматтарини ба даст даровардаи тоҷикон ҳисоб меёбад.

Пояҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии ин истиқлолиятро мустаҳкаму устувор кардан зарур аст. Масъала ва мавзӯъҳои илмӣ-тадқиқотиро маҳз бахри иҷрои ҳамин мақсад интихоб ва тадқиқ кардан лозим меояд.

Таърих ҳамаи мо, аз ҷумла аҳли илми ҷумҳуриро ба муҳит ва заруриятҳои нав рӯ ба рӯ кард. Ана ҳамин муҳит, эҳтиёҷ ва заруриятҳои нав бояд фаъолияти ташкилотчигии илмии Академия, хусусан раёсати онро муайян намояд.

Дур рафтан ва ҷустуҷӯйи зиёд кардан шарт нест. Худи ҳамин эҳтиёҷу зарурат бароямон масъалаю мавзӯъҳои илмӣ-таҳқиқотӣ пешкаш менамояд. Барои аз бӯҳрони исқтисодӣ баровардани ҷумҳурӣ мо бояд бо чунин масъалаҳои фундаменталӣ, аз қабили таъмини саноати истифодаи маъданҳои кӯҳӣ бо ашёи хом, дарёфт ва коркарди нафт, гази табиӣ, конҳои ангишт, захираҳои энергетикӣ, афзун гардондани маҳсулоти кишоварзӣ ва истифодаи технологияи нави нигоҳдорӣ ва коркарди ин маҳсулот, ба даст даровардани маводи тухмии серҳосили картошка, сабзавот ва зироатҳои хӯшадор, махсусан гандум, баланд

бардоштани ҳосили пахта, инкишоф додани саноати дорутайёркунӣ, бунёди захираҳои об ва ғайра машғул шавем.

Бо ҷидду ҷаҳди зиёде ба мо муяссар шуд, ки роҳи паҳн гардидани алангаи ҷанги бародаркушро пешгирӣ кунем ва онро хомӯш намоем. Зиёда аз се сол боз мунтазам тамоми чораҳоро дида истодаем, ки ваҳдати миллӣ, ягонагӣ ва ҳамдигарфаҳмии тамоми сокинони ҷумҳуриро ба даст орем. Дар амали гаштани ин мақсади наҷибона Академия ва махсусан институтҳои тамоюли гуманитаридоштаи он метавонанд иштироки хешро фаъолтар гардонанд.

Дар шароити ҳозираи таърихӣ масъалаи солимии маънавӣ ва рӯҳии шахсу ҷомеа яке аз масъалаҳои муҳими инкишофи ҷамъиятӣ ҳисоб меёбад. Ба ҳама равшан аст, ки барои ҳар кадом сохти нави ҷамъиятӣ қисме аз арзишҳо ва меъёрҳои зиндагии сохти пешина нодаркору нолозим шуда мемонанд.

Ин қонуният ба ҷомеаи ҳозираи мо ҳам тааллуқ дорад. Мо бояд ба анъанаҳои миллӣ, мероси бойи фалсафӣ ва педагогии халқамон такя карда, бо дарназардошти арзишҳои маънавӣ ва рӯҳии умумибашарӣ консепсияи солимгардонии маънавиёти ҷомеаро таҳия созем. Сохторҳои гуманитарии Академия барои иҷрои ин мақсад имконияти пурра доранд.

Бо ҳамин ният дар оянда ҳамчунин ба инкишоф додани илмҳои гуманитарии аҳамияти назариявӣ ва амалидошта —ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, мантиқ, миллатшиносӣ, одамшиносӣ, равоншиносии ҷомеа бояд диққати бештар дода шавад.

Умуман таваҷҷӯҳи кормандони Академияро, пеш аз ҳама, ба таҳқиқи масъалаҳое ҷалб кардан лозим меояд, ки онҳо барои ҳалли мақсаду вазифаҳои аввалиндараҷаи мо роҳ мекушоянд.

Имрӯз бояд иқрор шавем, ки агар дар баъзе соҳаҳои илм аз дараҷаи инкишофи илми ҷаҳонӣ на он қадар қафо монда бошем, дар соҳаи технология, технологияи зироаткорӣ, технологияи нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайра солҳо қафо мондаем.

Дар шароити имрӯза қонунҳои иқтисоди бозорӣ ба илм, ба фаъолияти илмии Академия ҳам тааллуқ доранд. Аз тарафи дигар, дар солҳои наздик давлат имконият ҳам надорад, ки тамоми эҳтиёҷоти Академияро аз ҳисоби буҷет қонеъ гардонад.

Бинобар ин Академия ва сохторҳои он бояд ба ҷуз маблағи аз буҷети давлат пешбинишуда дигар сарчашмаҳои даромад ва дарёфти маблағро пайдо кунанд.

Вақти он расидааст, ки мо маҳсули тафаккури илмию техникӣ ва технологиамонро на танҳо ба бозори дохилӣ, балки ба бозори ҷаҳонӣ барорем. Дар асоси аҳдномаҳои пулакӣ бо корхонаю ширкатҳо ва вазоратҳо тадқиқ кардани мавзӯъҳои характери илмию техникӣ ва технологидошта низ яке аз манбаъҳои даромад мебошад. Аз тарафи дигар, ин боз як имконияти ҳавасмандгардонии кормандони соҳаи илм хоҳад шуд.

Кори ба бозор баромадани натиҷаҳои таҳқиқот дар баъзе институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ шурӯъ шудааст. Чунончи, соли 1995 Институти биологии Помир аз ҳисоби фурӯши гандум, асал, мева ва ниҳол 700 ҳазор, аз ҷумла дар асоси аҳднома бо фонди Оғохон 370 ҳазор рубли тоҷикӣ, дар асоси аҳдномаи пулакӣ бо Вазорати тандурустӣ дар бобати кор карда баромадани технологияи рӯёнидани ангат ва хуч дар ноҳияҳои кӯҳӣ 250 ҳазор рубл ба даст даровардааст. Ғайр аз ин фонди илмии байналхалқии Сорос барои ҳамин институт 14 ҳазор доллари амрикоӣ ҷудо кардааст. Дар ин бобат фаъолияти институти кимиё низ қобили қайд аст.

Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ бошад, бо марказҳои илмӣ-тадқиқотии Фаронса, Олмон, Ҳолландия, Италия ва Федератсияи Россия аҳднома бастааст, ки мувофиқи он олимони ин давлатҳо дар экспедитсияҳои якҷояи археологӣ дар Панҷакент, Саразм, Ховалинг ва Данғара ширкат варзида, маблағи зарурӣ аз ҳисоби марказҳои илмии он давлатҳо сарф карда мешавад.

Афсӯс, ки ин таҷрибаро на ҳамаи сохторҳои илмии Академия, ки чунин имконият доранд, истифода мебаранд. Яке аз сабабҳои сол аз сол кам шудани ҳаҷми умумии маблағи корҳои илмӣ-тадқиқотии шартномавӣ дар ҳамин аст.

Роҳбарони институтҳо, шӯъбаҳо ва раёсати Академия барои ба низоми муайян даровардани ин соҳа, фаъолияти сохторҳои илмӣ бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд. Харидору эҳтиёҷманди маҳсули илмию техникӣ ва технологии Академияро имрӯз бояд худамон ҷустуҷӯй кунем, натиҷаҳои амалии таҳқиқоти илмӣ ва пешниҳодҳоро бештар тарғиб намоем.

Барои ояндаи илм имконияти бо ёрии маблағгузорони хориҷӣ ташкил кардани шаҳракҳои илмию техникӣ ва таҷрибавиро дида баромадан зарур аст. Дар ҷумҳурӣ чунин қувваҳо ва шахсоне, ки ин ғояро тарафдорӣ ва дар амал татбиқ карда метавонанд, ёфт мешаванд.

Ба Раёсати Академия инчунин лозим аст, ки назоратро барои сари вақт иҷро намудани мавзӯъҳои ба нақша гирифташуда пурзӯртар намояд, ҳисоботдиҳии давраро аз раванди иҷрои таҳқиқот ҷорӣ кунад, ба самарабахшии таҳқиқот ва натиҷаҳои амалии он ноил гардад, яъне аз анъанаи "ҳисобот ба хотири ҳисобот" озод шавад.

Вазъияти дигаре, ки имрӯз боиси таассуф ва тааҷҷуб аст, ин дар алоҳидагӣ ё ҷудо-ҷудо арзи вуҷуд доштани илми академӣ ва илми мактаби олӣ мебошад. Бешубҳа, баъзе соҳаҳои илми мактаби олӣ мақсаду вазифаҳои ба худ хос дорад. Вале, вақте ки сухан дар бораи масъалаҳои якхела ва ба ҳам наздики илмӣ-тадқиқотӣ меравад, барои чӣ онҳо бояд алоҳида-алоҳида таҳқиқ карда шаванд, чаро давлат барои ҳар кадоми онҳо маблағ ҷудо намояд.

Мегӯянд, ки то соли 1991 Академияи улум (гайр аз илмҳои педагогӣ) вазифаи ҳамоҳангсозии масъала ва мавзӯъҳои таҳқиқоти дигар соҳаҳои илмро ба дӯш дошт. Ин масъала ҳалли худро металабад ва Академия бояд онро сарварӣ кунад. Ё биёед, ҳамаамон ба як хулоса оем. Мо тайёрем, ки дар назди Ҳукумат ё Президент аз ҳисоби олимони ҷумҳурӣ Шӯрои ҳамоҳангсозии таҳқиқоти фундаменталӣ (бунёдӣ) ва технологӣ таъсис диҳем.

Пӯшида нест, ки баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ва ташкил ёфтани давлатҳои мустақилу соҳибистиқлол фазои ҳамкории илмӣ маҳдуд гардид, робита миёни марказҳои илмӣ хеле суст шуд, барқарор ва мустаҳкам кардани ин алоқаю ҳамкорӣ бо олимони ҷумҳуриҳои дигар ва мамолики хориҷӣ барои Академия фақат ва фақат фоида меоварад. Роҳҳои ҳалли ин масъаларо дарёфт кардан лозим аст.

**Устодони мӯҳтарам!**

Аз эҳтимол дур нест, ки шиори кадрҳо ҳамаро ҳал мекунад, ҳеҷ вақт моҳияти худро гум намекунад ва аз миён ҳам бардошта намешавад. Ин мазмун ба Академияи улум низ пурра мансубият дорад. Тафаккури илмию техникиро

маҳз муштоқон-ташнагони илм пеш бурда, ба қуллаҳои нав мебардоранд. Калиду тақдири имрӯзуояндаи илм дар дасти ҳамин гуна одамон аст.

Таҳлили миқдорӣ ва сифатии кормандони илмии Академия ва фаъолияти илмӣ-ташкилотчигии онҳо нишон медиҳад, ки дар сохторҳои гуногуни ин марказ шахсони ба илм содиқ меҳнат мекунанд. Беасос нест, ки қисме аз олимони Академия бо маҳсули фаъолияти илмии худ на танҳо дар ҳудуди собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, балки берун аз он маълуму машҳуранд ва мардуми мо бо онҳо фахр мекунанд.

Таърих тарзе бино ёфтааст, ки ҳар як насл таҷрибаю дониши андӯхтаашро ба насли оянда мерос мегузорад. Рушду инкишофи ҷомеаи башарӣ ҳам ба ҳамин қонуни зиндагӣ асос ёфтааст. Хизмату самараи ҳар як олим бо ду меъёри асосӣ муайян карда мешавад: Яке бо он ки ӯ барои илм ва маҳсули илмиаш чӣ қадр дорад, дигар — бо теъдоди шогирдоне, ки ба онҳо то ба зинаю дараҷаҳои муайяни илмӣ расиданашон роҳбарию сарварӣ кардааст.

Бо қаноатмандии калон изҳор менамоем, ки дар байни кормандони илмии Академия чунин олимоне, ки на фақат дар инкишофи соҳаҳои илмҳои мансуб, балки дар тарбияи кормандони илмӣ-педагогӣ саҳми босзо гузошта, ҳар кадом аз 15 то 45 нафар номзад ва докторони илм тайёр кардаанд, кам нестанд.

Бо истифода аз ин минбар мехоҳам аз номи Ҳукумати ҷумҳурӣ ва шахсан аз номи худам ба ин устодони мӯҳтарам барои хизматҳои арзандаашон бахри пешрафти илму маорифи ҷумҳурӣ миннатдорӣ баён намоям.

Вале ҳаёт дар ҷараён аст ва қонунҳои он ба хоҳишу ният ва иродаи мо тобеъ нест. Ҳоло ки дар ин толор дӯстону рафиқон ва ҳамкасбон ҷамъ омадаанд, биёед ҳақиқати ҳолро аз ҳамдигар рӯпӯш накарда гӯем ва ба вазъият аз нигоҳи манфиатҳои имрӯзуояндаи илми ҷумҳурӣ баҳо диҳем.

Рӯйрост иқрор шудан лозим аст, ки Академия бо ҳар хел сабабҳо ҷавонии пештараашро то андозае аз даст дода истодааст. Бешак, таносуби даркории олимони калонсоли таҷрибаи бойи илмию ҳаётидошта ва кормандони илмии ҷавонуояндадорро ҳатман риоя бояд кард, то ки устодон ба ҷавонон роҳнамоиву сарварӣ кунанд, онҳоро ба фаъолияти мустақилонаи илмӣ-тадқиқотӣ омода созанд.

Мутаассифона, дар чанде аз институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ чунин таносуб қариб дида намешавад. Синни миёнаи академикҳо бошад, ба 66 ва аъзоҳои вобаста ба 61 мерасад. Агар ба гузаштаи Академия назар кунем, мебинем, ки қисме аз устодони азизи дар ин ҷо нишастаи мо ҳанӯз дар синни 35,40 ва 45-солагиашон дорои унвони аъзои вобаста ва академикӣ гардида буданд ва ё дар синни 30-35-солагӣ аллакай ин ё он сохтори илмии Академияро сарварӣ мекарданд.

Аз ин, ба фикрам, Академияи улум ва умуман тафаккури илмию техникии мо ҳеҷ чизро бой надод ва баръакс бурди калон ба даст овард. Пас, барои чи мо ин таҷрибаи муфиди санҷидашударо фаромӯш созем?

Масъалаи дигар. Одатан номзадҳои илм аз ҳисоби кормандони илмие, ки ҳоло дараҷаи илмӣ надоранд, тайёр карда мешаванд. Имрӯз синни бештар аз 40 фоизи ин гуна кормандон аз 50 гузаштааст. Савол ба миён меояд, ки магар онҳо барои Академия манбаи (захираи) тайёр намудани олимони оянда шуда метавонанд.

Ниҳоят, солҳои охир Академия шаклҳои гуногуни тайёр кардани кормандони дорои дараҷаи илмиро дуруст истифода намебарад. Дар ин масъала се камбудии асосӣ ба назар мерасад: аввал ин ки нақшаи қабул ба аспирантураи чӣ рӯзона ва чӣ гоибона сол аз сол якбора кам шудааст: дуюм ин ки самараи аспирантура хеле паст аст.

Солҳои 1990-1994 теъдоди аспирантҳое, ки рисолаҳои номзадии худро баробари ба охир расидани мӯҳлати таҳсил ҳимоя кардаанд, нисбат ба теъдоди умумии аспирантҳои мӯҳлаташон тамомшуда ҳамагӣ 6,2 фоизро ташкил медиҳаду халос; сеюм ин ки аксари шахсони бо мақсади ба итмом расондани рисолаҳои докторӣ ба вазифаи ходими илмӣ тавсияшуда натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар вақташ ҳимоя карда наметавонанд.

Вобаста ба ин масъалаи дигарро таъкид кардан ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамчун қоида ҷавонони илмдӯсту лаёқатмандро аз манбаи асосӣ — донишгоҳу донишкадаҳо ҷустуҷӯй кардан лозим аст. Дар байни донишомӯзон ҷавононе ёфт мешаванд, ки аллакай аз солҳои аввали таҳсил ба фаъолияти илмӣ шавқ доштанашонро зоҳир менамоянд. Агар онҳо нисбати худ ғамхорию дастгириеро ҳис кунанд, боварии комил ҳаст, ки ҳанӯз дар солҳои донишомӯзӣ ба олами илм дода мешаванд.

Ба ҳамин маънӣ ба сохторҳои илмии Академия зарур аст, ки бо кафедраю факултаҳои донишгоҳу донишкадаҳо робитаи доимӣ ва зич барқарор карда, дар тарбияи ҷавонониояндадор ва ба фаъолияти илмӣ тайёр намудани онҳо ҳиссагузор бошанд.

Устодони гиромӣ, мо дар ин гузориш танҳо оиди баъзе ҷиҳатҳои фаъолияти Академия сухан рондем. Паҳлӯҳои кори Академия бисёр ва вазифаҳояш мураккабу ҷиддианд. Боварӣ ҳаст, ки Раёсат, роҳбарони институтҳои илмӣ-тадқиқоти ва дигар кормандони сохторҳои Академия вазифа ва масъулияти худро дар шароити ҳозираи ҷумҳуриамон хуб мефаҳманд ва воҳурии имрӯзаи мо низ бе натиҷа намемонад.

Вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавии ҷумҳурӣ ба ҳамаи шумо равшан маълум аст. Ва шумо ҳамчун шахсони донишманду бозаковат хуб мефаҳмед, ки бисёр мушкилиҳои ҳозираи рӯзгори мо хоси марҳалаи гузариш мебошанд. Мо низоми нави давлатдориро бунёд карда истодаем, муносибатҳои истеҳсолӣ тағйир меёбанд, тафаккуру ҷаҳонбинии мардум дигар мешавад. Ҳамаи ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ имруз ҳамин марҳаларо пушти сар мекунанд ва дар ҳамин вазъият қарор доранд. Вале шахсону қувваҳое ҳастанд, ки ин ҳама мушкилоти муваққатӣ ва гузарандаи марҳалаи имрӯзаро асос карда, шиор мепартоянд. ки гӯё дар ҷомеа мақоми омӯзгору устод, олиму эҷодкор, аҳли қалам, намояндагони соҳаҳои тиббу фарҳанг паст шуда бошад. Ин гуна фикру шиорҳо ба ҳақиқат наздикӣ надоранд, зеро сатҳи моддии зиндагӣ ва мақоми воқеӣ мафҳумҳои аз якдигар фарққунанда мебошанд. Дигар ин ки роҳбарияти давлату ҳукумати ҷумҳурӣ мақому мартабаи аҳли маърифатро дар ҷомеа ба хубӣ дарк мекунанд ва ба он эҳтиром мегузоранд.

Дар робита ба ин мехостам таваҷҷӯҳи шуморо мухтасар ба вазъи молиявии ҷумҳурӣ ҷалб намоям, барои эҳтиёҷоти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ дар соли равон 31 миллиарду 684 миллион рубли миллӣ харҷ намудан лозим меояд. Аммо даромади умумӣ бо дарназардошти тамоми манбаю сарчашмаҳо 18 миллиарду 477 миллион рублро ташкил медиҳад. Норасоии буҷети ҷумҳурӣ 13 миллиарду 207 миллион рублро ташкил медиҳад.

Ба замми ҳамаи ин нерӯҳое ҳастанд, ки мунтазам пешравии моро халалдор месозанд, ба раванди мӯътадил-

гардии вазъи сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа монеъ мешаванд. Воқеаҳои фоҷиавие, ки моҳҳои охир рӯй доданд — кӯшиши табаддулоти низомӣ дар мамлакат, ваҳшиёна ба қатл расондани муфтии мусулмонони ҷумҳурӣ ва аҳли хонаводаи ӯ, куштори 21 нафар сарбозони артиши миллӣ ва шаҳрвандони бесилоҳ дар Сичароғ, бедодгариҳо дар Тавилдара ва ғайра далели равшани ин аст.

Бо вуҷуди ҷой доштани ҳамаи ин мушкилӣ ва махсусан мушкилии иқтисодӣ, Ҳукумат тамоми чораҳоро дида истодааст, ки маориф ва илму фарҳангро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ дастгирӣ ва ҳимоя кунад.

Маҳз бо ҳамин мақсад 15 феврали соли равон таҳти рақами 417 дар бораи зиёд намудани музди меҳнати ҳадди ақал, маоши кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, нафақаҳо, ёрдампулию стипедияҳо ва чораҳои иловагии ҳифзи иҷтимоии табақаҳои камбизоати аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон баровардем, ки он манфиатҳои маорифу фарҳангу илмро низ инъикос менамояд.

Мувофиқи ин фармон маоши кормандони соҳаи илм, тиб, фарҳанг аз 1 марти соли равон ба 1,6 ва аз 1 июл боз ба 1,4 маротиба зиёд карда мешавад. Маоши муаллимони мактабҳои маълумоти умумӣ дар ҳамин фосилаҳо ба 2,5 ва боз ба 1:5 баробар меафзояд.

Дар тӯли 3 соли охир роҳбарият борҳо ба вазъияти кори Академия шинос гардида, натиҷаҳои санҷишро дар сатҳи баланд баррасӣ намуд. Ҳанӯз моҳи январи соли 1993 Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси худ масъаларо “Дар бораи фаъолияти муассисаҳои илмии соҳаи иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити истиқлолият ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ” муҳокима намуда, тадбирҳои мушаххас пешбинӣ карда буд. Мутаассифона, бисёре аз ин тадбирҳо аз ҷониби Академияи илмҳо ба иҷро нарасиданд.

Соли гузашта комиссияи босалоҳияти ҳукуматӣ муддати бардавом фаъолияти ташкилию илмии Академия ва сохторҳои онро ҳаматарафа омӯхт. Натиҷаҳои санҷиш дар маҷлиси васеи Раёсати Академия бо иштироки ҷонишини сарвазир баррасӣ гардиданд. Шӯъбаҳои марбути Ҳукумат, кормандони масъули ба ин соҳа мутасаддии дастгоҳи Президент бо Академия алоқаи доимӣ доранд.

Ба қарибӣ ман ба се ҳуҷҷате имзо гузоштам, ки умедворам ҳам ба муҳити эҷодӣ дар Академия ва ҳам ба ҳолати рӯҳии кормандони он таъсири мусбат хоҳад бахшид. Яке—карори Ҳукумат дар бораи зиёд кардани ҳаққи унвонпулии академикҳо ва аъзоҳои вобастаи академия мебошад. Мувофиқи ин қарор ва фармон дар бораи зиёд кардани моаши кормандони муассисаҳои буҷетӣ унвонпулии академикҳо ва аъзоҳои вобаста дар давоми сол нисбат ба ҳадди ҳозирааш 5,4 маротиба зиёд мешавад.

Дигаре — фармон дар бораи таъсис додани хазинаи президентӣ оиди ҳимоя ва дастгирӣ кардани илм. Ин хазина барои дастгирии молиявии самтҳои бартариятноки илм ва баланд бардоштани самаранокии натоиҷи тадқиқоти илмӣ мусоидат хоҳад кард.

Сеюм — фармон дар бораи таъсис додани стипендияи президентӣ барои аспирантҳои шӯъбаи рӯзонаи Академия ва мактабҳои олӣ.

Ба замми ҳамаи ин Ҳукумат тайёр аст ҳама гуна пешниҳодҳои Академияро, ки ба манфиати пешрафти илм дар ҷумҳурӣ равона гардидаанд, дар доираи имкониятҳои мавҷуда баррасӣ ва ҳал намояд.

Дар айни замон ба раёсати Академия зарур аст, ки роҳбарию талаботро нисбат ба сохторҳои худ пурқувват намояд. Ҳоло дар кумитаҳои Маҷлиси Олӣ лоиҳаи қонунҳо дар бораи илм, ҳифзи тадқиқотҳои илмӣ беш аз як сол боз хобидаанд. Таҳияи ин қонунҳоро ҳар чи зудтар ба охир расондан лозим, то ки Маҷлиси Олӣ онҳоро қабул намояд ва фаъолияти Академия ба маҷрои сифатан нав ворид гардад.

**Устодони мӯҳтарам!**

Бақову пойдории давлати Тоҷикистон ва истиқлолияти он бар пояи ваҳдати миллӣ, ягонагӣ ва ҳамдигарфаҳмии сокинони ҷумҳурӣ устувор аст. Ин ду мафҳум, яъне истиқлолият ва ваҳдат дар ягонагӣ буда, бе якдигар вуҷуд дошта наметавонанд.

Академияи улум, ки маркази нерӯҳои ақлонию ирфонии кишвар аст, метавонад дар иҷрои ин вазифаи таърихӣ ва сарнавиштсоз саҳми фаъол дошта бошад.

Таҳлили воқеъбинонаи ҳодисаҳои чанд соли охири ҳаёти ҷумҳурӣ, омӯзишу баррасии илмии омилҳо, сабабҳо

ва заминаҳои пайдоиши ин ҳаводис, таҳлилу омӯзиши афкори ҷомеа, таъмини заминаҳои илмии пешрафти минбаъдаи ҳаёти кишвар ва ғайра мавзӯъҳое мебошанд, ки бояд дар маркази таваҷҷӯҳи таърихшиносон, ҷомеашиносон, файласуфҳо, сиёсатшиносон ва умуман олимону донишмандони мо қарор гиранд.

Бе баҳои илмию таърихӣ додан ба ин ҳодисаҳо ва бардошти хулосаҳои воқеъбинона мо ба он мақсади олии худ — таъмини ваҳдати миллӣ ва камолоти миллӣ расида наметавонем.

Дар ин бобат хомӯширо пеша кардан оқибати хуб надорад. Зеро аз ин хомӯшӣ дигарон истифода мебаранд, ин холигоҳи садоро дигарон, онҳое, ки хайрхоҳи мо нестанд ё бадбахтии моро барои амалӣ сохтани ҳадафҳои сиёсии худ истифода бурданӣ мешаванд, бо садои иғвоангезонаи худ пур мекунанд.

Ҳамин тавр, дар ин чанд соли охир чи дар дохил ва чӣ дар хориҷи кишвар оид ба ҳаводиси Тоҷикистон ҷилд-ҷилд китобҳо, даҳҳо мақолаҳо ба нашр расиданд, гуфтору гузоришҳои телевизионӣ садо доданд. Ман намегӯям, ки ҳамаи онҳо ҳадафҳои мубориэона доштанд. Вале дар бисёре аз онҳо таърихи миллати мо, арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ, сабабу омилҳои ҳодисаҳои солҳои охир ба таври яктарафа, аз нигоҳи манфиатҳои шахсӣ, гурӯҳи ё маҳаллӣ, бузургманишии миллию минтақавӣ ва ғайра арзёбӣ шудаанд.

Ин раванди номатлуб ҳоло ҳам ҷараён дорад ва густариши сулҳу субот, якдигарфаҳмию ризоияти миллиро дар ҷомеаи мо халалдор месозад, ҳалли масъалаҳои марбут ба кишвари моро дар арсаи байналхалқӣ душвор мегардонад.

Олимону донишмандони мо ҳам аз рӯйи вазифа, ҳам аз нигоҳи мавқеи ҷамъиятӣ ва ҳам аз лиҳози қарзи ватандории худ вазифадоранд, ки аз қайди хомӯшию беҳавсалагӣ раҳо шуда, ба ин гуна тамоюлҳову зуҳуроти барои халқу Ватанамон зиёновар сари вақт ҷавоби қотеъ ва илман асоснок диҳанд.

Захмҳое, ки дар оғози ХХ ба ҷисми миллати мо зада шуд, оқибати ҳамин навъ бепарвоиҳо буд. Сабақи таърихро фаромӯш кардан оқибати хуб надорад.

Дирӯз ман бо намояндагони ҳизбҳо, созмонҳои ҷамъиятӣ, миллӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мулоқоту сӯҳбат доштам. Мо ба хулосае расидем, ки барои моҳияти амалӣ бахшидан ба раванди солимгардонии авзои ҷомеа, таҳкими сулҳу субот, якдигарфаҳмӣ ва ризоияти миллӣ, таъмини иштироки васеи аҳли ҷамъият дар ҳалли масъалаҳои муҳими ҳаёти кишвар як Аҳдномаи ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмии қувваҳои гуногунақида ва гуногунмайли ҷомеаи Тоҷикистонро таҳия созем.

Аҳли илму фарҳанги ҷумҳурӣ метавонад ва бояд дар амали гардидани ин иқдоми судбахш низ саҳми фаъол дошта бошанд.

Академияи илмҳои ҷумҳурӣ ин оинаест, ки симои интеллектуалӣ, сатҳи маърифату дониш ва тамаддуни ҷомеаи моро инъикос менамояд.

Дар ҷомеаи башарӣ ҳар миллату халқеро аз рӯйи ҳамин нишондиҳандаҳо, яъне дараҷаи рушди интеллектуалӣ ва маърифату тамаддунаш мешиносанду қадр мекунанд.

Ҳар қадар ин оина покизаву беғубор бошад, ба ҳамон андоза симои маънавии миллату давлати мо рӯшантару барҷастатар ба ҷаҳониён ҷилвагар мешавад.

Ба ин маънӣ ҳар кадоми шумо масъулияти азимеро дар баробари миллату Ватани худ доред.

Умедворам сазовори ҳамин масъулияти таърихӣ кору зиндагӣ мекунед.

**Саломат бошед.**

## СУХАНРОНӢ
## ДАР ИҶЛОСИЯИ МАХСУСИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

11 марти соли 1996

**Вакилони мӯҳтарами халқ!**
**Меҳмонони азиз!**

Баргузории иҷлосияи ҳозираи Маҷлиси Олиро, ки ба кори он намояндаи махсуси Сармунишии Созмони Милали Муттаҳид, нозирон аз давлатҳои миёнарав дар музокироти миёни тоҷикон даъват шуданд, як иқдоми ҷиддӣ ва умедбахше дар роҳи дарёфти ризоияти миллӣ ва расидан ба сулҳу оштӣ дар Тоҷикистон номидан мумкин аст.

Чунин таҷриба шояд дар таърихи сиёсии дунё камназир бошад. Аммо мо ба хотири қатъи ҳама гуна муноқишот, ба хотири сарҷамъии миллати азизамон ва таъмини осудагии рӯзгори мардум ба ин кор иқдом намудем.

Ба иҷлосия даъват шудани роҳбарияти мухолифин танҳо як мақсад дорад: азбаски давраи бетанаффуси гуфтушуниди байни тоҷикон ба кӯчаи сарбаста ворид шуд, қарор додем, ки дар ин иҷлосия бо роҳбарияти мухолифин рӯ ба рӯ, ошкоро, бе пардапӯшиҳои дипломатӣ гуфтугӯ кунем.

Ман ҳамеша тарафдори он будам ва ҳастам ва инро ҳангоми мулоқотҳоям бо роҳбари мухолифини мусаллаҳи исломӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар Кобул ва Теҳрон ҳам гуфтам, ки муноқишоти миёни тоҷиконро бояд худи тоҷикон, намояндагони босалоҳияти ҳамин мардум, ки дилашон ба халқу кишварашон месӯзад, ҳал кунанд.

Умед мекунем ва боварӣ дорем, ки гуфтугӯйи имрӯза гиреҳи мушкилоти пешомадаро боз менамояд.

Халқи Тоҷикистон, ҳамватанони бурунмарзӣ, мардуми хайрхоҳи дунё аз мо ҳаминро интизоранд.

**Вакилони муҳтарами халқ!**

Зарур мешуморам, ки аввал дар бораи вазъи сиёсию иқтисодии мамлакат чанд сухан гӯям.

Ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон бар хилофи ҳама айбдоркуниҳои ҷониби мухолиф ва бо вуҷуди оқибатҳои ногуворе, ки ҷанги шаҳрвандӣ дар рӯҳия, тафаккур ва ҷаҳонбинии мардум ба ҷо гузошт, аз оғози фаъолияташ барои зина ба зина густариш ёфтани меъёрҳои давлати соҳибистиқлол, ҷомеаи демократӣ ва мутамаддин дар кишвар саъю талош варзид.

Муҳимтарин дастоварди таърихии Ҳукумати имрӯза, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид, он аст, ки вай тавонист дар кӯтоҳтарин муддат оташи ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандиро дар Тоҷикистон хомӯш созад.

Узвият ба Созмони Милали Муттаҳид, эътирофи Тоҷикистон аз ҷониби 117 кишвари дунё, барқарор шудани робитаҳои дипломатӣ бо аксари ин давлатҳо, узвият дар чандин созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ гувоҳи дурустии роҳи пешгирифтаи мо мебошанд.

Интихоботи умумихалқии Президент, Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии ҳокимият дар асоси бисёрҳизбӣ ва алтернативӣ: қабули Конститутсия аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ, гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ва пайвастан ба хоҷагидории ҷаҳонӣ қадамҳои устуворе мебошанд, ки мо дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ гузоштаем.

Мо таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро вазифаи аввалиндараҷаи давлат ва Ҳукумат қарор додаем. Дар ин замина Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳоди Шӯрои доимии Созмони амният ва ҳамкории Аврупоро (ОБСЕ) доир ба таъсиси мақоми махсуси ҳуқуқи инсон дар ҷумҳурӣ дастгирӣ намуд.

Тоҷикистон соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Дар ин муддат мо тавонистем унсурҳои ҳифзи истиқлолият ва тамомияти арзии кишвар, аз қабили Артиши миллӣ, қувваҳои сарҳадиро бунёд намуда, онҳоро устувор гардонем.

Навтарин иқдоме, ки шоҳиди амалӣ шудани ҳидояти Конститутсия дар бораи гуногунфикрии сиёсӣ, ҳамчун яке

аз омили муҳими таъминкунандаи ваҳдати халқҳои Тоҷикистон мебошад, аҳдномаест, ки дирӯз дар бораи ризоияту ҳамфикрии ҷомеаи Тоҷикистон ба имзо расид. Ин ҳуҷҷати муҳим аз ҷониби 35 ҳизби сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои миллию фарҳангӣ таҳия шудааст.

Ба аҳдномаи мазкур ҳизбҳо ва созмонҳои дигар низ метавонанд ҳамроҳ шаванд.

Муҳимтарин масъалае, ки мо машғули онем, ин ривоҷ додани иқтидори иқтисодии ҷумҳурӣ аст.

Тоҷикистон имрӯз, воқеан, дар шароити душвори иқтисодию иҷтимоӣ қарор дорад: кам будани барқ, газ, қимат будани нарху навои маҳсулоти хӯрокворӣ аз ҷумлаи мушкилоте ҳастанд, ки рӯзгори мардумро вазнин кардаанд.

Дар соҳаи иқтисодиёт муваффақиятҳои мо назаррас набошад ҳам, вале бояд гуфт, ки Тоҷикистон соли 1995 ба марҳалаи сифатан нави ислоҳоти куллии иқтисодӣ заминаи боэътимод гузошт. Барномаи дарозмуддати ислоҳоти иқтисодиро Маҷлиси Олӣ тасдиқ кард, Ҳукумат ба иҷрои он шурӯъ намуд.

Хусусигардонӣ ва ғайридавлатикунонии моликият ривоҷ ёфта, шаклҳои нави он — корхонаҳои хусусӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, корпоратсияҳои истеҳсолию молиявӣ ва биржаҳо ба вуҷуд омаданд.

Танҳо соли гузашта дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ қариб 160 корхонаи хурду калони истеҳсолӣ ба истифода дода шуд, ки қисме аз онҳо бо ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ бунёд ёфтаанд.

Ислоҳот дар соҳаи кишоварзӣ мувофиқи барномаи махсуси Ҳукумат босуръат идома дорад.

Фармон дар бораи ба аҳолӣ тақсим карда додани 50 ҳазор гектар замин, ки як қисми таркибии ҳамин ислоҳот мебошад, асосан дар амал татбиқ гардидааст ва худи ҳамин сол натиҷаҳои он дар рӯзгори мардум аён хоҳад шуд.

Имрӯз мо бо қаноатмандӣ гуфта метавонем, ки дар қисме аз соҳаҳои иқтисодиёт пастравӣ боздошта шуда, дар баъзе соҳаҳо ҳатто болоравии суръати истеҳсолот ба мушоҳида мерасад.

Зиёда аз он нахустин бор дар давоми чор соли охир ҳаҷми содирот нисбат ба воридот афзуд. Ба мо муяссар гардид, ки як қисми қарзи хориҷиро баргардонем.

Бо вуҷуди мушкилоти азими иқтисодию молиявӣ мо сохтмони объектҳои ҳаётан муҳими ҷумҳурӣ—роҳи оҳани Қӯрғонтеппа—Кӯлоб, роҳи автомобилгарди Кӯлоб—Қалъаи Хумб, нерӯгоҳи барқии Сангтӯда, туннели Анзобро аз мадди назар дур накардем.

Зеро қарзи мо, қарзи наслҳои имрӯза аст, ки ба наслҳои фардои кишвар на тиру туфанг ва Ватани валангор, балки корхонаҳо, роҳҳо, каналҳо, шаҳру деҳаҳои ободро ба мерос гузорем, ҳамчуноне ки падару бобоёнамон ба мо мерос гузоштанд.

Аз ҷумлаи ин объектҳо барои мисол аҳамияти муайянкунандаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии фақат яке аз онҳо — нерӯгоҳи барқии Сангтӯдаро барои ҷумҳурӣ хотиррасон мекунам. Он баъди ба истифода додан соле зиёда аз ду миллиарду 700 миллион киловатт-соат қувваи барқ истеҳсол хоҳад кард.

Ин чунин маъно дорад, ки истиқлолияти энергетикии ҷумҳурӣ пурра таъмин мегардад ва ҳам манбаи нави воридоти арз ба хазинаи ҷумҳурӣ пайдо мешавад.

Зиёда аз он энергетика дар маҷмӯъ мисли занҷирест, ки иқтисодиёти кишвари кӯҳсори моро муттаҳид месозад ва онро ба як организми яклухт табдил медиҳад.

Ҳукумат ба душвориҳои зиёд нигоҳ накарда, масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолиро низ аз мадди назар дур намекунад. Худи ҳамин сол маоши кормандони соҳаҳои буҷетӣ, махсусан маоши муаллимон ва нафақапулиҳоро боз зиёд кардем, имконияти моддии густариши истеҳсолоти саноатӣ ва зироатиро ҳам пайдо карда истодаем. Умед дорем, ки қувваҳои кориро бештар дар мамлакат нигоҳ дорем.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Тамоми ин иқдомот ва кӯшишҳои мо дар роҳи ободию пешрафти Ватан натиҷаҳои беҳтаре дода метвонистанд, агар дар сарҳадҳоямон оромию осудагӣ ҳукмфармо мебуд.

Ҳукумати Тоҷикистон ҳамеша ба он талош мекунад, ки роҳи оштиро бо мухолифин пайдо намояд.

Гуфтушуниди байни тоҷикон чӣ гуна оғоз шуд, заминаи таъсиси он чӣ хел буд, на ҳама медонад. Аз ин сабаб баъзеҳо онро ба таври худ маънидод кардан мехоҳанд. Ман бо чанд сухан таърих ва мавқеи моро дар ин раванд гуфтан мехоҳам.

Аввал ин ки мо ҳанӯз дар давраи идомаи иҷлосияи Хуҷанд — 25 ноябри соли 1992 "Дар бораи аз ҷавобгарии ҷиноӣ, интизомӣ ва маъмурӣ озод кардани шахсоне, ки дар давраи аз 27 март то 25 ноябри соли 1992 ҷиноят ва амалҳои ғайриқонунӣ содир кардаанд", қонун қабул кардем. Агар аз рӯйи инсоф гӯем, ин аввалин ва хеле муҳимтарин қадам ба сӯйи оштии миллӣ буд.

Баъдтар ман дар Мурочиатномаи худ аз 2 марти соли 1993 гуфта будам: "Мо омода ҳастем, бо ҳама тарафҳое, ки хоҳиши ҷумҳуриро зудтар аз бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ баровардан доранд, мусоҳиба кунем, Мусоҳиба баҳри эҷод, на баҳри харобиоварӣ".

Ин суханон бештар аз як сол пеш дар оғози гуфтушунид изҳор шуда буданд. Ва ин сухани мо аввалину охирин набуд.

Аз ҷумла, 15 ноябри соли 1993, вақте яксолагии иҷлосияи Хуҷандро қайд мекардем, таъкид карда будам, "Тамоми қувваю имкониятҳои мавҷударо баҳри бо роҳи мусолиматомез ва гуфтушунид ҳал кардани ҳамаи масъалаҳо равона хоҳем кард".

Як сол баъд 5 ноябри соли 1994 ин мавзӯъро шарҳ дода изҳор карда будам: "Акнун бояд ба худ оем ва гуноҳи ҳамдигарро бубахшем. Бояд дар сарзамини абгору дардхӯрдаи мо аз ин пас танҳо сулҳу оштии миллӣ ва ягонагию вахдат пойдор бошаду тантана кунад".

Бале, ҳамаи мақсаду мароми ман ҳамин оштии миллӣ ва ба василаи он баргардонидани гурезаҳо, ободу ором сохтани Тоҷикистон аст. Ин омил ба мо имкон медиҳад, ки истиқлолияти давлатии худро мустаҳкам созем ва ба ин восита инкишофи минбаъдаи ҷамъиятро таъмин намоем.

Маҳз бо ҳамин мақсад давлат чор бор авф эълон намуд, ки дар натиҷаи он бештар аз 10 ҳазор нафар аз ҳабс озод шуданд. Моҳи ноябри соли 1994 мувофиқи рӯйхати пешниҳодкардаи мухолифин ҳам одамонро аз ҳабс ҷавоб додем.

Бо супориши ман ҳанӯз охирҳои соли 1993 муовини Раиси Шӯрои Олӣ Қозидавлат Қоимдодов, вазири меҳнат Шукурҷон Зуҳуров, муовини вазири амният Баҳодур Абдуллоев бо намояндагони алоҳидаи мухолифин гуфтугузор оғоз намуданд. Баъди сар шудани гуфтушунидҳо мо мувофиқи хоҳиши мухолифин сатҳи ҳайатро баланд бардоштем.

Бо мақсади такон бахшидан ба ҷараёни гуфтушунид худам ба Кобул ва Теҳрон сафар карда, бо роҳбари мухолифини мусаллаҳи исломӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ гуфтугӯ кардам. Ҳамчунон роҷеъ ба ҳамин масъала борҳо бо роҳбарияти Афғонистон, Эрон, Покистон, Россия, Ӯзбекистон ва дигар давлатҳо мулоқот доштам.

Ҳамаи ин як мақсад дошт — мо бояд роҳеро ёбем, ки бо ҳам муттаҳид шуда, бо меҳнати якҷоя хонаамонро аз несту нобудшавӣ нигоҳ дорем. Даъвои "ман зӯр", ғурур ва худхоҳӣ мамлакатро ба нобудӣ мерасонад.

Ман гуфтанӣ нестам, ки воқеаҳои соли 1992 фаромӯш шудаанд, барои чунин гуфтан касе ба ман ҳуқуқ намедиҳад.

Мо роҳбарон, пешвоён, сарварони гурӯҳу табақаҳои иҷтимоию сиёсӣ, сарфи назар аз ақидаамон, дар кадом зинае, ки набошем, имрӯз дар назди таърих, дар назди тақдири халқу кишварамон масъулияти азимеро ба дӯш дорем.

Мо вазифадорем, ки хатоҳои гузаштаро ба ислоҳ оварем, захмҳои дили мардумро шифо бахшем, кинаҳоро аз дили мардум берун намоем, миллатамонро сарҷамъ ва саришта кунем. Ватанамонро аз таъну маломат раҳо сохта, онро ободу шукуфон гардонем, зиндагии шоистаро барои мардумамон муҳайё созем.

Ору номӯси ватандориро ман дар ҳамин мебинам. Дигар ҳама гуна даъвои ватанхоҳию ватанпарастӣ, миллатдӯстӣ, ҳақҷӯйӣ, агар ҳамин ҳадафҳоро пайгир набошанд, ба ҷуз суханпардозии пуч чизи дигаре нестанд.

Бо пайравӣ аз ҳамин ҳадафи олӣ мо аз рӯзи аввали барқарор сохтани Ҳукумати конститутсионӣ тасмим гирифтем, ки гуфтушунидро бо мухолифин оғоз кунем.

Аз фурсат истифода бурда ба Созмони Милали Муттаҳид, Муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид ҷаноби Бутрос Ғолӣ ва намояндаи хоси ӯ ҷаноби Пирис Баллон, ки миёнаравии гуфтушунидҳоро ба ӯҳда гирифта, барои ба вуҷуд овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳусни ният миёни мо корҳои бисёре карданд, арзи сипос менамоям.

Ҳамчунон ба роҳбарияти Федератсияи Россия, Эрон, Туркманистон, Покистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Афғонистон, Қирғизистон, ки дар гуфтушуниди байни тоҷикон намояндаҳояшон чун нозир иштирок менамоянд ва иддае аз ин давлатҳо барои музокироти мо дар сарзамини худ шароит ба вуҷуд оварданд, изҳори миннатдорӣ мекунам.

Мардуми қадрдони тоҷик ин некӣ ва хайрхоҳиеро, ки дар рӯзҳои сахташ зоҳир шудааст, ҳеҷ гоҳ фаромӯш нахоҳад кард.

Хуб, гуфтушунид ба мо чӣ дод? Албатта, аз маърӯзаи раиси ҳайати ҳукуматӣ тафсилоти чораёни онро фаҳмидем, аммо чанд чизи асосии онро таъкид кардан мехоҳам.

Мо ба имзои шартномаи оташбаси муваққатӣ, табодули онҳое, ки дар чараёни бархӯрдҳои низомӣ боздошта шудаанд ва маҳбусон, ташкили комиссияҳои гуногуни муштарак муваффақ шудем, аз мақсадҳо ва мавқеъҳои ҳамдигар огоҳ гардидем.

Ҳукумат тавонист аксари кулли гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонад, барои эҳёи зиндагии онҳо бо ёрии ташкилотҳои байналхалқӣ аз рӯйи имконияту қудраташ шароит ба вуҷуд оварад.

Мо роҳи иштироки мухолифинро дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ пешниҳод намудем. Ин ҳам бошад Форуми машваратии халқҳои Тоҷикистон ва мақомоти машваратие, ки он таъсис дода метавонад.

Ба фикрам, мулоҳизаҳои худро дар бораи ислоҳи моддаҳои Сарқонун ва дигар асноди қонунгузорӣ тавассути он гуфтан ва ба муҳокимаи мақомоти дахлдор пешниҳод намудан мумкин аст.

Ман гумон мекунам, ки ин яке аз роҳҳои хеле муҳими ҳамкорӣ ва расидан ба оштии миллӣ аст. Мо ҳамроҳи сарвари мухолифини мусаллаҳ Саид Абдуллоҳи Нурӣ ин маънoро ҳам дар Изҳороти 19 июли соли 1995 ва ҳам дар Протоколи 17 августи соли 1995 ифода карда будем ва шахсан ман дар ҳамон мавқеам устувор ҳастам.

Мехостам боз ба як масъала таваҷҷӯҳи шуморо ҷалб намоям. Аксарияти кулли гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои муқимии зисташон бозгаштанд. Ҳукумат бо мададу дастгирии ташкилотҳои байналхалқӣ қариб 20 ҳазор хонаю ҷойи зисти харобшударо барқарор кард.

Бо сабабҳои гуногуни маълум то имрӯз як миқдори ҳамватанони мо дар хориҷи кишвар умр ба сар мебаранд. Вале, чӣ тавр ки борҳо таъкид карда будам, то бозгашти охирин гурезаи тоҷик,ҳамчун сарвари давлат худро ором ҳис карда наметавонам.

Биёед ба ҳамаи онҳое, ки дар кишварҳои дигар кору зиндагӣ мекунанд, муроҷиат кунем, то ба Ватан бозгарданд, мухолифин ҳам агар тавонанд ба ин кор ёрӣ расонанд.

Ҳукумат барои таъмини зиндагии ороми бозгаштаҳо мувофиқи имконияти мавҷудаи худ кафолатҳо додааст.

Марҳамат ба ноҳияҳои водии Вахш метавонанд вакилону меҳмонони сессия рафта, шароити зиндагии бозгаштагонро бинанд.

Дуввум, мехостам барои он ки худамон ва аҳли башар аз фоҷиаи миллати тоҷик дар соли 1992, аз сарнавишти гурезаҳои тоҷик беҳтар огоҳ гардем, бо иштироки Созмони Милали Муттаҳид ба рӯйхатгирии аҳолиро гузаронем. Дар замина муайян кунем, ки чӣ қадар аҳолиамон аз байн рафтааст, чӣ миқдор ҳамдиёронамон тарки Ватан кардаанд. Он гоҳ шояд илоҷи ҳалли масъалаҳо боз ҳам осонтар шавад.

Сеюм, бо мақсади риояи воқеии шартномаи оташбас Қарори Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид “Оид ба ҷойгир кардани нозирони ҳарбии Созмони Милали Муттаҳид дар минтақаҳои сарҳадии Давлати Исломии Афғонистон” бояд ҳар чӣ зудтар амалӣ гардад.

**Бародарон!**

Биёед бори дигар андеша кунем. Оё тамоми ин бозиҳои сиёсӣ, манфиатҷӯиҳои гурӯҳию қавмию маҳаллӣ, ҳокимияттталабӣ, лофи миллатдӯстию ватанпарастии мо ба як қатра хуни ҷавонмарди ҷавонмарге меарзад?!

Мову шумо медонем, ки баъзе доираҳои сиёсии моҷарохоҳи дунё барои амалӣ сохтани ғаразҳои худ тайёранд на даҳҳою садҳо нафар, балки миллатҳою халқҳои тамомеро ба коми нобудӣ тела диҳанд.

Мо садҳо далел дорем, ки дар задухӯрдҳои ноҳияҳои назди сарҳадии Тоҷикистон миқдори зиёди зархаридони хориҷӣ, шаҳрвандони давлатҳои дигар иштирок доранд. Кӣ онҳоро харида, мусаллаҳ намуда, барои қатлу ғорати мардуми мо мефиристад ва бо кадом мақсад?!

Агар мақсад таъмини сулҳу салоҳ ва ободии Тоҷикистон бошад, чаро пешниҳоди Ҳукумати Тоҷикистон дар мавриди оташбаси доимӣ бидуни шартҳои пешакӣ ва варианти пешниҳодкардаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳалли мушкилоти сиёсии Тоҷикистон аз ҷониби мухолифин рад карда шуд.

Дар хусуси боздошти фаъолияти Маҷлиси Олӣ, ки аз тарафи тамоми халқ интихоб шудааст, дар хусуси ба ивази

вай таъсис додани кадом як сохтори ғайриконститутсионӣ набояд сухан равад.

Конститутсияи мо аз ҷониби зиёда аз 87 фоизи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудааст. Тартиби таъсиси мақомоти давлатиро ҳамин Конститутсия муайян мекунад ва дар асоси он мо имрӯз соҳиби рукнҳои қонунгузорӣ, иҷроия ва судии ҳокимияти давлатӣ ҳастем.

Тағйир додани онҳо аз иродаю хоҳиши шахсони алоҳида, гурӯҳ ва ё ҳизбе вобастагӣ надорад. Ҳатто ман ба сифати нигаҳбони ҳамин Конститутсия ҳаққи тағйир додани онро надорам.

Дар ҷараёни музокирот ва дар тамоми санадҳои ба имзо расидаи миёни мо ва мухолифин ҳамин мазмуну ақида инъикос ёфтааст. Илова бар ин мо бо дарназардошти пешниҳоди мухолифин интихоботи Президентро 40 рӯз ба таъхир гузоштем, то онҳо ҳам имкон дошта бошанд номзад пешниҳод намоянд ва дар интихобот иштирок кунанд.

Мо розӣ будем интихоботи Маҷлиси Олиро 2-3 моҳ ба таъхир андозем, агар мухолифин кафолат диҳанд, ки дар он иштирок ва натиҷаҳои онро эътироф менамоянд.

Аммо чунин кафолат аз ҷониби онҳо дода нашуд. Акнун баъди гузаштани ин маъракаҳои сиёсӣ даъвои пароканда кардани идораҳои қонуниро ба миён гузоштан маънои ногузир ба кашокашиҳои нав гирифтор кардани ҷомеаро дорад.

Ҳар амале, ки дар давлатдории мо ба вуқӯъ мепайвандад, танҳо ва танҳо дар чаҳорчӯбаи Конститутсия сурат мегирад. Дигар хел буда ҳам наметавонад.

Бадбахтиҳои соли 1992 ва оқибатҳои онро ба ёд оред. Конститутсия ва қонунҳои амалкунанда ба бозичаи дасти ҳизбҳо ва гурӯҳҳои сиёсӣ, ҳатто шахсони алоҳида табдил ёфтанд. Натиҷаи ҳамин буд, ки сохторҳои давлатӣ фалаҷ гардиданд, беҳокимиятӣ авҷ гирифт.

Ҳамаи ин омилҳо дар маҷмӯъ ҷомеаро ба гирдоби ҷанги гражданӣ тела доданд.

Натиҷааш: зиёда аз 7 миллиард доллари амрикоӣ зиёни моддӣ, 150 ҳазор хонаи сӯхтаю валангор, даҳҳо ҳазор гурезаю бехонумон, садҳо корхонаю объектҳои хароб-гардида.

Аммо талафоти ҷоние, ки ин ҷанг ба сари мардуми Тоҷикистон овард, бо ягон чиз ҷуброн карда намешавад.

Ақли солим талқин мекунад, ки мо бояд аз ин гузаштаи талхамон сабақ бардорем ва ҷомеаро минбаъд аз чунин фалокатҳо эмин нигоҳ дорем.

Мо мефаҳмем, ки дар Конститутсияи Тоҷикистон баъзе меъёрҳо ва нуктаҳо хилофи барномаву ниятҳои як қисми мухолифин аст. Аз ҷумла он нукта, ки Тоҷикистон бо раъйи аксари кулли мардум роҳи бунёди ҷомеаи дунявиро пеш гирифтааст.

Биёед интихоби мардумро эҳтиром кунем, ниятҳои сиёсии худро бо зӯри силоҳу фишор ба гардани халқ бор накунем.

Муҳимтарин меъёри ҷомеаи демократӣ ин эҳтирому эътирофи раъйи аксарият аз ҷониби ақаллият ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ақаллият аз ҷониби давлат мебошад, ки онро давлати Тоҷикистон бо тамоми ҳастии худ анҷом медиҳад.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Имрӯз агар тамоми раванди гуфтугӯҳоро чун навор аз назар гузаронем, мебинем, ки бо чӣ қадар душвориҳо, гӯё бо нӯги сӯзан мо ин пешравиҳоро аз давре ба давре ҷамъ овардем.

Акнун боз дар баробари суоли ниҳоят муҳиме қарор гирифтаем: ба муваффақиятҳоямон шукр гуфта онро минбаъд инкишоф диҳем, ё боз аз ҳамдигар рӯ гардонда даст ба силоҳ занем?!

**Роҳи якум** — роҳи наҷот, роҳи ваҳдату сарҷамъии миллат, роҳи ободию осудагии халқу кишвар аст.

**Роҳи дуюм** — Ватану миллати моро ногузир ба вартаи нобудӣ, харобӣ, қашшоқӣ ва бадбахтӣ мебарад.

Ман аз номи роҳбарияти Тоҷикистон, аз номи халқи тоҷик дар шоҳидии вакилони мардумӣ, дар гувоҳии меҳмонони хориҷиамон мегӯям: мо тайёр ҳастем тамоми чораҳоро бинем, ки мушкилоти дар раванди музокирот ба вуҷудомада хушӣ ба хушӣ аз миён бардошта шавад. Барои ба мақсад расидан мо аз ду роҳ истифода мекунем:

**Якум**, ба комиссияи ҳукуматӣ супориш дода мешавад, ки гуфтушунидро давом дода, роҳи ҳалли масъалаҳоро пайдо кунад. Барои ҳалли онҳо танҳо як чорчӯб муайян мекунем, эҳтиром ва риояи Конститутсияи ҷумҳурӣ, ки он бо раъйдиҳии умумихалқӣ қабул шудааст.

Мавзӯъ барои идомаи гуфтушунид ҳаст, аз ҷумла онҳо мавзӯъ ва вазифаҳое мебошанд, ки дар Протоколи аз таърихи 17 августи соли 1995 имзокардаи мо зикр шудаанд.

Ҳамчунон мо бар ин ақидаем, ки пешниҳоди намояндаи махсуси муншии умумии Созмони Милали Муттаҳид Пирис Баллон дар гуфтушуниди Ашқобод низ метавонад мавзӯи баҳс бошад. Ман гумон мекунам, ки ҳамаи мавзӯъҳои дар ин пешниҳод ба миён гузошташуда қобили мулоҳиза мебошанд. Онҳоро амиқ омӯхтан, роҳи ҳалли онҳоро ёфтан аз вазифаҳои навбатии ҳайати ҳукуматӣ аст.

**Дуюм**, мо омода ҳастем барои изҳори ҳусни ниятамон худи ҳозир бо мухолифин дар бораи сулҳи доимӣ бе ҳеҷ гуна шарти пешакӣ Созишнома имзо кунем.

Мо ба чунин сулҳ омода будем, ҳастем ва чунин сулҳро пешниҳод мекунем.

**Ташаккур!**

# МАТНИ СУХАНРОНИИ ТАБРИКӢ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ҒАЛАБА БАР ФАШИЗМ

9 майи соли 1996

**Ветеранҳои азиз!**
**Дӯстони мӯҳтарам!**

Пеш аз ҳама мехоҳам аз номи худам ва аз номи Ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамаи шуморо ба муносибати 51-солагии Ғалабаи Бузург самимона муборакбод намоям. Ба ветеранҳои шарафмандамон саломатӣ, бардамӣ, сарбаландӣ ва ободию осудагии рӯзгорро таманно мекунам.

Санаи 9 май барои мо ва умуман барои тамоми мардумони сулҳхоҳи дунё, аз як тараф, ҷашни муқаддас, рӯзи шодию хурсандӣ бошад, аз ҷониби дигар санаи ёдбуд аст. Ёдбуди онҳое, ки дар роҳи пирӯзии некию адолат ҷони азизи худро қурбон кардаанд. Аз ин рӯ, мо имрӯз дар назди хотираи тамоми қурбониёни Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва онҳое, ки дар роҳи ҳимояи сохти конститутсионӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии кишварамон ҷонбозиҳо кардаанд, сари таъзим фуруд меорем. Ёдашон ба хайр ва рӯҳашон шод бод!

Ҳоло ман ба чеҳраҳои нуронии шумо, ветеранҳои азиз, ба нишону медалҳои дар пеши бар дурахшонатон нигариста фикр мекунам, ки мо наслҳои баъдиҷангӣ, наслҳои имрӯза хушбахт ҳастем, ки дар паҳлӯямон мисли шумо мардони рӯзгордида, хирадманд ва мушкилнописанд ҳастанд, бо ибрати шахсӣ, маслиҳатҳои оқилона ва панду андарзҳои ҳакимона дар бунёди ҷомеаи навин, дар тарбияи ахлоқию маънавии наслҳои ҷавони кишвар фаъолона ширкат меварзанд.

Ному кори шумо дар саҳифаҳои таърихи асри XX миллати тоҷик ва давлати тоҷикон ҷовидона нақш хоҳад баст.

Зиндагии шумо, насли иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ бори дигар ин ҳақиқати таърихиро собит кард, ки танҳо дӯстӣ, бародарӣ, ваҳдат, якдигарфаҳмӣ ва муттаҳидӣ метавонад гарави пирӯзӣ, пешрафт ва шукуфоӣ бошад. Беҳуда набуд, ки дар ҷараёни ҳодисаҳои соли 92-и кишварамон шумо дар мавқею мақоми худ устувору побарҷо истодед, мардумро бо ибрати худ, бо сухани буррои худ ба муттаҳидию якдилӣ даъвату раҳнамун сохтед.

Ин ҳам худ як сабақи бузурге буд барои наслҳои имрӯзаи кишвар.

**Ветеранҳои азизу гиромӣ!**

Дар тавсифи мубориза ву корнамоиҳои шумо дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ, меҳнати содиқонаву софдилонаи шумо дар давраи баъдиҷангӣ ва то имрӯз бисёрҳо гуфтаанду навиштаанд ва имони комил дорам, ки дар тӯли даҳсолаҳои оянда ҳам мегӯянду менависанд.

Қарзи фарзандӣ ва инсонии мо наслҳои имрӯза аст, ки зиндагии сазовору шоистаеро барои шумо муҳайё созем. Чунон ки огоҳ ҳастед, нахустин фармони ман ба сифати Президенти ҷумҳурӣ ин фармон дар бораи ғамхорӣ дар ҳаққи ветеранҳои ҷанг буд.

Баъди он ва то ин муддат низ ин масъала ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи роҳбарияти кишвар қарор дорад.

Ман ба намояндагони худ дар маҳалҳо — раисони вилоят ва шаҳру ноҳияҳо қатъиян супориш додаам, ки масъалаи ғамхорӣ дар ҳаққи ветеранҳо ченаки муайянкунандаи дараҷаи кору фаъолияти онҳо бошад. Хурсандибахш аст, ки вақтҳои охир дар ин бобат, махсусан дар пойтахти кишварамон — шаҳри Душанбе тағйиротҳои мусбӣ эҳсос карда мешавад ва он минбаъд ривоҷ хоҳад гирифт.

Ин ҳама, албатта, кам аст. Чӣ илоҷ, ки вазъи душвории имрӯзаи иқтисодии ҷумҳурӣ имкон намедиҳад, ки мо ҳама ниятҳои некамонро дар бобати муҳайё намудани шароити хуби зиндагӣ барои шумо амалӣ созем. Вале шуморо бовар мекунонам, ки роҳи пешгирифтаи Ҳукумат дар бобати ислоҳоти куллии иқтисодӣ, ислоҳот дар комплекси

агросаноатии кишвар дар вақтҳои наздиктарин самараи дилхоҳ хоҳанд дод ва мо метавонем баҳри беҳбуд бахшидани рӯзгори сокинони кишварамон, дар навбати аввал шумо, ветеранҳои азиз, тадбирҳои мушаххас андешем.

Бори дигар ҳамаи шумо, дар шахси шумо тамоми иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҳамчунин муҳофизони имрӯзаи Ватанамонро, ки давомдиҳандаи кори пуршарафи шумо мебошанд, бо ҷашни Ғалабаи Бузург аз сидқи дил муборакбод менамоям.

Ба бахти фарзандону наберагон, ба бахти ҳамаи мо ҳамеша солиму бардам ва сарбаланд бошед.

**Ташаккур!**

## МО ҶОНИБДОРИ ҲАМГИРОӢ БО ҲАМАИ МАМЛАКАТҲО ВА ПЕШ АЗ ҲАМА БО РОССИЯ МЕБОШЕМ

### ПОСУХ БА САВОЛҲОИ МУХБИРИ МАҶАЛЛАИ "РОССИЙСКАЯ ФЕДЕРАЦИЯ"

Июни соли 1996

**— Эмомалӣ Шарифович, тавре маълум аст, Ҷумҳурии Тоҷикистон имсол панҷумин солгарди истиқлолияташро таҷлил менамояд. Ҷанги дохилӣ ва оқибатҳои вазнини он имкониятҳои тараққиёти минбаъдаи мамлакатро, албатта, маҳдуд сохтанд. Бо вуҷуди ин равандҳои тараққиёт давом доранд ва дар бораи баъзе тамоюлҳо сухан рондан мумкин аст. Ба фикри Шумо, ин тамоюлҳо кадомҳоанд?**

— Солҳои гузашта давраи хеле душвор буданд. Тоҷикистон воқеаҳои фоҷианоки таърихашро аз сар гузаронд. Ба мо муяссар шуд, ки бар ивази қурбониҳои зиёд ва ҷидду ҷаҳди бузург вазъи ҷамъиятию сиёсиро ба эътидол оварда, фаъолияти мақомоти ҳокимиятро барқарор созем ва риояи қонуну тартиботро ба роҳ монем.

Ҳамзамон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни ислоҳоти конститутсионӣ давом кард. Халқ бо роҳи раъйпурсии умумӣ Конститутсияи нави мамлакатро қабул карда, Президенти ҷумҳурӣ ва мақомоти олии ҳокимият — Маҷлиси Олиро бо иродаи худ интихоб намуд. Бо ҳамин барои бунёди ҷомеаи ҳақиқатан демократӣ заминаи мустаҳкам гузошта шуд. Ин роҳи интихобнамудаи халқ аст ва мо ҳеҷ гоҳ аз он барнамегардем. Вазъиятро ба таври воқеӣ арзёбӣ карда, тамоми масъулиятро дарк намуда, изҳори боварӣ менамоям, ки мо ба мақсадҳоямон мерасем. Зеро мо

дар фаъолиятамон ба таҷрибаи мамлакатҳои мутараққии ҷаҳон ва дастовардҳои тамаддуни башарӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон такя мекунем.

Дар баробари ин бояд гуфт, ки ниҳолҳои наврустаи демократия ва иқтисоди бозаргонӣ дар Тоҷикистон ба дастгирӣ ва сарпарастии беғаразонаю хайрхоҳонаи ҷомеаи ҷаҳон ниёзманд мебошанд.

Мо дар ин бобат, пеш аз ҳама, бо кӯмаку дастгириҳои Федератсияи Россия ва мамлакатҳои дигари Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил умед мебандем. Муносибатҳои мо бо мамлакатҳои иттиҳод мувофиқи принсипҳои ҳамкориҳои муфид ва ҳусни ҳамҷаворӣ ба роҳ монда мешавад. Мо ба ҳамгироии ҳамаҷониба дар доираи ИДМ ва густариши равобити хоҷагидорӣ бо онҳо кӯшиш хоҳем кард. Инкишофи муносибатҳои қавии дуҷониба бо Россия самти аввалдараҷа буд ва хоҳад буд. Ба ақидаи ман, маҳз Россия ва танҳо Россия кафили сулҳу субот дар минтақаҳои мо буда метавонад.

**— Дар расонаҳои гурӯҳӣ ва доираҳои сиёсии Россия вобаста ба низои кашолёфтаи сиёсии дохилии Тоҷикистон роҷеъ баояндаи мамлакат пешгӯиҳои мухталиф карда мешаванд. Назари Шумо дар ин масъала чӣ гуна аст?**

— Бале, дар мамлакати мо масъалаҳои марбут бо инкишофи давлатдорӣ ҳастанд. Вале инҳо масъалҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Мутаассифона, роҳи қатъии интихобкардаи мо дар бобати бунёди ҷомеаи демократӣ ва пеш аз ҳама дунявӣ, ҷомеае, ки анъанаҳои мавҷудаи равобити бисёрсоҳаи бародаронаро бо мамлакатҳои ИДМ ва хусусан Федератсияи Россия — иттифоқчии асосии стратегии моро на танҳо ҳифз мекунад, балки дар заминаи нав инкишоф хоҳад дод, на ба ҳама маъқул аст. Халқояндаи мамлакатро муайян кард ва он дар Сарқонуни (Конститутсияи) Ҷумҳурии Тоҷикистон равшану возеҳ инъикос ёфтааст. Ҳалқи мо қарор додааст давлате бунёд намояд, ки дар он ҳамаи одамон баробарҳуқуқ буда, озодӣ ва амнияти онҳоро қонун таъмин менамояд.

**— Маълум аст, ки вазъияти хоҷагии халқи Тоҷикистонро қаноатбахш шумурдан мумкин нест. Зеро истеҳсоли нахи пахта, алюминийи хом, маҳсулоти корхонаҳои дастгоҳсозӣ ва саноати сабук якбора коҳиш ёфт. Бигӯед, ки роҳбарияти ҷумҳурӣ барномаи мушаххаси бартараф намудани бӯҳронро тартиб додааст ё не?**

— Барномаи рафъи бӯҳрон, ки роҳбарияти мамлакат тартиб додааст, ба ақидаи ман, комилан мушаххас мебошад. Ҳадафи асосии он давра ба давра гузаштани ҳамаи субъектҳои хоҷагӣ ба муносибатҳои мутамаддини бозаргонӣ ва нигоҳ доштани шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ мебошад. Маҳз ҳамин принсип асоси "Барномаи ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 1996—ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми солҳои 1996 -1997 ва то давраи соли 2000" қарор гирифтааст, ки Ҳукумат тартиб дода, Парлумони мо тасдиқ кардааст.

Ҳукумат ба вазъи соҳаи кишоварзию саноатӣ аҳамияти махсус дода, барномаеро тасдиқ намуд, ки самтҳои ислоҳоти соҳаро ҳамаҷониба муайян менамояд. Дар ин ҳуҷҷатҳо давра ва мӯҳлатҳои ғайридавлатӣ ва хусусигардонидани моликият, озод кардани тиҷорати хориҷӣ, ислоҳоти фаъолияти бонкҳо ва мақомоти идораи давлатӣ пешбинӣ мешавад.

Ҳозир барои таъмини ислоҳот заминаи ҳуқуқӣ гузошта мешавад. Аллакай бисёр асноди қонунӣ ва меъёрӣ қабул карда, ба баъзеи онҳо ислоҳоти ҷиддӣ ворид карда шуданд. Дар ин бобат ислоҳоти ба қонуни "Дар бораи андозбандӣ" воридгардидаро мисол овардан мумкин аст. Қонуни мазкур сармоядорони хориҷиро ба гузоштани маблағ ба иқтисодиёти Тоҷикистон ҳавасманд карда, барои онҳо силсилаи имтиёзҳоро пешбинӣ менамояд. Инчунин барои тезонидани ҷараёни ислоҳот фармонҳои Президент қабул шуданд. Чунончӣ, мувофиқи яке аз онҳо барои истифодаи шахсии аҳолии мамлакт 50 ҳазор гектар замин ҷудо карда шуд. Ин дар шароити мамлакати кӯҳистони мо то андозае аҳамияти инқилобӣ дорад. Замон зарурати гузаронидани ислоҳоти кишоварзиро талаб менамояд. Мо заминро танҳо ба ихтиёри соҳиби ҳақиқии он — деҳқонон дода, бо ҳамин роҳ худро бо бисёр навъҳои озуқа таъмин карда, дар давоми сол аз 700 то 800 ҳазор тонна ғалла ба даст оварда метавонем. Ин имкон медиҳад, ки солҳои наздик хариди ғалларо аз мамлакатҳои хориҷӣ қариб ду баробар кам кунем. Инҳисороти давлатӣ ба содир намудани қариб ҳамаи навъҳои маҳсулот, аз ҷумла, нахи пахта, алюминийи хом ва маснуоти он бекор карда шуд. Боҷҳои содиротӣ бекор гардида, тартиби нави ҳавасманд намудани истеҳсоли

фулузоти нодир ва коркарди сангҳои қиматбаҳо муқаррар карда шуд. Ин номгӯйро давом додан мумкин аст.

Ба ақидаи ман, моҳи майи соли 1995 дар мамлакат ҷорӣ кардани пули миллӣ дар роҳи истиқрори муносибатҳои ҳақиқии бозаргонӣ қадами нави ҷиддӣ гардид. Ҳоло барои баланд бардоштани қурби он тадбирҳои самарабахш андешида мешаванд.

Самтҳои асосии афзалиятноки хоҷагии халқи мамлакат гидроэнергетика, яъне сохтмони нерӯгоҳҳои хурду калон, истихроҷи маъдан, коркарди фулузот, соҳаи кишоварзию коркарди он мебошад. Ин соҳаҳо бо дарназардошти мавҷудияти захираҳои фаровони сарватҳои табиӣ муқаррар шуданд. Дар ин бобат сафарбар намудани тамоми маблағу имкониятҳо ба сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯдаро мисол овардан мумкин аст. Сохтмони он таҳти назорати доимии Президент қарор дорад. Вале мухолифин дар бобати аз вартаи бӯҳрон наҷот додани иқтисоди мамлакат то ҳол ягон пешниҳоди мушаххас накардаанд.

**— Ҷараёни ҳамгироии иқтисодии ҷумҳуриҳои собиқи шӯравӣ торафт бештар густариш меёбад, Федератсияи Россия Белоруссия, Қазоқистон ва Қирғизистон ба созишномаи ҳамгироии минбаъда имзо карданд, Федератсияи Россия ва Белоруссия муносибатҳои ҳамкориашонро боз ҳам бештар вусъат дода, қариб буд роҳи барпо кардани Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравиро пеш гиранд. Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин масъала чӣ гуна ниятҳо ва нақшаҳо дорад?**

— Ман борҳо таъкид кардаам, ки роҳбарияти Тоҷикистон ҷараёни ҳамгироии мамлакатҳои ИДМ-ро на танҳо дастгирӣ мекунад, балки ба инкишоф ва тавсеаи он дар ҳамаи соҳаҳо, яъне соҳаҳои иқтисоду сиёсат, мудофиа, фарҳанг, дастраси ҳамдигар гардондани маълумот ва ғайра умед дорад. Мо тайёрем, ки ҳар гуна аҳду паймонро дар ин бобат муҳокима карда, дар онҳо мувофиқи шартҳои муфид иштирок намоем. Ин, пеш аз ҳама, ба ташкили фазои воҳиди иқтисодӣ марбут мебошад. Мо дар роҳи мувофиқ сохтани қонунҳо, пеш аз ҳама, бо Федератсияи Россия боғайрат кор мекунем, ки бе ин ҳамгироӣ имконнопазир аст. Имрӯз қариб ҳамаи асноди қонунӣ ва нормативии мо имкон медиҳад, ки Тоҷикистон бо узвияти иттифоқҳои гумрук ва пардохти мамлакатҳои ИДМ қабул карда шавад.

Дар бораи ҳуҷҷатҳое, ки миёни Россия ва Тоҷикистон моҳи сентябри соли гузашта дар Маскав имзо шуда буданд, махсус сухан ронданиам. “Созишномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи усулу самтҳои асосии ҳамкории иқтисодӣ то соли 2000”, “Созишномаи усулҳои асосии ташкили гурӯҳҳои молиявию саноатӣ” ва ғайра аз ҳамин ҷумлаанд.

Дар ҳамин давра дар Душанбе “Созишномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаҳои фарҳанг, илм, техника, маориф, ҳифзи саломатӣ, иттилоот, варзиш ва сафару саёҳат” ба имзо расид. Ба ақидаи мо, ҷараёни ҳамгироӣ бояд дар заминаи созишномаю қарордодҳои дуҷонибаю бисёрҷониба инкишоф дода шавад. Зеро мо онро асоси иттиҳоди ҳақиқӣ ва ихтиёрии давлатаҳои соҳибихтиёри собиқи шӯравӣ дар шароити нав мешуморем, ки воқеияти имрӯзаро инъикос менамоянд.

**— Ҳалли кадом масъалаҳои муҳимтарини муносибатҳои Россия ва Тоҷикистон ба қаробати онҳо мусоидат карда метавонад?**

— Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равнақу ривоҷи ҳамгироӣ бо мамлакатҳои иттиҳод манифатдор буда, тайёр аст бо ҳамаи онҳо ва , пеш аз ҳама, бо Россия ҳамкорӣ кунад. Мо, аз ҷумла, фаъолияти худро дар соҳаҳои молия ва фаъолияти бонкҳо (ташкили бонкҳои муштарак) бо мақсади гузаштани пул дар қаламрави ҳар ду мамлакат, фаъолияти гумрукҳо (ҳамроҳ гардидани Тоҷикистон ба иттифоқи гумрукҳо), ҳамкориҳои иқтисодӣ (ривоҷ додани ҳамгироии иқтисодӣ бо мамлакатҳои ИДМ), сохтмони объектҳои калонтарини хоҷагии халқ бо ҷалби сармоя, масъалаҳои ҳарбӣ (ҳифзи сарҳадҳои умумии ИДМ) ва ғайра ҳамоҳанг хоҳем сохт.

**— Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсояи он — мамлакатҳои ИДМ чӣ гуна ба роҳ монда мешаванд?**

— Дар бораи равобити таърихии маънавӣ ва башарии халқҳои Осиёи Марказӣ, ҳамсояҳои наздиктарини мо — мамлакатҳои ИДМ ҳоҷати сухан рондан ҳам нест. Ман боварии комил дорам, ки барқарор намудани равобити анъанавии бародарона ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои муфид дар байни мамлакатҳои мо аз бисёр ҷиҳат ба халосӣ ёфтани мамлакатҳои минтақа аз вазъияти душвори имрӯзаи сиёсию иқтисодӣ ва таъмини сулҳу субот мусоидат хоҳад кард.

**— Эмомалӣ Шарифович, ба ақидаи Шумо сохторҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҳамкории мамлакатҳои ИДМ мувофиқи талаб кор мекунанд ё не?**

— Ба ақидаи ман, сохторҳои имрӯзаи сиёсӣ ва иқтисодии ҳамкории мамлакатҳои ИДМ мувофиқи талаб кор намекунанд ё умуман фаъолият надоранд. Маълум аст, ки омилҳои дигари манфие ҳастанд, ки ба мамлакатҳои мо ҷиҳати ҳамгирой дар доираи ИДМ халал мерасонанд. Ман, пеш аз ҳама набудани иттифоқҳои гумрукӣ, молия ва бонкҳои давлатҳои узви иттиҳодро дар назар дорам. Ташкили ин иттифоқҳо ба ҳалли бисёр масъалаҳои умумии мо мусоидат карда метавонад. Барои ҳамкориҳои самарабахши мамлакатҳоямон аз воситаҳои иқтисодие истифода бурдан лозим аст, ки пеш дар байни ҷумҳуриҳои мо вуҷуд дошт. Ин воситаҳоро мувофиқи шароити имрӯза такмил додан зарур аст.

**— Таваҷҷӯҳи шахсии ходимони давлатӣ дар ҳалли бисёр масъалаҳои байнидавлатӣ аҳамияти калон дорад?**

— Бале таваҷҷӯҳи шахсӣ ва ҳамдигарфаҳмии ходимони давлатӣ дар ҳалли ин ё он масъала аҳамияти калон дорад. Ман ҳамчун Президенти Тоҷикистон бо роҳбарони бисёр мамлакатҳо ва арбобони машҳури ҷаҳон мулоқот менамоям. Муносибати кории ман бо аксарияти онҳо хуб аст. Мо дар бисёр масъалаҳо ҳамфикрем. Ман ба одамон новобаста аз кадом мансаб ё вазифаро ишғол карданашон, пеш аз ҳама аз мавқеи самимият, хайрхоҳӣ ва некбинии онҳо баҳо медиҳам.

**— Расонаҳои гурӯҳӣ баъзан дар бораи маҳдуд шудани ҳуқуқи аҳолии русзабони Тоҷикистон хабарҳо чоп мекунанд. Бисёр одамон аз ҳамин сабаб мамлакатро тарк менамоянд. Ҳамзамон саҳми онҳо дар тараққиёту пешрафти Тоҷикистон ба ҳамагон маълум аст. Ҳукумати мамлакат барои таъмини эҳтироми ҳуқуқи инсон чӣ гуна тадбирҳо меандешад?**

— Ҳоло дар миқёси мамлакат чунин масъалаҳо вуҷуд надоранд. Солҳои охир қисми зиёди намояндагони аҳолии русзабон Тоҷикистонро вобаста ба сабабҳои шахсӣ тарк мекунанд.

Роҳбарияти Тоҷикистон ба ҳар чӣ зудтар наҷот додани мамлакат аз вартаи бӯҳрон манфиатдор буда, барои нигоҳ доштани мутахассисони варзида тадбирҳои зарурӣ ва мушаххас меандешад, ки дар байни онҳо мутахассисони

# СУХАНРОНӢ ДАР МАҶЛИСИ ФАЪОЛОНИ ВИЛОЯТИ ЛЕНИНОБОД

28 июни соли 1996

**Дӯстони азиз!**

Ҳукумати имрӯзаи Тоҷикистон бар хилофи ҳама айбдоркуниҳо ва бо вуҷуди оқибатҳои вазнину ногувори ҷанги гражданӣ аз оғози фаъолияташ, ки пойдевори он дар шаҳри Хуҷанди бостонӣ дар иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ гузошта шуда буд, барои зина ба зина густариш ёфтани меъёрҳои давлати соҳибистиқлол саъю талош меварзад.

Ҳарчанд расонаҳои хабарӣ вазъияти Тоҷикистонро пайваста дар оинаи каҷнамо нишон дода, мамлакати моро диёри ҷангу бадбахтию хонахаробӣ ҷилва медиҳанд, омори расмии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил нишон медиҳад, ки мо аз ҳамсоягон чандон ақиб намондаем ва дар баъзе соҳаҳо ҳатто пешравӣ ҳам дорем.

Ба худ тасаввур кунед: дар шароити мавҷуд набудани захираи зарурии арзи хориҷӣ ва моли истеҳсолӣ пули тоҷикӣ аз муомила набаромада, қобилияти харидории худро нигоҳ дошта истодааст. Дар муддати ҳафт моҳи охир қурби он нисбат ба доллари амрикоӣ тағйир наёфт. Қурби расмии пули мо дар бонкҳо ва бозори ба истилоҳ “сиёҳ” ҳам як хел аст. Ин падидаи умедбахш мебошад.

Шумо медонед, ки устувории пули миллии моро ба назар гирифта, сиёсати ба роҳ мондани ислоҳоти куллии иқтисодиро дар мамлакати мо маъқул дониста, Фонди байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ розӣ шуданд, ки

афзуда, ба қарзҳои нав ба нав гирифтор шавем. Ягон ҷумҳурии тозаистиқлоли Иттиҳоди Шӯравии собиқ баъди баровардани пули миллӣ дар муддати кӯтоҳ ба чунин натиҷаҳо ноил нашудааст. Ҳоло мо бояд барои ривоҷ додани истеҳсолоти корхонаҳои фоидаовар тадбирҳои фаврӣ андешем.

Дар бораи корхонаҳои ақибмонда бошад гап дигар аст. Порсол ҳар як корхонаи ҳафтуми саноат, ҳар як корхонаи панҷуми сохтмон ва кишоварзӣ, ҳар як корхонаи чоруми нақлиёту алоқа ва ҳар як корхонаи сеюми хидмати маишӣ зиёновар буданд. Ғайр аз ин мо даҳҳо корхонаҳое дорем, ки қудрати пардохтани қарзро надоранд.

Корхонаҳои соҳаи хидматрасонӣ ва хоҷагии коммуналӣ порсол ба маблағи қариб 1 миллиард рубл зарар оварданд.

Худатон қазоват кунед, ин қарзҳоро кӣ ва чӣ тавр бояд баргардонад?

Дар буҷет барои баргардондани ин қарзҳо пул надорем. Давлат ин бори гаронро дигар бардошта наметавонад.

Пас чӣ бояд кард? Ба ин муносибат масъалаи хусусигардонии корхонаҳо пеш меояд. Мутаассифона, дар ин бобат пешравӣ ба назар намерасад.

Дар чор моҳи соли ҷорӣ ҳамагӣ 1 корхонаи саноатӣ ва 74 иншооти хоҷагии халқ хусусӣ гардонда шудаасту тамом. Ин дар замоне рӯй медиҳад, ки натиҷаҳои кори корхонаҳои саноатӣ рӯз аз рӯз паст фаромада истодаанд.

Ба ҳама маълум аст, ки талаботи ҷумҳуриро ба гӯшт, меваю сабзавот асосан сектори хусусӣ ба ӯҳда дорад.

Вақти он расидааст, ки шаклҳои нави хоҷагидорӣ — хоҷагиҳои фермерию иҷоравӣ ва дигар намудҳои моликиятро васеъ намуда, имкониятҳои истеҳсоли гӯшт, шир ва сабзавотро дар ин хоҷагиҳо ва сектори хусусию хоҷагиҳои ёрирасони корхонаҳои саноатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, қисмҳои ҳарбӣ, донишкадаю муассисаҳои табобатӣ ва ғайра зиёд намоем. Танҳо ба ҳамин восита мо метавонем ҳосилнокиро афзун ва пеши роҳи талаву тороҷи маҳсулотро гирем.

Порсол бори аввал содироти мол нисбат ба воридоти он зиёд шуд, ки ин ҳам фоли нек аст. Вале бо вуҷуди ин дар соҳаи додугирифти мол ҳоло ҳам камбудиҳои ҷиддӣ дорем.

сохторҳои шубҳаноки тиҷоратӣ баровардa шудаанд, ки аз он ҷумҳурӣ миллиардҳо сӯм зарар дидааст.

Роҳбарони управленияи вилоятии корҳои дохилӣ ва гумруки вилоят бошанд, худашон дар сарҳадҳои вилоят навбатдорӣ карда, барои ба хориҷи ҷумҳурӣ баровардани моли гайриқонунӣ роҳбарӣ мекарданд.

Дар фирмаи "Мавлоно", колхози ба номи Самадов, ҷамъиятҳои саҳҳомии "Темурмалик", "Абрешим", "Тамоку", "Асрор", "Зарбоф", "Хуҷанд", "Саодат" ва даҳҳо дигар хоҷагиҳову иттиҳодияҳову корхонаҳо қонунвайронкунӣ ва талаву тороҷ намудани моликияти халқ, мутаассифона, як амали муқаррарӣ шуда мондааст. Магар ҳамаи ин ба авзои ҷамъиятӣ ва асаби одамон таъсир нарасонд?

**Дӯстони мӯҳтарам!**

Қонунвайронкунии коркунони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз як тараф ва мубориаи беамони гурӯҳҳои бо якдигар зид, аз тарафи дигар, боиси он шудааст, ки мақомоти ҳукуматӣ ба ҷойи ба роҳ мондани истеҳсолот ва тараққӣ додани иқтисодиёт машғули хомӯш кардани оташи низоъҳо ва норозигии мардум шаванд.

Қувваҳои ҷудоиандози дохилӣ бо дастури хоҷагони худ муқобили ягонагӣ ва якпорчагии Тоҷикистон фаъолияти худро идома дода истодаанд. Онҳо вазъиятро дар ҷумҳурӣ пуршиддат мегардонанд ва пайваста масъалаи иваз намудани кадрҳоро талаб мекунанд. Оташи маҳалгароӣ ва якдигарбадбиниро аланга дода, тамоми нокомиҳоро ба гардани онҳое бор мекунанл, ки ба ниятҳои ғаразнокашон монеъ мешаванд.

Мо чандин кадрҳои болаёқатро аз вилояти Ленинобод ба дигар гӯшаю канори ҷумҳуриамон фиристодаем ва умедворем, ки онҳо бо хидмати содиқонаи худ барои муттаҳидии Ватан чун пештара кӯмак мерасонанд.

Ошкоро гуфтан лозим аст, ки дар масъалаи ҷобаҷокунии кадрҳо дар ҳамаи зинаҳо камбудиҳои ҷиддӣ ба чашм мерасад. Сиёсати кадринтихобкунии мо характери муваққатӣ, як навъ усули сӯхторхомӯшкуниро пайдо кардааст. Ҳол он ки ҳалли мушкилтарин масъалаҳои бунёди ҷомеаи нави демократӣ маҳз ба он вобаста аст, ки мо аз кадрҳо чӣ тавр истифода мебарем.

Ҳар як роҳбари соҳибмансаб бояд мувофиқи маълумот, қобилият, таҷрибаи кор ва сифатҳои ҳамидаи инсонии худ ба ҷамъият хидмат намояд.

Бесалоҳиятӣ, бевиҷдонӣ, ноӯҳдабарой, чапдастӣ ва дигар падидаҳои номатлуб, ки аз ҷониби як қатор кадрҳои масъул зоҳир шуд, категорияи иҷтимоию ахлоқианд. Бо ин падидаи номатлуб аз рӯйи қонун ва бо усулҳои муосири иқтисодию ҳуқуқӣ мубориза бурдан лозим аст.

Вале на дар ҳама ҷо ин талаботро иҷро мекунанд. Пурсида мешавад, ки чаро мақомоти роҳбарии ноҳияҳо, шаҳрҳо, вилоят, вазорату идораҳои ҷумҳурӣ интизому тартиботро дар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ насанҷида, гунаҳкоронро зина ба зина ҷазо надода, интизори митинг мешаванд.

Наход авбошон мардумро озор диҳанду шӯъбаҳои шаҳрию ноҳиявии амният, корҳои дохилӣ, прокуратура, судҳо ва ниҳоят ҳокимиятҳои маҳаллӣ бехабар бошанд?

Мо барои чӣ ба коркунони амнияти миллӣ ва прокуратура, ки дар ҳамаи ноҳияҳо ҳастанду ба онҳо имтиёзҳо ва моҳонаҳои нисбат ба дигарон чандин баробар бештар муқаррар шудааст, бовар кардаем? Онҳо интизори кӣ ва чӣ ҳастанд? Чаро одамони нопокро, ки ба мақомоти муҳофизати ҳуқуқ роҳ ёфтаанд, фош намекунанд?

Ман то имрӯз аз ягон намояндаи Президент дар ноҳияҳо дар баробари бетартибии кадрҳои муҳофизати ҳуқуқ эътирознома нагирифтаам. Ҳол он ки мувофиқи тартибот кадрҳои роҳбарикунандаи мақомоти маъмурии ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо танҳо бо розигии раисони ҳукуматҳо таъин мегарданд ва онҳо вазифадоранд интизоми ин кадрҳоро назорат намоянд.

Ҳамин холабеғамӣ аст, ки миқдори ҷиноятҳои вазнин дар вилоят сол ба сол зиёд ва фош кардани онҳо камтар мешавад. Худи порсол дар вилоят 92 кас кушта шудааст, ки қариб нисфи қотилон маълум нестанд.

Вақтҳои охир наркобизнес дар вилоят чунон авҷ гирифтааст, ки ин дарди бедаво омили асосии бисёр воқеаҳои нохуш ва мураккаб шудани вазъияти ҷамъиятӣ гардидааст. Вобаста ба ин ғайриқонунӣ истифода бурдани аслиҳа ва муҳимоти ҷангӣ барои қасдгирӣ, амалиёти террористӣ ва ғоратгарӣ беш аз пеш мушоҳида мешавад.

Соли гузашта дар вилояти Ленинобод 160 ҳодисаи ғайриқонунӣ нигоҳ доштани аслиҳа ва муҳимот фош шуд. Аз рӯйи маълумотҳои тахминӣ дар дасти аҳолӣ аз он чи фош

тохтутозҳои қабилаҳои кӯчманчӣ бо хорию бечорагӣ ум
ба сар бурд.

Ва ҳамин боис шуд, ки тоҷикон дар асри XX ҳам б
нокомиҳо ва гирудорҳои таърих рӯ ба рӯ гардиданд.

Оё он чӣ имрӯз дар Ватани мо гузашта истодаас
нусхаи дигаре аз манзараи таърихи гузаштагонамо
намебошад?!

Ман на як бору ду бор гуфта будам ва боз таък
мекунам, ки қувваҳои ҷудоиандоз бо дастури хоҷагон
хориҷии худ муқобили ягонагӣ ва якпорчагии Тоҷикисто
фаъолияти худро идома дода истодаанд.

Охир, халқи мо кай ба худ меояд? Кай ғурури милл
ҳисси ватандӯстӣ ва ору номуси мо бедор мешавад? Кай да
қалби халқи мо ҳисси баланди ватандӯстӣ ҷойи сазовор
худро меёбад?

Таърих он вақт омӯзанда ва сабақ шуда метавонад, к
аз гузашта ибрат гирифта тавонем, хатоҳои худро исло
намоем ва дар фикри оянда бошем.

Мо мисолҳои зиёде ҳам дорем, ки мубориза
халқамонро барои муттаҳидии мамлакат нишон медиҳад

Аз таърихи ватандӯстии мардуми мо фақат як далелр
меоварам. Ба хотир оваред талаби ғаюронаи меҳнаткашон
вилояти Хуҷандро, ки пеши роҳи сарвари давлати шӯрави
собиқ Михаил Калининро гирифта, гузарондан
раъйпурсии умумиро барои дохил шудани ин вилоят б
ҳайати Ҷумҳурии автономии Тоҷикистон талаб кард
буданд.

Маҳз дар натиҷаи ҳамин раъйпурсӣ ва ба ҳайат
Тоҷикистон дохил шудани ноҳияҳои шимолии мамлака
заминаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба вуҷуд омад, ки Тоҷикистон б
ҷумҳурии иттифоқӣ табдил дода шавад ва имрӯз давлат
соҳибистиқлол гардад.

**Дӯстони азиз!**

Ман бисёр вақтҳо бо одамони шинохтаи ҷумҳур
вохӯрда, мепурсам, ки ҳисси маҳалгароиро дар Ватанамо
бо кадом роҳҳо решакан намоем. Ҳатто ба гурӯҳи олимо
супориш додам, ки консепсияи муттаҳидшавии халқ в
решакан намудани маҳалгароиро тартиб диҳанд.

Мо мавқеи Ҳукумати Тоҷикистонро дар бобати оштии миллӣ бо мухолифини мусаллаҳи исломӣ борҳо изҳор доштаем ва имрӯз ҳам дар ҳамон мавқеи худ устуворем. Мо ба ҷуз қатъи ҳама гуна мунокишот, ба Ватан бозгардонидани тамоми ҳамватанон, сарҷамъии миллат ва бо роҳи осоишта ҳаллу фасл намудани масъалаҳои мавриди баҳс дигар мақсаду нияте надорем.

Агар гап дар бораи бо сари баланд ба Ватан баргаштан бошад, оё якҷоя ва муттаҳидона обод сохтани Ватан, иштирок намудан дар раванди демократикунонии ҳаёти кишвар ва татбиқи ислоҳоти куллии иқтисодӣ ва умуман хизмат ба халқу Ватан худ сарбаландӣ ва ифтихори бузург нест?!

Консепсияи решакан намудани маҳалгароӣ ва муттаҳидсозии халқ ин кори дарозмуддат, пурсаброна ва ҷонкоҳонаи тамоми аҳли ҷамъият аст. Дар ин кор аҳли илму фарҳанг, зиёиён, аҳзоби сиёсӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, касбӣ ва мазҳабӣ, хусусан воситаҳои ахбори омма бояд саҳми фаъол дошта бошанд, идеяи оштӣ ва ризоияти миллиро дар зеҳну ҳуши мардум ҷой кардан лозим аст.

Матбуот чашму гӯши халқ, муҳимтарин рукни ҷомеаи демократӣ мебошад ва ҷамъиятро аз бисёр нокомиҳо ва падидаҳои зараровар раҳо карда метавонад.

Ман зарур мешуморам, ки нашри мунтазами рӯзномаҳои марказӣ ва вилоятиро, гарон бошад ҳам, ба роҳ монем. Дар телевизион ва радио барномаҳои ҳаҷвию танқидиро дубора барқарор намудан зарур аст.

Аз матбуот сухан кушода, ман бори дигар ошкоро гуфтаниам: як идда идеологҳои ҷудоиандози халқи тоҷик ҳанӯз ҳам аз амали зишти бадном кардани як маҳал ва бечора нишон додани аҳолии маҳалли дигар даст накашидаанд. Ман порсол, дар рӯзи таҷлили чорсолагии истиқлолиятамон ва дар ҷамъомади Ҳукумат борҳо зикр намудам, ки одамони тасодуфӣ ва бесалоҳият бо сарфи пули бедардимиён соҳиби китоб шуда, бо гапҳои сохтаю бофта ҳақиқати таърихиро нодуруст шарҳ дода, хашму ғазаби мардумро ба вуҷуд меоваранд.

Ягон шахси солимфикр бо ақидаҳое, ки оташи маҳалгароиро меафрӯзад, розӣ шуда наметавонад.

Имрӯз чунин ташаббусҳои меҳнатии ватандӯстона, ки тавонад ба иқтисоди кишвар ва ислоҳоти куллии иқтисодӣ такон бахшад, барои ҷумҳурии мо хеле зарур аст.

Мо дар ин панҷ сол натиҷаю оқибати митингу сиёсатбозиҳоро дидем. Бовар ҳосил кардем, ки на митингу сиёсатбозӣ, балки маҳз меҳнати бунёдкорона, ҷаҳду талош баҳри ободии Ватан кишвари мо ва халқи моро аз мушкилоту вобастагиҳо раҳо карда метавонад.

Ҷашнҳои мубораки дарпешистода — 5 -солагии истиқлолият, 675-солагии Шайх Камоли Хуҷандӣ ва сеюмин форуми тоҷикони ҷаҳон ҳам метавонанд барои муттаҳидӣ ва ягонагии халқамон хизмат кунанд. Зеро инҳо ҷашнҳои муқаддаси тамоми сокинони кишвар тамоми тоҷикистониён мебошанд. Аз ин рӯ, коре бояд кард, ки дар омодагӣ ва баргузории онҳо тамоми аҳли ҷомеа фаъолона саҳм бигиранд.

Таърих имрӯз ба мо имкон додааст, ки баъд аз ҳазор сол давлати ягонаи тоҷиконро бунёд кунем. Пас, биёед ин имконияти таърихиро аз даст надиҳем ва ба асри XXI бо сари баланд, бо давлату давлатдории худ ворид шавем.

Ба фикрам, бузургтарин хизмати наслҳои имрӯзаи Ватан дар хизмати таърих ва миллат аз он иборат хоҳад буд, ки ҳисси маҳалгароиро аз беху бунёдаш решакан карда, ваҳдат, ягонагӣ, муттаҳидӣ ва якпорчагии халқу кишвари азизамонро таъмин намоем.

Дар ин роҳ ба шумо саломатӣ ва муваффақият орзу мекунам.

Ичрои Қонуни забон солҳои аввал дар шароити авчи муборизаҳои сиёсиву мафкуравӣ ба вуқӯъ мепайваст. Тарафҳои мусбат ва манфии ин талошу муборизаҳоро мову шумо бо чашми худамон дидем.

Вале гузашти айём ва он дигаргуниҳое, ки баъди соҳибистиқлол шудани ҷумҳурии мо ба вуқӯъ пайвастанд, ба бисёр масъалҳои печида ва нофаҳмиҳои тарафҳои муқобил нуқта гузошт.

Давлати мо дар раъйпурсии умумихалқӣ соҳиби Конститутсияи худ шуд, ки дар моддаи дуввуми он навишта шудааст:

**“Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.**

**Забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад.**

**Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳақ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд”.**

Акнун мо вазифадорем, ки нуктаҳои конститутсиониро дар бораи амали забони давлатӣ, забони муоширати байни миллатҳо ва забони ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, иҷро карда, барои муттаҳидии сокинони ватанамон ҷидду ҷаҳд намоем.

Роҳ надиҳем, ки дар ин масъалаи басо боназокат каҷравӣ ва нофаҳмиҳои нав зуҳур кунанд.

Ҷашни забон ҷашни умумихалқист.

Мутассифона, ҳанӯз ҳам шахсоне ҳастанд, ки номи ин ҷашнро бо мақсадҳои ғаразноки худ ба ҷойи Ҷашни забон Ҷашни забони тоҷикӣ меноманд ва моҳияти асосии қонунро яктарафа ва ба мақсади барангехтани ҳисси миллатгароӣ истифода мебаранд. Ҳатто дар тақвиме, ки чоп шудааст, ин рӯз “Рӯзи забони тоҷикӣ” номида шудааст.

**Дӯстони азиз!**

Забон рукни асосии миллат ва давлат аст.

Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд.

Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст.

Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд.

Мову шумо бошем забони Рӯдакию Фирдавсиро, ки бештар аз ҳазор сол пеш аз ин зистаанд, ба осонӣ мефаҳмем ва аз зебоии сухани онҳо ба ваҷд меоем. Забони мо имкониятҳои фаровоне дорад, ки мафҳуму маъниҳо ва истилоҳоти нави илму фанро дар ҳар асру замон ҳазм карда, бо рангу бӯйи тоҷикона таҷассум намояд. Ин худ кафолати бақои миллати мо ва гувоҳи он аст, ки забони тоҷикӣ метавонад абадӣ ба наслҳои нав ба нав хидмат намояд. Донишмандон муайян кардаанд, ки ин фазилатҳои бисёр арзандаи забони мо худ ба худ, ҳамчун як низомномаи тайёр аз осмон наафтодааст.

Вай натиҷаи бо ҳам омезиш ёфтани чандин забонҳои нажоди ориёӣ, аз ҷумла забонҳои авастоӣ, паҳлавӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва ғайра мебошад.

Дар тӯли асрҳо забонамон аз ҳисоби калимаю мафҳумҳои зубдаи бисёр халқҳои ҳамсоя, аз ҷумла юнонӣ, ҳиндӣ, хитоӣ, суриёнӣ, арабӣ, туркӣ ва дар асри бист аз ҳисоби калимаҳои русӣ ва аврупоӣ хеле ғанӣ шуд. Калимаҳои бегона мувофиқи табиати забонамон тоҷикӣ шудаанд. Имрӯз касе ҳатто пай намебарад, ки калимаҳои **пахта** ва **пиёла** юнонианд ё калимаи **обуна** фаронсавист.

Худи ҳамин далел водор месозад, ки мо набояд бо забони зебои худамон ғарра шуда, аз омӯхтани дигар забонҳо парҳез кунем.

Бубинед устод Рӯдакӣ ба мо чи васият кардааст:

Мардумони бихрад андар ҳар замон
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.

Имрӯз мо дар шароити соҳибистиқлол шудани Ватанамон бештар аз ҳар вақти дигар ба ҳамкории байналхалқӣ эҳтиёҷ дорем. Ҳамкории байналхалқӣ бошад, бе донистани забонҳои асосии ҷаҳони муосир имконнопазир аст.

Ба ин муносибат зарур медонам, ки мо бояд як барномаи давлатии мукаммал омӯхтани забони русӣ ва ба роҳ мондани таълими забони англисиро тартиб дода, ба он муваффақ шавем, ки насли ҷавон камаш ду-се забони хориҷиро ёд гирад.

ҳамеша ба сарвати маънавии халқи худ чизи нав илова карда метавонанд.

Ман хуб эҳсос мекунам, ки Мӯъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулрухсор барин шахсиятҳо берун аз муҳити забони модарӣ худро бароҳат эҳсос карда наметавонанд. Онҳо бояд дар оғуши Ватан бошанд.

**Ҳамватанони азиз!**

То фаро расидани ҷашни фархундаи 5-солагии соҳибистиқлол шудани Ватанамон, Анҷумани сеюми умумиҷаҳонии тоҷикон ва ҳамзабонони хориҷии мо, инчунин таҷлили 675-солагии рӯзи таваллуди орифи бузург ва шоири ширинкалом Хоҷа Камоли Хуҷандӣ, ки барои гановати забони зебои мо хидмати бебаҳо кардааст, ҳамагӣ 47 рӯзи дигар мондааст.

Ин ҷашнҳои муборакро мо бояд бо сари баланд, оғӯши боз ва чеҳраи кушода таҷлил намоем. Чӣ гуна гузаштани ин ҷашнҳои фархунда ба ҳиммату кӯшиши тамоми халқ вобаста аст.

Тадбирҳои муҳимтарини ин ҷашнҳо дар пойтахтамон — шаҳри Душанбе барпо мегарданд.

Фикр мекунам, ки ҳамаи мову шумо ба шарафи ин ҷашнҳо барои обод кардани шаҳрамон, покизагию назокати он саҳм гирифта метавонем.

Ман умедворам, ки таҷлили имрӯзаи Иди забон қадами ҷиддие дар роҳи якдигарфаҳмии пурраи тамоми тоҷикистониён шуда, имкон медиҳад, ки халқи мо барои ободии кишвари худ бо илҳоми ватандӯстона камар бандад.

Иди фархундаи забонро, ки дар арафаи ҷашни муборакн 5-солагии истиқлолияти давлати мо, Анҷумани сеюми тоҷикони ҷаҳон ва 675-солагии шайхи бузургвор Хоҷа Камоли Хуҷандӣ таҷлил мегардад, ба сокинони гуногунмиллат ва гуногунзабони Ватанамон самимона табрик мегӯям.

Бигузор ин ид ба як навъ оғози таҷлили ҷашни фархундаи Рӯзи истиқлолияти кишварамон мубаддал гашта, омили муҳими равнақу шукуфоии ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо гардад.

Тоҷикистон остони муҳаббату дилгармии ҳамаи онҳоест, ки моҳияти забони шоирона ва башардӯстонаи моро медонанд.

# ИСТИҚЛОЛИЯТ АЗ ХУДШИНОСӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ ИБТИДО МЕГИРАД!

## ХИТОБИЯ БА МАРДУМИ ҶУМҲУРӢ

Августи соли 1996

**Ҳамдиёрони азиз!**

Ватани мо дар арафаи ҷашни муборак — Рӯз истиқлолият қарор дорад. Баъди даҳ аср ҳамагӣ панҷ соли охир мо имкон пайдо кардем, ки Рӯзи истиқлолияти давлат ягонаи хешро ҷашн бигирем.

Истиқлолият неъмати бузургест. Он пеш аз ҳама соҳиб иззати инсонӣ ва дар қатори халқҳои ҷаҳон ҳаққи бароба доштани як миллатро нишон медиҳад.

Вай бунёд ниҳодани пояҳои устувори давлатдорӣ, то овардан ба имтиҳони душвори ҳаёти мустақилона, ба ро мондани иқтисодиёти муосир ва побарҷо, нигоҳ доштани давлати ҷавони демократиро дар назар дорад.

Моҳияти асосии истиқлолияти мо ва мақсади ниҳоин он ин аст, ки қадри шаҳрванд ва инсон ба дараҷаи меъёрҳо олии давлатдории муосири демократӣ баланд бардошта, б ӯ имкон дода шавад, ки соҳиб, нигаҳбон ва пешбаранда давлатдории хеш бошад.

Ҳар соат ва рӯзе, ки аз санаи муборaки соҳибистиқлол шудани кишварамон мегузарад, роҳи моро ба сӯйи фардо ҳамвортар ва осонтар мегардонад, зеро давлати мо дар паноҳи халқи худ ва халқ дар паноҳи давлати хеш аст.

Мо бояд дар асоси арзишҳои волои умумибашарӣ ва фарҳанги қадими худ давлатдориамонро такмил дода, қадам

Ин ҷашни то чӣ андоза омода будани халқи моро ба
нигоҳ доштани истиқлолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳан
Ватанамон нишон хоҳад дод.

Ниёгони бузурги мо беҳуда васият накардаанд: **ҳа
ватанашро дӯст надорад, номус надорад ва ҳар касе, ки но
надорад, бахт надорад!**

Омодагӣ ба Ҷашни муборакаи Истиқлолияти Ва
рӯзҳои ору номус ва мавриди ҷаҳду талош барои ба
баланд ва соҳиби иззати инсонӣ шудани ҳар яки мо мебо
Мо бояд иди Истиқлолияти давлатамонро тавре гузаро
ки фаромӯшнашаванда бошад ва мардуми моро дар
парчами парафшони Ватан абадӣ муттаҳид созад.

Бо дастовардҳои меҳнатӣ дар ҳамаи соҳаҳо исти
намудани ҷашн вазифаи пурифтихори мост.

Шумо медонед, ки дар шароити ҳозира таъм
тармими роҳҳо, кӯчаю хиёбонҳо, майдонҳо, имора
давлатию ҷамъиятӣ ва манзили мардумро бе дастги
тамоми халқ ба субут расондан имконнопазир аст.

Вақте ки ҳар сокини мамлакат бо дасту панҷаи хе
покизагию назофати диёраш машғул мешавад, вай ҳа
намегузорад, ки касе кӯча ё гузарро ифлос кунад, тоза
майдону хиёбонҳо, роҳҳову истгоҳҳо ва нақлиёти мусо
кашро халалдор созад.

Моҳи август барои тамоми соҳаҳои ҳаёти киш
махсусан соҳаи кишоварзӣ, моҳи ҳалкунанда мебошад.
як соати корамон дар моҳи август метавонад файзу бара
дастурхони мардумамонро афзунтар гардонад. Аз ин фу
пурсамар истифода бурдан лозим аст.

Ман моҳи августро марҳалаи имтиҳони ҷиддӣ ба
роҳбарони тамоми зинаҳо ва тамоми идораю ташкило
эълон менамоям.

Омодагӣ ба истиқболи санаҳои муҳими ҳа
кишварамон баёнгари ҳисси ватандӯстию масъул
шиносӣ, номуси ватандорию ҷавонмардӣ барои
шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Умедворам ҳар шахс
чунин ҳиссу чунин номусро дорад ва худро соҳиби ҳа
обу хок, фарзанди ҳамин сарзамин медонад, аз ин маъра
таърихии ҳаёти кишвар барканор нахоҳад монд.

## ПОСУХ
## БА САВОЛҲОИ МУХБИРИ РӮЗНОМАИ "НЕЗАВИСИМАЯ ГАЗЕТА" ЕКАТЕРИНА СИТАЯ

"НГ", 9 августи соли 1996

**— Зимни сафари оянда Шумо ба Маскав кадом мулоқотҳо ба нақша гирифта шудаанд?**

— Ман ният дорам бо вазири корҳои хориҷӣ Евгений Примаков, директори хадамоти федералии марзбон Андрей Николаев мулоқот кунам. Инчунин силсилаи мулоқотҳо бо роҳбарони Федератсияи Россия ба нақша гирифта шудаанд. Вале афсӯс, ки вақт хеле кам аст.

Мо зимни ин мулоқотҳо масъалаҳои марбут ба вазъи ҳарбию сиёсии сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, муносибатҳои дуҷонибаи Федератсияи Россия ва Тоҷикистон, идомаи музокироти тоҷикон, аз ҷумла имконияти мулоқоти бандаро бо лидери мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ муҳокима хоҳем кард.

**— Шумо зимни даври навбатии музокирот бо мухолифин чӣ гуна пешниҳодҳо хоҳед кард?**

— Ман борҳо изҳор кардаам, ки тайёрам бо ҷаноби Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар Маскав бе ягон шарти пешакӣ вохӯрда, дар бораи тамоман бас кардани ҷанг ва амалиёти дигари душманона дар тамоми давраи музокирот чӣ дар сарҳад ва чӣ дар дохили мамлакат созишнома имзо кунам. Вале, мутаассифона, то ҳол ба ин пешниҳод ҷавоб нагирифтаам. Ин мулоқот то маросими ба иҷрои

Ман ба ин розӣ шудам. Вале, мутаассифона, мухолифин дар танаффуси ҷараёни музокирот аз иҷрои ҳардуи ин ҳуҷҷат канораҷӯйӣ мекунад.

**— Ба амалӣ сохтани созишномаҳои мавҷуда чӣ монеъ мегардад?**

— Дар миён қуввае ҳаст, ки ба мухолифин ҳам халал мерасонад. Мувофиқи қоидаи маълум , кори касе барор мегирад, ки пул дорад. Ман вазъи душвори мухолифинро ба хубӣ мефаҳмам, зеро вай чор сол боз дар Афғонистон, Покистон, Эрон ва давлатҳои дигари исломӣ умр ба сар мебарад. Шояд ин мамлакатҳо мухолифинро аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ кунанд. Бояд гуфт, ки халқ аз ин кашмакашиҳо хаста шудааст. Бисёр намояндагони мухолифин ҳам ҷангро намехоҳанд. Ҷанг танҳо ба манфиати як қисми мухолифин мебошад, ки барои муташаннич сохтани вазъият ба қочоқӣ нашъа машғул аст. Ҳоло қариб ҳар рӯз бо роҳи мошингарди Хоруғ — Ӯш 10-20 килограмм, тавассути ҳавопаймоҳои Душанбе — Алмаато 40—50 кг ва тавассути ҳавопаймои Душанбе —Маскав 60-70 килограмм нашъа бурда мешавад. Як ҳафта пеш танҳо дар постгоҳи назорат 500 килограмм нашъаро дастгир карданд. Нашъаро тавассути қаламрави Эрону Покистон ба Қирғизистон ва тавассути қаламрави Тоҷикистон ба Ӯзбекистону Маскав ва Аврупо мекашонанд. Манбаи асосии таъминоти молиявии мухолифин маводи нашъаовар мебошад. Тамоми қочоқчиёне, ки барои қочоқи нашъа дар сарҳад дастгир шудаанд, намояндагони мухолифини мусаллаҳи исломианд.

**— Бояд гуфт, ки мудофиаи сарҳади Тоҷикистон зиёд намудани шумораи низомиёни Россияро дар ҷумҳурии соҳибихтиёр талаб менамояд.**

— Таъминоти артиши кирояи ниҳоят калони тоҷик дар айни ҳол бе кӯмаки Россия имконнопазир аст. Аз ду ҳазор километр сарҳади Тоҷикистон 1,5 ҳазор километр ба Афғонистон ва 500 километри он ба Ҷумҳурии Халқии Чин рост меояд. Барои таъмини амнияти сарҳад пул лозим аст. Вақте ки Ҳукумати мусолиҳаи миллӣ таҳти роҳбарии ҷаноби Абдуллоҷонов ба истеъфо рафт ва дар иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Ленинобод Ҳукумати нав интихоб карда шуд, мамлакати мо ҳатто пойтахт надошт, дар ин ҷо байрақи исломӣ овехта шуда буд.

Россия сохта мешаванд. Тоҷикистон аз ҷиҳати сарватҳои табиӣ мамлакати бойтарин ба шумор меравад — захираҳои тиллою нуқра ва намаки Тоҷикистон дар миқёси ҷаҳон калонтарин мебошанд. Тоҷикистон аз ҷиҳати захираи об ва гидроэнергетика баъди Россия ҷойи дуюмро ишғол менамояд. Мо аллакай барои сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Роғун 860 миллион доллар ҷудо кардем. Агар боз 500 миллион доллар пайдо кунем, ду агрегати он ба истифода дода мешаванд. Афғонистон, Покистон ва Чин нигарони ба кор даромадани нерӯгоҳи мазкур мебошанд. 65 фоизи замини обии Ӯзбекистону Туркманистон бо оби Тоҷикистон обёрӣ карда мешаванд.

**— Оё гуфтан мумкин аст, ки дар ҷумҳурӣ қувваи сеюм, яъне мухолифини дохилӣ вуҷуд дорад? Ман конфронси матбуотии Абдумалик Абдуллоҷонов, Абдуҷалил Самадов ва Ҷамшед Каримовро дар назар дорам.**

— Онҳо дар вақташ сари ҳокимият буданд, ҳамроҳ кор карда, лоиҳаи қонунҳоро тартиб медоданд, ки сипас дар Парлумон тасдиқ мешуд. Ҳоло мақомоти муҳофизи қонун ҷаноби Абдуллоҷоновро ҷустуҷӯ мекунанд, Додситони кулли ҷумҳурӣ ба ҳабси ӯ иҷозат додааст. Абдуллоҷонов ба дуздии молу пули зиёд гунаҳкор карда мешавад. Вале вай мисли пештара барои ба даст овардани ҳокимият ҷидду ҷаҳд дорад, зеро вай бояд пулеро, ки қарз гирифта дар маъракаи интихобот харҷ карда буд, баргардонад. Вақте ки ҷаноби Абдуллоҷонов Раиси Ҳукумат буд, тамоми иҷозатномаҳои пахта ва алюминий дар ихтиёри ӯ буданд.

Албатта, ислоҳот бе камбудӣ намешавад, вале на фақат дар бораи манфиатҳои худ, балки дар бораи манфиатҳои халқ ҳам фикр кардан лозим аст.

Дар хусуси мухолифини дохилӣ бошад, ҳаминро қайд кардaниам, ки ба Аҳдномаи ризоияти миллӣ 56 ҳизб ва созмони ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳизби ҷаноби Абдуллоҷонов низ имзо гузоштаанд. Ба аҳдномаи мазкур танҳо ҳизби наҳзати исломӣ имзо накардаасту халос. Мамлакате нест, ки тамоми аҳолиаш сиёсати роҳбари давлатро пурра дастгирӣ мекарда бошад. Ягон мамлакат бе мухолифини дохилӣ буда наметавонад. Кӣ намехоҳад, ки дар сари ҳокимият бошад?

Муроҷиат аз тариқи телевизион, 1 июни соли 1993 . . . . . . . . . . . 81

Мақсади ҳамаамон як аст — оромӣ ва осоиши Тоҷикистон. Суханронӣ дар маҷлиси фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 13 июни соли 1993 . . . . . . . . . . . 83

Изҳорот дар Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон. Вена, июни соли 1993 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .92

Тоҷикистон қомат рост мекунад. Суханронӣ дар сессияи XVII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 июни соли 1993 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .96

Муроҷиатнома ба ҳамаи тоҷикистониёне, ки қаламрави ҷумҳуриро ночор тарк намудаанд, июли соли 1993 . . . . . 116

Муроҷиатнома ба мардуми шарифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, июли соли 1993 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 118

Мо давлати демократию ҳуқуқбунёд месозем! Посух ба саволҳои сармуҳаррири редаксияи маркази иттилоотии “Ховар” дар арафаи ҷашни дуюмин солгарди истиқлолияти Тоҷикистон, сентябри соли 1993 . . . . . . . . . . . . . .121

Диёри бобақоюю беназирам, Тоҷикистонам! Суханронӣ дар ифтитоҳи таҷлили Истиқлоли ҷумҳурӣ ва Анҷумани дуюми умумиҷаҳонии тоҷикон, 8 сентябри соли 1993 . . . . . . . . 127

Дар таърихи Ватани мо марҳалаи нав шурӯъ шуд, ки он марҳалаи раҳой аз бӯҳрони иқтисодӣ аст. Хитобия ба мутахассисони комплекси агросаноатӣ, мақомоти роҳбарии вазоратҳо, идораҳо ва муассисаҳои ҷумҳурӣ, вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо, ходимони илму фарҳанг, иттифоқҳои касаба, созмони ҷавонони ҷумҳурӣ, донишҷӯёни донишкадаҳои олӣ ва миёнаи махсус, мактабиён, хизматчиёни фидокори вазоратҳои мудофиа, умури дохила ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, ба роҳбарони муфтиёт ва имом-хатибҳои масҷидҳои ҷомеъ, ба ҳамаи сокинони шаҳру деҳоти Тоҷикистон, сентябри соли 1993 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .135

Ҷомеаи ҷаҳонӣ иқдомҳои неки моро қадрдонӣ менамояд. Суханронӣ дар иҷлосияи 48-уми Ассамблеяи генералии Созмони Милали Муттаҳид, 29 сентябри соли 1993 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .141

Гардиши куллӣ дар ҳаёти кишвар. Суханронӣ ба муносибати яксолагии иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 ноябри соли 1993 . . . . . . . . . . . 149

пешазинтихоботӣ ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, октябри соли 1994 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 277

Барои беҳбудии ҳамагон. Суханронӣ дар иҷлосияи XXI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 16 ноябри соли 1994 . . . .292

Суханронӣ дар мулоқоти Сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои узви Созмони амнияту ҳамкории Аврупо, Будапешт, 5-6 декабри соли 1994 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .299

Барои ба эътидол овардани вазъият ва таъмини сулҳу осоиш. Суханронӣ дар мулоқоти VII Сарони кишварҳои узви Созмони конфронси исломӣ, Дорулбайзо, 13-14 декабри соли 1994 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .303

Суханронӣ дар машварати нахустин бо роҳбарони ноҳияю вилоятҳо ва вазорату кумитаҳои кишвар, 24 декабри соли 1994 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .308

Табрикоти солинавӣ, 31 декабри соли 1994 . . . . . . . . . . . . . . . . . .319

Суханронӣ дар машварати васеъ бо роҳбарони давлату ҳукумат, вазорату идораҳо, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва раисони вилояту шаҳру ноҳияҳо, 24 январи соли 1995 . . . . . . . 323

Ислоҳоти иқтисодӣ: самтҳо ва вазифаҳо. Суханронӣ дар маҷлиси васеи Ҳукумат, 14 феврали соли 1995 . . . . . . . . . . . . . . .330

Изҳороти сиёсӣ қабл аз интихоботи Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллӣ, феврали соли 1995 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 341

Тоҷикистон: самтҳои асосии пешрафт. Маърӯза дар нахустин иҷлосияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 7 апрели соли 1995 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .344

Сабақи бузург. Суханронӣ дар маҷлиси ботантана бахшида ба 50-солагии Ғалаба, 7 майи соли 1995 . . . . . . . . . . . . 364

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст... Суханронӣ ба ифтихори ташрифи пешвои исмоилиёни ҷаҳон Огохони IV ба Тоҷикистон. Хоруғ, 24 майи соли 1995 . . . . . . . . . . . . . . . . 371

Суханронӣ дар маҷлиси фаъолони маорифи ҷумҳурӣ, 28 августи соли 1995 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .378

Нақше ба ёдгор гузорем. Суханронӣ дар маҷлиси ботантана бахшида ба ҷашни 680-солагии олим ва мутафаккири бузурги Шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 4 сентябри соли 1995 . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .386

Муттаҳидӣ — гарави пешрафт ва шукуфоии Ватан. Суханронӣ дар таҷлили ҷашни чорсолагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 8 сентябри соли 1995 . . . . . . . . . . . . . . 392

*Эмомалӣ Раҳмонов*

**ТОҶИКИСТОН:**
**ДАҲ СОЛИ**
**ИСТИҚЛОЛИЯТ,**
**ВАҲДАТИ МИЛЛӢ**
**ВА БУНЁДКОРӢ**

Муҳаррирон *А. Асадов, М. Сайфиддинов, С. Қодиров, А. Умаров*
Муҳаррири ороиш *А. Исоев*
Муҳаррири техникӣ *Я Бекназарова*

БИ № 3010

Ба матбаа 04.05.2001 супурда шуд. Ба чоп 23.07.2001 имзо шуд. Андозаи 84x108 1/32. Коғази матбаавии № 1. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсети. Ҷузъи чопии шартӣ 26,88. Ҷузъи рангаи шартӣ 28,56. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 33,78. Адади нашр 2000. Супориши № 260.

Муассисаи нашриявии "Ирфон"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17.

ҶСШК "Матбуот"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 37.